Абдувалӣ Давронов

РАВОБИТИ АДАБИИ ХАЛҚҲОИ ТОҶИКУ АРМАН

Душанбе
«Адиб»
2008

https://bikhon.tj/

ББК 83,3 Тоҷик

Д–40

Таҳти назари
профессор Худоӣ Шарифов

Муҳаррир:
Абдушукури Абдусаттор

Д–40 **Абдувалӣ Давронов. Равобити адабии халқҳои тоҷику арман.** – Душанбе, «Адиб», 2008, 328 с.

Рисолаи мазкур ба тадқиқи таърих ва масъалаҳои мубрами пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман дар замони нав бахшида шудааст. Муаллиф ба мушкилоти меросбарии пайвандҳои адабӣ, назария ва мухтасоти амалии он дахл намуда, қазияҳои ҷолиберо аз боби шинохти арзишҳои судманди ибтикороти адабиву фарҳангии халқҳои ду сарзамин – Тоҷикистон ва Арманистон ироа додааст.

Рисола барои алоқамандони адабиёт ва аҳли таҳқиқ муфид хоҳад буд.

ISBN 978-99947-57-82-4

© Абдувалӣ Давронов, 2008

https://bikhon.tj/



Адабиётшинос ва мунаққиди тоҷик, номзади илмҳои филология (1992), узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (1995, 20 апрел), узви Иттифоқи нависандагони Арманистон (2003, 6 март) **Давронов Абдувалӣ Усмонович** 29 майи соли 1957 дар деҳаи Ворухи ноҳияи Исфара, дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Соли 1974 ба факултаи таъриху филологияи Институти давлатии педагогии Ленинобод ба номи С.М. Киров (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) дохил шуда, онро соли 1978 ба итмом расонидааст. Солҳои 1978-1980 дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ хизмат ва дар тӯли солҳои 1980-1981 дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон ба сифати корманди илмӣ кор кардааст. Абдувалӣ Давронов дар байни солҳои 1981-1985 курси дусолаи муҳаққиқ-коромӯз ва баъдан аспирантураи Институти адабиёти ба номи Манук Абегяни АИ Арманистонро дар шаҳри Ереван хатм намуда, солҳои 1985-1996 дар факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба сифати муаллим, муаллими калон ва дотсенти кафедраи адабиёти муосири тоҷик фаъолият карда, соли 1988 курси такмили ихтисосро дар кафедраҳои адабиёти советии рус ва адабиёти халқҳои СССР-и факултаи филологияи Донишгоҳи далватии Москва ба номи М.В. Ломоносов бо ихтисоси «Адабиёти муосири рус» гузаштааст. Аз моҳи августи соли 1996 то имрӯз раиси бахши забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон мебошад.

Риштаи тадқиқоти Абдувалӣ Давронов масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёт, равобити адабӣ, назария ва танқиди тарҷума, адабиётшиносии муқоисавӣ, мушкилоти назму насри муосири тоҷик, нақди адабӣ ва муаммоҳои ҳусни баёнро фаро мегирад.

Ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф мекунад ва асару мақолаҳояш дар саҳифаҳои нашрияҳои Тоҷикистон, Арманистон, Русия, Фаронса ва Эрон ба табъ расидаанд, ки муҳимтаринашон китобу маҷмӯа ва монографияҳои «Пайванди замонҳо ва қисмати адабиёт» (1994), «Адабиёт ва замон» (1996), «Мушкилоти пайвандҳои адабӣ» (1999), «Рубоиёти Хоқонии Шарвонӣ» (1999, бо М.Солеҳов), «Горизонты литературных связей» (2000), «Адабиёт ва воқеият» (2003), «Пайвандҳои адабии халқи тоҷик» (2003, бо Ҳ.Шодиқулов), «Адабиёт ва маърифати инсон» (2006). «Издревле сладостный союз...» (Краткие очерки истории таджикско-русских литературных связей, 2006, бо Ҳ. Шодиқулов), «Омар Хайям. 100 рубаи» (новые переводы, 2007, бо Ф Искандарова), «Дурдонаҳои адабиёти арман» (2008) мебошанд.

https://bikhon.tj/

МУҚАДДИМА

Пайвандҳои адабӣ аз нигоҳи нуфуз ба воситаи пурзӯри ҷаҳонбинӣ ва шакли мустақими он – маърифати таърихии халқҳо мубаддал гардидааст. Ҷойгоҳи пайвандҳои адабиро дар низоми маърифати таърихии халқҳо ва ҷомеа акад. В.М. Жирмунский ба ҳайси мушкилоти муҳими «таъсири байналхалқии адабӣ» (96;20) маънидод карда, вобаста ба чунин қазия ӯ санади инкишофи адабиётро дар партави таъсири мутақобили он пешниҳод мекунад. Гузашта аз ин, масъалаи таъсири мутақобилаи адабиётҳо ва пайвандҳои адабӣ чун ҷузъи муҳим ва махсусияти адабиёти миллии халқҳо омӯхта мешавад. Дар тавсиаи чунин фаҳмиши нав, ки аз усулҳои типологии ҷараёни инкишофи адабиёт сар мезанад, масъалаҳои таҳқиқи махсусияти адабиётҳои миллӣ дар мисоли адабиёти тоҷику арман ба миён омадааст. Зарурати фаро гирифтани чунин масъала ва таҳқиқи паҳлуҳои таъсири мутақобилаи адабиёт аз омилҳое ба ҳам омадаанд, ки дар маҷмӯъ ҳалли бисёр мушкилаҳоро имрӯз ҷараёни ташаккули афкори ҷомеа, муносибат сари падидаҳои адабиву таърихӣ дар замони нав бозгӯ мекунад.

Пӯшида нест, ки адабиётҳои форсии тоҷикӣ ва арман таърихи бисёр қадим доранд. Чӣ осори шифоҳӣ ва чӣ хаттии тоҷикону арманҳо дар гузаштаи дур ва масири таърих хизмати фарҳангии ҷомеа кардаанд. Худи дарёфти фарҳанги башарӣ, ки маҳсули ташаккули тафаккури ақливу рӯҳонии халқҳост, аз навъи махсусиятҳои маърифати инсонӣ ба шумор рафта, адабиёт ва фарҳанги пешравро дар байни халқҳои дорои реша ва таърихи қадим имтиёз медиҳад. Дар ин байн фарҳанги халқҳои форс ва арман рисолати худшиносиро паи нақши худ дар таърих ҳамчунон дар таъмини ташаккули афкори халқҳое чун руминву юнониву гурҷӣ ва дертар қисмати аврупоӣ, аз ҷумла фарангиён бозиданд. Фарангиёни аҳди пеш, тибқи ахбори сарчашмаҳо, роҳи маърифатро дар ҷамъияти инсонӣ на танҳо дар партави расидан ба

https://bikhon.tj/

худшиносӣ дидаанд, ҳамчунон ки аҳли таҳқиқ қоиланд (168;169) роҳи расидан ба худшиносӣ ва ҳуввият дар қаламраве ё тафаккури халқе асосан аз нигоҳи огоҳии миллӣ ва дарку фатҳи дастовардҳои фарҳангӣ даст додааст. Ба ҳамин маънӣ В.М.Жирмунский падидаҳои таъсири мутақобилаи адабиётҳо ва дарёфти маърифати фарҳангиро дар асарҳои алоҳидаи адабӣ, жанрҳо ва услуб ва роҳҳои бархӯрди тамоюлҳои адабиро дар ягонагӣ ва умумияти қавонини адабиёти ҷаҳонӣ дидааст (96, 22), ки чунин «шабоҳати ҳикматомӯз» дар адабиётҳои Шарқу Ғарб ҳодисаи муқаррарӣ буданд. Дар аҳди қадим, чун сухан аз решаҳои умумияти устуравӣ (169) ва дертар ташаккули падидаҳои фарҳангӣ меравад, адабиёти форсу тоҷик ва арман аз як шохаи пиндорҳои таърихии ибтидоӣ ба ҳам омадаанд. Роҳҳои қонунияти инкишоф ва қисмати минбаъдаи адабиёти халқҳои эронӣ ва арман, дар ҳавза ва манотиқи мухталиф, вале дар муҳити «шабоҳати таърихӣ» ташаккул ёфтаанд. Аҳли таҳқиқ бар онанд, ки инкишофи падидаҳои фарҳангӣ ва умуман адабиёт дар манотиқи мухталиф, вале муҳити ошнову рисолати иҷтимоӣ қисмати ду адабиёт – адабиёти форсии тоҷикӣ ва арман ҳамгун будааст. Дар ин маврид падидаҳои фарҳангӣ чӣ қадар рангоранг ва мухталиф бошанд, бунёди тамоюлот ё ҷараёнҳои дигар ҳамон қадар айнӣ ва гуногун мешаванд. Дар раванди инкишофи як марҳалаи адабиёти арман-манзур адабиёти агиографӣ ва инкишофи насри таърихии он дар заминаи анъана – мавқеи таъсири жанрҳои маъмули адабиёти форсии тоҷикӣ ба дараҷае буд, ки он дар адабиёти асрҳои миёнаи арман таҳаввули яклухти шаклӣ ворид сохт. Ин қазия дар марҳалаҳои гуногуни таърихи адабиёти арман аз чанд нигоҳ густариш ёфт. Масалан, акад. Манук Абегян – асосгузори илми адабиётшиносии нави арман – аз ҷумлаи нахустин муҳаққиқоне буд, ки қазияи фавқро дар бунёди таърихиаш асос дода, як умр дар мавқеи тавсиаи умумияти типологии адабиётҳои арман ва форсии тоҷикӣ қарор гирифтаанд. Моҳияти чунин тарзи таҳқиқ, ки хосияти давра ва ҷараёнҳои мухталифи адабиётҳоро фаро гирад, танҳо дар

https://bikhon.tj/

қиёси зоҳирии инкишофи падидаҳои адабӣ набуда, балки махсусияти нави муносибат ба маҷмӯи тафаккури фарҳангии халқҳо ва адабиётҳои фазо ва манотиқи гуногун будааст.

Воситаи дигари густариши адабиёт аз роҳи таҳқиқи типологӣ ва генетикии жанрҳои адабӣ сурат гирифт, ки ин ҳам аз хулосаҳои илмии акад. М. Абегян сар зада буд (6) ва дар партави ҷусторҳои илмии як идда шарқшиносони дигари ҳавзаи адабии Кафқоз, хусусан Арманистон вусъат пайдо кард. Мушаххасан нишон додани он, ки дар ҷараёни инкишофи як адабиёт хосияте муҳимтар аз вижагии таҳқиқи типологии он ҳамчунин дар як давраи муайяни адабиёте нест, дар маркази тадқиқоти адабиётшиносии охири асри XX-и арман қарор гирифта, балки ба хосияти таркибии он табдил ёфт. Аз шогирдони мактаби шарқшиносии ватанӣ Арамануш Козмоянро метавон ном бурд, ки дар масъалаи бознигарии назарии илмии қазияи фавқ фикрҳои ҷолиб пеш бурд ва роҳҳои таъсири мутақобилаи адабиётро моҳиятан аз нигоҳи типологӣ ва генетикӣ таҳқиқ кард. (148; 99)

Тарзи муносибати дигар ба таҳқиқи масъалаҳои адабиёти форсу тоҷик ин нигоҳи муқоисавӣ ва типологии падидаҳои адабиву фарҳангӣ дар замонҳои гуногун буд. Муҳтавои чунин навъи омӯзиш, ки барои бозтоби умумияти таърихии адабиётҳо мусоидат намояд, махсусияти ҷараёни адабиро дар як давраи муайян (муҳити адабӣ ва фарҳангии асрҳои X-XI, ҳаёти адабии асри XV ва ғ.) фаро гирифт.

Падидаи дигар, ки чун нигоҳи нав дар ҳоли густариши намунаҳои осори хаттии халқҳои эрониву арман ва таҳқиқу тадқиқи онҳо маҳсуб меёбад, ин роҳи умумияти тамоюл ва ҷараёнҳои адабӣ, дар муқоиса омӯхтани махсусияти мактабҳои адабӣ, осор ва нуфузи сабку услубҳои адабист. Дар ин ҷода низ як силсила тадқиқот ба ҳайси вижагии қавонини адабӣ ва ҳифзи умумияти таърихӣ ва фарҳангии халқҳои тоҷику арман анҷом ёфтаанд.

Муносибатҳои фарҳангии халқҳо ва миллатҳо дар даврони дигаргуниҳои бузурги иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва воҳиди муштараки давлатӣ дар замони нав, дар шаклҳои гуногун

https://bikhon.tj/

моҳияти нав касб карданд. Дар тақвияти чунин қазия, ки падидаҳои нав ба нави адабӣ хусусан дар солҳои 70-80 (қисман дар фавқ ишора ҳам шуд) дар соҳати мушаххасоти таърихӣ ба ҳам сахт печида, яке дигареро пурра карда, шаклу навъҳои пайвандҳои адабиву таъсири мутақобилаи адабиётҳоро омезиш дода бошад*, ташаккули адабиёти миллӣ чун як воҳиди муштараки фарҳангӣ мусоидат кардааст. Замони инқилобҳои иҷтимоӣ, ки ба вусъати кавнумакони асри XX иттифоқ афтод, адабиётро аз қайди инкишофи нисбии воҳиди фарҳангӣ ба яроқи нирӯманди мафкуравӣ мубаддал карда, онро дар мубориза барои ормонҳои ҷамъият дар шакли зуҳури мустақимаш ба кор бурд. Дар айни замон падидаи хубе, ки дар ҳифзи дастовардҳои фарҳангии халқҳои дар як низом ва ҷаҳонбинӣ ба ҳам омада (манзур адабиёти баъди солҳои 30-и асри XX – А.Д.) фаҳмида мешавад, ин ташаккули соҳавӣ ва шохавии он бо махсусияти миллӣ аст. Адабиёти миллӣ ба намояндагии тамоми он падидаҳои таърихиву фарҳангиаш, масалан дар мавқеъ ва роҳи фатҳи мероси миллии халқе ё миллате ба ҳайси афкори фарҳанги башарӣ мусоидат кард. Адабиёти ибтидои асри XX, хусусан баъди солҳои 20 ва ибтидои солҳои 30 – то давраи анҷумани якуми нависандагони Иттиҳоди Шӯравӣ, ки моҳиятан адабиёт ва фарҳанги пролетарӣ буд, дар вазъи тавофуқи падидаҳои иҷтимоӣ, ба мисли таъсиси Иттифоқи нависандагони Иттиҳоди Шӯравӣ ва нахустанҷумани он адабиёти шӯравӣ ном гирифт. Ба ин таҳаввулот агар аз як тараф рӯйдодҳои адабӣ такон дода бошад, аз тарафи дигар вазифаҳои фаврӣ ва рӯзмарраи адабиёту фарҳанги сотсиалистӣ боиси ҳар гуна тағайюроти иҷтимоӣ гардиданд. Ҷараёни адабии асри XX то он даме, ки ба як воҳиди ягонаи ҷаҳонбинӣ табдил ёфт, тавонист онро

---

* Ибтидои чунин муносибат ва мувофиқат ба ҷараёни адабӣ аз акад. Н.И. Конрад аст (ниг. Н. И.Конрад.Запад и Восток, – М.; «Наука», 1972, 498с), вале бисёр адабиётшиносон, аз ҷумла Р. Бекмуҳаммадов дар ин масъала ба Г. Ломидзе ва асарҳои ӯ бештар истинод меоранд, ки дуруст нест-А.Д.

https://bikhon.tj/

дар як фазои муайяни иҷтимоӣ фаро гирифта, самтҳои таъсир ва шохаҳои маърифатбори фарҳангиро тавсиа диҳад. Адабиёти давраи шӯравӣ ва ҷараёнҳои ташаккули он дар як муддати хеле кӯтоҳ ба падидаи бузурги фарҳанг ва ҷаҳонбинии сотсиалистӣ мувофиқат карда, воситаи ягонаи маърифатро пеш бурд, ки тавлид ва ташаккули адабиёти шӯравии сотсиалистӣ, маданияти сотсиалистӣ, адабиёти халқҳои Ҷамоҳири Шӯравӣ барин мафҳумҳои замонӣ ва таърихӣ рӯи кор омаданд. Вусъати моҳиятан нотакрори адабиёти халқҳои Ҷамоҳири Шӯравӣ ва дертар – адабиёти сермиллати шӯравӣ, адабиёт ва фарҳанги давраи сотсиализми воқеӣ – ҷойгоҳи зуҳур ва инкишофи адабиётҳои миллиро таҳким бахшид. Дар ташреҳи чунин қазия, ки моҳияти айнӣ ва қонуниятмандии адабиёти шӯравиро чун ҳалқаи пайванди гузаштаву имрӯзаи он дар масири имкониятҳои сухани бадеӣ дар ҷанбаи миллиаш муайян намояд, таъсир ва алоқамандии афкори эстетикиро умуман чун моҳияти адабиёти шӯравӣ ва аз нахусттамоюлоти он ба ҳайси дарки маърифат адабиётшиноси рус И.Ф.Волков (43, 16) хеле бамаврид таъкид карда буд. Майли ба худшиносӣ, истиқболи ғанои фарҳангӣ ва қисмати халқҳои соҳиби тамаддуни пешрав онҳоро ба эҳсоси ваҳдати таърихиву адабӣ омода сохта, дар роҳи дарки зарурати худшиносӣ назар ба шаклу воситаҳои мавҷудаи масалан солҳои 20-30 роҳҳо ва шаклу воситаҳои тоза кашф карданд. Ҳамин маъниро академик Муҳаммадҷон Шукуров чун маҳсули бархӯрди табиии ҷараёни адабӣ маънидод карда, инкишофи онро аввал дар заминаи адабиёти миллӣ ва баъдтар чун як рукни мустақими адабиёт дар даврони шӯравӣ низ пешгӯӣ карда буд (303, 254). Дар чунин руҳия ба вуҷуд омадани як силсила асарҳои нав аз қабили «Бақои абадият»-и Нодар Думбадзе, як силсила қисса ва ҳикояҳои Грант Матевосян, хусусан қиссаҳои «Модар писарро хонадор карданӣ меравад», «Хӯҷаин», «Авлоди ту», «Абрҳои боронрез» (тарҷумаи русиаш «Тошканд») ва ғ... дар адабиёти Қафқоз ва «Палатаи кунҷакӣ»-и Фазлиддин Муҳаммадиев, «Зиндагӣ дар домани талҳои сурх»-и Саттор Турсун дар адабиёти тоҷик маҳз бо

https://bikhon.tj/

тасвири рӯҳи инсон ва драматизми қисмати ӯ бо эҳсоси ҳамешагии масъулияти шахси эҷодкор ва шахсияти достонии офаридаҳои онон имтиёз доранд.

Равандҳои айнӣ ва зеҳнии адабиёти асри XX дар маҷмӯъ як сифати нави ҷараёни адабиро дар масири падидаҳои хурду бузурги фарҳангиву иҷтимоӣ ба амал оварда, бо ҳифзу таъмини анъанаҳои адабиёти пешин рисолати таърихии онро низ маҳфуз дошт. Роҳу воситаҳои дигари рушди иҷтимоӣ, ки дар зарфи даҳсолаҳо ба вуҷуд омада, ба инкишофи табиии адабиёт ва тамоюлоти гуногуни он, аз қабили таъсири мутақобилаи адабиётҳо мусоидат намуд, дар фазои фарҳангии ҷомеа муҳитеро созгор дод, ки ба зуҳури воқеии падида ва бозтоби дигарбораи рӯйдодҳо мувофиқат кард.*

Вобаста ба чунин падидаи фарҳангӣ, ки адабиётҳои миллиро имконияти таъсири мутақобила дар таҳаввули шаклҳову жанрҳои адабӣ ва суннатҳои меросӣ диҳад, адабиёти нави тоҷик ва арман ба ҳайси ашёи тадқиқу таҳқиқ ба доираи муқоиса кашида мешавад. Дар як силсила тадқиқотҳои пешин, ки он ҷо аз ҳайси мухтасоти таҳқиқи муқоисавӣ ва типологии адабиёт сухан рафтааст, ҳамчунин муҳимтарин усулҳои адабиётшиносии муқоисавӣ ва марҳалаҳои таърихии он мавриди тадқиқ қарор гирифтанд. Дар роҳи тадқиқи чунин мушкилаҳои адабиётшиносӣ олимони Арманистон чӣ дар гузашта ва чӣ дар партави мактаби шарқшиносии ватаниву хориҷӣ (давраи шӯравӣ) дастовардҳои бузурги илмиро соҳиб шуданд, ки дар ин бобат худи адабиёти нави баъди асри XVIII арман ва роҳу воситаҳои рушду такомули он дар байни адабиётҳои дигар қобили муқоиса буд.

Ҳамчунин бо назардошти он, ки адабиёти нави арман ва тоҷик дар роҳи инкишофи худ аз тамоми воситаҳои мавҷудаи чандасраи таърихӣ бархӯрдор буданд, роҳҳои густариши падидаҳои таъсири мутақобила ва воситаҳои равобити таърихиву фарҳангӣ дар ин адабиётҳо сахт ба ҳам

* Абдувалӣ Давронов, Пайванди замонҳо ва қисмати адабиёт, – Душанбе, «Маориф», 1994, 80 с.

https://bikhon.tj/

омада, марҳалаҳои инкишофи фарҳанги тарафайнро ба вуҷуд овард. Адабиёти нави арман, ки баъди солҳои 1920 ба давра ва низоми муштараки шӯравӣ дохил шуд, беҳтарин намояндагони худ Ованес Туманян, Аветик Исаакян, Акоп Акопян, Еғище Чаренс, Александр Шервонзода, Наири Зарян, Геғам Сарянро ба замони нав оварда ва суннатҳои адабиёти асрҳои миёнаро ба замон ва зиндагии нав пайванди маънавӣ дод.

Таърихи тарҷумаи бадеии ин ду адабиёт низ хеле қадимӣ буда, умуман тарҷума дар адабиётҳои форсии тоҷикӣ ва арман дар ҳамаи давру замонҳо рисолати таърихӣ ва фарҳангии худро аз боби таъмини ниёзҳои маънавӣ ва муносибатҳои фарҳангии халқҳо ва чун шакли махсусу мустақими адабиёт адо намудааст, ки ин ҷиҳати масъала дар низоми мушкилоти таъсири мутақобилаи адабиётҳо омӯхта мешавад. Дар ин қатор баъзе шаклҳои таъсири мутақобилаи адабиётҳои тоҷику арман аз ҳисоби қабули анъана ва суннатҳои адабӣ ва интерпретатсияи ҳодисаҳои муштараки адабиёт ба мушоҳида расид. Ин падидаҳои адабӣ дар зарфи даҳсолаҳои асри XX роҳҳои ғанои адабиётро дар шаклу мазмун таъмин намуда, воситаҳои дигари пайвандҳои адабиро хусусан дар солҳои 70-80 ба миён оварданд, ки онҳо аз густариши афкори адабии тарафайн иборат буданд. Афкори адабӣ ва махсусиятҳои мактаби шарқшиносии Тоҷикистону Арманистон аз ҳар ҷиҳат восита ва шаклҳои тозаи бархӯрди ақида ва афкори ҳасанаро ба вуҷуд оварданд, ки таҳқиқашон низ дар адабиётшиносии ҳарду мамлакат сазовор аст. Ин ду мактаби бузурги шарқшиносии дунё, ки як ҳадаф дошт, дорои таҷрибаи пешқадам буда, муқаддамтар аз дигар адабиётҳо таҳкурсии воқеан муҳими адабиётшиносии муқоисавиро гузошт. Мактаби шарқшиносии Тоҷикистон ва Арманистон дар роҳи тадбиқи анъанаҳои эроншиносии ҷаҳон воситаи тавонои синтези афкори адабӣ гардида, ҳар ду дар заминаи мактаби шарқшиносии Қазон, Петербургу Маскав бо эҳтимоми Степанос Назарян ва Институти Лазареви Маскав дар

https://bikhon.tj/

равнақи илми шарқшиносии ватанӣ саҳм гирифтанд. Институти Лазаревӣ (с. 1815) бо сарварии Степанос Назарян ва саъи шахсии ӯ маҷаллаи «Нурҳои шимол»-ро дар радифи маҷаллаи армании Фаронса «Анаҳит» таъсис дод, ки онҳо дар роҳи тадқиқу тарғиби намунаҳои адабиёти форсии тоҷикӣ хизмати барозанда анҷом доданд. Тадқиқи мушкилоти адабиётшиносии муқоисавӣ ҳарчанд дар партави дастовардҳои методологияи марксистӣ ташаккул ёфт ва пеш рафт, вале роҳҳо ва заминаҳои ба ҳам омадани омӯзиши мероси фарҳангӣ дар ҳар ду ҳавзаи афкори адабӣ ва танқидӣ собиқаи дерин дорад.

Бо ин ҳама, мушкилоти таҳқиқи хусусиятҳои таъсири мутақобилаи адабиётҳо ва шаклу воситаҳои омӯзиши пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман дар асри ХХ дар партави охирин дастовардҳои адабиётшиносии муқоисавӣ ва компаративистикаи ҷаҳонӣ махсусан дар муҳити адабии Тоҷикистон аз мавзӯъҳои тоза аст, агар ба назар бигирем, ки дар даҳсолаи охир ва умуман дар давраи нави баъди истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (9 – сентябри соли 1991) ва Ҷумҳурии Сеюми Арманистон (21 – сентябри 1991) қариб, ки ягон тадқиқоте перомуни мавзӯи мазкур анҷом наёфтааст. Вале, бо ин ҳама, бар иловаи як силсила тадқиқоти назарие, ки бо эҳтимоми олимони Тоҷикистон ба мисли Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ, Хуршеда Отахонова, Атахон Сайфуллоев, Худоӣ Шарифов, Абдунабӣ Саттторзода, Валӣ Самад, Ҳамроқул Шодиқулов, Шокир Мухтор, Мирзо Муллоаҳмадов, Абдусаттор Нуралиев, Абдушукур Абдусатторов, Матлуба Хоҷаева, Носирҷон Салимов, Низомиддин Зоҳидов, Муртазо Зайниддинов, Аъзам Худойдодов ва Арманистон Эдуард Ҷрбашян, Вазген Мнатсаканян, Сергей Даронян, Азат Егиазарян, Авик Исаакян, Елена Алексанян, Левон Мкртчян, Давид Гаспарян, Генрик Бахчинян анҷом ёфтанд, чанд мақола ва китоб перомуни тадқиқи масъалаҳои пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман, таъсири мутақобилаи афкори адабӣ, равандҳо ва ҷараёнҳои адабиётшиносии муқоисавии фазои адабии тоҷикон ва арманҳо, масъала ва мушкилаҳои назария,

https://bikhon.tj/

таърих ва танқиди тарҷумаи бадеӣ таълиф ва ба нашр расид. Таърих ва марҳалаҳои равобити адабии халқҳои тоҷик ва арман дар даврaҳо ва замонҳои гуногун як хел набудааст.

Масъалаҳои асосӣ ва ҳалталабе, ки дар паҳнои таърих ва ё қаламрави афкори адабӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва зиёда аз ин сиёсиву иҷтимоӣ, сар задаву дар фазо ва даврони дигари таърихӣ ҳал шудаанд, танҳо аз роҳи ихлос ва таваҷҷӯҳи таърихӣ ба сомон расидаанд. Аҳди ҳафтодсолаи империяи шӯравӣ ҳам дар қаламрави иҷтимоии бузург ва он паҳнои пурвусъати ҷуғрофӣ, ки дошт аз мероси фарҳангии чунин халқҳо, ба мисли тоҷикон ва арманҳо, дар шинохти муносибатҳои таърихӣ, адабӣ ва иқтисодии миёни ҷумҳуриятҳои дигар танҳо бурд кард. Ба ин маънӣ, пайвандҳои адабиву фарҳангии халқҳои тоҷик ва арман дар замони нав, дар асри XX зиёда аз он қавитару пурмуҳтавотар будааст, ки гуфтаву тадқиқ кардаанд.

https://bikhon.tj/

Боби I

АЗ ТАЪРИХИ ПАЙВАНДҲОИ АДАБӢ ВА ФАРҲАНГИИ ХАЛҚҲОИ ТОҶИКУ АРМАН

1.1. Пайвандҳои адабӣ ва фарҳангии халқҳои тоҷику форс ва арман дар аҳди қадим ва асрҳои миёна

Дар паҳнои таърихи инсоният ҳеҷ як халқи ҷаҳон дар муносибатҳои гуногуни сиёсиву иҷтимоӣ ва ибтикороти адабиву фарҳангӣ ин қадар самимияти гарм ва ихлосу таваҷҷӯҳи махсус ба сарнавишти ҳамдигар зоҳир накардаанд, ҳамчунон ки тоҷикон ва арманҳо. Ба истиснои зӯроварии динӣ ва тазъиқи руҳоние, ки баъди ба даст овардани истиқлолияти мутлақи динӣ ва қабули дини насронӣ (соли 301) сосониёни форс нисбат ба арманҳо ва ин давраи сарнавиштсозу ҳассоси худогоҳии онҳо доштанд, таърих аз воситаи дигари таҳмили диниву руҳониву ҷисмонӣ ёд надорад. Мутаассифона, ҳамчунон ки «Китоби Таърих»-и Аракели Даврижетси шаҳодат медиҳад, зӯровариву таҳмили динӣ дар асрҳои миёна аз ҷониби форсҳо нисбат ба арманҳо гоҳ-гоҳ рух медода, вале рӯҳи бешикаст ва ҷанговаронаи арманҳо ба чунин ҳолат ҳеҷ гоҳ тан надодааст(56; 345-356; 404-424).*

Арманҳо таърих ва адабиёташонро аз асри V сар карда навиштаанд, яъне асри V асри тиллоӣ ва давраи оғози расмии таъриху адабиёти ин халқ аст. Мовсес Хоренатси «Таърихи Арманистон»-и худро, ки иборат аз се китоб аст, аз давраи пайдоиши халқи худ оғоз кардааст. Фаҳмиши иб-

---

∗ Дар «Китоб»-и мазкур ҳамчунон аз бедодгариҳои шоҳ Аббоси II дар бобҳои 33, 34, -35 ёдоварӣ мешавад, ки шоҳ чи тавр Исфаҳон ва музофоти онро аз арман ва яҳудиҳо бо баҳонаи намояндаи дину эътиқоди ғайр буданашон тоза карда буд. Ва баъди ин бедодгарӣ 5 феврали соли 1641 дар Табриз заминҷунбии даҳшатовар ба амал омада буд, ки халқи ҷафопеша инро амали ба ғазаби Худо гирифтор шудани шоҳ ва қаламрави ӯ медонист.

https://bikhon.tj/

тидоии ин муаррихи бузург дар бораи пайдоиш ва ташаккули халқи арман асоси китоби ӯро ташкил додаст. Дарвоқеъ, ӯ дар китоби худ дар бораи форсҳо, устураи форсӣ ва маншаи он борҳо сухан мегӯяд. «Таърихи Арманистон»-и Мовсес Хоренатси ҳамчунон бар он аст, ки асотири қадими арманҳо ва халқҳои эронинажод аз як чашма об хӯрдаанд ва вобаста ба ҳамин дар китоби худ ривоятҳо дар бораи Заҳҳоки Моронро меорад. Дар боби 42 китоби худ «Дар бораи он ки чӣ тавр Арманистон байни Эрон ва Бизонз тақсим шуд» аз тақсими ҳудуди ин мамлакати бузург баъди муҳорибаҳои дуру дарози сиёсӣ ва таърихӣ байни Эрон ва Бизонз бо ҳасрат ёд карда менависад, ки «ҳамин тавр, баъди кашмакашҳои зиёде ин ду мамлакат марзи Арманистонро ба ду ҳиссаи баробар тақсим карданд ва қисмати Арманистони Шимолӣ дар ҳудуди Эрон бимонд ва Шопур – шоҳи Эрон Хусрави арманиро (?) ба мамлакати Арманистон шоҳ таъин кард. Дар саҳифаҳои минбаъдаи «Таърих» – аз боби 42 то 50 Мовсес Хоренатси аз фаъолияти шоҳи мулки арман Хусрав ёд оварда, муборизаҳои ӯро баҳри озодӣ ва мустақилияти сарзамин, истеҳкоми қаламрав ва ҳамчунин мактубҳои ӯро ба Шопур – шоҳи Эрон зикр мекунад. Аз фаъолияти Хусраву сипоҳиёни ӯ ёд карда, Хоренатси дар ҳасрати озодии ватан ба асотиру қиссаҳои таърихиву мардумӣ руҷӯъ ва дар ҳамин лаҳзаҳо аз устураи дерин ёд мекунад, ки дар ҳамон боби 42 китоб, дар фасли алоҳида «Аз устураи форсӣ дар бораи Заҳҳоки Морон» омадааст. Вазъияти руҳӣ ва ҳолати ин муаррихи бузургро фаҳмидан мумкин, ки ӯ чаро дар китоби худ ин қадар муфассал аз боби умумияти таърихӣ ва унсурҳои муштараки асотири Эрони қадиму Арманистон зикр кардааст. Сабаб маълум: дар натиҷаи кашмакашҳои хусусан марзӣ Арманистон дар байни ду империяи бузург – Эрон ва Бизонз монда буд ва ин муҳорибаҳо пайваста аз боби тасхиру таҳмили дину оин қувват мегирифтанд. Арманистони давраи бутпарастии нав ба истиқлолияти дини насронӣ расида ба ҳеҷ вақҳ намехосту наметавонист ба дини маздоӣ ва маздопарастӣ гаравад. Чунин тазоҳуроти таърихӣ минбаъда на як бору ду бор мӯҷиби кашмакашҳо ва

https://bikhon.tj/

хунрезиҳои бисёре байни Эрону Арманистон гардиданд ва ин дар асрҳои миёна хусусан баъди ба тамом густариш ёфтани дини насронӣ (шохаи григорианӣ) дар Арманистон ва ислом дар сарзамини Эрон борҳо қувват гирифта, шоҳигарии Хусрав дар мулки Арман то муҳорибаи навбатии дигар, то ғалабаи қатъии спарапет Вардан Мамиконян давом кард. Ин навбат сарфармондеҳи халқ ва мулки Арман бо ҷамъи эҳсоси поси марзу бум ва эҳтироми қарзи ватандориву ҳамият ва ҳуввияти миллӣ ба муқобили мамлакати Форс ҷанг эълон карда, ҳамагӣ дар зарфи як моҳ ба тахти шоҳӣ соҳиб шуд ва худро шоҳи мамлакати Арманистон эълон кард. Ин 26 майи соли 451 буд, ки дар таърих бо унвони муҳорибаи озодихоҳии Аварайр ёд мешавад. Ба ҳамин муносибат, ба фикри мо, Мовсес Хоренатси дар «Таърихи Арманистон», дар он асаре, ки аз се китоб иборат асту бо хоҳиши Саак Багратунӣ таълиф кардааст, ӯ, яъне Мовсес бо дарку эҳсоси дурнамои воқеаҳои таърих ба саргаҳи муносибатҳои таърихии ин ду халқ муроҷиат мекунад ва меорад, ки чунин ривоятҳо аз осори манқула ва тафаккури бадеии халқҳо дар бораи қувваҳои бадӣ ва некӣ, муборизаҳо барои рӯзгори осоишта ва адолати инсонӣ, ғалабаи қувваҳои некӣ ба нерӯҳои аҳриманӣ – ҳама маҳсули тафаккури таърихии халқҳо мебошад. Бо назардошти тадқиқи осори ривоятӣ ва интишори унсурҳои эҷодиёти лафзии халқ олимони арман Манук Абегян (6, 135) ва Мкртич Мкрян (166, 131-136) аз чунин махсусияти таърихӣ зикр кардаанд. Аз ҷумла М. Абегян бар он аст, ки «нахустин устураи осори нақлӣ дар байни арманҳо ва форс муштараканд» – (6, 134-135). М. Мкрян дар асоси тадқиқи махсусияти таърихӣ, фолклорӣ ва адабии «Таърих»-и Мовсес Хоренатсӣ ба хулоса меояд, ки Фирдавсӣ аз «Таърих»-и Хоренатсӣ огоҳ буд ва низ Хоренатсӣ ривоятҳо дар бораи Заҳҳок, қувваҳои аҳриманӣ, афсонаҳо дар бораи Рустам, аспи Рахш, зӯри бозуи Рустам ва ғ...ро медонист. Аз ҷумла Хоренатсӣ мегӯяд, ки «... форсҳо дар бораи Рустам, паҳлавонӣ, далерӣ ва ҷавонмардии ӯ ҳар гуна налқҳо мекунанд, мегӯянд, ки ӯ зӯри як саду бист филро дошт (259). Дар ҳамин китоб

https://bikhon.tj/

Хоренатсӣ Рустамро бо як қаҳрамони ормонии халқи арман Торк муқоиса мекунад ва мегӯяд, ки «... ӯ низ харсангҳои калони хороро ба осонӣ мешикаст, бо дастони худ аз онҳо қолиб мерехт, дар байни панҷаҳои худ онҳоро ба ҳар шакл медаровард, бо нохунҳои худ дар сангҳо менавишт, расми уқоб ва ҳар гуна паррандаҳоро мекашид...» ва ғ. (166; 127). Мувофиқи ахбори олимони Арманистон, аз ҷумла акад. М. Абегян Фирдавсӣ аз устураи қадими арман, қисса ва ривоятҳои арманӣ, аз «Таърих»-и Хоренатсӣ огоҳ буд ва ҳангоми ба назм кашидани достонҳои «Шоҳнома» аз онҳо истифода бурдааст. Муҳаққиқи дигари арманӣ Сарухан перомуни мавзӯи мазкур тадқиқоти махсус бурда, бо ҳамин ном «Фирдавсӣ ва Мовсес Хоренатсӣ» (217) соли 1936 дар Вена китобе чоп кардааст.

Масъалаи дигар дар меҳвари таърихӣ омӯхтани пайдоиши халқи арман ва ҷойгоҳи таърихии ин халқ дар байни халқҳои ҳиндуаврупоӣ мебошад. Халқе бо номи «ҳай» ва мамлакате бо номи «Ҳайастон» замоне як қаламрави бузурги таърихӣ ва ҷуғрофиро ишғол карда, дар паҳнои таърих бо номи «Арманистони бузург» ва «Ҳамворакӯҳҳои Арман» машҳур аст,ки аз ҷониби ғарб мамлакати Анталия, аз шарқ Эрон ва аз шимол қаторкӯҳҳои Понти ва дарёи Кура ва аз ҳамворакӯҳҳои Тавр фаро гирифтаву қад-қади дарёи Аракс тӯл кашидааст.

Аз «Таърих»-и Хоренатсӣ ба ин тараф ҳамаи муҳаққиқони асримиёнаву муосири чи хориҷӣ ва чи ватанӣ дар зарфи зиёда аз якуним ҳазор сол халқи арманро як хел муаррифӣ кардаанд: «Ҳайк (дар талаффузи русӣ Гайк)-зебо, хушандом (хушқаду комат), сермӯй, чашмбино, тавоно», ки дар байни паҳлавонон бо ҷасорат ном баровардааст. Тибқи устура Ҳайк бо бедодгарӣ ва золимиҳои баҳодур Бэла дар Бобулистон тоқат накарда, бо аҳли байти худ, ки аз 300 нафар иборат будааст, ба тарафи шимол, ба самти водии Арарат ҳаракат мекунад. Дар шимол ӯ ҷой, маскану манзил карда, бо тамоми аҳли хонавода ва дудмони худ дар мубориза ба муқобили Бэла ғолиб меояд ва соҳиби сарзамини бузург мегардад. Дар олами фарҳангии Арманистони аҳди

https://bikhon.tj/

қадим аз ду қабат ва қишри рушди маънавӣ ва худшиносии халқ ёд мешавад, ки дар яке аз муҳорибаи беамони Ҳайк ба муқобили қувваи аҳримании Бел – Бэла сухан меравад. Ҳайк алайҳи нерӯҳои аҳриманӣ ғалаба мекунад ва минбаъда роҳи худшиносии ӯ таъмин мешавад ва қишри дуюм ин таъсири Эрон ба муҳити арман аст, ки аз асри VI-и пеш аз милод ибтидо мегирад. Дар таърих омадааст, ки «мидийҳо ва аромина тамоми урфу одат ва суннатҳои муқаддаси форсҳоро ба ҷо меоранд ва эҳтиром менамоянд». (259, 33). Хоренатсӣ мегӯяд, ки ҳамин ҳамияти бузурги ӯ водор кард, ки дар бораи ӯву мардонагӣ ва ватандӯстиаш қиссаву ривоятҳо нақл кунанд. Ба қавли дигар, Ҳайк абераи Иофет, писари Нӯҳ мебошад, ки дар китоби муқаддаси Библия ҳадисаш рафтааст. Бо номи ӯ мамлакати Ҳайастон бунёд ёфт, ки дар зарфи се ҳазор соли минбаъда вуҷуд дошт ва имрӯз Ҷумҳурии Сеюми Арманистон (21 сентябри соли 1991) оғозашро аз қаъри асрҳо, аз гаҳвораи Ҳайк мегирад. Дар забони адабии муосири арман «ҳай» – «арман», «Ҳайастон» (Карастон – «мамлакати санг» ҳам ном дошт) – «Арманистон» зикр мешавад.

Акад. Я. А. Манандян ба роҳи таърихии тайкардаи халқи ҳай ва додугирифту муносибатҳои таърихии ҳамсоягии онҳо бо мардуми форс ишора карда, дар рисолаи худ зикр мекунад, ки халқи арман аз қадимтарин халқҳои дунё ба ҳисоб рафта, ҳанӯз шашсад сол пеш аз солшумории мо дар таърих вуҷуд доштаст ва ба чунин халқ, ки гузаштагонаш дар асри XII-и қабл аз мелод аз Аврупо ба Осиёи Хурд кӯч бастаанд, нахустин шуда мардуми форс ном ниҳоданд. Номи мамлакат Armina ва халқи arminia нахуст дар навиштаҷоти кӯҳи Бесутун, вомехӯрад. Назар ба навиштаи мазкур армина ва ҳамчунин дар Ҳеродот армена, чунонки дар илми муосир ба исбот расидааст, халқи ҳинду – аврупоӣ мебошад (135; 5).

Муҳаққиқи дигар Иван Шопен аз мавҷудияти давлате бо номи Урарту (Биайна) дар шоҳигарии Ван сухан ба миён оварда, давлати қадими Арманистон буданашро ҳанӯз дар асри XIII то мелодӣ қайд мекунад. Маркази ин давлат дар

https://bikhon.tj/

самти шарқии кӯли Ван ва шаҳри Ван ба номи Биайнилӣ ҷойгир шуда, Биайни ва ё Биайнилиро суриёниҳо Урарту гуфтанд ва ин ном дар китоби муқаддаси Библия ду маротиба дар шакли Арарат вомехӯрад. Мавҷудияти давлати Урарту дар Шарқи Қадим ва дар равнақу ташаккули ин давлат мавқеи муҳим бозидани ҳамсояи онҳо – эрониҳо ва аз ҷониби халқҳои форс номгузорӣ шудани Ҳайк дар асари Иван Шопен чунин омадааст: «Ба чунин факти ҷолиб ҳайрон нашудан мумкин нест, ки дар рӯи замин ягон халқ бо номи худаш зикр намешавад. Эрониҳо Эрон неву форс, славяниҳо славян не – галаҳо..., ки дар марҳалаи аввали инкишофи ҷамъият ва ташаккули халқияте мустаъмал будааст. Ҳамин тавр, арманҳо арман не, Гай-Гайк – Ҳай-Ҳайк номи ҳақиқӣ ва решагии арман дар Арманистони Хурд, дар ҳамсоягии Баҳри Сиёҳ ва сарчашмаи Аракс... Ба халқе, ки имрӯз бо номи арман ёд мешаваду дар дунё машҳур шудааст, ҳамсояи онҳо аз самти ҷанубу ғарбӣ – эрониҳо, форсҳо ном додаанд: Аз ҳиҷоҳои ар ба ҷои ал-ор – оол – кӯҳ ва ман – мен ба ҷои бен – қавм – қабила» (300, 25-26).

Ҳамин фарзияро адабиётшиносони муосири арман боз равшантар таъкид кардаанд. Масалан, акад. М. Абегян дар тадқиқоти фавқуззикр ҷойгоҳи мардуми форсро дар таъини махсусияти таърихӣ ва иҷтимоии халқи арман, ҳамчунин забони арманӣ, шохаҳои он, тааллуқоти гурӯҳӣ чунин маънидод мекунад: «Ҳоли ҳозир маълум нест, ки халқи арман аз кадом қабила унсурҳои этникиро дар Осиёи Хурд ва Арманистони Хурд... қабул кард. Ҳамчунин аниқ нашудааст, ки таъсири фарҳангии Эрон ба халқу тамаддуни арман, ки воқеан бузург аст, дар кадом поя буд. Вале инаш мусаллам аст, ки маҳз аз таъсири фарҳанги форсӣ ва қабилае дигар аз омехтагиҳои этникӣ дар Осиёи Хурд ва Урарту этноси арманӣ – халқи арман ва забони арманӣ пайдо шуд» (6, 137).

Се тан аз олимони барҷастаи муосир, муаллифони таърихи нави арман ва аз шахсиятҳои баргузидаи илму фарҳанги Арманистони давраи нав Г.Саркисян, К. Худавердян, К.Юзбашян – аз ҳиммати ҳамсояхалқи худ – эрониҳо бо эҳтиром ёд оварда, такроран менависанд, ки ба туфайли

https://bikhon.tj/

навиштаҷоти Кӯҳи Бесутун ва шоҳи шоҳон Доро имрӯз халқеро бо номи арман ва мамлакатеро бо номи Арманистон дунё мешиносад. Баъди аз байн рафтани шоҳигарии Ван ба сари тахт Оронтиҳо (Ервандакан) меоянд. Ин даврa тахминан то замони ҳокимияти Ҳахоманишиҳо дар шоҳигарии Арман, то солҳои 330-и пеш аз милод давом мекунад. Тахминан дар ҳамин даврa дар Кӯҳи Бесутуни Эрон навиштаҷоте аз номи шоҳи шоҳон Доро ҳаккокӣ мешавад ва он ҷо вожаи «Армания» ва «арманиҳо» вомехӯрад (213, 15).

Ин буд чанд мулоҳиза перомуни баҳси мавқеи мардуми эронинажод ва ҷойгоҳи таърихии онҳо дар шинохт ва сарнавишти халқи арман, ки олимони арман ҳам дар гузашта ва ҳам имрӯз аз чунин ёдгори бегазанде, ки танҳо маҳсули ҳиммат ва пуштибонӣ аз таърих ва фарҳанги ростин аст, зикр кардаанд.

Дар масъалаи омӯзиш ва тадқиқи решаҳои таърихӣ ва фарҳангии муносибатҳои иҷтимоии тоҷикону арманҳо боз як падидаи дигар аст ва, ба фикри мо аз ҳама муҳим, ин мавқеъ ва ҷойгоҳи воқеии интишор ва густариши забони форсист. Дар тадқиқотҳои пешин ҳам аз ин боб гоҳ-гоҳ ишора шуда буд ва агар дар ин ҷода – дар роҳи мавқеъ ва таъсири забони форсӣ дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маърифати таърихии арманҳо чӣ гуна нақш бозидани забони форсиро дар Арманистони қадим агар худи олимони арман бо муҳаббат зикр накунанд, олимони Тоҷикистон қариб, ки дар ин бора ҳеҷ чиз нагуфтаанд.

Дар бораи решаҳои таърихии равобити халқҳои арману эронӣ сухан ронда, як умумияти фарҳангиро ҳамчунин хотирнишон бояд сохт. Сарчашмаи ин умумият низ ба умқи асрҳо рафта, дар айни замон маншаи ягонаи забонҳои арманиву форсиро нишон медиҳад. Ин санад ба он далолат мекунад, ки масъалаҳои муносибатҳои забонии халқхои арману тоҷик низ алоҳида ва ҷиддӣ омӯхтаву тадқиқ шавад. Аҷибаш он аст, ки то асри V, яъне то давраи тартиб додани алифбои арманӣ аз ҷониби Месроп Маштос (солҳои 403-405) халқи арман ба сифати забони давлатӣ забони форсиро истифода мекардааст.

https://bikhon.tj/

Дар ибтидои асри V дар Арманистон ҳодисаи бузург, як падидаи фарҳангие ба амал омад, ки минбаъда боиси равнақи тамаддуни дунявии арманҳо гардид. Ин падида пайдо шудани хати арманӣ аст. Баъди аз байн рафтани шоҳигарии Ван ва давлати Урарту ҳам хат ва ҳам забони ин давра мавқеашро аз даст дода буд. Арманҳо дар давраи элинизм – авҷи равнақи филологияи юнони қадим аз хату ҳуруфи ин давра истифода мебурданд. Муносибатҳои минбаъдаи ҳамсоягиву ҳамкориҳои фарҳангӣ бо парфиянҳо ба онҳо имконият дод, ки на танҳо калимаву вожа ва таркибу ибораҳои забони онҳоро ҳамарӯза истифода бибаранд, балки зарурат ва эҳтиёҷ ҳусни тафоҳум ва таваҷҷӯҳи фарҳангиро дар байни онҳо ба вуҷуд овард ва онҳо хат ва забони парфиянӣ-паҳлавиро қабул карданд. Дар давраи Сосониҳо забони паҳлавӣ ҷои худро ба забони форсӣ дод ва дар Арманистон дар баробари забонҳои юнонӣ ва суриёнӣ дар коргузорӣ забони форсӣ мустаъмал гардид ва андаке дертар дар қиёси забонҳои шомили ин сарзамин забони форсӣ мақоми давлатӣ гирифт ва дар ғамхории давлат фаро гирифта шуд (213, 53).

Назар ба маълумоти акад. М.Абегян худи Месроп Маштос забони форсиро хуб медонист: «Баъди тақсимшавӣ ба Арманистони Шарқӣ истифодаи забони юнонӣ маҳдуд гардид. Дар мақомоти расмӣ забони форсӣ истифода мешуд. Маштос дар дафтари шоҳӣ, дар вазифаи котибӣ кор карда забони форсиро надонистанаш мумкин набуд», – менависад М.Абегян дар ҳамон асараш. (6, 61-64)

Ҳамин тариқ, дар аҳди қадим ва умуман, то давраи истилои араб умумияти таърихии тоҷикону арманҳоро дар мисоли таъсир ва эътибори тарафайни падидаҳои илмиву фарҳангӣ муаррихони қадими арман бо ихлос ёд кардаанд. «Таърих»-и Мовсес Хоренатсӣ, «Таърих»-и Еғише, «Таърих»-и Мовсес Каганкатватсӣ, «Таърих»-и Себеос ва муаллифони дигари арман пур аз тасвири ҳодисаҳои таърихӣ, адабӣ ва иҷтимоии Арманистон ва мамлакати форси қадим аст. Масалан дар «Таърих»-и Себеос нахустин бор аз қиссаи ишқи Шоҳи Форс – Хусрав ва арманидухтар – Ширин нақл оварда мешавад.

https://bikhon.tj/

Дар боби XI-и «Таърих» чунин омадааст: «Тибқи таълимоти магизм Хусрав бисёр зан дошт ва ӯ аз намояндагони исавиҳо низ зан гирифт. Номаш Ширин буд. Михаил Асорӣ – муаррихи асри миёнаи арман, ки муаллифи таърихи корнамоиҳои Хусрав ва армияи асирдухтарони 7000-нафараи ӯст ва баъзе нависандагони арман тасдиқ мекунанд, ки Маврикий Хусравро ба тахти шоҳӣ шинонд ва духтари худ Марямро ба ӯ ба занӣ дод. Дилбастагии Хусрав ба Ширин ба дараҷае буд ва чунин қиссаҳое дар ишқи онҳо бо иловаи тахайюлоти бисёр гуфта шуд, ки дар асрҳои минбаъда мавриди таваҷҷӯҳи шуарои Шарқ гардид. Ӯ аз мамлакати Хуҷистон буд. Ширин дайру калисоҳо бунёд намуд ва дар онҳо руҳониёнро ҷой дод. Калисоро бо нуқраву тилло орост ва ба мардум аз ҳисоби хазинаи дарбор идрор муқаррар намуд».(224, 49-50)

Мақсад аз овардани чунин иқтибос аз боби сайри таърихии достони «Хусрав ва Ширин» на танҳо нишон додани он аст, ки сужа ва гунаву қисматҳои алоҳидаи он дар адабиёти асрҳои миёнаи арман маъмул ва қобили истиқбол гардид, балки мо мехоҳем, нуқтаи назари баъзе муҳаққиқони арманро низ дар бобати шӯҳрати ин достон ва инъикоси онро дар асарҳои муаррихони аҳди қадими арман то ҷое муайян намоем. Сайри гӯишҳои қиссаи машҳури шарқӣ қариб дар тамоми «Таърих»-номаҳои муаррихони арман дар ҳар шакл вомехӯрад ва дар ҳақиқати ҳол, тавассути осори муаллифони Арманистони аҳди қадим ин қисса аз корнамоӣ ва лашкаркашиҳои Хусрав дар Арманистони бузург ва ҳамсари ӯ маликаи арман аз аср ба аср, аз забон ба забон ва аз китобе ба китоби дигар гузаштааст. Ҳар як муаллифи арман ба таври худ ин қиссаро нақл кардаву ба бозояндагон ба мерос мондааст. Коркард ва муносибати интиқодӣ ба сайри таърихии қисса ва гӯишҳои он (албатта, дар такя ба осори муаллифони аҳди қадими арман), хусусан дар нимаи дуюми асри XIX рангу ҷилои нав гирифт. Бо ташаббуси олимони арманшинос К.П. Патканов, Н.О. Эмин, С. Т.Малхасян тадқиқ ва тарҷумаҳои нав ба нави ёдгориҳои аҳди қадими арман, «Таърих»-и Мовсес Хоренатсӣ, «Таърих»-и Егише,

https://bikhon.tj/

«Таърих»-и Себеос, «Таърих»-и Мхитар ва ғ. умри дубора ёфтанд ва дастраси аҳли таҳқиқ гардиданд. Мусташриқ Л.М. Меликсет – Беков дар мақолаи худ (149, 1092-1098) аз хусуси қимати адабӣ ва таърихии осори муаллифони арман ва мавқудияти сужетҳои эпикии эронӣ дар эҷодиёти лафзӣ ва адабиёти хаттии арман баҳс карда, архетипи достони «Хусрав ва Ширин»-ро мавриди тадқиқ қарор медиҳад. Дар мақолаи мазкур ба таври муқоиса овардани қисматҳои алоҳида аз сужаи достони «Хусрав ва Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ (масалан, тасвири сафари Шопур ба Арманистон, нақл дар бораи Шабдиз ва ғ.) бо гуфтор дар бораи Ара Прекрасный, Шамир ва баъзе лаҳзаҳо аз эпоси «Довуди Сосунӣ», ба назари мо, дар мавриди омӯзиши шабоҳати сужаҳо аҷиб аст. Ҳамчунин дар бобати равшан намудани муносибат ва шиносоии Низомӣ бо ҳаёти Арманистони асрҳои миёна муаллиф хулосаҳои ҷолиб дорад. Дар айни замон дар мақолаи муаллиф баъзе фикрҳои баҳсталаб ҷой гирифтаанд, ки зикрашон равост.

Л. М. Меликсет-Беков менависад, ки «...адабиёти аҳди қадими арман ягон намунаи тарҷумаро аз адабиёти шоҳаншоҳии Эрон (ҳамчунон гурҷӣ) нигоҳ надоштааст, вале навиштаҳое дар эҷодиёти шуарои арман аз намунаҳои осори манқула, образ ва гӯишҳои эпикӣ боқӣ мондаанд, ки ба солҳои 70-и садаи XIX иттифоқ меафтанд. Инҳо достони Рустами Зол, Юсуфу Зулайхо, Лайливу Маҷнун ва ғ... мебошанд. Шоирони арман Константин Ерзнкатсӣ (асри XIV), Ованес Тлкуранси (асри XV), Сайёди Наво (асри XVII) ва дигарон ба ҳамин монанд образ ё гӯишҳоеро дар назар доранд, ки ғолибан аз сужаи эпикии эрониасл боқӣ мондаанд» (149, 1092-1098). Дар ин фикри муҳаққиқ ашёи баҳс он аст, ки ӯ умуман мавқудияти ягон навъи тарҷумаро, ки аз намунаи адабиёти шоҳаншоҳии Эрон ба забони арманӣ бошад, рад мекунад. Ҳуҷҷатҳои мавҷуда, баръакс, нахустин намунаҳои тарҷумаро аз забони форсӣ ба забони арманӣ ҳанӯз дар «асри тиллоӣ»-и арман, асри V ишора мекунанд. Дар ҳаёти адабӣ ва фарҳангии Арманистони асрҳои V ва баъд қариб ягон соҳаи фаъолияти инсонӣ намонда буд, ки

https://bikhon.tj/

тавассути тарҷума аз забонҳои юнонӣ, румӣ, суриёнӣ ва форсӣ воқиф нагардида бошад. Барҳақ мувофиқи нишондоди муҳаққиқони тарҷумашинос, беҳтарин намунаҳои тарҷума ба забони арманӣ ба доираҳои фарҳангии Арманистони аҳди қадим тааллуқ дорад ва нахустин китоб ба забони арманӣ китоби тарҷума буд ва Саак, Маштос аз мутарҷимоне буданд, ки нахустин хишти мактаби тарҷумаро дар Арманистон гузоштаанд. Аз ҷумла: «Саак ба забони арманӣ ҳақиқати падарони муқаддасро тарҷума мекард»... Ҳамчунин «дар ҳоли ҳозир бисёр мушкил аст аниқ кардан, ки дар садсолаҳои аввали инкишофи адабиёти мо чӣ қадар осори тарҷума мавҷуд буд. Муаллифони тарҷума ва замони он низ номаълум. Бисёр тарҷумаҳо гум шуданд. (6, 61-64).

Фикри дигари баҳсталаб дар мақолаи Л. Меликсет-Беков он аст, ки ӯ мавҷудияти намунаҳои адабиёти тоҷику форсро дар ҳаёти адабии Арманистон фақат ба солҳои 70-уми асри гузашта нисбат медиҳад. Вале ҳақиқат он аст, ки мардуми арман ба намунаҳои шоҳкориҳои адабиёти қадим ва асримиёнагии тоҷикон, «фарзияҳои фолклории сужаҳои эпикӣ», намунаҳои назму насри классикии тоҷик, асотир ва китоби муқаддаси «Авасто», бо намунаи сурудҳои динӣ ва ғ... хеле барвақт шинос бул. Ин шиносоӣ тавассути асарҳои тарҷума, истиқболи сужаву сайри образҳо, анъана ва таъсири адабӣ дар ҷараёни маърифати бадеии халқ сурат гирифтааст. Ҷустуҷӯҳо маълум намуданд, ки дар тамоми давраҳои инкишофи адабиёти арман намунаҳои адабиёти форсу тоҷик ҳам дар тарҷума, ҳам дар нусхаи асл мавриди таваҷҷӯҳи доираҳои адабии Арманистон гардида будаанд...

Адабиётшинос Л.Мкртчян менависад, ки «ходимони илму фарҳанги асримиёнагии арман ба туфайли забондонии худ имконият доштанд, ки ба намуна ва дастовардҳои халқҳо ва адабиёти дигар дар нусхаи асл шинос шаванд. Онҳо дастнависҳои суриёнӣ, юнонӣ, лотинӣ, форсӣ, дертар арабӣ ва фаронсавиро мехонданд. Аз ҳамаи ин забонҳо вобаста ба тақозо ва ниёзмандии маънавии халқ тарҷумаҳо низ анҷом дода мешуданд» (164, 28). Ин нуқта бебаҳс аст, ки

https://bikhon.tj/

дар ҳамсоягӣ зиста, муқими як давлати маъмурӣ шуда, арманҳо аз замонҳои қадим бисёр шохаҳои осори манқулаи эпикии форсиро истифода мекарданд. Ҳамчунин дар асрҳои баъд ба шарофати нуфузи забони форсӣ дар Арманистон намунаҳои назму насри форсу тоҷик, хусусан «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва ҳикояҳо аз «Калила ва Димна» дар нусхаи аслу тарҷума паҳн шудан гирифтанд. Дар асрҳои X-XIII, ки қуллаи ошноии халқи арман бо адабиёти тоҷик аст, «шоҳномахонӣ» ба забонҳои армануву форсӣ ба дараҷаи аъло расида буд... Ин кори хайр дар Арманистон ба дараҷае истиқбол ва паҳн шуд, ки аз доираҳои маҳдуди адабӣ баромада, хусусияти оммавӣ гирифт, ки дар ин бора андаке поёнтар таваққуф хоҳем кард.

Шарқшинос Левон Тер-Петросян бар ин ақида аст, ки нахустин тарҷумаи намунаи насри классикӣ – китоби «Калила ва Димна» аз ҷониби Акоп Токатетсӣ дар соли 1614 анҷом ёфтааст: «Ҳарчанд тарҷумаи армании ин ёдгории қадим дер анҷом пазируфт, вале дар як муддати хеле кӯтоҳ он ба дили хонандаи арман роҳ ёфт. Дар асрҳои XVII-XVIII дастнависҳои ин ёдгорӣ бисёр вомехӯрад ва дар байни солҳои 1693-1857 чандин маротиба чоп шудааст. Ҳамчунин тарҷумаҳои туркии бо ҳуруфи арманӣ ва арабӣ анҷомёфта ба чашм мерасанд.» (237, 46).

Арманистони асрҳои миёна аз давраи салтанати Сосониён, дурусттараш аз давраи шоҳии набераи Сосон – Ардашери Бобакон ибтидо гирифта, расман дар давраи салтанати Шопури I, ки Арманистони ин давра дар моварои ҳаёту мамоти муборизаҳои Эрону Бизонз монда буд, ташаккул меёбад. Ҷангҳо ва ғалабаҳои паи ҳами Сосониён ба муқобили империяи Бизонз – шурӯъ аз соли 233 то 296 дар ҳудуди Арманистон ва гоҳ-гоҳ берун аз он – самти шимолии дарёи Кура ва қисмати шимолии Гурҷистону Иверия ва Албанияи Қафқозро фаро гирифта, ҷанг соли 299 дар ҳудуди Арманистон бо ғалабаи лашкари шоҳ Тирдоди III хотима меёбад.

Истиқлолияти мутлақи Арманистон дар шинохти дину оин баъди андаке, соли 301 низ эълон гардида, аз ин баъд давраи ташаккули дини насронӣ оғоз мешавад. Ташаккули

https://bikhon.tj/

Арманистони насронӣ ва таълимоти шохаи григорианӣ дар Арманистон ба дараҷае истиқлолияти халқу мамлакатро дар роҳи шинохти воқеияту сарнавишти худшиносии таърихии арманҳоро таъмин кард. Ин падидаи маърифати ирфонӣ ва ақлонӣ дар андак вақт ҳамаи муҳиту зеҳну шуурро фаро гирифт, шароитҳои таърихии пайдоиш ва ташаккули таълимоти насронӣ дар Арманистон ба фаъолияти Григори маорифпарвар (Лусаворич) алоқаманд буда, дар ҳаёти адабӣ ва фарҳангии халқи арман як шохаи адабиёт, дурусттараш адабиёти агиографи-динӣ ташаккул ёфт, ки бузургтарин намояндагони он – Григор Нарекатсӣ, Мхитар Гош ва Нерсес Шноралӣ буданд.

Новобаста ба шароит ва ба муҳити нави диниву шинохти ақлонӣ гаравидани арманҳо дар шуур, урфу одат ва руҳу равон, тарзи зисту зиндагии халқ, хоҷагӣ, заминдориву чорвопарварӣ ва унсурҳои анъанаҳои халқҳои форс нақш гузошта, дар дилу шуури онҳо ангезаҳои таърихӣ ва омилу аносири бозшинохти форсӣ монда буд. Сохти ҷомеа, давлат ва давлатдорӣ дар ин давра, ба қавле, ҳанӯз форсӣ буд ва ифодаву вожа ва таркибҳои форсӣ бунёди коргузорӣ ва истилоҳоти арманҳоро муайян мекард. Ба ибораи дигар, бисоти онҳо, ончӣ ки доштанд, форсӣ буд. Масалан, истилоҳотӣ ҳарбӣ, сарҳанг ва сарфармондеҳҳо бо унвонҳои спарапет, зоравар, сператилат, масоили хоҷагии қишлоқ ва андозро ҳазорапет, шахси асосӣ дар дарбор, ки аламдор ва аламбардор бошад тағадир (тақдир), ҷондорро малхаз, ва ғ... мегуфтанд. Ҷамъияти Арманистон ба ду тақсим мешуд: озодон ва ғайриозодон (азатан ва аназатан). Асилзодагонро озодон мегуфтанд ва қисмату қишри калони аҳолӣ ва ҷомеаи арман озод, озода, озодон буд ва аназат намояндаҳои қишри меҳнатии ҷомеа маҳсуб мешуд.Ҳамчунин истилоҳоти ифодагари хонигарии арманҳо буд, ки бо номҳои нахарар, нахапет, ишхан, тэр, жанутэр машҳур мешуданд. Ифтихорномаҳои ҳукуматӣ ва шоҳӣ унвонҳои форсии гоҳнамак, зоранамак ва ғ... доштанд. 70 намуди ному насаби хонаводагӣ буд, ки намояндаҳои ашрофу асилзодагонро ифода мекард, ҷойгоҳи хубро дар дар-

https://bikhon.tj/

бор ва қабули шоҳ таъмин менамуд ва ҳамаи онҳо вожа ва истилоҳоти форсӣ буданд. Дарачаи асилзодагӣ бо вожаи форсии «номус» тамом мешуд ва мақоми расмии ин ё он озод – асилзода буд.

Нахустин ёдгории адабии арман ба даврае рост омад, ки он ҳам китоби тарҷума буд ва тарҷумаи Библия тадриҷан тафаккури халқро дар роҳи худогоҳӣ ва эътиқод бедор карда буд. Таълифи осори адабӣ ва таърихӣ дар ин давра хеле ривоҷ ёфта, ба шумори осори адабӣ, албатта, дар партави адабиёти агиографӣ – осори динӣ дохил ва таърихнигорӣ аз қисматҳои муҳими осори дунявии адабиёти асрҳои миёнаи арман маҳсуб мешуд. Аз ҷумла китоби «Зиндагиномаи Маштос»-и Корюн нахустин китобе буд, ки шумори осори адабӣ ва таърихиро дар асри V пур мекард. Китоби дигар «Таърих»-и Агафангел аст, ки он ба фаъолият, корнома ва талошу муборизаҳои Ардашери Бобакон-асосгузори сулолаи Сосониён бахшида шудааст. Муаррихи дигари асримиёнагии арман Лазар Парбетсӣ – охири асри V дар бораи китоби «Таърих»-и Агафангел изҳори ақида намуда, махсусияти таърихӣ ва адабии онро муайян карда, дар ишора ба аҳамияти таърихии он, ки китоби худшиносӣ ҳам ном гирифтааст, онро «нахусткитоби таърихи Арманистон» меномад ва «Таърих»-и дигарро, ки муаллифаш Павстос Бюзанд, яъне аз Византия буд, «китоби дуюми таърихи Арманистон» арҷ медиҳад ва китоби худашро, ки дар муҳити илмӣ ва фарҳангии Арманистон бо номи «Таърих»-и Павстос машҳур аст, бо номи «Китоби сеюм» ёд мекунад ва он воқеаҳои солҳои 387 то 485 ҳудуди сад солро иборат аз се қисм, даврaҳои ҳукмронии Вардан Мамиконян ва Ваҳагн Мамиконянро дар мубориза ба муқобили сулолаи Сосониён дар бар мегирад. Саҳифаҳои ду асри минбаъдаи таърихи Арманистон бо ҷангу ҷидол, муборизаҳои озодихоҳии онон дар кашмакашҳои таърихии империяи Сосониён, Бизонз ва ҳучуми арабҳо хотима меёбад, ки Арманистон дар байни ин ду империяи бузурги Сосониёну Бизонз ва халифаи араб аз даст ба даст мегашт.

https://bikhon.tj/

Асрҳои миёна чун давраи махсуси ташаккули адабиёт ва фарҳанги халқҳои тоҷик ва арман ба ҳисоб меравад. Хусусияти умумидиҳандаи адабиёти давраи асрҳои миёна, пеш аз ҳама, дар он аст, ки адабиёт дар роҳи инкишофи муштарак соҳиби қонунияти худ гардид. Дар ин давраи ташаккул, хусусан адабиёти арман ба як шохаи пешрави тафаккур табдил ёфта, дар заминаи адабиёти қадим ва таъсири фарҳанги форсу юнону рум инкишоф ёфт. Тавлиду ташаккули жанрҳои адабӣ, навъҳои он, сужаҳои ҳамгун, образу мавзӯъҳо махсусияти миллии ин адабиётро муайян намуданд. Дар заминаи асотир ва эпосҳои халқӣ (масалан, эпоси «Довуди Сосунӣ» ва тасвири муборизаи халқ ба муқобили ҳуҷуми арабҳо) дар адабиёти асрҳои миёнаи арман жанру навъҳои мавҷудаи пешин кор карда шуд. Ҳамчунин ба майдони фаъолият омадани силсилаи шоирон боиси на танҳо инкишофи адабиёт, балки рангорангии он дар мавзӯъ низ гардид. Худи пайдоиши эпоси «Довуди Сосунӣ» чун охирин ва дар айни замон ҳалқаи пайванди адабиёти асрҳои VII ва X – давраи дигари инкишофи адабиёт маҳсуб шудааст. Ҳам адабиёти арман, ҳам адабиёти классикии форсу тоҷик ба давраи нав – давраи Эҳё ворид шуданд. Бояд қайд кард, ки моҳият ва хусусияти адабиёти давраи Эҳёи халқҳои арману тоҷик аз ҷониби олимони Арманистон дар асоси маводи адабиву таърихиву фарҳангӣ тадқиқ шудааст. Дар ин кор ҳиссаи акад. М. Абегян, В. Чалоян, А.Шаҳсуварян калон мебошад. Хусусан Шаҳсуварян дар муайян намудани хусусиятҳои адабиёти давраи Эҳёи тоҷику арман хизмати арзанда ба харҷ додааст. А.Шаҳсуварян дар мисоли тадқиқи эҷодиёти Ибни Сино ва умуман дастовардҳои илмӣ ва фарҳангии адабиёти асри X хулосаҳои акад. М.Абегян ва Ш.И. Нутсубидзеро аз хусуси мавҷудияти Ренессанс дар адабиёти асри X-и халқҳои арман ва гурҷӣ тақвият медиҳад. Хулосаҳои муҳаққиқ дар боби адабиёти давраи Эҳё на танҳо қобили қабул, балки, ба фикри мо, баҳси чандинсоларо дар бораи гаҳвораи Ренессанс хотима додаст. Дар тадқиқоти олим фикри ҷолиби дигар он аст, ки ӯ мавҷудияти адабиётро ба забони форсӣ чун заминаи Эҳёи Шарқ аз осори муар-

https://bikhon.tj/

рихони Арманистони қадим меҷӯяд. «Аз мавҷудиёти адабиёти бадеии форсӣ ҳамчунин манбаъҳои арманӣ дарак медиҳанд, ки дар ин боб олимони тоҷик ҳанӯз хомӯшанд. Аз сарчашмаҳои арманӣ дар тавсиаи ин нуқтаи назар ҳамоно «Таърихи Арманистон»-и муаррихи асри V Мовсес Хоренатсиро метавон ном бурд... Ин сарчашмаи таърихӣ ба ҳукми як манбаи пурқимат аз мавҷудияти адабиёти форсу тоҷик дар Арманистон шаҳодат медиҳад. Дар ин бора нависандагони Юнон Геродот, Ктесий, Элиян ва дигарон низ хабар доданд. Охирин коркарди ин асарҳоро мо дар як қатор таълифоти муаррихони араб, ҳамчунин дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мебинем» (294, 41).

Аветик Шаҳсуварян мавҷудият ва густариши адабиёти бадеиро ба забони форсӣ дар Қафқоз, аз ҷумла Арманистони асри X аз манбаъҳои таърихнигорони асримиёнагии арман меҷӯяд. Ӯ дар асари пуразриши дигари худ меорад ки: «Сарчашмаҳои арманӣ дар ин давр (асри X – А.Д.) аз мавҷудияти адабиёт ба забони тоҷикӣ шаҳодат медиҳанд, ки мутаассифона, аз ин то кунун муҳаққиқони тоҷик бехабаранд». (292)

Афкори муҳаққиқ дар бобати интишори намунаҳои адабиёти форсу тоҷик дар Арманистон, албатта, бебаҳс аст. Сабаби ин ҳамоно нуфузи забони форсӣ дар Арманистони аҳди қадим ва асрҳои миёна мебошад, ки дар ин бора борҳо сухан рафт. Ва ғолибан аз нахустин шуаро, ки эҷодиёташ ба ҳукми намунаҳои назми форсӣ ба Арманистон расида, дар ҳавзаҳои адабии Қафқоз, аз ҷумла дар муҳити адабии арманизабон шӯҳрат ва ҳамоҳангӣ пайдо кард, ин эҷодиёти ду шоҳсутуни адабиёти классикии форсу тоҷик устод Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ буд. Шӯҳрати «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ баъди таълиф дар Арманистон ба дараҷае буд, ки аллакай дар асрҳои XI-XII дар вазни ин достон асар эҷод кардаву дар пайравии «Шоҳнома» шеър мехонданд. Ва ин иқдом тахти таъсири адабиёти форсу тоҷик оғоз гардида, дар асрҳои минбаъда ба ҳукми анъана ва як рукни суннатии адабиёти асрҳои миёнаи арман табдил ёфт.

https://bikhon.tj/

Намунаҳои тарҷумаи ашъори Рӯдакӣ дар адабиёти асрҳои миёнаи арман, мутаассифона, боқӣ намондааст. Ҳамчунин интишори шеъри Рӯдакӣ ба забони асл дар адабиёти ин давраи арман то кадом поя буд, ҳанӯз торик аст. Адабиётшинос Р.Абрамян дар асари худ «Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» дар боби «Асри Фирдавсӣ» дар мавриди тарҷумаи қасидаи «Бӯи ҷӯи Мӯлиён...» овардааст, ки адабиёти аҳди Рӯдакӣ (ғолибан шеъри Рӯдакӣ дар назар – А.Д.) дар ташаккули назми асримиёнагии арман таъсир расондааст». (7)

Е.Э. Бертельс бошад ҷуғрофияи паҳншавии адабиёти тоҷику форсро дар асрҳои миёна чунин муайян карда буд: «...адабиёти форс дар чор самти асосӣ паҳн шудааст, ки ҳар як аз ин дорои махсусият аст. 1)Закавказе (Аррон, Шарвон. Гурҷистон, Армания), 2) Осиёи Миёна (Хоразм, Бухоро, Балху Ғазна), 3) Эрон, Ироқи Форс, доманаи Хазар, Форс, Ҳамадон, Систон, 4) Ҳиндустон.» (32, 265).

Е. Э. Бертелс ба ҳамин махсусияти инкишофи интишори адабиёти форсии тоҷикӣ дар аҳди мазкур ишора карда, ҷуғрофияи интишори адабиёти тоҷикро аз омилҳои дигари айнии таърихӣ медонад ва дар хулоса ва тавсеаи қазияи худ аз ду омили интишори адабиёт ба забони форсӣ сухан ба миён меорад, ки омили аввал ҳамоно тавсеаи ҷуғрофӣ ва ҳудуди интишору таъсири он аз соҳилҳои баҳри Миёназамин то Ҳинд аст, ки адабиёти мазкур бо эҳтимоми «халқҳои бисёре» офарида шудааст.

Василаи дуюм он аст, ки ин адабиёт воҳиди том аст. Тамомияти он танҳо аз сабаби дар як забон офарида шудани он ҳам нест. Тамомият ва рангорангӣ дар пайванди мустақим ва таъсири мутақобилаи ҳамаи шохаҳои он ифода меёбад.

Бо шаҳодати сарчашмаҳо, асри Х давраи нубуғи шеъри тоҷикӣ ва имкониятҳои бемисли на танҳо равнақ, балки интишору густариш ва таъсири адабиёти классикии форсу тоҷик ба чандин адабиётҳо ва ҳавзаҳои адабӣ ва фарҳангии султаи забони форсӣ, аз ҷумла Озарбойҷон, Шарвон, Гурҷистон ва Арманистон аст. Маҳз нуфуз ва таъсири забон

https://bikhon.tj/

ва адабӣ форсӣ дар муҳит ва ҳавзаҳои адабии мухталиф боиси на танҳо инкишофи хусусан назм дар ин минтақаҳо гардид, балки шоирон то ҷое шаклҳо ва жанрҳои адабиёти форсу тоҷикро пазируфтанд. Вобаста ба густариши забони форсӣ ва ҷараёни ҳар чӣ бештар хӯ гирифтани шоирони озарбойҷониву гурҷиву арманӣ ин як майли табиӣ ва, амалан, дар қофия шеър гуфтан хоса барои шуаро ва дар маҷмӯъ барои таърихи адабиёти ин минтақа тақлид ва пайравӣ не, балки падида буд. Маҳз ҳамин нуфуз, ғано ва қудрати забон ва адаби форсӣ дар даврони Рӯдакиву Фирдавсӣ ва тағйироти кулливу чашмрас дар таърихи тамаддуни бисёр халқҳо, аз ҷумла Осиёи Марказӣ олимонро водор кард, ки қазияҳои нав ва бардоштҳои ҷолиб пеш оранд.

Густариши адабиёти классикии форсу тоҷикро дар асрҳои миёна дар кишварҳои гуногун, бар иловаи нуфузи забони форсӣ ва дастрас будани адабиёти асил дар нусхаи асл як майли табиӣ ва ниёзмандии маънавии мардум ҳисоб кунем, пас дар худи асрҳои миёна дар гӯшаҳои гуногуни дунё, аз ҷумла Осиёи Миёна пайдо шудани арманҳо бо адабиёту фарҳанги худ ҳукми таърих аст. Ҳуҷуми урдуҳои салчуқӣ тухми халқи арманро ба атроф пош дод ва ин ҳодисаи таърихӣ боиси парокандагии навбатии (баъди истилои арабҳо) халқ ва адабиёту маданияти арманҳо гардид. Аз ҷониби дигар, сукунати арманҳо дар Осиёи Миёна имтизоҷи таърихиву фарҳангиро ба амал овард, ки он на танҳо чун санади таърихии ворид шудани падидаҳои фарҳангии халқи арман ба Осиёи Миёна маънидод шуд, балки дар айни замон барои асрҳои минбаъда дар байни ду ё якчанд адабиёти миллӣ шароити наздикшавӣ, баҳамомезӣ ва ниҳоят, ташаккул ва рушди муштаракро ба амал овард. Аз ин ҷо ба фикри Г. Н.Поспелов, ки инкишофи адабиёти ҳар гуна халқро дар асоси муқоисаи даврагии адабиёт бефоида ва дар чунин раванд тадқиқи муқоисавии адабиёти миллиро хеле душвор, балки номумкин медонад, розӣ шудан мумкин нест. Ӯ менависад: «Барои адабиётшиносии умумӣ фақат як хулосаи зарур лозим – ин ё он давраи ташаккули адабиёти халқҳои гуногун дар замонҳои гуногун

https://bikhon.tj/

мегузарад. Аз ин рӯ, дар муқоиса омӯхтани даврањои адабиёт кори беҳуда аст. Ин бошад сатҳи омӯзиш ва тадқиқи муқоисавии адабиёти миллиро сахт душвор мегардонад». (193, 25)

Лекин мо мебинем, ки таърихи адабиёти асримиёнагии халқҳои арман ва тоҷик барои масъалаҳои назарии омӯзиши умумии таърихӣ ва иҷтимоӣ маводи зарурӣ медиҳанд. Дар айни замон то ҷое муайянкунандаи самти инкишофи ин ё он адабиёт маҳсуб меёбанд. Ҳарчанд муҳаққиқ бар он буд, ки «пайвандҳои адабӣ бо вуҷуди аҳамияти худ ифодагари қувваи асосӣ дар инкишоф ва муносибатҳои адабиёти миллӣ нестанд».(193, 21)

Дар асоси ин қадар мавқеъ надоштани адабиёти гуногуни миллӣ дар ҷараёни равобити адабӣ, албатта, ба чунин хулоса омадан мумкин нест, ки ҳар адабиёт дар роҳи инкишофи худ «танҳо» бошад. Вазифаи адабиёт дар ҳамаи давру замонҳо тарбияи инсон, васфи зебоиҳои ҳаёт ва ифодаи дарду ниёзҳои инсон буд. Адабиёт дар асрҳои миёна ҳамон вазифаеро бар ӯҳда дошт, ки имрӯз ҳам дорад. Вобаста ба ниёзи маънавии инсон ва набзи ҷамъият вазифаи адабиёт низ муайян мешуд.

Аз ин ҷо бурди адабиёти тоҷик дар асрҳои миёна асосан аз он иборат буд, ки ба туфайли нуфузи забони форсӣ, он ба адабиётҳои дигари пешқадам ва собиқадор, аз ҷумла адабиёти гурҷӣ ва арман таъсири бештар расонд.

Таъсири адабиёти классики форсу тоҷик ба адабиёти халқҳои Қафқоз, аз ҷумла адабиёти арман, ба гумони мо, ҳамоно дар густариши забон ва адабиёт бештар ҳис мешавад. Ҳамчунин, чӣ хеле, ки аз таърихи адабиёти асримиёнагии арман бармеояд, адабиёти арман дар ин давра хусусан шаклҳои назми форсиро хуб қабул кард. Гурӯҳи калони шоирони адабиёти асримиёнагии арман, чун синтези назми Нарекатсӣ ва созмони образҳои ӯ ба қабули шаклҳои шеъри форсӣ тайёр шуда буданд. Аз ин ҷо, агар дар шеъри Нарекатсӣ татбиқи қофияро дар мисоли «Андӯҳнома» ва истифодаи шаклу жанрҳои адабии таг, шаракан, айрен ва ғ. бинем (масалан, дар боби 26-и сурудҳои «Андӯҳнома», ки

https://bikhon.tj/

саропо дар тасвир ва тавсифи зан мебошад, шоир ба қофия рӯ овардааст (176, 96-98) ва бобҳои дигар), пас дар эҷодиёти шуарои минбаъда, масалан, Григор Магистрос, Нерсес Шноралӣ ҳам таъсири Нарекатсӣ ва ҳам таъсири назми арабу форсро мушоҳида мекунем. «Дар ҷараёни таълифи асарҳои худ Нерсес Шноралӣ таъсири пурзӯри «Андӯҳнома»-и Нарекатсиро ҳис кард. Аз тарафи дигар, дар қабули аносири шаклӣ ӯ аз дунболи Григор Магистрос рафт ва «Ҳазормисраъ»-и Магистросро дар шаклу мазмун пайравӣ намуд ва дар ҳаҷми чор ҳазор мисраъ асаре офарид дар як қофия» (6, 388).

Шароити таърихии тасвири ҳақиқати ҳаёт дар адабиёти асрҳои X-XIII арман, баробари нафаси гарми эҳё пайдо шуд.Ҳарчанд муайянкунандаи асосии самтҳои инкишофи адабиёти асрҳои X-XIII чун адабиёти асрҳои собиқаи худ офаридани сурудҳои динии калисоӣ буданд, бо таъсир ва нуфузи адабиёти классикии форсу тоҷик, ҳамчунин вуруди шаклҳои шеърии он дар мавзӯъ ва мундариҷаи шеъри арман таҳаввулот ба назар расид. Албатта, таҳаввулоти шаклу мазмунро дар шеъри арман, маҳз ба туфайли таъсири шеъри форсӣ-тоҷикӣ маънидод кардан он қадар хулосаи солим ҳам нест, вале дар ҳавзаи адабии Қафқози асрҳои миёна (то истилои муғул) густариши адабиёту фарҳанги форсу тоҷик ва бо намунаҳои ин адабиёт шинос будани аҳли адаби арман, то ҷое, ки Носири Хусрав ва сарчашмаҳои дигар, аз ҷумла арманӣ моро бовар мекунонанд, ҷои шубҳа надорад. Носири Хусрав яке аз нахустин шоир ва мутафаккирони тоҷик аст, ки ба Арманистон ва ноҳияҳои мухталифи он сафар кардааст. Чандин саҳифаҳои «Сафарнома»-и ӯ ба тасвиру тавсифи муфассали шаҳру ноҳияҳои Арманистони асрҳои миёна бахшида шудаанд. Таассуроти Носири Хусрав аз сафари Арманистон, дидаву шунидаҳои ӯ дар гӯшаҳои гуногуни мулки Арман, муносибати ӯ ба мардуми арман ва тасвири ҳаёти халқи арман дар «Сафарнома» хулосаи моро бори дигар дар боби нуфузи забони форсӣ ва ба ин восита, сайри адабиёти тоҷик ва таъсиру эътибори он дар Арманистони асрҳои миёна тақвият медиҳад.

https://bikhon.tj/

Носири Хусрав аз шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ, мазҳабӣ ва фарҳангист, ки ба иттифоқи аҳли назар, дар сафи пешқадамтарин уламои ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла Е.А. Бертелс ҳанӯз соли 1933, баъди мутолиа, омӯзиш ва ба чоп тайёр кардани «Сафарнома» ва бардошт аз осори Носири Хусрав ӯро «яке аз донишмандтарин одамони замони худ» номида буд.

Ҳамчунин доктор Алис С. Ҳонсбергер дар тадқиқи худ «Носири Хусрав – лаъли Бадахшон» дар шинохти Носири Хусрав ва мухтасоти таърихӣ ва адабии «Сафарнома» чанд саҳифа ҷудо карда, ҷойгоҳи воқеии «Сафарнома» – ро дар осори шоир муайян ва ҷое садамаҳои сарнавиштии онро мушаххасан бозгӯ мекунад. Яъне он чӣ аз тадқиқоти доктор Алис ва аз нахустин таассуроташ дар муқаддима ва ин китоб бармеояд, он аст, ки «...забони сарви рост ва ҳатто пуррафт ва нармаш танҳо гоҳе барои лаҳзае чанд аз эҳсосоти шахси худ барои хонанда сухан мегӯяд». Баъдан аз таърихи интишори «Сафарнома» ва гунаҳои тарҷумаи он ба забонҳои дигар, аз ҷумла фаронсавӣ, сухан ба миён оварда, дар боби алоҳида ба унвони «Сафарнома» аз «Сафарнома»-и Носири Хусрав муфассалтар ёд ва баррасиҳои ҷолиб мекунад. Ӯ меорад, ки «Носир Хусрав дар «Сафарнома» гузоришоте аз сафари ҳафтсолаи худ аз зодгоҳаш дар Хуросон то Миср ва бозгашташ ба ватан овардааст. Вай дар ин ҷо шеваи шахсӣ пеш мегирад...

Аз рӯи шавоҳиди дарунӣ метавонем истинбот кунем, ки «Сафарнома» – ро замоне баъдтар аз ёддоштҳое, ки дар тӯли сафар бардошта буд, навиштааст. Носири Хусрав, ки то насри нисбатан содае менависад, эътимоди хонандаро бо тавсифҳои сода ва бекиноя ва саррости худ аз шаҳрҳо ва қасабаҳо ҷалб мекунад...

...Мутаассифона, гузоришҳое, ки инчунин дар дидаҳои чашмони тезбин ва бошафқати Носири Хусрав, ки бар рӯи ҳамаи дастовардҳои меъморӣ ва идорӣ боз буда, нишот гирифтааст, дар дунёи исломӣ мухотабон ва хонандагони зиёде пайдо накард. Бетардид, «Сафарнома» дар фарҳанге, ки ҳанӯз забони арабӣ забони муштараки табақаи рӯшанфикр

https://bikhon.tj/

буд, аз ин ки ба забони форсӣ навишта шуда буд, садамаи бисёре дид, аммо бештар аз он шояд ба хотири тавсифи шукӯҳмандиҳои муваффақияти сиёсии исломиён зиёне бар он ворид омад»...ва ғ.

Аз иқтибоси мазкур чанд сабаби асосии хусусан дар асрҳои миёна шӯҳрат наёфтани «Сафарнома» ва «садамаи бисёре» дидани он аниқ мешавад.

1. Чун «забони арабӣ забони муштараки табақаи рӯшанфикр ва мутафаккир буд», бинобар ин вазъияти рӯҳии Носири Хусравро ҳангоми таълифи он фаҳмидан мумкин аст. Яъне дар замоне, ки забони арабӣ ҳанӯз султаи комил дошт ва салтанати туркони Салҷуқӣ низ беш аз пешу рӯз аз рӯз шиддат мегирифт, ба забони форсӣ асар таълиф кардан хавфе надошта бошад ҳам, аз нависанда ҷасорат мехост.

2. Ҳамон ихтилофи мазҳабӣ, ки Носири Хусрав дар «Сафарнома» асосан сиёсат ва манфиати шукӯҳмандиҳои муваффақияти исмоилиёнро ҳимоя кардааст, бинобар ин ҳарчанд Носири Хусрав дар саросари асар ва шахси худашу сарнавишту пешомадҳояш беғараз («маро дар ин ғаразе набуда») ҳикоят мекунад, фаҳмидан душвор нест, ки нақли ӯ майле агар ба мухтасоти ҷуғрофӣ биёмехта бошад, асосан ҳадафҳои мазҳабии ӯро ифода кардааст.

Дар даврони шӯравӣ осори Носири Хусрав, тавре ки гуфтем, диққати олимони бисёреро ба худ ҷалб кард, ки устод Айнӣ, Е.Э. Бертелс, Лутфулло Бузургзода, Холиқ Мирзозода аз чумлаи онҳо буданд. Аз чумла Лутфулло Бузургзода дар маколаи худ «Искатель правды и справедливости» баъди устод Айнӣ диққати шарқшиносони шӯравиро ба ҳаёт ва эҷодиёти Носири Хусрав, хусусан ба «Сафарнома» ҷалб намуда, бо як ҷасорати тамом аҳамият ва махсусияти сирф таърихӣ ва адабии «Сафарнома»-ро барои адабиёт ва фарҳанги хусусан халқҳои Осиёи Марказӣ ва Шарқи наздик ба таъйид расонд ва минбаъд «Сафарнома» дар таърихи адабиёти баъди Носири Хусрав то имрӯз ҷойгоҳи воқеии худро ёфт.

Сафари тӯлонии Носири Хусрав, ки аз масофати роҳи ду ҳазору дувисту бист фарсанг буд (17.000 км.), 23 шаъбони

https://bikhon.tj/

санаи 437 (мутобиқ ба 6 марти соли 1046) бо бародараш Абӯсаид ва як ғуломи ҳинду оғоз гардида, ӯ аз роҳи Сарахс, «рӯзи шанбе, ёздаҳуми шаввол (мутобиқ 22-апрели соли 1046) дар Нишопур ба «Қубон», ба «Қумас» мерасад ва дар он ҷо ба «зиёрати шайх Боязиди Бастомӣ» мушарраф мешавад, аз он ҷо ба Домғону Симнон ва аз Балх то ба Рай, Сова, Ҳамадон ва Сипоҳон ва панҷуми муҳаррами санаи чорсаду сию ҳашт (мутобиқи 12-июли соли 1046) «ба ҷониби Қазвин равона» шуда... ва ба «деҳаи Куҳа» мерасад. «Дувоздаҳуми муҳаррам (18 июл) аз Қазвин бирафтам ба роҳи Бел ва Қубон, ки рустоҳои Қазвин аст...» ва аз он ҷо ба деҳае, ки Харзавил хонанд ва аз «Шоҳрӯд» ба деҳе, ки Хандон мегуфтанд» – роҳ мегирад.

«Аз Хандон то Шамирон» ва «бисту шашуми муҳаррам (3 – августи соли 1046) аз Шамирон... ба шаҳри Сароб бирафтам ва аз Саъдиобод гузаштам, бистуми сафари санаи чорсаду сию ҳашт (20 – августи соли 1046) ба шаҳри Табрез расидам ва он шаҳр қасабаи Озарбойҷон аст, шаҳри ободон, тӯлу арзаш паймудам ба гом, ҳар як ҳазору чаҳорсад буд», – мегӯяд ӯ.

«... дар Табрез Қатрон ном шоире дидам, шеъре нек мегуфт, аммо забони форсӣ неку намедонист, пеши ман омад. Девони Мунҷиқ ва девони Дақиқӣ биёварда ва пеши ман бихонд ва ҳар маънӣ, ки ӯро мушкил буд, аз ман пурсид, бо ӯ бигуфтам ва шарҳи он бинавишт ва ашъори худ бар ман хонд».

«Чаҳордаҳуми рабеъулаввал (19 – сентябри соли 1046) аз Табрез равона шудем ба роҳи Маранд ва бо лашкаре аз он амир Ваҳсудон (подшоҳи вилояти Озарбойҷон) то Хой бишуд ва аз он ҷо бо расуле бирафтам то Баркарӣ ва аз Хой то Баркарӣ сӣ фарсанг аст ва дар рӯзи дувоздаҳуми ҷимодиюлаввал (21 ноябри соли 1046) он ҷо расидем ва аз он ҷо ба Вон ва Вустон расидем, дар бозори он ҷо гӯшти хук, ҳамчунин ки гӯшти гӯсфанд мефурӯхтанд ва зану мардони эшон бар дӯконҳо нишаста шароб мехӯрданд ва бе таҳошӣ ва аз он ҷо ба шаҳри Ихлот расидам ҳаждаҳуми ҷимодиюлаввал. Ва ин шаҳр сарҳади мусулмон ва арманиён

https://bikhon.tj/

аст ва аз Баркарӣ то ин ҷо нуздаҳ фарсанг аст. Ва он ҷо амире буд, ӯро Насруддавла гуфтандӣ: умраш зиёдат аз сад сол буд. писарони бисёр дошт, ҳар якеро вилояте дода буд ва дар ин шаҳри Ихлот ба се забон сухан мегӯянд: тозӣ ва порсӣ ва арманӣ ва занни ман он бувад, ки Ихлот бад-ин сабаб номи он шаҳр ниҳодаанд... Бистуми ҷимодиюлаввал (23 ноябри соли 1046) аз он ҷо бирафтам ба работе расидам барфу сармои азим буд...»

«...Аз он ҷо ба шаҳри Батлис расидам, ба дарае дар ниҳода. Он ҷо асал харидем сад ман ба як динор даромад буд ба он ҳисоб, ки ба мо бифурӯхтанд. Ва гуфтанд дар ин шаҳр кас бошад, ки ӯро дар як сол сесад – чорсад хик асал ҳосил шавад. Ва аз он ҷо бирафтем, қалъае дидем, ки онро «Қиф – унзур» мегуфтанд, яъне «биисту бингар». Аз он ҷо бигузаштем, ба ҷое расидем, ки он ҷо масҷиде буд, мегуфтанд, ки Увайси Қарнӣ сохтааст. Ва дар он ҳудуд мардумро дидем, ки дар кӯҳ мегардиданд ва чӯбе чун дарахти сарв мебуриданд. Пурсидам, ки «Аз ин чӣ мекунед?» Гуфтанд: «Ин чӯбро як сар дар оташ мекунем ва аз дигар сари он қатрон берун меояд, ҳама дар чоҳ ҷамъ мекунем ва аз он чоҳ дар зуруф мекунем ва ба атроф мебарем. Ва ин вилоятро, ки баъд аз Ихлот зикр карда шуд ва ин ҷо мухтасар кардем аз ҳисоби Миёфориқин бошад. Аз он ҷо ба шаҳри Арзан шудем, ободон ва некӯ буд бо оби равон ва басотин ва ашҷор ва бозорҳои нек ва дар он ҷо дар озармоҳи порсиюн дувист ман ангур ба як динор мефурӯхтанд, ки онро рози Армонуш мегуфтанд. Аз он ҷо Миёфориқин расидем, аз шаҳри Ихлот то Миёфориқин бисту ҳашт фарсанг ва аз Балх то Миёфориқин аз ин роҳ, ки мо омадем, панҷоҳу ду фарсанг буд ва рӯзи одинаи бисту шашуми ҷимодуюлаввали санаи чаҳорсаду сию ҳашт (бистуми ноябри соли 1046) буд ва дар ин вақт барги дарахтҳо ҳанӯз сабз буд» ва ғ.

Дар ин ду саҳифа ба таври мухтасар, вале умда ва нишонрас Носири Хусрав дидаю шунида, таассурот ва саргузаштҳои бевоситаи худу бародарашро (дар матни «Сафарнома» ҷонишинҳои шахсии «ман» ва «мо» муштарак истифода шудаанд) дар Арманистони Бузург аз шаҳрҳо,

https://bikhon.tj/

деҳу кӯҳистон, табиат, шуғли мардум, забон, урфу одат муносибатҳои одамон аз таърихи 19 сентябри соли 1046 то 20 ноябри соли 1046 – ду моҳи тамом сарзамини Арманистонро тахминан ба миқдори 67 фарсанг ё ба андозаи қариб 540 км. мепаймояд. Масоҳати умумии сафару роҳи тайкардаи ӯ умуман аз Балх то нуқтаи охири Миёфориқин, тибқи «Сафарнома» 552 фарсанг ё 4416 км.-ро ташкил мекунад.

Чӣ тавре ки дар матни «Сафарнома» ҳам дидем, Носири Хусрав аз чандин шаҳрҳои Арманистон ёдовар мешавад, ки Хой, Баркар, Ван, Вустон, Васпуракан, Батлис, Миёфориқин, Арзан, Ихлот, Омад, Маранд аз ҷумлаи онҳост. Қисмати то Арманистон ва баъди онро дар «Сафарнома» нақли ба ҳам пайванду пурмояи якмаром пурра кардааст, вале нақлу тасвири қаламрави Арманистон, ки нависанда меорад, ба назари мо, як мухтасоти сирф зеҳнии муносибати муаллиф ба ашёро дорад. Нақл дар бораи машғулияти мардум паи таъмини зиндагӣ, ки доктор Алис ҳам дар тадқиқоти худ аз он дар сабаби ин шуғл меорад, ба ҳамин хотир аст:

(Дар Армания) мардумро дидам, ки дар кӯх мегардиданд ва чӯбе чун дарахти (сарв) мебуриданд. Пурсидам, ки аз ин чӣ мекунед? Гуфтанд:

«ин чӯбро як сар оташ мекунем ва аз дигар сари он қатрон берун меояд, ҳама дар чоҳ ҷамъ мекунем ва аз он чоҳ дар зуруф мекунем ва ба атроф мебарем». Носири Хусрав чун аз Ихлот ном шаҳре, ки мардумонаш ба се забон: тозӣ, порсӣ ва арманӣ такаллум мекунанд, зикр мекунад, чунин махсусияти номи шаҳрҳо аз сифати аҳолии омехта доштани он (арабҳо, форсҳо ва арманҳо) маънӣ медиҳад.

Аз шаҳрҳое, ки Носири Хусрав ном мебарад ҳамагӣ дар қаламрави Арманистони асрҳои миёнаанд, ки тибқи сарчашмаҳо (масалан «Армянская география VII в.по Р.Х.» СПБ, 1877, 84с.) дар қисмати шарҳи рақами 149 дар байни 213 вилоят ном бурдаву шинохта мешаванд. Дар сарчашмаҳо омадааст, ки «Арманистони Бузург» ба 15 музофот тақсим мешавад, ки инҳоянд: 1. Арманистони баланд, ё худ мамлакати Сангистон, 2. Арманистони чорум,

https://bikhon.tj/

3.Агзник, 4.Туруберан, 5.Мокк, 6. Кордяайк, 7. Форсарманистон, 8. Васпуракан, 9.Арсах (Қаробоғи Кӯҳӣ), 10. Сюник, 11. Пайткаран, 12. Ути, 13. Гургак, 14. Гайк (Ҳайк – Ҳай аз номи таърихии аромина ва исми падари халқи арман ва худи номи мамлакат, – Ҳайастон) ва 15. Арарат.

Тибқи нишондоди сарчашмаҳо, аз ҷумла «Таърих»-и Мовсес Каганкатватсӣ ва «Сафарнома»-и Носири Хусрав Ван ва Вустон аз шаҳроеанд, ки дар Васпуракан, «дар музофоти ҳаштум» ҷойгир шудаанд.

Худи Васпуракан дар ҳудуди ғарбии Форсарманистон 36 вилоят дошт аз ҷумлаи: 1.Рштунӣ, 2. Тосб. 3. Бдунӣ, 4. Арчишаковит, 5.Аговит, 6. Кугановит, 7. Арберанӣ, 8. Дарнӣ, 9. Бухуник, 10. Арнойотон, 11. Адзеватсик, 12. Атрпатуник (Озарбойҷон), 13. Еритуник, 14.Мардастан, 15.Артах, 16.Аке, 17.Метс Албак (Албаки бузург), 18.Андзахадзор, 19.Тарнаван, 20.Чуашрот, 21.Крчуник, 22.Метснупик, 23. Палуник, 24.Гукан, 25.Агуандрот, 26.Пастпаруник, 27.Арташезян, 28.Артанванян, 29.Бакан. 30.Гапитян (Кабудан – дарёчаи Капутан, баҳри Кабудон – бо номи дарёчаи Капутан дар қисмати ҷанубӣ-шарқии вилояти Васпуракан ҷойгир аст), 31.Газрикон, 32. Танкриён, 33.Варажнуник, 34.Гохтӣ, 35.Нахҷувон, 36.Маранд.

Кӯли Ван дар байни ду музофот: музофоти чорум – Туруберан ва музофоти ҳаштум – Васпуракан воқеъ гардидааст.

Битлис аз шаҳрҳои Арманистони Бузург дар асрҳои XI-XII аст. Носири Хусрав мегӯяд: «...аз он ҷо ба шаҳри Битлис расидам, ба дарае дар ниҳода буд. Он ҷо асал харидем, сад ман ба як динор даромад буд ба он ҳисоб, ки ба мо бифурӯхтанд. Ва гуфтанд дар ин шаҳр кас бошад, ки ӯро дар як сол сесад – чорсад хик асал ҳосил шавад...»

Шаҳри Арзан, ки Носири Хусрав «Ободон ва некӯ буд бо оби равон ва басотин ва ашҷар ва бозорҳои нек ва дар ин ҷо дар озармоҳи порсиён дувист ман ангур ба як динор мефурӯхтанд, ки онро рази Армонуш мегуфтанд», – мегӯяд, – аз нахустин вилоятҳои Агзник буд, ки бо вилояти Сосун дар як ҳамворӣ ҷойгир буданд.

https://bikhon.tj/

Шаҳри Миёфориқин, ки Носири Хусрав тасвир мекунад, дар қисмати ғарбӣ бо шаҳри Омад(Амад, Амид) дар як ҳамворӣ ҷой гирифтааст, ки нависандаи мо аз он ҷо гузашта, «рӯзи Одинаи бисту панҷуми ҷимодиюлохири санаи чаҳорсаду сию ҳашт (мутобиқи 28декабри соли 1046) ба Ҳаррону Қурул ва аз Фурот гузашта ба Ҳалаб расидааст...» ва Димишқ. «Аз Миёфориқин то Ҳалаб сад фарсанг бошад», – хулоса мекунад Носири Хусрав.

Ҳамаи ин шаҳру навоҳӣ, қасабаву вилоятҳое, ки Носири Хусрав дар «Сафарнома» ёд мекунаду «арзу тӯлашон паймудам ба гом» – мегӯяд, имрӯз дар қаламрави Туркия, дар ҳамвории пуштакӯҳҳои Арарат – Ҷудӣ ва Масис мондаанд, ки 24 – апрели соли 1915 ба охирин майдони бархӯрди таърихии арманҳову туркони яғмогар дар набардҳои озодихоҳӣ табдил ёфта буд.

Аз он қаламрави Арманистони Бузург, ки замоне 213 вилоят дошт, имрӯз ҳамагӣ се миллион аҳоливу се вилоят боқӣ мондааст.

Бо чунин мӯхтавои таърихӣ, адабӣ, ҷуғрофӣ, мардумшиносӣ ва монанди инҳо «Сафарнома» ба сифати «насри мӯъҷазу тунуквожаҳои рӯзномаи сафарӣ...» шинохта мешавад, ки ҳама маҳсули сафарҳои ӯ аз мулку мамолики ғайр буда ва махсусияти осораш низ чунин сифатҳои бархӯрдор будааст.

Дар тадқиқоти акад.М.Абегян он чиз қобили эътибор аст, ки ӯ дар мавридҳои муайян намудани махсусиятҳои адабиёти арман аз аҳди қадим то асри XV ҷое, ки лозим аст, нақшу таъсири адабиёти форсу арабро дар ташаккул ва таъсири тарафайн бо адабиёти арман ба доираи тадқиқ мегирад. Вале дар тадқиқоти ӯ доир ба масъалаи таъсири шакли назми форсӣ ба адабиёти арман хусусияти фарқкунанда он аст, ки Абегян таъсири адабиёти форсу тоҷикро ба эҷодиёти шуарои алоҳидаи арман ба тариқи мушаххас нишон медиҳад ва хулоса мекунад, ки «вале равобити адабии халқҳои арман ва форс, хоса дар се асри аввал(X-XIII – А.Д.) то ҷое, ки лозим аст, ҳанӯз тадқиқ нашудааст. Ва ин маънии онро надорад, ки шуарои мо аз осори форсизабонон ва сурудаҳои форсӣ

https://bikhon.tj/

бехабар монда бошанд. Дар ҳамсоягӣ ва зиёда аз ин дар ҳудуди як давлат зиста, арманҳо ҳанӯз аз аҳди қадим бо аксарияти шоҳаҳои фолклори эпикии Эрон шинос буданд» (6, 544).

Худ аз худ маълум аст, ки қазияи мазкур диққати муҳаққиқони таърихи адабиётро ба худ ҷалб мекунад.

Яке аз он мақолаҳо, дар масъалаи интишори сужаҳои эрониасл ва таъсири адабиёти форсӣ тоҷик ба эҷодиёти Григор Магистрос аст. Магистрос яке аз аввалин шоироне буд, ки на танҳо ба сайри «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар Арманистон асос гузошт, балки дар мисоли эҷодиёти худ ва истифода аз суннатҳои адабиёти классикии форсу тоҷик оҳангҳои ҳамруҳии ин адабиётро таъмин ва бо ин восита табиат ва рӯҳи таърихиву миллии халқҳои арману тоҷикро ҳис карда тавонист. Ба гумони мо, маҳбубияти Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ дар Арманистон, аввалан ба нуфузи забони форсӣ дар байни халқи арман вобаста бошад, ки ин қазияро борҳо такрор кардем, сониян саъю кӯшиши шоироне чун Магистрос дар роҳи ба ҳам омадани аносири шакли адабиёти арману тоҷик аст, ки дар эҷодиёташон ба чашм мерасад.

Дар таърихи пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман сайри «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар муҳити адабии Арманистон саҳифаи махсус аст.

Дар чунин шароити таърихӣ ба майдон омадани асаре чун «Шоҳнома» на танҳо дар адабиёти классики форсу тоҷик, балки дар тамоми ҳавзаҳои адабии форсигӯ инқилоб ангехт. Халқи арман маҳз дар «Шоҳнома» ҳамчун асари саршори қаҳрамонӣ ва далерӣ, шуҷоат ва мардонагӣ, марздӯстӣ ва ватанпарварӣ ба дардҳои талхи таърихиаш даво ёфт. Дар андак муддат дар ҳавзаҳои адабии Арманистон «Шоҳнома» на танҳо чун асари эпикӣ шӯҳрат пайдо кард, балки чун намунаи олии шеър ва ифодаи тамомияти маҳорати шоирӣ ва намунаи шеъри мардонагӣ ва ватандӯстӣ маънидод шуд... «Шоҳнома»-ро дар Арманистони асрҳои X-XV ҳам ба забони форсӣ, ҳам ба забони арманӣ мардум мехонданд. Мутаассифона, ягон намунаи тарҷумаи армании «Шоҳнома» дар асрҳои миёна боқӣ намондааст,

https://bikhon.tj/

лекин, ба ҳар ҳол шӯҳрат ва сайру истиқболи онро бо он ҳам қиёс кардан мумкин аст, ки «шоҳномахонӣ» дар Арманистони асрҳои миёна ба ҳукми анъана даромада буд. «Шоҳнома» – ро дар маҳфилҳо, дар дайрҳо, дар ҷамъомадҳо мехонданд, дар вазни «Шоҳнома» қисса эҷод мекарданд. Шӯҳрати «Шоҳнома» дар Арманистони асрҳои миёна ба дараҷае расид, ки достонҳои он дар тафаккури халқи арман сахт ҷо шуд ва рафта – рафта «шоҳномахонӣ» ранги оммавӣ гирифт. Адабиётшиносони арман барҳақ яке аз шохаҳои асосии ташаккули назми қаҳрамониро дар адабиёти асримиёнагии арман маҳз ба тавассути таъсири «Шоҳнома» медонанд. Акад. М.Абегян бар он ақида аст, ки таъсири шаклҳои назми форсӣ ба адабиёти асримиёнагии арман асосан баъди шиносоии халқи арман ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ сурат гирифт. Истиқболи оммавии «Шоҳнома» дар асрҳои X-XIII-и ҳаёти адабии Арманистон дар адабиёти арман тағйироти шаклӣ ба вуҷуд овард ва дар қофия гуфтани шеър ба ҳукми анъана даромад. Ин тағйирот дар адабиёти асрҳои миёнаи арман аз эҷодиёти шоирони алоҳида сар шуда, саросари адабиётро фаро гирифт ва ба як хосияти сифатии ин адабиёт табдил ёфт. Аз шоирони асримиёнагии арман нахустин шоире, ки Фирдавсиро пазируфт ва дар пайравии «Шоҳнома» дар вазну қофияи он шеърҳо гуфт, Константин Ерзнкатсӣ (охири асри XIII – аввали асри XIV) буд. Ин нуқтаро нахустин маротиба, дар соли 1934 М. Абегян дар мақолаи худ навишта буд, ки: «Шоири нимаи дуюми асри XIII ва ибтидои асри XIV Константин Ерзнкатсӣ дар зерсарлавҳаи яке аз шеърҳои худ қайде дорад, ки дар замони шоир ҳатто дар дайру калисоҳо бо забони форсӣ «Шоҳнома» мехонданд. Бародарон аз шоир илтимос мекарданд, ки дар вазни «Шоҳнома» шеъре бигӯяд, ки чун «Шоҳнома» хонда шавад.Шоир хоҳиши онҳоро ба ҷо меовард.То Константин Ерзнкатсӣ бо чунин усул, дар вазни «Шоҳнома» муосири Фирдавсӣ – Григор Нарекатсӣ таълиф карда буд. (5, 119-128).

Ҳамин маҳбубияти «Шоҳнома»-и Фирдавсиро дар муҳити адабӣ ва таърихии Қафқоз ба назар гирифта, про-

https://bikhon.tj/

фессор Орбели ҳанӯз соли 1934 навишта буд, ки «...барои бисёрии аз халқҳое, ки ба иттифоқи бузурги шӯроии мо дохил ҳастанд, – «Шоҳнома» мероси маданӣ аст, ки гузаштаи деринаи онҳо, гузаштае ки дар давоми ҳазор сол бо гузаштаи халқи форс ба таври ҷудо намешудагӣ алоқадор аст(?), онҳоро маҷбур мекунад, ки «Шоҳнома» – ро ёд гиранд. Магар то худи имрӯз сурудҳое, ки аз замонҳои қадим монда ва дар шеърҳои нафиси Фирдавсӣ сароида шудаанд – дар байни курдҳо, асотинҳо, арманҳо, гурҷиҳо, тоҷикҳо шунида намешавад? (184, 5-7).

Ба ҳамин монанд, аз хусуси равобити адабии халқҳои тоҷик ва арман дар асрҳои миёна сухан ронда, таҳаввулоти шакливу сифатии адабиёти давраи Эҳёро асосан дар таъсири адабиёти классики тоҷик ба адабиёти арман ва осори шоирони алоҳидаи он дидан мумкин аст: «Арманҳо дар шарқ бо форсҳо ва арабҳо муносибат доштанд. Ва ҳарчанд таъсири мутақобилаи адабиву фарҳангии арманҳову эрониҳо ва махсусан таъсири назми форсӣ ба шаклу мундариҷаи назми мо бузург аст, мутаассифона, (ин масъала-А.Д.) ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Маҳз ба туфайли таъсири бузурги забон ва адабиёти форсу тоҷик дар назми арман таҳаввулоти куллӣ ба амал омад. Ин ба ҳамон таҳаввулоте, ки дар адабиёти асрҳои X-XI-и арман ба амал омада буд, монанд аст. Яъне таҳаввулоте, ки боиси зуҳур ва падидаҳои шакливу мундариҷавӣ дар адабиёт ва тавлиди назми дунявӣ гардид». (6, 545).

Шоирони ин давраи адабиёти арман Григор Магистрос, Нерсес Шноралӣ, Григор Тха, Фрик, Константин Ерзнкатсӣ, Ованес Тлкурансӣ, Григорис Ахтамарсӣ, Наапет Кучак, Мкртич Наққош ва дигарон дар эҷодиёти худ таъсири файзбори адабиёти классикии форсии тоҷикиро ҳис кардаанд.

Дар бобати мавзӯъҳои адабиёти асрҳои X-XV ва махсусияти равобити адабии халқҳои тоҷику арман сухан ронда, метавон чунин қазияро таъмим дод, ки ба туфайли ҷустуҷӯҳои эҷодии шуарои тоҷику арман навъҳои нави жанр ва шаклҳои шеърие ки борҳо зикр кардем, ба миён омаданд. Жанрҳои мазкур вобаста ба табиат ва имконоти

https://bikhon.tj/

жанрӣ дар эҷодиёти шоирон тавонистанд ифодагари мадду ҷазри адабиёт бошанд. Дар адабиёти асрҳои X-XV-и арман, ҳамчунин ки дар адабиёти классикии форсу тоҷики ин давра махсусан ҳаст, падидае аз махсусиятҳои адабиёти давраи интибоҳ ба чашм мехӯрад. Ин падида шояд он аст, ки чун дар ҳаёти адабии асри XV шоирон ба майдони адабиёт ба таври оммавӣ дохил шуданд ва ин боиси тавлиду ташаккули адабиёти ҳунармандӣ дар шаҳрҳо гардид.

Ҳамчунин боло гирифтани рӯҳи гуманистии адабиёт як хосияти умумиятдиҳандаи адабиёти ин давраи халқҳои тоҷику арман маънидод карда мешавад. Эҳсоси ҳалли мушкилоти одамият дар адабиёт шоирони гуманист ва фарҳанги гуманистиро ба вуҷуд овард. Силсилаи шоирон ва умуман намояндагони фарҳангро метавон аз таърихи ин ду адабиёт ном бурд, ки махсусияти адабиёти ин даврароэҷодиёти онон тамомӣ медиҳад. Агар мушкилоти гуманизмро дар адабиёт ба муқоисаи рӯҳи ин падида дар таърихи фарҳанги ду халқ, ба доираи тадқиқ гирем, дар хулоса он чиз тақвият меёбад, ки паҳлӯҳои ҳалли ин мушкилот ва роҳҳои инкишофи он чӣ гуна хоҳанд буд. Даврaҳои тавлид ва ташаккули гуманизмро дар ҳаёти фарҳангии халқҳои Моварои Қафқоз ва Осиёи Миёна дар асрҳои X-XV акад. Н.И. Конрад чун хосияти фарқкунандаи адабиёти мутақаддим ва пешрав маънидод карда буд. Аз ҷумла ӯ дар мақолаи худ сухан аз консепсияи гуманизми таърихи инсоният ба миён оварда, фикрҳояшро аз хусуси роҳҳои интишори гуманизми ҷаҳонӣ дар эҷодиёти Фирдавсӣ тамомӣ бахшид. Консепсияи гуманизмро дар адабиёти асрҳои X-XV-и арман дар мисоли эҷодиёти шоирони алоҳида Левон Мкртчян чун давом ва вусъати фикрҳои акад. Н. И. Конрад ва В.К. Чалоян (275) ва чун маншаъ ва роҳҳои густариши гуманизм шарҳ медиҳад(164, 28-31).

Ҳамин умумияти самти инкишоф ва рӯҳи муштараки адабиёти халқҳои тоҷику арман дар асрҳои X-XV дар баробари махсусиятҳое, ки борҳо зикрашон рафт, аз қабили мавзӯъ ва образҳои муштарак дар адабиёт ва ғ., ҳамчунин паҳлуҳои дигари равобити адабиро кушод. Агар дар асрҳои X-XI мо

https://bikhon.tj/

сухан аз роҳҳои вуруди падидаҳои адабиёт ва фарҳанг ба миён орем, ки манзури мо назми аҳди Рӯдакӣ ва Нарекатсӣ буд, пас дар асрҳои X-XII ҳамчунин як хосияти дигари адабиёт – маншаи умумибашарии он дар мисоли «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва пайравони ӯ аз адабиёти арман рух мезанад. Дар ин давра ва давраҳои минбаъда (асрҳои XIII-XV) шаклҳои мухталифи пайвандҳои адабии халқҳои тоҷик ва арман мушоҳида шуданд, ки мо дар мисоли таъсир ва нуфузи адабӣ ва роҳҳои густариши он дар адабиёти мавриди назар қайд карда будем. Аз ҷумла як падидаи муҳими адабиёти халқҳои тоҷику арман дар асрҳои X-XII на танҳо ҳамрӯҳии оҳангҳои иҷтимоии тасвир дар ҷараёни адабӣ ва умуман мундариҷаи адабиёт, балки дар унсур ва қолабҳои ифода дар жанр ва шаклҳои шеърӣ низ ҳаст. Тадқиқи муқоисавӣ ва типологии ин ҳодисаро маҳз дар ҳамин давра чун як шакли махсуси пайвандҳои адабии халқҳои арману тоҷик тавре дар фавқ сухан рафт нахустин маротиба мусташриқ Арамануш Козмоян анҷом дода буд (148).

Вале сухан, ки ин ҷо аз таърихи пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман ва зиёда аз ин роҳҳо ва маншаъҳои ташаккули он дар асрҳои миёна меравад, мо тадқиқи муфассал ва пурвусъати масъала ва давраҳои алоҳида пайвандҳои адабиро ба мавриди дигар мавқуф гузошта, ба як падидаи дигар чун шакли махсуси пайвандҳои адабӣ таваққуф мекунем, ки ин дар таърихи адабиёти асримиёнагии арман ҳодисаи нав аст. Ин ҳодиса то куҷо роҳи муштараки адабиётро таъмин ва самти ҷустуҷӯҳои шоиронро муайян мекунад, як фикри қатъӣ ва фишурда гуфтан душвор аст, вале дар таърихи адабиёти рӯҳан ва табиатан мутафарриқае чун адабиёти арман зуҳури падидае ба мисли назираи адабӣ қобили таҳаммул аст. Адабиётшиноси тоҷик, муҳаққиқи пайвандҳои адабӣ Валӣ Самад дар як мақолаи пуразриши худ (206, 84-95), ки махсус ба ғазали «Агар он турки шерозӣ...» бахшида шудааст аз сайр ва тақдири таърихии он сухан ба миён оварда, заррабинона нишон дод, ки адабиёти тоҷик, эҷодиёти як шоир ва мушаххастар аз ин як намунаи олии ғазали форсӣ чӣ гуна сайри олам ва кашфи асрори

https://bikhon.tj/

дилҳо кардааст. Ғазали «Агар он турки шерозӣ...» дар радифи ҳазорон офаридаҳои шуарои форсу тоҷик, дар умри зиёда аз ҳафтсадсолаи худ воқеан сайри олам кард ва ба дурдасттарин гӯшаҳои дунё сеҳри сухани Ҳофиз ва шираи забони форсиро бурд. Дар ин маврид тарҷумаи бадеӣ чун қосиди адабиёт тавонист муқаддастарин вазифаи худ – имтизоҷи ақлу дил ва ҳиссу шуурро таъмин кунад. Муаллиф дар мақолаи мазкур барҳақ таъкид мекунад, ки «таҷрибаи омӯхтани як ғазали қадимӣ рангин ва ғанӣ будани равобити адабиёти моро бори дигар собит мекунад ва нишон медиҳад, ки масъалаҳои равобити адабӣ ғайр аз аҳамияти калони илмӣ доштанашон аҳамияти калони амалӣ ҳам доранд» (206, 84-95). Аз ин нигоҳ мулоҳизаҳои олими тоҷик қобили қабул аст, вале басо мешавад, ки ба хотири интихоби яклухти мавзӯъ чандин падидаҳои адабӣ сарфи назар мешаванд.

Муаллиф ҳам дар мақолаи фавқуззикр ва ҳам дар рисолаи дигари худ (208, 10-12) аз боби сайри таърихӣ ва тадқиқи тарҷумаҳои ғазали мазкур сухан ба миён оварда, ҳамчунин таъсири назми Ҳофиз, хусусан ғазали «Агар он турки шерозӣ...»-ро ба эҷодиёти шуарои ҳавзаҳои адабии мухталиф дақиқ баён кард. Ӯ аз ҷумла муайян намуд, ки ғазали мазкур дар тамоми ҳавзаҳои адабии Қафқозу Мовароуннаҳр хусусан дар эҷодиёти шуарои туркигӯ инқилоб ангехт ва шоирони бисёре ба ғазали Ҳофиз назира гуфтанд. Дар асоси маводи ба даст овардаи муаллифи мақола маълум мешавад, ки ба ғазали мазкур 108 назира гуфта шудааст (208, 10).

Аз таълифи мақолаи пурмуҳтавои Вали Самад ва ҷустуҷӯҳои илмии ӯ перомуни ғазали мазкури Ҳофиз ва сайру тақдири таърихии он чанд даҳсола сипарӣ шуд. Ҳанӯз, ки дар Ереван мехондам, ҳамроҳи дӯсти қадрдон ва ҳамкурси аспирантии арманам, ки ӯ ҳам дар риштаи пайвандҳои адабии халқҳои арману озарбойҷонӣ, дар мавзӯи «Низомии Ганҷавӣ ва адабиёти арман» тадқиқот мебурд, Гайк Агасян ва муҳаққиқи дигари адабиёти асримиёнагии арман Генрик Бахчинян ба ҷустуҷӯи тарҷумаи арма-

https://bikhon.tj/

нии ғазали «Агар он турки шерозӣ...» афтодем. Аз мавқудияти тарҷумаи чунин як ғазали шӯрангез дар забони арманӣ дар ягон сарчашмаи баъди асри XIV сухан намерафт. 9 марти соли 1986 аз дӯстонам Агасян ва Бахчинян мактуб ва як матни даъватнома гирифтам. Дар даъватнома иштироки инҷониб дар кунгураи байналмилалӣ бахшида ба омӯзиш ва тадқиқи масъалаҳои адабиёти асримиёнагии арман хоҳиш ва дар мактуб мухаммаси тарҷебанди шоири асри XIV-и арман, ҳамзамони Ҳофиз Ованес Тлкурансӣ ба ғазали машҳури Ҳофиз «Агар он турки шерозӣ...» замима мешуд. Руқъа ва замимаро аз дӯстони арманӣ, ки баъди гузашти чанд сол аз мову аз тақдири ғазали Ҳофиз фаромӯш накарда буданд, бо як эҳсоси қаноатмандӣ ва ҳиссиёти кашфи наву тозаи розе гирифта, тарҷумаи русии шеъри Тлкурансӣ, чун навишт ва ҳуруфи арманиву транскрипсияи он мувофиқи мақсад набуд ва тарҷумаи тоҷикии онро, ки ба қалами шодравон Баҳром Фирӯз анҷом ёфта буд, аз як мақолаи адабиётшинос Атахон Сайфуллоев истифода карда будам, ки инҳо ҳама дар тадқиқоти якнавишти инҷониб ҳам ба забони тоҷикӣ (65) ва ҳам ба забони русӣ (69) истифода шудаанд. Ин матлабро бо мақсаде, ки поёнтар зикр хоҳад шуд, бо андаке таҳрир меорам.

Аз шоирони асримиёнагии арман ягона шоире, ки Ҳофизро қариб дар вақташ назира гуфт, ин Ованес Тлкурансӣ буд. Роҳҳои интишори ғазали мазкур ба мулки Арман маълум нест. Ҳамчунин маълум нест, ки Ованес Тлкурансӣ намояндаи адабиёти асри XV арман забони форсиро медонист ё не? Чӣ хел шеъри Ҳофиз дар он сарзамин роҳ ёфт, ба мо торик аст. Аз ҷумла ягон намунаи тарҷумаи шеъри Ҳофиз дар асрҳои XIV-XV ба забони арманӣ дида намешавад. Умуман, дар мавриде, ки ҳатто ҳаёту эҷодиёти Ованес Тлкурансӣ ба ин мушкилот ҷавоб намегӯяд, ягон фарзияро пешниҳод кардани мо ҳам хилофи мантиқ мебуд. Ба ҳар ҳол роҳҳои вуруди падидаҳои адабӣ ва фарҳангиро дар ҳаёти адабии Арманистон ва тафаккури бадеии халқи арман дар хатти интишори забони форсӣ бояд ҷуст, ки воқеан густариш ёфта буд. Ва надонистани шоире чун Ова-

https://bikhon.tj/

нес Тлкурансӣ забони форсиро хусусан дар он муҳит мумкин набуд. Ғазали шоирро пазируфтан, ба тозагӣ ба он назира гуфтан, шеърро дар он муҳити ошно ҷой додан аз ҷониби Ованес Тлкурансӣ худ қобили таваҷҷӯҳ мебошад.

Матни пурраи ғазал ин аст:

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.
Бидеҳ соқӣ, майи боқӣ, ки дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт,
Канори оби Рукнободу гулгашти Мусаллоро.
Фиғон, к-ин лӯлиёни шӯхи ширинкори шаҳрошӯб,
Чунон бурданд сабр аз дил, ки туркон хони яғморо,
Зи ишқи нотамоми мо ҷамоли ёр мустағнист,
Ба обу рангу ҳолу хат чӣ ҳоҷат рӯйи зеборо.
Ҳадис аз мутрибу май гӯву рози даҳр камтар ҷӯ,
Ки кас накшуду накшояд ба ҳикмат ин муаммороро.
Ман аз он ҳусни рӯзафзун, ки Юсуф дошт, донистам,
Ки ишқ аз пардаи исмат бурун орад Зулайхоро.
Бадам гуфтиву хурсандам аъфокаллоҳ накӯ гуфтӣ,
Ҷавоби талх мезебад лаби лаъли шакарҳоро.
Насиҳат гӯш кун, ҷоно, ки аз ҷон дӯсттар доранд,
Ҷавонони саодатманд панди пири доноро.
Ғазал гуфтиву дурр суфтӣ биёву хуш бихон, Ҳофиз,
Ки бар назми ту афшонад фалак иқди Сурайёро

(290, 24-32)

Муҳаққиқ Атахон Сайфуллоев дар мақолаи худ «Оид ба алоқаи адабии тоҷику арман» шеъри Ованес Тлкурансиро назира ба ғазали Ҳофиз гуфта буд, ки дар тарҷумаи Баҳром Фирӯз омадааст:

Барои бӯсае мебахшамат мулки Хуросонро,
Бубахшам аз Ҳабаш то Ҳинд баҳру бар, аё ҷоно!
Баҳои гесувонат медиҳам мулки Хиторо, ёр,
Ситамбулро бубахшам дар баҳои як нигаҳ, дилдор.
Аё эй Тлкурансӣ хотири ҷонона нозук аст.
Сухан монандаи болу пари парвона нозук аст

(202, 66-78)

https://bikhon.tj/

Умуман аз руҳ, шакл ва мазмуни шеър пай бурдан душвор нест, ки он дар пайравии адабиёти классики тоҷику форс, хоса ғазали Ҳофиз гуфта шудааст. Дар нусхаи асл шеър аз пораҳои панҷмисра (вобаста ба табиати шакли ифода дар назми арман) бо иловаи мустазод ва дар тарҷумаи русӣ (С. Спасский) шеър аз бандҳои шашмисра бо ҳифзи лейтмотиви он – «любовь, не убей меня, Не буд, палачом!» ба ҳам омадааст. Илова бар ин дар тарҷумаи русӣ фақат рӯҳи шеър нигоҳ дошта шудааст. Баҳром Фирӯз аз тарҷумаи русии шеър истифода ва рӯҳи мавҷудаи онро ҳис карда, тарҷумаро дар вазни ғазали Ҳофиз – баҳри ҳазаҷи мусаммани солим ба сомон расонидааст. Дар натиҷаи омезиши рӯҳи аслии шеър ва табиати ғазали Ҳофиз метавон гуфт як намунаи тарҷумаи шеъри Тлкурансӣ пайдо шудааст.

Албатта, дастрас нашудани матни комили шеъри шоири арман дар тарҷумаи тоҷикӣ ба мо пурра имкон надод, ки мулоҳизаамонро дар атрофи шеъри Тлкурансӣ ва махсусиятҳои назми арман дар асри XV пурра ба анҷом расонем. Вале ба ҳар ҳол аз манзараи пеши назар ва ҷуғрофияи рӯҳи назми ин давра маълум мешавад, ки ҳам дар назми асрҳои X-XV ва ҳам дар эҷодиёти Тлкурансӣ назми арман як навъ тамомӣ ёфтааст.

Бо мадади боз ҳамон ду дӯсти арманиам соли 2001 китоби «Лирика»-и Ҳофиз ба забони арманӣ ба дастам расид. Онҳо – ин олимони машҳури Арманистони даврони нав ҳанӯз ҳамон хоҳиши давраи шӯравиамро аз боби дастрас намудани тарҷумаи ғазали «Агар он турки шерозӣ...» фаромӯш накарда, тарҷумаи армании девони Ҳофизро, ки соли 1957 чоп шудааст, бароям фиристоданд. Омӯзиш ва тадқиқи муқоисавии тарҷумаи осори Ҳофиз имкон дод хулоса намоем, ки бар иловаи тарҷума ва чопҳои осори армании Ҳофиз, хусусан дар хориҷи Арманистон ба забони арманӣ – дар Олмон, Фаронса, Бейрут, Амрико ва ғ., ин шоири шӯридадили мо дар он сарзамин баъди тарҷума ва нашри осори Фирдавсӣ бо забони арманӣ (зиёда аз 60 маротиба) ва Хайём (зиёда аз 40 маротиба) ғазалиёти Ҳофиз ба забони арманӣ зиёда аз 30 маротиба тарҷума ва нашр шуда-

https://bikhon.tj/

аст. Дар ҳамон китобчае, ки дӯстони арманиам фиристоданд тарҷумаи 59 рубоӣ (саҳ. 5-34) 54 ғазал (саҳ. 37-96) ва «Соқинома» (99-112)-и Ҳофиз ҷой дода шудааст. Китоб ҳамчунин ҳовии охирсухан (саҳ. 113-124) ва эзоҳот (125-130) буд. Муаллифи охирсухан Сергей Умарян хонандаи арманро бо ҳаёт ва эҷодиёти Ҳофиз, муҳити сиёсӣ ва адабии аҳди ӯ дар замони амир Муборизиддин, сайр ва шӯҳрати асримиёнагӣ ва давраи шӯравии Ҳофиз ба забони арманӣ дар Арманистону берун аз он дар қаламрави забони густурда ва интишорёфтаи арманӣ шинос мекунад. Дар охирсухани Сергей Умарян падидаи муҳим, бар иловаи шарҳу тавзеҳи ҳамаи он фазилатҳои шеъри Ҳофиз ва хосияти ҷозибу ҷаҳонгири он, руҷӯъ ба ривояти машҳур ва шароити таърихии таълифи ғазали мазкур аст, ки аз ҳуҷуми Темури Ланг ба Эрону (соли 1387) забти шаҳри Шероз ва ба ҳузури худ хондани ӯ шоирро алоқа гирифта, бо сӯҳбати хеле шадиди амиру шоир аз боби «хариду фурӯш»-и Самарқанду Бухоро бо зикри байти матлаи ғазал:

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро, –

сухан меравад (268, 115). Бояд гуфт, ки охирсухани Сергей Умарян, ки ин ҳам ғолибан аз тарҷума ва нашрҳои охирини осори Ҳофиз ба забони арманист (маҷмӯаҳои дастҷамъӣ ва тазкираҳо истисност), бисёр масъалаҳои илмӣ, адабӣ ва сиёсии даврони Ҳофизу шеъри ӯро фаро гирифта, ба хонандаи арман аз ҷойгоҳи воқеии Ҳофиз дар таърихи адабиёт ва шӯҳрати ғазалиёти ӯ дар миёни шоирон ва муҳити адабии асримиёнагии арман иттилооти ҷолиб медиҳад. Тавре ба гуфта омад, тарҷумаи ғазалиёти Ҳофиз ба забони арманӣ ин ҷо ба он сабаб ёд шуд ва зимни мушоҳидаҳо маълум гардид, ки шеъри Ҳофиз чӣ дар Арманистони давраи шӯравӣ ва чӣ дар байни арманҳои берун аз хоки Арманистони Советӣ машҳур будааст. Ҳамин маҷмӯаи мавриди назарро низ чанд нафар шоир ва мутарҷими арман, ба мисли С.Таронсӣ, А.Исаакян, М.Херонян, Ҳ.Г.Ованесян, О.Гукасян,

https://bikhon.tj/

М.Арутюнян, М.Мақсудян, В. Норенс, Ҳ.Артенян, А.Мелик – Варданян, С. Умарян тарҷума кардаанд. Ба назар мерасад, ки Сергей Умарян – мураттиб, муаллифи охирсухану эзоҳот ин кори хайрро ба муносибате анҷом дода, гулчини тарҷумаҳоро аз осори Ҳофиз ба забони арманӣ нашр кардааст. Аксари мутарҷимони фавқ, ки зикрашон рафт, аз шумори форсидонҳои хубанд ва дар роҳи тарҷума ва нашри ғазали Ҳофиз ба забони арманӣ борҳо саҳм гирифтаанд. Аз ҷумла ба тарҷумаи осори Ҳофиз рӯ овардани бузургтарин намояндаи адабиёти аҳди Шӯравии Арманистон Аветик Исаакян бурди шоире чун Ҳофиз ва шӯҳрати ҷаҳонии ғазалиёти ӯст. Ва хизмати таърихии Сергей Умарян дар он зоҳир мешавад, ки ӯ тавонист ғазалиёти Ҳофизрову муҳити форсиро ба хидмати хонандаи арман вогузорад. Ҳофизро, ки дар асрҳои миёна зиста, аз муҳориба ва кашмакашҳои дохиливу хориҷии шоҳону давлатдорони форсиву арман огоҳ буд ва аз ҷумла аз муаррихони дигари арман Аракели Даврижетси дар «Китоби Таърих»-е, ки зикраш рафт (56, 622) он ҳодисаҳоро аз аввалҳои асри XIV то охири асри XVII воқеъбинона нақл кардааст, мутаассифона, ба ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва он ҷадалҳои давлатхоҳиву заминдорӣ кам эътибор дода, балки таваҷҷӯҳ накардааст, ва чунин амал хоси аксари шоирони асримиёнагии адабиёти форсу тоҷик ҳам будааст, ки онҳо аз муҳит ва фазои дилхоҳи форсии худ набаромада ва ба олами атрофу воқеоти он кам руҷӯъ кардаанд. Дар ин масъала, баръакс шоирони адабиёти асримиёнагии арман дароздастӣ карда, ҳарчӣ тавонистанд ба туфайли интишори забони форсӣ ва форсидонии худ аз шоирону олимони форсӣ-тоҷикии асрҳои миёна пеш гузаштаанд. Ва, дур наравем, мисоли барҷастаи ин таваҷҷӯҳи Ованес Тлкурансӣ – шоири ҳамзамони Ҳофиз ба Ҳофизи Шерозӣ ва ғазали ӯст, ки Ованес Тлкурансӣ онро дар шакли шеърии адабиёти форсу тоҷик – мухаммаси мустазод татаббӯъ ва истиқбол кардааст.

Акнун як-ду сахан дар бораи тарҷумаи ғазали «Агар он турки шерозӣ...»-аст, ки дар фавқ зикраш рафт. Тарҷумаи ғазал аз ҷониби А. Мелик-Варданян аз забон ва нусхаи

https://bikhon.tj/

форсӣ анҷом ёфтааст. Бояд гуфт, ки ба туфайли густариш ва интишори забони форсӣ тарҷумаи осори хусусан классикони адабиёти форсии тоҷикӣ асосан аз нусхаи асл ҷараён мегирифт ва агар онро ба назар бигирем, ки мутарҷимони арман ҳам дастпарвар ва хатмкунандаи шӯъбаи форсии факултаи шарқшиносии Донишгоҳи Ереван ҳастанд ва забони форсиро медонанд, ба масъулият ва сифати осори тарҷума низ шубҳа наметавонад. А.Мелик – Варданян ҳам ғазалро, тибқи шаҳодати Сергей Умарян, аз нусхаи асл баргардон карда, дар ҷараёни кор ба ҳифзи мухтасоти миллӣ ва обу рангу равғани форсии он диққати бештар зоҳир кардааст. Дар тарҷумаи А.Мелик – Варданян шеъри Ҳофиз шаҳомати дигар касб карда, мутарҷим ҳарчӣ тавонистааст дар ҳифзи махсусияти миллӣ ва заминаи таърихиву ҷуғрофии он (ишора ва такя ба ривоят, ҳифзу зикри мафҳумҳои ҷуғрофӣ ба мисли Самарқанд, Бухоро, оби Рукнобод, гулгашти Мусалло, зикри асомии Юсуф, Зулайхо, икди Сурайё, риояи мақтаъ ва зикри тахаллуси Ҳофиз...) кӯшиш ба харҷ додааст. Ҳамчунин риояи баъзе ҷиҳатҳои шакли шеъри форсӣ ва таркибҳои аслии «турки шерозӣ», «холи ҳинду», «майи боқӣ» («анмаҳ гинӣ»-майи ҷовид) ва дар мисраъҳои минбаъда, байти сеюм вожаи армании «сирун» – зебо, шӯх ҷои «турк»-ро гирифта, зикри номҳои Самарқанду Бухоро дар эзоҳот «номҳои шаҳрҳои қадими тоҷикон» ва Рукноботу Мусалло – «ҷойҳои хушбоду ҳавои шаҳри Шероз» омадааст. Юсуф дар шакли Ҳовсеп-Овсеп (Овсеп шакли арманишудаи номи Юсуф аст, масалан Овсепян), Овсеп Геғетсик – Юсуфи хушрӯ, зебо ва шоҳдухтари ашроф Зулайхо ба тавзеҳ омадааст (268, 127-128). Таркиби «лӯлиёни шӯхи ширинкор» сарояндагони шӯрида ва гурӯҳе аз мардуми вораста ва ҳабибону дилбарони маҷозӣ маънӣ гирифта, баръакс, ғайричашмдошт вожаи «туркон» дар байти мавриди назар:

Фиғон к-ин лӯлиёни шӯхи ширинкори шаҳрошӯб,
Чунон бурданд сабр аз дил, ки туркон хони яғморо...

https://bikhon.tj/

мутарҷимро ба кӯчаи сарбастаи шубҳа бурда, сифати асосии турктозиву ғоратгарии («яғмо» ва «бурдан» дар назар аст) турконро, ки дар Қафқози хусусан асрҳои XVIII-XIX бо номи «татарҳо» ёд мешуд дар шакли «татор» ба тобиши манфиаш истифода бурдааст.

Ғазал дар нусхаи мавриди истифодаи мо аз нӯҳ байт иборат аст ва дар тарҷумаи арманӣ ҳам он нӯҳ байт ва ба ин маънӣ шакли марғуби шеъри форсӣ дар тарҷума ҳифз шудааст. Сохтори поэтикии ғазал низ бо маҳорати тамом дар тарҷума ба назар гирифта ва мутарҷим тавонистааст гунаи армании ғазали мазкурро офарад.

Мулоҳизаҳои иҷмолӣ водор месозанд, ки мо дар атрофи тарҷумаи як ғазали Ҳофиз ва назираву истиқбол аз он дар забони арманиву адабиёти асримиёнагии арман баҳси чандин соларо (206, 208), ки адабиётшинос Валӣ Самад оғоз кардаву ба анҷом нарасонида буд, як навъ ба анҷом расонем. Дурусттараш забони арманиро надонистани ин донишманди мӯҳтарам ва аз сарчашмаҳои арманӣ огоҳ набудани ӯву шарикбаҳсони ӯ (110) онҳоро водор кардааст, ки дар шинохти шеъри Ҳофиз ва сарнавишти печидаи як ғазали ӯ ин қадар як нуктаи ташреҳи ғазалро бе ҷустуҷӯ ва илова аз маводҳои нав вусъат диҳанд. Мо қисме аз ин мавод ва мулоҳизаҳои хешро, аз он ки хонандаи аз забону адабиёту муҳити аслии арман бехабар огоҳ бошад, чанд сол пеш дар тадқиқоти перомуни ин мавзӯъ баён карда будем. Вале ба ҳамин қарибӣ чопи мақолаи адабиётшинос Исрофилниё Ш.Р. дар рӯзномаи «Зиндагӣ» моро ҳайрон кард, ки ҳам ӯву ҳам Валӣ Самад дар мақолаҳои махсус ба тадқиқи як ғазали Ҳофиз ҳам ба умқу ҳам ба вусъат бахшидаи худ аз ҷустуҷӯйҳои хоксоронаи инҷониб сарфи назар кардаанд ва ҳамин муносибати бефарқ ва нодида гирифтани заҳмати ночизи мо дар шинохти воқеӣ ва ҷойгоҳи таърихиву қисмати ғазали машҳури Ҳофиз ба он оварда расонд, ки иловатан ба гуфтаҳои пешин мулоҳизаҳои фавқро изҳор дошта бошем.

Пайвандҳои адабиву фарҳангии халқҳои тоҷику арман дар асрҳои X-XV аз ҳисоби суннатҳои мавҷуда мукаммал гардида, балки дар тӯли садсолаҳо таҳаввул ёфтанд.

https://bikhon.tj/

Масалан, вақте сухан аз пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман дар асрҳои мутазаккира меравад, диққати моро барои ифодаи таҳкими равобити адабӣ на танҳо фактҳои адабиву таърихии умумияти фарҳангӣ, балки рӯҳи тамоми адабиёт ва зиёда аз ин падидаҳое чун синтези адабӣ ба худ мекашад, ки ин ба гумони мо, муҳим аст. Дар таърихи пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман маҳз ҳамин синтези адабӣ аз ҳисоби омезиши шаклҳо ва жанрҳои адабӣ ба миён омад. Тавсиаи ин тезис аз ҷустуҷӯ ва хулосаҳои илмии Арамануш Козмоян ба миён омада буд. Муҳимтарин қисмати хулосаҳои ӯ ин буд, ки таърих ва махсусиятҳои муштараки равобити адабии халқҳои арману тоҷик дар контексти муқоисаи типологии адабиёт тадқиқ шавад. Ва ин барои муайян намудани таъсири мутақобилаи адабиёти табиатан мутафарриқа (масалан, адабиёти тоҷику арман, ки ҷуғрофияи гуногуни густариш ва табиати мухталифи сабзиш доштанд – А.Д.) зарур буд. Яъне Арамануш Козмоян (148, 99-101) дар ҷараёни тадқиқи муқоисавии адабиёт маҳз ба тезиси фавқуззикр чун ба муҳимтарин воҳиди муайян намудани махсусиятҳои пайвандҳои адабӣ дар адабиёти табиатан мухталиф наздик шуд. Ҷавҳари тадқиқоти ӯро тавъам омадани жанрҳои адабии адабиёти асримиёнагии арманҳову тоҷикон ташкил дод. Дар асоси муайян намудани решаҳои таърихӣ ва муносибатҳои типологии адабиёт он чиз муҳим гардид, ки тамомияти назарии баъзе шаклҳои адабӣ ва имконоти дохилии жанрҳое ба мисли таг, шаракан – дар адабиёти арман ва рубоӣ, қасида, дубайтӣ – дар адабиёти тоҷику форс дар ҳарду адабиёт зоҳир гардад ва ин аз махсусиятҳои муҳимми таърихи пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман аст.

Ҳамчунин дар мавриди хулосаи махсусиятҳои равобити адабии халқҳои тоҷику арман дар асрҳои X-XV нуқтаи назари дигар муайян кардани табиати инкишофи адабиёт ва ҳамруҳии мавзӯоти он буд. Гумон меравад, ки маҳз табиати инкишоф ва таҳаввул, яъне ба ҳаёти халқ наздик шудани адабиёт ва воқеӣ будани системаи образҳо, ҳамчунин мувофиқати томи назар ва самти ҷустуҷӯйҳои шоирон дар

https://bikhon.tj/

садсолаҳои X-XV хосият ва умумияти инкишофи ин адабиётро муайян кардааст. Аз ин рӯ, табиист, ки дар ҷараёни тадқиқ, дар таъмими консепсияи солими равобити адабӣ диққати мо ба асолати таърихи пайвандҳои адабӣ дар бунёди фактҳои адабӣ ва таърихӣ кам равона гардид.

Масъалаи дигар дар ҷараёни таҳқиқи мушкилоти пайвандҳои адабӣ таъсири адабист. Таъсири адабӣ дар муайян намудани рӯҳи муштараки инкишофи адабиёт ва ифодаи мушаххасоти таърихӣ дар ҷараёни адабӣ мавқеъ дорад. Вазифаи дигари таъсири адабӣ дар ҷараёни таърихи адабиёт масъалаи муносибат ва бардошти эҷодии адибон мебошад, ки мушкилоти мазкур аз ҷумлаи талаботи завқӣ ва ниёзмандии адабӣ аст. Дар таърихи адабиёт бисёр ҳолатҳое рух медиҳанд, ки шоирон бар асари бардошт ё таъсир аз шоир ва адабиёти дигар самти инкишоф ва махсусияти томи як адабиётро ба маврид муайян карданд. Ба ибораи дигар, таъсири адабӣ инкишофи бевоситаи адабиёте мегардад, ки суннатҳои қадимӣ дорад. Маҳз бо таъсири адабӣ суннатҳои як адабиёт ҳам дар шакл, ҳам дар мазмун дар адабиёти дигар умри дубора мебинад. Ҳамин маъниро адабиётшиноси тоҷик Валӣ Самад дар рисолаи пуразиши худ (208, 5-14) дар чанд паҳлӯ маънидод карда буд. Аз ҷумла, ӯ дар мисоли таъсири адабиёти тоҷик ба ҳавзаҳои адабии хусусан туркигӯ (адабиёти ӯзбек ва озарбойҷон – А.Д.) паҳлӯҳои мухталифи таъсири адабиро ошкор карда, ба хулосае омад, ки таваҷҷӯҳ ва ниёзмандии як адиб ва ё адабиёти том ба адиб ва адабиёти дигаре метавонад фақат боиси равнақи адабиёт гардад. Ҳамон ғазали Ҳофиз, ва образи «турки шерозӣ» дар заминаи истифода мавриде барои гурӯҳи шоирони давраҳои гуногун чун таъсир ва мушаххасан истиқболи адабӣ мустафид шуд. Аз ин рӯ, «таъсири эҷодиёти нависандаи бузург ба осори адиби дигар, ё худ таъсири як адабиёт ва адабиёти дигар ба шароити таърихӣ ва иҷтимоӣ, ба истеъдоду маҳорати таъсиргиранда вобаста буда, ба тарзу воситаҳои гуногун ба амал меояд» (208, 6).

Адабиёти асрҳои XV-XVIII-и арман чунин адабиёте гардид, ки аз лиҳози мавзӯъ ва хусусан сабки эҷод ба адабиёти

https://bikhon.tj/

тоҷику форс хеле наздикӣ пайдо кард. Муносибати шоирон ба адабиёт ҳамон муносибате шуд, ки ҳаёти адабии ҳавзаҳои Ҳироту Самарқанду Бухороро фаро гирифта буд. Умумияти сатми инкишофи адабиёт ва дар ин ҷода ба ҳам наздик шудани ҷараёни адабӣ ва ҷустуҷӯҳои эҷодии шоирон ба мушоҳида мерасад. Яъне адабиёти асрҳои баъди XV-и арман бо ҳамон роҳе инкишоф ёфт, ки хоси адабиёти собиқ буд. Ба ҳаёт наздик шудани адабиёт асолати онро афзуд, тавлид ва ташаккули жанрҳо ва шохаҳои мухталифи адабӣ рӯҳи ҳамгунии адабиёти тоҷику арманро таъмин кард. Зумраи шоироне дар ду асри минбаъда ба миён омаданд, ки Ованес Тлкурансӣ, Григорис Ахтамарсӣ, Мкртич Наққош, Наапет Кучак дар ин ҷумлаанд ва махсусияти адабиёти ин давраи арман ба ном ва эҷодиёти онҳо сахт алоқаманд аст. Адабиёти ин давра чи қадаре, ки ба ҳаёти иҷтимоӣ наздик шуда бошад, ҳамон қадар махсусиятҳои муштараки инкишофи ин адабиёт дар заминаи пайвастагӣ ва инкишофи завқи омма ба адабиёт ва умуман фарҳанг мушоҳида мешавад. Академик В.В. Бартолд ҳамин роҳи инкишоф ва умумияти оҳангҳои иҷтимоӣ, ҳамчунин муносибати оммаро ба адабиёт ва фарҳанг ба назар гирифта, таъкид карда буд, ки дар ҳаёти адабии мамлакат оммаи халқ иштирок мекард... Ин гуфтаҳо ба ҳавзаҳои адабии машҳури он давр Хуросон, Мовароуннаҳр ва Қафқоз – дар мисоли ифодаи рӯҳи адабиёти гурҷӣ, озарӣ ва арман – далели бевосита мебошад. Инкишофи адабиёт дар назму наср ва вобаста ба ин ифодаи набзи давр дар адабиёт, ҳамчунин ҳифзи идеологияи пешқадами ҳукмрон дар мисоли табақаи ҳунармандони шаҳр ва ғ. мундариҷаи ғоявии адабиётро ифода мекард. Вақте дар бораи хосияти адабиёти, масалан, ибтидои асри XVI-и тоҷик андеша меронем, чунон ки аз сарчашмаҳо бармеояд ва муаллифони таърихи адабиёт дар чунин ақидаанд (269, 17) ва ҳамчунин мундариҷаи ғоявии эҷодиёти адибонро ба равияи пешқадам ва иртиҷоӣ ҷудо кардан мумкин нест. Ана ҳамин манзараи умумии адабиёти тоҷик дар тавсифи адабиёти асри XVI-и арман низ чи аз лиҳози муносибати омма ба адабиёт ва самтҳои инкишофи он ва чи аз

https://bikhon.tj/

ҳайси махсусияти муштараки адабиёт корбаст мешавад. Дастаҳои зиёди адибон дар ин давраи адабиёт нақши худро дар таъмини равнақи он низ гузоштанд. Ва дар натиҷа як навъ рангорангии адабиёт дар мавзӯъ ва муносибати адибон ба падидаҳои давр ба миён омад. Ҳамчунин сабк ва усули эҷодии шоирон ва чашмандози адибон ба ҳаёт дигар шуд. Ҳамин маънӣ ва таҳаввулотро дар адабиёти давраи мутазаккира ба назар гирифта акад. Э.М. Ҷрбашян махсусияти онро маҳз дар наздикшавии адабиёт ба ҳаёт ва рангорангии он дар шаклҳои ифодаи лирикӣ, ҳамчунин вусъати назари эпикиро дар мисоли равнақи наср ба мушоҳида гирифт (282, 11).

Н.И.Конрад – чунин навишта буд, ки «...вуруди як асари шоир ба эҷодиёти шоири дигаре дар олами асрҳои миёна ҳодисаи нав нест ва ин падидаро дар адабиёти халқҳои Осиёи Миёна, Эрон, мамолики араб, Қафқоз метавон мушоҳида кард. Чунин шакли таъсири адабӣ (дар асрҳои миёна – А.Д.) хеле маъмул будааст ва табиист, ки ин тадриҷоти мухталиф аз пайравии оддии шоирона то истиқболи ҳақиқии эҷодиро фаро мегирифт» (119, 58).

Мушоҳидаҳои муҳаққиқ бунёди хулосаҳои моро аз боби вуруди намунаҳои назми форсӣ, махсусан шеъри Ҳофиз ба муҳити адабии арман асос мебахшад. Адибони арман шеъри Ҳофизро ҳам дар мавриде, ки назира гуфтанд, ҳам дар мавриде, ки таъсир бардоштанд, фақат ба хотири корбасти таъбироти мақбулу образҳои пуршӯри ӯ карданд. Образҳое, аз қабили турки шерозӣ, нофаи тотор, оби ҳаёт, меҳроб, мурғи саҳар ва ғ., шеъри Ҳофизро на танҳо дар он муҳит машҳур карданд, балки шароите созгор сохтанд то шеъри Ҳофиз намуна аз назми бузурги форсӣ бощад. Ин мувофиқат аз омил ва заминаҳои айнии таърихӣ ва ба ҳам наздикшавии табиии фарҳанги тоҷикону арманҳо ба амал омад. Ҳамин омехтагии табиии халқҳо ва падидаҳои фарҳангӣ дар муҳите ба амал омад, ки дар таърих «чорроҳаи бархӯрдҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ» ном гирифта буд. Ба сари ин чорроҳа омадани Темур (соли 1387) ва хунхориҳои ӯ ҷараёни ҳамбастагӣ ва омехтагиро суръат бахшид. Тавре аз

https://bikhon.tj/

таҳқиқоти академик Бобоҷон Ғафуров бармеояд, ба мулки Арман лашкар кашидани ӯ фақат ба хотири сарбурии навбатӣ буд, «Темур соли 1392 ба хоки Қафқоз ҳуҷум оварда, Арманистон ва Гурҷистонро ғорат ва мутеъ намуд. Тамоми лашкаркашиҳои Темур ошкоро характери ғоратгарона дошт!» (51) Ҳамчунин аз муҳтавои рисолаи муаррихи асри XV-и арман Товмаи Метсопӣ маълум мегардад, забти сарзамини Қафқоз ва хусусан Арманистони Бузург аз ҷониби қушунҳои бешумори ӯ танҳо моҳияти сарбурӣ ва қатли ом дошт. Хунрезиҳои ӯ дар Арманистони Ғарбӣ ва дар соҳилҳои кӯли Ван, ҳазорон одамонро (арманҳоро) зинда ба зинда гӯронидан ва дар дег ҷӯшонидан – инҳо ба машғулияти ҳамарӯзаи ӯ табдил ёфта буданд. Назар ба таълифоти Товмаи Метсопӣ (152;63-73) ва мақолаи муҳаққиқи тоҷик Усмон Назир (250) дар китоби мазкур сухан аз аҳволи хеле бади тоҷикон меравад, ки бар асари сиёсати хунхоронаи Темур ва лашкари ӯ ба сахттарин азобҳо гирифтор ва оқибат кушта шудаанд. Тибқи муҳтавои рисола дар асрҳои XIV-XV дар сарзамини Арманистони Бузург, ки тахминан ҳудуди пурраи Моварои Қафқоз ва ҳамвораҳои Масис ва Ҷудиро фаро мегирифт, тоҷикон низ маскан доштанд ва бо арманҳо дӯст ва иттифоқ зиндагӣ мекарданд. Мувофиқи маълумоти Усмон Назир, ки дар мақолаи фавқуззикр меорад, «аз маълумоти китоб огоҳ мешавем, ки дар асри XV дар хоки Закавказе, хусусан Арманистон тоҷикони зиёд маскан гузида, деҳқадаю масҷидҳо сохта, якҷоя бо арманҳо зиндагӣ карда, бо душманон мубориза бурдаанд. Инчунин дар бораи зисту зиндагии тоҷикон дар хоки арман, ҷафову қатли ворисони Темур, хонҳои туркман Искандари қотил (соли 1425 дар шаҳри Урмон 700 тоҷикро сар аз тан ҷудо кардааст) ва ғ... писари ӯ Арлӣ – ҳокими Тосп ҳикоят мекунад». Ҳодисаи дигар ин аст, ки «баъди тамоми музофоти Араратро тасарруф намудан, ӯ дусад тан тоҷикро барои арманҳоро дар байни худ пинҳон кардаанашон аз зери теғ мегузаронад». Вале муҳити фарҳангии ҳукмрон диққати ӯро ба дараҷае кашид, ки ӯ натавонист ниятҳои худро аз боби тасарруф ва қатли ом пурра ба амал

https://bikhon.tj/

орад. Он ҷо Темур дар инҳисори муҳити адабӣ ва фарҳангии ҳамаро фарогиранда қарор гирифт ва дар замонаш бо шаҳодати рӯзномаи «Закавказский вестник» (аз 28 май – 4 июни соли 1853) чун бузургтарин дӯстдори китоб шинохта шуд. (Иловатан ниг: «Минбари халқ», 1997, 30 январ, № 2 ва «Бизнес и политика», 2006, 26 январ, № 4). Ҳамон рӯзҳои аввали ҳуҷуми Темур ба Мулки Арман халқи мазлум шоҳиди ғоратгарии ҳарисонаи ӯ гардид. Муддате нагузашта корвони китобҳои нодир ва дастнависҳои пурқимати форсӣ, гурҷӣ, арабӣ, юнонӣ, арманӣ ва ғ. ба воситаи роҳи корвонгузари Хуросон ба Самарқанд ворид шуд. Бо ҳамин роҳе, ки тибқи шаҳодати сайёҳи испанӣ Клавихо ва сӯҳбати ӯ бо Темури Ланг дар бораи арманҳо ва сарнавишти талхи онҳо дар девони армании Фрик (чопи Нью-Йорк) ифода шудааст: «Аз ин шаҳр (шаҳри Хой, ки тибқи «Сафарнома»-и Носири Хусрав дар наздикии кӯли Дарёчаи Кабудон, воқеъ дар Парска Ҳай – Арманистони Форсист ва Носири Хусрав 18-19 сентябри соли 1046 ин шаҳро убур карда буд – А.Д.) Арманистони Бузург дар ҳудуди мамлакати Форс тамом мешавад, баъд... Самарқанд ба воситаи Форс...» (253, 47)

Адабиёти асрҳои XVI-XVIII-и арман чун давраи охири адабиёти аҳди қадим ва асримиёнагӣ табақабандӣ шудааст. Махсусияти адабиёти ин давра дар оғози адабиёти нав тамомӣ меёбад. Беҳтарин намояндагони адабиёти ин давра дар эҷодиёташон ҳодиса ва рӯйдодҳои замонро бозгӯ карда, дар айни замон кӯшидаанд суннатҳои адабиёти пешинро дар рӯҳу роҳи рӯзгоре дигар бозтоб диҳанд. Ба ин маънӣ адабиёти хусусияти нав гирифтаистодаи асри XVII тавонист адабиёти садсолаҳои пешинро тамомӣ дода, ба ҷунбишҳои нав, ба ҷустуҷӯҳои тоза дар ҷабҳаҳои мухталифи рӯзгор замина гузорад. Дар ин давра, чун дар рӯзгори пеш, халқи арман фоҷиаи навбатиро дар мисоли ҷанги садсолаи туркӣ форс паси сар намуд. Байни Туркияи усмонӣ ва Эрон соли 1639 муоҳадаи дӯстӣ барқарор гардид. Бар асари ин ҷунбишҳо хонигарии Ереван, Қарабоғ ва Нахичеван ба амал омаданд. Тахти Эчмиадзин бо рӯҳу тавони нав эҳё шуд, чопхонаҳои нав кушода шуданд, ҳавза ва доираҳои адабӣ

https://bikhon.tj/

шоиронро ба оғӯши худ гирифтанд ва дар як муддати кӯтоҳ кори чопи китобҳо ва фаъолияти мутарҷимии ходимону зиёиёни арман ба роҳ монда шуд. Дар ҳаёти адабӣ ва фарҳангии ин давр, ба туфайли эҷодиёти шоирон ва нависандагон Мартирос Крыметсӣ, Нерсес Мокатсӣ, Ованес Макветсӣ, Симеон Дахатсӣ ва даҳҳо дигарон рӯҳи нав гирифт. Масалан, пурқувват шудани ҷанбаи ахлоқӣ дар наср ва равнақи тозаи лирика (шеъри манзара) маҳсули ҳамон навҷӯиҳо дар адабиёти арман буд, яъне лирикаи адабиёти асри XVII бо тасвири манзара ва зиндагии воқеии инсон имтиёз пайдо кард ва ҳамзамон бар асари инкишофи наср дар адабиёти арман жанрҳои гуногуни он: насри таърихӣ дар рӯҳи таърихнигории адабиёти классикии арман, ёддошт ва очерки сафарӣ, рӯзномаҳои публитсистӣ, қисса, новелла пайдо шуданд.

Муҳимтарин тамоюл ва ҷунбишҳои адабӣ, ки дар бунёди адабиёти ба навӣ ва таҷдид рӯоваранда асос гузошта бошад аз эҷодиёти Сайёди Наво (1712-1795) ибтидо гирифт. Ҳамчунин, сатҳи ҷустуҷӯҳои шоирон дар сабки эҷод ва мавзӯъ, қувват гирифтани ҷанбаи тасвир ва таҳлилӣ дар адабиёт-хуллас ҳамаи он тозакориҳо низ дар адабиёти арман ба осори Сайёди Наво алоқаманд аст. Чунки эҷодиёти Сайёди Наво бо се забон-арманӣ, озарбойҷонӣ ва гурҷӣ фароҳам омадааст. Ӯ бо се забон асар эҷод мекард ва забони чаҳоруме, ки медонист, форсӣ буд. Адабиётшиносони арман, сайёдинавошиносон муносибати шоирро ба адабиёт ва сарчашмаҳо чун ба сарнавишт ва ягонагии ҷисму рӯҳи ӯ муқаррар кардаанд. Левон Мкртчян нисбати назар, маншаъ ва манбаи тафаккуроти бадеии шоирро аз назми халқӣ ва умуман нуқтаи пайванди ӯро дар такя ба суннатҳои лирикаи шарқ мебинад. Муаллифони «Адабиёти асримиёнагии арман» ташаккули симои эҷодӣ ва сабки гуфтори шоирро аз махсусият ва табиати миллии умуман таърихи адабиёти халқҳои Қафқоз муқаррар кардаанд, ки аз ин худи эҷодиёти Сайёди Наво дар се забон башорат медиҳад.

Махсусияти тадқиқоти Паруйр Севак – шоир ва пажӯҳишгари борикбин аз он иборат буд, ки ӯ эҷодиёти

https://bikhon.tj/

Сайёди Наворо умуман бо диди нав дар контексти назми шарқӣ, хусусан адабиёти классикии форсу тоҷик ба доираи тадқиқ мегирад. Паруйр Севак оҳангҳои умумии эҷодиёти Сайёди Наворо дар такя ба «Дафтар»-и сезабонаи ӯ ба эҷодиёти Хайём ва Ҳофиз муқоиса ва муайян мекунад. Хусусан, ки шоир донандаи ҳуруфи арабиву забони форсӣ буд ва ба адабиёти форсу тоҷик ва намунаҳои шеъри шоирон дар нусхаи асл низ имтиёз дошт.

Ин ҷо бамаврид аст аз мақолаи Аветик Шаҳсуварян «Сайёди Наво ва фарҳанги форсӣ» низ ёдовар шуд, ки ӯ муносибати эҷодии шоирро дар тарзи истифодаи суннатҳои шеъри форсӣ тадқиқ намуда, хулосаҳои ҷолиб баён мекунад. Аз ҷумла Шаҳсуварян ақидаеро пеш меорад, ки Сайёди Наво аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, хусусан аз достони «Рустам ва Сӯҳроб»-и ӯ огоҳ буд. Ҳамчунин Сайёди Наво аз эҷодиёти Рӯдакӣ, Низомӣ, Амир Хусрав, Абдураҳмон Ҷомӣ, Алишер Навоӣ дарак дошт ва нақши осори ин шоирон дар тарзи тасвир ва услуби Сайёди Наво дидаву ҳис мешавад. Падидаи ҷолиби диққат дар эҷодиёти Сайёди Наво ин аст, ки дар девони ӯ таркиби рақамчинӣ ва интихоби шеър аз рӯи тартиби алифбои арабӣ ҷой дода шудааст. Яъне дар риояи «девони шарқӣ, дар мувофиқат бо ҳарфи охири калимаи ҳамқофияи охири шеър» (188, 46) ва ҳифзи низоми ҳуруфи арабӣ. Паруйр Севак ҳам дар рисола ва ҳам дар мақолаҳояш бо вуҷуди он ки эҷодиёти Сайёди Наворо дар фаҳмиши махсусиятҳои адабиёти миллӣ ва умуман ҷараёни адабӣ маънидод мекунад, нуқтаи назари ӯ дар ҷараёни тадқиқ асосан ба муайян кардани хосияти шинохти матни осори шоир нигаронида шудааст. Алоқамандии Сайёди Наво бо адабиёти классикии форсу тоҷик ба дараҷаест, ки вусъати он дар сатҳи як адабиёти миллӣ намеғунҷад. Аз ин ҷо мебояд эҷодиёти шоир дар сатҳи се забон ва вусъати се адабиёт, ки ғолибан дар такя ва таъсири мутақобила нумӯъ кардаанд, ташреҳ шавад. Мутаносибан омӯхтани таърих ва махсусиятҳои се адабиёт ва ҳамбаста ба ин эҷодиёти шоир дар солҳои гуногун ва муҳити адабиёти мухталиф муҳаққиқро хоҳу нохоҳ ба сари хулосаи тадқиқи типологии адабиёт меорад.

https://bikhon.tj/

Муҳаққиқи дигари ҳаёт ва эҷодиёти Сайёди Наво Генрик Бахчинян дар тадқиқоти худ аз махсусиятҳои назми шоир ва маншаи эҷодиёти ӯ сухан ба миён оварда, дар тасдиқи фикрҳои Паруйр Севак ҷанбаи шарқии осори Сайёди Наворо махсус таъкид мекунад. Сайёди Наво чун беҳтарин намояндаи адабиёти асри XVII-и арман дар гаҳвораи ҷунбишҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва адабии Қафқоз-Тифлис зиндагӣ карда, дар сари чорроҳаи бархӯрдҳои маърифати инсонӣ қарор ва дар ташаккули хусусиятҳои адабиёти ин давра саҳм гирифт, ки эҷодиёташ ифодагари иқтидори адабиёт ва сухани бадеъ дар чор забон аст. Ифодаи дардҳо дар таъмини ниёзҳои маънавӣ, кашфи мушкилаҳои зиндагӣ дар забонҳои гуногун, тасвири ҳолатҳои мухталифи инсон дар қайду бастҳои рӯзгор-ҳама дар солҳои гуногун аз гирумони шоиру эҷодиёти ӯ гувоҳанд. Ба ин маънӣ, шоир дар тӯли фаъолияти эҷодиаш имтизоҷи забонҳову адабиёти мухталифро фаро гирифт, назокати тасвир ва латофати рӯзгорро дар забонҳои гуногун вобаста ба дарки махсусиятҳои мушаххаси ҳар як забон риоя намуд.

Муҳаққиқони осори шоир ба ҳамин ҷиҳатҳои эҷодиёт ва сарчашмаҳои ташаккули назми Сайёди Наво диққат дода, ҳама бар онанд, ки хосият ва табиати шеъри шоир дар фарогирии суннатҳои адабиёти арману форсу тоҷик ифода мешавад. Дар шеъри шоир ба ҳам омадани суннатҳо ва аносири шакли се-чаҳор адабиёти аз ҳайси сарчашмаи табиат гуногун худаш ҳодисаи адабӣ ё тамоили як давраи адабиёт аст.

Паруйр Севак ба сарчашмаҳои шеъри шоир ва табиати форсии осори Сайёди Наво ишора, ҷанбаи умумишарқӣ ва зиёда аз ин, дар як контекст омадани рӯҳи эҷодиёти ӯро таъкид карда буд, ки воқеан қобили тазаккур аст. Аз ин рӯ, нахустин ишорае, ки ӯ ба ҳамин ҷиҳати эҷодиёти Сайёди Наво мекунад, таъкиди вусъати тафаккури бадеии шоир дар дарки падида ва рӯйдодҳои зиндагӣ ва шакли ифодаи онҳост. Ба ифодаи муҳаққиқ махсусиятҳои назми Сайёди Наворо аз таҳлилу таснифи «Дафтар»-и сурудҳои шоир, ҳамчунин маънидоди мундариҷаи ашъори дар грабар (ашъ-

https://bikhon.tj/

ори забони армании қадим), гурҷӣ, озарбойҷонӣ, арманӣ, **форсӣ** (илова аз мо – А.Д.) эҷодкардаи шоир бояд ҷуст. Диққати муҳаққиқи дигари осори Сайёди Наво Генрик Бахчинянро сатҳи алоқамандии Сайёди Наво ба забонҳои форсӣ ва арабӣ ба худ ҷалб мекунад. Ӯ мегӯяд, ки «Сайёди Наво ҳамчунин алифбои арабиро медонист. Тахмин кардан мумкин аст, ки ӯ натанҳо алифбои арабиро медонист, балки забони арабиро низ. Аниқтар он аст, ки забони форсиро ба хубӣ балад буд»(30, 11). Аз ин ишораҳои муҳаққиқ ва ҳамчунин аз мушоҳидаҳои В. Меликян фаҳмидан душвор нест, ки ӯ аз ҷумлаи шоирони донишманд ва фарохназари даврони худ буда, моҳият ва мушкилаҳои асри худро дар меҳвари дарду ниёзҳо ва эҳсоси завқи ҷомеа, бо ҳифзи мухтасоти тафаккури милливу фархангии халқҳои гуногуни хиттаи Қафқоз сурудааст. Меликян бар он аст, ки «зеҳни тез ва азму иродаи қавии шоир ба ӯ имконият доданд, ки як қатор забонҳои халқҳои дигар, аз ҷумла забонҳои озарбойҷонӣ, форсӣ, арабӣ ва ғайраро дуруст аз худ намояд ва ба илму маданият ва урфу одати ин халқҳо шинос шавад» (150). Хулоса он аст, ки Сайёди Наво донандаи хуби забонҳои бисёр, аз ҷумла форсиву арабӣ будааст. Ин хулоса муҳим аст, албатта, агар мо дониста бошем, ки шоир воқеан дар баробари забонҳои гурҷиву озарбойҷонӣ, ҳамчунин донандаи забонҳои форсиву арабӣ низ бошад. Вале, мутаассифона, аз арабидонии Сайёди Наво дар ягон ҷои дигар ишораву далеле нест. Аз ин рӯ, қобилияти арабидонии Сайёди Наво зери шубҳа мемонад, вале забони форсӣ ва ҳуруфи арабиасосро донистани Сайёди Наво аниқ аст. Ҳамчунин адабиётшиносони арман ба он муваффақ шуданд, ки истифодаи воҳиди луғавии забони форсӣ, таъбироти он ва ҳатто «шеърҳо ба забони форсӣ, вале ҳуруфи арманӣ»-ро дар эҷодиёти шоир пайдо кунанд. Вобаста ба ин чизи дигарро қайд кардан лозим аст. Дар мавриди тадқиқи махсусиятҳои адабиёти давраи шоир ва, мушаххасан, асри худи Сайёди Наво адабиётшиносони арман хосиятҳои умумӣ ва ҷиҳатҳои алоҳидаи адабиёти аҳди шоирро, ки он таҳаввулот аз ҳар ҷиҳат аз осори худи шоир сар мезанад ба назар нагирифта-

https://bikhon.tj/

анд. Он умумият, ки ғолибан аз адабиёти аҳди Фрик то Григорис Ахтамарсӣ об мехӯрад, ба фикри мо, инкишофи назм дар хосияти дузабонист. Масалан, ҷиҳати фарқкунандаи осори Григорис Ахтамарсӣ он аст, ки ӯ чун ниҳояти таъмини истифодаи шаклҳои шеъри форсӣ ва синтези шаклҳои адабии санъати бадеӣ муламмаъро фаровон истифода бурд, ба ҳамин монанд, бояд, ки назми дузабона дар аҳди Сайёди Наво, ва зиёда аз он, чун шакли махсус ва хосияти адабиёти як давра маънидод мешуд. Балки нақши ин падидаи ду ё сезабонаро дар ташаккули шохаҳои адабиёти минбаъда бояд нишон диҳад. Ба ҳар ҳол, мо, вақте ки сари масъалаи ташаккули адабиёти арман, хусусан назми он дар аҳди Сайёди Наво андеша меронем, муҳимтарин хусусияти онтасвир ва серҷанбагӣ (серпаҳлӯӣ), пеш аз ҳама, ба туфайли шеъри Сайёди Наво ва ҳамасрони ӯ ба назар мерасад. Ин рангорангӣ дар тасвир аз ҳар ҷиҳат, маҳсули имтизоҷи адабӣ дар шакли тасвир аст, ки аз омезиши қолабҳои тасвири адабиёти классикии форсу тоҷик ба ҳам омадаанд. Ҳамин омезиши шаклҳои шеърӣ дар назми шоир ва адабиёти аҳди ӯ ба шеъри Сайёди Наво ҷилва ва оҳанги нав додааст.

Вале дар мавриди таъсир ва истифодаи шакл ва жанрҳои маъмули адабиёти форсӣ дар эҷодиёти Сайёди Наво сухан ронда, наметавон ба хулосаҳои адабиётшиноси Озарбойҷон Миралӣ Саидов розӣ шуд, ки ӯ махсусиятҳои адабиёти арманро дар асрҳои XVII-XVIII ба асос гирифта, ташаккули услуб ва умуман рангорангии адабиёти аҳди Сайёди Наворо аз ҳар ҷиҳат ба туфайли таъсири шакли адабиёти турк, аз ҷумла озарбойҷон медонад. Нахустин чизе, ки ӯ истинод меорад, он аст, ки бе ягон қайду далел ва ишораи сарчашма 375 ашуги арманро озарбойҷонизабон меҳисобад. Ҳамчунин истодагарӣ мекунад, ки «равобити адабии (халқҳои – А.Д.) озарбойҷону арман дар асрҳои XVII-XVIII аз ҳисоби таъсири баъзе шаклҳои шеъри назми классикии Озарбойҷон (дубайтӣ, ғазал, мухаммас, мустазод, рубоӣ...) ташаккул ёфт».(200, 63) Агар мулоҳизаҳои пурқиммати Р. Миллер-Буднитская ва муҳаққиқи тозакор Г.Бахчинянро ба ҳисоб

https://bikhon.tj/

гирем, ки онҳо замина ва сарчашмаҳои воқеии осори шоир ва табиати ӯро хеле дақиқ муайян намудаанд, пас хулоса кардан мушкил нест, ки тору пуди шеъри шоир дар идомат ва имтизоҷи беҳтарин суннатҳои назми асримиёнагии арманӣ шеъри форсӣ танида шудааст.

Маҳз ҳамон Р. Миллер-Буднитская барҳақ навиштааст, ки лафзи арманиву гурҷиву форсиро Сайёди Наво ҳанӯз дар гаҳвора шунида, сурудҳои худро бо се забон-арманӣ, гурҷӣ, озарбойҷонӣ ва ҳамчунин бо лафзи арабиву форсӣ эҷод кардааст, ки бо ин кораш ӯ олами Шарқро дар худ ҷой дод.

Инчунин дар мавриди махсусияти шакли шеъри шоир мулоҳиза ронда, муҳаққиқ бар он ақида аст, ки «ҳамаи ғано ва рангорангии образҳои шоирона, мураккабӣ ва тамомияти тасвири бадеӣ, умқи фалсафаи шоирони бузурги Эрон, Арабистон ва Ҳиндустонро Сайёди Наво дар замини Қафқоз ҷой дод. Дар шакли ғазали форсӣ вай шакли махсуси суруди ашугро сохт, ки бунёдаш дар такрори калимаи қофия дар охири ҳар байти шеър асос ёфтааст. Ва ин шакли ифода дар назм ва суруди ашуг (арманӣ – А.Д.) хосияти фарққунанда дар назми Сайёди Наво гардид (153, 239-241).

Муҳаққиқ дар шеъри Сайёди Наво ва ҳамбастагии ӯ дар шакли шеъри форсӣ, ҳамчунин таъкиди оҳангҳои романтикии тасвир, ки аз назми арабу форс маншаъ мегирад, шеър ва системаи образҳои ӯро дар сатҳи фаҳмиши назми асримиёнагии Аврупои Ғарбӣ ва имтизоҷи ин падида бо назми олами Шарқ ба доираи муқоиса мекашад.

Дар мавриди шинохти шакли шеъри шоир ва таъсири назми форсӣ ба эҷодиёти Сайёди Наво баҳс карда, бояд ба назар гирифт, ки мавқеи анъана дар адабиёт хусусан дар шарҳу тадқиқи осори шоир муҳим аст. Маҳз ба туфайли анъана ва коркарди он, ки хусусан дар асрҳои миёна дар ҳавзаҳои адабии Қафқоз ривоҷ гирифта буд, шоирон табиати адабиётро ҳамчунон ҳифз карданд. Сайёди Наво аз ҷумлаи шоироне буд, ки адабиёти форсиро дар эҷодиёташон ҳам дар назм ва ҳам дар маънӣ корбаст карда тавонистаанд. Масалан, дуруст аст, ки пайдоиш ва густариши назми ҳунармандиро дар адабиёти арман маҳз аз аҳди Сайёди На-

https://bikhon.tj/

во ва осори дар ин намуд офаридаи ӯ медонанд. Ҳамчунин онҳо, мушаххасан Н.Х.Геворкян, бар онанд, ки рангорангии адабиёти ин давраи арман ва дар назми он мавқеъ пайдо кардани осори ҳунармандӣ ва тавсиаи истифодаи истилоҳи ҳунар-шурӯъ аз осори Сайёди Наво ва шоирони ҳамаҳди ӯ ривоҷ гирифтааст. Зуҳури истилоҳоти ҳунар дар адабиёти баъзе халқҳои мамолики Шарқи Наздик ба анъанаҳои шаҳру шаҳрдорӣ алоқа гирифта буд, ки намунаи барҷастаи он шеъри форсии асри XI ва асрҳои минбаъда, ҳамчунин вусъат пайдо кардани зиндагии аҳли ҳунар дар шаҳрҳо ва... билохира тавлид ва ривоҷи жанри махсусе дар адабиёти ин давра – шаҳрошӯб ё шаҳрангез. Фаҳмост, ки Н.Х. Геворкян перомуни махсусияти назми ҳунармандӣ дар асрҳои XVII-XVIII-и арман ва махсусан назми Сайёди Наво мулоҳиза ронда, ҷойгоҳи назми форсии «асри XI ва асрҳои минбаъда»-ро умуман дар зуҳур ва ташаккули адабиёти ҳунармандӣ қойил аст. Вай ду шакли махсусияти густариши адабиёти ҳунармандиро, ба мисли тасвири маҳрамонаи паҳлуҳои мухталифи ҳаёти ҳунармандони шаҳр ва афзоиши лексика-вожаҳои ҳунар дар усул ва қолибҳои ин навъи адабиёт таъкид кардааст. Вале аз чӣ бошад, ки ӯ дар такя ба тадқиқоти Маштакова Е.И. (147) хилофи навиштаҳои фавқ фикри нодурусти ӯро дунбола мегирад ва мегӯяд, ки «дар назми туркӣ асосгузори шаҳрангез шоир Масеҳӣ (1470-1512) буд ва дар назми асри XVIII дар асоси онҳо (?) жанри наве пайдо шуд, ки онро «достони ҳунармандӣ» (тасвири ҳунар) меномиданд» (44; 348).

Дар шаҳрҳои Қафқози асрҳои XVII-XVIII, хусусан дар Тифлис ба фаъолият шурӯъ кардани ҷамъияте бо номи тоҷикии «Ҳамкор» ва ба ҳукми истилоҳи ифодагари амал ва осори ҳунармандӣ дар адабиёти ин давра, маҳз ба туфайли таъсири адабиёти тоҷик ва назми ҳунармандӣ, заминаи таърихӣ дошт ва дар адабиёти ин минтақа ҳодисаи адабӣ буд. Геворкян бо назардошти иштирок ва фаъолияти махсусан чашмраси шуарои арман, аз ҷумла Сайёди Наво дар равнақи назми ҳунармандӣ дар Тифлис ҳам вожаи мазкурро арманӣ мегӯяду ҳам урфу одат ва сомони амали (ритуал) аз

https://bikhon.tj/

ҷониби руҳониёни арман дар калисоҳо анҷом меёфтаро анъанаи миллии арманӣ маънидод мекунад. Дар айни замон ҳамчунин қойил аст ва номи ташкилоти «Ҳамкор»-ро, ки вожаи тоҷикист ва ворисияти онро ба доираҳои эронӣ нисбат медиҳад.

Геворкян аз вусъат ва интишори доираҳои адабиёти ҳунармандӣ дар Тифлиси асрҳои XVII-XVIII сухан ба миён оварда, боз ду мухтасоти равнақи онро, ки яке аз роҳи инкишофи савдо ва дигарӣ муҳит ва доираҳои фарҳангист, таъкид мекунад. Дар тавсифи муҳити фарҳангии Тифлиси ҳамон давр ва чашмрас будани таъсири «рӯҳияи эронӣ» бар асари заиф шудани иқтидори сиёсӣ ва иқтисодии Гурҷистони шарқӣ, ки аллакай таҳти назорати сафавиён монда буд, моҳият ва шароити таърихии даврро ба асос мегирад. «Руҳияи эронӣ» дар ин давра ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, маънавиёт, адабиёту фарҳанг, мусиқӣ, мақомот, расму оин, таълифи шеър дар вазни арӯзро фаро гирифта буд, ки созандагони арман (Геворкян аз чӣ бошад, ки чун вожаи арманӣ «созанда» ва ба сифати забони «туркони Закавказия» хонанда (?) менависад) аз ҷумла Сайёди Наво низ ҳатто «рӯзгори бо усули эронӣ» доштанд. Шоирон, гӯяндаву созандагони (ашугҳои) арман шеърҳо дар вазни арӯзро ба ҳифзу риояи тамоми қонунияти дохилӣ, ҳиҷо, тақтеъ, тасниф ва бо талаффузи овозҳои дарозу кӯтоҳи садонок иҷро мекарданд. Сайёди Наво ва табиату махсусияти шеъри ӯ аз ин мухтасоти ҳунарӣ орӣ ва истисно набуд, балки шеъру ғазалу мухаммасҳои равону шевою ширадори ин шоири бузург буд, ки назми ҳунармандии адабиёти арман дар либоси шарқии эронӣ ва тоҷикӣ инкишоф ёфт. Ба муҳити ташкилоти «Ҳамкор» ва умуман фазои назми ҳунармандии Тифлис даромехтани шеъри Сайёди Наво дар маҷмӯъ аз таҳаввулоти шеъри дар ниҳояти ҳунар ва сохтори поэтикии шеъри классикии тоҷикӣ офарида шуда шаҳодат медод. Албатта, равнақи адабиёти ҳунармандии тоҷикӣ, масалан зикри Сайидои Насафӣ ва осори ӯ дар мулку муҳити сирф тоҷикӣ ба амал омадааст, вале шеъри Сайёди Наво, ки ҳамчунон ҳамоҳангӣ ва ҳамрӯҳиву ҳамгунии он бо эҷодиёти

https://bikhon.tj/

Сайидои Насафӣ тадқиқ карда мешавад, андаке хусусияти дигар дорад. Муқоиса дар тору пуди шеър, истифодаи ташбеҳҳои реалӣ аз мушоҳидаҳои ҳаррӯза шеър ва образҳоро заминӣ месозанд. Сурудҳое, ки созандагону устодони тифлисӣ, узви ҷамъияти «Ҳамкор» меофариданд, чунин махсусияти заминии мушоҳида ва муқоисаҳои воқеӣ доштанд. Воқеан Сайёди Наво дар адабиёти ин минтақа шахсияти созанда – хонандаест, ки танҳо иқтидори истеъдод, қобилияти забондонӣ ва маҳорати дақиқи донандагии амалу рӯҳу равони халқҳоро доштан ва дарду алами онҳоро сароиданаш ӯро ягонаи даврон карда буд. Дарки назокати равони халқ, эҳсоси ҳамназарӣ ба омоли мардум ӯро аз ҷараён ва мадду ҷазри ҳодисот огоҳ карда буданд ва Сайёди Наво адабиёти ҳунармандиро дар Қафқози асрҳои XVII-XVIII ба дараҷае боло бурд, ки танҳо шоире, хонандае ба чунин вусъати назар ва иқтидори маънавӣ метавонист ба ин амали мӯъҷиза қодир бошад.

Ҳамин тавр, адабиёти ҳунармандӣ ва равнақи он дар муҳити фарҳангии Тифлис, хусусан дар мисоли эҷодиёти Сайёди Наво, Шамчи Малкум, Газаз-оғли, Далак Мурод ва дигарон бо забонҳои арманиву озарбойҷониву форсӣ сифати дигар касб кард. Дар ин муҳит имтиёзи Сайёди Наво ин буд, ки ӯ дар чор забон эҷод мекард ва фарҳанги мардумиро ба хубӣ медонист. Ҳамчунин мавриди дониста истифода бурдан ва истеъмоли вожаву истилоҳоти ҳунар ва ҳунармандиро дар ниҳояти устодӣ ба ҷо меовард. Сайёдинавошиносон аз ин паҳлӯи эҷодиёти ӯ низ ёд карда, моҳият, вазифа ва бори маъноиву лексикии истилоҳоти ҳунарро дар осораш ба гурӯҳҳо тақсим ҳам кардаанд. Ин махсусияти эҷодиёти Сайёди Наво ҳангоми таҳлил ва таҷзияи тарҷумаҳои осораш ба зудӣ ба назар мерасанд, ки дар мавридҳои дигар аз ин боб сухан хоҳем гуфт, вале ин ҷо зикри чанд махсусияти сохтори поэтикии ашъори ӯ ба унвони истилоҳоти ҳунар зарур аст, ки ҳамаи он вожа ва истилоҳоти форсӣ-тоҷикӣ мебошанд ва аз донишу ҷаҳонбинӣ ва огаҳии комил доштанаш аз адабиёту фарҳанги форсӣ ва хоса забони он башорат медиҳанд. Тавре ба гуфта

https://bikhon.tj/

омад ва дар боби тарҷумаҳои осори шоирони арман низ аз назар мегузаронем, вале истифодаи вожаҳои сирф арабиву форсӣ-тоҷикӣ бо ҳуруфи арманӣ шеъри Сайёди Наво, хусусан ашъори ба ҳунармандон бахшидаи ӯро чун дар осори Сайидои Насафӣ, ширин ва рангин кардааст. Масалан, вожаи арабии тилло дар забони арманӣ «**воск**» садо медиҳад. Шоир мехоҳад **заргарро** васф намояд. Ин ба ӯ ба воситаи истифодаи ташбеҳ даст медиҳад. Ташбеҳҳо, тавре гуфтем, заминаи реалӣ доранд ва дар асоси мушоҳидаву муқоиса сохта мешаванд, ки ин ҷо барои пуррагии ифодаи мақсад истифодаи вожаҳои «**қиматбаҳо, азиз, нодир, зебо, аз ҳама зебо ва беҳтар**» ва ғ. бо назардошти арзиши аслии мол дар ҳунар ва савдо ва ҳамчунин барои тасвири ҳусни ёр муҳим аст. Масалан **гавҳар, воска (тиллоӣ) тоза, азиз, лаъли Бадахшон, парча, зар, зарбоф, хоро, атлас, қаламкор, анис, гавҳари ҳинду, қаламкори мулки ҳинд, шоҳӣ(шоҳиву атлас), шоҳии бо сим ришта, матоъ-порча ва зарбофи фаранҷ, порчаи мисрӣ** ва ғ. дар ифодаи тамомияти ҳусни ёр **моли бозори Маранд, шакари Табрез, булур, гулоб, гулобдон, райҳон, булури Шамохӣ, шишаи Шероз, норанҷ, зарҳал, варақаи зарҳалӣ, иморат (манори тиллоӣ), мармар, соқи мармар** дар тасвиру сифати ёр ва масолеҳи сохтмону савдо; **воск-тилло, лаъл, шоли Кирмон, атлас, зар, қумош** – либоси маҳбуба; **қошабрӯвони чидаи сиёҳи думи мор, рӯй, чеҳра-зар, зари холис, дандонҳо тиллоӣ, лаб-ангубин, нигин, панҷа-паргор, гардан-кӯзаи булур, ҷом, зарфи булӯр** ва ғ. тасвиру ташбеҳи сифати зоҳир. Истифодаи реалияҳои ҳунар ва савдо дар сурудҳои шоир: дар як шеъраш Сайёди Наво мегӯяд, ки **«чор сол шуд, ки ту (ёр, ҳунарманд) ба шаҳри Тифлис набаромадӣ (наомадӣ) ба мисли корвони аз роҳ монда ва ба дасти гумрук афтода, ки андоз насупорида бошад; Зеboии ту арбоб шуд, дар кадомин кулба зиндагӣ дорам, фарроши зарабхона, агар харидор порчаро нашиносад, ту дар назди ӯ ҳазор порча (бозии сухан) мешавӣ, эй дил; панҷ аршин боз (бамазӣ)-ро ба бозор мебарад, ман аз савдогари моли сурх метарсам** ва ғ. Ифодаҳои шоир ҳама

https://bikhon.tj/

заминаи ҳаётӣ доранд, аз рӯзгори халқҳои Қафқози асрҳои XVII-XVIII гирифта шудаанд, онҳо-ин ифодаҳо, образ ва ташбеҳу тасвироти ашёи ҳунар ва ҳунармандӣ ҳама ба шаҳр ва зиндагии шаҳрӣ алоқа мегиранд. Инкишофи ҳунар ва равнақи ҳунармандӣ дар Тифлис, Боку ва Ереван ҳамчунин дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд ва Хуҷанд халқро ба сӯи худ хонда буд, омма аз ҳавои шаҳр нафас мекашид. Равнақи ҳунар ва гармии бозор ин ҳаёти ҳамарӯзаи шаҳр буд, ки диққати ҳунарманд ва шоирони ҳунарманд, аҳли ҳунарро ба сӯи худ мекашид. Намояндагони қишру қабатҳои гуногуни шаҳр бо равнақи навъи ҳунар ва андозу баркаши он мезистанд, ба ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва иқтисодии шаҳр ҳамовозӣ ё сухани эътироз баланд мекарданд ва Сайёди Наво – ин сарояндаи дардҳои одамият ва вассофи воқеии дӯстии халқҳо дар осораш ҳамаи он ниёзҳои ҷомеа ва халқҳоро ҷой дод. Адабиёти ҳунар ва ҳунармандии арман, ки собиқаи ибратомӯз дорад, маҳз дар асрҳои XVII-XVIII дар симо ва шахсияти Сайёди Наво ва шоирони дигари ҳамзамонаш аз доираи адабӣ, фарҳангӣ ва ҳунарии Моварои Қафқоз ба қуллаи баланд расида, вусъати ҷуғрофӣ ва маънавии сарзамини Арманистонро фаро гирифт ва минбаъда барои равнақи адабиёт ва жанру намудҳои дигари адабӣ шароит фарохам овард.

Сайёди Наво ба ҷумлаи он шоироне дохил мешавад, ки шеърашон чун намунаи асари тарҷума ба забони форсӣ баргардон шудааст. Мисоли хуби имтизоҷи шаклу маънӣ дар асари адабӣ ва рамзи истиқболи анъанаи назми форсӣ дар шеъри Сайёди Наво муҳаққиқони осори ӯро ором нагузошт. Аз ҷумла Левон Мкртчян ба ҷиҳати ифодаи коркарди анъана дар назми Сайёди Наво мушоҳида ронда, шеъри ӯро ба сифати беҳтарин намунаи синтези шаклу маънӣ ва тасвирҳои рамзӣ шарҳ медиҳад.

Шеъри шоир дар бунёди худ мавзӯъҳоеро фаро гирифтааст, ки чун давоми анъанаҳои назми асримиёнагии арман ва эҷодиёти намояндагони алоҳидаи он Фрик, Константин Эрзнкатсӣ ва Григорис Ахтамарсӣ маънидод мешавад. Ҳамчунин дар бораи анъана ва инъикоси он дар мисоли

https://bikhon.tj/

эҷодиёти Сайёди Наво ақида ронда, адабиётшиносон унсурҳои шарқии шеъри ӯро дар шакли «таъмими образи Шарқ», «мамолики Шарқ» дидаанд. Яъне дар шеъри шоир ба ҳам омадани махсусиятҳои адабиёти гурҷӣ, озарбойҷон, арман ва форсӣ-панорамаи шеъри Шаркро ба вуҷуд овардааст. Вақте ки муҳаққиқони эҷодиёти Сайёди Наво дар шеъри шоир умумияти образ, системаи шакли назми чанд адабиёт ва оҳангҳои ҳамрӯҳиро ҷустанӣ мешаванд, хулоса ҳамон аст, ки онҳо, пеш аз ҳама, симои эҷодии шоирро дар имтизоҷи шаклу мазмуни осори ӯ мебинанд. Вобаста ба маншаи эҷодиёти Сайёди Наво ва сохтори назми ӯ масъалаи баҳсталаб ба миён меояд. Генрик Бахчинян бар хилофи муҳаққиқи озарбойҷонӣ Миралӣ Саидов барҳақ маншаъҳои назми шоирро аз заминаи миллии осори ӯ меҷӯяд. Рӯзгори шоир чун як ҷузъи зиндагии халқ, қисмати фоҷиабори он ва дардҳои дар маҷмӯъ маншаи муроҷиати шоиранд. Тарзҳои ифодаи онҳо, қолибҳои тасвир, ифодаи образ, услуби эҷодҳама дар эҷодиёти шоир ва ашъори сертаркибаи ӯ тадбиқи дастовардҳои адабиёти гуногун низ мебошанд. Аз ҷумла, дар шакл ва жанрҳои шеърии дубайтӣ, ғазал ва мухаммаси форсӣ эҷод кардани шоир маҳсули бардошти ӯ аз назми форсист. Чун синтези Шарқу Ғарб маънидод шудани шеъри шоир (бунёди ақида ва хулосаҳои Г. Бахчинян ва Р.Миллер-Буднитская-А.Д.) ба фикри мо, маҳз маҳсули таворуди шаклӣ шарқӣ ва мазмуни ғарбии шеъри шоиранд. Яъне истеъмоли шаклҳои шеъри форсӣ, воситаҳои тасвир, сохтори зоҳирӣ (истифодаи қофия, радиф ва ғ...) тарзи ифода дар байтҳои алоҳида, лексика ва синтаксиси шеър, ҳамчунин ҷиҳати тамомияти фикру эҳсос дар бандҳои алоҳида шеъри Сайёди Наворо шаҳомат бахшидааст. Масалан, низоми қофиябандӣ дар шеъри шоир ва истифодаи таъбироти форсӣ ҷанбаи шарқии шеъри ӯро таъмин карда, баръакс руҳи умумӣ ва ҳамаро фарогирандаи назми Сайёди Наво ва саросари лирикаи ӯро ба ҷараёни адабии Ғарб наздик намудааст. Вақте аз сарчашмаҳои шеъри шоир ёд мекунем, дар тамоми осори ӯ ва «Девон»-и мукаммалаш дар забонҳои гуногун падидаҳои тафаккури бадеии халқҳои гуногун ба назар ме-

https://bikhon.tj/

расад. Ҳангоме ки Сайёди Наво аз дарди халқ ва барои халқ сухан мегӯяд, вақте ки шоир набзи ҷомеаро дар шарёни хеш ҳис мекунад, чун рӯзгор ва ҳастии халқ ӯро ба таҳлука меорад, пас шеъри ӯ ҷозибаи дигар ва ҷилваи дигар мегирад. Ин ҷо шоир дар шеъраш ба тафаккури халқ ва муқаддасоти маънавии он такя мекунад, ки назми халқӣ ва осори манқула чун қолаби тасвир дар шакли ифодаи дилхоҳ шеъри ӯро рангин кардааст.

Тарзи ифодаи маънӣ ва тасвир дар шеъри классикии форсӣ ва назми Сайёди Наво дар баробари ба ҳам омадани суннатҳои назми асримиёнагии арман он сифатеро дар сабки эҷод ато кард, ки назми асри XVII фақат дар мисоли лирикаи Сайёди Наво ба он тамомӣ бахшида буд. Ҳамин маънӣ, яъне иртиботи Сайёди Наво ба назми классикии форсу тоҷик як андоза дар мақолаи тақвимии Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ишора ҳам шудааст. Ӯ менависад: «...дар назми вай (Сайёди Наво-А.Д.) таъсири шеъри шарқ, махсусан таъсири назми форсӣ-тоҷикӣ зиёд аст. Ин бесабаб нест. Сайёди Наво забони форсӣ-тоҷикиро хуб медонист. Ва бо забони фасеҳ ва бой шояд шеър ҳам сароида бошад. Дар шеърҳои Сайёди Наво воситаҳои тасвири бадеӣ, қофиябандӣ ва образнокие, ки дар назми форсӣ-тоҷикӣ ҷорист, баръало дида ва ҳис карда мешавад» (88).

Пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман дар аҳди Сайёди Наво аз ҳар ҷиҳат ба туфайли шеъри шоир ва имтизоҷи он дар забонҳои гурҷӣ, озарбойҷонӣ, арманӣ ва форсӣ сифат ва хусусияти тозаву зинда касб кард. Асноде, ки нав ба доираи андешаҳои илмӣ кашида ва қисме аз онҳо дар фавқ ишора ҳам шуданд, бори дигар муносибати эҷодии шоирро ба суннатҳои шеъри форсӣ муайян мекунанд. Аз ҷумла, Генрик Бахчинян дар тадқиқоти пуразриши худ, ки зикраш рафт, асноди нави шиносоии Сайёди Наворо бо «Гулистон»-и Саъдӣ ва дубайтиҳои Бобо Тоҳири Урён меорад, ки дар тадқиқоти пешин набуд. Ҳамчунин дар ҷараёни ковишҳои илмӣ аз эҷодиёти шоир шеъре ёфтем, ки ба чор забон: арманӣ, форсӣ, гурҷӣ ва озарӣ таълиф шудааст. (201, 229) Мутаассифона, ин падидаи адабӣ аз назари муҳаққиқони

https://bikhon.tj/

осори шоир ё берун мондааст, ё инро танҳо ба гурӯҳи шеърҳои сезабонаи шоир бо истеъмоли лексикаи форсӣ мансуб донистанд.

Муҳаққиқи дигари тоҷик Тӯйчӣ Миров ба муносибат ва ҳамбастагии шеъри Сайёди Наво ва назми классикии тоҷик ва намунаҳои турҷумаи шеъри шоири арман ба забони тоҷикӣ, оҳангҳои зиндагидӯстонаи ашъори ӯ, муҳити адабии замони шоир, азобу шиканҷаи ин сарояндаи меҳри инсонӣ дар дарбори шоҳ, махсусияти дид ва услуби хеле ба осори лафзӣ наздики сурудҳои шоир сухан ба миён оварда, сарнавишти фоҷиабори ӯро бо сарнавишти даҳҳо шоирони дигари форсу тоҷик ҳамсанг медонад. Шоири сарояндаи дӯстӣ ва муҳаббати соф, донандаи чандин забон дар дарбори шоҳи Гурҷистон Ираклии II якчанд сол ба таври маҷбурӣ зиндагӣ ва эҷод карда, охирон бо зӯрӣ ва залилати бисёре аз дарбор ронда ва соли 1795 ҳангоми ҳуҷуми ғоратгаронаи Муҳаммадшоҳи Қоҷор аз дасти сарбозони шоҳ ба қатл мерасад. Сайёди Наво асосан суруду тарона мегуфт ва «пас аз марги худ барои наслҳои оянда мероси бою пуразрише боқӣ гузоштааст. Сайёди Наво бо (дар – А.Д.) жанрҳои маъмули адабиёти форсу тоҷик – қасида, мухаммас, рубоӣ низ асарҳои зиёде офаридааст. Агар мо эҷодиёти шоирро варақ занем, мебинем, ки Сайёди Наво ба шоирони бузурги адабиёти классикии мо Абулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайём, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ ва Ҳофизи сеҳрбаён як дилбастагие доштааст (159).

Умуман, эҷодиёти Сайёди Наво як халқаи тиллоии пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман ба ҳисоб меравад. Хориқаи Сайёди Наво дар муҳит ва доираҳои адабии халқҳои Моварои Қафқоз ва форсигӯ ба шаҳомати осор ва ҷуғрофияи шеъри худи шоир муайян мешавад. Маъруфтарин шоир дар он доираи адабӣ-Сайёди Наво бо эҷодиёти худ ваҳдат ва рӯҳи байналмилалии чандин адабиёту халқҳоро таъмин карда буд.

https://bikhon.tj/

1.2. Ташаккули пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман дар давраи нав

Пайвандҳои адабии халқҳои тоҷик ва арман дар асрҳои XVII-XVIII аз чандин сарчашмаҳои дигар об мехӯрад ва дар ҷараёни чунин иртиботи фарҳангӣ ва адабӣ, бар иловаи он чӣ ба навишта омад, шахсиятҳои зиёде ҳастанд, ки аз муносибатҳои таърихии ин ду халқ дар чорсӯи таърих ёд овардаву нақши онҳоро дар густариш ва таҳкими пайвандҳои адабӣ зикр карданд. Ҳарчанд баъди тақсими дубораи ҳудуди Арманистон аз ҷониби Эрон ва Туркия соли 1639 аҳволи ин халқи азияткашида хеле ба танг омада ва хусусан Арманистон ба ду ҳиссаи баробар – Арманистони Ғарбӣ ва Арманистони Шарқӣ тақсим шудаву нақши ин тақсимот дар дилу зиндагии халқи арман сахт осор гузошт, рӯҳи бешикасти ин халқ ва намояндаҳои алоҳидаи он дар оташи ҷангу сангарҳои ноадолатӣ ба шиканҷаҳое бештар рӯ ба рӯ омад. Натиҷа ҳамин шуд, ки Арманистони Ғарбӣ то имрӯз дар даст ва ҳудуди Туркия мондаву Арманистони Шарқӣ дар муддати 71 сол (1920-1991) дар ҳудуди империяи Шӯравӣ бо номи Арманистони Советӣ як ҳайати маъмурии давлатиро ташкил дод.

Аз аввалҳои асри XVIII сиёсати озодихоҳонаи халқи арман тадриҷан ташаккул меёфт. Арманистон барои озодӣ ва истиқлол хусусан дар мубориза ба муқобили Туркия тайёрӣ медид. Мулкҳо ва сарзамину шаҳру деҳоти аз даст рафта ва ҳасрати милливу ватанхоҳӣ дар дилу шуури халқ реша медавонд. Чунин ғам ва ҳасрати ватанхоҳӣ, орзуи озодии як порча замин ва истиқлоли фикриву маънавӣ тамоми қишрҳои аҳолиро фаро гирифт. Азобу шиканҷа, сарсонӣ, зулму тааддӣ аз ҷониби ҳамсояҳои шарқу ҷануб ба сатҳи олӣ расид ва ҳамаи ин авзои замона, вайронии мулк ва дардҳои ватанхоҳиву вазъияти кашмакашҳои динӣ-эътиқодӣ ва забунии забони адабии классикии арманӣ – грабар халкро ба умеди ислоҳи маризиҳо ба по мехезонд. Хусусан тазйиқи дутарафаи инкор аз дини насронӣ ба

https://bikhon.tj/

муҳаммадӣ (исломӣ) ва истеъмоли маҳдуди забони арманӣ дар доираҳои танг ва мақоми музофотии он дар ватани худ аҳволи халқро бад мекард. Халқ новобаста аз фишору тазйиқи ҳамсояҳо, ба рӯзи нек ва ба дамидани субҳи мурод умед мебаст. Шоирону нависандагони арман аҳволи фалокатиштимоли халқро дида, вазъияти мавҷударо дар асарҳояшон фошофош ифода мекарданд, муаррихони асримиёнагии Арманистон барои наслҳои оянда асарҳои таърихӣ меофариданд ва фарзандони огоҳу фидоии халқи арман аҳволи халқу мамлакатро бо чашмони худ дида, паи тадбири раҳоӣ аз бунбаст ва истибдод ба умеди ёрӣ ба халқу сарзамин ва пуштибонӣ аз бақои забону фарҳанг ва таърихи миллӣ худро ба ҷустуҷӯи ёрӣ мезаданд ва ба Россияву Аврупо мерафтанд. Соли 1547 сарвари руҳониҳои Арманистон Степанос Салмастетсӣ ба умеди пуштибонӣ ёфтан аз истибдоди мусулмонони Туркияву Эрон ва дастгирӣ аз насрониёни Аврупо ба мамолики Руму Византия ва Вена сафар кард. Ҳоҷӣ-Мурод як савдогари Арманистони Ғарбӣ барои ёрӣ ва озодӣ аз «зери юғи мусулмонӣ» (213, 144) охирҳои солҳои 70-и асри XVII ба Фаронса рафт. Вале на Ватикан ва на ягон мамлакати дигари насронимазҳаб ба доди намояндагони ин халқи додхоҳ нарасиданд. Халқ маҷбур шуд бори дигар ба таърих, қиссаву ривоят ва устураи аҷдодӣ, ба «Таърихи Арманистон» Мовсес Хоренатсӣ, ба таълимоти нахустустоди хеш Месропи Маштос, ба маънавиёти баланду бузург ва мактаби таълими ҳарбӣ-ватанхоҳӣ, миллӣ, ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ рӯ биёрад. Дар мамлакате, ки бо вуҷуди ҳамин қадар ба шиканҷаи аҷнабиён ва косаи каҷдорумарези таърих вомонда, ҳанӯз соли 1512 нахустин чопхона (типография) ба фаъолият шурӯ кардаву нахустин ду китоби аввал – тарҷумаи армании «Библия»-и муқаддас ва достонҳои «Андӯҳнома»-и Григор Нарекатсиро чоп карда буд, зарурати чоп ва нашри рӯзномаву маҷалла ба миён омад...

Аз ҷумла дар ҳамин шабу рӯзи аҳволи танги халқ яке аз фарзандони огаҳи арман Аракели Даврижетсӣ (Табрезӣ) «Китоби таърих»-и худро офарид. Дар «Китоб»-и мазкури

https://bikhon.tj/

Аракели Табрезӣ таърихи сесадсолаи Арманистон – шурӯъ аз асри XIV то охирин солҳои асри XVII воқеа ва ҳодисаҳо, то майдатарин ҷузъҳо ва солу моҳу рӯзашон акс ёфта, дидаи ибратбини ин муаллиф ҳаводиси таърихи халқи арман ва ҳамсояҳои чапу рости ин сарзамин – форсҳо, туркон ва гурҷиву озарбойҷониҳоро (гоҳ-гоҳ бо номи татарҳо, ки озарбойҷониҳоро чунин ном монда буданд) фаро гирифтааст. Ҳамаи ҳодиса ва рӯйдодҳои таърих, ҳаёти адабӣ, таърихӣ ва сиёсии сарзамин, чун дар баъзе осори хаттӣ ва тазкираҳои форсии тоҷикӣ – дар пешорӯи муаллиф қарор дорад ва ӯ дар 57 бобу фасли муфассали «Таърих» ҳодиса ва солномаҳои мамлакати паҳновари Арманистони асрҳои миёнаву Эронро хусусан бо табақоти шоҳаншоҳиву ҷаҳонгириву эҳсоси ватанхоҳии бемисл нақл мекунад. «Китоби таърих»-и худро Аракели Табрезӣ дар зарфи нӯҳ соли байни солҳои 1651-1660 навишта ва соли 1669 баъди таҳриру тавзеҳи дигарбора онро дар яке аз чопхонаҳои Амстердам ба табъ мерасонад ва соли 1670 худи муаллиф аз олам чашм мепӯшад. Нусхаи китобшудаи дастнависи асар, ки «бо ҳоҳиш ва назорати шахсӣ»-и Аракели Табрезӣ аз ҷониби руҳонӣ Аветис анҷом ётфааст, дар китобхонаи Конгрегатсияи мхитаристони Вена маҳфуз аст.

«Китоби таърих» қариб пурра ба омӯзиши вазъияти сиёсӣ ва таърихии асрҳои XIV-XVII Арманистон ва муносибатҳои иҷтимоӣ ва сиёсии халқҳои арманиву эронӣ тахсис шудааст. Муборизаҳои ватанхоҳии халқи арман барои озодӣ аз зери зулми сулолаи шоҳони форс ва салотини турк дар зери қалами таҳрири муаллиф аксар ба сифати маводи шоҳид, баъзан бехулосаву бардошт нақл мешавад. Аҳволи на танҳо халқи арман, балки вазъияти харобу фалокатбори халқҳои «насроniву мусулмон, габру яҳудӣ ва озарбойҷониву гурҷӣ» низ ӯро ба риққат меорад. Забони софи намунаи грабари арманӣ дар нақлҳои муаллиф бо истифода аз лексикаи фаровони форсӣ ба лаҳни ширадору рангин ва ифодагари дарду ҳасратҳои ватанхоҳии халқ табдил ёфта, муаллиф дар ҳар боб «аз ҳаводиси кӯҳнаи дунёи нав» бо як эҳсоси ҳамназарӣ ва ҳамдардӣ сухан ба миён ме-

https://bikhon.tj/

дорад. Ҳар як боб номгузорӣ шуда ва нақли мушаххаси рӯйдодҳоро фаро мегирад. Масалан боби 1 «Дар бораи он ки шоҳ Аббос чӣ тавр Арманистонро забт кард», боби 4 «Дар бораи нахустин ҳуҷуми сардор Ҷалол-уғлӣ ба мамлакати Арарат», боби 8 «Дар бораи забти шаҳрҳои Ганҷа ва Шомахӣ», боби 31 «Ворисияти руҳониёни мо аз Нерсес Кпаетсии муқаддас то рӯзҳои мо» (саҳ. 337-343 дар бораи фаъолияти 51 нафар намояндаҳои рӯҳониёни Арманистон сухан меравад, ки ибратомӯз аст), боби 35 «Дар бораи заминҷунбии сахте, ки дар Табрез ба амал омад» (саҳ. 372-375 нақл дар бораи заминҷунбии даҳшатборе, ки рӯзи ҷумъаи панҷуми феврали 1090 (1641) дар шаҳри Табрез ва музофоти он ба амал омад...) боби 37 «Дар бораи заминҷунбиие, ки дар шаҳри Ван ва атрофии он ба амал омад» (саҳ. 377-381 нақл дар бораи заминҷунбии ҳалокатоваре, ки «шоми ҷумъаи бузург бар шанбеи бузурги 2 апрели соли 1097 (1648) вақте ки қариб субҳ медамид ва мардум намоз мехонданд ва ҳамин тавр ногаҳонӣ чунон замин ларзид, ки мисоли аз ин пештарро халқ ёд надошт...» ва «он шурӯъ аз қалъаи Ван то даргоҳи (дарвоза) шаҳри Табрез ва манораи Игарро фаро гирифт. Бисёр чашмаҳо ва рӯдхонаи Ехнаберд, ки шаш осиёро мегардонд, ба замин фурӯ рафта, хушк шуданд... Кадом як одами бечора ва бебизоати арман, эътиқодманди дини насронӣ, сокини шаҳри Ван бо сабабе ҳамон шабу рӯз аз шаҳр баромада ба музофоти Карапос меравад ва шаб он ҷо мемонад. Ду фарзанди хурдсоли ӯ дар хона буданд... ва баъди чилу чор рӯзи заминҷунбӣ мардум аз зери хоку сангпораҳо онҳоро зинда меёбанд» ва ғ. Як чанд бобҳои «Таърих» ба воқеаҳои мудҳиши мусулмонгардонии маҷбурии намояндагони дини насронӣ ва нақли муассири эътиқод ва рӯҳи бешикасти халқ бахшида шудааст, ки барои эҳсоси бедории миллӣ хеле ибратомӯз аст ва таълимоти догмаи схолистикии исломгароии ифротиро маҳкум мекунад. Масалан дар боби 44 – «Таърихи шиканҷаи писарбачаи наврас Николайос», боби 45 – «Таърихи шиканҷаи Хачатури муқаддас, ки Исоро мепарварид», боби 46 – «Таърихи шиканҷаи Сируни насронӣ»,

https://bikhon.tj/

боби 47 – «Таърихи шиканҷаи Мхитари насронӣ», боби 48 – «Таърихи шиканҷаи Аветиси насронӣ» ва ғ. (саҳ. 404-423). Дар ҳамаи бобҳои мазкур нақли воқеаҳои пурдаҳшати бо роҳҳои маҷбурӣ ва азобу шиканҷа мусулмонсозии арманҳо аз роҳи табъид меравад, ки он ҳодиса ва воқеаҳоро муаллиф дидаву шоҳид будааст. Масалан дар боби 45 – «Таърихи шиканҷаи Хачатури муқаддас, ки Исоро мепарварид» чунин оварда мешавад: «Сокини шаҳри Тигранакерт, ҷавони бистсолаи эътиқодманди дини насронӣ, арман, дар калисои Евангелия намоз мехонд ва хизмат мегузорид. Фидоии роҳи эътиқоди худ буд. Ба ҳама нақл мекард, ки ман набояд бо марги табиии худ бимирам. Тайёрам, ки маро дар роҳи эътиқод ва барои эътиқод бикушанд ва ғ. Рӯзе ба устодаш мегӯяд, ки ман меравам ва чунин эҳсосоте маро фаро гирифтааст, ки дигар барнамегардам. Ва ҳамин тавр, дар роҳи саҳни масҷид, дар он лаби ҷӯйча, ки Хачатур он ҷо хост даст бишӯяд як-ду муҳаммадпарастон вохӯрда ӯро маҷбур менамоянд, ки ӯ даст нашӯяд ва байни онҳо харҳаша сар мезанад. Онҳо ӯро зуд ба қозихона бурда, бо тӯҳмат ба ӯ ҳукми қатлро раво мебинанд. Дар суд қозӣ ба ӯ мегӯяд, ки «Писарам, ту ҳоло ҷавон, тавба кун ва дини моро бипазир, мусулмон шав». Ӯ рад мекунад ва мегӯяд, ки ман аз дини худам рӯ намегардонам. Дар ҳамин вақт яке аз мусулмонҳо ба назди муфтӣ меояду барои Хачатури ҳукм мепурсад. Муфтӣ фатво медиҳад, ки «модоме ки ӯ Муҳаммадро носазо гуфт, чун шоир Насимӣ пӯсташро аз танаш канед». Бо фатвои муфтӣ пӯсти Хачатурро аз баданаш медаранд ва Хачатури бадтар аз маргро ба майдон, ба назди шоҳ мебаранд ва ӯ ҷавонро дида мегӯяд, ки ба ту молу мулки бисёре, боигарии фаровоне ва як арӯси зебои форсӣ медиҳем, ту дини моро қабул кун. Хачатур мегӯяд, ки не, дини мо ҳақиқат, ростин ва муқаддас аст, ман аз дину оинам рӯ намегардонам. Дар ҳолате, ки аз сару дасту рӯю гардан ва танаш хун мерехту ними пӯсти баданаш дар тан овезон буд, ӯро дар майдон мегардонанд ва ин ҷавони урёнро ба ҳазорон зану мард ва духтару писарони дар майдон ҷамъ омадаи форсҳову арман намоиш медиҳанд. Ӯ ба ҳеҷ яке аз шартҳои

https://bikhon.tj/

онон, ки мунтаҳо дини исломро қабул намояд, розӣ намешавад ва дар маркази майдон ҷаллодон аввал дастон ва, сипас поҳои ҷавонро бурида ба ҳазорон азобу шиканҷа ӯро ба қатл мерасонанд. Муаллиф нақл мекунад, ки вақте пӯсти ӯро канда аз маркази майдон ва саҳнаи намоишу тамошо мегузарониданд, Хачатур шеъри Насимӣ дар лаб, онро бо забони форсӣ хондаравон аз майдон мегузашт ва ҳанӯз, ки овозаи аз тани Насимӣ – шоири асри XVI кандани пӯсташ аз даҳонҳо нарафтаву пӯст канда шудани Насимӣ ба қисса ва ривоятҳо табдил ёфта ва худи Имомиддин Насимӣ дар асорати фикр тан дар надода, қаҳрамони воқеии он рӯзгор гардида буд, ин ҷисму вуҷуди нозуку ҷони Хачатури ҷавон қурбонии чунин ҷаҳолат шуд. Ин воқеа, нақл мекунад Аракели Табрезӣ, 20 августи соли 1101-и солшумории кӯҳнаи арманӣ, мутобиқи соли 1652-и солшумории нав рӯй дод. Ҳамин тавр, дар «Китоби таърих»-и Аракели Табрезӣ рӯйдодҳои замон ва сабақу хулосаҳо аз он падидаҳои таърихӣ ва адабӣ, муносибатҳои иҷтимоии халқҳо дар партави воқеаҳои сиёсӣ, талошҳои марзӣ ва ифодаи номусу ҳуввият, истиқлолхоҳии диниву мазҳабӣ, муҳаббати сахт ва дилбастагии миллии фарҳангӣ ба рукнҳои мукаддасоти марзу бум ва кишвар, ҳубби Ватан ва як мушт хоку як порча замин дар партави худшиносӣ нақл шудааст. Дар ҳамин як нақли мухтасар вожаҳои **масҷид, ҷаллод, сардор, муфтӣ, қозӣ, фатво, майдон**, ҷорчӣ ва ғ., омада, муаллиф баръакс ба истифода ва густариши забони форсӣ дар он сарзамин арҷ медиҳад. **Сӯҳбати мусулмонон бо Хачатури доно дар лаби ҷӯй, гуфтугузори минбаъда ва талошҳои мазҳабӣ дар ҳикоя, мурофиаи судӣ дар қозихона ва пурсишу посуххои муфтиву шоҳ бо Хачатур дар саҳни масҷиду маркази майдон ва саҳнаи намоиши ҷараёни шеърхонии Хачатур аз ашъори шоири ҳамқисмати худ ва лаҳзаи қатлу дасту по бурӣ дар қатлгоҳ – ҳама ба забони форсии тоҷикӣ сурат мегирад.** Бар иловаи он чӣ гуфта шуд, дар матни «Таърих садҳо калимаҳои дигари форсиву арабиву туркӣ, аз қабили **абрешим, озод, алоча, алам, доруға, дафтар, боҷ, вазир, вакил, газ, дабир(дпир), қумош,**

https://bikhon.tj/

мисқол, қишлоқ, қабо, инъом, дӯкон, малик, шоҳ, подшоҳ, султон, мулло, мӯҳрдор, ноиб, наққош, раият, раҳдор, садр, суннӣ, сафар, танӯр, тапонча, фарсанг, шаҳна, шаҳистон, хоҷа, халифа, ҳолат ва ғ... истифода шудаанд, ки ҳамаи ин аз густариш ва истеъмоли забони форсӣ шаҳодат медиҳад.

«Китоби таърих»-и Аракели Табрезӣ аз охирин намунаҳои таърихномаҳои арманист, ки аз кашмакашҳои марзиву динии халқҳои арману тоҷик бо забони равон ва нақли мустанад ва сабке содаву равшан ҳикоят карда, он дар ҷараёни худогоҳии таърихӣ ва худшиносии миллии халқҳо санади хубест.

Асри XVIII дар таърихи Арманистон давраи махсус ва ҷараёни фаъол гардидани худшиносии миллӣ ва ташаккули ҳаракатҳои озодихоҳии халқ маҳсуб аст. Ин давра як навъ остонаи ба ҳам омадани қуввахои озодихоҳи халқҳои Қафқоз (Закавказе) ва нияти бебозгашт рӯ овардани хусусан Гурҷистону Арманистон ба қиблаи наҷоти сарзамин ва халқу миллат – ба Россия қаламдод мешавад. Ин марҳалаи тақдирсоз аз замони ба ислоҳот рӯ овардани Пётри I дар давраи ба таърихи Россия хеле муҳим буд. Пётри I нав ба сари тахт омада, Россияро дар қатори давлатҳои абарқудрати ҷаҳон дидан мехост ва баъди пурқувват кардани ҳудудҳои қисмати аврупоии мамлакат дар соҳилҳои баҳрҳои Балтик ва Сиёҳ ва ғалаба дар ҷанг бо Шветсия ҳарчӣ тезтар мехост сарҳадҳои қисмати ҷанубиро аз Туркия ва Эрон мустаҳкам намояд. Барои ба ин мақсад расидан ба ӯ Қафқоз лозим буд. Ин эҳтиёҷи таърихии Россия ба манфиатҳои марзӣ ва миллии ҷамоҳири Қафқоз, хусусан Арманистони азияткашида хеле мувофиқ омад. Дар ин маврид Арманистон зуд аз паи Гурҷистон, ки он ҳанӯз дар асри XVI тақдири таърихиашро ба Россия пайваста буд, рафт. Аз нахустин ниятҳои Пётри I ҳам ин буд, ки баъди ба шикаст мувоҷеҳ шудани Шветсия, тибқи нақшаи дипломатии Исроил Орӣ– ходими сиёсии Арманистони ибтидои асри XVII, баъдтар сарҳанги артиши Россия дар доираҳои иҷтимоӣ-сиёсии давр, Пётр I бо баҳонаи шӯриш ба муқобили Эрон

https://bikhon.tj/

қаламрави Қафқозро забт мекунад. Бо ин мақсад нахустин лашкари 25 ҳазораи Россияро ба Қафқоз ҷойгир кунонид. Соли 1707 Исроил Орӣ бо супориши Пётри I ба Эрон барои гуфтушунид меравад ва ҳини бозгашт аз Арманистон дидан ба амал меорад, бо моликони Қарабоғ ҳамчунин аз боби мақсадҳо гуфтушунид ба амал оварда, аҳолии арманитабори Шамахиву Исфаҳонро аз ҳақиқати ҳол ва муждаи наздики озодӣ огоҳ месозад. Ӯ соли 1711 ба Аштархон баргашта, ба зудӣ бо сабабҳои номаълум аз олам чашм мепӯшад. Ин иқдоми Исроил Орӣ аз ҷониби марказҳо ва доираҳои ҷамъиятӣ-сиёсии арманҳо дастгирӣ меёбад ва ҳамин тавр, ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии халқи арман дар асри XVIII аз роҳи ҳамбастагӣ бо рӯйдодҳои сиёсии давр дар қаламрави Россияву Қафқоз ва хусусан Гурҷистон бо марказии маъмурии сиёсӣ ва таърихиаш ва дертар бо рисолати адабӣ ва фарҳангии Тифлис ташаккул меёбад ва Арманистон ба давраи нави муносибатҳои сиёсӣ ва иҷтимоиву таърихӣ ворид мешавад.

Ин марҳала барои тақдири таърихии Арманистон, ки хусусан дар байни солҳои 1804-1813 суръат гирифт, аз лиҳози манфиатҳои сиёсии ҳам Россия ва хусусан Арманистон аз ҷуғи ба якунимҳазорсола тӯл кашидаи Эрон бисёр муҳим буд. Дар ин солҳо хонигарии Қарабоғ (Арсах), Ганҷа, Шарвон, Шелкин, Боку, Дарбанд ба Россия ҳамроҳ шуданд ва ҷанги давраи аввали байни Россия ва Эрон соли 1813 бо бастани аҳдномаи сулҳи Гулистон анҷом ёфт. Ҷанги байни Россияву Эрон, баъди шикастани аҳдномаи Гулистон аз ҷониби Эрон дар соли 1826 боиси афзудани ғазаби халқи арман гардида, ҳамзамон эҳсоси ватанхоҳии ин халқро бедор кард ва тақдири халқи арманро дар муҳорибаҳои минбаъда ва задухӯрдҳои байни Россиву Эрон бо ғалабаи Россия ба мамлакати рус пайваст ва артиши бисёрҳазорнафара таҳти сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳи Россия, генерали машҳури артиши рус А.П. Ермолов Қафқоз ва манотиқи онро пурра таҳти назорати худ гирифт. 10 феврали соли 1828 дар деҳоти аҳолинишини Туркманчой, ки дар дарозои байни Табрезу Теҳрон доман густурдааст, дубора аҳдномаи сулҳи

https://bikhon.tj/

байни Россияву Эрон баста шуд ва он дар таърих бо номи аҳдномаи Туркманчой машҳур гардид.

Баъди аҳдномаи сулҳи машҳур соли 1828 Арманистони Шарқӣ пурра ба ҳайати Россия дохил шуд ва масъалаи асосӣ ин ҷо қазияи Арманистони Ғарбӣ дар ҳудуди Туркия буд, ки қаламрави таърихии бузургеро ташкил медод ва он дар таърихи халқҳои Қафқозу Россия бо номи «қазияи Шарқ» маънидод мешавад. Қазияи мазкур боиси тезутундии муносибатҳои Россияву Туркия ва дере нагузашта тобистони соли 1828 оғози ҷанг гардид. Ҷанг дар ду ҷабҳа – ҷабҳаи Балкан ва Қафқоз вусъат пайдо кард. Дар ҷабҳаи Қафқоз ҷанг таҳти сарфармондеҳи артиши рус, фелдмаршал И.Ф. Паскевич тамоми ҳудуди Карс, Ахалкалак, Ардаган, Ахалсих, Боязид ва Арзрумро фаро гирифт, ки амалиёти Арзрум дертар сабаби таълифи очерки машҳури А.С.Пушкин «Саёҳат ба Арзрум» гардид.

Арманҳои ҳамаи он мавзеъ, шаҳру деҳот ва қаламраве, ки дар муҳорибаҳои байни Россияву Туркияву Эрон озод гардиданд, ба ҳудуди Арманистони Шарқӣ баргаштанд. Дар ин байн ҳазорҳо арманҳое буданд, ки бо истифода аз пуштибонӣ ва мусоидати сафири вақти Россия дар Эрон, нависанда А.С. Грибоедов ба ватани аҷдодии худ баргаштанд.

Дар бораи ташаккули пайвандҳои адабӣ ва муносибатҳои таърихиву фарҳангии халқҳои тоҷику арман дар давраи нав мулоҳиза ронда, дар баробари ҳамаи он умумият ва омилҳое, ки боиси равнақи афкори адабӣ ва таърихи тарафайн гардидаанд, ба фикри мо, аз фарқиятҳои ташаккул ва рангомезиҳои дигари ин марҳалаи пурвусъати таъриху фарҳанги тоҷикону арманҳо, хусусан дар асрҳои XVIII-XIX ба мушоҳида гирифтан лозим аст. Аз он чӣ дар саҳифаҳои пешин ба гуфта омад ва чанд омили дигари таърихӣ, ки зикр мешавад дар моварои ҳаводиси таърих – ҳама он ҷадалҳои дигари таърихӣ барои талоши озодӣ, орзуи истиқлолият ва ҳифзи хусусан ду-се муқаддасоти таърихӣ, фарҳангӣ ва миллӣ, бо иловаи он чӣ махсусияти таърихи пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арманро дар аҳди қадим ва асрҳои миёна фаро мегирифт, – марз, забон ва эътиқод – халқи арманро як

https://bikhon.tj/

зинаи дигари таърих пеш бурд ва онҳоро ба маърифати худшиносии таърихӣ ва ҳуввияти миллӣ расонид. Шурӯъ аз асри XVIII дар баробари ҷадалҳои сиёсӣ ва таърихӣ паи ҳифзи муқаддасоти миллӣ ин халқи азияткашида як ҷабҳаи дигари муборизаи фарҳангиро пеш бурд, ки ин ҳам бошад рӯ овардан ба таърихи пурфоҷиа ва бардошти сабақ, ҳамчунин аз дирӯзи фаҷеъ, вале пурифтихори худ буд. Бо ин мақсад дар фаросӯи асри XVIII дар баробари талошҳои сиёсиву истиқлолхоҳӣ дар таърихи ин халқ, ҳамчунин мубориза барои ҳастии маънавии худ ба амал омад. Ҳофизаи фархангии халқи арман ва ғанои таърихиву адабӣ ба онҳо ба сифати омили асосии ифтихороти миллӣ хизмат карданд ва фарзандони огоҳи халқи арман, новобаста аз парокандагии таърихӣ дар мулкҳои хориҷ ва чаҳорсӯи шарқу ғарб ба таъсису нашри рӯзномаву маҷалла ва бо ин роҳ заминаи ҳамоии таърихӣ ва танвири афкорро ба роҳ монданд. Парокандагии чандсадсараи таърихӣ ва фарҳангии арманҳо ба он сабаб шуд, ки онҳо роҳҳои раҳоӣ аз бунбаст ва зӯроварии миллиро дар омӯзиш, тадқиқ ва тадриси афкори адабӣ ва таърихии мероси хаттӣ ва лафзии худ ва адабиёти пешқадами ҷаҳон, аз ҷумла форсии тоҷикӣ бубинанд. Як махсусияти дигари тарвиҷ ва тафриқаи таърихиву фарҳангии арманҳо дар қиёси халқҳои дигар ин ҷустуҷӯи мустақими пайвандҳои таърихӣ ва решагии асолати миллӣ, роҳҳои бархӯрд ва омезиши ассимилясионии таърихӣ ва инъикоси масъалаҳои мубрами тақдирсоз дар нашрияҳои мухталифи армании ҷаҳон ба ҳисоб мерафт. Ҷамъиятҳои арман дар гӯшаву канори дунё бо таъсиси нашрия ва мактабу маорифи худ пайо мешуданд, ки ҳама як мақсад доштанд: иттифоқ ва якдаст будан ва ҳарчӣ зудтар таъмин кардани худшиносии миллии арманҳо бо роҳи рӯ овардан ва омӯхтани мероси фарҳангии ҷаҳонӣ ва маърифати таърихии башар.

Тифлиси асри XIX дар давраи бедорӣ ва болоравии синфиву миллии мардуми гурҷиву арман ба маънои томаш «гаҳвораи сиёсию иҷтимоӣ» гардид. Дар ин давра дар Тифлис ва атрофи он ба амал омадани гурӯҳҳои инқилобӣ ва озодихоҳ Тифлисро ба маркази ҳаракатҳои пешқадами

https://bikhon.tj/

иҷтимоӣ табдил дод. Зиёиёну равшанфикрони Қафқози асри XIX дар роҳи озодӣ ва адолатхоҳӣ фаъолияти муборизони фаъоли ин ҷодаро давом доданд. Аслан оғози фаъолияти иҷтимоӣ ва инқилобии ходимону равшангарони Қафқоз ба оғози давраи дигари адабиёти арман – давраи нав ва тоинқилобии он рост омад. Фаъолияти ҷамъиятии ҳам Хачатур Абовян ва ҳам Микаэл Налбандян дар айни вақт бо фаъолияти озодихоҳии ходимони дигари ҷамъияти арманҳои хориҷӣ Юсуф Эмин, Шоҳамир Шоҳамирян (Ҳиндустон), Багдасар Дпир, Акоп Налян, Петрос Капатсӣ, Симеон Еревансӣ ва дигарон баробар суръат гирифт. Ин фидоиёни роҳи озодӣ дар пайравӣ ва ҳамфикрии бевосита бо инқилобиёни демократҳои Қафқоз Александр Чавчавадзе, Мирзо Фатҳалӣ Охундов, Николоз Бараташвили, Аббос Қули Оғо-Боқихонов фаъолият нишон медоданд.

Ҳамин фаъолияти озодихоҳии гурӯҳҳои инқилобӣ, иштироки бевоситаи онҳо дар дигаргуниҳои бузурги иҷтимоӣ, даъват ба бедорӣ ва ғ. ба таъсиси ҳар гуна ҷароид сабаб гардид. Ё худ заминаи таъсиси нашрияҳо дар тарғиби ғоя ва афкори пешқадам, идеяҳои рӯҳи инқилобӣ – дошта аз барномаи амалиёти инқилобиёни демократ сар зад. Бо ифодаи муҳаққиқи афкори адабии тоинқилобии арман Калонтарян адабиёти давраи нави арман нахустин қадамҳои худро бо таъсиси рӯзномаҳо гузошт. Масалан, таъсиси маҷаллаи армании «Азгасер» («Ватандӯст», ҷои нашр Калкатта) дар андак вақт ифода ва тарғибгари афкори инқилобӣ ва ваҳдати халқҳо гардид, ки муҳаррираш нависанда, публисисти демократ, сарвари дастаҳои инқилобии арманҳои Ҳиндустон Месроп Тагиадян буд. Нашри маҷаллаи дигар «Юсисапайл» («Нурҳои Шимол»), ки муҳарририи онро публисист, адабиётшинос ва ходими маорифи арман Степанос Назарян бар ӯҳда дошт, дар роҳи тарғиби идеяҳои инқилобӣ нақши калон бозид.

Мавҷи ҳаракатҳои инқилобии маорифпарварони арман дар андак муддат тамоми мамолики арманнишинро фаро гирифт ва табиист, ки дар Фаронса, Ҳиндустон, Калкатта, Чикаго, Фаластин, Бостон, Кустантания, Венетсия, Теҳрон,

https://bikhon.tj/

Шуша, Искандария, Ню-Йорк халқи инқилобӣ ва озодихоҳи арман ба таъсисии рӯзнома ва моҳномаҳо оғоз карданд.

Саросари асри нав, асри XIX ба арсаи муборизаи ҳаракатҳои озодӣ ва истиқлолхоҳии халқи арман мубаддал гардид. Ҳаракат ва чунбишҳои маърифатхоҳӣ ва маорифпарварӣ ҳама нуқта ва мамолики арманнишини ҷаҳонро фаро мегирифт. Таъсис ва ташаккули ҳизбҳои сиёсии арманҳо дар ҳама ҷо ба чашм мерасид. Нахустин ҳизби сиёсие, ки боиси ҷунбиш ва мавриди истиқболи арманҳо гардид, соли 1885 бо номи «Арменакан» таъсис ёфт. Соли 1890 дар Тифлис ҳизби «Дашнаксутюн» (номи расмиаш «Федератсияи инқилобии арман») ба фаъолият оғоз кард, ки мақсадаш ҳаллу фасли «қазияи Арманистони Ғарбӣ» дар Туркия буд. Илова бар ин дар миёнаи солҳои 80-уми асри XIX гурӯҳҳои мусаллаҳи «наҳзати фидоиёни арман» маҳз барои ҳалли қазияи арман музофотҳои Сосун, Ван, Тирон, Чорсанҷак таъсис ёфт ва дар андак муддат нақша ва амалҳои сиёсии онҳо маъруфият ва тарафдорони зиёде пайдо кард, ки мутаассифона, ин амал боиси болоравии ғазаби Туркия ва сабаби нахустин кушторҳои оммавии арманҳо аз ҷониби Туркияи Усмонӣ гардид.

Ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии халқи арман дар роҳи расидан ба мустақилият ва худогоҳии миллӣ дар нимаи дуюми асри XVIII ва асри XIX пайомадҳои воқеии таърихӣ ва сиёсӣ ба бор оварда. Дар асри XVIII «ҷамъияти мардон» бо ташаббуси Мхитари фидоии роҳи маърифат таъсис ёфт, ки он дар андак муддат рафшанфикрони бисёреро дар атрофи худ ҷамъ кард. Фаъолияти ҷамъияти мазкур тадриҷан вусъат ёфта ба «фарҳангистони мхитариён» мубаддал гардид, ки аъзо ва шогирдони маърифатхоҳи он донандагони чандин забон, аз ҷумла форсӣ ва мубаллиғини роҳи маърифат буданд. Дар соли 1843 бо ташаббуси аъзои «фарҳангистони мхитариён» маҷаллаи арманзабони «Базмавеп» таъсис ёфт, ки нахустин намунаҳои тарҷумаи армании осори Фирдавсӣ, Хайём ва Саъдиву Ҳофизро дар саҳифаҳои худ ҷой дод.

Пайвандҳои адабӣ ва фарҳангии халқҳои тоҷику арман дар асри XIX махсусият ва табиати зиндаи равобити адабӣ

https://bikhon.tj/

ва фарҳангиро дар айни замон таъмим бахшид. Худи зикр ва ёдоварди номгӯи осори тадқиқӣ ва тарҷумавӣ моро водор мекунад, ки тадқиқи пайвандҳои адабӣ, таърих, назария ва танқиди онро дар консепсияи ҳаёти иҷтимоӣ, дар партави воқеияти таърихӣ ва адабиву фарҳангӣ ва пояи дастовардҳои илми шарқшиносии ватанӣ (манзур аҳди шӯравӣ – А.Д.) биомӯзем. Гузашта аз ин, сатҳи тадқиқи мушкилоти пайвандҳои адабӣ бо он чӣ гуфта шуд, дар асри XIX муайян намешавад. Масалан, тавре ба гуфта омад, таҳқиқи хизмат ва мавқеи таърихиву адабии Степанос Назарян дар таърихи шарқшиносии ватании аҳди шӯравӣ ва аз он пештар ва ҷойгоҳи воқеии ӯ дар таърихи афкори адабии тоҷикон вазифаи ҳар як алоқаманди адабиёти форсу тоҷик аст. Заҳматҳои илмии ӯ дар роҳи шинохти арзишҳои ҳунарӣ ва бадеиву таърихии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар байни хонандагони русу арман ва умуман мактаби шарқшиносии ҷаҳон сазовори ҳамагуна омӯзиш ва қадрдонист.

Аз шохаҳои муҳими маърифати халқ, ки афкори мардумро фаро гирифт, бештар майли худшиносии миллии онҳоро дар роҳи расидан ба озодӣ ва истиқлол муайян ва таъмин мекард, чунонки зикр шуд, тавсиаи ҷаҳонбинии нав дар шуури бедоршудаистодаи халқ буд. Маърифатхоҳон ва маорифпарварони халқи арман ҳанӯз дар нимаи аввали асри XVIII фаъолиятро аз ислоҳот дар забон оғоз карданд. **Грабар** – забони қадим ва асримиёнагии арман тадриҷан ба забони аҳли дину калисо табдил ёфта, ҷояшро барои ифодаи ғояҳои инқилобӣ ва муждаи дунё ва таҳаввулотҳои нав ба **ашхарабар** медод. Ва намояндагони ин давраи таърихи адабиёти нави арман Степанос Назарян (1812-1879), Хачатур Абовян (1804-1848), Микаэл Налбандян (1829-1866) бо истифода аз имкониятҳои забони нави арманӣ – ашхабар асарҳо офарида, ба сифати мунодии дунёи нав халқро барои озодӣ ва истиқлолият тайёр мекарданд. Маҳз маърифати халқ метавонист роҳи истифода ва истеъмоли забон ва интишору густариши онро муайян намояд. Фарҳанги даврони нави арманӣ аз роҳи ислоҳоти маърифатхоҳӣ пеш мерафт. Муаррихони Арманистони даврони нав аз гул-гулшукуфии

https://bikhon.tj/

адабиёту фарҳанги нав ва ҷаҳонбинии тоза дар тафаккури халқ ба вуҷуд омада, роҳҳо ва заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиш ва ташаккули фарҳанги миллии арманиро баррасӣ намуда, навиштаанд, ки «баъди асри V фарҳанги миллии арман ба ин қадар пояи баланди таърихӣ ва маърифатхоҳӣ набаромада буд, чунонки ин ҳолат ба равнақи фарҳангии асри XIX рӯй дод...» (213, 177).

Ҳаракатҳои маорифпарварии халқи арман дар ин давра бо нафаси зиндагии нав омехта ташаккул меёфт. Ҳам дар Аврупо ва ҳам дар Шарқ, дар ҳама ҷое, ки арманҳо зиндагӣ мекарданду ҷамъияти арманӣ буд, мактабу гимназия ва литсейҳои арманӣ таъсис меёфт. Мактабҳои типи нави арманӣ аввалҳо бо ном ва фаъолияти маорифпарварони алоҳида алоқаманд буд ва бо усули наву ҷадид, масалан бо роҳи ҳарчӣ хубтару осонтар фаро гирифтани таълим аз роҳи аз худ кардани забони нави арманӣ дар асоси алифбои якунимҳазорсолаи Месроп Маштос ба роҳ монда мешуд. Ин амал ҳанӯз дар нимаи аввали асри XIX бо роҳи таъсиси мактабҳои миллии арманӣ хусусан дар Арманистони шарқӣ ва ҷамъиятҳои дигари арманӣ, ки дар мамолики дигари Ғарб, шаҳрҳои Россия, дар Тифлис, Қустантания ва Венетсия, дар Ереван, Александропол, Нахичеван, Шуша ва даҳҳо кунҷу канори мамлакат маорифпарварон ба таъсиси мактаб, таълими савод ва танвири афкор пардохтанд. Масалан, ҳанӯз соли 1815 дар Маскав таъсис ёфтани мактаб-семинария бо ташаббус ва маблағгузории заминдори калони арманитабор ва саноатчии машҳур Иван Лазарев ва то соли 1870 пурра бо забони арманӣ амал кардани он дар асоси барномаи таълими типи нав ва давлатӣ кардашуда ва аз соли 1870 ба Институти забонҳои Шарқ табдил ёфтану таълими забонҳои бисёр, аз ҷумла форсӣ-тоҷикиро фаро гирифтани он дар ҳаёт ва ҳастии маънавии на танҳо арманҳо як гардиши куллӣ ва инқилоби фарҳангӣ буд.

Асри XIX асри тиллоии равнақи маърифатхоҳӣ дар ҳаёти адабиву фарҳангии халқи арман ба ҳисоб меравад. Дар дарозои аср – шурӯъ аз соли 1794 қариб се ҳазор номгӯй нашрияҳо-рӯзнома ва маҷаллаҳои арманӣ дар гӯшаву канори

https://bikhon.tj/

дунё ба табъ мерасиданд, ки аз ин шумора танҳо 1300 нашрияҳо бо зиёда аз 15 ҳазор номгӯи чопи китоб ба забони арманӣ дар асри XIX иттифоқ афтода буд, ки дар ҳамаи онҳо ҳамзамон намунаҳои осори классикони адабиёти форсу тоҷик дар тарҷумаи ба забони арманӣ чоп мешуданд ва, бегумон, нақш ва мавқеи онҳо дар тарҷума, тадқиқ ва тарғиби адабиёти форсу тоҷик бузург буд. Дар мавриде ишора ҳам шуд, ки шоирону фарҳангиён ва маорифпарварони арман дар роҳи тарвиҷи забони форсии тоҷикӣ ва адабиёту фарҳанги миллии он хизматҳои бедареғ карданд. Чопи намунаҳои осори классикии форсӣ дар садҳо нашрияҳои арманӣ маънии бақои фарҳанги форсии тоҷикӣ ва роҳҳои густариши ҳарчи пурвусъати онро дошт ва халқи арман бо ин амал на танҳо ниёзҳои маънавӣ ва маърифати худро таъмин мекард, балки дар дилу дидаи мо – тоҷикон ҷой мегирифт.

Як намунаи барҷастаи дигари иртиботи адабиву фарҳангии тоҷикону арманҳо ва ғолибан дар ин ҷабҳа чун пештара дароздастӣ доштани онҳо дар қиёси тоҷикон ин таъсиси чопхонаҳои арманист, ки то асри мавриди таваҷҷӯҳи мо камаш таърихи чаҳорсадсола дошт ва, тавре ба гуфта омад, нахустин китоб ба забони арманӣ соли 1512 дар Венетсия ба табъ расида, дар ин байн то соли 1800 зиёда аз сад ҳазор номгӯи китобҳо дар нашриётҳои мухталифи дунё ба забони арманӣ чоп шуда буданд ва қариб ягон номгӯи нашрия ё китобе набуд, ки дар онҳо намунаҳои осори классикони адабиёти форсу тоҷик аз роҳи тарҷума ҷой наёфта бошад. Бо ин амалашон маорифпарварон ва фарзандони бедори арман ба халқи тоҷик танҳо аз рӯи ихлос ва муҳаббат муносибат намуданд. Танҳо номгӯи намунаҳои тарҷумаи осори форсии тоҷикӣ дар ин аср ба забони арманӣ метавонад саҳифаҳоро пур бикунад. Афкори илмӣ, адабӣ ва фарҳангии халқи арман дар асри XIX дар тамоми гӯшаҳои арманнишини дунё баробар рушд кард ва самти аз ҳама чашмрас дар ин ҷода ташаккули маърифати таърихии халқ дар мисоли илмҳои филологӣ буд.

Равнақи адабиёти бадеӣ ва афкори илмӣ-озодихоҳии халқи арман дар асри XIX ба номҳои Хачатур Абовян, Ми-

https://bikhon.tj/

каэл Налбандян, Рафаэл Патканян, Раффӣ, Габриэл Сундукян, Акоп Паронян ва даҳҳо адибону публитсистони мубориз алоқаманд аст. Дар ташаккули адабиёт ва афкори бадеии халқи арман дар ин давра хизмати асосгузори адабиёти нави арман, муаллифи романи таърихии «Ҷароҳатҳои Арманистон» Хачатур Абовян бузург аст. Таълифи асар ва чопи он дар типографияи мактаби Нерсесян дар Тифлис соли 1840 ба ҳайси нахустин асари чопӣ ба забони нави арманӣ – ашхарабар тафаккури таърихии халқи арманро такон дод. Хачатур Абовян аз нахустин нависанда ва маорифпарварони арман буд, ки ашхарабарро бо таълифи романи худ ба забони адабии арман табдил дод. Воқеаҳои роман як давраи таърихӣ ва наҳзати озодихоҳии халқи арманро дар давраи хеле ҳассоси таърихӣ-пайваста шудани Арманистони шарқӣ ба Россия дар бар мегирад. Дар романи «Ҷароҳатҳои Арманистон» Хачатур Абовян нахустин маротиба инсони озоди меҳнатиро шахсияти достонӣ қарор дод. Ба ин маънӣ дар роман таърихи гузашта ва ҳозираи халқи арман дар муқоиса ва талошҳо барои озодӣ инъикос ёфт. Як сифати барҷаста ва муҳими адабиёти нави арман – ба ҳам омадани аносири романтизми тасвир бо мухтасоти реализм дар роман устодона риоя шуда, муаллиф бо эҳсоси бузурги ватандӯстӣ тавонист воқеан дардҳои миллии таърихӣ ва ҷароҳатҳои маънавии халқро дар тору пуди асараш ба ҷилва орад. Саросари асри нав, асри XVIII ба майдони мубориза ва арсаи ҳаракатҳои озодихоҳӣ бадал гардид. Ва ба назми асри XIX-и арман, ки тавонад иқтидори инсон ва ҷаҳони нерӯҳои ӯро ғунҷонад, шеъри мутафаккири бузург Микаэл Налбандян рӯҳи нав дамид. «Шоир, мунаққид ва ходими фаъоли ҳаракати инқилобӣ-демократӣ» аз муассисони маҷаллаи «Юсисапайл», муаллифи суруди «Озодӣ» – Микаэл Налбандян на танҳо рӯҳи демократии адабиёти ин даврароб таъмин кард, балки бо суруди «Озодӣ»-и худ минбари гимни ватанхоҳиро дар гаҳвораи «тифли парпеч» ба сарнавишти инсони озоду истиқлолҷӯ табдил дод, ки равнақи минбаъдаи адабиёт ва фарҳанги арман дар эҷодиёти Хачатур Абовян, Александр Сатурян, Ованес Туманян, Акоп Акопян, Аветик Исаакян ва

https://bikhon.tj/

даҳҳо дигарон таъмин ёфт. Инҳо ҳама дар заминаи ҳамкориҳои чандинасра дар адабиёт ба амал омаданд. Ба ҳар ҳол, мавҷи эътирози халқ бар асари ҷунбишҳои иҷтимоӣ ва бедорӣ боло хест. Дастаҳои махсуси равшанфикрон дар гӯшаҳои гуногуни дунё баҳри ваҳдат ва таъмини ягонагӣ ҷамъ мешуданд. Колонияҳои арманӣ – гурӯҳҳои муҳоҷир ва мусофир дар ҷабҳаҳои бедорӣ ширкат карда, дар роҳи таҳаввули маънавиёти халқи арман дар мамолики мухталиф саҳм мегирифтанд. Ҷунбишҳо ва ҳаракати озодихоҳии халқи арман рафта-рафта тафаккури халқҳои бисёреро фаро гирифт. Ходимони адабиёт ва фарҳанги арман бар асари ин кӯшишҳои ватанхоҳӣ роҳи таблиғ ва ташвиқро пеш гирифта, ҳамкориро бо даста ва гурӯҳҳои равшанфикри арманҳои кишварҳои дигар мустаҳкам намуданд.

Вақте аз пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман дар асри XIX сухан мекунем, кӯшиш ва ҷустуҷӯҳои олимони арман ба ёд меояд, ки онҳо аз як тараф агар равобити адабӣ ва фарҳангии халқҳои тоҷику арманро бо ин амали худ таҳким дода бошанд, аз тарафи дигар ба тадқиқоти пурарзиши худ дар Арманистон бунёди эроншиносиро гузоштанд. Ин ҷо метавон фақат ба таъкиди номҳои С.Назарян, К. Патканов. Н.Эмин, А. Чопанян иктифо кард, ки на танҳо умри хешро сарфи омӯзиш ва тадқиқи масъалаҳои таърихи адабиёти форсу тоҷик карданд, ҳамчунин бо асарҳои пурарзиши худ диққат ва таваҷҷӯҳи мусташриқини оламро ба кашфу тадқиқи масъалаҳои адабиёту фарҳанги тоҷик ҷалб намудаанд.

Умуман дар асри XIX чун дар авҷи ҷунбишҳо ва талошҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва даврони бедории халқҳову наҳзати таърихиву фарҳангӣ пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман сифати дигар касб кард, ки тадқиқи он дар низоми бозтоби масъалаҳои адабиётшиносии замони нав ва афкори адабӣ ва илмии тоҷикону арманҳо вазифаи аввал аст.

https://bikhon.tj/

Боби II

ҶАРАЁНИ БАДЕИИ ЗАМОНИ НАВ ДАР ПАРТАВИ ПАЙВАНДҲОИ АДАБИИ ТОҶИКИСТОНУ АРМАНИСТОН

2.1. Тоҷикону арманҳо дар ҳайати воҳиди давлатӣ ва шаклҳои нави пайвандҳои адабӣ

Таҳаввулоти бузурге, ки бар асари бархӯрдҳои ғоявӣ ва ҷунбишҳои фарҳангиву маърифатхоҳӣ рӯ заданд, равандҳои воқеии рӯйдодҳоро самт ва сарнавишти дигар дода, дар паҳнои асри XX афкори ҷозибаи фарҳангиро низ ба арсаи таърих оварданд. Ҳамчунин аз ибтидои солҳои 20 пайдо шудани тамоюлот ва ҷараёнҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва сиёсиву адабӣ аз махсусиятҳои замони нав буда, падида ва рӯйдодҳои пешинро ниёзҳои иҷтимоӣ ва шаклҳои ифодаи афкори нави таърихӣ ва адабӣ бахшиданд. Дар масири чунин ниёзмандӣ, ки ифодаи тафаккури адабӣ – бадеии халқҳоро фаро бигирад, адабиёти бадеӣ воситаи пешрав ва ҷанбаи муҳиму воқеии мафкураи ҷамъият гардид. Чунин воситаи пешрав ва ҷанбаи муҳим дар ҷамъияти давраи нав ва тафаккури халқҳо пайваста бо ҷараёну тамоюл ва падидаҳои дигари таърихиву фарҳангӣ дар қолаби шаклгирифтаи фармуда ва яккаҳукмрони ҳизбӣ аз нахустин солҳои инқилоби Кабири Россия, баъдан бо таъсиси давлати пуркудрати Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ оғоз ёфта, то нимаи дуюми солҳои 80-и асри XX, то оғози «бозсозӣ» ҷамъиятро фаро гирифт. Воқеан, то ибтидои бозсозӣ тасаввур ва пиндорҳои аҳли ҷомеа дар инҳисори мафкураи ғоягарои сотсиалистӣ ва даврaҳои ташаккулу рушди он давом кард ва мафкураи мазкури ҳукмрон аз шаклу воситаҳои пешқадами ҷамъият маҳсуб мешуд. Дар ин ҷода адабиёт низ ба хизмати чунин ҷомеа ва инчунин мафкура тайёр буд, пасту баланд ва бурду бохти ҷомеа, дастовардҳои давра ба давраи он, рӯйдодҳои иҷтимоиву

https://bikhon.tj/

таърихӣ, рӯҳияи халқҳоро дар партави пирӯзиҳои даврони сотсиалистӣ инъикос мекард. Ҷараёнҳои мухталифи адабиву фарҳангие, ки аз охирҳои солҳои 80-и асри XIX сар зада, табаддулотҳои бузургу таҳаввулотҳои мафкуравии замонро фаро мегирифтанд ва тадриҷан аз бедории таърихии халқҳо ва сарзаминҳо сухан ба миён меоварданд, дар ибтидои асри XX, хусусан дар ду даҳсолаи аввали он ташаккул ёфта, бар асари интишори нави афкори иҷтимоӣ моҳиятан ба сарнавишт ва тақдири таърихии халқҳо сари кор гирифта, дар андак муддат муҷиби пайдоиши дунёи наву сохти нав гардиданд ва рисолати таърихии онҳо бештар дар ташреҳи моҳияти ҷараёни адабӣ ва, агар нек нигарем, анъанаҳову ворисияти таърихӣ ва иҷтимоӣ бештар ба халқҳо ва сарзаминҳое хос буд, ки онҳо таърихи кӯҳани ибратомӯз доштанду соҳиби анъанаҳои дерини адабиву фарҳангӣ низ буданд. Дар заминаи анъанаҳои дерини адабӣ ва шаклҳои гуногуни ифодаи афкори бадеиву зебоишинохтӣ аксаран дар ҳамон адабиёти собиқадору қадим воситаҳои нави ифодаи афкор низ ба миён омада, низоми дохиливу омилҳои дигару ангезаҳои мустақим пайдо карданд. Вобаста ба ин падидаҳо дар аксари адабиётҳои пешрави олам муносибат сари фаҳмиши инъикоси масъалаҳои таърихиву руйдодҳои бадеӣ ва ҳамчунин фаҳмиши системаи жанриву воситаҳои тасвири бадеӣ дигар шуданд. Ин тағайюрот ва муносибати дигар назари андаке батааммуқ ва нигоҳи нисбатан пурвусъат ба атрофу падидаҳои иҷтимоиву сиёсӣ маҳсули андӯхта аз дунёи пешрафта дар мисоли як қатор мамолики Аврупо ва як қисми кишварҳои Шарқ буд, ки онҳо ба роҳи таърихии нав ворид шуда, аллакай дар нимаи дуюми асри XIX соҳиби мафкураи пешқадами таърихӣ гардида буданд ва ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинии нав, масалан дар Россия, барои халқу миллатҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷикон, новобаста ба пайомад ва фарҷоми таърихии вобастагӣ дар ҳудуди тасарруфи як олами дигари берун, айни зарурати воқеӣ буд. Давраи то забт ва тасарруфи сарзамини аҷдодии тоҷикон муносибати Россия ва даъвои ҷаҳонгирӣ (гегемония) ҳамчунин байни Англияву Америка

https://bikhon.tj/

барои як қатор кишварҳои дигар, аз ҷумла халқҳои Пушти Қафқоз – Арманистону Гурҷистон давом карда, хусусан Россия ними хоки Қафқозро тасарруф карда буд. Тақдири таърихии Гурҷистон (асри XVI) ва Арманистон, ки ҳанӯз дар миёнаҳои асри XIX ба Россия пайваста шуда, масалан Арманистон дар муносибатҳои минбаъдаи иҷтимоиву сиёсӣ нисбат ба Туркияву Эрон бо Россия буданро пазируфта буд, ба халқи тоҷику халқҳои дигари маскуни Осиёи Миёна, хусусан дар мисоли Самарқанду Бухоро намунаи ибрат ҳам буд. Албатта, фарҷоми чунин ҷаҳонгирӣ ҳам аз ҷониби Россия ва ҳам аз ҷониби соири кишварҳои ғайр аз роҳи сиёсӣ суръат мегирифт ва инро пахшу интишори ҳамарӯзаи ахбору воситаҳои дигари иттилоот дар байни мардум ва дар зеҳни мардум шиддат мебахшид. Пайвастани тақдири таърихии қавме ё халқе бо роҳи зарурат ва иҷборӣ ба сарзамину воситаҳои иҷтимоии дигар ин пайвастан ба дунёи дигару низому ҷаҳонбинии ғайр низ буд, ки Арманистони миёнаи асри XIX ва аввалҳои нимаи дуюми он ин марҳаларо баъди чандин асри асорату зулми Туркияву Эрон интихоб кард ва таърихи ҳатто то ибтидои асри XX исбот кард, ки он роҳи дурусти пайвастан ба низоми нав ва гусехтан аз олами табъид буд, ки инро муаллифони таърихи нави Арманистон (213, 153-159) бо ихлос зикр кардаанд. Иловатан ин давра ҳамон давраи таърихии ҷанги Россия бо Туркияву Эронро ҳам дар бар мегирад, ки барои таърихи Арманистону тақдири таърихии халқи арман «муҳимтарин воқеаи таърихии давр» ба ҳисоб мерафт. Дар ҳамин солҳо, дар гирдоби чунин рӯйдодҳои давр ва инҳисори табаддулотҳои бузурги таърихиву иҷтимоӣ, дар нимаи аввали асри XIX-шурӯъ аз солҳои 1830 вобаста ба воқеаҳо ва авзои сиёсии давр ба ҳам омадан, пайвастани халқи парешони арманҳо аз ҳудуди Туркия ва соири шаҳру музофоти Эрон (ҳамчунин ниг. ба 75) ба қисмати нави Арманистони таърихӣ – Арманистони Шарқӣ ба назар мерасад. Баъди ба Россия ҳамроҳ шудани Арманистони Шарқӣ вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ, ҷамъиятиву сиёсӣ ва хусусан ҳаёти маънавии халқи арман тибқи тариқати ҷорӣ ва низоми

https://bikhon.tj/

мавҷудаи давлати Россия нумӯъ мекунад. Барои чунин мамлакате мисли Арманистон, ки якумр дар зери фишори сиёсиву иқтисодӣ ва рӯҳиву маънавии давлатҳои Эрону Туркия монда буд, ҳамчунин осон набуд қабули расму оин, анъанаҳои давлатдорӣ, муносибатҳои буржуазӣ ва омилҳои дигар, вале Арманистон бо ин ҳама умеди «зинда» мондани худро ҳанӯз аз пуштибонӣ ва дастгирии арманҳои маскуни соири мамолики Ғарб медид. Роҳи халосии соҳиб будан ба як порча замини аҷдодии Арманистони Бузурги асрҳои миёна танҳо ҳамроҳшавӣ ба Россия буд.

Арманистони ибтидои асри XX ҷомеаи комил ва маърифатпарвар буда ва он ҷомеа аз ҷумлаи кишварҳои пешқадам ба ҳисоб мерафт, вале бо ин ҳама, ҳам барои мамлакате чун Россия ва ҳам худи Арманистони Шарқӣ дар мисоли шаҳри Ереван ва вилоятҳои шарқии он ва ҳамчунин намояндагони ташкилоту ҷамъиятҳои гуногуни армании рӯи замин масъалаи рақами як ин Арманистони Ғарбӣ дар ҳудуди Туркия ба ҳисоб мерафт. Ин масъала, ки бегумон, бояд оянда якпорчагӣ ва ҷомеаи бузурги арманҳо ва бо ин худшиносии миллӣ ва ҳисси ифтихори ватандории онҳоро таъмин мекард, аз оғози ҷанги Россияву Туркия (солҳои 1877-1878) тезутунд шуд. Муборизаҳои озодихоҳӣ аз миёнаҳои солҳои 1870 ба муқобили истибдоди Туркия дар Герсоговину Босния ва андаке дертар дар Булғория, ҳамчунин «бӯҳрони шарқ», ки вобаста ба ҳодисаҳои Балкан сар зада буданд, як қатор давлатҳои Аврупо, аз ҷумла Россияро водор намуданд, ки манфиати халқҳои славянинажодро ҳимоя намояд ва аз Туркия оид ба ин масъала дархост ба миён орад. Султони Туркия Абдулҳамид табиист ки ин дархостро рад кард ва Россия моҳи апрели соли 1877 ба муқобили Туркия лашкар кашид. Амалиётҳои ҷангӣ дар ду ҷабҳа – ҷабҳаи Қафқоз ва ҷабҳаи Балкан доман паҳн карданд ва дар натиҷа, дар муддати кӯтоҳ Туркия мағлубияти пурраи худро эътироф кард ва онҳо роҳи ягонаро дар бастани аҳдномаи сулҳ диданд ва 3 марти соли 1878 дар мавзеи Сан – Стефанои наздикии Константинопол – пойтахти империяи Туркия бо фиқраи афзалияти мақом ва эътибори Россия дар ҳудуди Балкан ва Закавказе аҳдномаи

https://bikhon.tj/

сулҳ имзо гардид. Аз худи ҳамон рӯзҳо сар карда ҳамзамон талабу дархостҳои ҷамъиятҳои армании Арманистони Ғарбӣ дар ҳудуди Туркияи Усмонӣ барои ба Россия ва дар ин зимн пайвастан ба Арманистони Шарқӣ зиёда аз ин пешниҳоди дар замини аҷдодӣ ба даст овардани истиқлолият ба амал омада, дар андак вақт вокуниши сиёсиро дар мавриди ба рӯзномаи конгресси Берлин илова гардидани «қазияи арман» рӯи кор овард. Конгресси Берлин маҳсули норизоии як қатор мамолики империтории Ғарб аз натиҷаи аҳдномаи сулҳи Сан – Стефано буд, ки аз ҷумла Туркия низ ба сифати кишвари ҷабрдида наметавонист даъвогар набошад ва зери фишори давлати Россия маҷбур мешавад, ки барои дар Берлин гузаронидани чунин як конгресс розӣ бишавад. Ҳамин тавр, 1 июни (ба ҳисоби кӯҳна 13) соли 1878 конгресси Берлин ба кори худ шурӯъ ва он як моҳ давом кард. Дар қатори мушкилоти бисёр ва қазияҳои гуногуне, ки дар ҷараёни фаъолияти якмоҳаи конгресс баррасӣ гардид, қазияи арманҳои Туркия низ буд, ки бо пофишориҳои зиёд андаке ба манфиати озодии марзу буми Арманистони Ғарбӣ ба амал омад ва Туркия розӣ шуд, ки мутобиқи моддаи 61 «дар вилоятҳои арманнишин ислоҳот» гузаронад ва аҳволи арманҳои Туркия беҳтар шавад. Вале афсӯс, гузашти андаке вақт нишон дод, ки ҷониби Туркия на танҳо қарори моддаи 61-и конгресси Берлинро риоя накард, балки барномаи худашро тарҳрезӣ намуд, ки он ҷо «ҳалли қазияи арман» танҳо бо роҳи ҷисман нест кардани аҳолии арманитабори Туркия нишон дода мешуд. Ин қарор қаҳру ғазаби халқи арманро сахт ба ҷӯш овард ва ин халқу миллати сахтҷону азияткашида умедашро аз ҳама гуна ёрӣ ва дастгирии давлатҳои аврупо канда, ягона роҳи озодиро танҳо дар мубориза ба муқобили Туркия дид. Бо ин мақсад, ба эътибори чандин амали оммавии арманкушӣ (геносид) хусусан дар вилоятҳои Сосун (солҳои 1893-1894), Константинопол, Трапезунд, Қарина, Мараш, Сивас, Ван, Боязид, (тирамоҳи соли 1895 ва такроран тобистони соли 1896), Зайтун (1895)ва боз Ван (1896) дар маҷмӯъ зиёда аз 300 ҳазор арманӣ кушта гардид, халқи арман роҳи озодиро танҳо дар сабр, истодагарӣ, сахтҷонӣ ва роҳҳои дигари

https://bikhon.tj/

маърифатхоҳиву рушди фарҳангу такмили маориф ва амали саводи оммавӣ ёфт. Халқи арман ва Арманистон ба солҳои 1900 ва дар маҷмӯъ ба асри XX ва давраи дигари охири ҳазорсолаи дуюми инсоният бо маърифати форсии тоҷикӣ ворид шуд. Нимаи дуюми асри XIX, ва хусусан солҳои 80-90-и он дар ҳаёти халқи тоҷик як навъ давраи муқаррарии тақдири таърихии он низ буд, ки дар ин фаросӯ ба эътибори чанд ҷунбишҳои озодихоҳӣ ва ҳаракатҳои маъмулии таърихиву халқӣ рӯйдоди муҳими давр ба назар намерасад. Дар ин давра агар муборизаҳои таърихии халқи арман ва роҳҳои ҳифзу пояндагии анъанаҳои адабиву фарҳангии онҳо дар сурати талошҳои воқеӣ ва ҷадалҳои маърифатхоҳӣ дар ҳазорҳо нашрияҳои арманизабон ва воситаҳои дигари ахбору иттилоот ва таъсиси мактабҳои оммавии нав дар гӯшаву канори арманнишини дунё инъикос гардад, ки нахустин китоб, ба забони арманӣ соли 1512 чоп шуда, нахустин рӯзнома ба забони арманӣ 16 – октябри соли 1794 нашр гардида, нахустин мактаби типи нави арманӣ (мактаби духтарона) соли 1830 таъсис ёфтааст (213), метавон ба зудӣ дарк кард, ки сатҳи зиндагии нобарори ҳарду халқ дар мувофиқат бо ормонҳои миллӣ ва орзуи истиқлолу маърифати адабиву фарҳангӣ дар мулк ва минтақаҳои мухталиф ба ҳам омаданд.

Адабиёти нави арман дар мисоли эҷодиёти бузургтарин адибон як давраи аз лиҳози вусъат ва умқи масъалаҳои муҳими таърихи миллат, мушкилоти ҷомеаи ғамзада, муборизаҳои дуру дарози истиқлолхоҳӣ саршорро аз сар гузаронда, ҳамчунин дар партави бархӯрд ва таъсири адабиёти ғарб ва анъанаҳои шакли назми форсӣ рушди комилро фаро гирифта буд. Анъанаҳои романтизми тасвир дар эҷодиёти асосгузори адабиёти нави арман – Хачатур Абовян ва романи таърихии ӯ «Ҷароҳатҳои Арманистон» ва «Суруди озодӣ»-и Микаэл Налбандян, бо реализми танқидии рус ва аносири ҷараёни маорифпарварӣ омехта, дар худи адабиёти арман синтези ақида ва афкори ҷадидаро дар масири бархӯрдҳои адабиву фарҳангии Шарқу Ғарб ба амал овард. Адабиёти тоҷик дар ин давра ҳамоно дар рӯҳия ва давоми анъанаҳои адабиёти асримиёнагӣ инкишоф ёфта, вобаста бо авзои замон

https://bikhon.tj/

ва табаддулотҳои сиёсиву иҷтимоӣ доираи мавзӯъ ва имкониятҳои тасвир вусъат ёфтанд. Адабиёти давраи баъди Восифиву Сайидо бо махсусиятҳои инкишофи назму наср ва жанрҳои гуногуни назмиву насрӣ дар хоки Мовароуннаҳр ва доираҳои адабии Самарқанду Бухоро ва соири нуқоти мухталиф ба давраи дигари рушд ворид шуда, ҳамзамон муҷиби таҳаввул ва тағйироти шакливу мундариҷавӣ гардид. Агар анъанаи Сайидо, «Шаҳрошуб»-и ӯ ва дар маҷмӯъ адабиёти ҳунармандӣ минбаъда боиси равнақи адабиёти аҳли ҳунар ва иштироки оммаи халқ дар маҷрои умумии назм гардида бошад, ки дар ин бора ҳамчунин дар боби гузашта, дар мавриди андӯхтаҳои адабии Сайёди Наво аз анъанаҳои махсусан адабиёти давраи баъди классикии тоҷик муфассал сухан рафт, (44, 348-363), насри Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ба сари худ на танҳо адабиётро ба тафаккур ва зеҳни халқ наздик кард, балки Восифӣ дар адабиёти тоҷик, дар мисоли таълифи ёддоштҳо анъанаҳои адабиёти пешинро ҳифз намуда, асаре ба вуҷуд овард, ки он аз лиҳози жанр гуногунранг буда, сохтори мураккабу махлут ва хронологияи таърихии инъикоси рӯйдодҳои замонро дошт. Ҳамчунин Восифӣ дар «Бадоеъ-ул – вақоеъ» аз ҳодиса ва воқеаҳое қисса намуд, ки онҳо ҳама заминаи ҳаётӣ доштанд ва оммаи халқро аз «муҳимтарин воқеаю ҳодисаҳои таърихии тақрибан солҳои 1497-1551-и дар Хуросону Мовароуннаҳр... рӯй дода» дар шакли «қиссаю ривоят ва ҳикояҳои нафиси соф бадеии дар давраҳои гуногуни ҳаёти Восифӣ...» огоҳ мекарданд (269, 88).

Бо ибораи дигар, ҳамчунон ки устод Айнӣ дар тадқиқоти худ мегӯяд «...дар он замоне, ки Восифӣ... зиндагӣ кардааст, аҳволи Эрон, Хуросон ва Осиёи Миёна аз ҷиҳати сиёсӣ-иқтисодӣ, адабӣ ва маданӣ хеле мураккаб ва печ дар печ буд... ва дар натиҷаи тохтутоз ва истилои чингизиён Осиёи Миёна ва Эрон ранги як харобзорро гирифта буд...», нақли ин ҳодиса, пораҳои хотирот ва ёддошту сафаргуфтаҳои ин шоир ва нависандаи тоҷик мундариҷаи асарро рангин кардааст. Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, бар иловаи он ки зикр гардид, дар асари худ «аҳволи илмӣ, адабӣ, маданӣ ва ҷамъиятии замони худро, инчунин ихтилофҳои сиёсӣ, динӣ,

https://bikhon.tj/

мазҳабӣ ва ҳам зиддиятҳои синфӣ ва аҳволи иқтисодии он замонро...» (8; 11-25) хеле пурра акс кунонидааст.

Мо тасвири айни чунин ҳолат, вазъияти сиёсӣ, кашмакашҳои дохилӣ, ихтилофҳои динӣ, ҷанҷолҳои мазҳабӣ, зиддиятҳои миллӣ ва нақли муассир ва муфассали рӯйдодҳои ҳамин даврае, ки Восифӣ зиндагӣ карда ва дар асари худ дар хоки Мовароуннаҳру Хуросон нишон додаст, дар «Китоби Таърих»-и олим ва нависандаи арман Аракели Табрезӣ – ҳамзамони Восифӣ мебинем, ки ӯ рӯйдодҳои замони худро ин қадар аниқ, мураттаб ва ҳайратовар навишта, аз рӯзгори арманҳову халқҳои соири шаҳру музофотҳои Эрон, тарзи зисту зиндагонӣ, урфу одат ва хусусан кашмакашҳои диниву ихтилофҳои мазҳабӣ ва эътиқоди сахти омма ба маърифати замона нақлҳои ҷолиб мекунад, ки муҳаққиқ ва мутарҷими асари мазкур Л.Хонларян дар сарсухани китоб (56, 15-32) ва қисмати шарҳу эзоҳоти он (33-35) маҳз ба инъикоси решаҳои таърихии муносибатҳои халқҳои сарзамини Хуросону Арманистони бузург ва ҷанбаи ҳақиқатнигории муаллиф ишора мекунад. Маълум мешавад, ки адабиёт ва соири қишрҳои маърифатии халқ, инкишофи ҳунар ва навъҳои дигари санъати нафиса, хусусан наққошӣ ва тасвиргарӣ дар ин ду мамлакати дар зери асорати аъробу атроку лашкари ғаддори муғулҳо монда мушаххасан назм ва насри бадеӣ баробар тавсиа ёфтаанд, ки ин падида аз поянда будани анъанаҳои адабиёту фарҳанги асримиёнагии тоҷикону арманҳо шаҳодат медиҳад. Дар охири боби гузашта дар ин бора муфассал сухан рафтааст, вале як падидаи дигарро, ки дар алоқамандӣ бо авзои замон, мухтасоти таърихӣ-сиёсии ҷараёни рӯйдодҳо ва сатҳу сифати рӯзгори адабиву фарҳангии халқҳои тоҷику арман ба зуҳур омадааст, зикр бояд кард. Тадқиқи ин мавзӯъ ва чанд паҳлӯи он дар бобҳои гузашта ва чанд саҳифаи боби мазкур ва хусусан вазъи инкишофи адабиёту маориф ва фарҳанги халқи арман фаро гирифта шуд, вале чун дар ҷараёни омӯзиш сатҳи нобарор ва саҷияи мухталифи ҷомеаи Арманистони хусусан асри XIX ва мушаххасан нимаи дувуми он дар ҳамаи соҳа ва вусъати таърихии равандҳои ҷамъиятӣ-

https://bikhon.tj/

сиёсӣ ва адабии он ба сифати як мухтасоти таърихӣ ва махсусияти ҷаҳонбинӣ ба мушоҳида расид, бо вуҷуди он хостем, ки андаке ҳам бошад якрангии рӯйдодҳо, ягонагӣ ё ҳамбастагии таърихии тоҷикону арманҳоро дар фазои ба ҳам омадани ҷадалҳои маърифатӣ, андешаҳои равшанбинӣ ва вусъати манфиатҳои таърихии онҳо ба назар бигирем. Фазои муносибатҳои таърихии тоҷикону арманҳо дар партави тадқиқ ва омӯзиши ҳамчунин тақдири таърихии он холигоҳи бисёр дорад ва сатҳи фарқи чунин ҳамгунӣ дар низоми пайвандҳои адабиву фарҳангии тоҷикону арманҳо дар марҳалаи аввал, аҳди қадим ва асрҳои миёна дар як поя набуда, балки махсусияти рушди адабиёти тоҷик дар назму наср андаке дигар, дар муҳити пиндорҳои асримиёнагӣ ва хосияти равнақи хусусан назм тавъам ба сатҳи маърифати таърихӣ, маҳдудияти синфиву табақотӣ ва ҳолатҳои равонии халқ дар мулк, маҳал ва музофотҳои Осиёи Миёна буд. Зиёда аз ин ҳолатҳо ва омилҳое буданд, ки аз як тараф агар дар муҳити шарқӣ ва бурузу ифшои ҳолату ҳиссиёт ва эҳсоси нафиси ифодаи шоиронаи онҳо монеъ шуда бошад, (ба инобат гирифта шавад маҳдудияти динӣ ва махсусияти мазҳабӣ) омили дигари таърихӣ ва айнӣ вазъияти бе ин ҳам ногувори имкониятҳои инкишофи забони форсӣ, тозагӣ ва ҳифзи назокати он дар қаламрави султаи тур буд. Ин фарқияти таърихӣ дар маҳдудаи фазои пайвандҳои адабӣ хосияти дигари муносибатҳои таърихии тоҷикону арманҳоро дар инкишофи адабиёт баръакс ба вусъат ва майдони ҳамгунӣ ва ҳамгироии маърифатӣ овард, ки мунтаҳо мужда аз бедорӣ, огоҳӣ ва додугирифти фарҳангиву муомилоти савдову кӯшишҳои расидан ба суннатҳои миллӣ ва анъанаҳои адабиву таърихӣ буд. Шурӯъ аз фаъолиятмандии шахсияти адабӣ ва сиёсие ба мисли Аҳмади Дониш ва ҳамзамонону пайравони ӯ дар ҷараёни адабиву маърифатии нимаи дувум ва охири асри XIX – авали асри XX, махсусан «Наводир-ул-вақоеъ», ки таркибан анъана ва суннатҳои адабиёти форсу тоҷикро дар камоли маърифати маънавӣ ва поэтикии жанрҳо ва намудҳо ҳифз ва дар худ нигоҳ доштааст. Ба сарвақти воқеияти таърихии

https://bikhon.tj/

тоҷикон омадани Аҳмади Дониш, фаъолияти адабӣ ва сиёсии ӯ ва хусусан таълифи асаре чун «Наводир-ул-вақоеъ» пайки маърифат, бонги озодӣ аз вуҷуди истиқлолхоҳии тоҷикон дар муҳити манғитӣ буд. Як омили дигари тақдири таърихии тоҷикону арманҳо ин гирифтории саросарӣ дар дасти туркон – манғитизми фазои маънавии Осиёи Миёна ва истибдоди рӯҳиву ҷисмонӣ дар кишвари таърихии Арманистони бузург ва як пораи ба ду қисматшудаи Арманистони Шарқӣ ва Арманистони Ғарбист, ки то имрӯз дар зери фишори пантуркистӣ қарор дорад. Фарзандони огоҳ ва муборизи арман барои як пора замини аҷдодӣ ва эътиқоди меросӣ ба мулку миллати худ воқеан сарбозӣ ва ҷонбозӣ кардаву барои халосӣ аз ҳама воситаҳои озодӣ истифода карда бошанд, фарзандони тоҷик дар мисоли Аҳмади Дониш, Савдо, Возеҳ, Шоҳин, Ҳайрат дар адабиёти тоҷики охири асри XIX, дар даврони ба бедорӣ расидан аз роҳи маърифат бо асарҳои худ дар назму наср ва анвои жанрҳои адабӣ, ба мисли ғазал, рубоӣ, қасида, қитъа хидмат намуданд. Дар алоқа бо вазъи замон ва таҳаввулотҳои бузурги таърихӣ, бо пайку паёми зиндагии нав ва гаравидан ба тарзи зист ва русуми аврупоӣ (фарангӣ) хусусан баъди забти Осиёи Миёна аз ҷониби Россия, ки «... даврааи нав ва муҳимтарини таърихи халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла халқи тоҷик...» маънидод шудааст, шоирону нависандагони тоҷик низ тадриҷан ба таҳаввулотҳои сиёсӣ ва иҷтимоии замон, хусусан дар шаҳрҳои бузурги тоҷикнишини қадим Бухорову Самарқанд ва Хуҷанд ба муҳит ва зиндагӣ назари нав андохта, тавассути эҷодиёташон аз бунбаст ва маҳдудаи таърихиву иҷтимоӣ ба берун, ба зиндагии нав баромаданд. Вале дар муҳити тира ва дар инҳисори ҷаҳолату мафкура ва ақоиди давр мондаи ҷамъияти нимаи дуввуми асри XIX-и аморати Бухоро ин иқдоми одӣ набуд. Ҷасорати равшанфикрони тоҷик дар он зоҳир мешуд, ки муносибати худро ба табаддулотҳои тадриҷии давр бар хилофи ҳукм ва ҳамоқати амирони Бухоро ва муҳити манғитии аморат дар қиёси падидаҳои навҷӯӣ ва навгароӣ бо асарҳои худ дар навъҳои маъмули адабиёт баён мекарданд. Чунин мавҷҳои

https://bikhon.tj/

саросарӣ, ки шамими ғояҳои инқилобиро аз Аврупо ва Россия ба гӯшаҳои дурдасти муҳити тира ва аҳкоми мустақими шариат меовард, новобаста аз шаклу зуҳур ва интишорашон дар дили равшанфикрони тоҷик умед ба фардо ва рӯзгори навро тавлид мекард. Дар ҳаёти иҷтимоӣ ва адабиву фарҳангии муҳити аморати Бухоро ва соири музофоти дигар як раванди нави зиндагиву муносибат ба падидаҳои иҷтимоӣ, ҳодиса ва рӯйдодҳои давр ва инъикоси тадриҷии онҳо дар осори адибон, воқеанигорӣ ва дур рафтан аз инъикоси ормонӣ ва романтикии ҳаёт, такя ба рӯйдодҳои реалӣ ба мушоҳида мерасид. Дар Осиёи Миёна майл ба дигаргуниҳо ва ҳамзамон унсурҳои муносибати ҷадид дар сохти пӯсидаи феодалӣ рӯ зада, мардумро умеди зиндагии нав медод. Ин тағйирот ва таҳаввулот ҳама аз Россия ва Аврупо меомаданд ва бо худ омилҳои дигари муносибатҳои иҷтимоии капитализми русро меоварданд. Ба рӯи кор омадани чунин навъи муносибатҳои иҷтимоӣ ва халои фазо ва вақти ворид шудани капитализми рус аввал дар Қафқоз ва дертар дар Осиёи Миёна, хусусан дар аморати Бухоро ҳарчанд махсусияти иртиҷоӣ дошт ва дар бунёди худ асорате дар шакли дигар буд, таҷрибаи интишори капитализми рус дар Қафқоз, хусусан дар Гурҷистону Арманистон нишон дод, ки дунёи дигар ва ҷаҳонбинии тарзи фарангӣ дар роҳи бедорӣ, раҳоӣ аз асорат ва истибдодӣ туркӣ (шарқӣ) ва худшиносии миллӣ қадам не, балки ҷаҳише ба пеш буд. Ҷаҳони нав барномаи дигар дошт ва интишорот ва раҳоӣ аз бунбасти маънавӣ дар саросари Россия ва қисман Қафқоз аллакай аз иқтидори ақлонии аҳолии ба интишорот ва матбуот гаравида дарак медод.

Падидаҳои нави иҷтимоӣ дар муҳити аморати Бухоро ба душворӣ вусъат мегирифтанд; Қувваҳои иртиҷоӣ ва қишри ҳоким ба ҳеҷ ваҷҳ намехост аз аҳкоми схоластикии ҷамъият ва феодализми Бухоро канда шавад. Торафт вусъат ёфтани падидаҳои маърифати рус ва фарҳанги русӣ симои Бухороро тадриҷан дигар мекард. Пайдо шудани ягон – ягон нашрияҳои русиву форсӣ дигар дар байни равшанфикрони Бухорову Самарқанд ва Хуҷанд фикри онҳоро бедор, чаш-

https://bikhon.tj/

монашонро ба рӯйдодҳои давр во ва муносибаташонро ба падидаҳои гоҳ-гоҳии иҷтимоиву сиёсӣ дигар мекарданд. Равияи равшангарой, маорифпарварӣ ва ҷунбишҳои маърифатхоҳии омма тадричан ба наҳзати бузурги адабӣ бо номи ҷараёни маорифпарварӣ табдил ёфт, ки бунёду вусъати он дар қаламрави аморати Бухоро ба номи асосгузори ин равия Аҳмади Дониш алоқа дорад. Ҳамин тавр, агар дар сари гаҳвораи адабиёти маорифпарварии Арманистон Хачатур Абовян бошад, ки ӯ дар чунин як умри кӯтоҳи худ (1808-1848) тавонист равшанфикрони арманро, ки бо пешқадамтарин ғояҳои инқилобиву маорифпарварварӣ мусаллаҳ буданд, амсоли Микаэл Налбандян, Рафаэл Патканян, Габриэл Сундукян, Раффӣ, Симбод Шоҳазиз, Акоп Паронян роҳнамой бикунад. Хачатур Абовян, ки худ «барои халқ аз ҳаёти халқ ва бо забони халқ» (213, 187) менавишт бо таълифи романи таърихии худ «Ҷароҳатҳои Арманистон» адабиёти нави арманро ба мақрои дигар бурд. Класситсизми ҳукмрони адабиёти арман дар асри XIX, ки муҳимтарин падида ва навъҳои адабӣ ва анъанаҳои аҳди қадим, даврони устура ва асримиёнагии онро ба мерос бурда буд, якбора ба қабули романтизм ба сифати методи тасвири адабиёти аҳди нав ва бо забони нави ашхарабар (соли 1840) ба таълифи романи Х.Абовян ба истиқболи ҷараёни нави адабӣ барои омма тайёр шуд. Эҷодиёти Хачатур Абовян ба маънии томаш анъанаҳои адабиёти пешин ва гузаштаи пурифтихори халқро бо пешомади бузурги таърихиаш дар рӯҳияи бедорӣ ва инқилобӣ муҷассам намуд. Ҳамроҳшавии Арманистони Шарқӣ ба Россия ва истиқлоли якумра аз юғи туркҳо мавзӯи марказии роман аст, ки саросари асарро фаро гирифтааст.

Бо вуҷуди он ки Аҳмади Дониш дар Бухоро ва Хачатур Абовян дар Арманистон адабиёти нав, равияи нав ва ҷараёни маорифпарвариро сарварӣ мекарданд ва яке дар мисоли романи «Ҷароҳатҳои Арманистон» (1840) муборизаҳои озодихоҳии халқи арман ва падидаҳои рӯзгори навро дар партави ҷадалҳои маърифатии омма ва аз нигоҳи ҳифзи анъанаҳои адабиёти асримиёнагии он, дар рӯҳияи

https://bikhon.tj/

муносибати интиқодӣ тасвир мекарду дигаре дар мисоли «Наводир-ул-вақоеъ» (1880) муҳити тираи аморати Бухоро, фоҷиаҳои халқро аз бесаводӣ ва ҷаҳолат ба қалами танқид фош мекард, шароити таърихӣ ҳам дар Қафқоз ва ҳам дар Бухорову умуман Осиёи Миёна дигар хел буд, фарқ мекард. Равшангарони Бухоро бо андаке таъхир – ба андозаи 40-50 сол аз муҳити инқилобии Гурҷистону Арманистон роҳи мураккаби бӯҳронӣ ва талошҳои маърифатхоҳиро аз даричаи муносибати нозук ва дар асл фоҷиабор бо рӯҳониёни иртиҷоъпараст ва ихтилофҳои мазҳабиву ақидаҳои кӯҳнаи аҳком тай намуданд. Дар муҳити воқеан тираи феодалӣ, истибдоди аморат ва ҳокимияти туркӣ ба Аҳмади Донишу пайравони ӯ дар шароити ҳукмронии таассуби динӣ ва таъқиботи пайваста ва хусусан дар савия ва сатҳи пасти маърифати омма, ки ҳанӯз аз худшиносиву бедории миллӣ осоре набуд, ба муқобили чунин ҷараён мубориза бурдан амали мушкиле ҳам буд. Вале, чунонки муаллифони «Адабиёти тоҷик» менависанд «... ба ҳама ин монеаҳо нигоҳ накарда таъсири маданияти рус ба ҳаёти маданиву иқтисодии халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла халқи тоҷик рӯз то рӯз меафзуд. Натиҷаи равшани таъсири мусбат ва пурфоидаи маданияти рус ба вуҷуд омадани равияи маорифпарварӣ дар афкори сиёсии иҷтимоӣ ва ҳаёти адабӣ буд, ки бунёдгузор ва тарғиботчии барҷастаи он нависанда ва мутафаккири бузурги он аср Аҳмади Дониш буд. Ғояҳои маорифпарварӣ ва тамоми эҷодиёти Аҳмади Дониш ба инкишофи маънавӣ ва мазмуни ғоявии адабиёти нимаи (дуюми – А.Д.) асри XIX–(-и тоҷик ва умуман Осиёи Миёна – А. Д.) таъсири ниҳоят калон расонидааст». (269, 299).

Дар чунин шароит дар Арманистон бо он ки сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, таълифоти адабӣ ва фарҳангӣ бар асоси хати нави ашхарабар ҷараён мегирифт, балки осори адабӣ, аз ҷумла «Суруди озодӣ»-и Микаэл Налбандян ва «Ҷароҳатҳои Арманистон» бо ашхарабар анҷом ёфта, ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии халқи арман дар партави муборизаҳои пайваста тамоми адабиёти нави арман, афкори адабӣ-эстетикӣ ва тафаккури миллии онро фаро гирифта

https://bikhon.tj/

буд. Бо ифодаи дигар, вақте Аҳмади Дониш аз муҳити печида, тира ва «фалокатиштимол»-и аморати Бухоро ба танг омада, дар осори адабӣ ва таълифоти сиёсиаш роҳҳои халосӣ аз онро бо ҳасрат мечӯяд ва «...ин фармонфармоён монанди чорпоянд, балки аз онҳо ҳам гумроҳтаранд...» – мегӯяд, ин аввалин ишора ва нахустин ҳушдор аз расидани замони мусоид барои ислоҳот аст, ки дер ё зуд бояд муҳит ва тафаккури мусулмониро фаро бигирад. Муқаддамтар аз ин муборизаҳои Хачатур Абовян ва пайравони ӯ буд, ки бо осорашон адабиёт ва ҳаётро дар як поя гузоштанд. Инсони одӣ ва заҳматкаш, марди хокпош, вале бедори арман дар маркази образи адабиёт қарор гирифт. Бо ин асараш Абовян тавонист адабиётро ба хизмати ҷомеаи муосир қарор бидиҳад. Агаси – образи асосӣ, намояндаи насли нав, аз ҳамзамонони муаллиф аст, ки аз файз ва фазилати рӯзгори нав, аз мавҷҳои бузурги озодӣ ва фаро расидани даврони истиқлол мужда меорад.

«Суруди озодӣ»-и Микаэл Налбандян соли 1859 навишта ва худи ҳамон сол дар шумораи нуҳуми маҷаллаи «Юсисапайл» ба табъ мерасад. Муҳаққиқи ҳаёт ва эҷодиёти Микаэл Налбандян, профессор, дӯсти адабиёти тоҷик Сергей Даронян дар тадқиқоти худ (79, 146-150) менависад, ки ҳам таълиф ва ҳам чопи романи «Ҷароҳатҳои Арманистон» (роман соли 1840 таълиф ва соли 1858 баъди 18 соли таълиф ва 10 соли даргузашти муаллифаш* нахустин маротиба ба табъ расидааст-А.Д), ки то он вақт дастнависи романро мутолиа мекарданд ва ҳам таълифу чопи «Суруди озодӣ»-и ин ду шоир ва нависандаи маорифпарвари арман дар байни оммаи васеи халқ шӯре барангехт. «То таълифи «Суруди озодӣ»-и Налбандян дар лирикаи граждании адабиёти арман романтизми миллӣ саршор ва дарду ғам ва мотам ҳукмрон буд. Налбандян бо шеъри худ, қабл аз ҳама, бо «Суруди озодӣ» ба назми арман рӯҳи инқилобӣ ворид намуд. Ягон шоир то Налбандян озодиро ин қадар бо ташнагӣ ва муҳаббати сӯзон

* Сабаби марги Хачатур Абовян то имрӯз маълум нест. Ӯ пагоҳии 2-апрели соли 1848 аз хона баромада, бо ҳамин дигар барнагаштааст.

https://bikhon.tj/

насароидаву ягон шоири дигар ин гуна халқро ба бовар ва умед ба фардои дурахшон даъват накарда буд, ҳамчунон ки шеъри Налбандян». (79, 149). Ҷавонони Арманистон матни «Суруди озодӣ»-ро гаштаву баргашта дар зер ва пушти суратҳои шоир менавистанд ва он сурату варақаҳоро паҳн мекарданд. Ин амал, бегумон, ба бедории миллии омма мусоидат мекард ва барномаи амали сиёсӣ ва иҷтимоии як насли ҷавонони арман бар асоси матн ва эҳсоси даъват ба бедорӣ ва мубориза нигаронида шуда буд. Бо ибораи дигар, назми озодихоҳонаи Налбандян рӯҳи талабот, ниёз ва эҳтиёҷи маънавии замони навро инъикос мекард.

Чунонки ба гуфта омад, равияҳои нави дар ҳаёти адабӣ ва сиёсии давр ба амал омада, тадриҷан мавҷи саросарӣ гирифта ва дар шароитҳои гуногуни таърихӣ дар адабиётҳои гуногун ҷараёне бо номи адабиёти маорифпарварӣ зуҳур кард. Равия ва ҷараёнҳои мухталифи адабӣ, ки дар охири асри XIX ва ибтидои дунёи нав ба вуҷуд омаданд, дар заминаи анъанаҳои адабиёти гузашта ва суннатҳои пешрави фарҳангии халққо интишор ёфтанд ва дар айни замон боиси тавлиди жанрҳо ва навъҳои адабӣ гаштанд.

Романи таърихии «Ҷароҳатҳои Арманистон»-и Хачатур Абовян, шеъри «Суруди озодӣ»-и Микаэл Налбандян ва бисёре аз намунаҳои назму насри адабиёти давраи маорифпарварии Арманистон, ба эътибори бозгӯи муаммоҳои тақдири таърихии халқи арман ва фоҷиаҳои пайвастаи ин мулку миллат ҳама дар жанру навъҳои адабии адабиёти нави арман таълиф ёфтаанд. Навӣ дар адабиёт – ба ҳам омадани мақсад ва ҳадафҳои таърихӣ, инъикоси масъала ва мушкилоти ҳаёт, дар заминаи шароитҳои таърихӣ ба таври густурда фаро гирифтани рӯйдодҳои давр, дар маркази адабиёт ва осори нафиса қарор додани инсони наву мубориз буд. Ин сифат ва фазилатҳо дар адабиёти нави арман ба назар мерасиданд. Дар адабиёти нимаи дувуми асри XIX тоҷик масъалаҳои асосии давр, ки дар назму наср фаро гирифта мешуданд, ҳамон мавзӯъ ва муаммоҳои пешин буданд, ки дар ҳифзи анъана ва суннатҳои адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик мавҷуд буданд. Навӣ дар адабиёти ин давраи

https://bikhon.tj/

тоҷик инъикоси рӯйдодхои замон, тағйирот ва таҳаввулоте, ки хусусан дар мазмун рух медод, ҳамчунин инъикоси воқеа ва ҳодисаҳои тозае буданд, ки дар партави тасарруф ва ҳалқаи пиндорҳои нави императории Россия дар аморати Бухоро дида мешуданд. Худи сохтори поэтикӣ ва шаклу жанри таълифи асаре чун «Наводир-ул-вақоеъ», ки дар солҳои гуногун ва дар партави ҳодисаҳои давр таълиф шудааст, аз гуногунрангии панорамаи нақл шаҳодат медиҳад. Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ ҳамаи он чиро, ки дар олами Ғарб рух медод ва муҳиту фазои инқилобии Россия ва кишварҳои ҳамҷавори онро фаро мегирифт, кам-кам шунида, аз падидаҳои тозанашру тозаворид ба Бухоро мутолиа намуда, ба воқеа ва рӯйдодҳои замон бо чашми дигар менигаристанд. Вобаста ба ин афкори адабӣ ва илмиву фарҳангии шоиру нависандагон тадриҷан тағйир меёфтанд. Ба падидаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии замон бетафовут набуданд, ба воқеаҳо ва ҷараёну равияҳои пешқадам на танҳо бо чашми ҳавас менигаристанд, балки ба онҳо ҳамовозӣ мекарданд.

Аҳмади Дониш, Возеҳ, Савдо, Шоҳин ва як силсила шуаро ва равшанфикрони Бухоро, Самарқанд ва Хуҷанд дар асарҳои худ ғоя ва афкори пешқадами «Фарангу Руссия» – ро тарғиб карда, бо ин муносибати худро ба рӯйдодҳои давр ифода ва худро дар айни замон ба фардои инқилобӣ ва таҳаввулотҳои бузурги сиёсиву иҷтимоӣ тайёр менамуданд. Назарияи ҷараёни маорифпарварӣ, ки аз Россия омада буд, онҳоро водор менамуд, ки фаъолияти равшанфикрии худро тибқи махсусияти равияи он тарҳрезӣ намоянд. Афкори маорифпарварии замон дар асарҳои шоиру нависандагони ин давраи адабиёти тоҷик дар ҳар жанру навъҳои адабӣ инъикос ёфта, ҳамзамон ба сабку услуби нигорандагии онон нақши худро мегузошт. Агар дар ин давра дар адабиёти арман жанре чун роман ташаккул ёфта, имкониятҳои инъикоси рӯйдодҳои давр дар мисоли воқеаҳои сиёсии замон, масалан мавзӯи тақдири таърихии халқи арман ва давраи сарнавиштсози ба Россия ҳамроҳшавии Арманистони Шарқӣ ва аз дасти ҳамсояҳои чапу рости худу мамлакатҳои шарқи

https://bikhon.tj/

мусулмонии Эрон ва Туркия ва, аз ҳама муҳим, аз фишору зӯроварии диниву мазҳабӣ халос шудани халқи арманро дар адабиёт наметавон дар шаклҳову жанрҳои классикии аз адабиёти форсу тоҷик ба мерос омадаи дубайтиву рубоиву ғазал тасвир ва ифода намуд. Замони нав на танҳо нигоҳи нав ва рӯҳи нав тақозо дошт, балки имконият ва диди пурвусъати таърихӣ лозим буд, ки шоир ё нависанда панорамаи он падидаҳои бузурги таърихӣ ё фоҷиаҳои пай дар паи халқи арманро фаро бигирад. Ба ин маънӣ, ба сарвақти таърихи халқ расидани мутафаккироне чун Абовян ва Налбандян ва даҳҳо равшанфикрони таълиму тарбияи аврупоидида муҳим буд.

Агар ба ёд биёрем, ки суруди озодии тоҷикон «аввалин шеъри ҳам мазмунан ва ҳам шаклан дар адабиёти тоҷик аз қалами устод Айнӣ сар зада, ғулғулаангез ва оташафрӯз, пур аз ҳиссиёт, пур аз кинаҷӯӣ нисбат ба дунёи кӯҳна, бо даъват ба интиқомгирӣ аз золимон, матину устувор қадам монда ҳамчун «Марши ҳуррият» бо тантана ва ҳашамат ба назми тоҷик дохил...» ва он «... дар 7декабри соли 1919 ба муносибати ҷашни соли сийуми (сеюми бояд бошад-А.Д.) Револютсияи Октябр дар журнали «Шӯълаи инқилоб» нашр (272, 151) шуд, пас аз «Суруди озодӣ»-и Микаэл Налбандян то «Марши ҳуррият»-и устод Айнӣ расо шастсола роҳ аст ва аз инсоф нагузарем, суруди озодии халқи арманро Микаэл Налбандян ва ё ягон шоиру мутафаккири арман дар он шароит дер ё зуд офарида наметавонист. Маҳз фаро расидани «боди шӯрта» ва шароити таърихӣ буд, ки табли озодӣ ва суруди истиқлолхоҳии халқи арман на танҳо дар Арманистон, балки ба гӯши ҳар як арманитабори бедори маскуни сайёра, бо забони шевои арманӣ ва ашхарабар – забони тибқи забони зиндаи халқ кор кардашудаи шева ва лаҳҷаҳои ҳамворӣ ва пуштакӯҳҳои водии Арарат расид. Бинобар ин шоирони мо тавонистанд он навӣ ва падидаҳои навҷӯии дунёи кӯҳани феодалии нав бо мавҷҳои маърифатхоҳии аз аврупо ва Россия омада ва бедоршударо танҳо дар қолаби шакл ва жанрҳои шеърии тоҷикӣ, амсоли қасидаву маснавиву ғазал ва дубайтиву рубоӣ тараннум намоянд, вале бояд

https://bikhon.tj/

иқрор шуд, ки дар усули эҷодии (шоирони равияи – А.Д.) маорифпарварӣ дигаргуниҳои ҷиддӣ чӣ дар назм ва чӣ дар наср ба вуҷуд омад. Ин тағйирот дар шакли адабӣ камтар зоҳир шуда бошад ҳам, аммо (?) дар услуб ва тарзи тасвири бадеӣ дигаргунӣ ва тозагиҳои ба назар намоёне рӯй дод» (269, 313).

Дар насри бадеии ин давра, тавре ки борҳо такрор шуд, ҳамчунин равияҳои нави фалсафӣ, хулосабарорӣ, ифодаи мустақими афкори бадеӣ ва сиёсӣ аз нигоҳи таърихӣ ташаккул ёфт. Ба эътибори «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш, чанд тан аз шоирони давр ба наср рӯ овардаанд ва ғолибан он табаддулоти сиёсӣ ва тағйиротҳои иҷтимоии давр ва ифодаи пурвусъати воқеаҳо ва инъикоси бадеии онҳо танҳо дар наср имкон дошт ва шоироне ба мисли Возеҳ («Савонеҳ-ул-масолик»), Савдо («Музҳикот»), Шоҳин («Бадоеъ-ус-саноеъ») дар пайравии Аҳмади Дониш ба таълифи асарҳои насрӣ пардохта, дар ин ҷода ва ҳамназарӣ ба рӯйдодҳои давр як катор асарҳо офариданд ва дар ташаккули жанрҳои насри ин давраи адабиёти тоҷик саҳм гирифтанд. Бо ин ҳама, дар радифи инъикоси воқеаҳои давр ягона асари комил ин «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш буд, ки дар равияи анъанаи ёддоштнависии адабиёти форсу тоҷик таълиф ёфта, муҳимтарин рӯйдодҳои замонро дар партави дида, шунида ва андӯхтаҳои адиб дар бар мегирифт ва тавре сарчашмаҳои илмиву бадеии минбаъда шаҳодат медиҳанд, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш дар ҷараёни бедории замон, халқ ва хусусан равшангарони даврони нав, аз ҷумла устод Айнӣ таъсири бузург расонидааст. Адабиётшинос Субҳон Амирқулов дар тадқиқоти худ (18, 131-137) ба масъалаи муносибати Садриддин Айнӣ дар шинохти шахсияти Аҳмади Дониш ва асари «Наводир-ул-вақоеъ»-и ӯ, дар истинод ба таассурот ва навиштаҳои Садриддин Айнӣ, ки «ӯ ташаккули фардияти эҷодии Аҳмади Донишро ба наводирии зеҳният ва аҷобати авзои асроромези фитрии ӯ вобаста медонад», менависад, ки «мушоҳидаи пайгирона дар бораи фардияти эҷодии Аҳмади Дониш ва ба таъсири авомили хориҷӣ (?) бевосита тобеъ набудани ғояву

https://bikhon.tj/

мундариҷа ва услуби нави эҷодиёти ӯ (Аҳмади Дониш – А.Д.) ба устод Айнӣ имконият фароҳам овардааст, ки ақидаи назариявии худро дар бобати ҳудуд ва шароити ба вуҷуд омадани адабиёти маорифпарварӣ, ки он оғози «адабиёти нави тоҷик» мебошад, ба таври саҳеҳ ва мушаххас баён намояд: «Ҳарчанд Аҳмад-махдуми Дониш (1242-1314 ҳ) дар боби адабиёти мансура хеле роҳи нав ва услуби тозаро бо илҳоми даҳо ва истеъдоди фитрии худ эҷод кард, лекин (?) ин равиш то (соли – А.Д.) 1905 мелодӣ, яъне то инқилоби нахустини Русия шоеъ нашуда буд. Вақте ки Инқилоби мазкур ба вуҷуд омада, омадшуди рӯзнома, чоп ва китобҳои тоза дар Бухоро ва Туркистон умумият гирифт, соҳибқаламони тозанавис ҳам ҷо-ҷо сар баровардand. Бинобар ин мо сари таърихи адабиёти нави тоҷикро 1905 қарор додем» (18, 133).

Гузашта аз ин, адабиёти нави арманро, ки дар партави табаддулотҳои сиёсии Фаронсаву Россия ва хусусан равияи класситсизм инкишоф меёфт, Абовян бо таълифи асари худ онро аз маҳдудаҳои класситсизми тасвир бароварда, ба вусъати имкониятҳои нави таърихӣ ва ҷараёни романтикии омехта ба реализми тасвир вогузошт. Ин умумияти тарзи тасвир ва методи эҷодӣ дар мисоли асари Аҳмади Дониш ҳамчунин мустақиман сурат гирифт, балки ифодаи реалӣ, воқеии он рӯйдодҳо дар адабиёти охири асри XIX – и тоҷик, таҳти таъсири ҳамон ҷараён ва ҳаракати маърифатхоҳиву маорифпарварӣ равияи реалистии омехта бо романтизми классикӣ равнақ ёфт ва ин умумияти дид ва тасвир, ба эътибори вақту фазо, бешубҳа ҳам дар ҷараёни таълифи романи «Ҷароҳатҳои Арманистон»-и Хачатур Абовян ва ҳам дар ҷараёни таълифи асари Аҳмади Дониш «Наводир-улвақоеъ» ва ҳамчунин барои як қатор адабиётҳои дигар, масалан гурҷӣ (осори Чавчавадзе) ва озарбойҷон (осори Мирзо Фатҳалӣ Охундов) як равияи табиӣ буд, ки баъдтар дар маҷмӯъ дар илми адабиётшиносӣ бо унвони ҷараёни маорифпарварӣ шинохта шуд. Ба ин тариқа, масъалаи анъана дар адабиётҳои аҳди нави тоҷикону арманҳо, аз роҳи дигару аз дид ва шароити таърихии дигар ба мушоҳида мера-

https://bikhon.tj/

сад. Тафриқаи зиёда аз нимасра дар таърихи адабиётҳои тоҷику арман, ки ҳар ду садсолаҳо роҳи муштараки инкишоф доштанд ва дар даврaҳои гуногуни таърихӣ бо ин ё он омили файзбахши рушд фаро гирифта мешуданд, ин ду адабиётро аз ҳам дур набурд. Корбурди таъбиру таркибҳои форсӣ дар фазои адабиёти асрҳои миёна, роҳҳои эҷодкорона омӯхтани дастовардҳои адабии халқҳои тоҷику арман дар масири таҷриба ва андӯхтаҳои адабиву фарҳангӣ ҳатто ба тавлид ва ташаккули адабиёт дар ду забон – форсӣ ва арманӣ сабаб гардида буд. Шоирони адабиёти асримиёнагии арман, таҳти таъсири забон ва адабиёти форсӣ ба гуфтани шеъри омехта дар ду забон мушарраф шуданд. Ин ва ба ҳамин монанд майлҳои адабӣ, ки маҳсули сирф таъсири адабиёти форсӣ ба эҷодиёти шуарои арман бошад, аз қабили истиқболи мавзӯъ, образ, шакли ифода ва ғ... дар адабиёти арман фаровон ба назар мерасанд. Роҳҳои корбурди анъана дар адабиёти ин давраи тоҷикону арманҳо, ба эътибори гуногунии фазои сиёсӣ ва адабӣ ва сатҳи тафриқаи тафаккур ва ҷаҳонбинии нав, асосан муштараканд. Ҳавза ва доираҳои адабии пешин, ки дар Табрез, Ганҷа, Шарвон (Қафқоз) ва дар нуқтаҳои дигари муҳити илмӣ ва адабии Осиёи Миёна буданд, дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX–аҳди нави Тоҷикистону Арманистон дар рӯҳия ва ҳифзи суннатҳои дерин фаъолият намуданд. Аз он ҳавза ва доираҳои адабии минтақаи Қафқоз, ки дар асрҳои миёна бо нуфузи забон ва адабиёти форсӣ ва бо иштироки шуарои арману форсӣ имтиёз доштанд дар охири асри XIX Тифлис ба ҳукми маркази илмӣ ва адабии ҷумҳуриҳои Қафқоз мақом дошт ва ба яке аз марказҳои сиёсии давр табдил ёфта буд. Беҳтарин шоирони давр, аз ҷумла Сайёди Наво дар Тифлис зиндагӣ ва дар чор забон шеър эҷод кардааст ва Сайёди Навову ҳамасрони ӯ Тифлисро ба туфайли эҷодиёт ва фаъолияти адабии худ ба гаҳвораи ташаккули фарҳанги арманӣ ва рушди забону адабиёти он табдил доданд. Ҳамчунин таъсиси мактабу гимназияҳои арманӣ дар Тифлиси охири асри XIX ва ибтидои аҳди нав боиси равнақи мактабу маориф гардида буд. Мактабҳои чӣ хусусӣ ва чӣ давлатии арманӣ дар Тифлис

https://bikhon.tj/

барои таъмини саводи омма ва интишори муҳити фарҳанги арманӣ хизмат мекарданд. Масалан, таъсиси мактаби ибтидоии Нерсесян соли 1824 (баъдтар соли 1850 ба мактаби миёна табдил ёфт) дар Тифлис аллакай характери дунявӣ дошт ва минбаъда дар заминаи мактаби мазкур беҳтарин мактабу гимназияҳо бо забони арманӣ дар Тифлис, Боку, Ереван, Шуша, Нахичеван таъсис ёфта, боиси саводнокӣ дар заминаи таърих ва фарҳанги миллии арманӣ ва худогоҳии фарзандони он гардиданд.

Нашри рӯзномаву маҷаллаҳое, ки дар Тифлис ба забони арманӣ ба роҳ монда шуданд, ҳамчунин дар роҳи бедорӣ ва ба ҳам овардани арманҳо хизматҳои бузург карданд. Ба сифати маркази нашру табъ эътироф гардидани Тифлис низ ба туфайли хизматҳои бедареғи фарзандони арманист, ки онҳо дар марказ ва маҳфилҳои сиёсиву адабӣ гирд омада, фаъолияти нашрияҳои арманиро ба роҳ мемонданд, ки маҳфилҳо ва шӯъбаҳои «танвири афкор»-и арманӣ бо чопи нашрияву маҷаллаҳо дар Константинопол, Шуша, Ереван, Боку, Ван, Табриз ҳамчунин амал мекарданд. Дар марказ ва маҳфилҳои сиёсиву адабие, ки дар масири асри XIX ва ибтидои садсолаи нав дар Тифлису Шуша ва Еревану Боку ва музофотҳои дигари арманнишин фаъолият мекарданд, роҳҳои ҳифзи суннатҳои миллӣ ва анъанаҳои адабиву маҳфилҳо ва мактабу равияҳои адабиёти асримиёнагии арман дар замони наву шароити дигари таърихии даврони табаддулотҳои иҷтимоӣ ба сифати нав зуҳур мекарданд. Дар марказҳои мазкур афкори илмӣ ва адабии ҷадида тарҳрезӣ мешуданд. Фаъолияти мактабу гимназияҳои арманизабон, нашри рӯзномаву маҷаллаҳои арманӣ, чопи китобҳо – ҳама барои интишори афкори ҷадида ҳам замина ва ҳам муҳити мусоиди хуб доданд. Бо роҳи нашри осори адибони халқҳои дигар, аз ҷумла шуарои форсу тоҷик ва тарҷумаи ашъори онҳо ва умуман чопи осори тарҷумавӣ чун давоми мактаби қадими тарҷумаи арманӣ фарҳангиёни арман беҳтарин анъанаҳои адабиёти гузаштаро ҳифз мекарданд.

Дар муҳити адабии Тоҷикистон чунин амал асосан дар доираҳои адабии Бухорову Самарқанд ва Хуҷанд рух меза-

https://bikhon.tj/

данд. Маҳфилҳои адабии муллобачагон дар мадрасаҳо, шабҳои назм ва сӯҳбатҳои адабиву шеъру шоирӣ дар ҳавлии Шарифҷон махдуми Садри Зиё инҳо зоҳиран аз сӯҳбатҳои воқеии адабӣ ва шеърхониву байтбарак ва муҳокимаву баррасии ашъори навтаълиф, латифаву базлагӯй ва ғ..., иборат буданд, вале дар зимни он сӯҳбатҳо, ки Аҳмади Дониш ҳам аҳёнан иштирокдор ва нуқли маҳфилҳо буд, ҳама саршор аз аламҳои ватандорӣ ва ғамҳои озодиву истиқлол аз муҳити тираи феодалӣ ва фишори манғитӣ, муовизаи дидаву шунида ва мутолиаҳо буданд. Мавҷҳои ҳаёт ва дунёи нав то рафт ҳама муҳитро фаро мегирифт ва шурӯъ аз солҳои 80-и асри XIX бар мабнои таълифоти Аҳмади Донишу пайравони ӯ бедории тадриҷии омма ва фаъолияти сиёсиву ҷамъиятӣ ва адабии онҳо дар роҳи ҳамовозии воқеӣ ва иштироки бевосита, тасвиру ифодаҳои реалӣ ва шавоҳиди аслӣ, иштирокдорӣ дар маҳфилу баҳсҳо хусусан зиёиён аввал дар шаҳрҳои бузурги Осиёи Миёна-Тошканд, Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Андиҷону Фарғона фаъол шуда, дар радифи нашрияҳои тозавориди форсиву туркии Қазону Оренбургу Уфаву Боғчасарой ва соири марказҳои дигари мусулмонӣ акнун ба чопи нашрияҳои гоҳ-гоҳиву чопи китобҳо мушарраф мешуданд. Дар шаҳр ва мавзеъҳои гуногуни кишвар ба туфайли ёрии равшанфикрону тоҷирон ва савдогарони маҳаллӣ таъсиси рӯзномаҳо бо забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ ба роҳ монда шуданд.

Ҳанӯз аз нахустин рӯзҳои ба Россия ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна дар қатори чандин роҳу воситаҳои рафтуомад ҳамчунин вуруди даста – даста савдогарону тоҷирони русу эрониву арманӣ ва яҳудиву тоторҳо ба Бухоро ва Самарқанд ва аҳёнан Хуҷанду Фарғона ба расмият даромада, ҳамзамон ин савдогарони огоҳ бо худ рӯзномаву маҷалла меоварданд. Ва бо ин роҳ низ сабабҳои саводнокии омма ва сатҳи тафаккури халқ маълум мешуд. Ба воқеа ва рӯйдодҳои давр мароқ зоҳир мекарданд ва тадриҷан аз роҳи мутолиа огоҳии зиёиёни тоҷик бештар мешуд. Ҳамовозӣ ба падидаҳои рӯзафзуни давр ва дар инҳисори таҳаввулоти воқеӣ будани равшанфикрон дар онҳо эҳсоси бедорӣ ва

https://bikhon.tj/

худогоҳии миллиро мепарварид ва онҳо – Аҳмади Дониш (1827-1897), Возеҳ (1818-1894), Савдо (1823-1879), Шоҳин (1859-1893), андаке дертар Шарифҷон махдуми Садри Зиё (1868-1932), Асирии Хуҷандӣ (1864-1916) дар таълифоти назмиву насрӣ ва хусусан Садри Зиё дар рӯзномаи худ ба масъалаҳои давру рӯйдодҳои замон фаъолона дахолат мекарданд. Бухоро ва Самарқанд дар ин давра ва чун садсолаҳои пеш гаҳвораи тамаддуни форсӣ ва аз марказҳои сиёсиву илмӣ ва адаби тоҷикӣ ба ҳисоб рафта, шуарову фузало ва мутафаккирони пешқадами даврро аз тамоми гӯшаву канори вилоятҳои Туркистон гирд оварда буд ва оммаи халқ худро ба ҷӯши ҳаводис мезад. Як махсусияти дигари муҳити адабии Бухоро ва Самарқанд, чун доираҳои адабии шаҳрҳои Қафқози охири асри XIX ба мисли Тифлису Шушаву Боку, ин омӯзиши забон, адабиёт ва маърифати русӣ буд, ки хусусан равшанфикрони пешқадам ба итмоми ин амал бо ғайрат камар баста буданд. Дар алоқа бо вуруди сиёсати русӣ ба Бухоро тарғиб ва омӯзиши фарҳанги русӣ ба сифати як рукни пешқадами сиёсии давр ба роҳ монда шуд. Ин падида дар эҷодиёт ва таълифоти шоирону нависандагон ва равшангарони тоҷик – шурӯъ аз осори Аҳмади Дониш, чун дар осори адибони даврони наву маорифпарварии арман Хачатур Абовян, Микаэл Налбандян, Акоп Акопян, Ованес Туманян хусусияти оммавӣ гирифт ва дар пиндорҳои сиёсати давр ҷиҳати пешрав буд. Дар ишора бо ҳамин Раҳим Ҳошим навишта буд, ки «бо мурури ҳамроҳ (карда) шудани аморати Бухоро ба ҳаёти иқтисодии Россия ва нуфуз пайдо кардани унсурҳои маданияти замонӣ ба Бухорои амирӣ, ки дар шароити тақрибан асримиёнагӣ рӯз мегузаронид, дар байни муллобачаҳои кунҷкови мадрасаҳои Бухоро, ки ҷамъомадгоҳи босаводон, донишҷӯён ва маълумотнокони он замон, рағбат ба донистани ҳаёти Россия ва мардумони он, шавқу ҳавас ба омӯхтани забони русӣ рӯз ба рӯз зиёд мешуд. Ин майл аз охирҳои асри гузашта возеҳтар мушоҳида мешавад» (272, 44-45). Равшанфикрони тоҷик бо роҳи омӯзиши забони русӣ ва адабиёту фарҳанги он ва ба воситаи маърифат ва ҷаҳонбинии русӣ ба таъриху расму

https://bikhon.tj/

оину маданияти халқҳои дигар низ таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Чашми дилу чашми сари онҳоро нашрияҳои замон ва мутолиаи маводи онҳо ба ҷаҳон мекушод ва таассуроти онҳо аз роҳи баёни воқеаҳои дида, шунида ва мутолиаи рӯзномаҳо дар шакл ва анвои хурду бузурги назм, пораҳои насрӣ, баёнот, сафарнома ва рӯзномаҳо ифода меёфтанд. Ба шуури таърихӣ ва зеҳни халқи тоҷик ном ва саҷияи халқе бо номи арман ва исавимазҳаб маҳз дар даврони рӯйдодҳои реалии нимаи дуюм ва охири асри XIX сахтакак нишаст. Барои халқи тоҷик армании шоир ё армании тоҷир аввалҳо дар радифи як эронӣ ва ё яҳудӣ, ба сифати намояндаи дин ва мазҳаби дигар манзалат дошт. Барои ҳамин вуруди аносири маишат ва тарзи зисту расму оинҳои арманӣ ва Арманистони даврони нав – то даврои нави ҳудуди воҳид ва маъмурии шӯравӣ «дар оилаи ягона» барои тоҷикон* воқеан бегона

---

* Дар рисола чанд ҷой ба зикр омад ва дар мақолаву тадқиқотҳои пешин низ борҳо қайд гардида буд, ки ба арманҳо (Ҳайк, Ҳайастон) нахустин маротиба форсҳо номи «армина» ва ба ватанашон «Армания» муносиб дониставу бо ҳамин онҳо дар ҷаҳон машҳур шуданд. Зикри мамлакати Арманистон ва халқе бо номи арман (арманӣ) дар осори шоиру нависандагони адабиёти классики форсу тоҷик бисёр вомехӯрад. Шоири ҳамасри Рӯдакӣ Абуҳасан Алӣ ибни Муҳаммад Мунҷиқи Тирмизӣ дар як қитъаи парокандаи худ аз як образи шоирона бо назокат ёд мекунад ва аз он порча фаҳмидан душвор нест, ки ҳанӯз дар асриX, дар адабиёти аҳди Рӯдакӣ ва Нарекатси аносири амали мутақобилаи падидаҳои адабӣ ва фарҳангӣ байни тоҷикон ва арманҳо истифода мешудааст. Ин як ишораи дигари нозук дар тамомияти ифодаи маҳорати тасвиргарӣ будааст, ки шеъри аҳди Рӯдакиву адабиёти асри X-и арманро умумият мебахшад:

Эй, хубтар зи пайкари дебои арманӣ,
Эй, поктар зи қатраи борони баҳманӣ.
Он ҷо, ки мӯи ту , ҳама барзан ба зери мушк,
В-он ҷо, ки рӯи туст, ҳамеша бараҳманӣ.
Андар Фурот ғарқам, то дида бо манист,
В-андар баҳори ҳуснам, то ту бари манӣ.

Ба ин маънӣ ҳам дар осори Рӯдакӣ ва ҳам дар эҷодиёти шоирони классикии форсу тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Носири Хусрав, Саъдадин Низории Кӯҳистонӣ ва даҳҳо намояндагони илму адаби форсии тоҷикӣ номи арман, арманӣ, Арманистон бо ихлос ёд мешавад. – А.Д.

https://bikhon.tj/

буда, осори арманшиносӣ дар афкори таърихӣ, илмӣ ва адабии тоҷикон бо зикри номи арманӣ, дебои арманӣ, шӯхи арманӣ, ёри арманимазҳаб, шӯхи исавимиллат, халқи дорои хат ва забони бегона зикр мешавад. Масалан адабиётшиноси марҳум А. Ҳабибов дар маҷмӯаи «Таронаҳои қарни пешин аз матни «Савории рост»-и сурудҳои «Шашмақом» ёд меорад, ки (235, 11-85), ки чунин аст:

Ёр омад, эй ошиқ, ҷону дил муҳайё кун,
Дил ба ишва марҳун соз, ҷон ба ғамза савдо кун.
Ёри арманимазҳаб, шӯхи исавимиллат,
Ту, биё, мусулмон шав, ё маро нисоро кун.
Муддаӣ нахоҳам шуд, зоминӣ нахоҳам дод,
Дил бигиру мункир шав, ҷон бигиру ҳошо кун.
Чашмаи даҳони ёр оби зиндагӣ дорад,
Умри ҷовидон, худро бӯсае таманно кун.
Сели дидаи ошиқ, шаҳре мекунад вайрон,
Вақти ашкрезиҳо рӯ ба кӯҳу саҳро кун.
Нозу печи худ, ҷоно, ҷабру кин мабар аз ҳад,
Тозаошиқ аст ошиқ, бо дилаш мадоро кун.

Аз намояндаи барҷастаи адабиёти маорифпарварӣ ва даврони ҷадидияи тоҷик, яке аз пайравон ва давомдиҳандагони афкори равияи маорифпарварӣ Аҳмади Дониш ва ҳамзамони ӯ Шарифҷон Махдуми Садри Зиё, ки хизматҳояш дар роҳи «тарғиб ва интишори ғояҳои пешқадами» замон (269, 397) бузург аст, дар асарҳои назмиву насрии навоваронаи худ, ки бо забони ниҳоят соф ва шевои тоҷикии мовароуннаҳрӣ таълиф гардидаанд ва барҳақ яке аз фарзонагон ва донандагону гӯяндагони шеъри нави охири асри XIX ва аввали асри XX тоҷик ба ҳисоб меравад, дар «Рӯзнома»-аш шеъре овардааст, ки он аҳволи воқеии замонро баён карда, дар айни замон аз муносибати мунавварфикронаи Садри Зиё дар он давр ишораҳои хуб дорад. Садри Зиё, ки худ шоҳиди оғози растохези фарҳангӣ ва тазоҳуроти сиёсиву иҷтимоии давр буд ба масъалаҳои хеле нозуку тақдирсози замонаи аҳди

https://bikhon.tj/

манғитияи аморати Бухоро ва ҳисси ҷаҳолату мардумбадбинии тангчашмони давр бо кароҳат менигарист ва аз ситами арманигарӣ (эронигарӣ, яҳудигарӣ) соҳиби «хатту забон» ёд мекунад, ки дар муқоисаи муносибатҳои таърихиву фарҳангии тоҷикону арманҳо дар аҳди қадиму асрҳои миёна ва назокати муносибати шоиронаи тафаккури бадеии пешин, ба мисли дебои арманӣ, шухи арманӣ, ёри исавимиллат ва ғ... таассуфангез аст:

Асоси адолат бадал шуд ба ҷавр,
Рафоҳи раият сар омад ба давр.
Гаҳе аз яҳудон кашидӣ димор,
Ки гаштанд овораи ҳар диёр.
Гаҳе арманиро намудӣ ситам,
Ки хатту забоншон равад дар адам.
...Вале чун ба мардум ситам пеша кард,
Ҳама бех вайрон аз он теза кард.
Дили халқро хаставу реш кард,
Ҳама халқро душмани хеш кард.

Дар алоқа ба фиқраи мазкур адабиётшиноси марҳум Саҳобиддин Сиддиқов дар як мақолаи худ «Садри Зиё ва Россия» (226) меорад, ки «Ӯ (Садри Зиё – А.Д.) дар «Рӯзнома» ном асараш яке аз сабабҳои асосии дар ҷанги русу япон мағлуб шудани Россияро аз он медонад, ки сиёсати пешгирифтаи ҳукуматро халқҳои Россия мӯътариф нашуданд. Зеро, чунонки ишора шуд, ҳукумати мустабидаи подшоҳии Россия на танҳо фаълаю деҳқони русро сахт истисмор мекард, балки барои **нест намудани маданият, забон ва урфу одатҳои миллии халқҳои мутеъ** (таъкид аз мо – А.Д) низ кӯшиш менамуд». Ба ин маънӣ аҳамияти таърихии осори маорифпаварӣ ва даврони нави Садри Зиё хусусан «Рӯзнома»-и ӯ дар он аст, ки Садри Зиё тавонист бо як ҷасорати ҳайратангез аз рӯйдодҳои номақбули давраи таҳаввулотҳои иҷтимоӣ дар арсаи «Ҳайҷо»-и аморати Бухорои феодалӣ сухан гӯяд ва аз сиёсати пешгирифтаи ҳукумати подшоҳии Россия нисбат ба тақдири таърихии

https://bikhon.tj/

халқҳои миллӣ ва забону фарҳанги онҳо танаффур дошта бошад, ки дар ин миён сарнавишти халқҳои тоҷику арман дар Осиёи Миёнаву Қафқоз истисно нест. Садри Зиё ҳам дар «Рӯзнома», ҳам дар «Тазкори ашъор» ва андаке дертар дар китобу рисолаҳои дигари худ, амсоли «Сабабҳои инқилоби Бухоро» вазъи замон, тазоҳуроти сиёсиву иҷтимоӣ, ноадолатиҳои даврро хусусан нисбат ба тақдири таърихии халқҳои мазлум дар назму наср ошкоро баён мекунад ва ҳамзамон роҳҳои ба ҳам омадани халқҳо ва ҷараёни бедорӣ ва худогоҳии халқҳоро ба миён меорад.

Анъанаи «Рӯзнома» ва «Сафарнома»-нависӣ дар адабиёти форсу тоҷик таърихи дерин дорад ва онҳо вобаста ба авзои замон ва вазъи даврон, ҳаводиси рӯзгор ва сиёсати ҷории давр дар меҳвари таассуроти зеҳнӣ ва ҷузъиёту тафсилоти дидаву шунида нигошта мешуданд. Ин анъана ва амал дар асри XIX вобаста ба шароити мусоид ва сатҳи маърифату ҷаҳонбинии муаллифон дар орзуи сафари ҳаҷ ва «тамошои ақсои олам» анҷом меёфт. Ҳам дар адабиёти арман ва ҳам дар адабиёти тоҷик анъанаи ёддошт, рӯзнома ва сафарноманависӣ бар анъанаҳои дерини ин адабиётҳои қадим бунёд ёфта, бо имтиёзи андаке пештару бештари муаллифони огоҳи арман ва ба туфайли таъсиси нашрия ва китобҳои чопии арманизабон дар соири гӯшаҳои арманнишини олам давом карда, дар саҳифаҳои рангини рӯзномаҳои муаллифони арман хати сайр ва нақши сафари онҳо аз қисмату саҷияи халқҳо (масалан тоҷикон) ва аз шаҳру билод ва шаҳрҳои Эрони бузург, амсоли Табриз, Шерозу Исфаҳон ва Мовароуннаҳр ба мисли Самарқанду Бухоро ёд мешавад. Аз ҷумла инҷониб дар мақолае аз рӯзномаи як мусофири бо ҳисси бедори миллӣ ва шууран ба ислом гаравидаи арман (74) ёдовар шуда будам, ки на бо баҳонаи сафари ҳаҷ ва ё ҳавои ҷаҳонгардии дигар, балки барои воқиф шудан аз тақдири ба ном «китобхонаи Самарқанд», ки онро Темурланг аз ҳисоби ҳазорон китобу садҳо дастнависҳои арманиву гурҷиву арабиву юнонӣ дар қатори тасарруфот ва ғаниматҳои дигари худ аз роҳи дашту саҳро ва дили шаҳрҳои бузурги Хуросон гузашта, бо корвон ба Самарқанд

https://bikhon.tj/

оварда буд ва Хачатури арман ба Самарқанд маҳз ба дидану огоҳ шудан аз сарнавишти онҳо омадааст.

Мусофирати тоҷикон ба ҳаҷ ва савдои омӯзишу дидаву шунида бо ҳар роҳ онҳоро ба Арманистон ва мавзеъҳои дигари Қафқоз мебурд. Онҳо аз тариқи зист ва тарзи рӯзгордории халқҳо, аз ҷумла арманҳо ва расму русуму хонаву оиладорӣ, табиати халқ ва манзараҳои диёр огоҳ шуда, то ҷое дар матни рӯзнома ва сафарномаҳои худ тафсилоти дидаву шунидаҳои худро баён мекарданд.

Анъанаи рӯзноманависӣ ва сафарномаҳо дар адабиёти асри XIX, хусусан дар нимаи дуюм ва охири асри мазкур ва ибтидои асри XX, дар даврони таҷаддудҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва наҳзати фарҳангӣ дар адабиёти тоҷик ва арман давом карда, балки дар ҳаёти адабии ин давраи таърихи тоҷикон аз пештара беш ташаккул ёфта, бар асари ҳамназарӣ ба воқеаҳои давр, амали таъмини савод, хондан ва таҳсил дар мамолики дигари шарқ, роҳҳои бедорӣ ва худогоҳии миллӣ ва мунтаҳо пайдо шудани ҷараёни ҷадидия дар Моваруннаҳр ва минбаъда тавсиа ёфтани ақида ва ғояҳои ҳаракати ҷадидӣ инкишоф меёбад. Адибону равшанфикрони тоҷик дар охирин солҳои асри XIX ва даҳсолаи аввали асри XX ба давраи бедории таърихӣ расиданд. Ин давра, аз чӣ бошад, ки таъинот ва ҳудуди саргаҳи даврабандии худро мушаххасан аниқ накардаву олимони адабиётшинос низ дар партави таҳаввулотҳои хусусан сифатӣ ва арзишҳои таърихӣ дар мавриди шинохти нави даврабандии таърихи адабиёт сухани худро то охир нагуфтаанд. Дар ин бора баҳсҳои таърихӣ ва адабӣ гоҳ-гоҳ сар мезаданд. Масалан, дар партави муносибати нав ва таҷдиди назар ба таърих ва масъалаҳои адабиёт, хусусан дар даврони баъди бозсозӣ (апрели соли 1985) рӯзи 23-ноябри соли 1993 дар толори маҷлисгоҳи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон конфаронси «Адабиёти нави тоҷик. Самтҳои таҳаввул» баргузор гардида, ҳамзамон дар он самтҳои инкишоф ва назари дигар ба масъалаи таърихи даврабандии адабиёти садаи XX зоҳир гардид. Таваҷҷӯҳи адабиётшиносони тоҷик Муҳаммадҷон Шукуров ва Худоӣ Шарифов ба

https://bikhon.tj/

самтҳои инкишофи адабиёти нави тоҷик дар сад соли охир ва дар партави тамоюлҳои худогоҳӣ ва худшиносии миллии тоҷикӣ ва ҳамчунин даврабандии адабиёт ба ҳам мувофиқ афтод. Адабиёти советии тоҷик дар масири қариб садсолаи ташаккул тибқи даврабандии маъмули адабиёти даврони Шӯравӣ рӯшд карда буд ва дастовардҳои адабиёти ин давра тавонистанд ба талаботи фазо ва барномаи амали даврони сотсиалистӣ ҷавоб бигӯянд, ки ин як тарафи дигари масъала аст. Чизи дигар ин буд, ки давра ва табақабандии адабиёти советии тоҷик одатан аз соли ғалабаи Инқилоби Октябр-1917 шурӯъ мешуд. Давраи қариб бистсолаи адабиёти советии тоҷик – шурӯъ аз соли 1900 (воқеан дар китоби дастҷамъии «Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX Душанбе, 1988, 414 с., муаллифон Расул Ҳодизода, Усмон Каримов, Садрӣ Саъдиев – даврабандии адабиёт аз даврони Инқилоби аввали рус «аз соли 1905 то арафаи Револютсияи Октябр») вобаста ба давра ва форматсияҳои ҷамъиятӣ баррасӣ ва дар ин замина ба амал омадани ҳаракати ҷадидӣ ва худ аз худ ин як давраи ҳассос ва муҳлики халқҳои Осиёи Миёна будани он осори марбута ва фаъолияти адабии шоирони давр баррасӣ гардидааст, то рӯзҳои Инқилоби Октябр давраи ду даҳсолаи адабиёт ва фарҳанги тоҷик қариб дар ҳамаи тадқиқотҳои пешин бар асари унсурҳои дунёи куҳан ва тафаккури маҳаллӣ, музофотӣ ва мазҳабӣ доштанашон бо тавсиа ва интишори ақида ва ҳаракати ҷадидӣ (хонда шавад: номуайянӣ-А.Д) иҷмолан баррасӣ мегардад.

«Дар солҳои 1905-1907 дар Россия ҳаракати пурзӯри револютсионии коргарӣ ба муқобили истибдоди подшоҳӣ дар авҷ буд... Револютсияи руси соли 1905 дар Осиёи Миёна ҷунбиши зӯре (?) ба амал овард..., ки капитализми ҷаҳонӣ ва ҷунбиши рус дар соли 1905 Осиёро қатъан аз хоб бедор намуд...» ва баъди як сархат ба такрор «дар зери таъсири револютсияи соли 1905-и рус дар Осиёи Миёна низ бедорӣ (?) ва ҷунбиши зӯре (?) ба амал омад...» (269, 390) ва ба ҳамин монанд таҳлил ва обзори ҳаёти сиёсӣ ва заминаҳои дигари бедории халқ дар партави ҷунбишҳои давр ва тавсиаи айнии

https://bikhon.tj/

«ҳаракати ҷадидӣ» (ҳамагӣ дар 1,5 саҳ.!) омадааст, ки чунин «вусъати назар», албатта. маҳсули талаботи методология ва ҷаҳонбинии кӯҳна буд. Лекин, ба ҳар оин, пайдоиш ва интишори ҳаракати ҷадида ба сифати давоми ҷиҳатҳо ва ҷанбаҳои пешқадами ҷараёни маорифпарварии тоҷик дар охири асри XIX як падидаи таърихии давр буд, ки дар баъзе манотиқ, аз ҷумла дар қаламрави Гурҷистону Арманистон тамоми дастовардҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давр якҷоя бо муваффақиятҳои адабиёти давраи маорифпарварӣ дар охирин солҳои асри XIX ҷамъбаст шуданд. Асри нав ва давраи нав, садсолаи XX дар назди халқҳои ба бедорӣ расидаи Қафқоз вазифаҳои дигари сарнавиштсоз гузошт ва, масалан рисолати таърихии халқи арман ва Арманистони Шарқии ибтидои асри XX дигар буд. Ин халқрову сарзамини аҷдодии ӯро пешомад ва фоҷиаҳои дигари тақдирсӯз дар пеш буд. (213, 194-216).

Охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар сарзамини Мовароуннаҳр ва хусусан дар шаҳрҳои Самарқанду Бухоро бар асари огоҳӣ ва бедории равшанфикрони тоҷик майлҳои маърифатхоҳӣ ба амал омаданд ва таъсиси ҳама гуна гурӯҳу ҷараёнҳо, маҳфилу боздидҳои шуаро ва мутафаккирони давр ҳаёти адабиро ба ҷунбиш меовард, боиси пайдо шудани нахустин мактабу нашрияҳо мегардид. Хусусан таъсиси мактабҳои нави усули ҷадида ва тарғиби фаъолияти онҳо, истиқбол аз унсурҳои аввалияи падидаҳои забони русиву тафаккури аврупоӣ муҳити тоҷикиро фаро гирифта буд. Бо ифодаи дигар ҷараёни адабиву фарҳангии давр қатъ нагардида, баръакс шоирон бо илҳоми тоза ва афзун таҳаввулотҳои ҳамарӯзаи ҷамъият ва мазмунҳои бикру инқилобиро дар шаклҳои зебову марғуб ифода мекарданд. Бо назардошти давоми пурмаҳсул ва пурвусъати ҷараёни адабӣ танҳо дар муҳит ва тафаккури мусулмонӣ бо фаъолияти доманадори намояндагони адабиёту ходимони маорифу фарҳанги охири асри XIX ва ибтидои асри XX Шарифҷон Махдуми Садри Зиё, Тошхоҷа Асирии Хуҷандӣ, Абдураҳмони Тамкин, Нақибхон Туғрал, Абдурраufи Фитрат, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Садриддини

https://bikhon.tj/

Айнӣ, Мунзим ва дигарон ҳаёти адабӣ ва фарҳангии давр рангу бӯи тоза гирифт ва вусъати ҳаракати ҷадидияи тоҷикӣ дар мисоли эҷодиёт ва фаъолиятмандии иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии онон вокунише дар ҷаҳони нав ба амал овард. Аз ин рӯ, ва боз дар саҳифа ва фаслҳои рисола ба гуфта хоҳад омад, аз он силсилаи тадқиқот, ки дар таърихшиносӣ ва адабиётшиносии нави тоҷик ба анҷом расидааст ва дар истинод ба онҳо (ниг.ба иқтибосот ва феҳрасти рисола) метавон аз ҷанбаи нави даврабандӣ ва шинохти дигари мӯҳтавои ҳаракати ҷадидия сухан ба миён овард. Дар ҳамон конфаронси мазкур академик Муҳаммадҷон Шукуров пешниҳоде ба миён овард ва иброз дошт, ки беҳтар аст бо назардошти махсусияти давра ва солҳои аввали садаи бист (ҳамчунин ниг. иловатан ба унвон ва мундариҷаи тадқиқоти нави Муҳаммадҷон Шакурии Бухорӣ «Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. – Душанбе, 2006, 455, зери назари доктори илмҳои филология Абдунабии Сатторзода) ва эҷодиёт, хусусан фаъолияти шоирону равшанфикрони замон ва тадқиқи таҳлили мероси онҳо аз нигоҳи нав ба бознигарии замонӣ ба тариқи даврабандии таърихи адабиёти садаи бист таҳрир ворид карда... ва бистсоли аввали адабиёти садаи бист (1900-1920) – то давраи Инқилоби халқии Бухоро давра ба марҳалаи аввали рушд ва ташаккули адабиёти нави тоҷик маҳсуб бишавад.Профессор Худой Шарифов низ аввал дар мақолаи «Таърихи адабиёт ва афкори ҷадид» (295) ва баъдан дар матни суханронии худ аз фикраи мазкур пуштибонӣ намуда, ҳамзамон афзуд, ки «то замони бозсозӣ чунин тасаввуроти хаёлие дар ҷомеаи мо ҳукмрон буд, ки ҷамъияти сотсиалистӣ дар асоси пешқадамтарин таълимоти илмӣ сохта ва аз замони инқилоб зина ба зина пеш рафтааст... Вақте (имрӯз) тағйироти азиме дар назари иҷтимоӣ ба вуҷуд омад, маълум шуд, ки аксар чизи сурудаи мо хаёли хом будааст». Мулоҳизаҳои донишманди мӯҳтарам перомуни шинохти дигарбораи даврањои адабиёти советии тоҷик ва арзишҳои осори адибон дар замони таҷаддудҳои бузурги иҷтимоиву адабӣ ва меъёри шинохти мероси фарҳангӣ воқеан андӯхтаҳои давраи нави таърихист, ки дид ва муно-

https://bikhon.tj/

сибати моро сари он офаридаҳои назмиву насрӣ такон медиҳад.

Ба ин маънӣ, навҷӯиҳои ибтидои асри XX дар фазои хусусан маърифатхоҳии даврони наву равшангарони он ва ҳамчунин таносуби муносибат ва диди наву таҷаддудхоҳ ба масъалаҳои таърихи адабиёт, бознигарӣ дар омӯзиши дигарбораи фаъолият ва осори намояндагони ҳаракати ҷадидия, муаммоҳои бисёри таърихи маорифи тоҷик, таъсиси мактабҳои нав ва тарзу усулҳои ҷадид аз масъалаҳои муҳими таърихи адабиёту фарҳанги ибтидои асри XX-и тоҷикон буд. Дар ин маврид барои тадқиқи масъалаҳои таърихи афкори ҷадида ва роҳҳои шинохти муаммоҳои адабиёт, ки воқеан назари нав ва муносибати дигар мехоҳанд, сухани дигар илова кардан амали зиёдатист. Дарки чунин таваҷҷӯҳ ба омӯзиш ва бознигарӣ дар партави навҷӯиҳо ба масъалаҳои хусусан печида ва баҳсноки таърихи адабиёту фарҳанги тоҷик ба ибтидои аср саривақтӣ буда, олимони адабиётшиноси тоҷик «ба дарки моҳияти таърихии ҷадидия (ва на танҳо ҷадидия – А.Д) бо иштиёқи чашмгире шурӯъ карданд». Дар воқеъ, як силсила олимони адабиётшинос аз ҷумла Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ, Х.Шарифов, А.Сатторзода, А.Сайфуллоев, Р. Мусулмониён, М.Имомов дар мақола, гузориш ва тадқиқоти хеш аз муаммоҳои ҳалталаби таърихи адабиёт, махсусан нигоҳи нав ба даврабандии адабиёти садаи XX сухан ба миён оварда, масалан Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ дар ҳифзи «ёди таърихӣ»-и халқ ва «шуури эстетикии миллӣ» хеле бамаврид аз паи тадқиқу истинботи асолати адабиёт ва ҳифзи «баъзе хусусиятҳои муҳими анъанаи чандинасра» барҳост.Дар ҳақикат чунин тасаввуроте моро фаро гирифта буд, ки халқ аз «пояҳои маънавӣ маҳрум» шудаву роҳҳои бозҷусти шоиру нависандагон амали таъинӣ ва фармоишӣ дошт. Аз рангу равғани миллӣ ва заминаҳои анъана ва суннатҳои ҳазорсола якбора даст кашидан ва маҳрум мондан дар қолаби хушкигароӣ ва урёнписандӣ ва дурӣ аз асолати миллии таърихӣ танҳо фоҷиа буд. «Адабиёте, ки дирӯз аз фикру ҳисси олӣ саршор буд, чунончӣ дар офаридаҳои Аҳмади

https://bikhon.tj/

Дониш гӯё натиҷаи бозҷустҳои фикри фалсафаи гузаштагонро ҷомеан фаро гирифта буд, дар шеъри Аҷзӣ, Айнӣ ва Асирӣ ҳикмати зиндагии муосиронро меҷуст... – ҳамин адабиёти тааммуқписанду фалсафаҷӯй аз солҳои бист якбора ба ташвиқу тарғиби хушку урён маҳдуд гардид. Ҷои фикри ҷӯянда ва ҷустуҷӯи ҳақиқатро хулосаҳои тайёре гирифт». (37, 16-17). Зиёда аз ин мулоҳизаҳои донишманди мӯҳтарам, бояд афзуд, ки адабиёти миллӣ дар шароит ва ҷомеаи озоди миллӣ метавонад комилан ба давраи бознигарӣ дар муҳити бозгашт ба гузашта ва истинод ба анъанаҳои миллии шарқӣ рушд намояд ва сифатҳову мухтасоте касб бикунад то онро ба саргаҳи воқеии асолати миллӣ ва таърихӣ пайвандад. Ин пайванди ба гузашта дар сурате ба мақсад мувофиқ хоҳад омад, ки адабиётшиносии тоҷики замони нав дар фазои истиқлоли миллӣ аз дастовардҳои суннатии миллӣ бархӯрдор ва аз ғоя ва афкори нави худшиносӣ саршор бошад. Ҳифзи поя ва рукнҳои худогоҳии таърихии тоҷикон дар пайванди мустақим бо арзишҳои маънавии на танҳо миллӣ ва ҳавзаи қаламрави форсӣ, балки пайваста бо дастовардҳои маънавӣ ва ҷусторҳои ахлоқии башар дар меъёр шинохта мешавад.Пайванд бо меъёрҳои ахлоқӣ ва маънавии гузашта, масалан дар ҳадди шинохти бозҷустҳои афкори адабӣ ва эстетикии Аҳмади Дониш ва пайравони ҷараёни маорифпарварӣ ва осори намояндагони ҳаракати ҷадидия – шурӯъ аз фаъолияти Садри Зиё бояд адабиёти асри ХХ-ро аз чорчӯбаи меъёри арзишҳои адабӣ ва ҳудуди «ҷуғрофии» шинохти онҳо сурат бигирад. Яъне, бо ифодаи академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухоройӣ, ки дар сарсухани тадқиқоти тозаи хеш меорад, «ҳоло тафаккури тозае шакл мегирад ва анқариб бисёре аз мақолаҳои зеҳнии садаи бист чизе номаҳфум хоҳад шуд. Алҳақ қарни бист акнун таърих аст, таърихи гузаштаест. Бо шикасти ғояи коммунизм, бо фаро расидани истиқлоли миллӣ ва тағйири куллии бунёди зиндагии иҷтимоӣ давраи тозаи таърих оғоз гардид, қарни бист ба қатори давраҳои гузаштаи таърих даромад (37,7-8). Дар партави тафаккуроти тоза шинохтани арзишҳои маънавии миллӣ, бознигарии айнӣ ба моҳияти

https://bikhon.tj/

таърихии онҳо ва аз доираи тадқиқоти сотсиологии иҷтимоъгаро берун кашидани маънавиёти асил ва роҳҳои ҳифзи минбаъдаи онҳо дар бозтоби меъёрҳои таърихии сирф асолати мероси адабиву фарҳангӣ, ҳамчунон омӯзишу тадқиқи муқоисавии онҳо дар ҷараёни бархӯрди ашё ва суръати рушду ташаккули онҳо – масъалаҳоеанд, ки аз доираи як давра ва марҳалаи таърихӣ буруз карда, моҳиятан ба умқ ва вусъати асрҳо мерасанд. Шинохту тадқиқи таърихи даврaҳои адабиёт аз меъёрҳои нав ва шикасти тариқати даврабандии маъмули адабиёти давраи шӯравии тоҷик кашфи асолати паҳлуҳои муҳими таърихи адабиёт, шоха ва унсурҳои таърихиву фалсафии он, навъ ва шаклҳои адабӣ, махсусияти жанрҳо ва дар маҷмӯъ ҷусторҳои ҷиддии амалӣ бар асоси маводи аслии адабиёт моро «аз пайи фаҳмиши нав» мебарад. Фаҳмиши нав, хусусан дар тадқиқу баррасии масъалаҳои умда ва баҳсноки маънавиятсоз, чунонки ба гуфта омад, хеле муҳим аст ва, хушбахтона, адабиётшиносии тоҷики давраи истиқлол, қисман бошад ҳам, фазои он мушкилоти ибтидои асри XX, давраи то оғози маъмулии даврабандии онро фаро гирифт. Ба таври дигар, муҷаддадан тадқиқу таҳлил кардани он шоха, гурӯҳ ва ҷараёнҳои адабиву фарҳангии охири асри XIX ва ибтидои асри XX бо он ҳама шебу фароз ва муаммоҳои сарбастаи таърихиаш моро ба саргаҳи воқеии дарки рӯйдодҳои давр дар муҳит ва фазои сарнавиштсози тақдири таърихии халқи тоҷик дар моварои низоъҳои манғитӣ ва пайомади тасарруфи империяи Россия мебарад. Бо дигар шудан фаҳмиш ва «тасаввурот дар бораи таърихи ҷамъияти шӯравӣ» мавқеъ ва моҳияти таърихи як силсила арзишҳои хоси он давра низ тағйир ёфтанд. Хулоса, муносибати нав ва дарки моҳияти нави он муаммоҳо на танҳо дар тадқиқи адабиётшиносии назарӣ муҳиманд, балки дар муайян намудани арзишҳои воқеии додугирифти фарҳангӣ ва адабии халқҳо, дар таърихи гузаштаи халқҳо ва адабиёти онҳо, ба ҷузъ як марҳалаи муайяни даврони шӯравӣ, хусусан дар масири солҳои 20-30-и асри пешин, ки ягон бор пойбанди муҳити сиёсат ва иҷтимоигарии маҳз набудааст, заруранд. Дар ин низом ва пешорӯ, дар партави

https://bikhon.tj/

арзишҳои сирф адабиву фарҳангӣ омӯхтани масъала ва муаммоҳои пайвандҳои адабии халқҳо, чунонки як силсила тадқиқотҳои адабиётшиносии муқоисавии замони нав нишон доданд, танҳо мухтасоти таърихӣ касб мекунанд. Аз ин рӯ, метавон бетардид гуфт, ки анъанаҳои адабӣ ва суннатҳои таърихиву миллии халқҳои тоҷику арман дар давраи интиҳои даврони манғитии тоҷикон ва авҷи истибдоди турктозиҳо ба муқобили арманҳо дар партави «қазияи арман»-и ибтидои асри XX бо истифода аз таъмини пайвандҳои мустақими адабиву таърихӣ дар марҳалаи гузариш ба асри XX дар шакли огоҳии воқеӣ ва инъикоси он дар осори назмиву насрӣ, хусусан дар рӯзнома ва сафарномаҳои равшанфикрони ибтидои асри XX буданд. Намояндагони равшанбини даврон дар инҳисори рӯйдодҳои давр ҷиҳатҳои пешқадами онро аз ҳисоби мутолиа ва андӯхтаҳои маънавӣ аз нашрияҳои тозавориди замон дар корбурди анъанаҳои пешқадам равияҳои дигар меҷустанд. Ҳамон равияи пешрав, ки дар ибтидои асри XX дар адабиёти тоҷик ба амал омад ва бо номи ҳаракати ҷадидӣ машҳур шуд, бисёр шоирони он даврро, ки дар роҳи садоқат ба анъанаҳои пешини адабӣ, масалан дар сабку услуби бедилӣ асар меофариданд, ба роҳи нав, ба кӯи ҷустуҷӯҳо дар сабку услуб кашид. Аз ҳамин сабабҳо буд, ки «дар равияи пешқадами адабиёти ин давр ҷараёни нави адабӣ ба вуҷуд омад, ки дар он ҳамон пешрафтҳои маданӣ ва майлҳои равшанфикрии зиёиёни он давр акс ёфта, «махсусан мавзӯи ҷорӣ намудани тарзи нави мактабу маориф ҷои намоёнеро гирифта буд... дар эҷодиёт ва умуман фаъолияти адабии шоиру нависандагони пешқадами ин давр корҳои ташкил намудан ва ҳам дар шаклҳои бадеӣ тарғиб намудани тарзи нави мактабу маориф ҷои намоёне ишғол намуд» (269, 389).

Воқеан шоиру нависандагон ва равшангарони ин давр устод Айнӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Асирии Хуҷандӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Абдулқодири Шакурӣ, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ ва даҳҳо нафар аҳли зиё на танҳо аз муассисони мактабу тарзу усули нави таълим буда, бо фаъолияти амалии худ ба «танвири афкор» шуғл меварзиданд,

https://bikhon.tj/

балки дар осори чӣ назмӣ ва чӣ намунаҳои насрии худ тарғиби ҳаёти нав, гаравидан ба мактабу маориф ва бартарияти рӯзгори навро васф мекарданд. Ба туфайли ин навҷӯӣ ва тозакориву тозагӯиҳо бар адабиёти суннатӣ ва дар рӯҳияи садоқат ба анъанаҳои пешин ташаккулёфта мавзӯъҳои воқеии замон пайдо шуда, ба он рӯҳи нав дамид, ки дар саргаҳи ин адабиёти таҷаддудхоҳ устод Айнӣ меистод. Ба ин муносибат академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ дар бораи дастоварду пешомадҳои адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX менависад, ки: «Охири садаи нуздаҳ давраи ташаккули асосҳои илмиву назарии маорифпарварӣ, марому маслак ва идеалҳои иҷтимоиву маънавии равшангарӣ буд, ки ин кор асосан бо кӯшиши Аҳмади Дониш анҷом ёфт. Дигарон дар оғози садаи бист онро давом доданд. Ибтидои қарни бист давраи давоми ҷунбиши маорифпарварӣ – давраи амалӣ шудани марому маслакҳо буд. Равшангарон дар ибтидои қарни бист худро тараққихоҳон меномиданд, гоҳ ҷавонбухорӣ ҳам мегуфтанд; вале бештар бо номи ҷадидон шӯҳрат ёфтанд, зеро «мактаби усули ҷадид» кушоданд, дарсномаҳои нав, рӯзномаву маҷаллаҳо чоп карданд...» Садриддин Айнӣ аз фаъолони ҳамин давраи дуввуми маорифпарварӣ буд. Таҳаввули фикрӣ ва фаъолияти иҷтимоии ӯ аз дигар равшанфикрони тозаназари замон тафовут дошт. (37, 218-219).

Адабиётшиносон дар ҳамин ақидаанд, ки ин давраи фаъолияти Садриддин Айнӣ хеле даврони пурбор, пурзаҳмат ва рангину пурфоҷиа ҳам ҳаст. Ҳамчунин даврони ташаккули шахсият ва фаъолиятмандии маърифатӣ ва иҷтимоии ӯст, ки бо шеъру суруду тарона ва таълифи китобу рисолаҳои дарсӣ ва таърихӣ имтиёз дошт. Инқилоби соли 1905-и Россия ва пайомадҳои он шоирони тоҷикро низ рӯҳ бахшид ва равшангарони тоҷик ҳар чӣ имконият пайдо карданд бо шиносоӣ ба воситаҳои ахбору иттилоот ва нашрияҳои ватантву хориҷӣ аз вазъи замон огоҳ гардида, дар ҷабҳаи тараққии мактабу маориф ва маънавиёт саҳм бигиранд. Дастрасии рӯзномаҳои туркиву форсии «Чеҳранамо», «Парвариш», «Ҳабл-ул-матин», «Тарҷумон» аз Боғчасарою «Мулло Насриддин» аз Тифлис

https://bikhon.tj/

ҷаҳонбинии равшанфикрони мо, аз ҷумла Садриддин Айнӣ, ки диди таърихиву иҷтимоӣ ва ҷаҳонбиниву маърифаташ баъди мутолиаи «Наводир-ул-вақоеъ» ба куллӣ тағйир ёфтаву назараш ба зиндагӣ дигар шуда буд, акнун баъди мутолиа ва дастрасӣ ба нашрияҳои давру огоҳӣ аз рӯйдодҳои замон худро дар ҷараёни бевоситаи ҳаводис қарор медод. Воқеан, китоби Аҳмади Дониш дар муҳити аморати Бухоро ва сохтори манғитӣ, ки сахт ба таҳрир ва тармими замон ниёз дошт, дар маърифати кулли равшанфикрони замон ҷунбиш ва инқилоби фикрӣ ворид намуда буд. Қувват гирифтани ҳаракати ҷадидия, густариши афкори нави адабиву маърифатӣ дар муҳити Бухоро ва Самарқанд, интишори фаврии маънавиёти замони нав, суръати густариши ахбори ҷадид аз васоити иттилооти даври хориҷ – ҳамаи инҳо заминаҳои ҳаракатҳои мавҷхезу маърифатӣ буданд, ки равшанфикрони тоҷик паи таъмими он мекӯшиданд. Дар даҳ соли аввали ибтидои асри XX чандин мактабҳои типи нав ва усули ҷадидия кушода шуданд, ки ҳамагӣ бо амал ва фаъолиятмандии мунавварфикрони тоҷик фаъолият доштанд. (101, 88-89). Дар бораи фаъолияти адабӣ ва маърифатхоҳии Садриддин Айнӣ дар ибтидои асри XX мулоҳиза ронда, ҳамчунин муносибати равшанфикрони тоҷикро дар ин ҷараён ба доираи андеша гирифта, марҳум Маъруфи Раҷабӣ менависад, ки «Мафкураи ҷадидия дар жанр ва навъҳои гуногуни адабӣ ифода шудааст. Чунончи, яке аз фаъолтарин намояндаи ин мафкура – Садриддин Айнӣ дар ибтидои асри XX як силсила шеъру хитоба, мақолаҳои зиёди публитсистӣ, як қисса ба унвони «Ҷаллодони Бухоро»(1920) ва ду асари ҳаҷман хеле калони публитсистӣ бо номҳои «Таърихи инқилоби Бухоро» (1908-1921) ва «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» (1920-21) навишт. (197, 17). Ба фикри мо, дар ин фикра ва умуман мақолаи муаллиф, ки соли 1990 таълиф шудааст, ба эътибори чанд мулоҳизаҳои пурқимату тоза, ҳамчунин баъзе мушоҳидаҳои сатҳӣ низ ҷой дорад. Якум ин ки осори индавраи Садриддин Айнӣ, маълум мешавад, танҳо аз «ду асари ҳаҷман хеле калони публитсистӣ», ки муаллиф мегӯяд иборат нест, балки асари дигари калонҳаҷми

https://bikhon.tj/

«зиндонии» устод Айниро низ аҳли илм бо номи «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» медонистанд, ки Маъруфи Раҷабӣ ғолибан аз он огоҳ буд, вале мутаассифона, чопашро (Душанбе, 2005, 270с) надид. Дуюм ин ки аксари муҳаққиқини таърихи адабиёт ва хусусан адабиёти маорифпарварӣ ва ҳаракати ҷадидия, ба эътибори адабиётшиносии даврони истиқлол, ки муносибат ва назари аҳли илм ба арзишҳо тағйир ёфтанд, манзур аз таркиби «ибтидои қарни ХХ» ҳамчунон ки Маъруфи Раҷабӣ ҳам қойил буд, асосан ба маводи давраи баъди Инқилоби Октябр, шурӯъ аз солҳои 20 такя мекарданд. Дуруст аст, ки ба даврабандии адабиёти давраи шӯравӣ дар қолаби «панҷсола»-ву «ҳафтсола»-ҳо хӯ гирифта будем, (муроҷиат шавад ба «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик», ҷ.1, 1956. ва чопҳои минбаъдаи русӣ). «Таърихи адабиёти советии тоҷик», иборат аз шаш ҷилд ва ғ...) вале инсоф он аст, ки бист соли аввали давраи пуртаҳлуқаву давронсозу айни хурӯҷи маърифатпарварӣ ва наҳзати воқеии мунавварфикриро сарфи назар накунем (дар ин бора иловатан ниг. ба мақолаҳои Раҳими Мусулмониён, Худоӣ Шарифов ва М.Имомов)*. «Мафкура ва ҳофизаи таърихии ҷадидия» (197, 17) маҳз дар ҳамин давра ташаккул ёфта, адибони тоҷик дар ҳамин давра андаке пештар ба таври воқеӣ ба оламу одам ва дунёи воқеӣ сари кор гирифтанд. «Огоҳии синфӣ» ва ҷадалҳои маърифатхоҳии онҳо дар ҳамин давра, балки андаке қабл ҳамчунин шакл гирифт. Аз қолабҳои маъмулии даврони тира ва ваҳиму манғитӣ ба берун, ба хориҷ баромада (Россия, Қафқоз, Туркия, Олмон ва дигар манотиқи Аврупо, хусусан Фаронса) олами худу олами дигаронро дар муқоиса дидаву омӯхтанд. Маҳз дар ҳамин давра роҳи раҳоӣ аз дунёи куҳан ва анъанаву суннатҳои пешин ба миён омада, ҳудуди пайвастан ба дунёи наву ихтирооти фаннӣ муайян гардид. Адибони тоҷик барои фаро гирифтани роҳи таҳсилу огоҳӣ аз

* Бояд изҳор дошт, ки даврабандиҳои адабиёти нави тоҷик новобаста аз кӯшишҳои адабиётшиносон ба тадқиқ ва таҷдиди назари ҷиддӣ ниёз дорад.

https://bikhon.tj/

ҳаводиси рубъи маскун худро ба «Фарангу Русия» назаданд, вале онҳое, ки ба мисли Садриддин Айнӣ фаъолияти маърифатпарварии худро дар муҳити Самарқанду Бухоро давом доданд, рисолати таърихиашонро дар назди таърих ва халқи худ сарбаландона ба сомон расониданд. Албатта, таҳсил дар хориҷа мақсадҳои ниҳоии дигар ҳам дошт ва аз сабақҳои он мо ҳама огоҳем, вале иштироки бевоситаи мунавварфикрони тоҷик на аз роҳи хондану шунидан, балки аз роҳи дидан ва шоҳид будану дар ҷараёни ҳаводис иштирок кардан низ рисолати таърихӣ буд ва аз ин лиҳоз ҳам онҳо фаъолияти ибратомӯз доштанд.

Падидаи аз ҳама муҳими ҳаракати ҷадидия ва фаъолияти алоқамандони он омӯзиш ва тадқиқу инъикоси бадеиву публитсистӣ аз роҳи муқоисаи дунёи наву кӯҳна ва аздоду ихтилофи назар дар дида ва шинохтаҳо буд. Тахминан аз охирҳои асри XIX ва хусусан аз ибтидои асри XX, аз солҳои Инқилоби авали Россия ва тағйиротҳои оммавии сиёсиву иҷтимоӣ адибони тоҷик танҳо ба масъалаҳои маънавияту маърифатхоҳии давр дахолат мекарданд, балки ҳама гуна табаддулотҳову кӯшишҳои ислоҳотхоҳӣ дар осори бадеиву публитсистии онҳо инъикос меёфтанд. Масалан, адабиётшинос Муҳаммадюсуф Имомов дар мақолаи фавқуззикр (101, 83-96) ва як силсила тадқиқоти дигар перомуни шинохти шахсият ва фаъолияти адабӣ-публитсистии устод Айнӣ ва иртиботи ӯ ба ҳаракати ҷадидия мутаносибан дар таълифоти солҳои гуногуни Садриддин Айнӣ – дар мисоли ташаккул ва таҳаввули ҷаҳонбинии ӯ дар фазо ва муҳити мухталифи иҷтимоӣ ҳангоми таълифи «Таърихи инқилоби Бухоро» (1920) ва «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» (1940) хулосаҳои ҷолиб баён мекунад. Бо ин ҳама, ҳамчунон ки Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ қойил аст, «сарчашмаҳои афкори нави равшанфикрони тоҷик дар ибтидои садаи бист хеле гуногун буда, гоҳ аз кишварҳои дурдасти Шарқу Ғарб оғоз меёбад. Ҷустуҷӯҳои андешапардозони варзидаи мусулмонони туркнажоди русия, фалсафаи иҷтимоии баъзе озодандешони Эрон, Ҳинд, Туркия, Миср ва ғайра дар равшангарии тоҷикӣ нақше дорад» (37, 220).

https://bikhon.tj/

Ҳам шароитҳои таърихии фарорасида ва заминаи мусоид ба амали густариши мактабу маориф ва ҳам омилҳо ва таъсироти беруна,ки аз роҳи интишори муҳтавои ҷароиди давр ба амал меомаданд ва ҳам роҳи сеюм ки фаъолиятмандии иҷтимоӣ хусусан дар тараддуди кори мактабу амали маориф алоқа мегирифт, фаъолияти равшангарии тоҷикиро вусъат медод. Таъсиси нахустин мактабҳои усули ҷадида, ки баробари интишори нашрияҳои худиву хориҷӣ дар тафаккури халқ маърифату маънавиятро такон медод, – шурӯъ аз нахустин солҳои садаи бист, масалан таъсиси мактаби Ҷӯрабой (1900), мактаби мулло Абдуқодири Шакурӣ (1903), мактаби тотории Низом Собитӣ (1907) ва ҳамкориву фаъолият дар мактабҳои усули ҷадида, тартибу таснифи барномаву таълифу тадвини китобҳои дарсӣ, иншои пораҳои шеъру мусоидат ба усули таълим дар Айнӣ фикри наву таваҷҷӯҳи бештареро ба чунин шеваи фаъолият бедор мекарданд. Аз ҷумла Садриддин Айнӣ аз фаъолият ва ҳамкорӣ бо «тараққихоҳону мактабхоҳон» дар бобҳои «Мактаби усули савтия» ва «Мактаби аввал бо усули савтия дар Бухоро» (12, 29-52) ва аз заҳмату пешомадҳои таъсиси нахустин мактабҳои усули савтия мулоҳиза ронда, мушкилот ва сабабҳои фаъолияти каму беши онҳоро низ ёд кардааст. Фаъолияти мактабҳои усули савтия ва аз тарафи дигар воқеаҳои сиёсии давр ва инъикоси пайвастаи онҳо дар нашрияҳои форсӣ, туркӣ ва махсусан русӣ ва дастрасии онҳо ба Бухорову Самарқанд равшангарону «мактабхоҳон»-и тоҷикро аз рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии давр огоҳ мекарданд. Бар асари чунин имтизоҷи афкор ва омезиши ақидаҳо ҳамзамон равшанфикрони тоҷик, аз ҷумла С.Айнӣ ба воқеаҳои давр ҳамовозӣ карда, шеъру хитобаву мақолаҳои публитсистӣ менавиштанд ва дар саҳифаҳои нашрияҳои тоҷикиву туркии давр чоп мекарданд. Ҳамин паҳлуи фаъолияти маорифпарварони тоҷикро ба назар гирифта адабиётшинос Абдуқодир Маниёзов навишта буд, ки «ин ҷиҳати эҷодиёти маорифпарварон, пеш аз ҳама, осори илмӣ-адабии Аҳмади Дониш ба эҷодиёти С.Айнӣ, аз он ҷумла ба фаъолияти публитсистии ӯ бетаъсир намондааст...

https://bikhon.tj/

Ӯ дар баъзе асарҳо ва мақолаҳои публитсистии худ на фақат аз мазмуни идеявии асарҳои Дониш баҳравар гардидааст, балки шаклу услуб, алалхусус тарзи ифода ва воситаҳои бадеии онҳоро низ пайравӣ кардааст (136, 73). Дар иртибот ба чунин падидаҳои маърифатпарварӣ устод Айнӣ менависад, ки «агарчӣ пеш аз ин мулло Ҷӯрабой дар Бухоро мактаб кушода буд, ба афкори умумӣ таъсире накарда, зуд маҳв шуд, мактаби тоторҳо низ барои забони туркии тоторӣ будан, мактаби Бухоро ҳисоб намеёфт. Бинобар ин мактаберо, ки дар садади баёнаш ҳастем, мактаби аввали Бухоро меномем. Дар санаи 1326 ҳичрӣ, (1908) даҳуми моҳи шаввол дар гузари Дарвозаи Саллоҳхона ба зери идораи Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим дар хонаи Мирзои мазкур аввал бор ба забони форсӣ (Садриддин Айнӣ маъмулан ҳамин солҳо вожаи «форсӣ»-ро бисёр истифода мебурд – А.Д) барои атфоли Бухоро «бисмилоҳ» гуфта, мактаби усули савтия кушода шуд (12,40). Кушода шудани «мактаби аввал ба усули савтия дар Бухоро», маҳз «ба зери идораи Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим» дар ҷомеаи Бухоро пайки маърифати рӯзгори нав буд, ки бо ҷадалҳои Садриддин Айниву пайравони ӯ ба вуқӯъ пайвастанд. Роҳҳои маърифатпарвариву мактабхоҳӣ ва бо ин роҳ расидан ба моҳияти рӯйдодҳои даврони ибтидои асри XX – давраи табаддулот ва имкониятҳои бузурги таърихиву иҷтимоӣ дар шароити Бухорои кӯҳан саодати қисмати халқ маънидод мешавад ва чунин ташаббусҳо танҳо оғози табаддулотҳои фарҳангиву маърифатпарварӣ буданд, ки дар либоси фарангӣ ва дар муқоисаи русӣ ба назар гирифта мешуданд. Дар муҳити Бухорои ба таъбири Айнӣ «мамлакати ниммаданӣ» рӯҳия ва мавҷҳои инқилобӣ буданд, ки ба халқ муждаи замони навро меоварданд. Фаъолияти мактаби навро, ки минбаъд Айнӣ онро «мактаби Мирзо Абдулвоҳид» меномад, метавон фаъолияти ҷонфидоёна арзёбӣ кард, ки Айниву Мунзим ва алоқамандони ин равияи воқеан нави тоҷикӣ бо мушкилоти зиёде паи дарёфти маводи форсӣ «аз забонҳои туркии тоторӣ» ба форсӣ баргардон ва таҳия мекарданд ва онҳо ба сифати маводи таълимӣ истифода мешуданд. Садриддин

https://bikhon.tj/

Айнӣ барои он ки фарзанди замони наву асри нав бошад маҳз дар даҳсолаи аввали қарни XX ба хотири ҷалби ҷомеаи тараққихоҳи Бухоро ба маърифат ва роҳи халосӣ аз муҳити кӯҳна бо ҳар восита ба халқ хизмат мекард ва «ҳар чизе ки ба мактаби тоторон тарҷума шуда, тадбиқ меёфт, ба мактаби Мирзо Абдулвоҳид бурда, татбиқ» менамуд. Фаъолияти «мактабхоҳӣ»-и Айнӣ ва тарвизи мактабу амали таълим аз ҷониби ҷадидони Бухоро таҳти сарварии Айнӣ бе зикр ва ёдкарди хизматҳои муаллимони мактаби тоторон, ки дар ҳавлии Халил Барноширф буд, яъне Абдураҳмон Саидии тотор нопурра мебуд. Маҳз ҳамкориҳои маърифатӣ ва ҷадалҳои шахсии Абдураҳмон Саидии тотор бо ҷавонмардони Бухоро буд, ки дар андак муддат домони чунин робитаҳо густурда шуда, ба воситаи ӯ «китобҳои тозабаромад ва рисолаҳои нофеъ...» ба дастрасии онҳо қарор мегирифт ва «китобу рисолаҳое, ки дар боби тарбия ва таълим дар Русия ва Истамбул таҳрир ва табъ ёфта буд» ба онҳо хонда медод. «Фақир ва Аҳмадҷони Махдуми Ҳамдиро ба ҷаридаи «Вақт» ва маҷаллаи «Шӯро» муштарӣ кунонд» – менависад Айнӣ (12, 42).* Садриддин Айнӣ дар боби соли 1326 (1908) ва нақши он дар таҳаввулоти ҷомеа сухан ба миён оварда, аз «инқилоби мамлакати Туркия» ва эълони машрутият ва ҳуррият дар Маркази Хилофоти Исломия ёд меорад, ки дар инъикосу тарғибу тарвизи афкори ҷадидаи он даврон «ҷарида ва маҷмӯаҳои илмӣ, динӣ ва иҷтимоии ҳурри афкор дар Истамбул нашр ёфта, ба танвири афкори олами Ислом хидмат мекарданд».

Роҳҳои вуруди маърифати нав дар Бухоро, тавсиаи афкори ҷадидаву усули савтияи таълим дар мактабу мадрасаҳои он ҷо, албатта, ба осонӣ даст намедоданд ва тараққихоҳони тоҷикро лозим буд, ки паи таълими рӯзгор ва маърифати нав пайваста мубориза намоянд. Фаъолияти мактаби усули савтияи Мирзо Абдулвоҳид ва ҷараёни таълими савод ва афкори нав дар Бухоро пайравони зиёде

* Дар ин бора пурратар ниг. ба як силсила тадқиқоти адабиётшинос Муртазо Зайниддинов.

https://bikhon.tj/

пайдо кард ва тадриҷан диққати аҳли шаҳру қишлоқҳои атрофро ба худ кашид. Дар андак муддат шӯҳрати мактаби Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим ва фаъолияти Айниву Ҳамдӣ, Абдуқодир Муҳиддинов ба атроф паҳн шуда, таваҷҷӯҳи аҳолиро ҳар чӣ бештар ба худ мекашид. Чун мактаби тотории Абдураҳмон Саидӣ «таътил шуд» ва «ин устод ба вилояти худ сафар кард» мактаби Мирзо Абдулвоҳид ва шогирдону устодони онро лозим буд, ки бе таътил фаъолият намоянд. «Ҳамин тобистон (моҳи шаъбони соли 1326 – А.Д) Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ ва Усмонхоҷа писари Мавлонхоҷа, ки яке аз талабаҳои барушди Бухоро буд, дар Боғчасарой ва Истамбул барои дидани мактабҳои усули савтия ва маълумот гирифтан аз мактабҳои мунтазам сафар карданд». (12, 48).

Тозафикрони Бухоро ва фаъолияти ҳаракати ҷадидия дар маҷмӯъ ҷомеаро бедор мекарданд. Таваҷҷӯҳи мардум низ ба дастрасии иттилоот ва ахбори тоза аз ҳар гӯшаву канори Русия рӯз аз рӯз меафзуд, пайравони рӯзгор ва мактабу маърифати нав дар радифи Айниву фаъолиятмандии иҷтимоии мунавварфикрони Бухоро бештар ба теъдоди мактабҳои усули таълими ҷадида зиёд мешуданд. Ҷараёни танвири афкор ба бедории таърихӣ ва худшиносии миллии тоҷикон бетаъсир намонд. Бо вуҷуди ихтилофҳои наву кӯҳна ва маърифату маънавиёти мавҷуда, ҳамчунин таассуби дерин нагузошт, ки мактаби Абдулвоҳид фаъолият намояд, аҳли таассуб ва аркони шариати исломӣ нагузоштанд қувваҳои солим ва афкори нав дар ҷамъият реша давонад ва ғ., вале дар моварои талошҳои маърифатӣ ва ихтилофҳои диниву мазҳабӣ ба муҳити андаке ба навӣ ва фазои ахбори ҷадиду муносибатҳои тараққихоҳӣ воридшудаи Бухоро ҳамоно интишороти марбутаи давр таъсири пурфайз доштанд. Талошҳои маърифатӣ ва ҳамкориҳои дерини Мирзо Абдулвоҳиду Садриддин Айнӣ ва пайравони онҳо намояндагони мактаби тоторон бо дахолати «вукалои рус», ки «мухолатати тотору Туркистониро дар хондану хондан аслан иҷоза намедоданд», ба ихтилофҳои забонӣ (миллӣ) ва маҳалливу хуруфотӣ табдил ёфт.Чун мақсадашон «ҷалб

https://bikhon.tj/

кардани қулуб ба сиёсати Русия буд», аз ин рӯ, «махсус ба Туркистон қонуне вазъ карда буданд: муаллимӣ кардани тотор ба аҳли Туркистон ба қуввати он қонун мамнӯъ буд». Ихтилофҳо тадриҷан вусъат касб карда ва чун «мактаби Мирзо Абдулвоҳид масдуд шуд ва аз мактаби тоторон шогирдони бухоройӣ тард ёфтанд, матбуот ва ҷароиди исломӣ (мусалмонони туркнажод-А.Д) ба иқтизои мақсаду маслакашон дар ин боб мақолаҳо навишта, уламои Бухороро танқидоти сахти муҳаққона карданд» (12,73).

Дурустӣ ва рафоҳати ин амал ва ихтилофҳои аслан худӣ ва маҳаллӣ ба фикри мо, дар он буд, ки ҳамчунон ба гуфта омад, он талош ва ихтилофҳо ба моҷарои сиёсии «ҷалб кардани қулуб ба сиёсати Русия» расид ва ҷаридаҳои исломии берун аз хоки Бухорову Туркистон он воқеаҳоро дар саҳифаҳои худ инъикос карданд ва он муҷиби «танқидоти сахти муҳаққона» гардид. Яке аз чунин нашрияҳои густурда ва бонуфузи давр маҷаллаи «Мулло Насриддин» буд, ки дар Тифлис чоп мешуд ва бо ифодаи устод Айнӣ «дар мазҳаканависӣ ҳамто надошт» ва «заҳри танқидро ба ҳуллаи ҳазл муҳалло карда мехӯронд».

Ба ин ваҷҳ саҳифаҳои маҷаллаи «Мулло Насриддин» арсаи инъикоси рӯйдодҳои неку бади ҷаҳон гардид ва минбаъд ҳар як мақола, хабар ва ё расму иттилооте ки аз ҳаёти Бухоро ва зиндагии мардуми Туркистон дар саҳифаҳои маҷаллаи «Мулло Насриддин» ба табъ мерасид, вокунише дар арсаи байналхалқӣ аз рӯйдодҳои олами мусалмонии Бухоро ва музофотҳои он буд ва диққати аҳли илму адаб ва фарҳангиёни оламро ба зудӣ ба худ мекашид. Дар бораи ҷойгоҳи воқеӣ ва нақши маҷаллаи мазкур дар раванди худшиносии тоҷикон андеша ронда, адабиётшинос Валӣ Самад дар он ақида қарор гирифт, ки «...журнали ҳаҷвии озарии «Мулло Насриддин», ки шумораи нахусти он 7 (20) апрели соли 1906 дар Тифлис аз чоп баромад, ба мисли ситораи Зуҳал осмони тираи маънавияти Шарқу шарқиёнро равшанӣ бахшид: «Ин нашрияи судманд на танҳо барои Қафқоз, балки барои Эрон ва сар то сари ҷаҳони Шарқ як ҳодисаи бузурги таърихӣ буд» (209).

https://bikhon.tj/

Валӣ Самад дар як мақолаи дигари пурмуҳтавои худ (210, 115-139) аз нақши маҷаллаи «Мулло Насриддин» дар роҳи бедории маърифати иҷтимоии тоҷикон дубора сухан ронда, ҳамчунин иброз дошта буд, ки «журнали «Мулло Насриддин» дардҳои иҷтимоии халқро дар ибтидои асри XX хеле нишонрас, пурмазмун ифода карда, дар муборизаи наҷибтарин фарзандони миллат (ба) муқобили истисмори дохиливу хориҷӣ, бар зидди ҷаҳолату хурофот дасти ёрӣ дароз кард. Маърифатпарварони тоҷик дар роҳи мақсади наҷиби худ аз ин имконияте, ки демократҳои инқилобии Озарбойҷон фароҳам оварда буданд, истифода карданд. Ин амал барои боло бурдани шуури иҷтимоӣ ва худшиносии халқи тоҷик, аз хоби ғафлати феодалӣ бедор кардани вай роли калон бозид. (210, 138-139). Ҳамин тавр, маҷаллаи ҳаҷвии «Мулло Насриддин» ва муҳаррири он Ҷалил Мамадқулизода, ки ба худ тахаллуси Мулло Насриддинро интихоб карда буд, дар ифодаи дардҳои миллии тоҷикон дар саҳифаҳои худ имконияти фаровон дода, на танҳо аз муҳити тираи Бухоро, балки аз падида ва рӯйдодҳои маънавиву маърифатии тоҷикон ва муҳити Осиёи Миёна барои хонандагону донандагони Россия ва Қафқоз ва фарзандони инқилобиву демократҳои тозафикри Тифлиси ибтидои асри XX, ки гаҳвораи маърифатхоҳии халқҳои Қафқоз, аз ҷумла арманҳо буд, маводи ҷолиби диққат пешниҳод мекард.

Иштиҳори маҷаллаи «Мулло Насриддин» дар Осиёи Миёна, Бухоро, Самарқанд ва Хуҷанд (209) ки ғолибан ба туфайли заҳмат ва ҳамкориҳои мухбир ва рӯзноманигори туркман Салмони Мумтоз ва равшанфикри тоҷик Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим сурат мегирифт, дар байни аҳолии босавод ва рӯзномахони ин шаҳрҳо фикрҳои олии инқилобиро бедор мекард ва дар ҷавоби он мақолаҳое, ки дар саҳифаҳои маҷалла чоп мешуданд ҳамчунин мақолаҳои фошкунандаи аҳволи фалокатиштимоли муҳити тираи Бухоро дар саҳифаҳои нашрияҳои тозатаъсиси маҳаллӣ ба табъ расида, дар фазои иҷтимоӣ ва фарҳангии давр афкори ҳасанаро бедор мекарданд. Тавре дар фавқ зикр шуд, аз ҷумлаи удабо ва уламои тоҷик Садриддин Айнӣ нахустин

https://bikhon.tj/

касе буд, ки нисбат ба муҳтавои маводҳои маҷалла вокуниш изҳор карда ва дар айни замон аз ғояҳои пешқадам ва маорифпарварии маҷалла ҳамовозӣ ба миён овардаанд.Аз ҷумла адабиётшиноси Озарбойҷон Азиз Мираҳмедов аз боби Мирзо Акбари Собир сухан ба миён оварда, таъкид мекунад, ки «даҳои шоирии Собир (шоири Озарбойҷон ва яке аз ҳамсафони Ҷалил Мамадқулизода ва ходими адабии маҷаллаи «Мулло Насриддин» Мирзо Алиакбари Собир – А.Д) ҷаҳони шоирии як қатор адибони тоҷик, узбек, туркман ва дигар халқҳои Шарқи Советиро ҷон ва рӯҳи нав дамид... Нависандаи бузурги тоҷик ва олим Садриддин Айнӣ (1878-1954) аз ҷумлаи онҳое буд, ки анъанаҳои адабиёти реалистии озарбойҷонро умуман ва қисман анъанаҳои (адабии – А.Д) М.Ф.Охундов, Ҷ.Мамадқулизода ва Собирро ба таври эҷодӣ истиқбол кардаанд. Баъди инқилоби соли 1905 ба ғояҳои маорифпарварӣ таваҷҷӯҳ намудан Айнӣ мунтазам ба мӯҳтавои рӯзнома ва маҷаллаҳои Россия, Ҳиндустон, Миср шинос шуда, ҳамчунин асарҳои бадеии нависандагони ин мамоликро мехонад ва ба эҷодиёти онҳо, аз ҷумла ба романи Г.З. Мароғаӣ «Саёҳатномаи Иброҳимбек» баҳои баланд медиҳад ва қариб ҳамаи он чиро, ки дар (саҳифаҳои-А.Д) маҷаллаи дӯстдоштааш «Мулло Насриддин» чоп мешуд, хонда буд».(156. 295).

Ба масъалаи огоҳии комил доштани Садриддин Айнӣ қариб аз ҳар шумораи маҷаллаи ҳаҷвии «Мулло Насриддин» ва ҷойгоҳи он дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маърифати таърихии ин нависандаи тоҷик олимони бисёре аз ҷумлаи Раҳим Ҳошим, Муҳаммадҷон Шакурии Бухоройӣ, Абдуқодир Маниёзов, Расул Ҳодизода, Валӣ Самад, Иброҳим Усмонов, Пайванди Гулмуродзода, Муртазо Зайниддинов, Нурмуҳаммад Одинаев дахл карда, ҳар яке аз инҳо дар мақола ва тадқиқотҳои худ ишораҳои ҷолиб кардаанд. Аз ҷумла Абдуқодир Маниёзов дар ҷараёни тадқиқи публитсистикаи Садриддини Айнӣ навишта буд, ки «барои равнақи эҷодии С.Айнӣ ва хусусан дар бобати ба вуҷуд омадани публитсистикаи ӯ матбуоти даврӣ ҳам роли калоне бозидааст. С. Айнӣ ҳанӯз пеш аз револютсия ба матбуот

https://bikhon.tj/

шиносоӣ пайдо карда буд. Газетаҳои туркиву тотории «Тарҷимон» ва «Вақт» дар арафаи револютсияи соли 1905 ва баъдтар рӯзномаҳои форсӣ, аз қабили «Ҳубулматин», «Парвариш», «Ҷаҳоннамо» ва журнали ҳаҷвии Озарбойҷонии «Мулло Насриддин» дар Бухоро ҳам паҳн мегардиданд. Баъзеи он газетаву журналҳо характери реаксионӣ дошта бошанд ҳам, баъзеи онҳо (масалан «Мулло Насриддин»), бешубҳа, аз ҷумлаи матбуоти пешқадами замон буданд» (136, 73-74).

Вусъати рӯйдодҳое, ки мавриди таваҷҷӯҳ ва истифодаи ҳайати таҳририяи маҷалла қарор мегирифт, воқеан бузург буда, аз ҷумла инъикоси воқеаҳои Эрон, инқилоби Эрон ва умуман каламрави форсӣ ва қисман шаҳру вилоятҳои Туркистони ибтидои асри XX ба он дохил мешуд. Нависандагон ва адибони пешқадами давр дар инъикоси рӯйдодҳои Эрони ибтидои асри XX ва ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии таҳти таъсири инқилоби аввали рус ба вуқӯъомада, дар саҳифаҳои маҷалла саҳм мегирифтанд. Мирзо Алиакбари Собир дар ин арса аз шуарои пешқадам маҳсуб шуда, руйдодҳои «он тарафи рӯди Аракс»-ро мӯшикофона ба мушоҳида мегирифт ва хулосаҳои худро дар шакли мақола ва шеърҳои ҷудогона ифода карда, дар саҳифаҳои маҷалла ҷой медод. Ҳамбаста ба рӯйдодҳои Эрону инқилоби Эрон нахустин шеъри ӯ «Ман надонистам, ки яке навбати андӯҳ расид» дар шумораи 24 ноябри соли 1906 ба табъ расид. Дар байни солҳои 1906-1911 зиёда аз чиҳил шеъри Собир дар як мавзӯи Эрон дар маҷаллаи «Мулло Насриддин» чоп шуд. (иловатан ниг. ба 172, 204-239).

Ҳамин тавр, масъалаи ҷойгоҳи маҷаллаи «Мулло Насриддин» дар сарнавишт ва худшиносии таърихии тоҷикон, бегумон, бузург буда, аксари маорифпарварони тоҷик чӣ дар Самарқанду Бухорову Хуҷанд ва чӣ дар Қафқоз, аз ҷумла дар Озарбойҷону Тифлис ва Арманистон аз ҳадафҳои маърифатии маҷалла пуштибонӣ кардаанд.

Ин амал ҳарчанд ба «уламои мағрури Бухоро» сахт расид, «дар ин воқеа расмҳои маънидор» кашидани маҷалла ва «дар як сафҳа сад китоби танқидро дар назари бинандагони

https://bikhon.tj/

босавод ва бесавод ҷилва додани он бояд ҳушдор аз «уламои мағрури Бухоро» ва як такони сахте ба сохти мавҷуда ва ҳаёти якранги тоҷикон бошад. Аз тарафи дигар чунин муносибат ва танқиди сахти Бухорои пӯсидаистодаи амирӣ дар остонаи асри нав дар роҳи худшиносии миллии тоҷикон падидаи хуб бояд бошад ва бо ин як навъ роҳи ба олами беруна баромадан, вусъат пайдо кардани ангезаҳои маърифатӣ ва диди исломиву асрори рӯйдодҳои аслии Бухорои шариф таъмин ҳам гардид. Дар муқоисаи роҳҳои ба дарки худогоҳӣ ва маърифати миллӣ расидани ақвоми ғайр, аз ҷумла аромина ва сатҳи маърифату ҷаҳонбинии миллӣ ва худогоҳии халқи тоҷик, маълум мешавад садсола роҳ будааст, вале идроки саривақтӣ ва эҳсоси кӯшишҳои маърифатӣ аз қабили ҳамовозӣ ба рӯйдодҳои давр, таҳаввулотҳои ҳамарӯзаи сиёсӣ ва иҷтимоии Русия ва ҷамоҳири Қафқоз равшанфикрони тоҷикро табиист, ки ба вокуниши ҳодисаҳои давр тайёр мекард. Адабиёти даҳсолаи авали асри XX-и тоҷик бо иштироки бевоситаи Садриддин Айниву пайравони ӯ ва намояндагӣ аз ҳаракати ҷадидияи тоҷик рӯҳи нав ва қиёми инқилобӣ касб карда, дар роҳи инъикоси ҳаводиси давр ва рӯйдодҳои замон иштирок мекард. Ба маънавиёти тоҷикон ва тафаккури милливу маҳаллии онҳо таъсири падидаҳои берун, хусусан аз тариқи ворид шудани интишороти марбута ва ягон-ягон намунаҳои лафзиву чопии русӣ ва ақвоми мусулмонони туркнажоди Русия ва музофотҳои он меафзуд. Янеъ «дар адабиёти ибтидои асри XX ғоя ва афкори пешқадаме, ки дар эҷодиёти шоир ва нависандагони тараққипарвари нимаи дуюми асри XIX ифода меёфт, ҳамчунин мавқеи муҳимме дошт» (269, 396) ва адибон-равшанфикрони ибтидои асри XX ҳамон равияи пешқадами адабиёти даврро идома дода, дар баробари тавсиаи ғояҳои маърифатпарварии замон, ҳамчунин тарғиби илм ва танвири афкорро аз роҳи инъикоси мавзӯи «тарзи нави мактабу маориф» ба роҳ монданд. Адибони ин давр дар эҷодиёташон ба эътибори тарғиби маслаки мактабхоҳӣ, ҳамчунон ғояҳои дигари намунаи ибрат будани маърифати пешқадами хориҷӣ, махсусан Аврупо ва соири кишварҳои Ғарбу

https://bikhon.tj/

Шарқро тарғиб менамуданд. Ҷаҳонбинии нави илмӣ ва маърифатӣ, мусаллаҳ будан бо афкори пешрав онҳоро дар сафи созандагони даврони нав дар заминаи дастовардҳои адабиёт ва афкори пешин муаррифӣ мекард. Академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухоройӣ ақида дорад, ки «дар оғози садаи бист бо адабиёти туркнажод, бо адабиёти русӣ бештар робита пайдо кардани адабиёти тоҷикони Мовароуннаҳр... пайомади он аст, ки самти пайвандҳои адабии мардуми тоҷик дигар шуд, робитаҳои адабӣ ба сӯи Русияву Аврупо, ба сӯи мусулмонони Русия, яъне миллатҳои турк бештар майл пайдо кард...» (37, 47-48) ва дар тасҳеҳи ин меорад, ки «аз оғози садаи бист, ҳатто метавон гуфт, аз охири садаи нуздаҳ дар робитаҳои адабии тоҷикони Фароруд самтҳои тоза пайдо шуд» ва ин самтҳои тоза ба фикри муҳаққиқ ба эътибори ташаккули ҳамназдикии шоиру нависандагони Мовароуннаҳр, масалан тоҷику ӯзбек ва инкишофи адабиёт дар ду забон, хусусан ба забони ӯзбекӣ асару мақолаҳо офаридани адибони тоҷик, аз ҷумлаи худи Садриддин Айнӣ, Абдуррауфи Фитрат, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Ҳамза Ҳакимзодаи Ниёзӣ расм гардид ва минбаъд барои тавсиаи чунин амали дузабонӣ шароити мусоид фароҳам овард, нашрияҳои ӯзбек барои аҳолии ӯзбекзабон таъсис ёфтанд ва ғ...ба равнақи адабиёт ва ҳамкориҳои адабӣ дар Русия ва дигар нуқоти мусулмоннишини он мусоидат карда, «моҳиятан ба адабиёти форсии Эрону Афғонистон наздиктар шуд. Ҳамин тавр, ин тамоюлот ва самтҳои нави инкишофи на танҳо адабиёт, балки шоха ва паҳлуҳои дигари маърифативу равшангарии тоҷикиро дар ибтидои асри ХХ, хусусан баъди инқилоби аввали рус моҳиятан дигар ва ба оммаву ормонҳои милливу таърихии халқ наздик кард, ки ин падида воқеан бо мавзӯъ ва мазмунҳои нави тасвири бадеӣ қадами ҷиддие ба пеш буд (269, 400).

Ин давраи таърихи адабиёти тоҷик, тибқи тадқиқотҳои нави адабиётшиносии тоҷикӣ бояд давраи наҳзати адабӣ ва фарҳангӣ бошад. Бедории фикрӣ ва ҷаҳиши маънавӣ яке аз омилҳо ва унсури худшиносии таърихии тоҷикон гардида, чунин шароити таърихӣ равшанфикрони тоҷикро водор

https://bikhon.tj/

кард, ки арзишҳои инсонӣ ва маърифатии тоҷиконро аз диди наву чашми дигар бубинанд. Адабиёти нави оғози асри XX бозтоби наву моҳиятан миллии тоҷиконро дар фазо ва муҳити таърихии дигар, дар ҳамназдикӣ ва васли арзишҳои он бо дастовардҳои халқҳои дигар арҷ бидод. Бозтоби таърихии арзишҳои ахлоқиву маънавӣ дар айни замон рисолати иҷтимоии адабиёт ва фарҳангро дар робита бо дарки моҳияти ахлоқии арзишҳои адабии бурунмарзӣ, аз ҷумла Русия мустақиман фаро гирифт. Тасаввурот ва пиндорҳои шарқии мусулмонони феодалӣ дар остонаи даврони нав дар бархӯрд бо аздоди назар ва ақида, ихтилофҳои мазҳабӣ ва милливу маҳаллии русиву ғарбӣ муҷиби имтизоҷи дигар шуд, ки ин масъала дар осори як қатор намояндагони дигари ҳаракати ҷадидияи ибтидои асри XX-и тоҷик воқеъбинона ва дар контексти рӯйдодҳои сиёсӣ ва иҷтимоии Осиёи Миёна ва кишварҳои Русияву Туркия ва Қафқоз инъикос гардидааст.

Академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ муносибаташро сари масъалаи равандҳои асосии маорифпарварии тоҷикӣ ва даврaҳои рушду ташаккули он дар муҳити таърихии тоҷикон ифода намуда, ҳамчунин дар муайян намудани ҳудуди воқеӣ ва нақши марҳалаҳои он мулоҳиза ронда менависад, ки « Маорифпарварӣ дар таърихи тоҷикони Осиёи Миёна тахминан панҷоҳ солро дар бар мегирад ва аз охирин сеяки садаи 19 оғоз ёфта, пас аз инқилоби Русияи соли 1905 номи ҷунбиши ҷадидонро гирифта, асосан бо инқилоби Бухоро дар соли 1920ба поён расидааст. (37, 90). Дар ҳамин ҳудуди панҷоҳ сол – шурӯъ аз фаъолияти илмӣ ва бадеии Аҳмади Дониш ва тавсиаву ташаккули ҳаракати маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна ва фароянди наҳзати ҷадидия дар хоки тоҷикон – муайян намудани давраи ҳаракатҳои таърихӣ, ташаккули афкори нави адабӣ, ҷадалҳои маърифатӣ ва кӯшишҳои бедории таърихӣ ва унсурҳои худшиносии миллӣ воқеан давраи бедорӣ дар ҳаёти иҷтимоии халқи тоҷик аст, ки дар заминаи шароитҳои таърихии асримиёнагӣ ва суннатҳои адабӣ ва миллии охири асри XIX ба вуҷуд ва дар осори намояндагони ҷараёни ин

https://bikhon.tj/

давра ба зуҳур омад ва моҳиятан аз нигоҳи вусъат ва нуфуз «ҷунбиши ҷадидия» дар байни мусулмонони Қирим, Қафқоз, Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ интишор ёфта, хусусияти байналхалқӣ пайдо карда буд. Ҳамин тариқ, вобаста ба тавлид ва ташаккули ҳаракатҳои нави фикрӣ ва инқилобимазмун, ҷунбишҳои озодихоҳиву навгароӣ ва майлҳои растагорӣ аз муҳити феодалии Бухоро вусъат пайдо карда, ҳамчунин омилҳои дигари маърифатхоҳӣ дар афкор ва осори маорифпарварон ба зуҳур омаданд. Аз ҷумлаи навписандӣ дар рафтору гуфтор, пайравӣ аз ақида ва афкори ҷадид, аз худ кардани мероси фарҳангии гузашта ва ҳифзи таҷрибаҳои иҷтимоиву фарҳангии мамолику халқҳои пешқадами Аврупо ва Рус, дар тавсиа ва инкишофи воқеии афкори ҷадидон нақши худро гузошт. Дар муқоисаи таърихи пурфоҷиаи халқи тоҷик рӯ овардан ба таҷрибаи таърих ва маънавиёти олии пешқадам тадриҷан дар осори онон ба чашм мерасид ва чунин амали мутақобили омӯзиш ва инъикоси ҳусну қубҳи афкор ва муҳити дидаву шунида имтиёз пайдо мекард. «Ҷустани тарзи нави» унсурҳои пешрав дар зиндагӣ ва давлатдорӣ ҳанӯз аз Аҳмади Дониш оғоз ёфта, ӯ дар асарҳои худ, хусусан дар «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Рисола» дар муқоисаи «харобии назми аморат» ва «тарзи салтанат» ва фазилатҳои дунёи нав дар мисоли тарзи зист ва пешрафти илму фан, тавофуқи зиндагии русӣ ва «мувосою мадоро бо давлати Рус» мулоҳиза ва таассуроти худро ифода кардааст. Аҳмади Дониш, ки ҳамеша дар рикоби амир ва аҳли аморат дар сафарҳо амирро ҳамроҳӣ мекард, аз сафари навбатии амир Абдулаҳад ба вилоятҳои Русия ва Қафқоз ёд оварда чунин навиштааст: «Дигар сафари ноҳинҷор, ки амир дар айёми давлати худ кард, сафари Тифлис буд. Ин шаҳри обод дар Ҷанубии Қафқоз ва шимолии Армания, ки собиқ маҳкуми Рум буда, алявм ба давлати Рус мулҳақ аст. Дар иртикоби ин сафар чанд ваҷҳ ба забони омма машҳур шуд. Яке он ки ҳокими Тифлис тӯе дорад ва ҳама подшоҳонро металабад. Амири Бухороро низ талабидааст, то табъияти ӯ ба рус назди дували хориҷӣ маълуму машҳур гардад. Дигар ба забони шиъаён машҳур шуд, ки чун амири

https://bikhon.tj/

Бухоро аз мост, аз он ки вазорати молияю адлия ва амири тӯйхона аз эшон бардошта шудааст. Гуфтанд: Дар ин сафар амири мо ба Носируддин (шоҳ) Қочор мулоқот мекунад ва аҳду (аҳд) муоҳот мебанданд, то Бухоро аз мулҳақоти Эрон маҳсуб шавад. Дигар овоза андохтанд, ки амирро риши пинҳонӣ баромадааст, бо ҳукамои Русия машварат андохтаааст, гуфтаанд, чашмаест дар саҳрои Тифлис мусаммо ба айну-ш-шифо, дар он ҷо бар вай ғусл орӣ аз ҳама ришу ҷароҳат солиму саҳеҳ бароӣ.

Бинобар ин амир дар ин сафар низ бе маслиҳату машварат дар аробаи оташӣ нишаста, нохост касонеро хост бо худ бибарад ва дар муддати панҷ моҳ муроҷиъат намуд ва пули бисёреро низ дар ин сафар ба итлофу исроф оварда. Лекин дар газитҳо ва рӯзномаҳои Исломбул навишта буданд, ки амири Бухоро бад-ин тазаррӣ тадаюн карда, барои ғусли таъмидаш ба Қафқоз бурданд ва ин газитро дар Русия ҳар ҷо медиданд, пинҳон мекарданд ва ин сафар дар соли нӯҳуми ҷулус буд. (83, 91). Дар «Рисола»-и Аҳмади Дониш аз боби «харобии назми аморат» ва «тарзи салтанат» ҳикоятҳои пур аз танз ва шармандагиҳо «аз сафарҳои ноҳинҷор» ва боиси хандахароши мардум гардидани амиру аҳли рикоб фаровонанд, ки ин аз як тараф ишора ба даврони русуми тира ва ҷаҳолат бошад, аз тарафи дигар ҷустани тарзи нави зист ва муносибатҳои иҷтимоии халқҳо, аз ҷумла тоҷикон аст.

Дар идомаи тавсиаи интишори ғояҳои маорифпарварӣ ва наҳзати ҷадидия дар муҳити фарҳангии тоҷикон ва ҳамчунин аз вазъи адабиёт ва фазои нави фарҳангӣ дар доираҳои адабии Самарқанду Бухоро ва Тифлиси асри XX мулоҳиза ронда, аз ҷойгоҳи таърихӣ ва мақоми иҷтимоии шахсиятҳои алоҳида бояд ёдовар шуд, ки онҳо, масалан Мирзо Сироҷи Ҳаким, Сиддиқии Аҷзӣ, Абдуррауфи Фитрат, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ ва даҳҳо дигарон дар роҳи таъмини маънавиёт, танвири афкор ва расидан ба худшиносии таърихӣ хизматҳои бедареғ кардаанд. Ҳарчанд дар қиёси тавлид ва ташаккули маърифат ва ҷаҳонбинӣ, равияҳои пешқадами маорифпарвариву омилҳо ва унсурҳои

https://bikhon.tj/

вуруди муҳити нав ва зиндагии «бо китоб» халқҳои арманву гурҷӣ аз сатҳи расидан ба маърифат ва ғояҳои маорифпарвариву инқилоби мусалмонӣ даҳҳо сол пеш рафтаанд, моя ва эҳсоси миллӣ ва маърифатӣ дар осори онон аз нигоҳи пайравӣ ва омӯзиш муқаддам аст. Ин зинаҳо ва сатҳи маърифати таърихӣ ва иҷтимоии халқҳои Қафқоз, хусусан арманҳову гурҷиҳоро ба назар гирифта, шарқшинос Ю.Петросян менависад, ки « дар ҳаёти иҷтимоии Истамбул мавқеи асосиро ҷамъияти арманҳо мебозид, ки ҳанӯз дар ибтидои асри XIX теъдодашон ба 200 ҳазор расида буд... баъдтар, баъди ислоҳоти танзимгарӣ («танзиматская реформа») баъзе фарзандон аз оилаҳои номусулмон (арманҳо дар назар аст-А.Д) дар мактабҳои мусалмонӣ мехонданд, ки теъдодашон дар охири асри XIX ба 300 ҳазор мерасид. Бояд зикр намуд, ки маърифати дунявии арманҳо дар шоҳаншоҳии усмонӣ ба андозаи панҷоҳ сол муқаддам аз сатҳи макотиби ибтидоии туркҳо буд ва чандин даҳсола қабл аз макотиби туркӣ дар Истамбул мактабҳои усули нави арманӣ таъсис ёфта буданд... дар солҳои сиюми асри XIX дар Хаскиё (наздикии Истамбул) мактаби армании Нерсесян тибқи барномаи мактаби мутавассите амал мекард, ки (192, 179) 600 нафар талаба дошт. Дар соли 1874 дар мактабҳои армании Истамбул наздикии 20 ҳазор талаба мехонд. Дар нимаи аввали асри XIX бошад дар шаҳр шаш нашрияи ба забони арманӣ чоп мешуд. Инҳо ҳама омилҳое буданд, ки дар муқоиса ба назар гирифта мешаванд ва равшанфикрони тоҷик аз тариқи мутолиа ва огоҳӣ аз муҳтавои нашрияҳои ватаниву хориҷӣ роҳҳои на танҳо раҳоӣ аз бунбасти маънавӣ, балки расидан ба сатҳи маърифати туркиро дарёб мекарданд. Бо ин мақсад онҳо ба хотири анҷоми фарзи ҳаҷ ё фаро гирифтан ба таҳсили комили мусалмонӣ роҳи сафар ба хориҷи мамлакат ва саёҳатро пеш мегирифтанд, ки чунин амал дар ҳалли мушкилоти таърихии ифтихор ва худшиносии миллӣ қадаме ба пеш ва дар айни замон ҳифзу пойдории маданият ва фарҳанги исломии халқи тоҷик низ ба ҳисоб мерафт. Вале чунин амали созандагии таърихӣ ва миллӣ дар муҳити Туркистон ва хусусан шаҳрҳои Бухорову

https://bikhon.tj/

Самарқанд дар қиёси пешрафти маънавиву маърифатии халқҳо ва қавмҳои Осиёи Миёна ҳанӯз басанда набуда, устод Айнӣ соли 1925 дар мақолаи «Қавми тоҷик ва рӯзнома» таъкид карда буд, ки «ҳамаи ватандорони дигар миллатҳои Осиёи Миёна соҳиби рӯзнома, соҳиби мактаб, соҳиби илму қалам шуда бошанд, аммо кавми тоҷик ҳамон Аҳмади порина, ки ҳастанд, ҳастанд» (111, 197). Албатта, сабабҳои чунин вомондагиро устод Айнӣ дар муҳити худӣ ва «камсаъии» тоҷикон дида, шароитҳои таърихии онҳоро низ таъкид кардааст. Вале, бо вуҷуди чунин вомондагиҳо фарзандони пешқадам ва огоҳи тоҷик аз паи таъмиру таъмини маърифати таърихии тоҷикон иқдом карда дар асарҳои худ тибқи биниш, сатҳи маънавиёт ва ҷаҳонбинии пешрав аз паи ислоҳи онҳо шуданд. Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақое», Возеҳ дар «Савонеҳ-ул-масолик», Мирзо Сироҷи Ҳаким дар « Тӯҳафи аҳли Бухоро», Абдуррауфи Фитрат дар «Роҳбари наҷот», Сиддиқии Аҷзӣ дар «Миръоти ибрат ва ғ..., ки аксар дар жанри очерки сафарнома эҷод шудаанд, аз дида ва шунидаҳо нақлҳои муассир карда, ҳамзамон шароит ва сабабҳои ақибмондагии маърифатиро нишон додаанд. Дар мавриди «сафари ноҳинҷор»-и Аҳмади Дониш бо иқтибосе дар фавқ аз хусуси «Тифлис шаҳрест обод дар Ҷанубии Қафқоз ва Шимолии Армания...» сухан рафт, ки худи Аҳмади Дониш дар он ҷою мавзеъҳо буда ва аз «чашма»-и шифобахш «дар саҳрои Тифлис мусаммӣ ба Айнушшифо...» ёд кардааст. Маорифпарвари дигари тоҷик Қорӣ Раҳматулло Возеҳ тибқи тадқиқоти Валӣ Самад «баҳори соли 1886 ба Қафқоз меравад, дар баҳрҳои Хазар ва Сиёҳ сайру шино мекунад ва аз хусуси ободию дилрабоии шаҳрҳои Боку, Тифлис ва Ботум бо меҳр сухан меронад». (210,116).

Мирзо Сироҷи Ҳаким «байни солҳои 1902-1909 се маротиба ба Қафқоз, аз ҷумла Тифлис сафар намуда» аст. Ин фарзанди ҷаҳондидаи тоҷик қариб тамоми хоки сарзамини Қафқоз, хусусан Тифлиси овозадор ва «боғу бӯстонҳои босафо» ва осорхонаҳои онро дида, ба тарроҳону муҳандисону созандагони ин шаҳри пур аз санъат офарин хонда ва ҳамаи ин дастоварди ва пешравиҳоро аз равнақи илм дидааст. Мир-

https://bikhon.tj/

зо Сироҷи Ҳаким баръакси вижагиҳои ҳикоёти Аҳмади Дониш ва дигарон ба шаҳрҳо ва мамлакатҳои дигари олам Ландану Порис ва Берлину Будапешт сафар карда, ҳангоми сафарҳо диққати асосиро «ба тасвири батафсили тартиботи иҷтимоии кишварҳои Шарқу Ғарб ва муқоисаи ин тартибот бештар диққат дода, аз фарҳанги кишварҳои Аврупо... ба ваҷд омада, бо ҳайрату мафтунӣ қалам рондааст». (37, 35).

Назари ибратбини Мирзо Сироҷи Ҳаким, ки воқеан ба бартарии айнии одоби ғарбӣ ва ҷиҳатҳои пешқадами низоми давлатдории Аврупо ва Рус нигаронда шудааст, дар тафаккури таърихии миллии тоҷикон ва дигар халқҳои Осиёи Миёна андаке ҷунбиш ба амал овард ва нақлу тасвир ва тафсилоти дидаву шунидаи онон дар ин давра, хусусан дар даҳсолаи аввали асри XX вобаста ба фаро расидани шароитҳои таърихӣ, дар ҳаёти маънавӣ ва иҷтимоии тоҷикон имкониятеро фароҳам овард, ки таҳлил ва баррасиҳои воқеияти давр асоси мушоҳида ва бунёди тафаккури маорифпарвариву ҳаракатҳои ҷадидӣ қарор гирифт. Ин маврид академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ дуруст таъкид кардааст, ки «нахустин бор дар таърихи афкори фалсафаи Осиёи Миёна таҷрибаи иҷтимоиву фарҳангии Русия ва Ғарб бо ҷиддияти тамом ба доираи назар даромада, дар ташаккули ақидаҳо нақше гузошт. Густариши чашмандоз, бартараф гардидани дарбастагии феодалӣ, ба чашми ибратҷӯй нигаристан ба мардуме, ки фарҳанги гуногун ва дину оини мухталиф доранд, боиси камолоти фалсафаи иҷтимоии маорифпарварон гардид» (37, 96). Гузашта аз ин, адабиёти ин давраи ибтидои асри XX тоҷикии Мовароуннаҳр махсусияти дигар касб карда, унсурҳои воқеияти зиндагӣ ба воситаи ташаккул ва ривоҷи очерки сафарнома бештар ба адабиёт ворид шуданд. Нависандагони маорифпарвари тоҷик дар ҷараёни таълифи асарҳо – сафарнома ва очеркҳои сафарии худ ба андӯхтаҳои адабиёти русу ғарб муроҷиат карда, дар бофти нақл дар асоси муқоисавӣ ва тасвиркорӣ бештар ба унсурҳои реалистӣ рӯ оварданд, ки ин падида ҳамчун маҳсули воқеият дар низоми бадеӣ муҳим буд. Яъне ин маврид вобаста ба ташаккули

https://bikhon.tj/

воқеияти иҷтимоӣ ҳам дар тафаккури адибон ва ҳам дар адабиёти ибтидои асри ХХ-и бисёр халқҳо, аз ҷумла тоҷикон ва озарбойҷониҳо унсурҳои реалистӣ ва бунёди нақлу тасвир қавитар, балки адабиёт бо ифодае ба воқеияти иҷтимоӣ ва зиндагии халқ наздиктар гардид. Воқеан, дар муқоисаи адабиёти аз қаъри асрҳо баромада ва ба низоми нави бадеӣ гаравидаи тоҷикӣ ва ҳамчунин адабиёти ин марҳалаҳои таърихӣ ва тафаккури халқу қишрҳои зиндагии ӯро фаро гирифтаи арман (масалан, эҷодиёти Аксел Бакунс) ин падида ба зудӣ ба назар мерасад. Дар адабиёти ин давраи тоҷикӣ, ки аз сафарномаҳо ва осори назмии шиору хитоба ва даъват иборат аст, пайванди унсурҳои низоми бадеӣ ва анъанаҳои дерини забон ва адабиёти форсии тоҷикӣ ба ҳам омада, ҳамчунин сабаби андаке ҳам наздик шудан ё имтизоҷи таърихии тафаккури халқ бо воқеият гардид, ки ин ҳам дар ҳаёти ҷомеа ва афкори мардум, хусусан тоҷикон муҳим буд. Вуруди аносири нави воқеият дар фароянди дигаргуниҳои замон ва пешрафти ҷомеа ва инъикоси таҳаввулоти он дар осори адибони ин давра, ба таври дигар гӯем, ба ҷараёни инкишофи забони тоҷикии мовароуннаҳрӣ таъсири бештар кард ва боиси ривоҷи дигарбораи «забони адабии Фарорӯд» гардид, ки ин барои инъикоси рӯйдодҳои давр ва дар либоси сирф тоҷикӣ ба хонандагони Туркистон расонидани ахбор ва осори назмиву насрӣ муҳим буд.

Сарнавишти фарзанди дигари равшангари тоҷик Саид Аҳмадхӯҷа Сиддиқии Аҷзӣ низ пурпечутоб ва ибратомӯз аст. Ӯ ба сабаби адои ҳаҷ ба сафар баромада, байни солҳои 1901-1903 аз як қатор мамолики Осиёи Марказиву қисмати ғарбии Русия, аз ҷумла шаҳрҳои Боку, Тифлис, Украинаву Петербургу Маскав дидан намуда, тибқи тадқиқоти адабиётшиносон Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ ва Валӣ Самад қисмати бештари саёҳати сесолаашро дар Маскаву Тифлис ва Боку мегузаронад ва дар Тифлис бо як қатор шахсони пешқадам ва рӯшанфикрони Озарбойҷону Гурҷистон, аз ҷумла бо муҳаррири маҷаллаи «Мулло Насриддин» Ҷалил Мамадқулизода ва шоири инқилобии Озарбойҷон, ходими адабии маҷалла Мирзо Собир шинос мешавад. Дар он ҷо

https://bikhon.tj/

Сиддиқии Аҳзӣ ду китоби худ «Миръоти ибрат» ва «Анҷумани арвоҳ»-ро соли 1912 дар матбааи «Шарқ»-и Тифлис ба табъ мерасонад. Маҳз дар Тифлис чоп шудани ин ду китоби Аҳзӣ сарнавишти аҷиб дорад. Ӯ баъд аз саёҳати сесолаи худ бар баъзе шаҳрҳои Русия ва Бокуву Тифлиси Қафқоз ба Самарқанд омада, дар роҳи таъмини маърифати мардум ва саводи фарзандони омма хизматҳо мекунад, мактаби усули ҷадида мекушояд ва ба таъқибу фишори рӯҳониён нигоҳ накарда, андаке бошад ҳам, ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул мешавад. Дар ин давра ӯ Инқилоби соли 1905-и Русияро, хусусан, баъди сафари худ ба Русия ва таҳаввулоти фикриву ҷаҳонбинии нав хуш мепазирад ва баъди инқилоб нақши он тағйирот ва таҳаввулот дар кору амал ва фаъолияти ӯ бештар ба назар мерасанд. Фаъолияти адабии ин давраи ӯ ба омӯзиш ва тарҷумаи осори адибони рус алоқа гирифта, «асарҳои Гогол, Тургенев, Лермонтов ва Толстойро» меомӯзад ва қисме аз онҳоро барои талабагони мактаб тарҷума ҳам мекунад, чопи ду асар, ки дар фавқ зикр шуд, бар сабаби таассуби рӯҳониён ва сензураи Туркистон сурат намегирад ва ӯ маҷбур мешавад ба ёрӣ ва дастгирии дӯстони озарбойҷонии худ умед намояд ва ахиран бо кӯмаки муҳаррири маҷаллаи «Мулло Насриддин», дӯсташ Ҷалил Мамадқулизода он ду китоб дар Тифлис ба нашр мерасад. Вадуд Маҳмудӣ дар иртибот бо мушкилот ва сабаби чопи ин ду китоби Аҳзӣ дар Тифлис дар хотираҳои худ менависад, ки «худи Аҳзӣ (1864-1927) ҳам яке аз ҳамин ҳоҷиҳост, ки баъд аз сафари дурударози Ҳаҷ ва зиёрати шаҳрҳои калони он ҷониб ба андешаҳои тоза афтода, сипас аз ёрони муаллим Шакурӣ шуда, худаш ҳам мактабдорӣ кардааст. Дар деҳаи Ҳавлоӣ мактаб дошт. Ду китобчаи манзуми Аҳзӣ, ки «Миръоти ибрат» ва «Анҷумани арвоҳ» ном доранд, дар Тифлис, соли 1912 чоп шуда буданд.

Чаро рафта-рафта дар Тифлис, дар худи ин ҷо?

Ин ҳам сир дорад: «Режими кишвари мо аз Режими Кавказ фарқ дошт. Сензури он ҷо нисбат ба сензури мо камтар сахт мегирифт. Ин аз он сабаб буд, ки дар Кавказ гурҷиҳо, арманиҳо нисбат ба халқҳои Туркистон бештар озодӣ дош-

https://bikhon.tj/

танд ва ба онҳо он қадар сахтгирӣ карданро ҳукумати подшоҳии Русия раво намедонист.

Дар ин ду китобча Аҷзӣ ҳамаи дардҳои онрӯзаи ватани худро бисёр равшан мешуморад ва нишон медиҳад». (146; 28).

Ҳамчунин Вадуд Маҳмудӣ дар хотираҳояш қайд мекунад, ки он ду асари Сиддиқии Аҷзӣ дар роҳи бедорӣ ва худшиносии мардум хизмат кард. Ҳам «Миръоти ибрат» ва ҳам «Анҷумани арвоҳ» «он рӯзҳо даст ба даст мегашт. Дар ҳуҷраҳо ҷои Бедил, Соиб ва Низомихониҳоро гирифта буд. Сӯҳбати ҳама дар бораи ин ду рисола мерафт» ва ғ...

Бо нашри ин ду китоб дар Тифлис Сиддиқии Аҷзӣ чанд кори муҳимро низ анҷом дод. Аввал ин ки ҳамкории ӯ дар маҷалла хусусан бо мухбири туркман Салмони Мумтоз, бо шоир ва донишманди озарбойҷонӣ Мирзо Собир ва муҳаррири маҷалла Ҷалил Мамадқулизода авҷ гирифт. Тифлиси ибтидои асри ХХ ба як маркази бошаҳомати сиёсиву иҷтимоӣ ва адабиву фарҳангӣ табдил ёфта буд, ки хусусан дар Қафқоз ҳама гуна ҷунбиш ва ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ аввал дар Тифлис ва, сипас, дар шаҳру вилоятҳои дигари Қафқоз рӯ мезаданд ва табиист, ки аҳолии шаҳр аз ҳисоби намояндагони халқу миллатҳои бисёре ба ҳам омада буд.

Дар иртибот ба ҳамин дар тадқиқоти Авик Исаакян-набераи шоири бузурги арман Аветик Исаакян омадааст, ки дар ибтидои асри ХХ гурӯҳҳои пешқадами нависандагони арман дар Тифлис иттиҳодияи адабии «Вернатун»-ро таъсис дода, ҳамзамон дар атрофи ин иттиҳодияи адабӣ шоиру нависанда ва ходимони илму фарҳангу рӯзноманигоронро аз ҳисоби намояндагони халқу миллатҳои гуногуни маскуни Тифлис ҷамъ оварда буданд(108; 29-30). Табиист ки иттиҳодияи мазкури адабӣ ҳафадҳои тарғиби илму адаб, муттаҳид намудани қуввахои парокандаи адабӣ, мақсадҳои ошкорои ҳифзи арзишҳои адабӣ ва фарҳанги миллии халқҳо, аз ҷумла арманҳоро дошт. Иттиҳодияи адабии «Вернатун» («Манзара») дар хона-квартираи Ованес Туманян ҷойгир шуда, чун маҳфилҳои адабии Садри Зиё бо иш-

https://bikhon.tj/

тироки аҳли адаби Бухоро ва равшангарони дигар, аз ҳисоби омадурафти адибони арман ва намояндаҳои халқҳои дигар бо сарварии худи Ованес Туманян ва Аветик Исаакян, ҳамчунин бо иштирок ва фаъолияти пайвастаи Газарос Агаян, Левон Шант, Дереник Демирчян, Перч Прошян, Ваҳагн Терян, Муратсан ва дигарон пур ва бо ҳадафҳои ростини адабӣ ва дар амали рушди адабиёт, масъалаҳои омӯзиш ва тарҷумаи осори адабӣ саҳм мегирифт.

«Вернатун» дар байни солҳои 1899-1907 ба яке аз марказҳои адабӣ ва фарҳангии арманҳо табдил ёфт ва дар нашъунамои минбаъдаи умуман ҳаёти адабӣ дар Тифлис мусоидат намуд. Дар маҷлисҳои адабии он бисёр муаммоҳои адабии пешқадами рус ва фарҳанги аврупоӣ, осори адабии нав, симо ва чеҳраҳои алоҳидаи адабӣ ва ғ. муҳокима ва баррасӣ мешуданд. Иштирокдорони маҳфил дӯстон ва хайрхоҳони адабиёти русу адабиёти ҷаҳонӣ буданд, шеърҳо мехонданд, баҳсҳо меоростанд, мақолаҳои илмӣ менавиштанд. Масалан, силсилаи ашъори Аветик Исаакян «Аз сурудҳои фидоӣ» маҳз дар ҳамин солҳои 1905-1906 таълиф ёфта, дар маҳфили иттиҳодия муҳокима карда шудааст, ки он ҷойгоҳи сазоворро дар адабиёти арман ба ҳайси беҳтарин ашъори озодидӯстӣ ва ватанхоҳӣ ишғол мекунад.

Омили дуюме, ки зикр мешавад, ба фаъолияти рӯзноманигорӣ ва нависандагии Сиддиқии Аҷзӣ алоқа мегирад, ки ӯ маҳз дар Тифлис бар асари пуштибонӣ аз дӯстони ҳамназараш ба воситаи чопи он ду асари худ мушкилот ва дардҳои кӯҳнаи Бухорову халқи тоҷикро ба мардум ошкор кард ва, бегумон, нашри ин ду китоби Аҷзӣ рӯшанфикрони гуногунмиллати Тифлис, аз ҷумла арманиву гурҷиву озариро аз аҳволи фалокатиштимоли халқи тоҷик ва фарорасии айёми бедорӣ ва худшиносӣ огоҳ намуд.

https://bikhon.tj/

2.2. Истиқболи тарафайни шакл ва мазмун дар низоми пайвандҳои адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Арманистон

Махсусияти давраи нав, ки мамлакатҳои Тоҷикистону Арманистонро дар ҳайати воҳиди давлатӣ нигоҳ дошта, дар зарфи зиёда аз ҳафтод сол ниёзҳои таърихӣ ва иҷтимоии онҳоро ҳифз кардааст, таъсиси давлате бо номи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ буд, ки моҳи декабри соли 1922 таъсис ёфтааст. Ташкил шудани давлати СССР таҳти роҳбарии Владимир Ильич Ленин ҳимоя ва пуштибонӣ аз манфиатҳои меҳнаткашон маънидод мешуд. Рушди ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва Арманистон, чунонки гузашти солҳо ва таърих нишон дод, дар ҳайати як давлати воҳид ва маъмурӣ рушди баробари иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиву адабӣ буд. Таърих, адабиёт ва фарҳанги муштарак дар паҳнои пурвусъати СССР ва миллатҳову халқиятҳои гуногун баробар, тибқи як қолаб ва принсипҳои ахлоқӣ, маърифати халқҳо ва офариниши адабиёту фарханг дар як фазои сиёсӣ баррасӣ мешуданд. Шоирону нависандагон ва равшангарону маърифатхоҳон паи таблиғ ва тараннуми дастовардҳои Инқилоб асарҳо меофариданд. Матбуоти даврони нав ҳар чи дастрас буда, халқҳо аз ҳаёти нав ва ҷараёни ба ҳам омадани миллатҳо огоҳ мешуданд. Воқеан, рисолати давраи нав, замони таҳаввулотҳои бузурги СССР ба ҳайси як давлати абарқудрат ба ҳам овардани халқҳову адабиётҳо ва арзишҳои таърихӣ, адабӣ ва фарҳангии онҳо буд. Шахсиятҳои алоҳидаи адабӣ ва фарҳангӣ ба майдони фаъолият баромаданд. Барои арманҳо ва тоҷикони ҳазорҳо сол дар зери юғи бегонагон монда, фазои мусоид дар як паҳнои ҳайат ва воҳиди давлатӣ ба амал омад. Дар ин давра Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ ва Ованес Туманяну Аветик Исаакян барин чеҳра ва шахсиятҳои бузурги адабӣ дар Тоҷикистону Арманистон фаъолияташонро дар муҳити мусоиди таърихӣ ба роҳ монданд.

https://bikhon.tj/

Фаъолияти Садриддин Айнӣ ба ҳайси як намояндаи дигари рӯзгори нави тоҷикон ва амалҳои равшангарии ӯ дар кори таъмини маърифат саҳифаи махсус аст. Чун борҳо такрор шуд, фаъолияти маорифпарварӣ ва муборизаҳои маърифатхоҳии Садриддин Анӣ аз рӯзгори шахсӣ ва омоли иҷтимоии ӯ ба ҳам омада, ин нерӯи созанда дар симо ва шахсияти ӯ ба як қувваи тарғибгар ва мунодии ҳофизаи халқ табдил ёфтааст. Фаъолияти мактабхоҳӣ ва саҳми бевоситаи ӯ дар кори савияи омма ва интишори танвири афкор аз паҳлӯ ва саҳифаҳои алоҳидаи осори Айнӣ маҳсуб мешавад. Амали иштирок ва заҳматҳои публитсистии ӯ ҳамчунин дар ибтидои асри XX ва даврaҳои минбаъдаи рӯзгори тоҷикон сазовори омӯзиши махсус аст. Фаъолияти устод Айнӣ дар даҳсолаҳои аввали асри XX хусусан бо иштироки ӯ дар матбуоти тоҷикӣ ва ӯзбекӣ, аз қабили маҷаллаи «Шӯълаи Инқилоб», «Инқилоб», рӯзномаҳои «Зарафшон», «Овози тоҷик», «Меҳнаткашлар товушӣ» хубтар ба назар мерасад. Ӯ дар маҷалла ва ҷаридаҳои мазкур бо мақолаҳои фаврии иҷтимоӣ, дар жанри публитсистика ва шеъру хитоба иштирок карда, ҳамзамон дар кори маърифат ва ҷараёни бедории маънавии халқ ва огоҳии таърихии ӯ хизмат мекард. Садриддин Айнӣ ба ҳамин ҷиҳати фаъолияташ ишора карда, дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» («Шарқи Сурх», 1955, № 9, саҳ. 10) навишта буд, ки «дар Самарқанд як журнал бо номи «Шӯълаи инқилоб» дар забони тоҷикӣ ва як газета бо номи «Меҳнаткашлар товушӣ» дар забони ӯзбакӣ нашр мешуд. Ман дар дуи инҳо хизмат мекардам. Дар он вақт аз коркунони маҳаллӣ коркунони адабӣ ҳам кам буданд, бинобар ин гуфта метавонам, ки қисми муҳими ин журнал ва газетаро бо имзоҳои гуногун (9 имзои гуногун – А.Д.) ман пур мекардам. Дар ду забон шеърҳо менавиштам, дар ду забон мақолаҳо менавиштам».

Фаъолияти минбаъдаи публитсистии Садриддин Айнӣ гувоҳӣ медиҳад, ки назари ӯ пурвусъат, ҷасорataш дар дахлу ҳалли муаммоҳои рӯзгору ҷамъият бештар гардидаанд. Аз ҷумла Садриддини Айнӣ ба сифати як равшангар ва маърифатхоҳи замон ба масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ дахо-

https://bikhon.tj/

лат карда, дар мавзӯи Шарқ, офият ва амнияти Шарқ дар моварои гирудорҳои сиёсии давр ва ҷаҳон, аз ҷумла Русия ва Аврупо мақолаҳои тезутунд менависад. Силсилаи мақолаҳои публитсистии ӯ, бар иловаи фаъолияти як давраи муайян, ки мавриди тадқиқоти ҷиддии адабиётшиносӣ карор гирифта буд (ниг. ба 136, 137), аз мавқеи муайяни ҷамъиятии ӯ вобаста ба қазияҳои миллӣ ва байналмилалӣ имтиёз доранд. Масалан, дар ибтидои солҳои 1920 Садриддин Айнӣ дар ҳамон маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» ду мақолаи сиёсии публитсистӣ навишта аз Шарқ ва аҳволи мудҳишу фоҷиабори Арманистони дар байни оташи муборизаҳои ҷахонхоҳон монда пуштибонӣ кард. Шарқ ҳам ба мафҳуми ҷуғрофӣ ва ҳам дар маънии сиёсиаш мамолики зиёдеро дар бар мегирифт, ки Арманистон «як аъзои хонаводаи Шарқ» буд. Бинобар ин С.Айнӣ дар мақолаи «Арманистон ва Онтонта» тибқи ахбори аз матбуоти Қафқоз расида, таассурот ва хулосаҳояшро аз вазъи сиёсӣ-иҷтимоии Қафқоз ва се мамлакати он – Арманистон, Гурҷистон ва Озарбойҷон дар мақолаҳояш баён карда, дар ҳамназарӣ ба рӯйдодҳои охири давр, аз ҷумла ғалабаи Инқилоби Октябр аз нерӯҳои солими ҷамъият пуштибонӣ мекунад. Дар ин ҷода, албатта, Садриддин Айнӣ танҳо набуд, равшанфикрони дигари тоҷик низ буданд, ки ба воқиаҳои замон ҳамовозӣ карда, дар мақола ва хитобаҳои худ аз арзишҳои ба даст овардаи инсоният ҳифз мекарданд, вале дар ин байн Айнӣ ва фаъолияти публитсистӣ-сиёсии ӯ ба сифати як фарди равшангари маърифат ва таърихи халқҳо рисолати сарнавиштсоз дошт. Айнӣ ба воситаи матбуот аз ҳодисаҳои давр вуқуфи комил пайдо карда, махсусан ба ҳаёти инқилобии Қафқоз ва се сарзамини дигари он, ки бозичаи дасти аҷнабиён қарор гирифтааст, овози эътироз баланд мекунад.

Фаъолияти сиёсии ҳизби моҷароҷӯи дашнакиюн, ки он солҳо ба рӯи кор омада, қариб тамоми хоки Қафқозро фаро гирифта буд, Айнӣ барин як нависанда ва шахсияти фарҳангии тоҷикро водор мекунад, ки дар саҳифаҳои матбуоти давр баромад карда, аз вазъияти ҷамъиятӣ ба сиёсат ва инқилобҳо гаравида, дар фазои байналхалқӣ муҳокима

https://bikhon.tj/

ронад. Ӯ доир ба ин масъала, хусусан ба қисмати Арманистон – ба сифати мамлакати ҷабрдида ва дар зери панҷаи мустамликаи Ғарб ва Туркияи усмонӣ монда мақолаи «Арманистон ва Онтонта»-ро навишта, роҳҳои халосии мамлакати Шарқ – Арманистон ва аҳолии сарсахти он – миллати арманро аз дасти моҷароҷӯён ва сарватдорони Ғарб меҷӯяд. Ӯ аз ҷумла менависад, ки:

«Як аъзои хонаводаи Шарқ Арманистон аст, лекин Арманистон ба сабаби раҳбарони хоини худ – фирқаи «дашнокиюн» чандест, ки бар хилофи манфаати аҳолии Шарқ сиёсат меронад.

Дар ин рӯзҳо, ки мазлумони Шарқ аз дасти сарватдорони Ғарб роҳи халосӣ меҷӯянд, Арманистон бар манфаати сарватдорони ғарбӣ бозиҳо мекунад. Ва ҳол он ки Арманистон аз дасти ҷаҳонгирони бевиҷдон кам зарар надидааст.

Фирқаи дашнокиюн, ки чандин сол боз умури миллати армениро ба дасти худ гирифта, ба ҷуз хароб кардани Арманистон коре аз пеш набурданд, пешравони ин фирқа ҳамеша дар Вашингтон, Лӯндун, Петроград ва Порис дар солунҳои музайян даромада, аз номи армениҳои бечора ҳарфҳо мезананд, сурудҳо месароянд. Лекин манфаати ҳақиқии Арманистонро ҳеҷ гоҳ ин оқоён ба хотири худ намеоранд.

Сабаб ҳамин аст, ки миллати арманӣ ба маҳв шудан наздик расида, сабаб ҳамин буд, ки миллати арманӣ на худро ва на ҳамсоягони худро соле ором нагузошт.

Аммо кӣ манфаат бурд?..

Сарватдорони Амрико, Англис, Франсия ва Рус манфаат мебурд!

Хуни арманӣ мерехт, дар натиҷа сарватдорони Фаранг аз Туркия имтиёзҳо мегирифтанд...»

Устод Айнӣ барои ин аз муҳити буғранҷ ва авзои инқилобии умуман Қафқоз аҳолии мусулмонро огоҳ месозад ва ба ин восита муносибаташро низ ба воқиа ва рӯйдодҳои давр муайян мекунад. Тибқи ахбори охирине, ки доштааст, аз аҳволи фирқаи иртиҷоии дашнаксутюн хабар медиҳад, вале муҳим барои Садриддин Айнӣ ин аст, ки пе-

https://bikhon.tj/

ши роҳи хунрезии арманҳоро аз ҷониби «Қушунҳои Камолпошо» маҳкум мекунад:

«Назар ба нигоштаи рӯзномаҷоти Озарбойҷон дастаҳои қӯшуни Камолпошо чун сел сар то сари Арманистонро фаро гирифтаанд. Ба ҷиҳати Қорс, Ардоҳан ва Экдир ғолибона ҳуҷум менамоянд.

Табиӣ, ин ҳуҷум ва хуруҷи Камолпошо дар муқобили умумии миллати аромина нест. Зеро имрӯз Камолпошо ва ононе, ки дар зери қумондони ӯ гирд омадаанд, як фирқаи байналмилалӣ ҳисоб меёбанд. Мақсади эшон маҳв ё ғолиб сохтани як миллате нест, балки эшон мехоҳанд, ки бо Русияи Шӯроӣ даст ба дасти якдигар дода, тамоми мазлумони рӯи дунёро, билхосса олами Шаркро (аз кадом миллате ки бошад) аз зери бори асорат ва бандагии сарватдорон ва ҷаҳонгирони фарангӣ халос кунанд. Аз ин ҷумла халосии миллати мазлуми арманӣ низ дар пурғроммаи эшон дохил аст. Халосии миллати мазлум ва фақирони арманӣ дар маҳвияти фирқаи дашнокиюн аст.

Бинобар ин фуқарои мазлум ва бенавои арманӣ, ки дар зери фишори фирқаи дашнокиюн афтода маҷоли ҳаракат надоштанд, ба муҷарради ҳуҷуми Камолпошо дар Арманистон, ба муқобили фирқаи дашнокиюн исён ва қиём кардаанд».

«Нурхус»* ном як рӯзномаи арманӣ пас аз он ки аҳволи асафиштимоли имрӯзаи Арманистонро шарҳу баён менамояд, мегӯяд, ки:

«Фуқарои Арманистон сиёсати ғайримаъқули сиёсиҳои худро мебинад ва медонад, ки сиёсати ҷаҳонгирон натиҷаҳои мудҳиша хоҳад дод.

Сиёсиҳои мо ба ҷои он ки бо Русия ва Туркия иттифоқ банданд, дар тарафҳои дигар ҷавлон мекунанд.

---

* Нурхус – «Нор хосанк» ном рӯзнома аст, ки дар Тифлис бо забони арманӣ чоп мешуд ва он асосан бо ду ҳарфи авали калимаи Н ва Х зикр меёфт. Дар ҳамин рӯзнома тарҷумаи ҳашт рубоии Лохутӣ бо таъбири «тарҷума аз тоҷикӣ» соли 1914, № 5, с 669-670 бо имзои «Д.Ф.» чоп шудааст ва мо онро 26-майи соли 1981 аз китобхонаи Институти шарқшиносии АИ РСС Арманистон рӯнавис кардем ва ин мавриди гуфтугӯи алоҳида аст. – А.Д.

https://bikhon.tj/

Дар Шарқ қувваи бузурги Русия олами ислом аст, моро лозим аст, ки баъзе масъалаҳои мутанози-ул-фиҳро бо инҳо ҳал намоем».

Пас маълум мешавад, ки коффаи аромина ба сиёсати хонумонсӯзи ҷаҳонгирон розӣ нестанд, инҳо ҳама бозиҳои фирқаи дашнокиюн аст.

Умед аст, ки ба натиҷаи ҳуҷуми Камолпошо дар Арманистон инқилоб барпо шуда хори дашнокиюн аз пои хонаводаи Шарқ баромада, дасти сарватдорони Фаранг аз домани олами Шарқ бакуллӣ кӯтоҳ гардад».

Як мақолаи дигари Садриддини Айнӣ, ки ҳамон шабу рӯзҳо дар маҷаллаи «Шӯълаи Инқилоб» (1920, № 69, 30-декабр) бо имзои мустаори «С.М.» ба табъ расидааст, «Дар Арманистон ҳукумати Шӯроӣ» ном дошта ҳамчунин аз «аҳволи асафиштимоли Арманистон» нақл мекунад. Муносибати як нафар равшангари тоҷик ба рӯйдодҳои давр, аз ҷумла ҳолати сиёсӣ ва иҷтимоии Арманистон, ки дар остонаи замон ва таҳаввулотҳои сиёсии давр қарор дорад ва аллакай он ҷо чун дар Озарбойҷону Гурҷистон ҳукумати Шӯроӣ ғалаба кардааст, қобили таваҷҷӯҳ аст. Ӯ дар мақолаи фавқ, ки бо унвони «Арманистон ва Онтонта» иқтибос шуд ва он низ соли 1920 дар арафа ва рӯзҳои тағйиротҳои бузурги сиёсӣ дар ҳамовозӣ ба сарнавишти фардои Арманистон, ин кишвари дар дасти «сарватдорони Амрико, Англис, Франсия ва Рус» монда навишта шудааст, Арманистонро ба сифати «як аъзои хонаводаи Шарқ» ва дасти «роҳбарони хоини худ» – фирқаи «дашноқиюн» монда, ки «бар хилофи манфаати аҳолии Шарқ» сиёсат меронад, шинохта буд.

Вале Садриддин Айнӣ «қазияи Шарқ»-и дар иҳотаи мамолики муттафиқин афтода ва қарор гирифтаро дар мисоли ҷумҳуриҳои Қафқоз ва дурнамои сиёсиву иҷтимоии онҳо ба доираи мулоҳиза ва андешаҳо кашида, бо ин огаҳӣ ва бедории мардумро хусусан дар даврони тақдирсози ибтидои асри XX таъкид мекунад. Садриддин Айнӣ бар он аст, ки ғалабаи Ҳокимияти Шӯроӣ дар Арманистон маҳсули ташаннуҷи тӯлонӣ ва муборизаҳои дар худ аст, ки ҳуҷуми туркон бо сарварии Камолпошо дар Арманистон «ба

https://bikhon.tj/

муқобили миллати аромина» набуда, балки ба муқобили фирқаи дашнакиюн аст, ки эшон вукалои сарватдорони Фаранг ва душмани фуқарои арманӣ ва мусулмон ва тамоми аҳолии Шарқанд.

Ҳамин тавр, Садриддин Айнӣ таъкидан «ранҷбарони Арманистони шимолӣ ба ҳукумати фирқаи дашнакиюн, ки иртиҷоъпараст аст, ба мубориза кардан қарор доданд» – мегӯяд ва ҳамчун як шахси огоҳ аз таърихи мамолики Шарқ ва донандаи хусусан вазъияти Арманистону таърихи дирӯзу имрӯзи он бо ҳаяҷон ва як ҷаҳон эҳсосоти қалбӣ сухан меронад. Муносибати як нафар фарзанди Шарқи мазлум аз рӯйдодҳои давр, махсусан дар мисоли Арманистон барин сарзамини пурфоҷиа ва гирифтори печидагиҳои рӯзгор барои Айнӣ, масалан дар муқоисаи муносибати ӯ ба Озарбойҷону Гурҷистон ва ё ягон хиттаи дигар, эҳсоси дард ва гирифториҳои қонунӣ буд, ки он амал ва ҳамовозиро танҳо фарзандони огоҳ ва донандаи таъриху адабиёту фарҳангаш мекарданд.

Холисан, осори публитсистии С.Айнӣ, махсусан як силсила мақолаҳои ӯ, ки қаблан зикр шуданд, дар масъалаи шинохти Шарқ ва воқеияти мавҷудияти Шарқ ба «тарғиби дӯстӣ ва иттиҳоди халқҳои ҷаҳон дар муборизаи умумӣ барои озодӣ ва саодати инсоният» бахшида шудаанд.

Муносибати Садриддин Айнӣ ба масъалаи озодии инсон ва роҳи маърифати бадеӣ ва таърихӣ дар муносибат ба баррасиҳои сиёсӣ ва публитсистии ӯ перомуни мавзӯи Арманистон ва сарнавишти фарзандони ин мамлакат (ҳамчунин муроҷиат шавад ба мақолаи дигари ӯ «Илҳомгоҳи фикрҳои олӣ ва бошишгоҳи озодидӯстон», ки дар ин бора поёнтар таваққуф хоҳад шуд), муносибат ва муроҷиати огоҳона дар шинохти дигарбораи тақдири таърихии халқи арман ва, мушаххасан диди тоза дар даврони нав ва бархӯрдҳои дигари таърихӣ, адабӣ ва фарҳангист. Чунин навъи муносибат аз ҷониби Садриддин Айнӣ ва ҳамзамонону ҳамназарони ӯ, масалан Абулқосим Лоҳутӣ аз шаклҳои тозаи таҳкими анъанаҳои адабӣ ва таърихӣ ва ҳамчунин тавлид ва ташаккули навъҳои пайвандҳои адабӣ

https://bikhon.tj/

ва фарҳангӣ низ ба ҳисоб меравад. Тоҷикистону Арманистон дар ҳудуд ва ҳайати нави таърихии давлатӣ бо тӯшаи ҳазорсолаи ғанои адабиву фарҳангӣ ба ҳам омаданд. Ҳамназдикӣ ва ҳамрӯҳии таърихии замони нав байни ин ду мамлакат аз падидаҳои тозаи адабӣ ва фарҳангӣ бархӯрдор гардид ва дар симои адибон ва фарзандони содиқи ин ду сарзамин ба мисли Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Ованес Туманян, Еғише Чаренс ва Аветик Исаакян рӯҳи нав гирифт. Дар ин маврид як силсила шаклҳои нави робитаҳои адабӣ пайдо шуданд, ки онҳо аз ҳисоби муносибат ба таъриху фарҳанг, шиносоии наздик ва бархӯрди ақоиду таассурот, таваҷҷӯҳ ба осори маънавии халқ (масалан муносибати эҷодии Ованес Туманян ба рубоиёти Хайём ва бардошти шаклу мазомин аз ӯ ва бархӯрди рӯҳи осори Аветик Исаакян аз осори Саъдӣ ва таъсири Саъдӣ ба эҷодиёти Исаакян), зикри махсусияти осор ва шиносхти ҳунар, шеърҳои бахшида ба ҳамдигар (масалан шеъри Лоҳутӣ ба Исаакян), вохӯриҳои корӣ дар анҷуману кунгураҳо ва ғ...

Дар тақвияти гуфтаҳо бармегардем сари мавзӯи Садриддин Айнӣ ва таваҷҷӯҳи махсуси ӯ ба аромина, сарнавишти онҳо ва сарзамини Арманистон. Дар фавқ зикри иқтибос ба дарозо кашид ва инҷониб бо иқтибос аз осори публитсистии махсусан ба Арманистон, чун «аъзои рашиди хонаводаи Шарқ» бахшидаи Садриддини Айнӣ, ки саршори муҳаббат, таваҷҷӯҳ ва нигаронӣ аз қисмати Арманистон аст, хостем таъкидан аз муносибати Айнӣ ва воқеият сухан ба миён орем. Чун шакли нав ва корнахӯрдаи равобити адабӣ маънидод шудани осори публитсистии Айнӣ дар мавзӯъ Шарқ, хосатан Арманистон қаблан изҳор нашудаву баррасӣ низ нагардидааст. Аз ин рӯ, бо он ки аз ҷониби донишманди мӯҳтарам Атахон Сайфуллоев ин мавзӯъ боре мавриди тадқиқ қарор гирифта буд (202, 66-78), бояд афзуд, ки чунин навъи пайвандхои адабӣ хусусан дар аҳди Айнӣ ва Лоҳутӣ ривоҷ гирифта, онҳо дар осори худ дар шинохти маърифати тарафайн хизматҳои барозанда кардаанд. Аз инсоф нагузарем, воқеан адабиётшинос Атахон Сайфуллоев дар мақолаи

https://bikhon.tj/

мазкур, ки перомуни он ҳоло сухан дар пеш аст, нахустин маротиба ба масъалаи дороиафзоии маънавии халқҳои тоҷику арман сухан ба миён оварда, аз ҷумла сари муносибати устод Айнӣ ба масъалаи мазкур чун фиқраи «қазияи Шарқ» махсус таваққуф кардааст. Ӯ аз ҷумла менависад:

«Аввалин журнали советии тоҷик «Шӯълаи инқилоб» дар солҳои вазнин ва шароити мураккаби муборизаҳои тунду тези синфӣ ба ҳимояи Арманистони Советӣ баромад. Маълум аст, ки дар солҳои аввали революцсия дашнакҳои иртиҷоӣ дар Арманистон ба муқобили коммунистҳо мубориза бурда, ҳокимиятро дар Арманистон ба дасти худ даровардан буданд.

С. Айнӣ дар саҳифаҳои журнали «Шӯълаи инқилоб» оид ба вазъияти сиёсии Арманистон мақолаҳо чоп мекард ва баъзе материалҳои муҳимро дар бораи Арманистон аз дигар газетаҳо гирифта тарҷума менамуд. Мақолаҳои ӯ «Дар Боку анҷумани якуми аҳолии Шарқ», ки қисми муҳимми ин мақола «Масъалаи Арманистон» ном дорад, инчунин «Арманистон ва Онтонта» ва «Дар Арманистон ҳукумати Шӯроӣ» дар солҳои бистум аҳамияти калони сиёсӣ доштанд, ки ҳоло ҳам қимати таърихии худро гум накардаанд. С. Айнӣ Арманистонро «як аъзои рашиди хонаводаи Шарқ» номидааст ва дар бораи озодию истиқлолияти меҳнаткашони арманӣ бо ғамхории тамом ва самимияти комил сухан рондааст. С. Айнӣ мавқеи реаксионии партияи дашнакҳоро фошофош эълон карда, онҳоро ба марг маҳкум месозад ва меҳнаткашони революцсионии арманро мудофиа намуда навиштааст: «Халосии миллати мазлум ва фақирони арманӣ дар маҳвияти фирқаи дашнокиюн аст». Вақте ки дар Арманистон Ҳукумати Советӣ ғалаба кард, Айнӣ пеш аз ҳама, роли интернатсионалӣ ва моҳияти ннсониятпарваронаи онро таъкид намуд: «Ҳукумати шӯроии Арманистон қарор гирифт, – хабар медиҳад Айнӣ ба мардуми тоҷик – маслаки эшон мисли соири ҳукумати шӯроӣ инсоният ва байналмилалӣ хоҳад буд» (202, 72-73).

Садриддин Айнӣ дар роҳи таҳкими шаклҳои нав зуҳур кардаистодаи пайвандҳои адабӣ воситаҳои дигар, пешрав ва

https://bikhon.tj/

мувофиқро ҷуста, онҳоро дар амали ифодаи фикрҳои олии инсондӯстӣ, ваҳдат ва ягонагии халқҳо мувофиқан истифода бурдааст. Воқеан дар даврони нави баъди Инқилоби Руси соли 1917 роҳҳо ва воситаҳои нави ба ҳам омадани халқҳо ва таҳкими муносибатҳои байни ҷамоҳири сотсиалистӣ ниёзи бештар ва асосӣ буд. Хусусан адибон ба ҳайси намояндагони пешқадами қишри маърифатпарвари ҷамъият дар амалу дар осори худ бо истифода аз воситаҳои тасвир ва санъатҳои бадеӣ дӯстӣ ва ягонагии халқҳоро тараннум мекарданд. Садриддин Айнӣ дар ин маврид дар қиссаи «Одина»-и худ аз номи персонаж, ҳангоми нақлу тасвири рӯйдодҳои замон ва воқеаҳои Инқилоб аз қувваи бузург будани халқҳо ва дар роҳи маҳв кардани ҳама гуна душман аз як гиребон сар баровардани онҳо ва миллатҳои гуногун амсоли русу арманиву тоҷику ӯзбек чунин овардааст:

«Моро лозим аст, ки ҷудогонагии дин ва миллатро дар назар наоварда ҳама як шавем, – мегӯяд яке аз персонажҳои асар, – рус, мусулмон, арманӣ, тоҷик, ӯзбек ва барбарӣ нагуфта, якдигарро баробар донем ва манфиати ҳамаамонро як шуморем. Барои салоҳи кори худ ва интиқом гирифтан аз он ғосибон ва дар роҳи ситонидани хаққи ғасбшудаи худ шӯро ва кенгош намоем. Ҳар гоҳ мо муттаҳид ва муттафиқ шавем, ҳаққи худро хоҳем гирифт. Оре, ба иттифоқ ҷаҳон метавон гирифт» (10, 224).

Садриддин Айнӣ дар мақолаи публитсистии дигари худ «Илҳомгоҳи фикрҳои олӣ ва бошишгоҳи озодидӯстон», ки ба мавзӯи ҷанг ва иштироки фарзандони сарзамини Қафқоз, аз ҷумла Арманистон бахшида шудааст, ба воситаи ручҷъ ба гузаштаи пурифтихор ва бошарафи халқҳои Қафқоз аз фарзандони бузургу баномуси он сарзамин ёд меорад. Тасвири кӯҳҳои Қафқоз, ки воқеан ҷавлонгоҳи фикрҳои олӣ будаву ба даҳҳо адибони рус ва халқҳои дигар илҳом бахшидааст, Айниро водор мекунад, ки дар муқоиса бо сарнавишт ва фидокориҳои халқҳои Қафқозу рус Хоқониву Вола, Пушкину Толстой ва Лермонтов моҳияти таърихӣ ва ҷойгоҳи воқеии ин марзу бум ва фарзандони онро таъкидан зикр намояд:

https://bikhon.tj/

«Кӯҳҳои Кавказ илҳомгоҳи фикрҳои олист, афсонаи Кӯҳи Қоф, афсонаи баста шудани роҳи Яъҷуҷу Маъҷуҷ, афсонан нест карда шудани деви ҳафтсар ва аждаҳои ҳафтпайкар, афсонаи киштии нӯҳ, наҷотдиҳандаи ҷинси инсон ва ҷондорҳои дигар аз балоҳои тӯфон, ниҳоят афсонаи ба вуҷуд омадани коммунизму ҳаёт дар зери роҳбарии Маздак, ба ғайр аз инҳо садҳо афсонаҳо, ки ҳамагӣ ба халос кардани олами инсоният ва мадори маишати ӯ оиданд, ба кӯҳҳои Кавказ мансубанд. Кӯҳҳои Кавказ бо обу ҳавои равонбахшу рӯҳафзои худ бисьёр шоирони ҷаҳоншумулро расонда, онҳоро тарбия карда ва бо манзараҳои дилрабои худ ба онҳо фикрҳои олии инсониятпарвариро илҳом намудаанд. Низомии Ганҷавии бузург, Хоқонии Шервонӣ, Насимӣ ва Волаи Доғистонӣ аз тарбиядидагони ин кӯҳҳои пуршукӯҳанд...

Кӯҳҳои Кавказ аз замони қадим боз бошишгоҳи одамони озодидӯст шуда омадааст. Мардуми Кавказ дар суботи фикр, дар сахтии ирода, дар дӯстдории озодӣ машҳури офоқанд: Хоқонии 80-соларо подшоҳи он давра на бо бахшида ва инъомҳои бепоён ва на бо ҳабс ва банди гарон натавонист, ки асири дарбори худ намояд, Насимӣ дар канда шудани пӯсти худ тан дод, аммо дар асорати фикри худ тан дарнадод.

Эй авлоди Низомӣ, Хоқонӣ, Насимӣ ва Волаҳо – мардуми Кавказ! Нагузоред, ки турбатҳои онҳо зери по шаванд, дар пеши назари шумо, ки бобою аҷдодатон ҳамеша дар роҳи озодӣ ҷон доданд, шумо зинда истода духтар, писар, ҳамшира ва занатон ғулом ва канизаки банкир ва помещчикон гарданд; эй авлоди Пушкин, Лермонтов, Толстой – халқи бузурги рус, эй дӯстдорон ва хонандагони Низомӣ, Хоқонӣ, Насимӣ, Шота Руставелӣ, Вола, Пушкин, Лермонтов, Толстой, Сандукян, Туманян, Мирзо Фатҳалӣ Охундзода, Собир, Сулаймон Стальский – халқи бепоёни советӣ! Нагузоред, ки илҳомгоҳи фикрҳои олӣ, бошишгоҳи озодихоҳони ватан ва сайргоҳи он шоирон ва нависандагони бузурги шумо дар зери пои гитлерчиёни хунхор мурдор гардад! (11, 301-302)

https://bikhon.tj/

Мақолаи Садриддин Айнӣ, аз чанд ҷиҳат муносибати халқи тоҷик ва мардуми Қафқозро бо ишора ба гузаштаи пурифтихор ва имрӯзи сарнавиштсоз бозгӯ мекунад. Аввал ин ки Садриддин Айнӣ мавзӯи мазкурро, ки чанд маврид ба сифати «қазияи Шарқ» зикр шуд, хуб медонист ва дар мисоли муносибатҳои таърихиву фарҳангии тоҷикон ва хусусан аромина дар ибтидои асри ХХ як силсила мақолаҳои публитсистӣ навишта буд. Дуюм, бо ишора ба манбаъ ва шахсиятҳои воқеии адабиву сиёсӣ, ба мисли Туманян, Сундукян, Мирзо Фатҳалӣ Охундзода, Собир ва дигарон Айнӣ таъкидан зикр кард, ки ин халқи пуршараф нагузорад, то «илҳомгоҳи фикрҳои олӣ, бошишгоҳи озодихоҳони ватан ва сайргоҳи он – шоирон ва нависандагони бузург» ватанро ба душман диҳанд. Сеюм, муносибати сирф эҷодии Садриддин Айнӣ чун як шакли равобити адабии халқҳо дар давраи нав аст, ки ба ин худи мероси бузурги адабиву фарҳангии халқи арман ва эҳсоси дигарбораи фоҷиаҳои таърихии онҳо ба Айнӣ дар роҳи шинохти худу арзишҳои олии инсоният сабаб шудааст.

«Солҳои бист давраи пайдоиш ва ташаккули насри советии тоҷик мебошад. Аз публитсистикаи «Шӯълаи Инқилоб» (1919-1921) то нашри повести «Одина» давраи пайдоиши насри нави реалистӣ ҳисоб шавад, давраи ташаккули онро солҳои 1927-1930 шуморидан мумкин аст», – (158, 188) навиштаанд муаллифони «Таърихи адабиёти советии тоҷик». Бо вуҷуди ин, ки муносибат сари масъалаҳои адабиёт ва таҳаввули жанру намуд имрӯз дигар шудаву муаммоҳои адабиёти нави тоҷик аз нигоҳи дигар баррасӣ мешаванд, дар масъалаи мавриди назар ва сари даврабандиҳои он, бар иловаи он чӣ гуфта шуд, чизе намегӯем, вале аз лиҳози фарогирии вақту фазо ва сифатҳои адабиёти нав, воқеан осори Айнӣ ва хусусан публитсистикаи ӯ дар ҳаллу фасли бисёр мушкилоти адабиётшиносӣ аҳамияти муҳим доштанд. Тавлид ва ташаккули шаклу навъҳои равобити адабӣ низ дар ин давраи нави таърихи Тоҷикистону Арманистон аз бисёр ҷиҳат ба тозакориҳои Айнӣ ва пайравони ӯ алоқа мегирад ва барҳақ «дар давраи пайдоиши насри нави реалистона, ки

https://bikhon.tj/

қатъи назар аз муаллифони баъзе мақолаҳои публитсистӣ, ки хусусияти адабӣ низ доштанд, ба таълифи асарҳои мансур асосан Айнӣ машғул буд. Вай ба ғайр аз мақолаҳои сершуморе, ки дар журнали «Шӯълаи Инқилоб», газетаҳои «Меҳнаткашлар товуши» ва «Овози тоҷик» чоп кунондааст (кардааст – А.Д.) очеркҳои таърихии «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Материалҳои таърихи инқилоби Бухоро»-ро (илова шавад: «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», таълифаш 17 феврали соли 1918 – А.Д.) таълиф карда ва повестҳои «Ҷаллодони Бухоро» ва «Одина»-ро ба майдон оварда (158, 188-189).

Бо ин ҳама, дар таърихи афкори адабии даврони нави тоҷикон Садриддин Айнӣ нависандае буд, ки ба воситаи осори насрӣ, хусусан таълифи мақолаҳои публитсистии худ дар масъалаи иртиботи адабиву фарҳангии халқҳои тоҷику арман ва муаммоҳои шаклу навъҳои равобити адабии халқҳоро гузошта, бо хориқаи фавқулода бузург аз дурнамои муносибатҳои адабӣ ва фарҳангии тоҷикону арманҳо дар давраи нав пуштибонӣ кардааст.

Адабиётшиноси маъруфи арман Левон Мкртчян, ки дар масъалаи омӯзиши пайвандҳои адабии халқҳои арману тоҷик хизматҳои бузург кардаву дар ҳалли бисёр муаммоҳои адабиётшиносӣ ба ин ҷониб ҳаққи устодӣ дорад, дар яке аз мақолаҳои худ «Пайвандгари асрҳо ва фарҳангҳо»* аз саҳми Садриддин Айнӣ дар шинохти воқеии халқҳо ва фарҳангҳо ёд оварда, хизматҳои ӯро дар роҳи таҳкими муносибатҳои адабӣ ва таърихии халқҳои тоҷику арман дар баробари ҷойгоҳи Хачатур Абовян арҷ медиҳад. Ӯ мегӯяд, ки «дар воқеияти Арманистон ҷойгоҳи маорифпарвар-демократи бузург Хачатур Абовян махсус аст. Дар Арманистон чун дар Тоҷикистон дар натиҷаи фоҷиаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ бузургтарин анъанаҳои шоирон, олимон ва файласуфҳои пешин фаромӯш шуданд. «Ман дидам, ки – навишта буд Хачатур Абовян дар (романи) «Ҷароҳатҳои

* Матни пурраи гузориш аз таърихи «5-июни соли 1981 ш. Ереван» дар дасти муаллифи сатрҳост.

https://bikhon.tj/

Арманистон» – аллакай кам касон ба даст китоби арманиро мегиранд ва кам касон ба забони арманӣ ҳарф мезананд...»

Ман мисоли дигар аз ҳаёти Айнӣ меорам ва бисёр мехоҳам бигӯям, ки Айнӣ барои мо – арманҳо чӣ қадар азиз аст ва чӣ гуна мавқеи ӯ дар ташаккули фарҳанги нави башардӯстонаи тоҷикӣ дар шароити Тоҷикистони нав бузург аст. Ӯ мубаллиғ ва муҳофизи фарҳанг ва арзишҳои адабии халқи худ буд. Дар ҷавонӣ ӯ бечора буд ва сахт гуруснагӣ мекашид. Ӯ соли 1890 ба Бухоро барои хондан меравад. Дар кисааш ҳамагӣ панҷ тангаи майдаи сиёҳ буд ва онро барои рӯзи мабодо эҳтиёт мекард ва ба ҳар ҳол ӯ бо се тангаи боқимонда барои худ китоб харид, китоби шеърҳо... Ва он китоби дар айёми гуруснагиҳо харидаи худро Айнӣ чун гавҳараки чашм эҳтиёт мекард ва Айнии ҳафтодсола мегуфт, ки «ин китоб ҳоло ҳам дар дасти ман аст» – хулоса ва муқоиса мекунад Левон Мкртчян.

а) Абулқосим Лоҳутӣ ва Арманистон

Абулқосим Лоҳутӣ – ин шоири бузург ва намояндаи пурифтихори халқҳои эронӣ дар роҳи таҳкими пайвандҳои адабии халқҳои тоҷик ва арман ҳам бо осораш ва ҳам бо муносибати эҷодии худ бо намояндаҳои алоҳидаи адабиёти арман, аз ҷумла Аветик Исаакян ва Алазан, хизматҳои шоёне кардааст. Тавлид ва ташаккули шаклу навъҳои равобити адабии халқҳои тоҷику арман аз бисёр ҷиҳатҳо ба ном ва осори Абулқосим Лоҳутӣ вобаста аст. Ҳамчунин як давраи ғурбат ва муборизаҳои озодихоҳии Лоҳутӣ ба Қафқоз ва хусусан Озарбойҷону Арманистон алоқа мегирад. «Зиндагӣ дар роҳи истиқлолу озодӣ...» ӯро ба кӯча ва бунбастҳои махуф партофта, рӯҳи бешикасти ин афсари адабиёти ҳазорсолаи тоҷик боз ӯро дар майдони фаъолияти сиёсӣ ва адабӣ қарор додааст.

Истиқболи тарафайни шакл ва мазмун дар низоми пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман дар мисоли ҳаёт ва фаъолияти Абулқосими Лоҳутӣ дар замони нав ва аҳди ташаккулу таҳаввули анъанаҳои адабӣ моҳияти дигар касб кард. Дар иртибот ба ин масъала адабиётшиноси тоҷик Валӣ

https://bikhon.tj/

Самад тадқиқоти бисёреро анҷом додаст. Масъалаи мазкур дар баъзе гузоришҳои инҷониб низ дар саҳифаҳои матбуоти Тоҷикистон ва Арманистон низ чоп шуда, он ҷо диққати аҳли адабро ба оҳангҳои башардӯстонаи осори адиб, ҳифзи арзишҳои адабӣ дар партави мӯҳтавои мақола ва гузоришоти ӯ аз пуштибонӣ ва ҳамназарӣ ба мероси маънавии халқҳо, аз ҷумла халқи арман ҷалб намудем. Аз ҷумла дар мақолаи «Мувофиқати тасвир ва ифода дар шеър» (251, 56-60) сухан дар бораи таносуби риояи шакл ва ифода дар мазмуни ашъори Лоҳутӣ, хусусан шеъри ба Аветик Исаакян бахшидаи ӯ «Тасвири уқоб» мерафт ва як қатор шеърҳои дигари ӯ, ба мисли «Ба ёди Коста Хетагуров», «Ба ёди шоири шаҳири гурҷӣ», «Ба шоири Доғистон» бо мазмуни баланд, маҳорат ва самимияташон имтиёз доштанд.

Оид ба паҳлӯҳои гуногуни эҷодиёти Лоҳутӣ чӣ дар Тоҷикистон ва чӣ дар матбуоти халқҳои Қафқоз як зумра муаррих ва адабиётшиносон аз ҷумла Зайнулло Нушервонзода, Ҷаъфар Ковиёнӣ, Ализода Ҳасан Алӣ Уғлӣ, М. Рафилӣ, А. Вишнеградова, Р. Григорян, А. Аршаруни, Л. Мкртчян, А. Гукасян, Д. Гаспарян ва чандин муҳаққиқони адабиёти тоҷик ва ватанӣ изҳори ақида карда, оғози муносибати Лоҳутиро ба адабиёт ва маданияти Арманистон баъди шикасти шӯриши Табрез, яъне соли 1922 муқаррар кардаанд. Ва мавриди инкор нест, ки шоми 11-феврали соли 1922 аввалин касе, ки дар сарзамини Иттиҳоди Шӯравӣ Лоҳутиро дар соҳили рӯди Аракс, дар хоки Табрези Озарбойҷон истиқбол кард ва ба ӯ муждаи зиндагии пурсурур бахшид, иҷрокунандаи вазифаи сарфармондеҳи ҳарбии баталиони махсуси сарҳадчиёни Нахичеван дар шаҳри Ҷулфа (на сарфармондеҳи ҳарбӣ, ки муҳаққиқони мо чандин маротиба гаштаю баргашта такрор кардаанд) Александр Балаян буд ва минбаъда бунёди мулоҳизаҳои даҳҳо муҳаққиқони эҷодиёти Лоҳутӣ маҳз матни хотираҳои Балаян гардид. Ин мулоҳизаҳои олимон, пеш аз ҳама, ба риштаи муносибати Лоҳутӣ ва Иттифоқи Советӣ ва хусусан сарзамини Қафқоз дахл дорад. Лекин санади дигар низ бебаҳс аст, ки муносибати Лоҳутӣ бо арманҳо ва адабиёту маданияти миллати арманӣ хеле барвақт, солҳои 1910-

https://bikhon.tj/

1912 сар шуда будааст ва дар ин бора ҳанӯз дар соли 1984 муаллифи ин сатрҳо дар матбуоти арман мақолае ба табъ расонида буд (59; 118-121).

Асоси ин фикр, нахуст маълумоти хаттии яке аз рафиқони ҳамкор ва ҳаммаслаки устод Лоҳутӣ Нерсес Нерсесян бошад, ки ӯ дар китоби худ «Рустам ва Дилоро» (Москва, 1983, аз русӣ тарҷумаи Ҷумъабой Азизқулов) аввалин санади муносибати Лоҳутиро бо арманҳо меорад, санади дигар матни сӯҳбати муаллифи ин сатрҳо бо худи Нерсесян аст, ки дар таърихи 4 январи соли 1987 иттифоқ афтода буд. Марҳум Нерсесян дар рафти сӯҳбат борҳо аз муносибати гарми Лоҳутӣ бо яке аз оилаи арманиҳо ва ҳамчунин аз сарпарастии он оила бо Лоҳутӣ бо ихлос ёд карда буд.

Бар иловаи матни хотираҳои А. Балаян дар бораи Лоҳутӣ далели вохӯрии Лоҳутӣ бо арманҳои инқилобии Эрон, ки дар айни таъқиби ҳукумати шоҳӣ дар яке аз оилаҳои арманҳо (саҳеҳтараш дар хонаи писараммаи муаллифи китоби мазкур Н. Нерсесян, қаҳрамони асосии қиссаи «Рустам ва Дилоро» – писарбачаи армание бо исми Рустам...) шоири бузурги инқилобӣ паноҳ бурда буд, ҳаминро бояд қайд кард, ки Лоҳутӣ ҳангоми мусофират дар Туркия 24-апрели соли 1915 шоҳиди куштори оммавии арманҳо аз ҷониби туркҳо мегардад. Тафсили ин фикр барои лоҳутишиносон ҳарчанд нав нест, дар матни хотираҳои И.С.Брагинский чунин оварда шудааст: «Аскарони турк таҳти роҳбарии афсарони худ мардуми бегуноҳи арман: кӯдакон, занон ва мӯйсафедонро сар мебуриданд. Лоҳутӣ ба ин беадолатӣ тоб наовард. Ӯ баъдҳо ҳикоя карда буд, ки дар майдон сари бетани пирони арманро, ки бошибузукҳои турк бурида буданд, бо чашмони худ дида будааст. Ва ӯ дастаҳои партизанӣ ташкил дода, ба он роҳбарӣ кард, ки мардуми бегуноҳи арманро наҷот бахшад...» (86; 105).

Сеюмин далели муносибати Лоҳутӣ бо арманҳо ин ҳамкории ӯ бо маҷаллаи «Форс» аст, ки дар Туркия бо забонҳои форсӣ ва фаронсавӣ нашр мешуд ва қисмати фаронсавии журнал дар дасти арманҳо қарор дошта буд. Устод Лоҳутӣ ба ҳамин давраи фаъолияти худ ишора карда дар як

https://bikhon.tj/

мактубаш ба Холиқ Мирзозода навишта буд: «... дар он ҷо (Истамбул) маҷаллаи «Порс»-ро, ки нимаш форсӣ, бо редактории худам ва нимаш дар таҳти редактории Ҳасан Муқаддам ба забони франсавӣ чоп мешуд, мунташир кардам... Аз Истамбул то шаҳри Табрез пиёда ва бе пул пои бараҳна рафтам (ҳар яки ин воқиаҳоро мешавад дар чандин чизе навишт. Ман фақат мисли сарлавҳа онҳоро дар ин ҷо менависам (131, 159).

Муносибати устод Лоҳутӣ бо мардуми арман ва хоса аҳли зиёиёни арманӣ баъди ба Иттиҳоди Шӯравӣ омадан ранги дигар мегирад ва чӣ навъе, ки аз омӯзиши маводи мавҷуда бармеояд, Лоҳутӣ хоҳ дар Қафқоз, хоҳ дар Маскаву Душанбе аз аввалин имконият истифода бурда, бо ҳаёт ва тарзи зиндагиву маишат ва адабиёту фарҳанги халқи арман аз наздик шинос мешавад. Чунон ки Нерсесян қайд карда буд, агар сабаби самимияти шоир ба ҳаёт ва тарзи зиндагии мардуми арман дар солҳои то ба Иттиҳоди Шӯравӣ омаданаш огоҳии ӯ аз таърихи пурфоҷиаи халқи арман бошад, пас сабаби муносибати минбаъдаи Лоҳутӣ ин донистани адабиёти қариб сеҳазорсолаи арманҳо ва мукотибаи ӯ бо аҳли қалами Арманистон будааст.

Санадҳои воқеӣ ва тафсилоти муносибати Лоҳутӣ бо Арманистон ва аҳли адаби арман дар матни хотираҳои иҷрокунандаи Вазифаи сарфармондеҳи ҳарбии баталиони махсуси сарҳадчиёни Нахичеван дар соли 1922 Александр Балаян аст, ки муаллиф ба нақш ва мавқеи сиёсӣ ва таърихии Абулқосим Лоҳутӣ ба хубӣ арҷ мегузорад (86, 87), ки мавриди муроҷиат ва истифодаи адабиётшиносон, аз ҷумла Валӣ Самад гардидааст. Воқеан, Валӣ Самад дар бораи фаъолияти эҷодии индавраинаи Лоҳутӣ андешаҳои пурқимат баён карда, аз ҷумла мушаххасоти онро чунин баррасӣ ва бозгӯ мекунад:

«Лоҳутӣ то охирҳои соли 1923 дар Нахҷувон, Ганҷа, Тифлис ва Боку барин марказҳои саноатӣ ва мадании Озарбойҷону Гурҷистон зиндагӣ ва асар эҷод кард. Боби нави китоби ҳаёти ӯ дар Иттиҳоди Советӣ маҳз аз Озарбойҷон оғоз гардид.

https://bikhon.tj/

Ӯ солҳои дар Озарбойҷон ва Гурҷистон зиндагӣ кардаанаш ақаллан (?) 57 шеъру ғазал ва рубоӣ офарид, ки аз онҳо 43-тоаш дастраси хонандагони тоҷик гардидааст, 14 шеъру рубоии шоир байни солҳои 1923-1931 ба китобҳои дарсии озарӣ, талишӣ, арманӣ ва лазгинӣ дохил шуда, аз назари тадқиқотчиёни осори шоир ниҳон мондааст. Афсӯс, ки мо нусхаи аслии он шеърҳоро пайдо карда натавонистем.» (210; 179).

Дар идомаи мавзӯъ мехоҳем аз як санади дигар ёдовар шавем, ки мулоҳизаҳои моро перомуни муборизаҳои Лоҳутӣ барои озодӣ ва истиқлол дар ҷабҳаи Нахичеван – Ҷулфа пурра менамояд. Шарқшиноси арман Р. Григорян дар як мақолаи худ дар бораи ҳуҷҷате сухан меронад, ки ба фаъолияти сиёсӣ-инқилобии Лоҳутӣ дар Арманистон алоқа мегирад. Дар ҷараёни муҳокима Р.Григорян аз санадҳои маъмули хотираҳои А.Балаян ва истифодаи он аз ҷониби амирулбаҳри флоти ҳарбӣ-баҳрии Иттиҳоди Шӯравӣ И.С. Исаков ёдоварӣ мекунад ва таъриху сабабҳои амалиётҳои сиёсии Лоҳутӣ ва дар асоси ҳуҷҷати тозаёфти худ аз боби ба Нахичеван омадани Лоҳутӣ ва Ализода ва аскарони онҳоро зикр мекунад. Инак, тарҷумаи матни пурраи ва ҳуҷҷат:

«Шоири тоҷик, зодаи шаҳри Кирмоншоҳи Эрон, фарзанди гевакаш Абулқосим Лоҳутӣ бар ҷаҳон ба ҳайси ходими фаъол зидди феодализм ва империализм дар Эрон ба таъқиби сахт гирифтор шудааст.

Соли 1922 бо мақсади ҳифзи нерӯ барои муборизаҳои шадиди оянда бо отряди ихтиёрии худ маҷбур шуд ба воситаи ш. Ҷулфа сарҳадро убур карда ба Иттиҳоди Шӯравӣ гузарад.

Яке аз ҳуҷҷатҳое, ки аз ин воқеа хабар медиҳад – хотироти қумондони баталиони алоҳидаи сарҳадии Нахичеван дар дарёи Аракс, иҷрокунандаи вазифаи коменданти ҳарбии ш. Ҷулфа А.Балаян аст, ки аз ҷониби адмирали машҳури флоти ҳарбӣ-баҳрии Иттиҳоди Шӯравӣ И.С. Исаков дар очерки ҳаҷман хурд, вале хеле шавқовар ва пурмӯҳтавои «Санҷиши Лоҳутӣ» (номи дигари очерк «Шамшер ва қалам» аст – А.Д.) истифода шудааст. Лаҳзаҳои гузариш аз рӯдхонаро

https://bikhon.tj/

нақл карда, А.Балаян суханони худи Лоҳутиро ҳангоми беяроқ гардидан меорад: «Ҳоло ба ҳеҷ вақҳ қафо рафтани мо мумкин нест, – гуфт ӯ, – ва ман дар замини Шӯроҳо, дар ақибгоҳи инқилобии меҳнаткашони ҷаҳон қарор дорам, ман бегумон хоҳиши диктатураи пролетариатро иҷро мекунам». Дар сатрҳои минбаъдаи очерк зикр мешавад, ки убури Лоҳутӣ ва отряди ӯ дар шадидтарин шароит, дар зери тирборони қисмҳои ҳарбии шоҳӣ ҷараён гирифтааст. Ба чунин мушкилот ва таъқиби сахт нигоҳ накарда отряди Лоҳутӣ таҳти фармондеҳии қумондони худ – Лоҳутӣ аз дарё ва аз сарҳад то охирин имконияти мубориза ба муқобили душман сиҳату саломат гузашт. Ба қарибӣ дар бойгонии ҳизбии шӯъбаи Арманистонии ИМЛ дар назди КМ ПКИШ ҳуҷҷати дигар ёфт шуд, ки аниқияти нақл ва хотираҳои Балаянро аз он давраи муҳими таърихӣ тасдиқ мекунад.

Ҳуҷҷат, ки 11-июли соли 1922 санагузорӣ шудааст, бо имзои Раиси Иттиҳоди Шӯравии ҷамоҳири Закавказия Н. Наримонов ба фармондеҳи армияи алоҳидаи Қафқоз фиристода шудааст.

Чунин аст матни пурраи ҳуҷҷати мазкур:

«Роҳбари инқилобчиёни форсӣ Лоҳутӣ ва Ализода, ки моҳи феврали соли ҷорӣ (шоми 11-феврали соли 1922 – А.Д.) ба Табрез шӯриш карда буданд, дар Иттифоқи Шӯравӣ изҳорот доданд, ки бо фатҳи шаҳри Табрез аз ҷониби лашкари шоҳӣ отряди онҳо бо роҳбарии худи Лоҳутӣ ба воситаи ш. Ҷулфа ба Нахичеван омаданд.

Дар Ҷулфа сардори дидбонгоҳи махсус аз онҳо 38 асп, 103 винтовка, 23 револвери низоми мухталиф, пулемёт, 15000 тир ва 1500 тири револвер мусодира намуд.

Бо назардошти мазкур аз маъмурони ҳукумат хоҳиш карда мешавад, ки амволи мусодирашуда ва яроқҳое, ки дар изҳороти Лоҳутӣ зикр мешаванд ва хусусан таҷҳизоте, ки мол Лоҳутӣ ва ба ӯ тааллуқ дорад ва як дурбин, як асп, ки дар дасти сарфармондеҳи баталиони Нахичеван, револвери тамғаи «Маузер», ки дар дасти сардори шӯъбаи махсуси ш. Ҷулфа ва ду аспу як яроқ, ки дар дасти қумондони бригадаи Ереван қарор доранд, ба соҳибаш баргардонида шавад» (55; 107-108).

https://bikhon.tj/

Ҳуҷҷат бо тамоми равшанӣ аз як саҳифаи ҳаёти қаҳрамононаи Лоҳутӣ, ки барои ҳифзи истиқлолияти Эрон мубориза ва ҷонбозиҳо кардааст, шаҳодат медиҳад.

Фаъолияти сиёсӣ ва инқилобии Лоҳутӣ дар солҳои 20-30-и асри XX шахсияти ӯро ба ҳайси мубориз ва мунодии сулҳ ва дӯстии халқҳо машҳур карда буд. Аз ҷумла ӯ бо назардошти мувофиқати нирӯи қалам ва сухан ба сифати аслиҳаи тавонои мубориза дар яке аз мактубҳояш ба Ситсилия Бону навишта буд, ки «Ту медонӣ, ки ман шеърро мисли як аслиҳаи болшевикӣ дар мубориза... ба кор мебарам» (131, 144). Дар мактуби дигар ба Холиқ Мирзозода воқеаҳои ибтидои асри XX-ро ба ёд оварда навишта буд, ки «... лекин дар ҳамин вақт (солҳои 1905-1909. А.Д.) инқилобчиёни ҷудогонаи рус ва қафқозӣ дар ҷараёни инқилоби Эрон иштироки ҷиддӣ доштанд» (131, 136).

Адабиётшиноси Озарбойҷон Мубориз Ализода навишта буд, ки «дар айни авҷи мубориза ба муқобили режим ва қувваҳои демократӣ дар мамлакат ба арсаи эҷодиёти бадеӣ шоири ҷавоне арзи ҳастӣ кард, ки дар андак муддат барҳақ асосгузори назми инқилобии пролетарӣ дар таърихи адабиёти форсӣ гардид. Ин шоири бистсолаи ҷанговар ва муборизи армияи инқилобӣ Абулқосими Лоҳутӣ аз Кирмоншоҳ буд» (86; 164-165). Шарқшинос А.Вишнеградова дар мақолаи худ аз ҳаракатҳои инқилобӣ дар Озарбойҷони Эрон мулоҳиаза ронда, аҳамияти онро дар таъмини озодӣ ва истиқлолияти халқҳои Қафқоз ва таърихи ҳаракати миллӣ-озодихоҳии Эрон як-як баён ва сабабу сабақҳои онро хулоса мекунад (41; 249-253). Дар ибтидои соли 1920 дар Табрез, дар ин маркази анъанавии наҳзати озодихоҳии форсӣ шӯриши калон сар зад, ки тамоми музофотҳои хурду бузурги Озарбойҷони Эронро фаро гирифт ва онро яке аз бузургтарин чеҳраҳои сиёсии давр Шайх Муҳаммад Хиёбонӣ сарварӣ мекард.

Дар ҷараёни муҳорибаҳои шадид, ки дар шаҳрҳо ва музофотҳои Табрезу Теҳрону Гелон баъзе манотиқи Қафқоз байни армияи Хиёбонӣ ва нерӯҳои мустақими муқовимат бо сарварии губернатори Табрез Мухобир-ус-Салтана сар зада

https://bikhon.tj/

ва он қариб нӯҳ моҳ давом кард, Хиёбонӣ кушта мешавад. Баъди қатли Хиёбонӣ ва торумор шудани артиши ӯ дар Табрез ва баъзе манотиқи дигар нирӯҳои нави муқовимат ба по мехезанд. Яке аз он наҳзати миллӣ-озодихоҳӣ таҳти фармондеҳии афсари жандарм Лоҳутӣ-Хон, ки ҳанӯз соли 1916 дар натиҷаи торумори отряди муқовимат аз Эрон рафта буд, аз нав хурӯҷ мекунад. Маҷалла менависад, ки шоири ба марг маҳкум шуда, ки ба туфайли муборизаҳояш барои истиқлолият ӯро тамоми Аврупо мешинохт, баъди афви умум дар ҷамъият ва байни нерӯҳои ҷанговари озодихоҳ ҷойгоҳи воқеии худро ишғол мекунад. Рӯзномаи иртиҷоии «Иттиҳод» навишта буд, ки ӯ аз худи ҳамон рӯз ба фаъолияти тарғибгарии ҷиноятии худ сар кард.

Дар ҳамин вақт вазири арса Сардор Салоҳ Ризо-Хон хост ба чунин бенизомӣ дар минтақа хотима диҳад. Ин фармони ӯ моҳиятан барои нест кардани ба истилоҳ қувваҳои дуҳокимиятӣ буд, вале дар асл армияи форсӣ ба ҳам омада, 31 январ наздики ҳазор жандарм бо сарварии Лоҳутӣ-Хон аз ҷабҳаи курдҳо қитъаи Шарафхонро озод карда ва ба самти Табрез роҳ гирифтанд. Жандармҳо дар андак муддат бо сарварии Лоҳутӣ-Хон Табрезро озод намуда, дар баъзе манотиқи он қувваҳои худро ҷой доданд. Шаҳр пурра ба дасти шӯришчиён гузашт. Жандармиён талаб гузоштанд, ки Ризо-Хон аз арса равад. Дар худи ҳамин шабу рӯз аз ҳисоби баъзе намояндагони миллатхоҳони «таҷаддуд» ва вакилони маҷлиси Табрез кумита таъсис дода мешавад. Аъзои кумита бо Лоҳутӣ-Хон чун ба намояндаи расмии Теҳрон ба гуфтугӯ медароянд. Дар зарфи чанд муддате, ки Лоҳути-Хон сарварии ҷабҳаро ба ӯҳда дошт, интизом ва тартиб боре ҳам дар шаҳру музофотҳои Табрез халал надида буд. Баръакс Лоҳути-Хон изҳорот дод, ки ҳамаи масъулияти амнияти шаҳрвандон бар дӯши ӯст. Халқ ӯро гӯш мекард. Ӯ навишта буд, ки «... мо – жандармиён қурбони озодӣ ва муборизони таърихии истиқлолияти ватан ва амнияти шаҳрвандон ҳастем». Дар зарфи чанд муддате, ки гуфтугӯи қувваҳои муқовимат ҷараён дошт, кумитаи Табрез ба ягон шарти жандармиён розӣ нашуда ва вазири ҳарбӣ Ризо-Хон, –

https://bikhon.tj/

шурӯъ аз 7 феврали соли 1922 пурра ба дасти кумитачиён гузашт ва қуввахои Табрези дар иҳотаи артиши бисёрҳазорнафараи казакҳо монда аз се ҷониб ба мубориза гузаштанд ва баъди ҷанг ва муқовимати артиллерӣ ва яроқнок Табрез аз ҷониби нерӯҳои ҳукуматӣ муҳосира гардид. Дар шаҳр бенизомиву дуздиву ғорат аз ҳад гузашт ва афсари жандарм Лоҳути-Хон маҷбур шуд бо як қадар лавозимот ва ҷанговарон Табрезро тарк кунад...

Натиҷа ҳамин шуд, ки шоир ва ҷанговар, инқилобчии матин Лоҳути-Хон шоми 11-феврали соли 1922 дар ҳолати бадтар аз марг, бо роҳе аз рӯдхонаи Аракс ба шаҳри Ҷулфаи Нахичеван, ба хоки Иттиҳоди Шӯравӣ, тавре мегӯянд, паноҳанда гардид.

Ҳамчунин аз санади вохӯрӣ ва муносибати дӯстӣ ва инсонгаронаи Абулқосим Лоҳути бо амирулбаҳр Иван Исаков (Исаакян) мехоҳем ёдовар шавем, ки киштии ӯ дар Флоти ҳарбӣ-баҳрии самти ҷануби Балтика шино мекард ва ҳамасола тибқи анъана як вохӯрӣ таҳти парчами Комиссари Халқии Мудофиа Климент Ефремович Ворошилов баргузор мешуд. Боре ҳамроҳи Ворошилов Лоҳутӣ меҳмони маллоҳон мегардад, ки онҳо баъди машқҳои ҳарбии тирамоҳӣ ба Кронштадт омада, натиҷаи машқҳои тобистонаро тафтиш карда, машқҳои нави ҷангӣ ташкил менамуданд ва баъзан доманаи он машқу «юришу ҷангҳо» то ба димоғаи Кил мерасид. Бо мақсади дидану тафтиш кардани натиҷаи чунин юришҳои флоти Балтика, ки он ҳамеша аз ниятҳои холис, нек ва сулҳдӯстонаи Иттифоқи Советӣ шаҳодат медод, Комиссари Халқии Мудофиаи СССР Ворошилов бо ду адиби барҷастаи Советӣ, яке драматург Всеволод Вишневский ва дигаре шоир Абулқосим Лоҳутӣ меҳмони онҳо мегарданд. Амирулбаҳр (адмирал) Иван Исаков дар хотираҳояш меорад:

Дар он рӯз, яъне 29-уми сентябри соли 1936 аз паси маршал Ворошилов драматурги машҳури советӣ Всеволод Вишневский ва шоир Абулқосим Лоҳутӣ, ки дар он вақтҳо мудири сексияи назми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд, ба болои крейсери «Марат» баромаданд.

https://bikhon.tj/

Всеволод Вишневский (зимнан, вай дар тан формаи баҳрнавардӣ дошт) чун коркуни сиёсии дар мураххасӣ будаи флот ва чун драматурги барҷаста ба ҳама маълуму машҳур буд, аммо Абулқосим Лоҳутии Кирмоншоҳӣ барои мо меҳмони азиз бошад ҳам, ҳанӯз чӣ гуна одам ва шоир будани ӯро нағз намедонистем.

Бинобар ин ҳамаи мо, – афсарон ва баҳрнавардони қаторӣ ба ин одами сияҳчурдаи хоксору ботамкин, ки дар тан палтои тирамоҳӣ ва дар сар кепкаи спортӣ дошт, бо ҳисси кунҷковӣ менигаристем ва ин (муносибати мо – А. Д.) шоирро андаке хиҷил менамуд. Ин ҳисси мо худ аз худ маълум аст: мо мехостем, ки ҳар чи зудтар ва аз забони худаш саргузашти ин инқилобчии ҷасур ва шоири оташинсуханро, ки ӯро яке аз барҷастатарин намояндагони назми Эрону Тоҷикистон мегӯянд, бишунавем. Дар он вақтҳо ашъори Лоҳутӣ ба забони русӣ хеле кам тарҷима шуда буд, бинобар ин ҳам мо дар бораи эҷодиёт ва ҳунари ӯ тасаввуроти дурусте надоштем, аммо шоир кӯшиш менамуд, ки ҳар чӣ беҳтар бо хизмату зиндагии баҳрнавардон ва бо хулқу атвори онҳо шинос шавад, бинобар ин ҳам аксаран аз пурсу ков ва саволҳои мо гардан метофт.

Мо батадриҷ ба якдигар унс мегирифтем.

Баъд аз якчанд сӯҳбат ва тамошо кардани ҳунари дастаи санъатварони баҳрнавард дар газетаи бисёртиражаи киштӣ чунин мақолаи шоир пайдо шуд. «Чанд рӯзест, ки дар киштии шумо иқомат дорам. Дар ин муддат аз шумо бисёр чизҳоро омӯхтам...

Зодгоҳи худ Эронро ба хотир меорам. Дар он ҷо ҳар гоҳе бо сарбозе дучор мешудам, дилам аз раҳму тараҳҳум нисбат ба он бечора лабрез мешуд. «Оҳ, агар ба ӯ то чӣ андоза ҳақиру залил буданашро фаҳмонда метавонистам!» – аз дил мегузаронидам ман дар чунин вақтҳо.

Аммо дар киштии шумо «Марат» ва умуман дар Армияи Сурхи коргару деҳқон аҳвол дигар аст. Вақте ки кору бори шуморо мушоҳида менамудам, аз ҳар яки шумо ягон чизи нав меомӯхтам. Истеъдоди одамӣ ба мисли тиллост. Тилло гоҳо дар қаъри гили сиёҳ ниҳон аст. Аз он ҷо онро ёфта ба-

https://bikhon.tj/

ровардан кори инженеру устоҳост ва ба он шакли зебову мукаммал додан кори заргарон аст.

Истеъдоди одам ҳам мисли ҳамин аст. Дар киштии «Марат» одамони соҳибистеъдод бисёранд, дар байни халқи ман, халқи Эрон ҳам инчунин. Аммо дар СССР партияи Ленин ба ин истеъдодҳо роҳи калону васеъ кушод.

Ман ба муваффақияти «Марат» ва маданиятнокӣ, ҷасорат ва ватандӯстии ҷанговарони он табрик ва таҳният мегӯям.

Лоҳутӣ».

Аз рӯи анъанаҳои баҳрнавардӣ меҳмони мо ҳамроҳи Всеволод Вишневский дар салони киштии сарфармондеҳ хӯрок мехӯрд, ана бинобар ин ҳам, агар бегоҳиҳо баромади дастаи санъаткорон ва ё маърӯзае ташкил карда намешуд, сӯҳбатҳои рафиқона барпо мегашт.

Табиист ки сӯҳбат тез-тез ба сари баҳру баҳрнавардӣ бармегашт. Мо гумон мекардем, ки шоир, ки дар яке аз шаҳрҳои маркази Эрон – Кирмоншоҳ таваллуд ёфтааст ва дар Тоҷикистони кӯҳпора ватани дуюми худро дидааст, аз баҳру баҳрнавардӣ сухан гуфта наметавонад. Вақте ки дар рафти сухан Абулқосими Лоҳутӣ аз Саъдиву Ҳофиз иқтибосҳои хеле мувофиқ ва шинам оварда, лаҷоми суханро ба дасти худ гирифт, ҳамаи мо моту маҳбут шудем.

Дар худи ҳамон ҷо навишта гирифтани суханони шоир аз одоб набуд, бо вуҷуди ин ман то ҳоло ҳам суханони ӯро нағз дар хотир дорам (109).

Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии устод Лоҳутӣ бе Кафқоз, аз ҷумла Озарбойҷону Арманистон тасаввурнопазир аст. Тибқи маводҳои дастрас қасидаи «Кремль»-и ӯ аз форсӣ ба арманӣ аз ҷониби Гарник Газарян соли 1931 нахустин бор тарҷума шуда ва дар шакли маҷмӯаи алоҳида ба табъ низ расидааст. Аввалин мақола бахшида ба 30-солагии фаъолияти эҷодии шоир ба қалами шоири Озарбойҷон Рафилӣ тааллуқ дошт, ки соли 1933 ба тавассути журнали армании «Хорҳурдайин арвест» чоп шуд ва аз мавҷуд будани тарҷумаи армании қасидаи устод Лоҳутӣ ҳамчунон хабар медод (196, 13-14).

https://bikhon.tj/

Дӯстии Лоҳутӣ бо адибони арман Еғише Чаренс, В.Алазан, адабиётшиносон Гурген Овнан, Аршалуйс Аршаруни ва дигарон шоҳиди раднопазири равобити адабии халқҳои тоҷику арман аст.

Гурген Овнан солҳои хониш дар Москва ба ҷамъ ва тартиб додани ашъори ба Владимир Илич Ленин бахшидаи шоирони пролетарӣ (аъзои ташкилоти муттаҳидаи байналхалқии нависандагони инқилобӣ) машғул шуда, борҳо ба Лоҳутӣ вомехӯрад ва дар яке аз чунин вохӯриҳо ӯ шеъреро бахшида ба В.И.Ленин аз шоир хоҳиш мекунад. Ҳамон дам ӯ шеъри «Зинда аст Ленин»-ро дар нусхаи асл ба Гурген Овнан медиҳад, ки баъдтар шеъри мазкур (мутарҷим Г.Шенгели) дар маҷмӯаи «Поэты мира о Ленине» (Москва,1934) чоп шудааст, ки ҳанӯз 6 июли соли 1933 Н.К.Крупская баъди мутолиаи дастхати китоб ба мураттиби он маҷмӯа чунин навишта буд: «Бисьёр мехостам маҷмӯаи шеърҳоеро, ки ба Ленин бахшида шудааст, бо рӯҳи ӯ тавъам бинам».

Дӯстии устод Лоҳутӣ бо Аветик Исаакян қобили таваҷҷӯҳ аст. Аз бойгонии шоири арман, ки дар осорхонаи адабии ӯ дар шаҳри Ереван маҳфуз аст, асарҳои мунтахаби Лоҳутиро ёфтем, ки он ҷо шеъри «Уқоби осмони сухан»-и ба Аветик Исаакян бахшидаи ӯ дар ду муқоваи аввал бо дасти худи Лоҳутӣ (тарҷумаи Ситсилия Бону) дар таърихи «Май-1946. Москва» навишта шудааст. Дертар доир ба ин мавзӯъ адабиётшинос Левон Мкртчян ду бор муроҷиат ва бо мақолаҳои «Исаакян ва Лоҳутӣ» ва «Устод ва Варпет» дар матбуоти арман гузориш дод (162;165).

Абулқосим Лоҳутӣ дар қатори бузургтарин шуарои аҳди худ Малик-уш-шуаро Баҳор, Орифи Қазвинӣ, Эраҷ Мирзо,, Парвини Эътисомӣ ва дигарон чӣ қадар муассис ва мухтори «Инқилоби адабӣ» бошад, ҳамзамон тӯдакаши Инқилоби зиндагист. Роҳи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии ӯ на танҳо ба шарҳи мафҳумҳои номрафта ҳам дар адабиёт ва ҳам дар ҳаёт асос доданд, балки барҳақ тамоми рӯзгори пуршӯри шоир ифодагари равшани инқилобҳои воқеӣ дар зиндагист.

Сарзамини Эрони шоирхез, ки Лоҳутӣ зода ва парвардаи обу хоки он диёр аст, ба Лоҳутии наврас рӯҳи шоирӣ ва

https://bikhon.tj/

инқилобиро тавъам дод. Завқ ва фаросати шоирӣ дар Лоҳутӣ барвақт бедор ва пайдо шуд. Ба ин замина аввалан муҳити оила бошад, сониян суннатҳои адабии он мамлакат аст. Тавлиди рӯҳи инқилобии Лоҳутӣ ба рӯйдодҳои Эрон, балки тамоми сарзамини ба ҷӯшу ба ҷунбиш омадаи Ғарбу Шарқи охири асри XIX, ҳамчунин нахустин ангезаҳои амвоҷи иҷтимоии асри XX вобаста буд. Нерӯи ин рӯх дар муҳити Эрон ва ниҳоди Лоҳутӣ ба андозае сиришта шуд, ки ҳамон вақт набошад ҳам, каме дертар номи Лоҳутӣ дар саросари Шарқ рамзи пайғамбари шеър ва инқилоб гардид.

Лоҳутӣ дар «Тарҷимаи ҳол»-и худ меорад, ки:

«Соли 1921 хабари инқилобиеро овард, ки оташи он дубора дар Гелон барафрӯхта шуд. Ҳукуматдорони Туркия ба ман иҷозати рафтан надоданд. Дубора роҳи дарози гирдогирд, роҳи биёбони беобу алафро пеш гирифтам. Тафсилоти ин сафари пурмашаққатро дар шеъри «Агарчӣ рӯзгори ман сиёҳ аст...» қисман баён кардаам.

...Ба ин восита муваффақ гардидам, ки қувваҳои инқилобии наве ташкил намуда **дар охири январи соли 1922** бо онҳо ба Табрез дароям...

Дастаҳои ҷазо ба бераҳмии тамом дар кӯчаҳои Табрез оташе барпо карданд. Қисме аз шӯришчиён ба кӯҳҳо пароканда гаштанд, мо боқимондагон ба ҷанги гурез рӯ ба ҳудуди советӣ ақибнишинӣ намудем. Чун ҳукумати Эрон моро аз қонун берун эълон карда, ба сари ҳар як аз мо мукофоти калоне ваъда карда буд, бозгашти мо ба Эрон имкон надошт.

Ба назар чунин меомад, ки дар он ҷо роҳи ҳаёти ман бурида шуда, зиндагиям ба дараи бепоёни мағлубият сарнагун гаштааст. Аммо не, - – он шаби тӯфон вақте ки аспи ман худро ба дарёи Арас(Аракс – А.Д.) зад, соҳили наҷот дар пеши рӯям барқ зад ва чун ба ин соҳил баромадам, дар пеши назарам роҳи нав, ягона роҳе, ки инсонро ба қуллаи ғалаба мерасонад, – роҳи коммунизм кушода шуд. Ҳолати онвақтаи ман дар ин шеъри «Солҳо дар ҷустуҷӯи ҳақ ба ҳар дар сар задам» инъикос ёфтааст:

https://bikhon.tj/

Солҳо дар ҷустуҷӯи ҳақ ба ҳар дар сар задам.
Кас надидам ҳар қадар ин дар задам, он дар задам.
Дар ҳама дунё на ном аз ростӣ буд, не нишон,
Ҳай шудам навмед аз ин дар, ҳай дари дигар задам.
Ҳам масолик, ҳам мазоҳиб ходими сармояанд,
Ман дигар ин номҳоро яксар аз дафтар задам.
Душмане буд, ҳар касеро ман гирифтам ҷои дӯст,
Раҳзане буд даст бар домани ҳар роҳбар задам
Ҳар киро дидам, барои нафъи шахсӣ медавид,
Пушти по, ҷуз фаълаву деҳқон, ба хушку тар задам.
Сиккаи даъвои ҳафтоду ду миллат қалб буд,
Доғи ботил ман ба номи муслиму кофар задам.
Ҷастам аз ҳар банду кардам пора ҳар занҷирро,
Байрақи озодии мутлақ ба баҳру бар задам.
Бар дили синфи тавонгар захмҳои пай ба пай,
Гаҳ ба нӯги хома, гоҳе бо дами ханҷар задам.
Ҳар замон эълони гуштӣ кард бо ман осмон,
Зуд барҷастам ба майдон, остинро бар задам.
Ҳамчу Лоҳутӣ, ба зери зилли синфи коргар,
Зуд мебинӣ, ки ман по бар сари афсар задам.

...Баъд аз қасабаи Карач... ҳамон шаб бо ёрии сарбози курд гурехтам. Маҷбур будам ба пайроҳаҳои камрафтуой аз қуллаҳои пурбарфи кӯҳистон гузарам ва барои рафъи гуруснагӣ аз зери барф решаҳои алаф ёфта барорам. То ба ин тариқа пиёда ба Гелон расида, қабати ғафсе аз рег ва хор бар рӯи поҳоям нишаста буд.

Дар сафи инқилобчиёни Рашт аҳвол ба таври дилхоҳ набуд. Иғвогарон дар байни форс, озарбойҷонӣ ва арманиҳо адовати миллӣ бармеангехтанд. Ман ҳамроҳи дигар рафиқони гумроҳнашудаам дар нутқ, хитобнома ва сурудҳои худ халқи инқилобиро ба иттиҳод даъват менамудем (131; 344-355).

Ном ва ҷойгоҳи устод Лоҳутӣ дар адабиётшиносӣ ва тафаккури бадеии халқи арман воқеият дорад. Ӯ дар муқоисаи фаъолияти шоирони дигари тоҷик дар шинохти арзишҳои адабӣ ва фарҳангии Арманистони аҳди нав хизматҳои

https://bikhon.tj/

бедареғ кардааст. Адабиётшиносони арман А. Аршаруни, Г.Овнан, О.Гукасян бо устод Лоҳутӣ дӯстии бевосита доштанд ва дар бораи лаҳзаҳои гуногуни рӯзгору фаъолияти Лоҳутӣ изҳори ақида кардаанд. Аз ҷумла адабиётшинос О. Гукасян муносибати миллати арманиро ба халқи тоҷик, хоса ба Абулқосим Лоҳутӣ аз минбари анҷумани нависандагони Тоҷикистон чунин маънидод карда буд:

«Дӯстони мӯҳтарам, рафиқони азиз! Иҷозат диҳед, ки аз тарафи анҷумани нависандагони Арманистони Шӯравӣ ва ба ин ҷиҳат, аз тарафи миллати арманӣ, ки ҳамеша дӯстдори миллати баландҳиммати тоҷик мебошанд, дуруди самимонаи худро иброз дорам.

Миллати арманӣ ҳамеша нисбат ба шахсиятҳои бузург, ки ходими башарият буданд, арзиши бузургеро қоил буда ва имрӯз бисёр ҷои хурсандист, ки ҳамчунин фурсате насиби мо гаштааст ва дар фарозҳои Помир номеро ба забон меоварем, ки на фақат барои миллати азизи тоҷик, балки барои бисёре аз миллатҳои пешрав ва мутараққии ҷаҳон гаронбаҳо ва пурқимат аст.

Гуфт рассом: Аз ту чун тасвир мебояд кашид?
Гуфтамаш: Аз шӯъла як шамшер мебояд кашид.
Гуфт: Агар бигзаштаат ояд ба ёдам, чун кунам?
Гуфтамаш: Рангин ба хун занҷир мебояд кашид.

Оре, як умри ҷидду ҷаҳд, як умри пайкар дар роҳи озодӣ, як умри қалам дар даст барои инқилоби зиндагии заҳматкашон!

Лоҳутӣ ба рӯҳи мардумдӯстӣ ва озодиталаби худ қаламеро ба вуҷуд овард, ки дар саргузашти миллате аз ҳазорон шамшер бурротар ва фаъолтару муассиртар воқеъ шуд.

Лоҳутӣ дар назми пешқадами кунуни форсӣ мактабе ёд гузошта ва пайравоне монанди Орифи Қазвинӣ, Мирзодаи Ишқӣ, Фаррухии Яздӣ ва ғайра парваридааст...» (86; 48)

Ҳамчунин дар бораи дӯстӣ ва муносибатҳои эҷодии устод Лоҳутӣ ва шоири арман Алазан дар Арманистон қисса ва ривоятҳо интишор ёфтааст. Устод Лоҳутӣ ва шоири ар-

https://bikhon.tj/

ман Алазан соли 1935дар Конгресси муҳофизони сулҳ дар Париж иштирок кардаанд, ки дар ин бора матни суханронии Алазан дар Ереван баъди сафари Париж гувоҳӣ медиҳад.

Аршалуйс Аршаруни солҳои сол бо устод Лоҳутӣ муносибати дӯстӣ ва эҷодӣ доштааст. Ӯ дар як мактуби худ ба муаллифи ин сатрҳо* навишта буд, ки дар тарғиби адабиёти нави тоҷик хизмати хоксоронае кардааст ва ба шарофати дӯстӣ бо Абулқосим Лоҳутӣ ӯ тавонистааст на танҳо дар бораи эҷодиёти Лоҳутӣ, балки умуман дар бораи адабиёти тоҷик тасаввуроти пуррае дошта бошад. Сӯҳбатҳои пайвастаи шоири тоҷик ва муҳаққиқи арман дар Маскав перомуни шеъру шоирӣ, масъалаҳои гуногуни адабиёти гузашта ва имрӯзаи тоҷик, қисмати инсонҳо, шебу фарози зиндагӣ, роҳҳои тайкардаи шоири инқилобӣ дар байни дуду оташи муборизаҳои истиқлолхоҳӣ ва... онҳоро бо ҳам қарин кардаанд. Масалан, ӯ дар мактуби мазкур менависад, ки маҳз бо ҳидояти Лоҳутӣ банда соли 1929 яке аз нахустин мақолаҳоямро дар бораи қиссаи «Одина»-и Садриддин Айнӣ навиштам ва он дар яке аз маҷаллаҳои бонуфузи шарқшиносии Маскав чоп шуд. Дӯстии Аршалуйс Аршарунӣ бо Лоҳутӣ аввал ғоибона бо мутолиаи тарҷумаи русии қасидаи «Кремл» сурат гирифта ва соли 1928 Аршарунӣ тарҷумаи мазкури қасидаи «Кремл»-ро (мутарҷим Ирондӯст) ба А.М. Горкий дода ва Горкий ин китобчаро бо худ ба Италия бурдааст». Моҳи марти соли 1929 Горкий китобчаро баъди аз Италия омаданаш ба ман дод, ки дар саҳифаҳои он қайдҳои нависандаи бузург буд. Ман ҳам он китобчаро чанд маротиба хондам, дар саҳифаҳои он қайдҳо дорам. Баъдан китобчаи мазкурро, ки дар он соядасти худи Лоҳутӣ буд аз ман нависанда Юрий Арбат ба орият, барои дар як ҷилд чоп кардани китобҳои соядастдори шахсиятҳои бузург гирифт, вале аз сабаби марги ногаҳонии Юрий Арбат ин нияташ амалӣ нашуд, – навишта буд муҳаққиқ. Дар мактуби мазкур Аршарунӣ ҳамчунон афзуда буд, ки дар бойгонии шахсии ӯ сурати то ҳол дар ҷое чоп

* Мактуби Аршалуйс Аршарунӣ аз 16 апрели соли 1982 дар дасти муаллифи ин сатрҳост.

https://bikhon.tj/

нашудаи Лоҳутӣ бо ҳамроҳии Аршарунӣ, Мамлакат Наҳангова ва хоҳари Аршарунӣ маҳфуз аст.

Хизматҳои Аршарунӣ дар роҳи тарғибу ташвиқи адабиёти тоҷик бо ин тамом намешавад. Ӯ ҳанӯз соли 1939 дар китоби «Сурудҳои Лоҳутӣ дар эҷодиёти бастакорони советӣ» (190, 3-4) таҳти унвони «Шоири инқилобӣ – Лоҳутӣ» мақола навишта, таъкидан иброз дошта буд, ки «Лоҳутӣ бо шеърҳои худ беҳтарин анъанаҳои адабиёти классикии форсу тоҷикро ба мо овард, ки онҷо ҳама чиз – ҳикмати амиқи халқӣ, лирика ва самимияти эҳсоси шоир, фарҳанг ва маҳорати бадеӣ дида мешавад... Лоҳутӣ аз шоирони дигари мамлакати сармиллати мо бо махсусияти дид ва сифатҳои дигари шоириву инсонии худ имтиёз дорад. Барои эҷодиёти Лоҳутӣ рангу равғани миллӣ, руҷӯъҳои адабӣ ва истиораву ташбеҳоти равшан хос аст. Як махсусияти дигари осори Лоҳутӣ дар таҳкияҳои зебои ӯст, онҳо хусусан дар достонҳои «Тоҷ ва парчам» ва «Ду нишон» бармало ба чашм мерасад ва... Ҳамчунин дар охири мақола Аршаруни ду шеъри шоир – «Мо зафар хоҳем кард» ва «Духтари эронӣ», ки ба он бастакори машҳури арман А. Хачатурян мусиқӣ бастааст, зикр мекунад.

Вобаста ба ҳамин Аршалуйс Аршарунӣ дар хотираҳои худ меорад, ки:

«Аз ҷевони китоб, ки дар рафҳояш китобҳои калонҳаҷм қатор чида шудаанд, китоберо мегирам, ки ҳаҷмаш чун китобҳои дигар аст, вале ҷилд надорад, муқоваааш ҳам аз қоғази нарм. Ин китобча, ки ҳамагӣ аз ҳафтод саҳифа иборат мебошад, ба ман ниҳоят азиз аст. Солҳои зиёде риштаҳои дӯстию рафоқати маро бо муаллифи он бо ҳам пайваста буд. Ин китоб ҳамагӣ чил сол дорад, нисбат ба китобҳои дигаре, ки дар ҳамон раф меистанд, хеле нав аст. Инак, номи ин китоб: «Сурудҳои Лоҳутӣ дар эҷодиёти оҳангсозони советӣ». Нашриёти «Искусство», 1939. Москва – Ленинград, 750 нусха» (190; 3-4).

Дар китоби мазкур ёздаҳ суруди шоир Абулқосим Лоҳутӣ гирд оварда шудаанд. Сурудҳоро бастакорон А.Хачатурян, Н. Мясковский, В.Белый, Б.Шехтер, Кл. Корчмарев ва дигарон оҳанг бастанд.

https://bikhon.tj/

Сарсухани китоб, ки ба эҷодиёти Лоҳутӣ бахшида шудааст, ба муаллифи ин сатрҳо тааллуқ дорад.

...Нахустин даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар Москва.

Дар театрҳо, клубҳо ва қасрҳои маданияти Москва фиристодагони халқи тоҷик бо намояндагони пойтахти мамлакат, бо коргарон, хизматчиён ва зиёиёни шаҳр вохӯриҳо мегузаронанд.

Яке аз чунин вохӯриҳо дар Хонаи Марказии адибон, ки он вақт Клуби нависандаҳо меномиданд, баргузор гардид. Толоре, ки то ҳол номи қадимааш – Каменный боқӣ мондааст, пури одам буд.

Меҳмонон рӯ ба рӯи ҳозирон, гӯё дар президиум менишастанд ва дар байни онҳо Абулқосим Лоҳутӣ ҳам буд. Дар ин шабнишинӣ вай ҳам мизбон буду ҳам меҳмон, шоири маъруфи тоҷик он вақт дар Москва зиндагӣ мекард.

Ҳангоме ки яке аз меҳмонон суханашро ба итмом расонд, Садриддин Айнӣ ба ҳозирон рӯ оварда гуфт:

– Ман бисёр мехостам, ки бародарам Лоҳутӣ шеърҳояшро хонад.

Дар ҳақиқат мо гӯё фаромӯш кардем, ки дар ин шаби назми тоҷик Абулқосим Лоҳутӣ, бо вуҷуди дар Москва зистанаш, ҳуқуқи баромад кардан дорад. Зоҳиран, худи Лоҳутӣ низ соҳибҷашн буданашро фаромӯш карда буд, ки дар лаҳзаи аввал каме даступо хӯрд, баъд аз ҷояш бархост ва ба атрофаш назар партофту гуфт:

– Дар ҳузури бародаронам – шоирони Тоҷикистон мехоҳам яке аз сурудҳои худро бисароям.

– Ин сурудҳоро дар республикаи мо кайҳо боз месароянд, – гуфт касе аз байни меҳмонон.

Лоҳутӣ бо овози пасту дилнишин ва бо ҳиссиёти баланд месароид.

Шоирони Тоҷикистон бо сарварии Садриддин Айнӣ, ҳамсари Лоҳутӣ Бону ва дигарон ба суруд ҷӯр шуданд. Маълум гашт, ки ҳама онро медонистаанд. Чунин хори шоирона дар Хонаи адибон бори аввал садо медод.

Рӯзи дигар котиботи Правленияи Иттифоқи нависандагони СССР маҷлис гузаронд. Маҷлиси таъҷилии пӯшида. Аз

https://bikhon.tj/

котибон ду нафар – Владимир Ставский ва Всеволод Иванов иштирок доштанд. Котиби сеюм – Лоҳутиро ба маҷлис даъват накарданд. Шахси сеюме, ки дар ин маҷлис ҳузур дошт, муаллифи ин сатрҳо буд.

Дар рӯзномаи маҷлис танҳо як масъала, масъалаи «Сурудҳои Лоҳутӣ» меистод. Гуфтугузор дар атрофи эҷодиёти Абулқосим Лоҳутӣ бе иштироки худи ӯ давом мекард.

Сурудҳои Лоҳутӣ вирди забони тамоми мардуми тоҷик гардидааст. Берун аз ҳудуди республика бошад аксарият аз ин сурудҳо бехабаранд. Оё ин дуруст аст? Сурудҳои Лоҳутиро ҳарчӣ зудтар ба арсаи умумииттифоқ баровардан лозим.

Қарор кардем, ки ба Иттифоқи бастакорони СССР муроҷиат намуда, масъалаи ба оҳанг даровардани сурудҳои Лоҳутиро ба миён гузорем.

Албатта, минбаъд худи шоир дар интихоби шеърҳо, гӯш кардани мусиқӣ бевосита иштирок намуд, бо оҳангсозоне, ки рӯҳан ба ӯ наздик буданд, борҳо сӯҳбат орост.

Ба чоп омода сохтани маҷмӯа вақти зиёде гирифт. Ниҳоят, оҳанги сурудҳо тайёр шуд. Дар маросими шунидани сурудҳо, ки дар Клуби нависандаҳо баргузор гардид, оҳангсозон, аъзои Котиботи Иттифоқи нависандаҳо, намояндагони нашриёти «Искусство» ва ҳофизоне, ки ба иҷрои ин суруд тайёрӣ медиданд, иштирок карданд. Ҳозирон оҳангҳои бастакоронро бо як овоз бомуваффақият шумориданд» (190; 3-4).

б) Мирзо Турсунзода дар муҳит ва афкори адабии Арманистон.

Аз шахсиятҳои дигари барҷаста Мирзо Турсунзода буд, ки эҷодиёти ӯ дар сарзамини Арманистон маъруфияти тамом дорад.

Дар Арманистон номи устод Мирзо Турсунзодаро на танҳо аҳли илму адаб, балки одамони одии меҳнатӣ медонанду ёд мекунанд. Офаридаҳои безаволи устодро бо забони модарии худ мехонанд. Дар симои устод Мирзо Турсунзода на танҳо шоир, балки ходими намоёни ҷамъиятӣ ва арбоби

https://bikhon.tj/

барҷастаеро, ки бо эҷодиёти гуногунпаҳлуи худ тамоми дунёро ба сулҳу амонӣ даъват кардааст, тасаввур мекунанд.

Ба ин поя расидани шӯҳрати як нафар намояндаи адабиёти даврони нави Тоҷикистон, шоири тоҷик дар Арманистон бесабаб нест.

Устод Мирзо Турсунзода дар тӯли ҳаёти пурсамари худ борҳо ба сарзамини Қафқоз, аз ҷумла ба Арманистон меҳмон шудааст. Ҳар як сафари шоир ба ин сарзамини зебо нақши худро гузоштаанд.

Аввалин сафари арманистонии устод ба нимаи аввали рӯзи 8 январи соли 1952 рост меояд. Ӯ дар ин рӯз, дар ҳайати комиссияи оид ба мукофоти Ленинӣ ба сифати узви ҳакамони умумииттифоқ ҳамроҳи Ҳунарманди Халқии Иттиҳоди Шӯравӣ Алексей Дмитрович Попов ва бастакор Новиков омадааст. Бегоҳи ҳамон рӯз дар толори хонаи адибон вохӯрии аҳли адаби арман бо Мирзо Турсунзода барпо мегардад. То ин вақт ҳам Турсунзодаро чун шоир ва ходими давлатӣ, чун инсони комил ва сарояндаи дӯстии халқҳо халқи арман аллакай шинохтаву эътироф карда буд. Хусусан, тавлиди силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон»-и шоирро на танҳо дар хоки Тоҷикистон, балки берун аз ҳудуди он, аз ҷумла дар Арманистон хуш истиқбол намуданд. Бесабаб нест, ки то омадани шоир ба ин сарзамин ашъори ӯ ба туфайли хизмати тарҷумонҳо Паруйр Микаэлян ва Ағавнӣ ба дили хонандаи арман раҳ ёфта буд.

Вохурӣ бо шоир Мирзо Турсунзода дар он шоми саид дар хотири адибони арман сахт нақш бастааст. Маҳз ҳамон шаб шоир Гурген Борян ва адабиётшинос Акоп Салоҳян аз саҳифаҳои ҳаёт ва фаъолияти Турсунзода гузориш ва нақлҳо мекунанд. Баъд, чун анъана, навбати шеърхонӣ фаро расида, шоирони арман Наири Зарян, Ашот Граши, Ҳмаяк Сирас, Соғомон Таронси, Сильва Капутикян, Рачия Ованесян тарҷумаи шеърҳои шоирро бо забони арманӣ мехонанд.

Аввалин сафари Мирзо Турсунзода ба Арманистон панҷ рӯз давом мекунад. Бегоҳи 12-январ дар театри драмавии ба номи Сундукян «Ҷасорат»-и ном песаи драматург М.Ф. Овчинниковро тамошо ва муҳокима мекунанд, ки оид ба ин

https://bikhon.tj/

песа ва муваффақиятҳои муаллиф Мирзо Турсунзода фикрҳои худашро баён кардааст. Дертар, худи ҳамин сол, таҳиягари песа Ҳунарманди Халқии Иттиҳоди Шӯравӣ Вагарян ва 4 нафари дигар аз актёрон барандаи ҷоизаи Ленинӣ мегарданд.

Устод Мирзо Турсунзода бори дуюм ба Арманистон 27 сентябри соли 1957 сафар мекунад, ки дар ин рӯзҳо халқи арман 60-солагии яке аз саромадони назми арман шоир Еғище Чаренсро бо тантана ҷашн мегирифт. Ҳамон рӯз, дурусттараш 28-сентябр мақолаи Мирзо Турсунзода дар матбуоти Арманистон дар бораи адабиёти арман ва назми дилошӯби намояндаи он Еғище Чаренс ба табъ расида ва худи ҳамон бегоҳ дар толори калони Филармонияи давлатии Ереван, дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба ин санаи муборак чунин гуфта буд: «Дар тақдири халқи Арманистон ва назми он ман бисёр наздикӣ ва монандиро дар муқоиса бо тақдири халқи худ ва инкишофи адабиёти тоҷик мебинам. Ва вақте ки шеъру достонҳои ҳаяҷоновари Еғище Чаренсро мутолиа мекунам, боз ҳамон манзара – тамоми ҳаёти гузаштаи Арманистони зебо пеши назарам ба ҷилва меояд».

Халқи арман бори сеюм 11 – сентябри соли 1973 вакилон – иштирокдорони Симпозиуми байналхалқии шоирони мамлакатҳои Осиё ва Африқоро таҳти сарварии раиси Кумитаи Шӯравии Якдилии халқҳои Осиё ва Африқо Мирзо Турсунзода пешвоз мегирад.

Бегоҳи 13 сентябр Мирзо Турсунзода бо ҳамроҳии гурӯҳи адибон, вакилони симпозиум Барри Файнберг, Абдул Ҷаббор Сихими, Алекс ла Гума, Ҷон Атуквей Окой, Мустафо-ал-Форсӣ, Степан Алаҷаҷян ба воситаи телевизиони Ереван баромад мекунанд.

Аз масъалаҳои асосие, ки фазои фарҳангӣ ва муҳити адабии моро ба таври пайваста фаро гирифтааст, тарҷумаи бадеист. Вазъи тарҷума ва сатҳи маърифати таърихи халққо ҳамеша ифодагари ҳолати маънавӣ ва самти тамоюлоти инкишофи адабиёт ҳам будааст. Ҷараёни тадқиқи таърих ва назарияи тарҷума, ҳамчунин нақди он аз мушкилоти дигари адабиёт ва ҳифзи ҳақиқати таърихи он муқаддасоти деринаи

https://bikhon.tj/

фарҳангӣ аст. Ин шохаи адабиёт набзи замонии онро ҳам муайян мекунад. Аз ин рӯ, ҷараёни инкишофи адабиёт ва мадду ҷазри он дар дарозои асрҳо ва замонҳо ҳамеша аз тарҷума ва ҳолатҳои огоҳии халқҳо аз додугирифти адабиву фарҳангӣ алоқаманд будааст. Ба ин маънӣ, масъалаи асосие, ки дар назди мутарҷим меистад, тавассути тарҷума ба халқе ва кишваре расонидани шоҳкориҳои адабиёти халқи дигар аст.

Ба ин маънӣ ба тарҷумаи асарҳои Мирзо Турсунзода дар Арманистон ҳанӯз аз солҳои 40-уми асри XX сар карда буданд, ки чунин амал минбаъда боиси ба муҳит ва афкори адабии Арманистон паҳн гардидани ному осори Мирзо Турсунзода гардидааст. Аввалин тарҷумони асарҳои шоир дар Арманистон муҳаққиқи назарияи тарҷума, шоир Паруйр Микаэлян будааст, ки ба қалами ӯ тарҷумаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон», «Боғи муаллақ» ва «ТараЧандри» мансуб аст.

Ба воситаи ин тарҷума шоир Паруйр Микаэлян ба сайри эҷодиёти Турсунзода дар Арманистон асос гузошт, ки минбаъда ин анъана давом ёфт ва хонандаи арман бо намунаҳои нав ба нави эҷодиёти Турсунзода шинос шудан гирифт.

Ягона тарҷумаи ба асл наздик, ки бевосита аз забони тоҷикӣ ба арманӣ гардонда шудааст, шеъри устод Турсунзода «Муҳоҷир» аст, ки тарҷумааш ба қалами нависанда ва мутарҷим, донандаи хуби адабиёти тоҷику форс Сергей Умарян тааллуқ дорад. Тарҷумаи ин шеър чунин воқеъ шудааст. 27 сентябри соли 1957 Турсунзода дар тантанаи ҷашни 60-солагии Еғище Чаренс иштирок карда буд. Ҳангоми танаффус шоири арман Ашот Граши Сергеи ҷавонро ба назди Мирзо Турсунзода оварда ва муаррифӣ кардааст. Он ҷо Сергей Умарян аз дасти шоир ҳамин шеърро мегирад ва баъди чанд рӯз, дурусттараш, аввалҳои моҳи октябр нахустин тарҷумаи шеъри шоир аз забони тоҷикӣ ба арманӣ эҷод шудааст.* Баъди ин фаъолияти тарҷумонии Сергей Умарян аз адабиёти тоҷик сар шуд. Ӯ то ин дам аз дурдонаҳои адабиёти классикии тоҷику форс бисёр асарҳоро тарҷума намудааст, ки «Шоҳнома»-и

* Аз сӯҳбат бо Сергей Умарян, ки 18-апрели соли 1982 дар Ереван, дар хонааш иттифоқ афтода буд.

https://bikhon.tj/

Фирдавсӣ, ғазалиёти Рӯдакиву Ҳофизу Саъдӣ, намунаҳои рубоиёти Ибни Сино ва Хайём аз ҳамин қабиланд.

Бори аввал тарҷумаи шеъри «Муҳоҷир»-ро хонандаи арман аз китоби «Мунтахаби адабиёти халқҳои СССР.(-Ереван, 1958, с.241-242) хонд. Тарҷумаи хуб гувоҳи он аст, ки то соли 1980 панҷ маротиба, аз ҷумла, 6 июни соли 1972 дар рӯзномаи «Банвор» («Коргар»)-и Ленинакан, 10 сентябри ҳамин сол дар газетаи «Коммунист»-и Боку (ба забони арманӣ), соли 1973 дар маҷмӯаи «Тоҷикакан кнар» (с.26-28), 22-июни соли 1977 ва 10 сентябри соли 1980 боз дар газетаи «Коммунист» (Боку) ба табъ расидааст. Вале тарҷума дар шакли пурраш фақат дар маҷмӯаи зикршуда ҷой дода шудааст. Аз ин ҷо мулоҳизаҳои худро бо порчае аз хотираҳои нависандаи муосири арман Серо Хонзодян доир ба тарҷумаи ин шеър ҷамъбаст мекунем»:...Бори дуввум ба Душанбе соли 1972 омадам. Албатта, ман ҳамоно ба назди дӯсти мехрубонам Мирзо Турсунзода равон шудам. Маълум шуд,ки вай саҳл нотоб будааст. Ҳа, нотоб, хаёлам, ки дар шахси ӯ назми Шарқ бемор буд. Чӣ хел ғамангез... Ман ба Мирзо Турсунович гуфтам, ки бисёр шеърҳояш ба забони арманӣ тарҷума шуданд.

– Кӣ тарҷума кард?

– Силва Капутикян, Ваҳагн Каренс, Сергей Умарян.

– Тарҷума чӣ хел?

– Ба фикрам, бад не, – ҷавоб додам ман.

Албатта, агар шоирони мо забони форсиро медонистанд, тарҷума боз ҳам хубтар мебаромад. Ман дубайтиеро ёдовар шудам, ки Мирзо Турсунзода онро дар яке аз шеърҳояш (шеъри «Муҳоҷир аст, ки дар борааш сухан меравад – А.Д.) ҳамчун эпиграф овардааст ва Умарян (онро) ба забони арманӣ гардондааст. Дубайтӣ чунон саҳеҳ тарҷума шуда буд, ки ман онро бо забони буррои худам хондам. Ана он дубайтӣ:

Сари сарчашма рафтам ман ба вақте,
Ба оби дида биншондам дарахте.
Шамол омад, дарахтам решакан шуд,
Мани мискин надорам ҳеҷ бахте.

https://bikhon.tj/

Мирзо Турсунзода ба ин дубайтӣ ва давоми шеърхонии ман гӯш дода, баъд гуфт:

– Ҳа, ин овози ман, аз оҳангаш эҳсос мекунам. Охир, забони Шумо ҳам ба дили ман наздик аст...»*

Соли 1960 ба муносибати сазовори мукофоти Ленинӣ гардидани шоир (барои достонҳои «Ҳасани аробакаш» ва «Садои Осиё») дар маҷаллаи адабии «Гракан Адрбеҷан» («Адабиёти Озарбойҷон») ва «Советакан граканутюн» – тарҷумаи панҷ шеъри ӯ бо шарҳи мухтасари тарҷумаи ҳол чоп шуд. Аз ҷумла дар маҷаллаи «Гракан Адрбеҷан» (1960, №4, саҳ.101) шеъри «Ду дарахти бодом» ва порчае аз достони «Садои Осиё» дар тарҷумаи Г.Оҳанян ба табъ расид. Порчае аз достони «Садои Осиё» инчунин худи ҳамин сол дар маҷаллаи «Советакан граканутюн» чоп шудааст (№7, саҳ,88-90), вале бе зикри мутарҷим.

Ҳамчунин порчаҳое аз достонҳои «Ҳасани аробакаш» «Ҷони ширин» ва «Водии Ҳисор» дар ҳамин шумора ба табъ расидаанд, ки тарҷумаҳо ба қалами Гурген Шаҳноз, Г.Манучарян ва В.Григорян тааллуқ доранд. Тарҷумаҳо ҳама аз забони русӣ буда, нопурра ва мунтахабанд. Тарҷумаи яксара, аз афташ, муяссар нашудааст, ки масалан Г.Шаҳноз аз 23 банди боби чоруми достони «Ҳасани аробакаш» (дар забони русӣ) фақат 18 банди онро тарҷума кардааст. Аз байн бандҳои 10,II,13,17,18-уми боби зикршуда афтидаанд.

В.Григорян ин корро накардааст. Тарҷумаи достони «Водии Ҳисор» (дар муқоиса бо тарҷумаи русӣ) қариб пур воситаи тарҷума бо намунаҳои эҷодиёти шоир бештар шинос шуд. Аввалин шуда дар ин солҳо шеъри «Ситора наздик»-и устод Турсунзода дар тарҷумаи шоир Ваҳагн Каренс («Советакан граканутюн», 1972, №3, с.14-15) дастраси хонандаи арман гардид, ки баъдтар, соли 1973 ин тарҷума дар маҷмӯаи «Тоҷикакан кнар» (с.23) низ ҷой дода шуд. Инчунин аз ҷониби ӯ шеърҳои «Ошёни баланд» ва «Бетараф» тарҷума шуданд.

---

* Матни пурраи хотираҳо ба забони арманӣ дар ихтиёри муаллифи ин сатрҳост.

https://bikhon.tj/

Бояд гуфт, ки се гунаи тарҷумаи шеъри «Ошёни баланд» дида мешавад. Ин шеър аввалин маротиба дар маҷмӯаи номбурда (с.24-25)чоп шудааст. Сонӣ ҳамин шеър дар маҷаллаи «Советакан граканутюн» (1973,№10, с.12) ба назар мерасад. Соли 1975 ба пешвози ҳафтаи адабиёти тоҷик дар ҷумҳурии Арманистон, дар рӯзномаи «Ерекоян Ереван («Шоми Ереван», аз 26 июн, № 150) ба табъ расида буд. Хусусан, ду гунаи нахустин (ки дар маҷалла номи мутарҷимон зикр нагардидааст), ду услуби тарҷумаро ба ёд меорад. Ҳатто дар назари аввал чунин менамояд, ки тарҷумаҳо ба қалами шахсони алоҳида мутааллиқанд, лекин муқоиса нишон дод, ки мутарҷим як аст, яъне ҳарду ё ҳарсе нусхаи тарҷума ба қалами Ваҳагн Каренс мансуб будааст. Тафриқа, тағйирот ва истифодаи муродифоти вожаҳо бо дархости мутарҷим танҳо дар бандҳои 2 ва 3-юми шеър ба чашм мерасанд. Ба қалами Ваҳагн Каренс мансуб будани тарҷумаи шеъри машҳури устод «Ошёни баланд» боз аз он ҷиҳат равшан шуд, ки ҳамон муаллифони тарҷумаҳои маҷмӯаи «Тоҷикакан кнар» дар таҳияи ин шумораи маҷалла низ ширкат кардаанд, (дар шумораи мазкур 20 шеъри 15 муаллифи тоҷик, дар тарҷумаи 6 нафар шоир ва тарҷумони арман гирд оварда шудааст).

Се шеъри дигари устод Турсунзода ба муносибати ҳафтаи адабиёти тоҷик дар Арманистон моҳи июни соли 1975 тарҷума ва чоп шудаанд. Инҳо «Офарин, дил!», «Суруди сулҳ» ва «Ду дастрӯймол» мебошанд. Шеъри аввал дар рӯзномаи «Гракан терт» (аз 20 июни соли 1975,№25, саҳ.I) чоп шуда буд, ки тарҷумонаш маълум нест. Тарҷумаи шеъри «Суруди сулҳ» (рӯзномаи «Советакан Ҳайастан» аз 26 июн №149) ба қалами шоир ва адабиётшинос Мкртич Корюн тааллуқ дорад. Тарҷумаи шеъри «Ду дастрӯймол»-ро Алек Хачунс ба анҷом расондааст, ки он дар рӯзномаи «Авангард» (ба забони арманӣ, аз 27 июн, №76) чоп шуда буд. Дар ин давра боз баъзе тарҷумаҳои пешин такроран ба табъ расидаанд. Аз охирин силсилаи шеърҳои Мирзо Турсунзода «Дастовез» шеъри «Зан агар оташ намешуд...» дар маҷаллаи «Адабиёти Озарбойҷон» (1975,№4, саҳ.92) чоп

https://bikhon.tj/

шудааст. Тарҷумаи шеъри мазкур ба қалами Г.Оҳанян мансуб буда, худи шумораи маҷалла пурра ба рӯзҳои адабиёти шӯравӣ дар Озарбойҷон бахшида шудааст.

Ин ҷо номгӯи ҳанӯз нопурраи тарҷумаи асарҳои устод Турсунзода, зикр шуд. Чи навъе ки дидем, асарҳои бо хуни дилу дидаи бедор эҷодшудаи устод якбора ба Арманистон роҳ наёфта, балки бо мурури замон, яке пешу дигаре баъдтар, вале ҳарду абадӣ дар дили хонандагони арман маскан ёфтаанд.

Аз солҳои 40-ум, дар баробари пайдо шудани намунаҳои тарҷумаи армании ашъори Турсунзода дар саҳифаҳои нашрияҳои Арманистон мақолаҳои алоҳидаи бахшида ба ҳаёт ва эҷодиёти ӯ чоп мешаванд.

Аввалин маълумоте, ки хонандаи арман дар бораи Мирзо Турсунзода хонд, мақолаи аз «Литературная газета» (26-марти соли 1949) ба забони арманӣ тарҷумашудаи «Муҳокимаи асарҳои шоири тоҷик Мирзо Турсунзода» мебошад, ки дар «Гракан терт» (аз 24 апрели соли 1949, №15) чоп шудааст. Он ҷо аз муҳокимаи силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон»-и шоир дар Москва сухан меравад. 2 октябри соли 1949 дар шумораи 36 рӯзномаи мазкур мақолаи худи Мирзо Турсунзода «Зодаи Октябр» ба муносибати рӯзҳои адабиёт ва санъати тоҷик дар Москва чоп шуд. Дар ин мақола устод Турсунзода дастовардҳо ва роҳи инкишофи адабиёти даврони нави тоҷикро баъди ғалабаи Инқилоби Октябр то рӯзҳои даҳа муфассалан дар мисоли ташаккули эҷодиёти устод Айнӣ, А. Лоҳутӣ, С. Улуғзода, М.Миршакар, Ҷ.Икромӣ, Р. Ҷалил таҳлил ва хотирнишин мекунад.

Сеюмин маълумоти тарҷумаиҳолӣ доир ба М.Турсунзода ба забони арманӣ дар китоби «Адабиёти советӣ» (Хрестоматия барои синфҳои Х, – Ереван, 1950, саҳ.722) вомехӯрад. Он ҷо (ва дар чопҳои минбаъда низ) маълумоти мухтасар барои шиносоии хонандаи арман ба ҳаёт ва фаъолияти шоири тоҷик оварда шудааст.

Соли 1973 маҷмӯаи шеърҳои шоирони тоҷик бо номи «Тоҷикакан кнар» («Лирикаи тоҷик») ба табъ расид, ки он

https://bikhon.tj/

ҷо низ дар радифи дигар адибони тоҷик (саҳ.19) маълумоти тарҷумаиҳолӣ бо се шеъри устод дарҷ шудааст.

Ниҳоят, байни солҳои 1962-1964 се мақолаи муфассали устоди Донишгоҳи давлатии Ереван Вардгес Ернҷакян дар маҷмӯаи «Учёные записки» (Серия филологических наук)чоп мешавад, ки метавон гуфт, ки ин се мақола ҳаёт ва роҳи эҷодии шоирро байни солҳои 1930-1960 пурра ба хонандаи арман шинос намуд. То ин дам дар бораи ҳаёт ва фаъолияти устод Турсунзода чунин мақолае, ки зикраш рафт, дар Арманистон набуд.

Тадқиқ ва таҳлилу шарҳи комили ин гузоришот дертар, яъне соли 1965 дар рисолаи ӯ ҷой ёфтаанд. Ҳамин тавр, кори муҳиме, ки турсунзодашиноси арман В.Ернҷакян ба итмом расонд, ин дифои рисолаи номзадӣ таҳти мавзӯи «Ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Турсунзода» буд.

Вардгес Ернҷакян шогирди шарқшиноси маъруф, академик Р.Ачарян ва дастпарвари факултети шарқшиносии Донишгоҳи Ереван буда, то охирин рӯзҳои ҳаёташ ба донишҷӯён аз боби «Таърихи адабиёти Шарқ» ва курси махсуси «Адабиёти тоҷику форс» лексия мехонд.

Ӯ дар давоми фаъолияти илмии худ доир ба таърихи адабиёти форсу тоҷик як силсила мақолаҳо навишт, ки «Саъдӣ ва Гулистон»-и ӯ». «Дар бораи моҳияти тасаввуф», «Портрети адабии Ҷалолиддини Румӣ (Балхӣ)», «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» ва ғ. бо мундариҷаи амиқи илмиашон гувоҳи муносибати самимонаи ӯ ба халқ ва адабиёти тоҷик буданд. Ташаккули анъанаҳои назми классикии форсу тоҷик дар адабиёти давраи нав, хусусан дар эҷодиёти М.Турсунзода, қудрати истеъдод, шӯҳрату эътибори ӯву назми ӯ дар миқёси адабиёти умумииттифоқ, кӯшишҳои навоваронаи устод дар назми шӯравии тоҷик муҳаққиқро водор месозад, ки омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Турсунзодаро мавзӯи кори илмӣ интихоб намояд. Кор дар ин мавзӯъ аз навиштани мактуб ба Мирзо Турсунзода сар мешавад:

Рафиқ соҳибэҳтиром, Мирзо Турсунзода!

Ниёзҳои маънавии халқамон ба фарҳанги халқи бародари тоҷик ва шахсан муҳаббати гарму ҷӯшони худам ба ин ада-

https://bikhon.tj/

биёт маро водор намуд, ки эҷодиёти Шуморо мавзӯи кори тадқиқотӣ интихоб намоям.

Шиносоӣ бо тарҷумаҳои русии шеърҳоятон ҳайратамро афзуд; маълум шуд, ки онҳо на фақат муваффақиятҳои калони эҷодии Шумо, балки комёбии тамоми адабиёти сермиллати советист, ки фонди тиллоии онро Шумо ба таври арзанда бой гардондед. Хусусан омӯзиши силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон" маро ба чунин хулосаи қатъие овард, ки бешубҳа, асари мазкур ҷамъбасти роҳи пуршарафи эҷодии Шуморо чун шоир ва гражданин нишон медиҳад.

Се моҳ мешавад, ки ба омӯзиш ва ҷамъ намудани маводи зарурӣ машғулам. Вале миқдори мавод дар мо, дар Ереван нопурра буда, аз ин рӯ лозим донистам, ки ба ёрӣ ва илтифоти Шумо мурочиат намоям ва хоҳиш мекардам, ки чунин маълумотҳои иловагиро дошта бошам

Феҳристи асарҳоятон, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва дигар забонҳои дунё нашр шудаанд.

Феҳристи мақола, тақриз ва корҳои илмии бахшида ба эҷодиётатон.

I. Тарҷумаи ҳоли муфассал

II. Маълумот дар бораи саёҳати Шумо ба Ҳиндустон.

Дар мавриди дастрас намудани маводи мазкур ният дорам, тадқиқотро ба итмом расонда, ба Сталинобод, бо умеди шиносоӣ ва маслиҳат ба наздатон равам.

Умед аст, ки дар рӯзҳои наздик ҷавоби мактубро мегирам. Барои ин бори дигар ташаккур ва изҳори сарфарозӣ намуда, устоди кафедраи адабиёти Шарқи Донишгоҳи давлатии Ереван Вардгес Степанович Ернҷакян. Адреси ман: Ереван, хиёбони Ленин, хонаи №45, 25. УП-50 с.*

Ҳамин тавр, натиҷаи меҳнати 15-солаи муҳаққиқ ин буд, ки ӯ моҳи феврали соли 1965 дар мавзӯи «Ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Турсунзода» бомуваффақият рисолаи номзадӣ ҳимоя кард.

---

* Мактуби мазкур ва мактуби ҷавобии устод Турсунзода аз таърихи 13 январи соли 1951 дар дасти муаллифи ин сатрҳост.

https://bikhon.tj/

Рисола аз се боб ва хотима иборат буда, инчунин феҳрасти пурраи асарҳои Турсунзода дар охир нишон дода шудааст.

Дар муқаддима муҳаққиқ кӯшидааст, то ҳадди имкон дар бораи умуман адабиёти советии тоҷик, инкишофу таҳаввули чӣ шаклӣ ва чӣ ғоявии он баъди Инқилоби Октябр маълумот диҳад. Ба ин мақсад то андозае муваффақ ҳам шудааст, чунки мулоҳизаҳои ӯ дар бораи роҳи тайкардаи адабиёти баъдиинқилобии тоҷик, тавсифи ташаккули адабиёти ин давра, аз ҷумла дар мисоли эҷодиёти саромадони адабиёти даврааи нави тоҷик-устод Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ ба хонандаи арман нишон дода тавонистани он нақш, ки ин ду устоди сухан бозиданд ва ниҳоят, таҳлили баъзе махсусиятҳои адабиёти баъди инқилоб аз дониши хуби муаллиф гувоҳӣ медиҳанд.

Дар сарсухан доир ба адабиёти тоҷик муфассал сухан рондани муаллиф, ба фикри мо, ду сабаб дорад:

I. Кӯшиши ӯ дар бораи бори дигар хотирнишон сохтани таърихи зиёда аз ҳазорсолаи адабиёти тоҷик ва фарзандони бузурги он Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз, ки ном ва осори онҳо эътибори умумидунёвӣ касб кардааст ва давому такмили анъана ва суннатҳои адабиёти бисёрасраи тоҷик аз тарафи намояндагони насли нави имрӯзаи он устод Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода ва дигарон.

2. Дар забони арманӣ мавҷуд набудани ягон сарчашмаи интиқодӣ доир ба адабиёти тоҷик.

Боби якуми рисола ба тадқиқи ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Турсунзода дар солҳои 30 бахшида шудааст. Ин қисмати тадқиқот маълум, ки даҳсолаи авваи эҷодиёти шоирро дар бар мегирад. Омӯзиши ин давра, дурусттараш пас аз нашри аввалин маҷмӯаи шоир «Байрақи зафар» (1932) сар мешавад. Ернҷакян баъди таҳлили муфассали асарҳои индавраинаи шоир ба хулосае меояд, ки даҳсолаи аввал давраи шаклгирии эҷодиёти ӯст. Оҳангҳои иҷтимоии ашъори шоир вобаста ба ҷараёни ҳаёти нав дар Тоҷикистон ва мавзӯъҳое, ки худи ҳаёт тасвир ва таҳлилашонро ба ӯҳдаи шоирон гузошта буд, ташаккул меёбанд. Турсунзода вассофи ҳаёти нав

https://bikhon.tj/

буда дар қатори адибони ин давра музаффариятҳои зиндагии баъдиинқилобии халқи тоҷикро месуруд. Албатта, баъзе маҳдудият низ дар эҷодиёти солҳои сиюми шоир, амсоли такрори оҳангҳои пассиву романтикӣ, мавҳумсароӣ ва ғ.ошкор карда шудаанд, ки ин ҳамоно маҳсули бозёфтҳои шоири чӯянда дар равиш ва тақозои ҳаёти нав дар Тоҷикистон ва мавзӯъҳои хоси адабиёти ин давра буданд.

Вале дар ин боб диққати муҳаққиқро на тарзи тасвир (масалан, ифодаи маънӣ дар кадом шакл), балки мундариҷаи ашъори шоир бештар ба худ кашидааст ва «Услуби (эҷодии А.Д.) Турсунзода чун натиҷаи фаҳмиши дунёи нав шакл гирифт» – гуфтани муҳаққиқ низ тасдиқи ин фикр аст. (93; 6)

Инчунин таҳлили амиқи асарҳои индавраинаи шоир, ташаккули шахсият ва симои эҷодии Турсунзода аз аввалин қадамҳояш чун сарояндаи зебоӣ ва гул-гулшукуфии диёр (шеъри «Мамлакати тиллоӣ»), бедорӣ ва муборизаи халқ барои тарғиби ғояҳои пешқадами инқилобӣ бо сарварии Ленин (шеъри «Ба В.И.Ленин»), идеяҳои ватандӯстӣ ва гуманизм (шеърҳои «Чаманистон», «Халқи далер», «Оҳанрабо» ва ғ.(93; 24-55) нишон дода шудааст.

Боби дуюм ба таҳлили асарҳои давраиҷангии шоир бахшида шудааст. Асарҳои давраиҷангӣ ё умуман мавзӯи ҷангро дар қисмати алоҳида ба доираи тадқиқ гирифтани Ернҷакян бесабаб нест. Муҳаққиқ муътақид бар он аст, ки симо ва услуби эҷодии шоир асосан дар солҳои 40 ва хусусан дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ муайян гардидааст.

Ернҷакян баъди таҳлили асарҳои давраи Ҷанги Бузурги Ватании шоир хулоса мекунад, ки мавзӯи ҷанг дар эҷодиёти ӯ гардиши бузургеро ба амал оварданд. Хулосаи муҳаққиқ ҳамонро ифода мекунад, ки баъзан дар эҷодиёти шоир ҳудуди даъватҳои сиёсии ӯ, ки ифодагари рӯҳи замон буданд, шикаста ба мундариҷаи асарҳои бадеиаш омехта меравад...

Муҳаққиқ дар шеърҳои ба мавзӯи Ватан бахшидаи шоир аз ҷумла шеъри «Ҳаргиз» маънӣ ва ваҳдати халқу Ватанро дар «хонаи умеди халқ»-ҳо дармеёбад. Қасамномаи қаҳрамони лирикӣ дар ин шеър ҳаёти хушбахтонаи худу

https://bikhon.tj/

халқи худро дар «ягонагии интернатсионалии халқҳои якдил, вале гуногунзабон»-и Ватани бузурги худ дидан аст.

Нуқтаи назари муҳаққиқ ба достони «Писари Ватан» махсус аст. Дар асарҳои солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ навиштаи муаллиф мавзӯи асосиро дӯстии халқҳо ишғол мекунад. «Ин хусусият дар достони «Писари Ватан» хеле барҷаста зуҳур ёфтааст», – менависад ӯ. Дарки ин зуҳурот хуб аст ва инро аз муҳаққиқ пеш ҳам гуфта буданд. Муҳаққиқ ҳатто шоиррову қувваи истеъдоди ӯро чӣ дар офаридани асарҳои эпикӣ ва чӣ дар осори лирикӣ баробар медонад, яъне Турсунзода чӣ дараҷа сарояндаи шоири шеърҳои ғиноӣ бошад, ҳамон андоза шоири ҳамосасаро ҳам аст. Шояд аз ин лаҳоз бошад, ки таълифи достони «Писари Ватан»-ро Ернҷакян «аввалин таҷрибаи ҷиддии шоир дар жанри достон» донистааст.

Дар ҳақиқат таълифи достони мазкур дар эҷодиёти устод Турсунзода на танҳо ба ҳукми муҳаққиқ «таҷрибаи ҷиддӣ» дар ин соҳа гардид, балки бунёди услуби достонҳои баъдинаи шоирро муайян намуд. Фикрҳои муҳаққиқ доир ба асарҳои давраиҷангии шоир асосан бо таҳлили мундариҷавии достони «Писари ватан» ва драмаи «Тоҳир ва Зуҳро» поён меёбанд. Ягона камбудие, ки Ернҷакян дар бунёди достон (93,77) мебинад, ҳамоно таъкиди нуқсонҳои композитсионии асар аст.

Боби сеюм хотимавӣ буда, ба ду қисм ҷудо шудааст. Дар қисми аввал асарҳои байни солҳои 1947-1950 навиштаи шоир, дурусттараш силсилаи шеърҳои ҳиндустонии ӯ ва қисми дуюм аз солҳои 1950 сар карда то таълифи достони «Ҷони ширин»-ро дар бар мегирад. Услуби таҳлил дар шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» аллакай аз бобҳои I ва 2 фарқ мекунад. Доираи назар ва омӯзиш дар ин давра васеъ гардида, барои гуфтани сухани худ ӯ на танҳо ба асарҳои тадқиқотии дар адабиётшиносии тоҷик мавҷуд буда истинод овардааст, балки гуфтор ва мақолаҳои шоирон ва адабиётшиносони рус ва ҷумҳуриҳои бародарро низ дар ҷараёни тадқиқ истифода бурдааст. Дар ҳақиқат, бояд ки ҳамин тавр мешуд. Тавлиди силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» на танҳо

https://bikhon.tj/

барои адабиёти тоҷик, балки дар адабиёти сермиллати советӣ аз нуқтаи назари дар мавзӯи дӯстии халқҳои тоҷику ҳинд суруда шуданаш ҳодисаи нав буд. То ин дам дар мавзӯи Шарқи хориҷӣ, аз ҷумла Ҳиндустон дар адабиёти давраи нави тоҷик (эҷодиёти устодон Лоҳутӣ ва Пайрав) ва дар адабиёти рус (эҷодиёти Тихонов, Симонов, Сурков, Малышко ва ғ.) асарҳо офарида шуда буданд. Аз афташ инро муҳаққиқ пай набурдааст, вале дуруст қайд мекунад,ки «Силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон»-и шоир дар адабиёти тоҷик аввалин асарест, ки ба мавзӯи дӯстии халқҳои тоҷику ҳинд бахшида шудааст» (93; 94). Мувофиқи таъкиди муҳаққиқ мавзӯи Шарқ дар тамоми даврaҳои фаъолияти шоир мавриди таваҷҷӯҳи ӯ буда, шоир дар ин мавзӯъ беҳтарин асарҳояшро навиштааст. Ташаккули услуби эҷодии Турсунзода, навовариҳои ӯ дар шаклу мазмун пас аз мутолиаи силсилаи шеърҳои мазкур барҷаста зуҳур меёбад.

Мирзо Турсунзода, ки ҳаёти пурфоҷиаи халқу мамлакати Ҳиндро аз наздик дида, шоҳиди зисту зиндагонии ин халқи бенаво буд, тавонист, ки вазъи ҳаёти Шарқи хориҷиро дар мисоли «Ҳиндустони афсонавӣ» ба хонандагон дар ҳамон либос ва рангу равғани миллиаш тасвир намояд. Зимни ин тасвирот ва ифодаҳои шоирона ҳақиқати талхи зиндагии мардуми Ҳиндустон хобидааст, ки шоир бо истифодаи санъати муқобила хеле хуб он рӯйдодҳоро ифшо намудааст.

Истифодаи санъати тазод дар асар барои тасвири ҳодиса ва воқиаҳои дорои аҳамияти байналмилалӣ ва муқоисаи ҷиҳатҳои неку бади он воситаи хуб буд. Устод Турсунзода аз ин ҷиҳат дар асарҳояш санъати мазкурро моҳирона истифода кардааст. Ҳатто тасвири беҳтарин лаҳзаҳои лирикӣ дар шеъри пурэҳтироси «Тара Чандри» бар муқобилгузорӣ тавассути истифодаи дигар санъатҳо, аз ҷумла талмеҳ асос ёфтааст, ки Ернҷакян бо нишон додани таъбирҳои парвозӣ дар синтаксиси шеър ҳамин маъниро борҳо таъкид кардааст (93; 106).

Дар охири қисми I Ернҷакян доир ба жанри силсилаи мазкур изҳори ақида карда, онро ба жанри баллада ва балладаро дар адабиёти тоҷик навтарин жанр ба қалам медиҳад. Бо

https://bikhon.tj/

ибораи дигар, ӯ ба жанри баллада ва сайру такомули он дар адабиёти арман низ иктифоъ намуда, фақат як саҳифаи оҳангҳои таъсири эҷодиёти Е.Чаренсро ба осори М.Турсунзода мебинад, ки инро ҳам худи устод Турсунзода дар гузориши худ ба муносибати ҷашни 60-солагии Еғише Чаренс 27 сентябри соли 1957 дар шаҳри Ереван изҳор дошта буд.

Қисми 2-ми боби III рисола ба таҳлили маҷмӯаҳои шоир «Ман аз Шарқи озод», «Ҷони ширин», «Ҳасани аробакаш» ва «Асарҳои мунтахаб»-и шоир (соли 1957,чопи Маскав)бахшида шудааст. Бояд гуфт, ки солҳои минбаъда дар тақдири эҷодии Мирзо Турсунзода солҳои пурнақше буданд. Байни солҳои 1950 то 1963, бо ифодаи муҳаққиқ, беҳтарин асарҳои шоир рӯи дунё шуданд. Фардият ва услуби эҷодии Турсунзода дар ин давра ба таври барҷаста зуҳур гардида, доманаи мавзӯъҳояш фарох ва худи Турсунзода эътирофи умумро чун шоир ва ходими давлатӣ, чун инсон ва шаҳрванди арзандаи мамлакати шӯроҳо соҳиб шуда буд. Тасвири дӯстии халқҳо яке аз мавзӯъҳои марказӣ дар эҷодиёти шоир дониста шудааст. Шеърҳои «Ман аз Шарқи озод», «Суруди сулҳ« ва «Забони сулҳ ва бародарӣ» аз ин дидгоҳ омӯхта шуда, дар яке тасвири ду Шарқи муқобил бошад, дар дигаре тараннуми дӯстии халқҳо дар партави ғояҳои ленинӣ ва забони русӣ чун забони дӯстӣ ва бародарӣ қаламдод ва шеъру достонҳои дигари шоир «Садои Осиё», «Духтари муқаддас», «Чароғи абадӣ», «Ҳасани аробакаш» аз ҳамин дидгоҳ ба доираи тадқиқ кашида шудаанд. Тадқиқоти Ернҷакян бо таҳлили достони «Ҷони ширин»-Мирзо Турсунзода хотима меёбад.

Умуман, хулосаҳои муҳаққиқ дар таҳлил ва тадқиқи асарҳои шоир заминаи илмӣ доранд. Маълум мешавад, ки ӯ солҳои зиёде маҳз бо адабиёти нави тоҷик сару кор дошта, беҳтарин ва пухтатарин мақолаҳояшро дар бораи адабиёти тоҷик ва намояндагони он навиштааст.

Тадқиқоти В.Ернҷакян роҳи эҷодиёти М.Турсунзодаро аз аввалин қадамҳои шогирдонааш то таълифи олитарин асари лирикии ӯ «Ҷони Ширин» дар адабиёти нави тоҷик муайян мекунад. Дар тасаввури мо эътибори шоири тоҷик ва

https://bikhon.tj/

шӯҳрати эҷодиёти ӯ дар Арманистон аз бисёр ҷиҳат ба эҳтимоми Ернҷакян вобаста буд, вале марги беамон турсунзодашиноси боистеъдод, ошиқи адабиёт ва фарҳанги тоҷикро бармаҳал ба коми худ фурӯ бурд. Ӯ метавонист бисёр кор кунад, муҳимтар аз ҳама, монографияи «Ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Турсунзода»-ро дар шакли китоб ба оммаи васеи хонандагон дастрас гардонад... вале афсус, ки то ин дам баъди вафоти олим чопи чунин тадқиқоти пуразриш сурат нагирифтааст.

Як фазилати тадқиқоти ӯ аз ҳамин иборат буд, ки Ернҷакян шеърҳоро дар тарҷумаи худ овардааст. Азбаски ӯ забони тоҷикиро низ хуб медонист, ба тарҷумон эҳтиёҷ надошт. Дуруст аст, ки ӯ номҳои мутарҷимони осори шоир Силва Капутикян, Рачия Ованесян, Аветик Шаҳсуварянро зикр мекунад, вале дар рафти тадқиқот ба сифати аввалин сарчашма ба худи забон ва адабиёти тоҷик мурочиат кардааст ва шеърҳоро бевосита аз забони тоҷикӣ ба арманӣ гардонидааст. Тарҷумаҳои ӯ (зиёда аз 1180 мисраъ) ҳама таҳтуллафзианд.

Иқдоми шоёни тақдири дигаре, ки аз ҷониби мунаққид ва адабиётшиноси дигари маъруфи арман Вазген Мнатсаканян анҷом ёфт, ин мулоҳизаҳои ӯ перомуни шеъри Турсунзода ва маншаи осори шоир буд, ки соли 1982 тавассути нашриёти «Дониш» дастраси хонандагон гардидааст.

Бунёди тадқиқоти мазкур гузоришоти В.Мнатсаканян дар конференсияи умумииттифоқӣ бахшида ба 70-солагии бузургдошти Мирзо Турсунзода буда, маҳсули муҳокимаи олим перомуни эҷодиёти шоир аст. Аслан гирем, дар бораи ҳаёт, фаъолият ва тарғиби ашъори шоири бузург ва фарзанди барӯманди халқи тоҷик Мирзо Турсунзода ин қадар корҳое анҷом дода шуданд, ки аз рӯи охирин маълумотҳо дар адабиёти ҷаҳон теъдоди онҳо зиёда аз 4 ҳазор аст. Худи осори тарҷумавӣ ва мақолоти илмӣ-интиқодӣ дар бораи Мирзо Турсунзода ба забони арманӣ зиёда аз 120 номгӯйро ташкил мекунад.

Чӣ хеле ки мебинем, баъди чунин силсилаи корҳои илмиву тадқиқотӣ дар бораи устод Турсунзода ва суннати

https://bikhon.tj/

шеъри оламгири ӯ сухани наве гуфтан, ба хусус аз ҷониби муҳаққиқи арман мушкил буд. Вале, бо ин ҳама матни суханронии В.Мнатсаканян боиси таваҷҷӯҳи бузургтарин олимони шӯравӣ гардид ва худи ҳамон рӯз (26 сентябри соли 1981) бо қарори нашрияи Академияи Илмҳои РСС Тоҷикистон гузоришоти олими арман дар шакли китоби алоҳида ба чоп тавсия шуд.

Мулоҳизаҳои муаллифи рисола дар чунин ҳаҷми мӯъҷаз, вале вусъат ва умқияти тадқиқ ба мо имкон медиҳад бори дигар дар бораи паҳлӯҳои мухталифи эҷодиёти шоири тоҷик ва қисмати осори ӯ фикр кунем.

Аввалин нуктае, ки муаллиф дар тадқиқи эҷодиёти М. Турсунзода таъкид мекунад, ин халқияти осори устод аст, ки бо ифодаи мунаққид «интихоби чунин мавзӯъ тасодуфӣ набуда, балки аз омӯзиши мероси эҷодкори бузург» сар мезанад. Имконияти фаровоне, ки муҳаққиқи арман дар қаламрави андешаҳои худ дошт, низ аз шарҳи қазияи мазкур бармеояд ва «ҳар қадар ба олами назми шоир амиқтар фурӯ равӣ, ҳамон қадар масъалаҳои ҳалталаб дар эҷодиёти шоир ошкор мешавад» – менависад ӯ. Яъне ин ишора ба «сарчашмаҳои халқии образҳои бадеӣ»-и устод Турсунзода аст, ки чун натиҷаи сайри андешаҳои адабиётшиноси арман ба олами ҳазорсолаи шеъри тоҷик, руҷӯъ ба осори Рӯдакиву Хайёму Саъдиву Ҳофиз бозгӯ шуданд ва давоми анъанаҳои ин адабиёти оламшумул дар эҷодиёти Турсунзода чун «нафаси зинда» ҳис карда мешавад. Дарки мавҷудияти «рӯҳи ҳамешаҷавони халқи тоҷик», ё худ пойдории анъанаҳои миллии адабиёти ин халқ, ки дар эҷодиёти Турсунзода ва шоирони ҳамнасли ӯ тазвиҷи адабиёти гузаштаву муосир гардидааст, муҳаққиқро ба хулосае овардааст, ки имтизоҷи унсурҳои шеъри классикии тоҷик бо адабиёти имрӯз дар симо ва осори Мирзо Турсунзода дар айни замон идомаи рӯҳи миллии адабиёти тоҷик аст (167; 17).

Аз ин ҷо диққати Мнатсаканянро чун муҳаққиқ, мушкилоти дигар аз эҷодиёти Мирзо Турсунзода – мушкилоти характер ва равияи назми устод, ки ҳамоно аз сарчашмаҳои халқӣ ибтидо мегирад, ба худ ҷалб мекунад. Сарчашмаҳои

https://bikhon.tj/

халқии образҳои шоир, ё худ умуман назми Турсунзода, ҳамон навъе ки Мнатсаканян мӯътақид асту гаштаву баргашта хулосаву таъкид мекунад, халқ аст, «халқи азиятқашидаи тоҷик».

Мулоҳизаҳои адабиётшиноси арман дар бораи эҷодиёти шоири тоҷик баёни факту ҳол дар боби омӯзиши мероси адабӣ набуда, балки маҳсули андешаҳои Мнатсаканян перомуни ҳалли мушкилоти шеъри шоир аст.

Ҳангоми муҳокимаронӣ Мнатсаканян ҷо-ҷо ба эҷодиёти шоир муроҷиат карда, барои тасдиқи фикри худ мисол меорад. Мунаққид вақте дар бораи мавзӯъҳои эҷодиёти шоир сухан меронад, дар баробари таъкиди умдатарин хусусиятҳои шеъри тоҷик, ки садҳо бор мавриди гуфтугӯ қарор гирифтааст, боз як ҷиҳати наву паҳлӯи дастнарасидаи онро барои мо кашф мекунад. Вазген Мнатсаканян дар хусуси шеъри «Ба Николай Гастелло» ва мавзӯи он сухан ронда (167, 8) паҳнои мундариҷаи ғоявии шеърро – осмон ба туфайли қаҳрамониҳои Гастелло васеътар шуд, – дар мисоли эҷодиёти устод Турсунзодаву шахсияти ӯ ва осмони беканори назми халқи вай, ки ҷузъи адабиёти умумибашарист, амиқу ашёвӣ мекунад. Таъкиди ҳамин ҷиҳати эҷодиёти Мирзо Турсунзода дар саҳифаҳои минбаъдаи рисола низ дида мешавад. Албатта, муҳаққиқи арман ба таҳлили куллии эҷодиёти шоир муваффақ нашудааст ва ин коре буд ношуданӣ, вале андешаҳои олим дар бораи машҳуртарин қисми эҷодиёти доманадори Турсунзода – силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон», ҳамчунин шеърҳои «Ман аз Шарқи озод», «Бозгашт» ва ғ. бебаҳсанд ва таъбири Мнатсаканян дар ҳаққи шоир «булбул бо парвози уқоб» бори дигар муайянкунандаи мавқеъ ва рӯҳи иҷтимоии устод Турсунзода дар адабиёт ва ҷаҳони имрӯза аст (167; 11-12).

Ҷиҳати дигари ҷолиби диққат дар рисола он аст, ки Мнатсаканян оғози риштаҳои дӯстии ду намояндаи бузурги адабиёти ин халқҳо – устод Турсунзода ва Аветик Исаакянро дар низоми пайвандҳои адабии халқҳои арману тоҷик мекушояд. Дар бораи риштаҳои дӯстӣ ва муносибатҳои эҷодии ду шоир – Аветик Исаакян ва Абулқосим Лоҳутӣ ду

https://bikhon.tj/

мақолаи адабиётшинос Левон Мкртчян ба мо маълум буд, ки дар ин бора борҳо сухан рафт, вале санаде, ки Мнатсаканян ба доираи муҳокима мегирад, барои мо нав аст. Дар аввалин вохӯрии шоири ҷавони тоҷик тобистони соли 1949 – бо бузургтарин намояндаи адабиёти советии арман дар Маскав ва ҳусни таваҷҷӯҳи Аветик Исаакян ба шеъру шахсияти Мирзо Турсунзода, ки аз шоир пештар ба дилҳо дар дуриҳо раҳ ёфта буд (шеъри «Бозгашт», ки Аветик Исаакян дар ҳузури Турсунзода онро аз ёд мехонад ва дар бораи назми Турсунзода изҳори ақида мекунад), мо шоҳиди сарпарастӣ дар олами шеъру одамият мегардем: «Ман намедонам, – менависад Мнатсаканян, – оё хушбахтие аз ин беш буда метавонад, ки шоири арман дар шеъри шоири тоҷик дунёи худашро мебинад ва вақте маълум мешавад, ки ҳар ду фарзанди як сайёраанд...» (167; 9).

Дар масъалаи мансубияти замонии шоир низ нахустин шуда адабиётшиносони арман изҳори ақида ва ҷойгоҳи воқеии ӯро дар фазои адабиёти Иттиҳоди Шӯравӣ муайян карданд.

Вақте мунаққиди арман Вазген Мнатсаканян ба саргаҳи халқияти осори Мирзо Турсунзода таваҷҷӯҳ намуда буд, дар ин зимн диққати ӯро тамоман чизи дигар, яъне халқияти осори шоир, ки заминаи миллии шеъри ӯро бозгӯ мекунад ва маншаи тафаккури бадеии ӯ, ки аз характери рӯҳи халқ ибтидо мегирад, ба худ кашид.

«Вақте шеъри Мирзо Турсунзодаро мехондам, ҷавоби як савол маро бисёр азоб медод. Бисёр мехостам фаҳмам, ки чӣ хел шоир аст ӯ, – шаҳрӣ ё деҳотӣ? Чунин гузориши масъала ба ман-чун ба як нафар адабиётшинос зиёда нисбӣ буд. Лекин чӣ илоҷ? Шеъри Мирзо Турсунзода, рӯзгори ӯ ва нақши шахсияташ дар зиндагӣ маро водор кард бигӯям, ки Турсунзода-шоири инсонест, ки ҳам дар шаҳр, ҳам дар деҳот ва ҳам дар кайҳон зиндагӣ мекунад. Яъне Турсунзода бо он рисолати граждани ва инсоние, ки дошт-шоири бархӯрдҳои кайҳонист(167; 17).

Ҳамин тавр, саҳифаҳои пур аз ихлосу муҳаббате, ки ба назму шахсияти бемисоли устод Турсунзода тахсис шуда-

https://bikhon.tj/

анд, аз ҳайси андешапарварии илмӣ ҳиссаи муносибе дар турсунзодашиносӣ буда, худи рисола саҳифаи навест дар омӯзиши таърихи пайвандҳои адабии қадимтарин ду халқи ҷаҳон – тоҷикон ва арманҳо.

Аз ҷумлаи падидаҳои адабии асри XX, ки ниёзҳои замонӣ, оҳангҳои иҷтимоӣ ва рисолати таърихии онро барои аҳди нав таъйид намояд, ҷараёнҳои адабӣ буданд. Аз ин силсилаи ҷараёнҳои адабӣ муҳимтаринаш, ба эътибори методҳои тасвир, майли умумияти адабиётҳо ба як воҳиди мустақили фарҳангӣ мебошад. Ба ибораи дигар, адабиёти аҳди сотсиалистӣ адибонро роҳи камолоти дигар ва вазифаҳои нав дод. Рисолати таърихии адибон ин шуд, ки онҳоро дар як муҳити ягонаи замонӣ ба ҳам оварда, ҷараёни барҳӯрди адабиётҳоро воқеан ҳам тезонида, ҳамчунин бо намояндагии адибону адабиёти ҳамзамонон паи таъмими муҳит ва фазои ягона мусоидат намуд. Ҳамин хел иттифоқ, афтод, ки дар адабиёти нави тоҷик (хусусан дар солҳои 1950-70) ин рисолати таърихӣ ва фарҳангӣ ба зиммаи Мирзо Турсунзода ва як зумра адибони муосири ӯ гузошта шуд. Дар ин ҷараёни умумияти адабиётҳо ва инкишофи фарҳанги замони нав Мирзо Турсунзода воқеан хизмати як насли адабиётро ба ӯҳда гирифта, дар радифи Расул Ғамзатов, Қайсин Қулиев, Серо Хонзодян,Давид Кугултинов, Мустай Карим, Чингиз Айтматов, Мирзо Иброҳимов ва даҳҳо шоиру нависандагони адабиёти халқҳои гуногун чун «фарзанди айёми худ» ба эҳтироми инсони замони худ сазовор гашт. Вале, дере нагузашта, аниқтараш дар нимаи авали солҳои 80-ум чунин рисолати шоириву граждании Мирзо Турсунзода, албатта, баъди даргузашти шоир мавриди эътирозу тадқиқи дигарбораи адабиётшиносии Тоҷикистон қарор гирифта, зумрае аз аҳли таҳқиқ сари тафсири таъбири «Мирзо Турсунзода фарзанди замони худ» буд изҳори андеша карданд. Ба назари баъзеҳо шеъри шоир танҳо дар чанд соли охир аз ҳайси ҳунари адабӣ арзиш пайдо кард ва худи шоир мавқеашро дар фазои фарҳангии тоҷикон ёфт ва шеъри ӯ бо назардошти ин андешаҳо нақду баррасӣ шуд. Дар натиҷа адабиётшиносоне, ки сари шеъри Мирзо Турсунзода андеша

https://bikhon.tj/

рондаанд, бисёр хостанд, онро ба таври дигар маънидод кунанд. Ба тавре ки ба назари дигарон барнахӯрдааст.

Вале мусаллам аст, ки дар шинохти арзишҳои шеъри Турсунзода дар адабиётшиносии солҳои охири тоҷик ду нуқтаи назар вусъат ёфт. Ҳар ду фикр аслан як ҳадаф доранд: Турсунзода то куҷо шоир аст?

Адабиётшиносии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар шинохти шеъри Турсунзода солҳои охир қазияҳои дигар пеш овард. Масалан, дар лирикаи солҳои охири шоир, манзур силсилаи шеърҳои «Дастовез», ҷанбаи фалсафӣ қувват гирифт, ҳунари шоирӣ тамомият ёфт, тарзи ифодаи фикру эҳсос қолиби дигар пайдо намуд, воситаҳои тасвири бадеӣ мушаххас шуданд ва ғайраҳо. Бо таъбири дигар инҳо саҳифаи тозае дар эҷодиёти Турсунзода буданд, ки ҷанбаи пайдоишашон бо оҳангҳои зиндагидӯстонаи осораш сахт пайванд ва мундариҷаи осори ӯ, манзур силсилаи шеърҳои «Дастовез» дар адабиётшиносии рус ба туфайли тарҷумаи пурраи он ва дар афкори адабии Арманистон баъди тарҷумаи як қисми ин силсила, аниқан мушаххас гардид. Яъне таълифи силсилаи мазкур аз лиҳози муносибати шоири тоҷик ба ашё ва нигоҳи фалсафии ӯ ба падидаҳо боиси таҳаввулоти сифатӣ дар осори ӯ гардид.

Аз нигоҳи муносибат ба шеъри шоир, ки ҳамчунин навид аз рӯзгорони тоза дорад, шеъри Турсунзода дар раванди адабии умумииттифоқ, аз ҷумла адабиёти арман баҳои айнӣ ва саривақтӣ гирифт. Агар амиқтар нигарем, мебинем, ки дар адабиётшиносии русу халқҳои дигар шеъри Турсунзода ба мавридаш баҳои хуб гирифта ва ҳамаи онҳое, ки сари бурду бохти осори он андеша рондаанд, арзишҳои бадеӣ ва моҳияти башарии шеърашро дар сатҳи дастовардҳои як адабиёт баҳо доданд.

Таассурот аз шеъри Турсунзода даҳҳо адибону шоирони халқҳои гуногунро водор сохт, ки на танҳо дар он рӯҳу табиати халқи тоҷик, балки муҳимтарин махсусияти назми муосирро дидаву ҳис карда тавонанд. Ба назари мо, дар ин вазъ қарор гирифтани таассуроти хонанда танҳо аз тамоюлоти маърифатии шеър ва ҷое, ки донишманди мӯҳтарам,

https://bikhon.tj/

профессор Худоӣ Шарифов изҳор низ дошт, эҳсоси шинохти суннати миллии халқ ва раванди адабӣ буд.

Чизи дигаре, ки лирикаи Турсунзодаро дар сатҳи як адабиёт боз медорад, ҳамон эҳсоси набзи замон ва рӯҳи публитсистӣ гирифтани шеъри ӯст, ки моро ба саргаҳи баҳси таърихии Мирзо Турсунзода ва Самад Вургун мебарад. Вале шеърҳои Мирзо Турсунзода, Самад Вургун, Силва Капутикян, Қайсин Қулиев, Мустай Карим ва як зумра шоирони дигари адабиёти даврони нав лирикаи публитсистианд, – гуфтан маънои тарғиби публитсистикаи матбуотро надорад. Ин то ҷое маънои шахсияти шоирро ҳамсанги падидаҳои хурду бузурги ҷаҳони муосир донистанро дорад, ки ӯ ба тамоми хоҳишу майл ба онҳо сари вақт ҳамовозӣ кардааст. Ин ҷиҳати эҷодиёти шоир бояд мухсусияти назми муосири тоҷикро низ дар партави навовариҳои адабиёти шӯравӣ, аз ҷумла адабиёти халқҳои Қафқоз муайян намояд. Ифодаҳои рангини шеъри шоир омехта бо рӯҳи публитсистии осораш шеъри ӯро дар радифи адабиёти халқҳои дигар, аз ҷумла назми муосири арман на танҳо шаҳомат бахшид, балки дар омезишу махусусияти шеъри шоиру раванди адабии ҷорӣ мусоидат намуд.

Умуман, он шахсоне, ки хизмати замонро кардаанд, шеърашон дар коргоҳи замон танҳо бо ҳифзи махсусияти миллӣ ба ном шеъри муосир гардид. Чунин оҳанги махсусияти миллӣ, ки дар шеъри шоир, хусусан дар лирикаи солҳои охири ӯ қувват гирифта бошад, танҳо маҳсул ва махсуси андӯхта аз суннатҳост. Ин, албатта, равзанаи наве дар адабиёти давраи нав ва ҳамчунин дар вусъати ифодаи эҳсос ва умқи тафаккури бадеии шоире чун Мирзо Турсунзода хулосаи тоза буд, ки махсусияти назми як давраи муайянро бозгӯ мекунад.

Ин ҷо ба эътибори вусъати назар, ки анъанаҳои адабиёти Шарқро фаро мегирифта бошад, дар шеърҳои шоироне чун Мирзо Турсунзода, Самад Вургун, Аветик Исаакян, Ғафур Ғулому Галактикон Табидзе дар як фазо ва ҷараёни адабӣ рӯҳи Русия ба ҳайси як ҷараёни адабии саросарӣ даромехт. Дар такя бар ин метавон чунин қазияро пеш бурд, ки дар

https://bikhon.tj/

роҳи таъмини умумияти ҷараёни адабиётҳо шоирони фавқӣ саҳм гирифтаанд. Вақте ишорае рафт, ки дар муайян намудани арзиши бадеӣ ва эстетикии шеъри Турсунзода адибони рус (Русия) пешдастӣ доранд, ин танҳо ҳифзи методологияи ҳукмрони як давраи адабиёт ва ҷомеа набуд. Дар ин қатор дар шеъри Турсунзода на танҳо мунаққидони касбӣ, балки шоирони ҳамзамони ӯ ба ҳайси намояндагии умумияти адабиётҳо чун нишони рисолати таърихии он изҳори ақида карданд ва дар ин зимн шеър ва шахсияти Мирзо Турсунзода чун шоир ва чун инсони пешқадам маънидод шуд. Мушоҳидаҳои адабии ӯ аз боби умумияти адабӣ ва эҳсоси муҳити ягона(манзур мундариҷаи китобҳои «Васлгари дилҳо» ва «Ошёни меҳр») танҳо барои ягонагии вақту фазои фарҳангӣ мусоидат мекунанд. Масалан, вақте Чингиз Айтматов дар андешаҳои худ сари шеъри Турсунзода фалсафаи мавқеъ ва шахсияти ӯро дар рушду таҳкими адабиётҳои миллӣ мегузорад (38; 20, 185, 237), манзури ӯ аз ташреҳи «як симо ва шахсияти ба тамоми маъно муосир» ҳамон зикри умумият ва синтези адабиётест, ки адибони ҳамзамони Мирзо Турсунзода аз ҷумла худи Чингиз Айтматов, Серо Хонзодян, М. Иброҳимов... ба ӯҳда доштанд. Ҳамчунин қазияе пешниҳод шуд, ки маҳз бо намояндагии лирикаи Мирзо Турсунзода ва саҳми шахсии ӯ дар ҳаёти эҷодии мо... як амалиёти мубодилаи анвои тафаккури шоирӣ давом кард ва «он шаклҳое, ки Мирзо Турсунзода дар эҷодиёти худ ба кор бурдааст – рубоӣ ва дубайтӣ, – ба шоирони дигар, аз ҷумла ба назми рус таъсири калоне расониданд», ки ин падида дертар амали мутақобилаи адабиёт маънӣ гирифт (38; 20).

Вақте шеъри Турсунзода берун аз ҳудуди як адабиёти миллӣ арзёбӣ мешавад, ҷараёни табиии имтизоҷи тамоми шаклу пайвандҳои адабиёт ва дар айни замон костагиҳои танқиди шеъри миллӣ «мана ман» мегӯяд. Яъне он холигаҳи иҷбории танқиди адабии тоҷик, ки дар натиҷаи танқиди зеҳнӣ дар муносибат ба шеъри Турсунзода пайдо шуда буд, аз ҳисоби ҷараёни адабии муосир, хушбахтона, пӯшида мешавад. Ин ҷо масъалаи дигар сари мероси шоир бармеояд, ки танқиду тадқиқи осори Турсунзода бояд дар сатҳи ада-

https://bikhon.tj/

биётшиносии муосир бо назардошти ҳифзи суннатҳои фарҳанги миллӣ қарор бигирад. Яъне ҳифзи ҳамон суннатҳои миллӣ, ки дар масири умумияти падидаҳои адабӣ ва фарҳангӣ дар байни чанд адабиёт ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар ин масъала Мирзо Турсунзода он чиро таълим медод, ки худаш паи таъмини он ормонҳо як умр саъй мекард ва эҷодиёти ӯ намунаи хуби имтизоҷи суннатҳои адабиёти миллӣ бо ягон адабиёти ба истилоҳ пешқадам, аз ҷумла адабиёти гурҷӣ ва арман бошад. Шоир дар мақолаи «Мо офаринандагони таърихем» роҳҳои таъсири мутақобилаи адабиётро дар марҳалаҳои гуногуни эҷодиёти шоирон маҳз дар роҳи ҷустуҷӯҳои адабӣ ва вусъати тафаккури эҷодии онон мебинад. Аз ин ҷо таҷрибаи пешқадам, агар асоси ҷустуҷӯҳои эҷодии шоирон гардад, фарз кардем, анъанаҳои адабиёти классики рус, пас эҷодиёти ду шоири пешқадами давр Қайсин Кулиев ва Расул Ғамзатов бештар дар зери таъсири образҳои офаридаи Пушкин ва Лермонтов қарор гирифтаанд. Ё худ Мирзо Турсунзода мулоҳизаҳоеро дар бораи хосияти адабиёти миллӣ ва роҳи таъсиру интишори он давом дода, эҷодиёти Чингиз Айтматовро намунаи хуби бардошти насри романтикии русу шарқ медонад, яъне «муҳити миллӣ ва раванди адабии ҷаҳон дар дохили фарҳанги пешқадам ба ҳам мувофиқати том пайдо мекунад».

Мирзо Турсунзода мулоҳизаҳояшро дар атрофи роҳу воситаҳои рушди фарҳанги миллӣ ва умумияти адабиёт ҳамчун рисолати таърихии он вусъат дода, масалан рӯҳи умумиятписандии аслии адабиётро дар ҳар давру замон дидан мехоҳад. Ӯ вақте ақидаҳои адабиашро дар қиёси таҳқиқи осори шоире ё тамоюлоти адабиёти як давр ташреҳ карданӣ мешавад, меъёр, албатта, шеъри худи шоир, ё падидаи дар бунёд ба ҳамон монанд зикр мешавад. Мақолаҳои ӯ аз қабили «Ғазалсарои бузурги Машриқ», «Сухансаро ва ифодакунандаи ғояҳои дӯстӣ», «Пушкини мо», «Мизони адабиёт», «Танқиди адабӣ омили пешравист», «Ифтихори ҳамаи халқҳо» (дар бораи халқияти осори Ованес Туманян) ва як силсила шеърҳои аз лиҳози мавзӯъ ва маншаи нияти

https://bikhon.tj/

эҷодӣ ба ҳам мувофиқ дар мадори андешаҳои адабии шоир қарор гирифтаанд. Ҳамчунин дар мақолаи «Пушкини мо» сухан на танҳо дар бораи «хотираи Пушкин» меравад, ки барои шоир муқаддас аст, балки он аз таассуроти тозаи Турсунзода аз шеъри шоир, аз адабиёти рус, аз сарнавишти шахсият ва образҳои воқеан ҷовиду нотакрори Пушкин ба ҳам омадааст. Дар тасаввуроту таассуроти Турсунзода Пушкин бо он бузургӣ дар доираи адабиёти миллӣ намегунҷад. Дар ҳар халқу адабиёт шоироне буданд, ки таъсири Пушкину шеъри ӯро ҳис кардаанд: «Дар Украина Тарас Шевченко, дар Польша Адам Митскевич, дар Арманистон Абовян ва Налбандян, дар Озарбойҷон – Охундов, дар Қазоқистон – Абай, дар Тоҷикистон – Туқай аз Пушкин илҳом гирифтаанд».

Ё худ дар шеъри «Ба Расул Ғамзатов» бахшидааш шоир таассуроти тозаи худро дар қиёси назокат ва қудрати назми саросарӣ баён кардааст, ки ифодаи ин эҳсосот минбаъд аз доираи як адабиёти миллӣ берун баромада ва дар масири айём ба меъёри арзишҳои башарии адабиёту фарҳанг табдил меёбад. Ин қабил афкор, ки маҳсули воқеии рӯзгор аст дар эҷодиёти шоир ҳамеша тавъам ифода ёфтааст. Мирзо Турсунзода дар мақолаи «Ифтихори ҳамаи халқҳо» аз боби мавқеъ ва ҷойгоҳи шахсиятҳои бузурги адабӣ ва фарҳангӣ дар рушди суннатҳои адабиёти миллӣ сухан ба миён оварда, ҳамзамон ғояи равнақи табиат ва саҷияи миллиро дар мисоли назм ва умуман осори адиби барҷастаи арман Ованес Туманян маънидод мекунад (242; 337).

Манзури мо аз таъбири «адабиётшиносии муосир», ё «даврони нав» ки борҳо ба такрор зикр шуд, ҳамон ҷараёни адабии солҳои 60-70 аст, ки эҷодиёти ин шоирон аз он ҷараён намояндагӣ мекард. Ин давраи адабиёт бо як қатор махсусиятҳои худ фарқ мекунад. Як хосияти ба назар намоёни адабиёти манзури назар ин аст, ки намояндагони воқеан барҷастаи он намояндагии як адабиётро бо ҳифзи суннатҳои миллӣ ба ӯҳда гирифтаву таъмин кардаанд. Вақте Мирзо Турсунзода дар шеъри «Дил барнагашт» (1963) мегӯяд, ки:

https://bikhon.tj/

Гарчи худ баргаштам, аммо дил аз он ҷо барнагашт,
Аз лаби дарё, канори шаҳри зебо барнагашт.
Тоҷикистони азизам, аз гуноҳи дил гузар,
К-ӯ дигар аз пеши ёри чашмшаҳло барнагашт. –

моҳият ва ҳолати қаҳрамони лирикиро дар рӯ ба рӯи ашёи тасвир қарор медиҳад ва он шеър дар осори ӯ ба мушаххасоти посдории суннатҳои фарҳангии як адабиёт табдил меёбад. Ин хосияти як давраи адабиёт, ки дар фавқ ишора рафт, маншаъ ва мабдаи дилгармии шоир аз мероси халқу миллат ва сарзамини дигар дар даврони нав аст. Николай Тихонов, Александр Фадеев, Мирзо Турсунзода, Чингиз Айтматов, Қайсин Кулиев, Расул Ғамзатов, Олим Қушоқов, Мустай Карим, Самад Вургун, Мирзо Иброҳимов, Наби Хазрӣ, Серо Хонзодян, Силва Капутикян, Рачия Ованесян, Ғафур Ғулом ва даҳҳо адибон адабиётро ба як аркони бузургу мустақим ва воҳиди ҳастии маънавии халқҳо табдил доданд. Рисолати адабиёт ва эҷодиёту фаъолияти ин зумра адибон таърихан ҷараён гирифт. Эҷодиёти онҳо намуна ва меъёри синтези адабиёт маҳсуб шуд. Мирзо Турсунзода ҳам ба воситаи эҷодиёташ, ҳам дар сари масъалаҳое, ки фаъолият дошт ва ҳам ба туфайли шахсияте ҷаззоб буданаш рӯҳи як адабиётро фаро гирифт. Симои Мирзо Турсунзода, шаҳомати шахсияти ӯ мафхумҳои умумияти суннатҳои фарҳангӣ, фаъолияти муштарак, таъсир ва эътибори адабӣ ва ғайраҳоро ба рӯи кор овард ва адибоне, ки ба ин ё он сабаб ба эҷодиёти ӯ муроҷиат мекарданд, ҳамин ҷихати осори ӯро, ки воқеан чашмрас аст, ба зудӣ пай бурданд. Садои сухани ӯ маҳз ба туфайли чунин хосияти эҷодиёташ ба дурдасттарин гӯшаҳои олам рафт.

Садои шоир дар паҳнои олам бо он рисолати граждание, ки дошт бо садои чашмаҳои софи кӯҳсорон ҳамнаво гардид.

Ин ҷо беихтиёр як пора аз дафтари хотироти Набӣ Хазрӣ – Шоири халқии Озарбойҷон ба ёд меоянд, ки ишора ба шаҳомати шеъру шахсияти Мирзо Турсунзода мекунад: «... Ин вохӯрӣ дар Карлово Вари Чехословакия ба вуқӯъ пай-

https://bikhon.tj/

васт. Боре, як пагоҳии моҳи сентябр ман ӯро дар ошёнаи якуми шифохонаи «Империал» вохӯрдам. Ӯ бо ҳамон табассуми меҳрубонона ва тозаи ба худаш хос ба истиқболи ман омад. Субҳи моҳи сентябр гӯё аз табассуми ӯ равшантар шуд. Ва ман дар ин лаҳза мусофир буданамро фаромӯш кардам. Дар паҳлӯям пири ботадбир, устод ва донишманд истода буд. Мо ба сари чашма ҳамроҳ, аксар вақт бо пайраҳа мефуромадем. Вай оҳиста роҳ мерафт. Кам гап мезад, аммо аз сидқи дил, бо завқ, кӯдаквор механдид.

Ман аз дил гузаронидам: агар кас кушодадилии бачагӣ, ҳатто соддадилиашро гум накунад, пас вай ҳама сифатҳои тозаву рӯҳбахши аввалашро аз даст нахоҳад дод.

Боре ман ба ӯ гуфтам:

– Устод, ман ба шумо бисёр ҳасад мебарам.

– Аз кадом ҷиҳат? Аз он, ки ман аллакай Мирзо-оқсақол шудам?

– Не, Мирзо-муаллим... ман аз он ҳасад мебарам, ки шумо Низомиро ба забони худаш мехонед...» (38).

Магар зиёда аз ин таассуроте, ки шоир инсонҳоро, миллатҳоро ва фарҳангу адабиётро ба якборагӣ фаро бигирад, буданаш мумкин аст?

Замоне, ки Мирзо Турсунзода зиндагиву эҷод карда буд, аз ҳар ҷиҳат замони рушди адабиётҳои милливу умумияти адабиётҳо буданд ва маълум шуд, ки он раванди табиии ба ҳам омадани адабиётҳо будааст, ки Мирзо Турсунзодаву ҳамсафони ӯ онро ба муҳити хеле созгори адабӣ табдил додаву минбаъда таҳким бахшидаанд.

М. Турсунзода дар Арманистон дӯстони бисёре дошт ва ба онҳо пайваста дар муносибати эҷодӣ буд. Аз ҷумлаи дӯстони армании Мирзо Турсунзода яке шоир Ҳмаяк Сирас буд*, ки ӯ дар хотираҳояш меорад:

Номи шоири шаҳири тоҷик Мирзо Турсунзодаро ман пеш аз нахустин вохӯриям бо ӯ шунида, тарҷумаи шеърҳояшро дар саҳифаҳои «Литературная газета» хонда

* Матни хотираҳои Ҳмаяк Сирас ба забони арманӣ аз таърихи 8-июни соли 1982 дар дасти муаллифи ин сатрҳост.

https://bikhon.tj/

будам. Ба ман, хусусан достонҳои «Садои Осиё» ва «Ман аз Шарқи озод» писанд афтода буд, ки муаллиф бо ин асарҳояш на танҳо тантанаи дастовардҳои ҳокимияти Советӣ, ҳаёти нави мардуми Шарқ, балки завқи халқи озодидӯсти онро бо маҳорати баланди шоирона ба тасвир кашидааст. Мутолиаи достонҳои мазкур моро бо шоир ва олами зебои ӯ шинос, ҳамдаму ҳамфикри халқи Шарқи соҳибистиқлол месохт.

8 январи соли 1952 Мирзо Турсунзода ба Ереван омад, вале қабл аз ин ман бо шоир моҳи декабри соли 1949 дар худи Тоҷикистон шахсан шинос шуда будам. Он вақт ман дар ҳайти вакилони Арманистон дар тантанаи 20-солагии республикаи ҷавони Тоҷикистон ширкат варзидам. Табиист ки дар рафти шиносоӣ бо хоҷагии халқ, санъат, маданият, тарзи зиндагии тоҷикон диққати маро сарчашмаи адабиёти ин халқ бештар ҷалб намуд. Хостам донам, ки назми тоҷик аз куҷо ва кай ибтидо гирифтааст. Охир, тоҷикон ҳам мисли мардуми Арманистон таърих ва адабиёти қадима доранд! Дар рафти вохӯрӣ ва шиносоиҳо, аввалин шуда дӯсти ҳамяроқам, нависандаи боистеъдоди тоҷик Сотим Улуғзодаро шинохтам.

Он рӯзҳо ба муносибати ин санаи муборак нашриёти давлатии Тоҷикистон силсилаи китобҳоеро аз осори классикони адабиёти тоҷику форс Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Умари Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз нашр намуд. Чопи ин гуна асарҳо ва дастраси омма гардонидани онҳо дар ҳақиқат нишони эҳтиром ва ғамхорӣ ба мероси бойи гузаштагон ҳисоб меёфт. Мирзо Турсунзода бо як ҳисси қаноатмандӣ ва ифтихор асарҳои классиконро ба мо нишон дода чунин мегуфт: «Насли имрӯза бояд ба ин асарҳо шинос шавад ба хуб фаҳмад, ки муборизаи мо дар солҳои мудҳиши Ҷанги Бузурги Ватанӣ баҳри чӣ буд. Дар рӯзҳои сахт ҳамаи он китобҳои дарсие, ки ба хонандаи тоҷик зарур буд, дар Ленинград, дар вагонҳо хобида буданд, вале он вагонҳоро лозим бул, ки ба фронт хизмат кунанд: бо хӯрокворӣ ва лавозимоти ҷангӣ таъмин намудани ҷанговарон муҳим буд. Бисёриҳо мехостанд вагонҳоро холӣ кунанл, вале чун ин суханҳоро А.А. Жданов шунид, ба қатъият гуфт:

https://bikhon.tj/

– Ленинград барои мо фронти муҳим аст, вале маърифатнокии халқи тоҷик низ камтар аз фронт нест.

Дар таҳти чунин фоҷиаи мудҳиш, дар зери борони тиру туфанг ин китобҳо то Душанбе омада расида ва ба мактаббачагон дастрас шуданд».

Ин хотираҳои тоҷикистонии ман аз нав, аниқтараш, бегоҳи 8 январи соли 1952 зинда гардиданд. Он рӯз шоир дар хонаи адибони Арманистон бо шоирону нависандагони арман вохӯрии аҷибе дошт. Хонаи адибон пур буд. Ба ин ҷо онҳое омада буданд, ки шоирро дӯст медоштанду ҳурматаш мекарданд. Бо хоҳиши барандаи вохӯрӣ ман бо дилу ҷон дар бораи М.Турсунзода, шиносоиамон ва муҳимтар аз ҳама, дар бораи рӯҳи интернатсионалии эҷодиёташ, ки бевосита ба мавзӯъҳои сулҳ ва дӯстии халқҳо бахшида шудаанд, чанд сухан гуфтам. Қайд кардам, ки адабиёти муосири тоҷик, назми он дар симои шоир М.Турсунзода ва асарҳои ӯ беҳтарин анъанаҳои адабиёти классикии тоҷику форсро мепарварад ва дар шакли боз ҳам зебову рехтааш даст – раси хонандагон мегардад.

Дар хотимаи суханам як рубоии Хайёмро, ки тарҷумаи арманиаш ба қалами Арам Чарг мансуб аст, ба забони арманӣ хондам. Аз толор овоз баромад: «Бо забони русӣ хон, то ки Турсунзода фаҳмад, ту чӣ мехонӣ?».

Барои ман он вақт бо забони русӣ хондани ин рубоӣ душвор буд ва ман чун бо забони тоҷикӣ канда-канда «Асрори азалро на ту дониву на ман» – гӯён ба хондан шурӯъ кардам, Турсунзода аз шодӣ ҷаҳида хест ва матни пурраи рубоиро ба забони шевои тоҷикӣ ба хондан сар кард:

Асрори азалро на ту дониву на ман,
В-ин ҳарфи муаммо на ту хониву на ман.
Ҳаст аз паси парда гуфтугӯи ману ту,
Чун парда барафтад на ту мониву на ман.

Ҳамин тавр, ба туфайли хондани як рубоии Хайём гуфтугӯи аҷибе дар бораи адабиёти классикии тоҷику форс сар шуд.

https://bikhon.tj/

Баъд шоирони дигар Силва Капутикян, Ашот Граши, Соғомон Таронси, Наири Зарян, Гегам Сарян, Рачия Ованесян ва дигарон сухан карда, тарҷумаҳои нави худро бо забони арманӣ ба шоир хонданд.. (185; 121-126).

Дар байни асноди дигаре, ки пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арманро дар низом ва даврони нав пур мекунанд ҳамчунин матни як барқияе ҳаст, ки шоири тоҷик Мирзо Турсунзодаро як гурӯҳи калони олимони адабиётшинос ба 60-солагии зодрӯзаш табрик гуфтаанд. Дар матни барқия гуфта мешавад, ки «Раёсати Академияи илмҳои РСС Арманистон ва Институти адабиёти ба номи Манук Абегян фарзанди пуршарафи халқи тоҷик, Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи ҷоизаҳои давлатии СССР ва Ленин, Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ, ходими бузурги ҷамъиятӣ, академики АИ РСС Тоҷикистон Мирзо Турсунзодаро ба шарафи 60 солагиаш табрик мегӯянд.

Дар симои ӯ мо яке аз чеҳраҳои дурахшон ва намояндаи арзандаи фарҳанги дерини халқи боистеъдоди тоҷикро, ки ба олам бузургтарин шоирони Шарқро додаст, мебинем. Мирзо Турсунзода анъанаҳои ононро дар асри XX давом дода истодааст.

Номи Мирзо Турсунзода дар Арманистон маъруфияти тамом дорад. Достонҳои «Ҳасани аробакаш» ва китоби шеърҳои «Садои Осиё»-и ӯро хонандагони арман хуб медонанд.

Дар симои Мирзо Турсунзода мо муборизи шӯълавар ва мунодии сулҳу бародарӣ ва ҳамдилии халқҳоро мебинем.

Дар рӯзи 60-солагии Мирзо Турсунзода – шоир, академик аз дилу ҷон табрик гуфта, ба ӯ саломатӣ ва эҷодҳои тоза барои адабиёти сермиллати советӣ мехоҳем.

Табрики моро ба сифати муҳаббат ба халқи бародари тоҷик қабул намоед.

Раёсати Академияи илмҳои РСС Арманистон, Институти адабиёти ба номи Манук Абегян, ш. Ереван, кӯчаи Кармир Банаки 15, 12 октябри соли 1971.*

---

* матни пурраи барқия дар дасти муаллифи сатрҳо.

https://bikhon.tj/

Дар муҳити Арманистон ва Тоҷикистон ибтидои асри XX як зумра шоиру нависандагон ва арбобони фарҳанг барои дар шароити нав шакл гирифтани адабиёт ва маърифати даврони пролетарӣ ва ба ҳам омадану дар як фазои мусоиди сиёсиву иҷтимоӣ рушд кардани он хизматҳои бузург карданд. Устод Айнӣ ва Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода ва Ҷалол Икромӣ, Ованес Туманян ва Аветик Исаакян, Сармен ва Дереник Демирчян, Ғеғам Сарян ва Амо Сагиян аз ҷумлаи адибон ва донишмандоне буданд, ки дар бунёди адабиёти нави даврони сотсиалистӣ ва тараннуми ғояҳои инсонпарвариву дар як оилаи ягона рушд кардани адабиёту фарҳанги пролетарӣ ва даврони нумӯи сотсиалистӣ бо таълифи асару мақола ва шеърҳои публитсистии ватандӯстӣ саҳм гирифтаанд. Адабиёти даврони нав ва ибтидои асри XX-и Тоҷикистону Арманистон ба туфайли офаридаҳои адибон он адабиёте гардид, ки дар худ беҳтарин анъана ва суннатҳои адабиёти даврони пешинро ҷо дода, ҳамзамон барои рушди минбаъдаи он дар муҳит ва фазои шӯравӣ мусоидат намуд. Яке аз суннатҳои маъмули адабиёти асрҳои гузаштаи тоҷикону арманҳо ин омӯзиш, баҳрабардорӣ ва истиқболи тарафайни шаклу мазмун дар низоми нави ибтикороти адабӣ буд ва аз ин ҷо мушкилоти таъсири мутақобилаи адабиёти тоҷику арман ва умуман бархӯрдҳои афкори адабӣ иборат аз ду шоха: интишор ва нуфузи афкори адабӣ-бадеии халқҳои эронӣ дар Арманистон ва интишор ва нуфузи афкори адабӣ-бадеии халқи арман дар Тоҷикистон баррасӣ мешавад.

https://bikhon.tj/

Боби III

ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛАИ АДАБИЁТҲО ДАР ЗАМОНИ ШӮРАВӢ

3.1. Таъсири мутақобилаи афкори адабӣ

Интишор ва сайру нуфузи афкори адабии халқҳои эронӣ дар аҳди қадим, форсу тоҷик дар асрҳои миёна ва мушкилоти адабиву фарҳангии халқи тоҷик дар муҳити адабӣ ва фазои маърифати халқи арман ҳамеша аз падидаҳои мақбул ва ҷараёнҳои амали мутақобила ва ниҳоят, муҷиби равнақ, рангорангӣ ва пайванди мустақими маърифатӣ будааст. Пиндорҳои некиву бадӣ ва умуман устураи форсии тоҷикӣ ва сайру таъсиру истиқболи он дар сарзамини Арманистони Бузург бо таваҷҷӯҳ аз ҷониби аромина мояи ташаккули пиндорҳои маънавӣ ва фарҳангии онҳо гардида буд. Шоирону нависандагони зиёди арман ҳамеша паи тавсифу тараннуми ҳаёти зебо дар фазои инсондӯстӣ ва самимияти саршор ба зиндагӣ умр ба сар бурдаанд. Яке аз саромадони илми адабиётшиносии давраи нави арман, академик М.Абегян мояи рушди адабиёти лафзӣ ва хаттии арманро аз қадимтарин даврaҳои тавлид ва ташаккул маҳз ба туфайли таъсири падидаҳои адабӣ ва фарҳангии халқҳои эронӣ дар ҳама даврaҳои рушди адабиёту фарҳанги Арманистон медонад. Масалан М.Абегян менависанд, ки «бунёди достонҳои ишқӣ дар бораи гул ва булбул ва васфи муҳаббати пок дар адабиёти арман аз асри Х ибтидо мегирад, вале, чунонки мо медонем, гулу булбул ба сифати таҷассуми муҳаббат дар адабиёти умумиҷаҳонӣ нахустин бор аз ҷониби шоирони форсу тоҷик васф шудааст ва ғ. Ба ҳамин монанд шоири асри XII Нерсес Шноралӣ дар ҷараёни таълифи осори таҳкияи худ аз адабиёти форсии тоҷикӣ, хусусан насри он илҳом гирифтааст (6, 383-384).

Пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман минбаъда аз ҳисоби шаклу навъҳо ва падидаҳои дигари адабиву

https://bikhon.tj/

фарҳангӣ инкишоф ёфта, он дар масири солҳо ва замонҳои гуногун хусусан аз ҳисоби шохаҳои дигари маърифатии халққҳо, нуфузи забони форсӣ, таъсири шаклу аносири осори лафзиву хаттии халққҳои форсу тоҷик дар адабиёт ва маънавиёти халқи арман «образ ва жанрҳои назмиву насрӣ бештар равнақ гирифт». Интишор ва нуфузи афкори адабӣ-бадеии халққҳои эрониро дар ҳамин ҳам қиёс кардан мумкин аст, ки «Шоҳнома»-ро дар Арманистон, ҳамчунон ки борҳо ба гуфта омад, ҳам ба забони форсии тоҷикӣ ва ҳам бо забони арманӣ бо зарби «дзайн» – ҷарангдор, бо овози баланд, бо оҳанг ва ҳамон вазни хоси «Шоҳнома» дар маҳфилҳои оммавӣ ва дар дайру калисоҳо мехонданд (5; 119-128).

Ба ҳамин монанд яке аз бузургтарин муҳаққиқони рус Валерий Брюсов бар он ақида қарор дошт, ки равнақи адабиёту фарҳанги арман ва дастовардҳои он ҳамеша ба адабиёти форсу тоҷик, шаклу унсур ва мазомину мӯҳтавои осори лафзиву хаттӣ ва рушди образ, низом ва сохтори поэтикии адабиёти форсу тоҷик дар зарфи ҳазорсолаҳо алоқаманд аст. Масалан, бо таъбири Брюсов нуфуз ва иқтидори забони форсӣ дар Арманистон ба сатҳе расид, ки онро ҳатто занҳои хонашин медонистанд ва чизи дигар таъкиди он ки эҷодиёти шоирони асримиёнагии арман ба тавассути тарҷумаи осори классикони адабиёти тоҷику форс, дар омӯзиши санъатҳои шеърии онҳо, таъсири адабиёт ва эҷодиёти шоирони алоҳида баръалоина ҳис шуда, тасвири образҳои маъмули адабиёти ин давр, амсоли шамъу парвона, ёру ағёр, гулу булбул ва ғ. хусусан дар сурудаҳои шоирони адабиёти асримиёнагии арман Фрик, Нерсес Шноралӣ, Константин Ерзнкатсӣ, Григорис Ахтамарсӣ, Сайёди Наво мақом пайдо кард ва минбаъда як ҳодисаи муқаррарӣ дар адабиёти арман гардид, ки дар шерозаи қазияи мазкур дар адабиётшиносии Арманистон як силсила тадқиқот анҷом ёфт. Дар ҳамин маврид зикр бояд кард, ки чунин падидаҳои хурду бузурги адабӣ, ба мисли зикри интишор ва сайру нуфузи афкори адабӣ-бадеии халққҳои эронӣ дар адабиёти арману муҳити адабӣ ва фарҳангии Арманистони аҳди нав аз доираи назар ва андешаҳои баъзе олимони

https://bikhon.tj/

худи Арманистон, масалан Арутюн Туршян (248, 33-40) берун мондааст.

Мероси гаронбаҳои классикони адабиёти тоҷику форс аз тарафи адибони арман қариб дар тамоми давраҳои инкишофи таърихи адабиёт мавриди тарҷума ва омӯзиш гардида буд. Беҳтарин олимон ва шоиру нависандагони арман ба тарҷумаи асарҳои Рӯдакиву Фирдавсӣ, Хайём ва Саъдиву Ҳофиз машғул буданд

Шарқшинос Юрий Веселовский низ дар як қатор асарҳои худ, ки ба таҳқиқи масъала ва паҳлуҳои мухталифи инкишофи адабиёту фарҳанги арман ва муносибатҳои адабӣ-бадеии халқҳои русу арман дар замонҳои гуногун бахшида шудаанд (40; 501), ҳамчунин бар он аст, ки беҳтарин дастовардҳои адабиёти арман аз шаклҳои хуби шеъри форсии тоҷикӣ ва мазомини олии инсондӯстонаи адабиёти ҳавза ва муҳити гуногун, вале дар руҳияи рушди муштарак ба ҳам омадаанд. Ӯ дар бораи нашъунамои назми халқии арман сухан ба миён оварда, ҳанӯз соли 1901 дар мақолаи пурмӯҳтавои худ «Армянская поэзия XIX века и её происхождение» (39; 97-123) гуфта буд, ки ду садсолаи охир давраи гул-гулшукуфии назми халқии арман ба ҳисоб меравад. Махсусияти рушди ин навъи назм бо сарварии Сайёди Наво ва эҷодиёти як дастаи дигари шоирони халқӣ Абзор-Одам, Сайёд, Туринҷ, Ҷиванӣ ва бисёр дигарон ба махсусияти инкишофи чунин навъи назм дар адабиёти форсии тоҷикӣ алоқа мегирад. Баъзан беҳтарин намунаҳои ин навъи шеъри форсиро ба ёд меорад. Веселовский мулоҳизаҳояшро давом дода менависад, ки дар асри X таҳти таъсири назми форсу араб шеъри арман муҷиби таҳаввули сахт ва боиси тавлиди як силсила шаклу навъҳои хаттии адабӣ дар он адабиёт гардид, ки онҳоро дар осори Григор Нарекатсӣ, Григорис Ахтамарсӣ, Нерсес Шноралӣ, Нерсес Благодат ба мушоҳида гирифтан мумкин аст.

Ҳамин тавр, интишори афкори адабӣ-бадеии халқҳои эронӣ дар қаламрави Арманистон ҷойгоҳи воқеӣ дорад ва назар ба иттифоқи аҳли илм шоирону нависандагони алоҳидаи арман таъсири файзбори адабиёти форсу тоҷик ва

https://bikhon.tj/

шаклу навъу унсурҳои он дар эҷодиёти онҳо фаровон ба чашм мерасад. Роҳҳои интишору вуруди аносири адабӣ дар муҳити адабӣ ва фарҳангии Арманистон гуногун буда, бештар ба ниёзҳои маънавӣ ва эҳтиёҷи маърифатии халқ нисбат дода мешавад. Шоирони маърифатпарвар ва огоҳи ин сарзамин дар даврони нав хусусан Ованес Туманян ва Аветик Исаакян дар назму наср аз дастовардҳои шоирони форсу тоҷику адабиёти форсии тоҷикӣ баҳраи вофир бурдаанд.

Ованес Туманян дар зиндагии кӯтоҳи худ, ки ҳамагӣ 54 сол умр дидааст, аз худ осори фаровоне боқӣ мондааст. Ин фарзанди кӯҳистони Лории Арманистон дар рӯзгори кӯтоҳ, вале пурфоҷиаи худ тавонист дар атрофи худ беҳтарин қувваҳои адабиро ҷамъ оварда, моҳияти адабиёт ва ҳадафи шеъру шоириро танҳо ба мақсади хизмат ба халқ, озодӣ ва маърифати ӯ равона намояд. Фаъолияти шоирӣ ва ҷамъиятии ӯ дар Тифлис ҷараён гирифта, ин марз ва маркази сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабиву фарҳангии хусусан охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар роҳи ба ҳам омадани халқҳо ва адабиётҳои гуногун ва аз ҷумла барои сабзиши ҳамаҷонибаи фаъолият ва ҷабҳаи маърифатпарварии ӯ мавқеи намоён дошт.

Иштироки Ованес Туманян дар ҷараёни адабӣ ва рӯйдодҳои сиёсиву фарҳангии давр дар тавсиаи маърифат ва ҷаҳонбинии воқеӣ нақши муҳим доштанд. Таъсиси иттиҳодияи адабии «Вернатун», муҳокимаи осор ва маводи рӯзмарраи даҳҳо рӯзномаву маҷаллаҳое, ки дар Тифлис бо забонҳои гуногун ба табъ мерасиданд, тарҷумаи осори назмиву насрии адибони халқҳои гуногун – Гейне, Шиллер, Рюкерт, Умари Хайём, Хоқонӣ – ҳамаи инҳо таҳти сарварӣ ва иштироки бевоситаи Ованес Туманян анҷом меёфтанд. Дар чанд соли фаъолияти шоирӣ ва маърифатхоҳӣ Туманян зиёда аз сесад мақолаҳои илмӣ ва публитсистӣ навишта, дар онҳо ба масъалаҳои рӯзмарраи адабиёт ва фарҳанг, нақд, таърихи адабиёт дахл карда, омӯзиши онҳоро дар як самт ва ҷараён, бо ҳифз ва гиромидошти арзишҳои олии инсонӣ, дӯстии халқҳо, эҳтироми адабиёту фарҳанги ҳамдигар талқин мекунад. Адабиётшинос Грант Тамразян дар як

https://bikhon.tj/

мақолааш аз арзишҳои адабӣ ва фарҳангии халқҳо пуштибонӣ кардани Туманян ва онҳо дар рушди мустақими афкори адабӣ-бадеии халқи арман ва маърифати хештаншиносии арманҳо садсолаҳо нақши муҳим бозиданашон сухан ба миён оварда, ҳамчунон меафзояд, ки «Туманян назми форсиро бисёр дӯст медошт ва нисбат ба офарандагони он эҳтироми зиёдеро қойил буд, чаро ки назми форсӣ ҳамеша бо мухтасоти ғано ва шаҳомати образҳояш дар қиёси адабиётҳои дигар имтиёз дошт ва аз хонандагону алоқамандони адабиёт, дӯстон ва ҳамқаламони худ даъват ба амал меовард ва ба онҳо тавсия медод, ки адабиёти форсу тоҷикро бештар мутолиа кунанд» (181; 52-75).

Муҳаққиқи дигари осори Туманян, академик Эдуард Ҷрбашян бар он аст, ки халқияти эҷодиёти Ованес Туманян аз гуногунии муроҷиати ӯ ба адабиёти халқҳои дигар ва арзишҳои умумиинсонӣ маншаъ мегирад. Масалан Э. Ҷрбашян дар ишора ба қазияи фавқ суханони нависандаи дигари арман Дереник Демирчянро иқтибос карда мегӯяд, ки халқият назария ва амалияи зиндагии Туманян буд ва барои он ки ӯ чунин суханҳоро гуфта бошад, пас Туманянро лозим буд, ки аз андӯхтаҳои таърихӣ ва адабӣ-бадеии халқҳо истифода намояд. Туманян дар Тифлис зиндагӣ ва фаъолият карда, рӯйдодҳои ду аср – охири асри XIX ва ибтидои асри XX-ро аз сар гузаронда ба рушд ва инкишофи адабиётҳои дигари ин сарзамин – озарбойҷонӣ ва гурҷӣ ва намунаҳои ашъори шоирони форсӣ дар тарҷума бефарқ буда наметавонист. Ованес Туманян дар тавлид, таҳаввул ва ташаккули адабиёти давраи пуртаҳлука, пурмубориза ва бонавӣ даромехтаи арман ва инкишофи забони адабии арман ҳамон нақшеро бозида буд, ки Садриддин Айнӣ дар равнақ ва тозагии забони адабии тоҷик, адабиёт ва фарҳанги халқи тоҷик бозидааст. Хизмати ин ду шахсияти бузурги халқҳои тоҷик ва арман дар инкишофи адабиёт ва фарҳанги миллӣ хеле бузург аст. Саҳми Ованес Туманян бошад боз ба он маънӣ бузург аст, ки ӯ шахсияти дорои маърифати баланди таърихиву адабӣ ва яке аз мубаллиғини пайвастаи дастовардҳои адабӣ ва фарҳангии халқи худу халқҳои дига-

https://bikhon.tj/

ри дунёст. Ӯ дар роҳи омӯзиш ва таҳқиқи мушкилоти назму насри форсии тоҷикӣ дар сафи пеши зиёиёни давр меистод. Ӯ дар таълифи ҳамаи асарҳояш хоҳ дар назм ва хоҳ дар наср, амсоли ҳикояи «Гикор», достонҳои «Ануш», «Назари далер», «Парвона» ва... аз равияҳои пешқадами адабиёт ва маърифати халқҳо пайгирона омӯхта, дар ҷараёни коркарду таҳрири гаштаву баргаштаи таълифоти тозаи худ ба андӯхтаҳои гузаштагон, анъанаҳои адабии халқҳои дигар ва низоми имтизоҷи унсурҳои адабӣ дар шаклу мазмун диққати бештар медод.

Ба пурсиши хонандагону муҳаққиқони осораш Туманян ҳамеша аз ваҳдати халқҳо ёд оварда ва хотирнишон мекардааст, ки шоир ҳамон вақт шоир мешавад, ки ӯ аз номи халқ ва ба номи халқ асар офарад, барои омма (181; 20-38).

Академик Э. Ҷрбашян дар тадқиқоти дигараш аз махсусияти осори Туманян сухан ба миён оварда, таъкид мекунад, ки эҷодиёти ӯ аз муносибат ба осори лафзии халқҳо ибтидо мегирад ва дар ташаккули маҳорати шоирӣ, ҳунари эҷод ва тамомияти ниятҳои бадеиаш адабиёти халқҳои дигар бештар мусоидат кардаанд. Афкори адабӣ-бадеии халқҳо ба ҷумлаи андӯхтаҳои воқеии на танҳо осори Туманян, балки умуман адабиёти арман дар шароити нави ҷамъият ва партави дастовардҳои тоза танҳо ба равнақи афкори ҳасана мусоидат менамояд (285; 6-110).

Ованес Туманян фикрҳо ва ғояҳои инсондӯстии худро, бар иловаи шеъру достон ва қиссаву афсонаҳои худ инчунин дар мақола ва мактубҳояш низ ифода кардааст. Дар маҷмӯаи мақола ва мактубҳои худ (241; 125) ки ба мавзӯи Русия ва фарҳанги русӣ тахсис мешавад, ӯ борҳо зимни ифодаи муносибати худ ба таърих, муҳити адабӣ ва фарҳангии рус ҳамзамон аз вазъияти кишвари худ, фоҷиаҳои таърихии он ва хусусан дар моварои муносибатҳои таърихии Россия ва Арманистон аз дардҳо ва мушкилоти таърихии халқи худ ёд меорад. Ӯ дар мақолаҳои «Таърихи дирӯз ва воқеияти имрӯз», «Ана, барои чӣ?», «Қазияи арманӣ ва халли он», «Давраи нави Шарқ» бо назари амиқ ва ибратбин, ба масъалаи тақдири таърихии халқи

https://bikhon.tj/

арман ва мусибатҳои ӯ бо нигоҳи айнӣ ва равшангароӣ арзишдоварӣ мекунад. Арманистон ва сарнавишти он барои Ованес Туманян қазияи ҷузъӣ ва танҳо мушкилоти халқи арман нест, балки як ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонист. Масалан, мақолаи «Таърихи дирӯз ва воқеияти имрӯз», ки дар партави муносибатҳои нави Россияю Арманистон навишта шудааст ва масъалаҳои қисмати ояндаи халқҳои Қафқоз ба сифати як ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ, нигаронӣ аз наслҳои ояндаи хусусан миллати ҷафодидаи арманро дар бар мегирад, чунин сар мешавад:

«Боз аз нав овози нолаву фарёди шинос ва хабари мудҳиш ба гӯш мерасад: «Дар Туркия арманҳоро сар бурида истодаанд!...»

Аз нав кобуси сиёҳи ҷангу хушунат дар болои мо вазнин лангар андохтааст ва аз нав дили кӯҳантарин сокини ҷабрдидаи Шарқ – халқи арман сахт сард мешавад... Ҳазору нӯҳсаду дувоздаҳ сол аст (мақола соли 1912 навишта шудааст – А.Д.), ки халқи арманро мекушанд, вале ӯ намемирад, ҳазору нӯҳсаду дувоздаҳ сол мешавад, ки халқи арманро шиканҷа медиҳанд, сар мебуранд... вале халқи арман ва мамлакати Арманистон зинда аст...» ва ғ. (241; 24-29).

Ҳамчунин мулоҳизаҳои пурқимати Туманян дар бораи адабиёти миллии халқҳо, худшиносии таърихии онҳо, тарзи муносибат ба арзишҳои аслии миллӣ, ба мисли забон, адабиёт ва фарҳанг дар мақолаҳои ба нақд ва адабиётшиносӣ бахшидаи ӯ ба хубӣ ифода ёфтаанд. Ӯ вақте дар бораи арзишҳои миллӣ ба ҳайси унсури асосии афкори адабӣбадеӣ сухан меронад, ҳамеша аз **халқҳо** ва **миллатҳои** гуногун ёд мекунад. «Халқҳо – мегӯяд Туманян, – тавассути адабиётҳо миллат мешаванд, ба миллат табдил меёбанд ва ба сафи халқҳои соҳибтамаддун дохил мешаванд. Адабиёт рӯҳи халқ, шараф ва ифтихори ҳар халқ аст, муқаддасот аст». «Ҳар халқ, аз ҷумла халқи арман, дастовардҳои адабиёти миллии худашро бояд чун комёбии шахсии худ донад. Адабиёти ватанӣ – ифодагари рӯҳи халқ аст» ва ғ. Ё худ «халқҳо метавонанд дар дунё бисёр чизҳоро гум ку-

https://bikhon.tj/

нанд, аз даст диҳанд, вале онҳо зинда мемонанд, агар хат ва адабиёти худро дошта бошанд (241; 85-86).

Воқеан, барои он ки мо чигунагии интишор ва сайру нуфузи афкори адабӣ-бадеии халқҳои форсу тоҷикро дар ҳаёт ва муҳити адабӣ-фарҳангии Арманистон тадқиқ ва баррасӣ карданӣ бошем, аз байни садҳо шоиру нависандагони арман, ки роҳи камолоти эҷодии онҳо ба хатти сайру таъсири унсурҳои адабии форсии тоҷикӣ алоқа мегирад, бояд ба даҳои шоирии ду тан аз бузургтарин фарзандони соҳибмаърифати арман – Ованес Туманян ва Аветик Исаакян арҷ дод. Сатҳи маърифати шоире чун Туманян дар ҳадди имтизоҷи таърихиву адабии даҳҳо адабиёти миллӣ қарор дорад ва ҷараёни адабиёти ҷаҳонӣ ба мисли Ованес Туманян кам шахсиятҳоро ба ҳайси мунодии дӯстии халқҳо, муҳофизи арзишҳои адабиву фарҳангии миллӣ ва пуштибони роҳи бедорӣ ва худшиносии халқҳо медонад. Худи роҳи пурпечутоби зиндагӣ, сарнавишти пурфоҷиаи ӯ, шиканҷа ва истисмору ҳабсу маҳкама – инҳо ҳама дар роҳи ҳифзи адабиёти миллӣ ва пуштибонӣ аз арзишҳои маънавии халқҳост ва Тифлиси охири асри XIX ва ибтидои асри XX барои чандин адабиёту фарҳанг ва намояндагони халқҳои гуногун дар ҳақиқат гаҳвораи умедҳо гардида буд, ки шароити айнии талошҳои маърифатхоҳӣ ва ҷадалҳои маорифпарварӣ дар ин сарзамин худаш фаро расида буд. Дар ин замина муносибати эҷодии Ованес Туманян бо нобиғаҳои адабиёти ҷаҳонӣ Шекспир, Шиллер, Толстой, Хайём, Ҳофиз, Саъдӣ, Гейне ва... муносибати ҳақиқии омӯзиш, истиқболи адабӣ ва роҳи ғано ва ташаккули адабиётест, ки худи Туманян аз он намояндагӣ мекард. Туманян ба тавассути муроҷиат, эҳтиром ва омӯзиш аз осори намояндагони адабиёти халқҳо тафаккури илмӣ ва адабии халқи худро дар сатҳе болотар аз воқеият таъмин мекард. Масалан муҳаққиқони осори Туманян бар онанд, ки бар иловаи ҳикоя, шеър, достонҳои хурду бузург, мақола, мактуб, хотирот, эссе ва... ӯ ҳамчунин афсона ва рубоиёти бисёре гуфтааст. Жанри афсонаро ӯ аз мушкилтарин жанри адабӣ медонист ва рубоиро назм дар ниҳояти назокат ва наққошӣ меномид. Дар эҷодиёти Тума-

https://bikhon.tj/

нян воқеан афсона ва рубоӣ, ки он ҳарду аз писандидатарин намуди адабии халқҳои форсу тоҷик ҳам ҳаст, фаровонанд. Дар бойгонии шоир, ки дар осорхонаи адабии худаш маҳфуз аст, 60 гӯиши як афсонаи шарқиро дидем, ки худи Туманян онҳоро ҷамъ овардааст. Ин афсонаҳо аз орзую омоли мардум, ниятҳо ва мақсадҳои халқҳои гуногун дар роҳи зиндагии хуб нақл мекунанд ва Туманян беҳтарин роҳи ба дили халқ роҳ гирифтан ва аз рӯзгори ӯ ҳикоят карданро дар бофти афсона медид. Осори лафзии халқи арман ва соири халқҳои дигар, ки афсонаҳои онҳоро (хусусан афсонаҳои шарқиро) Туманян аз роҳи интерпретатсия ва тарҷума меомӯхт, барои ҳар чӣ густурда фаро гирифтан ва ифода кардани дарду ормонҳои халқ истифода мебурд. Ӯ як афсонаи шарқӣ-япониро, ки «Гунҷишки забонбурида» ном дошт, аз роҳи тарҷумаи русиаш ёфта, бо коркарду таҳрири чандинкарата гунаи армании онро навишт, ки «Лезун ктрас ситик» ном дошта, ормонҳои волои ватандорӣ, адолат ва хайрхоҳиро ифода мекунад ва бар хилофи зарбулмасали русии «что посеешь, то и пожнешь» садо медиҳад. Лейтмотив ва рефрени афсонаро дар адои кори хайр ва фараҳи хушбахтӣ Туманян бо ду гунаи зарбулмасал ифода мекунад: яке ҳомии адолат будан аст, ки «посеешь добро – пожнешь счастье» мегӯяд, дигари ҷӯяндаи нуқс аст, ки мегӯяд: «посеешь ветер – пожнешь бурю, несчастье» ва ғ. Муҳаққиқони жанри афсона бар онанд, ки ин гунаи афсонаи Ованес Туманян, ки дар се забон ва дар муҳиту афкори адабӣ-бадеии се халқ интишор ёфтааст, на танҳо дар эҷодиёти Туманян, балки дар адабиёти арман бозёфт аст (181; 66-149).

Муносибати Ованес Туманян ба афкори адабӣ-бадеии халқҳо ва роҳу васитаҳои корбурди он ҳар хел аст. Вале ӯ аз миёни дастовардҳои суннатии адабиёти халқҳо ба адабиёти шарқ ва тафаккури шарқӣ бештар сари кор гирифт. Афсонаҳои шарқии эронӣ, эпос ва устураи форсии тоҷикӣ, ки манбаи пиндор ва ибтидои амалашон дар тафаккури таърихӣ-бадеии халқҳои тоҷику арман ҳамгун будааст (160; 736), дар таҳрир ва коркарди нави ҳамчунон бо диди шарқии Туманян хос рангу равғани дигар гирифтаанд.

https://bikhon.tj/

Умуман таваҷҷӯҳ ба Шарқ ва муҳити адабу фарҳанги шарқӣ дар ниҳод ва тафаккури Туманян аз солҳои даҳуми ибтидои асри ХХ оғоз мегирад. Ӯ ба таври ҷиддӣ ба омӯхтани фарҳанги халқҳои шарқ, таърих, фалсафаи онҳо шурӯъ мекунад ва ба тарҷумаи осори адибони Шарқ камари ҳиммат мебандад. Дар китобхонаи шахсии шоир, ки дар як гӯшаи зебову барҳавои осорхонаи ӯ ҷой гирифтааст, даҳҳо нусха ва чопҳои русиву форсиву армании асарҳои Саъдӣ, Хоқонӣ ва Ҳофизу Умари Хайёмро дидан мумкин аст, ки онҳо дар роҳи интишори афкори адабии халқҳои эронӣ дар Арманистон нақш бозидаанд. Ӯ бисёр мехост тамоми олами Шаркро дар муҳити адабии Арманистон ҷой диҳад. Дар мақолаи «Иқтибосоти забонӣ» ӯ ба муқобили онҳое эътироз кард, ки онҳо иқтибосоти аврупоиро мепарастиданду вожаҳои омади шарқӣ-форсии тоҷикиро не.

Моҳи декабри соли 1919 навишта буд, ки «Мо мардуми шарқӣ, вале шаркро намедонем, айб аст. Ҳамсояҳои худро намедонем, адабиёташонро низ. Асрҳои аср паҳлӯи ҳам зиндагӣ мекунем, ҳамсояем, вале намедонем, ки тафаккур ва санъати онҳо чӣ офаридааст?» Солҳои кору фаъолият дар Тифлис бо аъзои иттиҳодияи адабии «Вернатун» Д.Демирчян ва Л. Шант мегуфт, ки ман пештар дар қайду басти Пушкину Лермонтов будам, акнун ба Шарқ меравам.

Таълифи рубоӣ дар замони нову адабиёти давраи нави арман ба ному фаъолияти Ованес Туманян алоқаманд аст. Дуруст аст, ки жанри рубоии форсӣ ба ҳамон шакли қофиябандии **ааба** дар адабиёти асрҳои миёнаи арман фаровон буд ва қариб ҳамаи шоирони адабиёти асримиёнагии арман дар ин шакл ва жанри маҳбубу марғуб шеър гуфтаанд, вале рубоиёти Туманяну мавзӯъву мундариҷаи он тамоман дигар, ба ҳадде шарқӣ аст. Туманян барои он ки дар таълифи рубоӣ муваффақ шавад, корро аввал аз омӯзиши ҷиддӣ ва тарҷумаи рубоиёти классикон, аз ҷумла тарҷумаи рубоиёти Хоқонӣ сар кард ва баъди омӯзишу тадқиқи осори Хоқониву Хайём ва тарҷумаи чанд рубоиёти онҳо ба хулоса омад, ки рубоиро бояд дар синни камолот, баъди андӯхтаҳои зиёде, чун ҷамъбасти роҳи паймуда бояд на-

https://bikhon.tj/

вишт. Солҳои 1916-1917 дар айни авҷи фоҷиаҳои арманкушии оммавӣ аз ҷониби Туркия, хусусан баъди геносиди 24 апрели соли 1915 Туманян тавонист чанд рубоӣ гӯяд, ки онҳо вазни дарду гаронии фоҷиаи халқи арманро ифода мекарданд:

Море скорби моей глубоко и безбрежно,
И несметных полно драгоценных камней.
Гнев мой полон любви, безмятежной и нежной,
Ночь во мне. Но какие созвездия в ней... (181; 246)

Туманян аз рӯи чопи интиқодии рубоиёти Хоқонӣ, ки шарқшинос Карл Залеман (СПБ, 1914) онро тайёр ва чоп карда буд, шаш рубоии Хоқониро ба забони арманӣ тарҷума кард. Дар осорхонаи адабиёт ва санъати ба номи Еғише Чаренси Арманистон, дар фонди Туманян китоби мазкур бо қайдҳо дар ҳошия ва сиёҳнависи тарҷумаи се рубоии Хоқонӣ маҳфуз аст, ки дар яке аз варақҳо чунин қайди шоир бо забони арманӣ навишта шудааст: «Русерен таркманен» – «аз русӣ тарҷума кардам».

Ованес Туманян барои тарҷума ҳамон рубоиҳоеро интихоб кардааст, ки ба рӯҳаш наздик бошад ва дарду армонҳои шоирро ифода карда тавонад, балки бояд онҳоро худаш эҷод мекард. Ин ҷо ғазаб ҳам ҳаст адоват ҳам ва дардҳои дар худии шоир аз вафоти фарзандаш – Артик, ки соли 1918 дар Ван аз ҷониби туркҳо кушта шудааст:

Он ушел и сердце мое не возвратилось от него,
Я слежу за ним, направив глаза на дорогу,
Приложив ухо к дверям (в ожидании)
Глаз мой приходит к уху (с вопросом):
Имеешь ли известие о нем? (181; 246)

Муҳаққиқони арман, аз ҷумла И.Сафразбекян, А. Инҷикян ақида доранд, ки дар адабиёти ҷаҳон дар пайравӣ ба Умари Хайём ва таълифи рубоиёт, ки воқеан аз тамомия-

https://bikhon.tj/

ти ин жанр дар як адабиёт, масалан адабиёти арман шаҳодат диҳад, касе аз шоирон дар пояи маҳорат ва даҳои шоирии Ованес Туманян нарасидааст. Шакли ҳайратовари ифодаи ҳиссиёт, андешаҳои амиқи фалсафӣ, мувофиқати томи шаклу мазмун Туманянро водор кардааст, ки Умари Хайёмро дӯст дорад ва ӯро чун бузургтарин нобиғаи адабиёти ҷаҳонӣ пайравӣ намояд. Маълум, ки омӯзишу тадқиқ ва тарҷумаи рубоиёти Умари Хайём дар Арманистон ҷойгоҳи муносиб дорад ва чун дар фаслу бобҳои гузашта борҳо ба такрор омад, тамомияти жанри рубоӣ дар адабиёти арман ба ном ва осори Хайём алоқаманд аст. Наздики чиҳил маротиба ба забони арманӣ тарҷума шудани рубоиёти Хайём гувоҳи он аст, ки Хайём ва рубоиёти ӯ барои Арманистон ва хонандаи арман шоири худӣ аст, бегона нест. Лекин дар ин миён ба Хайём муроҷиат кардан ва ба воситаи тарҷумаҳои нав арзишҳои ҳунарии шеъри Хайёмро арҷ додани Туманян дар муҳити адабии Арманистон падида буд. Масалан, шоири рус Карней Чуковский баъди мутолиаи китоби «Рубоиёт»-и шоир дар тарҷумаи Наум Гребнев ба хулоса омада буд, ки «як рубоии Туманян метавонад мавзӯи як диссертатсияи калон гардад» (242; 282-286). Дар воқеъ ҳамрӯҳии эҷодии ин ду тан шоир – Хайём ва Туманянро аз он ҳам фаҳмидан душвор нест, ки рубоиёти Туманянро танҳо мутарҷимони рубоиёти Хайём ба забони русӣ К. Липскерова, А. Пресса, Ф. Корш, Н.Гребнев ва... тарҷума кардаанд.

Туманян рубоиёти Умари Хайёмро аз рӯи тарҷумаҳои русии Ф.Корш ва тарҷумаҳои армании Гарник Фндклян омӯхтаву тарҷума кардааст. Ҳамчунин маълум гардид, ки Туманян дар асарҳои бадеӣ ва мақолаҳои илмии адабиётшиносиаш ба Хайём бисёр рӯ овардаву номи ӯро бо муҳаббат зикр мекардааст. Ӯ дар афкори адабӣ-бадеии арман нахустин маротиба осори шоири адабиёти асримиёнагии арман Овнатан Наққошро дар муқоиса бо рубоиёти Хайём омӯхта, тадқиқ ва ҳамрӯҳии осори ин ду шоири ду адабиёти гуногунро дар як контекст нишон дода буд. Масалан, мутолиаи рубоии машҳури Хайём:

https://bikhon.tj/

Пеш аз ману ту лайлу наҳоре будаст,
Гарданда фалак низ ба коре будаст.
Зинҳор қадам ба хок оҳиста ниҳӣ,
К-ин мардумаки чашми нигоре будаст –

Туманянро водор кардааст, ки гунаи тамоман нави рубоии дигарро бигӯяд.

Ҳамин тавр, Ованес Туманян ба сифати намояндаи адабиёти Шарқ тавонист ормонҳои ҳазорсолаи халқи худро дар эҷодиёти худ таҷассум сохта, бо ин муҳит ва тафаккури адабӣ-бадеии халқи арманро бо беҳтарин намунаҳои осори бадеӣ пур намояд. Муносибати Туманян ба Шарқ ва адабиёти форсу тоҷик танҳо бо муроҷиату омӯзиши ӯ аз Хайём маҳдуд намешавад. Ӯ осори Саъдиву Ҳофизро хусусан дар тарҷумаҳои арманӣ на кам аз рубоиёти Хайём мутолиа кардаву таъсир пазируфтаст. Доираи муроҷиат ва муносибати Туманян танҳо дар доираи адабиёти форсу тоҷик ҳамчунон маҳдуд намонда, ӯ мафҳуми Шарқ ва адабиёти Шарқро дар меҳвари якчанд адабиёт, аз ҷумла адабиёти мамолики араб, ҳинд, хитой, япон ва... ба доираи омӯзиш, тадқиқ ва муқоиса мегирад, ки аз ин амали созандагӣ адабиёти арман бурд кардааст. Ин нависандаи ҳамрози халқ ҳамеша бо халқ буд ва аз дарду ормонҳои таърихии халқ месуруд. Ӯ тавонист моҳият адабиёт ва арзишҳои маънавӣ ва маърифатиро ба зеҳни халқҳо ва мамлакатҳо расонад.

Нахустин асари Ованес Туманян соли 1880 ба номи «Меҳру моҳ» дар маҷаллаи «Ахбюр» (Чашма) нашр гардидааст. Худи ҳамон сол дар Москва маҷмӯаи шеъру достонҳои ӯ ба табъ мерасад. Аввалин китоби шоири ҷавон аз ояндаи дурахшони суханварӣ ва истеъдоди бузурги ӯ муждагонӣ дод. Маҷмӯа ба забони ҳол мегуфт, ки дар кӯҳистони Арманистон, ки овозаю шӯҳраташ аз қуллаҳои ахтаргири он баландтар аст, шоири дилогоҳ, ҳамрози халқи заҳматкаш ва беваю бечорагон, сарояндаи озодӣ ва ҳақиқат ба дунё омадааст.

https://bikhon.tj/

Замоне, ки Туманян ба майдони адабиёт қадам ниҳод, замоне буд, ки ноҳамвории зиндагӣ бештар ба назарҳо расида, қадри инсони заҳматкаш паст гардида буд. Вале рӯзгор дар батни худ тифли инқилобро калон мекард. Ҷавони жарфбин ва мушоҳидакор Туманян аз зиндагии сахти ҳамватанони муфлисаш ва зулму асорат ба танг омада, озодӣ ва халосиро аз чанголи ҳар гуна балою бадбахтиҳо дар муборизаҳо меҷуст. Ӯ ба хулосае омада буд, ки фардои осудаю хушбахтонаро фақат ба воситаи муборизаи сахту беамон ба даст овардан мумкин аст.

Асарҳои Туманян мисли худаш дар миёни задухӯрдҳои шадиди зиндагӣ ба камол мерасиданд ва нақши рӯзу рӯзгори худро доштанд. Туманян аз нахуст ба муқобили ҳар гуна ҷараёнҳои иртиҷоии адабӣ ва буржуазӣ бархоста, ягона равияи дурусти замон – реализми танқидиро ҳимоят кард ва дар заминаи он асарҳои худро офарид. Ӯ пеш аз ҳама, аз он ҷиҳат реализми танқидиро тарафдорӣ намуд, ки ба халқи заҳматкаш, ба гули сари сабади ҷамъият бисёр наздик буд, гузаштаи халқи худро, таърихи муборизаҳои онро хуб медонист ва бо он ифтихор мекард. Ӯ мехост, ки тамоми сарватҳои маънавии халқи арманро, ки дар тӯли асрҳо ба вуҷуд оварда, аз дасти душманон эмин доштаанд, бо маданияти имрӯзаи халқаш пайванд диҳад.

Ба ақидаи Туманян «шоир дили миллат аст ва ҳар қадар, ки бо халқу ватан наздик гардад ва ба фаҳлавиёт амиқтар фурӯ равад, ҳамон андоза номаш вирди забонҳо мегардад ва бузургтар мешавад. Фақат бо ҳамин роҳ суханвар барои худ дар адабиёт мақоми шоиста меёбад».

Дар беҳтарин асарҳои Туманян мисли «Сакои Лорӣ», «Довуди Сосунӣ», «Истилои Тмкаберди», «Дар кӯҳҳои Арманистон», «Ҳамроҳи Ватан», «Гармобаи сангин», «Рафиқи ман Несо», «Назари диловар» ва ғайра рӯҳи халқи арман, муборизаю умеду орзуҳо ва андешаҳои амиқу ғояи ҷовидонӣ будани он таҷассум ёфтаанд.

Туманян дар миёни нависандагони Арманистон аввалин шуда ғалабаи инқилоб ва дар Арманистон барқарор шудани Ҳокимияти Шӯравиро табрик кард.

https://bikhon.tj/

Сохти тозаи иҷтимоӣ барои ривоҷу равнақи адабиёту фарҳанги Арманистон низ имкониятҳои бузург фароҳам овард. Туманян аз нахустин комёбиҳои сохти нав, ки таҷассуми орзуҳои ӯ ва ҳамаи ситамдидагон буд, хурсанд гардида, навишта буд, ки Россияи нав дар таърихи башарият давраи тозаро кушод.

Ованес Туманян аз хусуси мақоми эҷодкор сухан ронда навишта буд, ки «Эҷодкори ҳақиқӣ на танҳо давру замони худро инъикос мекунад, балки, бар илова, ӯ дар роҳи офаридаи нақши инсони бузургу ҷавонмард, поку хушгавҳар тамоми оташи дили худро бедареғ сарф мекунад»?!

Соли 1969 100-солагии шоири бузурги асрҳо ва замонҳо дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он ҷашн гирифта шуд. Ба ҷашни Ованес Туманян Мирсаид Миршакар ба Арманистон рафта, дар маҷлису маҳфилҳои илмӣ иштирок ва сухан кард. Ӯ аз ҷумла дар яке аз ҷаласаҳои тантанавӣ дар ватани шоир гуфта буд, ки «эҷодкори бузург Ованес Туманян тамоми умри худро, бо ибораи худаш «ба боғи сафед не, ба майдон табдил» дод. Аз ин майдон ба тамоми олам ашъори оташини ӯ садо доданд. Халқи тоҷик осори Туманянро арҷ медиҳад ва дӯсташ медорад, осореро, ки дар заминаи тантана ва шаҳомати хасоиси халқият дар назм ва нақши методи реалистиро дорад.

Таҷлили ҷашни фарзанди содиқи арман, ки ба Ереван ҳазорон хонанда ва мухлисони осори ӯро ҷамъ кардааст, тантанаи ғояҳои ленинии дӯстии халқҳои шӯравист.

Эҷодиёти Туманян барои халқи тоҷик, ки фарзанди халқи арманро ба оилаи тифоқи худ ба сифати азизтарин фарзанд ва писари пуршараф қабул кардааст, вокеан азиз мебошад (242; 123-124).

Дар ин зимн Сӯҳроби Дӯстдор – фиристодаи сарзамини Эрон дар маҷлиси тантанавие, ки бахшида ба 100-солагии Ованес Туманян дар Ереван баргузор гардид, гузориш дода, аз ҷумла чунин гуфта буд. «Бароям бузургтарин шараф аст, ки дар тантанаи 100-солагии зодрӯзи шоири пуршарафи арман Туманян суханронӣ мекунам. Инро ман мехоҳам аз ду ваҷҳ шарҳ бидиҳам: қаблан ба шарафи фарзанд ва паёмбари

https://bikhon.tj/

бузург ва сипас, арзи сипос аз меҳмоннавозии халқи арман.

Туманян дар осори безаволи худ фикрҳои Саъдиро, ки 750 сол қабл гуфта буд, ифода кардааст:

Бани одам аъзои якдигаранд.
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.

Риштаҳои дерини дӯстӣ арманиҳоро бо халқҳои эронӣ мепайвандад. Ҳозир зиёда аз дусад ҳазор арманҳо дар шаҳру деҳот ва музофоти Эрон зиндагӣ мекунанд. Бисёр фарзандони арманӣ дар мамлакатҳои Эрон дар вазифаҳои баланд: вазир, сафир... кор кардаанд. Имрӯз низ дар Эрон шоирону эҷодкорон, сароянда ва духтур, хунарманду муҳандис фаъолият доранд. Осори адибони Арманистон борҳо ба забони форсӣ тарҷума ва чоп шудааст. Дар таркиби забони арманӣ зиёда аз ду ҳазор вожаҳои решагии форсӣ мавҷуданд, муносибатҳои адабӣ ва фарҳангии Эрону Арманистон таърихи сеҳазорсола дорад. Ин ду халқ ҳамеша дар низоми сулҳ ва фазои дӯстиву муҳаббат мезистанд» (242; 130-131).

Ҳамчунин рӯзномаи «Советакан Ҳайастан» аз 26 апрели соли 1969 дар саҳифаҳои худ хабар дода буд, ки «дар Эрон 100-солагии Ованес Туманян ботантана ҷашн гирифта шуд». Дар мақолае, ки таҳти унвони «Шоири бузурги арман» рӯзномаи «Кеиян интернейшил» чоп кардааст, аз саҳми Туманян дар рушди адабиёти ҷаҳон ҳикоят мекунад. Шеъру достон, ҳикоя ва манзумаҳои ӯ, мақола ва осори публитсистии Туманян пайкараи бузурги шоиранд. Байни эҷодиёти Туманян ва назми форсиву адабиёти он ришtаи мустақими пайванд аст, – хулоса мекунад рӯзнома. Ҳамон шабу рӯзи таҷлили ҷашни шоир, дурусттараш 24 сентябри соли 1969 рӯзномаи русизабони «Коммунист» (Арманистон) мақолаи Мирзо Турсунзода «Ифтихори ҳамаи халқҳо»-ро чоп кард, ки дар он аз ҷумла чунин гуфта мешавад:

https://bikhon.tj/

«Оғозгоҳи эҷодиёти Ованес Туманянро ман дар сарнавишт ва тақдири таърихии халқи арман мебинам. Ӯ дар мушкилтарин давраи таърихи халқи арман зистааст, дар осораш ғаму андӯҳи халқ ва муқаддастарин орзуи озодии онро инъикос кардааст.

Нависанда дорои имкониятҳои васеи эҷодӣ ва маърифати ақлонист, ки дар эҷодиёташ ҳамаи навъҳои адабӣ-лирика, эпос, рубоӣ ва достонҳои бузург дида мешавад. Ованес Туманян бо халқи худ зиста, шарики шодию ғами халқаш будааст, фоҷиаи халқи арман фоҷиаи шахсӣ ва зиндагии ӯ буд. Дар мисраҳои оташбори шоир ҳиссиёти баланди муҳаббат ба ватан ва халқ маҳфуз аст. Барои ҳамин ном ва назми Туманян аз қуллаҳои Арарат ҳам боло рафтааст. Мисол, достони «Довуди Сосунӣ»-и шоир, ки илҳом аз назми халқист, рӯҳи шикастанашавандаи халқро ифода мекунад. Шоир дар достони дигар – «Муҳосираи қалъаи Тмук» аз ривояти дерини халқӣ ҳикоят мекунад. Дар достони мазкур Ованес Туманян ба Фирдавсӣ истинод мекунад ва ин амал ӯрову эҷодиёти ӯро ба халқи азизи ман – тоҷикон наздик мекунад, ки он соҳиби адабиёти классикии қадим буда, асоси онро Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ гузоштаанд...» (242; 337).

Дар китоби маърифати халқи Арманистон ҳаёт ва эҷодиёти бузургтарин шоири асру замонҳо Аветик Исаакян саҳифаи махсусест. Ӯ аз серхонандатарин шоири арман аст. Адабиёти Арманистони даврони нав ба ному эҷодиёти Аветик Исаакян сахт марбут аст. Ӯ адабиёту фарханги давраи нави Арманистонро дар баробари адибони дигари ин сарзамин Ованес Туманян, Иоаннес Иоаннесян, Дереник Демирчян, Аршавир Дарбнӣ, Ғеғам Сарян, Наири Зарян ва... пеш бурдааст. Аветик Исаакян рӯзгори сахти пурпечутоб ва пур аз фоҷиаро ҳам дар ватан ва ҳам дар мусофирати маҷбурӣ дар мамолики Ғарб ба сар бурда, воқеияти давр ва ҳодисаҳои аз сар гузаронидаи худро дар шеъру достон ва осори тамсилиаш инъикос кардааст. Аветик Исаакян (1875-1957) рӯзгори пурбаракатеро дар масири зиндагӣ паси сар карда, баъдтар тавонист дар рушди адабиёти асри XX на танҳо Арманистон, балки дар инкишофи ҷараёни адабӣ ва

https://bikhon.tj/

маърифатии ҷаҳонӣ саҳм бигирад. Шинохти арзишҳои маънавии инсоният, ба мисли шоири дигари ҳамназари худ Ованес Туманян, мояи асосии осору рӯзгори ӯ буд. Дар шаклгирии афкори адабӣ-эстетикии Исаакян омӯзиши андӯхтаҳои адабиву фарҳангии давр мусоидат кардааст. Даҳои Аветик Исаакянро ба он ҳам қиёс кардан мумкин аст, ки бузургтарин шоирону олимони рус, ба мисли Александр Блок, Валерий Брюсов, Юрий Веселовский дар амали тадқиқ ва тарҷумаи осори Исаакян саҳм гирифтаанд (163; 217). Афкори адабии арман хусусан як давраи инкишофи он – охири асри XIX ва нимаи авали асри XX ба ном ва осори Аветик Исаакян алоқаманд аст.

Зодгоҳи шоир шаҳри Гумрӣ дар сарҳади бархӯрдҳои сиёсӣ ва маърифатии Арманистони Шарқиву Арманистони Ғарбӣ (ҳудуди Туркия, Константинопол, Анталия, ҳамвориҳои пушти Арарат) ҷойгир шудааст. Баъди ҳамроҳшавии Арманистони Шарқӣ ба Россия дар шаҳри Гумрӣ соли 1804 нуқтаи сарҳадбонии русҳо гузошта шуд. Хусусан баъди бастани аҳдномаи сулҳи Туркманчай ба ҳамвориҳои водии Ширак ва шаҳри Гумри қисмати калони арманҳои муҳоҷири музофотҳои Арманистони Ғарбӣ кӯч бастанд ва яке аз корвонҳоеро, ки аз Боязид меомад бобои шоири оянда Никогос Исаакян роҳбаладӣ мекард. Ин марди гармиву сардиҳои зиндагиро дида, мавқеи ҷойгиршавии Гумрӣ ва обу ҳавову манзара ва обҳои ҷории мусаффои он диёрро дида, яке аз беҳтарин мавзеъҳои он ҷоро барои зисту будубош ихтиёр мекунад. Ӯ дар гузаргоҳи авали кӯчаи Генералҳо аз санги туфи сиёҳ хона месозад, ки дар он ҷо соли 1875 Аветик Исаакян ба дунё меояд.

Гумрӣ номи таърихии ин диёр буда, соли 1837 баъди зиёрату саёҳати ҳамсари Николаи I Александра худи ҳамон сол ба шарафи ӯ Гумрӣ номи Александрополро мегирад ва туфуллияти Аветик дар ҳамин ҷо мегузарад.

Александропол дар охири асри XIX ба яке аз марказҳои сиёсӣ ва маърифатии Арманистони Шарқӣ табдил меёбад.

Ин шоири донандаи хуби забонҳои лотиниву фаронсавиву олмониву итолиёвӣ маълумоти ибтидоии худро дар яке

https://bikhon.tj/

аз мактабҳои армании зодгоҳи худ мегирад ва дертар ба сабаби баста шудани мактаби арманӣ соли 1885 ба мактаби русӣ мегузарад. Баъди як соли таҳсил дар мактаби русӣ ӯ курси сесолаи мактабро дар дайри Арич ба итмом расонида, тибқи тарҷумаи ҳоли худи шоир, ки бо дастони худ навиштаву он дар шӯъбаи дастнависҳои китобхонаи давлатии СССР ба номи В.И.Ленин № 13 маҳфуз аст, таҳсилро дар семинари Эчмиадзин давом медиҳад. Дар Эчмиадзин адабиётро яке аз бузургтарин шоирони давр, баъдтар ҳамсафи Ованес Туманяну Аветик Исаакян дар Тифлис Иоаннес Иоаннесян дарс медод ва табиист ки Исаакяни ҷавон нахустин маслиҳат ва дарси ҳунари шеърро аз ӯ омӯхтааст. Давраи туфуллият ва ҷавонии ӯ ба ин зудӣ ба анҷом мерасад ва ӯ вобаста ба авзои замон аз соли 1893 – дар сини 18-солагӣ мусофират ихтиёр мекунад. Соли 1893 Исаакян ба Олмон, барои идомаи таҳсил ба донишгоҳи Лейпсиг меравад. Ин нахустин сафари ӯ ба мамолики Аврупо буд. Дар солҳои таҳсил дар донишгоҳи мазкур ӯ ба мутолиа ва конспекти осор ва таълимоти фалсафии Буддо, Нитсше, Шопенгауэр, Толстой ва осори классикии немис – Гёте, Гейне, Шиллер, Уланда, Ленау машғул шуда, хамчунин дар «Рӯзнома»-аш ҳамарӯза қайдҳо мегузаронад.

Баъди бозгашт аз Лейпсиг Аветик Исаакян дар Тифлис ба корҳои сиёсӣ ва адабиву фарҳангӣ машғул шуда, барои муборизаҳои сиёсӣ дар талоши озодии Арманистони Ғарбӣ аз дасти туркон дар сафи Ованес Туманян ва иттиҳодияи адабии «Вернатун» қарор мегирад. Хабарҳои ҳамарӯзаи матбуоти даврӣ аз қатлу куштори арманҳо дар Арманистони Ғарбӣ, дар шаҳру музофоти Сосун, Зайтун, Ван равшанфикрони армании дар Тифлис бударо осуда намегузошт. Дар Туркия халқи арман дар хун ғарқ буд. Дар Тифлис ва Ереван шоирони равшанфикрро, ки дар мубориза барои озодӣ ва истиқлолият ба по хеста буданд, ҳар лаҳза ба ҳабс мегирифтанд. Адибон Туманян, Агаян ва Шервонзодаро ба ҳабс гирифта буданд. Ба Исаакян баробари аз Олмон баргаштанаш дар сарраёсати жандарми Тифлис парвандаи ҷиноӣ кушода, аз паи таъқибаш буданд... «Ман барои озодии халқ ва

https://bikhon.tj/

ватанам мубориза мебарам, дар ин роҳ мемирам» – навишта буд ӯ дар «Рӯзнома»-аш. Ҳамин тавр, Исаакянро низ моҳи майи соли 1896 ба маҳкама мекашанд.

Ӯ ҳам дар озодӣ ва ҳам дар маҳбас баробар ба таълифи назму наср машғул мешуд. Ҳикояҳои ин давраи фаъолияти эҷодии ӯ аз «Амо курд», «Байрам Алӣ», «Як ҳафта бо маҳкумшуда» ва зиёда аз 20 шеъри дар як соли дар маҳбас таълифкардааш ба ҳам омадаанд, ки муҳтавои онҳо саршори оҳангҳои эътироз аз замона ва аз дасти пурзӯри аъдоанд. Нахустин китоби ӯ соли 1898 аз чоп баромад ва аз ҷониби устодони адабиёти давр Перч Прошян, Газарос Агаян, Иоаннес Иоаннесян, Ованес Туманян, Александр Шервонзода баҳои баланд гирифт. Бо ин ӯ ба адабиёт низ расман ворид шуда буд. Левон Мкртчян навишта буд, ки «Исаакян зиндагии вазнинро аз сар гузарондааст. Сарнавишти пуршӯр дошт ӯ» (161; 7).

Сафарҳои маҷбурӣ ва гуреза будан чашмони ӯро ба воқиа ва рӯйдодҳои давр кушода буданд. Ӯ Туркия, Константинопол ва як қатор шаҳру музофотҳои арманнишинро убур карда, воқеияти зулму истисмор ва қатли оми арманкушии турконро бо чашмони худ дид. Ҷияни шоир Геворг Африкян навишта буд, ки «Дирӯз (12 июни соли 1911 – А.Д.) Аветик рафт, ман худам ӯро ба Карс гусел кардам – абадан рафт. Ба шаҳр нигоҳ накард ва маҳзун ҳам набуд. Ӯ Абул Ало Маарӣ буд...»

Ӯ ба Фаронса рафт ва ҳамин тавр то соли 1936 дар мусофират монд.

Баҳори соли 1935 бо ташаббуси адибони пешқадами Аврупо дар Париж Кунгураи байналмилалии тарафдорони сулҳ барпо мегардад, ки дар кори он Аветик Исаакян низ иштирок мекунад. Аз Иттиҳоди Шӯравӣ як қатор шоиру нависандагон А.Толстой, Б. Пастернак, Н. Тихонов, Т. Табидзе, В. Иванов, А. Лоҳутӣ ва... ҳамчунин дар ин кунгура ширкат меварзанд ва рӯзҳои кори Кунгура Аветик Исаакян бо шоирони советӣ, аз ҷумла бо шоири тоҷик Абулқосим Лоҳутӣ вомехӯрад, онҳо аз наздик шинос мешаванд... Баъди

https://bikhon.tj/

як сол, 5 декабри соли 1936 Исаакян ба Иттиҳоди Шӯравӣ, ба Арманистони Советӣ меояд. Риштаҳои дӯстӣ ва муносибати эҷодии ин ду фарзанди адабиёт – шоири тоҷик Абулқосим Лоҳутӣ ва шоири арман Аветик Исаакян дар солҳои минбаъда мустаҳкам мегардад. Лоҳутӣ бахшида ба Исаакян «Уқоби осмони сухан» ном шеъре мебахшад, ки дар ин бора дар фавқ сухан рафт.

Муносибати Аветик Исаакян ба шарқ, адабиёти шарқ ва қисман адабиёти форсу тоҷик муносибат ва пайравиву омӯзиши пайгирона ва бошуурона буд. Дар роҳи интишор ва нуфузи афкори адабӣ-бадеии халқи тоҷик дар Арманистон хусусан хизмати се шоири бузурги арман Ованес Туманян, Еғище Чаренс ва Аветик Исаакян назаррас аст. Онҳо дар айни замон дар омезиш ва имтизоҷи таърихӣ ва адабии адабиёти халқҳои тоҷику арман, хусусан истиқболи он дар шаклу услуби тасвир хизмати бузург карданд.

Левон Мкртчян дар тадқиқоти дигари худ менависад, ки «достони дигари худ «Абул Ало Маарӣ»-ро Исаакян дар услуби шарқӣ таълиф кард. Ҳам дар достони «Абул Ало Маарӣ» ва ҳам дар як силсила ашъор Исаакян нишон дод, ки ӯ чӣ гуна вожа ва образҳоро ба тарзу тариқи шарқӣ, ҳамчунон ки шуарои Шарқ (араб ва форсӣ-тоҷикӣ – А.Д.) истифода мебаранд, кор фармудааст (162; 113-115). Манзури муҳаққиқ таъкиди дар достон истифода шудани вожаҳои *ҷаннат*, *гулистон*, *салом*, *шукр*, *шамс*, *қасида*, *ғазал*, *сура*, *самум* (боди самум), *парӣ*, *Шаҳрзод*, *иблис*, *Зардушт* ва даҳҳо калимаҳои дигари арабиву форсист, ки Исаакян онҳоро дар дохили матн ва созмони банду басти он ба таври ҳайратовар кор фармудааст.

Зиндагӣ ва сарнавишти пурпечутоби шоир ҳам дар шаҳру деҳоти Арманистон ва ҳам дар тамоми минтақаи Қафқоз, аз ҷумла дар Боку ва Тифлис, ҳамчунин мусофирати дуру дарози ӯ дар мамолики Россия, Олмон, Швейсария, Туркия, Фаронса, Италия ва... ӯро водор карданд, ки бо мардуми бисёре риштаҳои дӯстӣ бубандад, муносибатҳои эҷодӣ дошта бошад, забон, адабиёт ва урфу одати онҳоро омӯзад (108; 9-10), вале ҳеҷ кадом адабиёт ва фарҳанг ба дилу дидаи Исаа-

https://bikhon.tj/

кян амиқ ҷой нагирифт, ҳамчунон ки адабиёти араб ва назокати назми форсӣ-тоҷикӣ.

Ӯ дар ғурбат ва мусофират, баъди омӯзиш ва андешаву андӯхтаҳои зиёде, дар чанд мамолики Ғарб зиндагӣ ба сар бурда «уфру одат ва мардум ба халқҳои бисёри Аврупоро дида, вале ба адабиёти шарқ, хусусан ба адабиёти араб ва форсу тоҷик хӯ гирифт ва дар ин замина, дар солҳои гуногун се осори фалсафӣ, андешапарварӣ навишт, ки яке аз онҳо ҳамин достони машҳури «Абул Ало Маарӣ» (1909), дигаре достон дар насри «Охирин баҳори Саъдӣ» (1923) ва сеюмин масали дар наср «Мунозираи Умари Хайём бо Худо» мебошад.

Достони «Абул Ало Маарӣ» тавре дар фавқ сухан рафт, достони фалсафӣ-иҷтимоӣ буда, образи асосии он шахсияти воқеӣ, шоири асри XI-и араб Абу Ало Маарӣ ба ҳисоб меравад ва, ҳамчунин ки муҳаққиқон таъкид мекунанд Исаакян аз усули шарқии (дар айни замон арабии) тасвир истифода бурда, дар асоси образи марказии асар мушоҳида ва мулоҳизаҳои худашро аз боби маърифати ҷамъият, андешаҳои озодӣ ва манзалати инсон, ҷараёни умр ва бардошти инсон дар ин чорраҳаи қисмат ва ғ. баён мекунад.

Достони дигари насрии ӯ «Охирин баҳори Саъдӣ» дар тасаввури инҷониб дар либоси омезишу имтизоҷи андешаҳои шарқиву гарбӣ дар бунёди мусофирати дуру дарози Саъдӣ ва муқоисаи неку бади рӯзгор таълиф ёфтааст. Қаблан бояд зикр кард, ки мусофирати Аветик Исаакян дар як қатор мамолики Аврупо ва Осиё, ки зикраш рафт, қариб 30 сол тӯл кашидааст. Дар ин зимн ва маврид Исаакян тавонист ба зиндагӣ ва осори Саъдӣ ин «муаллими ҳаёт» ва «фарзанди ҷаҳонгаштаи инсоният» муроҷиат бикунад. Мо дар як мақолаи худ (68) аз оҳангҳои шарқии осори шоири мусофири рус И. Бунин ва маҳсули андӯхтаҳои ӯ аз эҷодиёти Саъдӣ аз чунин усули муроҷиат, омӯзиш ва имтизоҷи адабӣ дар низоми пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику рус мулоҳиза ронда будем. Ин маврид ҳам тариқи муроҷиат ва бардошти Исаакян аз Хайём ва Саъдӣ ба мисли натиҷагириҳои И. Бунин аст.

https://bikhon.tj/

«Охирин баҳори Саъдӣ» асари достонии насри шоири арман Аветик Исаакян буда, он 24-майи соли 1923 дар Венетсия навишта, нахустин маротиба дар маҷаллаи «Ҳайреник» («Ватан») дар Бостон (Амрико) чоп шудааст. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ ин асар нахустин бор дар Тифлис, дар китоби «Лилит» (саҳ. 59-62) ҷой дода шудааст.

Сабаби ба Шарқ, ба осори адибони арабу форсу тоҷик мурочиат кардани Исаакян ҳамон андешаҳои дурӣ аз ватан, ғами ҷудоӣ аз ёрон, ҳасрат ва дардҳои ватанхоҳист. Ҳам дар достони «Абул-Ало Маарӣ» ва ҳам дар асарҳои достонии «Охирин баҳори Саъдӣ» ва «Мунозираи Умари Хайём бо худо» андеша ва мулоҳизаҳои фалсафии шоир аз муҳити маънавии шарқиву ғарбӣ ба ҳам омадаанд. Исаакян аз ҷараёнҳо ва падидаҳои табиату ҷамъият дуру дароз ба андеша меравад, ба кунҳи асрори ҷаҳон расидан мехоҳад. Табиат дар назари ӯ воқеан пурасрор ва пурпечутоб аст ва дар меҳвару гирудори чунин андеша аз Саъдиву осори ӯ ёд мекунад ва маҳсули садамаҳои андеша ва таассуроту тафаккурот «Охирин баҳори Саъдӣ» навишта мешавад. Дар муҳити гирудор ва аздоди андешаҳо тору пуди «Охирин баҳори Саъдӣ» ба ҳам омадааст. Саъдӣ бисёр баҳоронро дар умри пурбаракати худ паси сар кардааст, вале ин охирин баҳори умр ба ӯ чӣ медода бошад? Чӣ ангезаи имрӯзу фардо мояи андешаҳои ӯ шуданд? Дар навори андешаҳои ӯ охирин баҳори зиндагии ин шоири бузурги адабиёти форсӣ-тоҷикӣ оҳиста-оҳиста, обастани андеша ва андӯхтаҳо мегузарад. Дар достон қисмати инсон ва асрори табиат ва ҳам омадаанд. Саъдӣ – ин марди ҷаҳондида ва ҷаҳоншинохта ба як нуқта чашм дӯхтааст. Аз хаёлаш мегузарад, ки шояд ин охирин баҳорест, ки ӯ зиндагӣ мекунад, вале, чӣ мегӯед, ки умр ширин аст, Саъдӣ ташнаи умр ва ташнаи зебоиҳои зиндагист. Саъдӣ аз ғуруби офтоби умр ғам мехӯрад, вале ҷаҳон ва падидае бо номи зиндагӣ пур аз асрор ва имкониятҳои зистан... Шоири арман Исаакян ана ҳамин андешаҳоро ба тасвир мегирад ва Саъдӣ худи шахси шоир ҳам хаст. Ин ягона усули андешапарварӣ буд, ки Исаакян мушоҳидаҳои худро дар либоси инсон ва ҳакими шарқ баён

https://bikhon.tj/

медорад. Ин роҳи расидан ба кунҳи моҳияти печидагиҳои зиндагӣ ҳам ҳаст, ки шоири арманро дар мусофират водор кардааст аз орифони бузурги Шарқ ёд оварад. Ҷаҳони андешаи Аветик Исаакян саршори афкори адабӣ, фалсафӣ ва зебоишиносии форсии тоҷикист (104).

Дар ҳамин меҳвар асари дигари ӯ «Мунозираи Умари Хайём бо худо» навишта шудааст. Ин асар соли 1909 дар Сардарободи Арманистон таълиф шуда ва нахустин маротиба дар маҷаллаи «Гарун» («Баҳор») дар Маскав, соли 1910. с. 30-31) ҷой дода шудааст. Мулоҳизаҳои шоир дар асоси таҳлил ва натиҷагирӣ аз ду рубоии Умари Хайём ба ҳам омадаанд ва дар партави андешаҳои фалсафии Умари Хайём Исаакян, ҳамчунин дар образ ва либоси орифи шарқӣ мушоҳидаҳои худро аз асрори ин ҷаҳону коинот ифода мекунад.

Ба Шарқ ва ба мавзӯи шарқӣ гаравидани шоири бузурги арман, баъди Туманян падидаи нав набуд албатта, вале ранги шарқӣ гирифтани осори ин шоирон заминаҳои айнӣ, воқеият дошт. Ҳам Туманян ва ҳам Исаакян, ҳангоми таҳлили тарҷумаҳои осори онон хоҳем дид, муҳит ва тафаккури шарқиро дар фазои падидаҳои нави замонӣ заминӣ карданд. Дар тору пуди осори онҳо риштаҳои шарқӣ танидаанд, образ, бофт ва фазои нақлу тасвир барои имтизоҷи тафаккури воқеии арманӣ ва вожа ва ифодаҳову таркибҳои форсӣ хизмат кардаанд. Масалан дар ҳикояи «Суруди Зили Султон» (1933) Раҳим – образи асосӣ ба ҳамсӯҳбати худ дар бораи Эрон, Турон, Табрез, Ҳирот ҳамеша бо шавқ нақл мекунад, ҳамсӯҳбат ва марди хушчақчақи тахминан панҷоҳсолаи хубест. Бародари аз ӯ хурдӣ – Ҷаъфар ҷавони чолок». Ман, ки он вақт ҷавон будам бо онҳо дӯстӣ пайдо карда дар бораи олами афсонавии Шарқ бисёр чизҳоро шунидам. Баъди меҳнати пурмаҳсули рӯзона, бегоҳ, баъди хӯроки шом, давра нишаста сӯҳбат мекардем. Дар чунин як шоми ғамзо ҳамин Ҷаъфар ба хондани суруди ҳазине сар кард, ки аз оҳангҳои маҳзуни шарқӣ иборат буд.

– Суруди нағзро хондӣ, – гуфт Раҳим. Канӣ, ягон суруди дигар хон.

https://bikhon.tj/

Ҷаъфар дастонашро ба пушти сар ёзонда, ба хондани суруд оғоз кард.

Суруди форсӣ буд, вожаҳои форсиро ман намефаҳмидам, вале оҳангаш чунон ба дил нишаст, ки...» (104; 91-92). Ё худ новеллаи (шоир онро «шеър дар наср» гуфтааст) «Марги булбул», ки дар поёни сарлавҳа, дар қавсайн онро «ҳикояи форсӣ» номидааст, соли 1913 дар Женева навишта шудааст, ҳам дар нақл ва ҳам дар бофти нақл матои форсӣ ҳаст (104; 125-126).

Дар ҷаҳони андешаҳои Аветик Исаакян, чун дар осори шоирони дигари Арманистони давраи нав андӯхтаҳои форсии тоҷикӣ фаровон истифода шуданд. Воқеан осори Александр Шервонзода, Ғеғам Сарян, Наири Зарян ва хусусан эҷодиёти як силсила шуарои Арманистони Ғарбӣ Варужан, Сиаманто, Петрос Дурян саршори оҳангҳои форсист ва чунин навъи истиқболия аз адабиёти форсии тоҷикӣ барои муҳити адабии Арманистон падидаи нав набуда, балки маҳсули рушд ва тавсиаи анъанаҳои ҳазорсолаи форсии тоҷикист, ки дар боби тарҷума ва таҳияи осори адибони арман дар Тоҷикистон ва тарҷумаву баргардони осори хусусан назму насри классикиву муосири форсии тоҷикӣ дар Арманистон баррасӣ хоҳем кард.

https://bikhon.tj/

3.2. Тарҷумаи бадеӣ

а) Назми арман дар тарҷумаи тоҷикӣ.

Аз қадимтарин мактабҳои тарҷумаи бадеӣ мактаби тарҷумаи форсӣ-тоҷикӣ ва арманист. Маҳз ба туфайли тарҷумаи бадеӣ ҳанӯз ҳазорсолаҳо пеш фарзандони маърифатпарвари халқҳои эронӣ ва арман, фаъолияти тарҷума ва амали таъсири мутақобилаи унсурҳои адабӣ ва фарҳангиро дуруст ба роҳ монда, нахустин хиштҳои бинои маърифати халқҳоро аз роҳи омӯзиши тарафайн ва истиқбол аз забонҳои дигар гузошта буданд. Додугирифти таърихӣ, ғанои фарҳангӣ ва роҳҳои дигари дороиафзоии маърифати халқҳоро аз нигоҳи сатҳи омӯзиш ва бардошти як ё якчанд халқ аз ҳамдигар муайян мекард. Ғолибан тарҷума, хусусан тарҷумаи бадеӣ амале буд, ки халқҳоро бо ҳам шинос мекард ва ба ҳам меовард. Осори тарҷума, хоҳ он илмӣ ё бадеӣ ва таърихӣ бошад, танҳо барои ғано ва дарку қабули маърифат анҷом дода мешуд. Халқҳои дорои таърихи кӯҳан ва маърифати фарҳангӣ аз ҷумла халқҳои эронӣ ва ҳамсояи онҳо – арманҳо ҳанӯз аз оғози фаҳмиши устуравии ашё ва унсурҳои пиндории маърифат ба амали тарҷума даст зада буданд.

Тарҷума, хусусан тарҷумаи бадеиро илм, ҳунар, як намуди санъат ва умуман падидаи мақбули амали инсонӣ муаррифӣ карданд, ки мунтаҳо рушди ин ё он шохаи маърифати инсонӣ маҳз сифат ва мухтасоти тарҷума ҳисобида ва натиҷа ин буд, ки шоха ва ҷараёнҳои минбаъдаи ҳамон маърифат ва маҷмӯи дониш ва андӯхтаҳо аз роҳи таъсир, бардошт, амали мутақобили маърифат, фарҳанг ва адабиёт шинохта мешуд. Ба фикри мо амал ё ҳунари тарҷума дар ин ё он халқ ва кишвар чӣ қадар қадиму дерин бошад, роҳҳои таъсири мутақобилаи адабиётҳо низ ҳамон қадар рангоранг аст.

Дар бораи хосияти тарҷума, зарурат ва мавқеи он дар шинохти арзиш ва маърифати халқҳо ҳазорҳо мақола ва асарҳои тадқиқотӣ навишта шудаанд. Дар ҳамаи онҳо амали

https://bikhon.tj/

тарҷума, ки дар ибтидо анҷоми фаъолият ва ё амали савқист, мусбат арзёбӣ карда мешуд. Баъдтар, бар асари завқ ё ниёзҳо буд, ки дар низоми тарҷума таҳаввулот пайдо шуда, назария, амалия ва таърихи ин ҳамчунин кор карда шуд. Танқиди тарҷума низ дар фазо ва меҳвари мухтасоти навъ ва намудҳои маърифатӣ маънидод шудааст. Ҳама вақт тарҷумаро ду хел арзёбӣ мекарданд: хуб ва бад. Мафҳуми тарҷумаи миёна истифода намешуд. Тарҷумаи хуб он буд, ки мунтаҳо адабиётҳо, халқҳо, анъана ва шинохти арзишҳои таърихии онҳоро ба ҳам наздик бикунад, даромезад, маърифати халқҳоро дорӣ афзояд, рангорангии таҳаввул ва рушди адабиётро дар ин ё он сарзамин нишон бидиҳад, ба ҳайси падидаи намуна будан эътироф бишавад ва... Ҳазорҳо мисол аз таърихи тафаккури башарият зикр кардан мумкин аст, ки тарҷумаи хуб анҷомдодашуда аллакай ба як адабиёт тааллуқ надорад. Он моли халқ аст.

Дар бораи тарҷумаҳои бад олимон ҳарф намезаданд ва онҳо шояд ба ҳайси як руҷӯъ боз аз хотирҳо мерафтанд.

Мутахассисон тарҷумаҳои аз осори Аветик Исаакян анҷомдодаи (теъдодашон 20 шеър – А.Д.) шоири бузурги рус Александр Блокро падидаи адабӣ маънидод карданд (163; 243, 244). Ё худ тарҷумаи «Савтҳои форсӣ»-и шоири рус Сергей Есенин хусусан аз ҷониби ду тан аз шоирони тоҷик Лоиқ Шералӣ ва Бозор Собир «мӯъҷизаи шеър» (94; 3-8; 255) номида шуд.

Инҷониб низ дар як силсила мақола ва китобҳои хеш аз ҷумла «Тарҷумаи бадеӣ ва тафаккури миллӣ»(70), «Ҳамназари асрҳо ва адабиёт» (144; 144-166), «Тарҷумаи бадеӣ ва маърифати фарҳангӣ» (66), «Тарҷумони нолаҳо» (73; 112-121), ба масъалаи тарҷумаи бадеӣ ва мухтасоти амаливу назарӣ, ҳамчунин таърих ва танқиди тарҷума изҳори ақида кардем. Мунтаҳо амали тарҷумаи бадеӣ зарурати таърихӣ, адабӣ ва гузашта аз ин завқ ва ниёзмандист, ки халқҳо, ё гурӯҳи одамон ва шахсони алоҳида ба ин кор даст задаанд. Омӯзиши таърих, танқид ва назарияву амалияи тарҷума майл ва ё ҷараёнест, ки воқеан ба иқтизои ҳолат ва вазъияти ҷараёни адабӣ тааллуқ мегирад.

https://bikhon.tj/

Дар низоми омӯзиши пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман тарҷумаи бадеӣ аз шохаҳои муҳим ва қисми таркибӣ ба ҳисоб меравад.

Дар бобҳои гузашта ба гуфта омад, тарҷумаи намунаҳои осори назмиву насрӣ дар адабиёти халқҳои эронӣ ва арман дар даврaҳои муайян низоми муайян дошт. Вале асноди адабӣ ва сарчашмаҳои дасти авали он гувоҳӣ медиҳанд, роҳҳои таъмини ниёз ва зарурати таърихӣ хусусан аз роҳи тарҷума ин халқҳоро ба ҳам оварда будааст.

Дар тӯли асрҳо намунаҳои бисёри осори тарҷумаи насру назм дар ҳар ду адабиёту ҳар ду сарзамин анҷом дода шудаанд. Дар масъалаи сифат ва теъдоди тарҷума, аз инсоф наравем, дар ҳамаи давру замонҳо олимону мутахассисон ва мутарҷимони арман пешдастӣ доштанд ва то имрӯз ҳазорҳо намунаҳои тарҷумаҳои хуб ва аз рӯи завқу ниёз анҷом додашуда дар адабиёт ва хазинаи маърифати халқи арман ҷойгоҳи воқеии худро доранд. Мактаби тарҷумаи арманӣ аз пешқадамтарин марказҳои илмӣ ва ҳунарии тарҷумаи бадеӣ ҳисоб мешавад ва он, агар чунин гуфтан мумкин бошад, ҳамасола хусусан аз роҳи тарҷумаи намунаҳои осори классикони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ниёз ва завқи сатҳи маърифати халқро таъмин карда истодаанд. Баръакс, надонистани забони арманӣ хонандаи тоҷикро аз беҳтарин намунаи тарҷумаҳои аз забони арманӣ маҳрум карда ва то имрӯз ягон амали омӯзиши забони арманӣ, ки мунтаҳо тарҷумаи аз асл анҷом ёбад, ба сомон нарасидааст. Он чӣ дар масири ин садсолаи охир аз роҳи тарҷума дар таъмини маърифати халқ анҷом дода шудааст, ҳама аз забони русӣ ва ба воситаи забони русӣ сурат гирифтааст, ки чунин амалро тарҷума аз роҳи транзит маънидод карда будем. Ба ҳар ҳол амали тарҷумаи тарафайн падидаи хуб аст, вале ҳиммати баланди мо – соҳибони адабиёти форсу тоҷик буд, ки дар ин садсолаву ҳазорсола роҳи маърифат шоиру нависандагони мо ақаллан тарҷумаи осори арманиро ба воситаи забони русӣ ҳам бошад, кам анҷом додаанд. Мактаби тарҷумаи тоҷикӣ бо вуҷуди таъриху анъанаи дерин доштанаш, афсӯс, ки ба шоҳкориҳои адабиёти арман кам рӯ овардаву кам таваҷҷӯҳ

https://bikhon.tj/

кардааст. Ин айби завқи парваридаи ҳазорсола ҳам ҳаст, ки баъди мутолиаи осори Рӯдакиву Фирдавсиву Хайёму Саъдиву Ҳофиз дар «лафзи форсӣ» ва осори тарҷумаи, масалан аз арманӣ даст бизанӣ – завқи баланди маърифатхоҳӣ ва иштиёқи бо шеър ва адабиёти асил будан шоирони форсиро нагузоштааст, ки дар вусъат ва паҳнои фарҳанги форсӣ берун аз қаламрави форсӣ даст ба амали тарҷума зананд. Чунин ҳиммат ҳамеша ва пайваста аз ҷониби шуарои арман, ки қариб ҳар яке донандаи забони форсӣ буданд, анҷом дода мешуд.

Агар сухан аз тарҷумаи осори арманӣ ба забони форсии тоҷикӣ равад мо таърихи чандасраи тарҷумаи аз забони форсии тоҷикӣ анҷом ёфтаро рақам зада, аз амали мутақобили он сарфи назар мекунем. Дар давраи нав ва замони сотсиалистӣ тарҷумаҳои бисёре аз ду ҷониб анҷом ёфтаанд, ки он маҳсули гуфта, фармуда ва нақшаҳои нашриётӣ дар роҳи пиёда сохтани амали сохтмони нави ҷамъиятӣ ҳам буд. Бо вуҷуди ин анҷоми чунин амалҳои маърифатӣ натиҷаи хуби ба ҳамназдикии адабиёту фарҳанги миллӣ ба ҳисоб мерафт. Шоиру нависандагони тоҷику арман дар аҳди нав ва замони таҳаввулотҳои бузурги сиёсиву иҷтимоӣ аз тарҷумаи бадеӣ ва роҳҳои дигари интишори маърифат ва ҳамчунин таъсири мутақобили адабиётҳо ба хубӣ пуштибонӣ карданд. Аз тарҷума ва таъсири адабиёти арман дар Тоҷикистон сухан ронда набояд фаромӯш кард, ки шоирони адабиёти даврони нави Тоҷикистон дар шароити нави даврони таҳаввулотҳои бузург ва инқилобҳои илмиву фарҳангӣ ба адабиёти бузурги арман ва намунаҳои осори назмиву насрии он дуруст ва аз роҳи ниёз муроҷиат карданд.

Албатта, дар давраи нав сухан аз миқдори тарҷума ба миён овардани чизи нав намешавад. Асарҳое, ки ба сифати мол тарҷума аз ҳар ду адабиёт зикр мешаванд, хосияти маърифатӣ дошта, албатта, дар роҳи таъмини маърифати фарҳангии халқ истифода шудаанд. Адабиётшиноси арман М. Джанполадян миқдори осори тарҷумавии мактаби тарҷумаи Арманистонро дар даҳсолаи охир ҳисоб карда,

https://bikhon.tj/

рақамҳоеро меорад, ки ба аҳамияти тарҷумаи бадеӣ дар масири гуфтугӯи тамаддунҳо шубҳа намемонад. Ҳоли ҳозир дар Арманистон аз 22 забон бевосита тарҷума мекунанд ва миқдори осори тарҷума ба 288 мерасад. Ин рақам ба солҳои баъди 1990 мувофиқ аст. Бо вуҷуди чунин суръат гирифтани амали тарҷума муҳаққиқ бар он аст, ки ба ҳар ҳол солҳои 70-80-и асри XX давраи равнақи тарҷумаи бадеӣ буд (81; 91-107).

Сухан аз миқдори тарҷума танҳо хусусияти ахборӣ дорад ва намунаи тарҷумаҳое, ки адибони мо, масалан Абулқосим Лоҳутӣ ва дигар шуаро анҷом додаанд, ҳама дар заминаи анъанаҳои адабӣ ва риояву ҳифзи мухтасоти шакли бадеӣ, қолаби шеъри форсӣ сурат гирифтаанд, ки дар ин бора дар бахшу фаслҳои алоҳида таваққуф хоҳем кард.

Дар арафаи ҳафтаи адабиёти арман дар Тоҷикистон, Раиси Правленияи Иттифоқи нависандагони РСС Тоҷикистон Мирзо Турсунзода дар мактубаш ба котиби авали правленияи Иттифоқи нависандагони РСС Арманистон Э. Топчян навишта буд, ки «бо қарори органҳои директивӣ Правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Шуморо ба ҳафтаи адабиёти арман дар Тоҷикистон, ки он моҳи сентябри соли 1972 гузаронда хоҳад шуд, даъват менамояд. Ба Шумо маълум, ки нависандагони Тоҷикистон кайҳо боз ташрифи дӯстони арманӣ ва вохӯрӣ бо онҳоро интизоранд. Нашриёти ҷумҳуриявии «Ирфон» то ин дам 15 китоби тарҷумаи осори адибони арманро аз чоп баровард, ки 8-тои он бахшида ба ҳафтаи адабиёт ва санъати арман, ки ҳанӯз соли 1967 бояд баргузор мегардид, чоп шуда буд. Онҳо китобҳои дӯстдошта ва рӯимизии хонандагони тоҷик ҳастанд...

Дӯстии байни халқҳои тоҷику арман аз қаъри асрҳо маншаъ мегирад, вале он дар даврони шӯравӣ боз ҳам таҳким ёфтааст...

Бо эҳтиром Раиси Правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода*

* Матни пурраи мактуб аз таърихи 3 майи соли 1972 дар дасти муаллифи сатрҳо.

https://bikhon.tj/

Дар партави чунин гуфтугузор аз тарҷумаи бадеӣ ва роҳҳои ҳарчӣ дуруст ба роҳ мондани тарҷума, бо вуҷуди он ки дар ҳаёти адабии Тоҷикистон ташаббусҳои бисёре карда шудааст ва амали тарҷума хеле суст ҷараён гирифтааст. Албатта, тавре дар фавқ зикр шуд, эҳсоси баланди зебописанди тоҷикон, анъанаҳои қадиму дерини адабӣ ва аз ҳама асосӣ соҳиби чунин адабиёту чунин шеъри олӣ ва назму насри оламгир будан нагузоштааст, ки адибони мо ба тарҷума ва ба воситаи тарҷума ба мероси адабиву фарҳангии халқҳои дигари олам, аз ҷумла арманҳо рӯи ниёз биёранд. Мегӯянд, ки одатан ҷои холимондаи адабиётро бо осори тарҷума пур мекунанд ва анҷоми тарҷумаи ягон осори шоир ё нависандаи халқи дигар агар ҳолат ё кайфияти адабӣ нест, заҳмате беш нест. Чунин мулоҳизарониҳо бебунёданд, албатта, ва аз ин ҷо онҳое, ки тарҷумаро, хусусан тарҷумаи бадеиро илм ё санъат мегӯянд, бояд андеша намоянд, ки он то куҷо илм аст ё санъат, агар ҳунар нест. Вобаста ба ҳунари тарҷума падидаи дигар он аст, ки шоирони тоҷик агар ба тарҷума сари кор гирифта бошанд, онро дар камоли ҳунар, ё масъулият анҷом додаанд. Ба моли орият (манзур асари тарҷума) бо эҳсоси масъулият муносибат кардани шоирони тоҷик дар ҷараёни тарҷумаи осори адибони арман ба мушоҳида расид.

Дар бораи таърихи тарҷумаи осори адибони арман сухан ронда, набояд фаромӯш кард, ки он чӣ дар ин ҷода анҷом ёфтааст, маҳсули тафаккури даврони нав аст. Солҳои 20-и асри гузашта давраи оғози фаъолиятҳои ҷабҳавии даврони нав дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ буд. Одамони советӣ дар партави нишондодҳои ҷамъияти нави сотсиалистӣ, рӯҳияи ба ҳам омадани умумияти нави одамон ва адабиёту фарҳанги нави пролетарӣ фаъолият доштанд. Дар он маврид онҳо – шоирону нависандагон асарҳои фармуда не, балки тибқи ниёзҳои завқӣ ва замонӣ ба амали тарҷума даст мезаданд. Абулқосим Лоҳутӣ шеъри «Бузургии безавол»-и Р.Патканянро дар заминаи анъанаҳои сохтори шеъри форсӣ тарҷума кард ва пеш аз он ки ба тарҷумаи шеъри шоири арман муваффақ шавад, ӯ ҳаёти ин халқи ҷабрдидаро омӯхт ва аз сарнавишти халқи арман аз манбаъҳои таърихӣ ва

https://bikhon.tj/

сарчашмаҳои адабӣ огоҳ гардид, муҳимтар аз ҳама ӯ дар ҳангоми мусофират ва сарсониҳо дар Арманистони Ғарбӣ бо чашмони сар аҳволи халқи дар баҳри фоҷиа ғарқро дид. Баъдтар, вақте ба дасташ шеъри шоири арман афтод, ӯ дар як нишаст онро тарҷума кард.

Дар бораи амали тарҷумаи аз адабиёти арман сухан ронда, ҳамчунин қайд кардан ба маврид аст, ки бар иловаи он ки аксари онҳо дар шакли маҷмӯа, китоб ва тазкираҳо чоп шудаанд – масалан шурӯъ аз нимаи дуюми солҳои 60-и асри гузашта, ҳамчунин дар саҳифаҳои матбуоти даврии Тоҷикистон солҳои баъди ҷанги дувуми ҷаҳонӣ ва андаке дертар, дар солҳои 50-и асри бист намунаҳои тарҷумаҳо дар бораи ҳаёту фаъолияти эҷодии онҳо, аз ҷумла Сайёди Наво, Хачатур Абовян, Микаэл Налбандян, Ованес Туманян, Александр Шервонзода ва... ба табъ расидаанд.

Масалан, соли 1952 ба муносибати барандаи ҷоизаи Сталинӣ гардидани шоираи арман Силва Капутикян тарҷумаи ду шеъри шоира дар маҷаллаи «Шарқи Сурх» ба табъ расид (114; 41-42). Мутарҷим Суҳайлӣ Ҷавҳаризода он шеърҳоро дар шакли анъанавии шеъри форсӣ ба назардошти ҳифзи рӯҳи он ва эҳсоси махсусияти миллӣ тарҷума кардааст ва чун шеърҳои мазкур дар маҷмӯаи тоҷикии шоира (115; 67) ҷой нагирифтанд ва ин шеърҳо чун ба ҳайси нахустин намунаи осори шоираи арман ба забони тоҷикист ва чун тарҷумаи онҳо ба қалами яке аз донандагони назокати назми классикии тоҷик Суҳайлӣ Ҷавҳаризода тааллуқ дорад, матни пурраи яке аз он шеърҳоро ин ҷо меорем.

Хоҳам бисароям ба ту, гӯям сухане чанд,
Онгуна суханҳои пур аз меҳр, ки мислаш
Модар ба ҷаҳон ҳеҷ нагуфтаст ба фарзанд
Ҳангоми навозиш ба сурудан паи тифлаш.

Як пора зи қалбам тупӣ, эй нури ду дида,
Бо дасти ман инак бихиромидӣ ба олам.
Ороми дилам, кӯдаки бар нозрасида,
Гарм асту баланд аст зи меҳнат ҳама шеърам.

https://bikhon.tj/

Дирӯз, ки поят ба замин рост намешуд,
Кай буд вуқуфат зи давидан, зи ҷаҳидан.
Ҳоло ба қатори бачагон, наврасаки ман,
Одат бигирифтӣ ба сари кӯча давидан.

Ҳам шилдираси ҷӯйча, ҳам қадкашии тут...
Дар ҳавлии мо буду ҳанӯз аст ба ёдам.
Машғул ба бозӣ будам ин ҷой, писарҷон,
Навбат ба ту ҳам омадааст, тифлаки шодам.

Дар сояи ҳар шоха ҳар он чиз, ки бигзашт,
Ҳар чиз, ки рафтаст дар он ҷӯҷа чу дар об –
Бо шӯхию хурсандии ту зинда зи нав гашт,
Бо бозии ту ин ҳама бедор шуд аз хоб.

Ту нағзакакӣ, бинамат аз пушти тиреза,
Бо ҳамқадаконат ба кафат барф, бибозӣ.
Мебинӣ, ки кайҳо зи сарам ҷониби гӯшам
Барф асту фурӯ шуд ба нишебӣ зи фарозӣ.

Дар хирашавӣ ҳаст нигоҳам ба ҳама рӯз.
Гӯё ки ба абр аст фурӯ меҳри фурӯзон.
Аммо зи сари нав шуда аст машъалаафрӯз
Аз нур дар он чашм, ки чун чашми ман аст он.

Бозӣ бикун, эй ҷонаки ман, нури ҳаётам,
Ҳастӣ ба ҷаҳон аввали ҳар орзуи ман.
Ширин писарам, шаккаракам, қанду наботам
Уммеди ману қувваи бозӯю дилу тан.

Хоҳам бисароям ба ту, гӯям сухане чанд,
Онгуна суханҳои пур аз меҳр, ки мислаш
Модар ба ҷаҳон ҳеҷ нагуфтаст ба фарзанд
Ҳангоми навозиш ба сурудан паи тифлаш

Донам, ки сурудам бисароянд ба олам
Гарчанд ки садҳо гузарад боз маҳу сол.
Ин ҳисси абадзиндаи ман боқӣ бимонад,
Бо гармии пуршӯълаи худ дода пару бол... (114; 41-42)

Соли 1954 ҳамчунин дар маҷаллаи «Шарқи Сурх» ба муносибати 150-солагии шоири инқилобии арман ва муборизи роҳи озодӣ ва истиқлолият Микаэл Налбандян-муаллифи «Суруди озодӣ» мақолаи И. Косикян ва тарҷумаи шеърҳои «Рӯзҳои бачагӣ» ва «Озодӣ» (174; 102-104) чоп шуданд.

Шеъри «Рӯзҳои бачагӣ»-и шоир нақли манзуми содагиҳои даврони кӯдакӣ ва айёми зудгузару бебозгашти бачагист. Суруди «Озодӣ», чун дар мавридаш дар боби гузашта сухан рафт, маромномаи даврони истиқлолхоҳии халқи арман аст. Ду тарҷумаи шеъри «Озодӣ» дар солҳои гуногун анҷом ёфтааст. Яке он, ки шоир Муҳидин Фарҳат соли 1954 тарҷумаи шеъри «Озодӣ»-ро анҷом дод ва он дар маҷаллаи «Шарқи Сурх» ба табъ расида буд, дигаре тарҷумаи Ҳикмат Раҳмат аст, ки дар маҷмӯаи «Паёми дӯстон» (187; 13-14) ҷой дода шудааст. Муқоиса нишон дод, ки тарҷумаи Муҳиддин Фарҳат ба асли руҳу мақсади шоири арман наздиктар, ҷиддитар садо медиҳад ва он қобили иқтибос аст:

Худованди озод ба лутфи хеш
Ҷу дар ҷисми ман рӯҳи одам дамид.
Ҳам аз баҳри махлуқи маҳкуми марг
Ҷунин умри кӯтоҳро офарид,
Ман он кӯдаки безабон он замон,
Ки будам зи андӯҳу ғам бехабар,
Биёзондаам дастакони заиф
Ба озодӣ, он ахтари шӯълавар.

Ҷу парпечу баста ба гаҳвораам
Намехуфтам андар шабони дароз,
Гаҳе мезадам доду гоҳе хамӯш,
Ки модар бихезад зи ҷогоҳу боз

https://bikhon.tj/

Намояд ду дастони тифлонаро,
Ки роҳат шавад кӯдаки ширхор, -
Яқин он замон аҳд бинмудаам,
Ки ман бошам озодиро дӯстдор.

Чу аз гунгӣ озод бинмуда, ман
Баровардам овози худро баланд.
Ҳам аз ҳарфи ширини кӯдак ҳама
Ба завқ омада шоду хуррам шуданд,
Ман он гоҳ на «модар, падар» гуфтаам,
Чуноне ки амри табиат бувад,
Каломи нахустинам «озодӣ» буд,
Ки ҳамчун суруде ҷарангос зад.

Зи ман қисмат: «Озодӣ?» – пурсишкунон
Чу акси садое, чунин бонг зад, -
«Ту сарбози озодӣ хоҳӣ шудан
Якумрӣ? Бигӯ, қувватат мерасад?
Раҳи он, ки худро ба озодӣ дод,
Басе сахту вазнин, басе мушкил аст;
Ҷаҳон танг хоҳад шуд аз баҳри он,
Ки ӯ дил ба озодӣ аз сидқ баст...»

Нидо мекунам доим: «Озодӣ!» – ман:
Бимон, бар сарам раъд ғуррон шавад, -
Зи оташ, зи оҳан маро бок нест!
Бимон, аз фалак дил парешон шавад,
Бимон, умри худро намоям тамом
Ба шармандагию ба қатлу ба дор, -
Ҳамеша суруди ман «Озодӣ»-ро
Бигӯям ба такрор ҳамчун шиор! (174; 102-103)

Бахшида ба Ҳафтаи адабиёт ва санъати халқи арман, ки бояд соли 1967 баргузор мегардид, як силсила китобу маҷмӯаҳои шеърҳои алоҳидаи адибони арман ва гулчини назми арман дар Тоҷикистон ба табъ расид. Аз ин силсила хонандаи тоҷик ҳамон шабу рӯз соҳиби якчанд маҷмӯаи

https://bikhon.tj/

шеърҳои шоирони арман Силва Капутикян (1967), Геғам Сарян (1967) ва як шумораи рӯзномаи «Маориф ва маданият» (1967, 19-октбяр, № 125) гардид, ки он ба ҷашни 50-солагии Инқилоби Кабири Русия бахшида шуда, аз ҳаёти адабӣ ва таърихиву фарҳангии Қафқоз ҳикоят мекунад. Дар рӯзнома, аз ҷумла мақолаи котиби Иттифоқи нависандагони Арманистон Степан Алаҷаҷян бо номи «Арманистони мутараққӣ» чоп шудааст, ки роҳи тайкардаи Арманистони давраи шӯравиро дар зарфи 50-соли баъди инқилоб дар бар мегирад. Ӯ аз ҷумла менависад, ки:

«Арманистон мамлакати кӯҳсор аст. Нурҳои офтоб сангҳои Арманистонро рангҳои пурҷило мебахшанд. Ба ин рангҳои гуногун Мартирос Сарян мӯқалам, Амо Сагиян хома тар мекунанд, Арам Хачатурян садои сози онҳоро мешунавад ва асарҳое ба олам меоянд, ки мардумро шодию сурур мебахшанд.

Дар гузашта қашшоқии сарзамини моро ифода карданӣ шуда, Ҳайастон мамлакати сангҳои сӯзон, гармо ва ташнагист, мегуфтанд. Ҳоло мо аз ҳамин «мамлакати сангҳои сӯзон» ҳикоят мекунем.

Дар ҷануби қаторкӯҳҳои Кавказ кӯҳҳои ганҷрез саф кашидаанд. Боигарии ин кӯҳҳоро мо ба шаҳрҳоямон кашонда, шавкати кӯҳҳоро оламшумул мекунем.

Ереванро шаҳри сафед, гулобӣ, зард ё худ хокиранг меноманд – кӯчаҳои ин шаҳр вобаста ба мавқеъҳои ишғолкардаашон ҳархела метобанд. Сокини кӯчаи Сайёди Наво шаҳрро сафед тасаввур мекунад – ин ҷо биноҳоро аз санги сафед сохтаанд. Дар тасаввуроти сокини кӯчаи Ленин шаҳр гулобӣ аст, биноҳои ин ҷоро аз харсангҳои гулобӣ бунёд кардаанд. Ба қасри бошукӯҳи Академияи фанҳои республика нигариста шояд, ки шаҳрро арғувонӣ, гулобӣ ё алвон қаламдод кунанд.

Умуман сангҳо бо рангҳои мухталифи табиии худ шаҳрҳои моро ба ҳар ранг ҷилвафурӯш кардаанд.

Табиати Арманистон ҳайратангез аст. Гузаштагони мо биноҳои хоку гилин месохтанд ва аз биноҳои сангин умуман хабаре надоштанд (139).

https://bikhon.tj/

Дар ҳамин рӯзнома «Тулӯи офтоб» ном шеъри Ваан Терян дар тарҷумаи Абдуҷалил Воситзода чоп шудааст. Шеър аз се банди чаҳормисра ва як банди ҷамъбастии шашмисра иборат аст:

Танҳо ситодаам сари хомӯш қуллае,
К-он қад кашидааст сӯи осмон баланд,
Дар зер, байни танг дараҳо ҳанӯз шаб,
Он ҷо ҳанӯз тираву дар хоби ғафлатанд.

Аммо нарафта дер, аз он қуллаҳои дур
Партавфикан шавад ба ҷаҳон меҳри шӯълабор
Бедор аз ҳарорати он мешавад замин,
Савту суруд бол кушояд ба ҳар канор.

Инак, ба вақд омада, эй олами вуҷуд,
Акси садо диҳӣ ту ба ҳар шодию сурур.
Ҷӯши ҳаёт медиҳам шавқи беҳудуд,
Созам дар офтоби ту ман роҳату ҳузур...

Ҳоло шаб асту лек диламро саҳар шудааст,
Гӯё ки офтоби зафар ҷилвагар шудааст.
Аз ман дурудҳо ба шумо, эй бародарон,
К-афтода дур аз ватан астеду дар ба дар.
Имрӯз агарчи ранҷу азоби шумо фузун,
Фардоятон накӯву дурахшону пурсамар (139).

Худи ҳамон соли 1967 аз тариқи нашриёти «Ирфон» маҷмӯаи шеърҳои шоираи ширинкаломи арман, дӯсти адабиёти тоҷик Силва Капутикян «Шӯълаи маҳтоб» чоп шудааст. Силва Капутикян шоираи дӯстдоштаи хонандагони тоҷик аст. Ӯ низ дар Арманистон барои равнақи шеъри муосири арман ва ҳифзи назокати тасвири он хизматҳо кардааст. Дар маҷмӯа 41 шеъри шоираи арман дар тарҷумаи 4 тан аз шоирони тоҷик – Лоиқ Шералӣ, Гулчеҳра Сулаймонӣ, Ҳадиса Қурбонова ва Мавҷуда Ҳакимова ҷой дода шуда, қисмати бештар (тарҷумаи 27 шеър) ва беҳтари он дар тарҷумаи Лоиқ фароҳам омадааст. Бояд гуфт, ки аксари шеърҳои шоира обистани дардҳои ҷовидонаи ватанхоҳӣ бу-

https://bikhon.tj/

да, онҳо ба фарзандони дар мусофират гумгаштаи диёр, чашмони чори модари интизор, хаёли ёр ва тасвири манзараҳои зебои Арманистон бахшида шудаанд. Шеърҳои маҷмӯа ҳама ифодагари эҳсоси поки инсон, баёнгари ҳолату вазъияти ӯ дар паҳнои сарнавиштанд. Дар маҷмӯа тарҷумаи шеърҳои «Эътиқод», «Суруд дар васфи инсон», «Дур аз Арманистон», «Чашмҳои арманӣ», «Кабӯтарҳои Арманистон» ва... имтиёз доранд. Шоира дар шеъри «Чашмҳои арманӣ» мегӯяд:

Аз миёни садҳазорон ҷуфт чашмони сиёҳ,
Мешиносам, чашмҳои арманӣ, бо як нигоҳ.
Дар ҷабини пиру барно, рӯи тифли бегуноҳ.

Дар дили покизаю пурмеҳр мебошад гувоҳ,
Даҳшати бисёри дунёи куҳанро дидаед.
Дарди ғурбат, гиряи зори Ватанро дидаед.

Пас чаро аз рӯзгори вожгуну тирарӯ,
Мондаед як умр бо тамкину рахшону накӯ?! (115; 19)

Тавре дида мешавад, шеъри кӯчак аз се банд – ду банди аввал семисраӣ ва банди охир ду мисра ҷойгир шуда, қофиябандии ааа, абб, вв дорад ва шакли ифодаи фикр ва ҳиссиёти шоира нав аст ва мутарҷим шоира Гулчеҳра шакли ифодаи нусхаи аслро ҳифз кардааст. Ё намунаи дигар шеъри «Эътиқод» аст, ки онро Лоиқ тарҷума кардааст:

Ба рӯи санглохон қасрҳо бунёд бинмудем,
Баланду осмонрас, гӯӣ наздики Худо буданд.
Вале дар оташи ҷангу ҷадалҳо сӯхт ҳатто санг,
Тамоми қасрҳоро душманон вайрона бинмуданд.

Валекин қалъаҳо афрохтем аз нав ба сад уммед,
Ба тори қӯҳсорон ҳам адӯ моро амон нагзошт,
Намонд аз қалъаи маҳкамниҳоди мо нишоне низ,
Ба вайронгоҳҳои қалъаҳо тухми харобӣ кошт.

https://bikhon.tj/

Манору кӯшкҳо афрохтем аз нав чу тахти умр,
Ба зидди душманон бебоктар ҷангу ҷадал кардем.
Барои он ки ҳар як кӯшк маҳкампоятар бошад,
Ба хуни хеш ҳар як хишти онро пухтатар кардем.

Ба ҷои пойдевораш муҳаббат, орзу, уммед,
Васият, эътиқоду боварии хеш бинҳодем.
Вале ин ҳам напоиду замоне баъд ворун шуд,
Намонд аз санъати меъмории мо номи ободӣ.

Вале бар сохтан, оростан пардохтем аз нав,
Ба рӯи қитъаи дилшакли хоки кишвари арман
Зи нав мо санг овардем аз вайронаи Анӣ,
Ки рангин аст бо хуни ниёкони шуҷоатманд.

Чунон мо қасрҳою тахтҳо оростем аз нав,
Ки дар худ қасрҳои Ахтамарро зинда медоранд,
Дуои ҳар хиштро бо орзу шӯрондаем он қадр,
Ки фарри қасрҳоро ҷовидон поянда медоранд.

(115; 8-9) –

ва шоира дар ин шеър аз имону эътиқоди халқ дар роҳи ҳифзи арзишҳои олии инсонӣ – ёдгори дасти инсон ва тамомияти ҳунар қисса мекунад, ки он қисса ба савганди эътиқоди бинои халқ табдил ёфтааст.

Се шеъри дигари Силва Капутикян, «Бахт», «Зи кӯи ман гузар бинмоӣ ҳар гоҳ», «Ману ту офтобу моҳтобем» дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (1967, 5-апрел, № 41) чоп шудаанд.

«Гулханда» маҷмӯаи шеърҳои навбатист, ки он ҳам соли 1967 дар шерозаи тайёрӣ ба Ҳафтаи адабиёт ва санъати арман дар Тоҷикистон аз тариқи нашриёти «Ирфон» ба табъ расидааст. Муаллиф шоири машҳури даврони нави адабиёти арман Геғам Сарян буда, маҷмӯа дорои 30 шеър аст ва онҳо аз ҷониби Қутбӣ Киром (23 шеър) ва Аслам Адҳам (16 шеър) ба тоҷикӣ баргардон шудаанд. Дар шарҳи маҷмӯа омадааст, ки «ашъори шоири забардасти арман Геғам Сарян

https://bikhon.tj/

дерест, ки мақбули хонандагони халқҳои бародари Ватанамон ва инчунин хориҷӣ гардидааст. Сарян аз хурдӣ дар рӯҳи осори адабиёти ҳазорсолаи шарқ, Дурян, Туманян, Терян, Умари Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз тарбият ёфта, яке аз асосгузорони назми советии арман ҳисоб меёбад».

Воқеан, Геғам Сарян аз шоирони маҳбуби Арманистони даврони нав аст, ки ашъораш дар рӯҳияи ҳифзи анъана ва суннатҳои хусусан шакли шеъри форсӣ гуфта шудааст. Қутби Киром дар ҷараёни тарҷума ба мухтасоти шарқӣ ва оҳангҳои назми халқии осори Сарян диққат дода, кӯшиш кардааст дар ҳифзи махсусиятҳои нусхаи асл маҳорат нишон бидиҳад. Масалан, шеъри «Як барги гули бунафшаи тар», ки ҳамагӣ аз 8 мисра иборат аст, дар тарҷумаи Қутбӣ Киром имтиёз дорад:

Як барги гули бунафшаи тар,
Барканда ниҳодӣ байни дафтар.
Гӯё, ки баҳору ҳусни онро,
Оғӯш намудӣ ту саросар.

Рӯзе бирасад, ки дида онро,
Гӯӣ: чӣ аҷаб баҳор будаст.
Дар накҳату ҳусну дилрабоӣ
Ҳамдӯш ба ман чу ёр будаст (218; 6).

Ё худ шеъри ба «Фирдавсӣ» бахшидаи шоир симои образи асосӣ – Фирдавсиро ба хонандаи арман бо сифатҳои подшоҳи шеър, офтоби назм, шӯълапоши шабистони замину осмон муаррифӣ мекунад ва мутарҷим Қутбӣ Киром онро чун дар нусхаи асл, бо эҳсоси назокати шаҳомати шоир баргардон кардааст:

Асрҳову солҳо рафтанд пайҳам бешумор,
Зиндаӣ, шоир, нарафт аз шеърҳоят обутоб.
Шӯъла пошӣ дар шабистони замину осмон.
Подшоҳи шеър – Фирдавсӣ, мисоли офтоб.

https://bikhon.tj/

Асрҳои бешуморе боз оянду раванд,
Боз ашъори ту ҳар ҷо медиҳад сози баланд.
То ҷаҳон боқист, дар ҳар хона, дар ҳар анҷуман.
Ошиқонро шеъри Фирдавсист ёру корманд
(218; 13).

Як силсила шеърҳои шоири арман ба мисли «Суруди ишқ», «Тирамоҳ», «Қиссаи як хӯша гандум», «Каломи модар», «Абр», «Гулханда» бо шакли мӯъҷаз ва ифодаи аниқу бамаврид метавонад ба ҳайси як намуна аз назми давраи нави адабиёти Арманистон пазируфта шавад, ки он дар меҳвари тарҷумаи бадеӣ ва низоми бархӯрдҳои аносири адабии арману тоҷик аст.

Дар китоби дигар, ки «Паёми дӯстон» (Гулчини назми арман) номгузорӣ ва арзёбӣ мешавад, намунаи ашъори 26 тан аз шуарои бузурги давраи баъди асри XVII-и Арманистони Шарқӣ (Сайёди Наво, Микаэл Налбандян, Иоаннес Иоаннесян, Ованес Туманян, Аветик Исаакян, Ваҳан Терян, Акоп Акопян, Озод Вштунӣ, Геғам Сарян, Сармен, Силва Капутикян, Геворк Эмин, Рачия Ованесян, Ваагн Давтян, Маро Маркарян, Самвел Григорян) ва Арманистони Ғарбӣ (Петрос Дурян, Мисак Метсаренс, Даниэл Варужан, Сиаманто, Шушаник Куртинян) ҷой гирифтаанд. Бояд гуфт, ки ин китоб як навъ шиноснома ва намои назми арман дар вусъати шинохти арзишҳои маънавӣ ва маърифати адабии давр дар муҳити Тоҷикистон ҳам мебошад.

Дар китоб мо ба номҳое дучор мешавем, ки онҳоро хонандаи тоҷик ҳанӯз намешинохт ва шеърашон ҳам дар фазои адабии Тоҷикистон маълум набуданд. Аз ин сабаб мо номҳои шоиронро пурра ва дар ду қисм овардем, ки онҳоро тақдир ба мисли шоирони имрӯзаи тоҷик аз ҳам дур карда буд. Яъне хоки Моваруннаҳр ва Хуросон ё худ мафҳуми таърихӣ-ҷуғрофии Эрони Шарқӣ ва Эрони Ғарбӣ бо вуҷуди фазои ягонаи забон онҳоро дур кардааст. Арманистони Шарқӣ ҳамон мафҳум ва паҳнову вусъатест, ки тақдирашро қариб дусад сол қабл ба Русия пайваста буд.

https://bikhon.tj/

Арманистони Ғарбӣ аксари шаҳру музофотҳои Туркия ва, чун ба гуфта омад, ҳамвориҳои беканори пушти каторкӯҳҳои Арарат (ва кӯҳи Арарат низ) ва водиҳои Сосун, Зайтун, Ван, Васпураканро ишғол мекард. Арманҳои ин минтақа, ба мисли миллионҳо арманҳои дигар, ки дур аз ватани аҷдодӣ мезиянд ва хату забону адабиёташонро ҳифз кардаанд, забонашон чун шеваи софи забони адабии муосири арман бокӣ мондааст ва бо ин забон осори пурмоя доранд. Арманистони Ғарбӣ чун узви комилҳуқуқи таъриху забону адабиёт эътироф шудааст ва намояндагони онҳо ҳама вақт дар ҷаласаву анҷуманҳои нависандагони Арманистон ширкат ва як зумра шоирон, ба мисли Сиаманто, Варужан, Петрос Дурян, Мисак Метсаренс... ва даҳҳо дигар адибон адабиёти Арманистони Ғарбиро намояндагӣ мекунанд.

Китоб аз ашъори Сайёди Наво оғоз меёбад ва намунаи шеърҳои ӯро дар тарҷумаи Гулчеҳра Сулаймонӣ ва Ғоиб Сафарзода зикр карда будем. Хонандаи тоҷик ҳамчунин ба намунаи осори Микаэл Налбандян, Ованес Туманян, Аветик Исаакян, Ваан Терян, Наири Зарян (масалан шеъри машҳури ӯ «Шоҳи золим ва шоир» дар тарҷумаи Басир Расо), Геғам Сарян, Силва Капутикян, Геворк Эмин шинос аст ва намунаҳои тарҷумаҳои осори онҳо дар матбуоти даврии Тоҷикистон бисёр чоп шудаанд.

Шоирон-намояндагони адабиёти Арманистони Ғарбӣ барои хонандаи тоҷик ин қадар аз чеҳраҳои ошно нестанд.

Масалан эҷодиёти шоири ҷавонмарги арман Петрос Дурян (1851-1872) хеле рангин ва ашъораш саршори маъниҳои тоза ва маҳсули эҳсосоти бикри ӯст. Ӯ дар умри кӯтоҳи худ бо ашъор ва осори пурмоя тавонист дар дили хонандаҳо роҳ ёбад. Вале шеъри ӯ саросар охангҳои ҳазини зиндагӣ, шиква аз номуродист. Шояд тани дардманди шоир нагузошт, ки ӯ аз шодӣ ва фараҳи зиндагӣ бархурдор бошад, бинобар ин ашъори ӯ саропо дард, шикоят ва пур аз ғами зиндагист. Бофти шеър, сохтори поэтикӣ ва таркибҳои торикӣ, алвидоъ, марг, ғусса, ғам, мурдан ва... шеъри ӯро дар қиёси шоирони ҳамқалами худ як навъ имтиёз додаанд. Шеърҳои

https://bikhon.tj/

«Марги ман», «Ёд бинмо», «Ғусса», «Шикваҳо» ва... воқеан шеърҳое мебошанд, ки муҳит ва фазои тафаккури шеъри шоири номуродро умумият додаанд.

Масалан, ду шеър ба ҳайси намуна дар тарҷумаи Собир Зикирзода:

Марг агар ногаҳ дарояд аз дарам,
Гӯядам, ки «ҷонат аз тан мебарам»,
Ғуссаи бисьёр орад бар сарам,
Лек ҳоло зиндаам ман, зиндаам.

Чун барояд ҷони ширин аз танам,
Ришгаи умед аз ин дунё канам,
Шамъ афрӯзанд вақти мурданам,
Лек ҳоло зиндаам ман, зиндаам.

Баъд аз он печанд манро бар кафан,
Карда афғон бар сари тобути ман,
Алвидоъ гӯянд бо ман марду зан,
Лек ҳоло зиндаам ман, зиндаам.

Ё шавад овози зангула баланд,
Марг созад хандаҳои нописанд,
Гарчи мардум сӯи хокам мебаранд,
Лек ҳоло зиндаам ман, зиндаам.

Бар сари гӯрам, ки ёрони мананд,
Бо дили хунгашта афғон мекунанд.
Гарчи бар хокам супоранду раванд,
Лек ҳоло зиндаам ман, зиндаам.

Ҳар гаҳе ки қабри ман, эй дустон,
Мешавад бегона бар хурду калон,
Он замон аз ман намемонад нишон,
Дон, ки он дам мурдаам ман, мурдаам.

https://bikhon.tj/

Ё худ шеъри дигар:

Дар лаби баҳри кабуди барҳаво,
К-андар он ҷо рег тобад мисли зар,
Ғуссаву андӯҳи худро карда нақл
Менишастем мову ту шому саҳар.

Чун бидидӣ нури субҳи босафо
Ёд бинмо, дӯстам, меҳри маро!

Барги нахли сабзу зебое, ки мо
Менишастем борҳо дар сояаш,
Менамудем ҳар дам он ҷо мову ту
Сӯҳбат аз ишқи бутони моҳваш,

Чун бичунбад мисли мавҷи пурҷило,
Эй ҳабибам, ёд кун ишқи маро!

Дӯстам, субҳи баҳориро бубин:
Дашту саҳро бегубору лолазор.
Рафта шодон ҷониби боғу чаман
Даста-даста чин зи гулҳои баҳор.

Чун сарояд андалеби хушнаво,
Ёд овар орзуҳои маро!

Ё баро бар тори кӯҳи Чамли-Чай
Ё ба тори теппаи Бахлар-Башӣ,
К-андар он ҷоҳо ману ту ҳар замон
Менамудем сайру гашту дплхушӣ.

Чун ба гӯшат «Хоб кун» гӯяд сабо,
Ёд бинмо қисмати талхи маро!

Дар шаби айёми тобистони хуш
Нур пошанд ахтарони осмон,
Шӯъла пошад моҳ ҳам мисли чароғ
То раҳат равшан кунад, эй Мотаҷон.

https://bikhon.tj/

Ҳар гаҳе ёд оварӣ бигзаштаро,
Ёд бинмо ғуссаву дарди маро!

Дӯстам, бингар ба ин дунёи дун,
Медиҳад озор ҷисму ҷони ту.
Ғуссаву андешаи он мебарад
Ранг аз рӯ, нур аз чашмони ту.

Чун зи маргам дод зангула нидо.
Ёд бинмо лаҳзае марги маро! (186; 17-19).

Дар ин давра хусусан дар он шабу рӯзҳое, ки дар Тоҷикистон Ҳафтаи адабиёт ва санъати Арманистон гузашт дар саҳифаҳои матбуоти даврии Тоҷикистон намунаҳои ашъори шоирони арман дар тарҷумаи шоирони тоҷик, гузориш ва матни сӯҳбату суханрониҳои дӯстони арман, мақолаҳо оид ба таърихи пайвандҳои адабӣ ва фарҳангӣ бисёр чоп шуданд. Ҳафтаи адабиёти арман дар Тоҷикистон моҳи сентябри соли 1972 гузашт ва ба ин муносибат рӯзномаҳои «Тоҷикистони советӣ», «Маориф ва маданият», «Комсомоли Тоҷикистон», «Коммунист Таджикистана», «Комсомолец Таджикистана» ва маҷаллаҳои «Садои Шарқ» ва «Помир» дар саҳифаҳои худ аз ҷараёни Ҳафтаи адабиёти арман дар Тоҷикистон намунаҳои осори Аветик Исаакян, Аммо Сагиян, Армаис Саакян, Ваагн Давтян, Геворг Эмин, Ашот Граши ва мақолаҳои иштирокдорони Ҳафта Эдвард Топчян, Паруйр Микаэлянро ба таб расонидаанд.

Аз ашъори Аветик Исаакян, ба эътибори як силсила шеърҳо, ки дар саҳифаҳои нашрияҳои ҷумҳурӣ ва маҷмӯаҳои дастҷамъӣ дар тарҷумаҳои шоирони тоҷик Нодир Шамбезода (достони «Абул Ало Маарӣ», қасида дар 7 сура) ва Алӣ Бобоҷон ба табъ расидаанд, ҳамчунин як маҷмӯа бо унвони «Дили ман дар фарози кӯҳсор аст» (107, 80) дар тарҷумаи Муҳиддин Фарҳат чоп шудааст, ки 87 шеър ва қитъаҳои шоири арманро дар бар мегирад. Шеърҳо дар солҳои гуногун таълиф ёфтаанд ва тарҷумаашон низ дар фазо ва муҳити мухталиф сурат гирифтаанд.

https://bikhon.tj/

Масалан:

Аз диёри хештан гаштам ҷудо,
Дар ғарибӣ хонаву ҷоям набуд.
Дур аз модар шудам бо оҳу во,
Хоб дар чашмони биноям набуд.

Мепаред аз кӯҳҳо, паррандагон.
Модар оё бо шумо н-омад дучор?
Бодҳо, ҳастед аз дарьё вазон,
Ку дуруд аз модари ғамхори ҷон?

Бодҳо рафтанд бе фарьёду ҷӯш,
Мурғҳо рафтанд бар сӯи ҷануб,
Аз бари дил, к-аз рамаш набвад хурӯш,
Қасдашон буд дидани рӯи ҷануб.

Модари ҷонам, аҷаб пазмон шудам
Рӯи нуроиву гуфтори туро,
Дар ғарибӣ сахт саргардон шудам.
Хостам ҳар лаҳза дидори туро.

Кош мерафтам ба сӯят, чун насим,
Мегирифтам бо масаррат дар канор,
Мениҳодам сар ба поят аз самим
Мешудам хандону гирьён як замон. (107; 11)

Дар шеъри «Ғами мардум» шоир ҳиссиёти пуршӯри халқро дар орзуи рӯзгори ширин ифода менамояд:

Зи дарёҳову саҳроҳои дуродур,
Зи коху кушку ҳам аз сӯи зиндонҳо,
Дарандозад, чу тундар, бар дили ман шӯр,
Шабонрӯзӣ хурӯш афғони инсонҳо.
Табассум талху оби дидагон шӯр аст,
Ба хун олуда нону сӯзи ғам зӯр аст.
Бувад оё, ки хушкад баҳри ашк охир?
Шунидан дорам: ашк аз синаҳо зоҳир
Шавад, в-он гоҳ резад бар дили зорам.
Ман аз ин ғуссаву ҳасрат дар озорам. (107; 32)

https://bikhon.tj/

Бо ин як-ду намуна наметавон аз вусъати тафаккури таърихӣ ва ҳунари офаринандагии шоире чун Аветик Исаакян, хусусан дар тарҷумаи тоҷикӣ хулоса ва натиҷагирӣ намуд. Аветик Исаакян дар адабиёти даврони нави умуман арманҳои тамоми дунё, ки он аз як шохаи фарҳанги аҷдодии Арманистон Шӯравӣ нумӯъ мекунад ва як руҳи қавии миллӣ ва паҳнои уфуқрави худшиносӣ дорад, ба ҳайси «Варпет»-Устод шинохта ва эътироф шудааст. Мавзӯи омӯзиш, тадқиқ ва тарҷумаи осори Аветик Исаакян ва шинохти арзишҳои адабӣ-бадеии он ҳамчунон дар Тоҷикистон аз мавзӯъҳои нав аст.

Як маҷмӯаи ашъори шоири дигари арман Геворк Эмин дар тарҷумаи Аскар Ҳаким соли 1983 чоп шудааст. Маҷмӯа аз се қисм фароҳам омада, ба унвони «Аср. Замин. Ишқ» муаррифӣ мешавад ва 89 шеъри шоири арманро дар бар мегирад.

Интихоби шеъру мавзӯъ асосан аз ҳамин ном китоби шоир дар забони русӣ гирифта шуда, Аскар Ҳаким аз байни тарҷумаву тарҷумонҳои бисёр рӯҳи ашъору симои эҷодии ӯро тавассути тарҷума ба хубӣ ва дар ниҳояти назокат ҳис кардааст.

Тарҷумаи 34 шеър ва силсилаи хурдакаки «Сурудҳое, ки дар кӯҳсори Лорӣ эҷод шудаанд» низ ҳамин мақсадро бар ӯҳда гирифтаанд. Агар дар шеърҳои «Сурудҳое, ки дар кӯҳсори Лорӣ эҷод шудаанд», «Шеър дар бораи замину осмон», «Шабеҳи рассом» (Ба Мартирос Сарьян), «Таронаи кӯҳан», «Кафтарон – афсонаҳои сап-сафед», «Тирамоҳ» ва ғайра сухани ифтихории шоир зиёда ва мақсадҳои пешгирифтаи ӯ амалӣ шуда, бо ҳамин роҳ, яъне таъкиди сухани ифтихору баёни мақсад хонандаро ба фаҳмиши зебоиҳои Замин наздик орад, пас дар шеърҳои «Комитас дар биёбон», «Оҳ, ин кӯҳи Масис», «Суруд дар бораи турна» фарёду нолаи шоир, норизоии ӯ аз беадолатии гузашта шунидаву ашки ғам аз чашмони шоир дар мотами фарзандони дур аз Ватану ятими кишвари бегона ҳис карда мешавад.

https://bikhon.tj/

б) Тарҷумаи осори насрӣ

Ба эътибори китобҳои насрӣ ва умуман осори насрии агиографӣ, ки дар бобҳои гузашта зикрашон рафт, шурӯ аз «Таърих»-и Мовсес Хоренатсӣ, «Таърих»-и Себеос, «Таърих»-и Еғише, «Таърих»-и Аракели Табрезӣ ва... инкишофи нахустин намунаҳои наср дар Арманистон ба асри XVII, ба давраи таълифи «Таърих» («Китоб»)-и Аракели Табрезӣ рост меояд. Муаллиф дар «Китоб»-и мазкур нақл ва тасвири бадеӣ-публитсистии рӯйдодҳои Арманистони Бузург ва берун аз қаламрави он, масалан зодгоҳи худ-Табрезро низ фаро гирифтааст. Лекин инкишофи наср асосан аз нимаи авали асри XIX, баробари ба майдон омадани асосгузори насри нави арман – Хачатур Абовян ҳисоб карда мешавад. Хачатур Абовян бо фаъолияти хеле кӯтоҳи адабӣ ва ҷадалҳои маърифатии худ ба адабиёту фарҳанг ва муҳити маънавии Арманистони баъди солҳои 1830-1840 рӯҳи нав дамид. Ташаккули забони нави арманӣ-ашхарабар, ки ҷои грабарро гирифт ва он ба сифати забони адабии арман эътироф гардид ба ном ва фаъолияти нависанда ва муборизи даврони нав – даврони баъди ба Россия ҳамроҳ шудани Арманистони Шарқӣ – Хачатур Абовян алоқа мегирад. Ӯ дар нахустромани адабиёти нави арман «Ҷароҳатҳои Арманистон» ба таври бадеӣ ва ҳайратовар аз тақдири таърихии халқи арман ва шебу фарозҳои он нақл мекунад. Дар солҳо ва даврони минбаъда ташаккули насри арман аз ҳар ҷиҳат ба ном ва фаъолияти Ованес Туманян, Аксел Бакунс, Аветик Исаакян, Дереник Демирчян, Александр Шервонзода, Рачия Кочар ва каме баъдтар Вардгес Петросян, Перч Зайтунян, Грант Матевосян, Степан Алаҷаҷян, Мушеғ Галшоян алоқа мегирад.

Дар насри нави реалистии арман падидаи асосӣ омезиши андӯхта ва дастовардҳои пешқадами насри адабиёти шарқу ғарб, аз ҷумла арабӣ ва форсии тоҷикист. Нависандагони арман аз роҳи синтези андӯхтаҳо ва дар заминаи миллии хусусан насри баъди Абовян ба дастовардҳои хуб мушарраф шуданд. Инкишофи насри ин давра чун назми дерин ва дорои анъанаҳои чандинасраи он дар ду шоха муайян мешуд.

https://bikhon.tj/

Шохаи аввал адабиёти (наср) Арманистони Ғарбӣ, ки дар қаламрави арманнишини Туркияи усмонӣ қарор дошт ва бештар дар зери таъсири насри пешқадами Фаронса равнақ меёфт. Шохаи дигари он дар қаламрави Арманистони Шарқӣ, дар зери таъсири адабиёти рус ва адабиёти халқҳои дигар, масалан насри адабиёти давраи нави форсӣ дар қаламрави Эрон. Вале бо ин ҳама вобастагӣ ва омезиш адабиёти арман, хусусан насри давраи нави он аз махсусият ва симои миллӣ орӣ набуд. Махсусияти зиндагӣ, қисмати талх ва аз ҳама асосӣ, эҳсоси шинохти маърифати миллӣ аз паҳлӯҳои пуркуввати адабиёти ин давраи арман буд.

Дар баробари инкишофи назму наср адабиёти тарҷума низ пеш мерафт. Воқеан як ҷиҳати хуби адабиёти арман ва рисолати таърихии шоиру нависандагони арман ин аст, ки адабиёти тарҷумаи аз арманӣ ва тарҷумаи осори халқҳои дигар ба забони арманӣ пайваста ва тавъам равнақ гирифт.

Аз чунин як адабиёти дорои анъана ва суннатҳои пешқадам, афсӯс ки ба забони тоҷикӣ кам намунаҳои осор тарҷума шудаанд. Лекин новобаста ба кам тарҷума шудани осори назмиву насрии адабиёти арман нависандагону шоирони тоҷик аз дастовардҳои бародарони ҳамқалами худ, аз равнақи адабиёти арман дар назму наср огоҳии комил доштанд. Ҷараёни ба ҳам омадани адабиёт ва шохаҳои он, умумияти инкишофи адабиёт дар як ҷараёни мустақими адабии Иттиҳоди Шӯравӣ, роҳҳои ғанои адабӣ ва фарҳангии халқҳо дар масири талабот ва принсипҳои ягона адабиёти тоҷику арманро ба ҳам хеле наздик кард. Дар фикраи гузашта аз боби тарҷумаи намунаҳои назми адабиёти арман иктифо кардем ва мебинем, ки насри даврони нави Арманистон бо намояндагӣ аз нависандагони адабиёти давраи нави арман, ки чанде аз онҳоро зикр ҳам кардем, мавриди тарҷума ва мутолиаи хонандагони тоҷик қарор гирифтааст.

Тарҷумаи нахустин намунаҳои насри нави арман дар Тоҷикистон, дар солҳои гуногуни асри XX ва чопашон низ пароканда дар саҳифаҳои нашрияҳои Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Бо назардошти чунин тартиб адабиётшинос Атахон Сайфуллоев навишта буд, ки:

https://bikhon.tj/

«Яке аз шаклҳои муҳимми робитаҳои адабӣ, ки халқҳои гуногунмиллатро ба ҳамдигар наздик месозад, тарҷумаи бадеӣ мебошад.

Дар замони советӣ аз солҳои 30-ум сар карда, асарҳои адабиёти тоҷик ба забони арманӣ ва намунаҳои адабиёти арман ба забони тоҷикӣ тарҷума шуданд. Дар соли 1934 дар Арманистон ҳазорсолагии Абулқосими Фирдавсӣ ва дар соли 1939 дар Тоҷикистон 1000-солагии эпоси каҳрамонии халқи арман «Довуди Сосунӣ» ҷашн гирифта шуд. Ба ин муносибат дар Арманистон достони Фирдавсӣ «Рустаму Сӯҳроб» (мутарҷим Г. Асатур) ва дар Тоҷикистон чанд порча аз «Довуди Сосунӣ» тарҷума шуданд. Шоир С. Таронси низ асарҳои Фирдавсӣ, Саъдӣ ва Ҳо-физро ба забони арманӣ гардондааст. Хонандагони арман намунаҳои эҷодиёти Рудакӣ, Хайём, Ҷалолиддини Румӣ ва Абдураҳмони Ҷомиро низ ба забони модарӣ мутолиа мекунанд. Баъзе асарҳои С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар ва ғайра низ тарҷумаю нашр шудааст. Аз ҷумла «Қиссаи Ҳиндустон»-ро Ағавнӣ Григорян тарҷума кардааст (202; 66-78).

Атахон Сайфуллоев аз таърихи баргардони намунаҳои насри нави арман мулоҳиза ронда, ба ҳар ҳол солҳои 30 асри XX ва минбаъда «дар оилаи ягона» равнақ ёфтани адабиётҳои арману тоҷик ва ба тарҷумаи тарафайн гаравидани шоиру нависандагони тоҷику арманро фоли нек мешуморад. Воқеан ӯ бар он аст, ки:

«Дар навбати худ асарҳои нависандагони арман ба забони тоҷикӣ тарҷума шуд. Аз насри классикӣ ва советии арман асарҳои Раффи «Вардики соҳибҷамол» (1971, мутарҷимҳо Ш. Муродулло ва С. Ҳафиз), Аксел Бакунс «Писари кулол» (1967, тарҷумон Шамсӣ Собир), повест ва ҳикояҳои Зарян «Байрақи парафшон» (1958, мутарҷим Д. Обидов) ва «Себзор» (1967, тарҷумаи М. Наҷмиддинов), романи дуҷилдаи Гарегин Севунс «Теҳрон» (1967) дастраси хонандагони тоҷик гардиданд. Барои бачаҳо китобҳои Х. Гулназарян «Сайёҳони хуб» (1963, тарҷумаи С. Зикирзода), маҷмӯаи шеърҳои Силва Капутикян «Ба Москва ме-

https://bikhon.tj/

равем» (1971), инчунин «Афсонаҳои халқи арман» (1961, мутарҷим Р. Обидов) чоп шуданд. Аз асарҳои шоирони арман маҷмӯаи ашъори Егише Чаренс «Рангинкамон» (тарҷумаи Убайд Раҷаб ва Басир Расо, 1968), намунаҳои ашъори классикӣ ва советии арман «Паёми дӯстон» (1967) ва дигарҳо ба забони тоҷикӣ интишор ёфтаанд. Ба муносибати Ҳафтаи адабиёти арман дар Тоҷикистон намунаҳои назми арман таҳти унвони «Сози Наири» аз чоп баромад (202; 66-78).

Тарҷумаи намунаҳои насри муосири арман дар Тоҷикистон ва ба забони тоҷикӣ ду ҳолат ва ду даврараро аз сар гузарондааст. Яке ин, ки беҳтару бештари он намунаи тарҷумаҳои насрӣ дар соли 1967, ба пешвози ҳафтаи адабиёт ва санъати арман дар Тоҷикистон, ки бояд баргузор мешуд, ба табъ расидаанд. Дар ин сол, аз иқтибос маълум, беҳтарин намунаи тарҷумаҳо аз адабиёти арман (масалан осори Раффи, қиссаи «Вардики соҳибҷамол» ва ҳикояи «Писари кулол»-и Аксел Бакунс аз Арманистони Ғарбӣ ва силсилаи дигар аз Арманистони Шарқист...) Давраи дуюм дар солҳои минбаъда сурат гирифт, ки ба ин тарҷумаи асари сегонаи шарҳиҳолии Гурген Маари «Ҷавонӣ» (соли 1986, дар тарҷумаи Фотеҳ Исҳоқӣ), қисса ва ҳикояҳои Серо Хонзодян «Ташнаам, об диҳед!» (1985), «Афсона ва ҳикояҳо»-и Ованес Туманян (1991), «Ангораҳои арман»-и Вардгес Петросян (1991), қисса ва ҳикояҳои Грант Матевосян, Стефан Зорян, Ҳоҷак Гулназарян, Рачия Кочар ва ғ. дохил мешавад, ки онҳо аз тариқи нашриёт ва рӯзномаву маҷаллаҳои Тоҷикистон дар солҳои гуногун ба табъ расидаанд.

Албатта, ҳамаи он намунаҳои тарҷумаи осори насри нави арманро наметавон фаро гирифт, вале гуфтан мумкин аст, ки ҳамаи он тарҷумаҳое, ки дар солҳои 50-60-и асри гузашта ба анҷом расидаанд, гувоҳи интишори мероси бои адабӣ ва фарҳангии Арманистони даврони нав дар фазо ва муҳити адабии Тоҷикистонанд. Мутарҷимони тоҷик, шоирон ва нависандагон Муродулло Шерализода, Ҳафиз Сайфуллоев, Шамсӣ Собир, Собир Зикирзода, Мутеъулло Наҷмиддинов, Додоҷон Обидов, Азимқул Насимов, Саттор Турсун, Ибод

https://bikhon.tj/

Файзулло, Қодири Рустам, Салим Аюб, Абдуғаффор Абдуҷаббор ва даҳҳо нафарони дигар дар солҳои гуногун, дар роҳи дастрас намудани намунаҳои насри муосири арман барои хонандаи тоҷик заҳматҳо кашидаанд. Дар Тоҷикистон насрнависи бузурги арман, Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ, барандаи ҷоизаи давлатии Арманистон Серо Хонзодян аз нависандагони маъруф ба ҳисоб меравад ва дар байни хонандагони тоҷик маҳбубияти тамом дорад. Эҷодиёти ӯ доманаи фарох дошта, осораш аз ҳикоя, қисса ва достонҳои калони насрӣ ба ҳам омадаанд. Ӯ муаллифи асарҳои калонҳаҷми таърихӣ ва маишии замони ҳозира аст. Насри мустанади арман ва дар ин шероза мавзӯи синфи коргар ва сохтмон, истеҳсолот аз ҳисоби осори бисёри ин нависандаи заҳматкаши Арманистон ранги дигар касб кардааст. Ҳамзамон ӯ дӯсти адабиёти тоҷик, ҳусусан Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар ва Ҷалол Икромиву Ибод Файзулло ва Мӯъмин Қаноат буд. Серо Хонзодян борҳо ба Тоҷикистон омадаву дар бораи Тоҷикистон ва адибону адабиёти тоҷик суханони хайр гуфта аст. Порчаҳо аз қиссаҳои ӯ, гуфтор ва гузоришоташ дар саҳифаҳои нашрияҳои Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Аз ҷумла як матни муфассали хотираҳои ӯ дар бораи Мирзо Турсунзода соли 1981 дар рӯзномаи «Маданияти Тоҷикистон» (3-апрел) ва китоби мақолаву хотираҳо дар бораи Мирзо Турсунзода «Васлгари дилҳо» (1981) ба табъ расидаанд.

Дарвоқеъ эҷодиёти Серо Хонзодян барои мардуми тоҷик ва хонандагон дер боз шинос аст. Муаллифи асарҳои таърихии «Мхитар Спарапет» ва «Каҷаран», қиссаҳои «Ташнаам, об диҳед!» ва ҳикояҳои «Савсанҳои арғувонӣ», «Усто Ятим», «Субҳ ба хайр, Вард!», «Тобистони соли 1971» ва... Серо Хонзодян аз ҷумлаи нависандагони хушбахтест, ки осорашон бештар ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст.

Тавре ба гуфта омад, ба муносибати Рӯзҳои адабиёти шӯравӣ дар Тоҷикистон соли 1985 аз тариқи нашриёти «Ирфон» маҷмӯаи қисса ва ҳикояҳои «Ташнаам, об диҳед!» дар тарҷумаи мутарҷими пуркор Азимқул Насимов чоп шуд, ки он қиссаи «Ташнаам, об диҳед!» ва 6 ҳикояи дар солҳои гу-

https://bikhon.tj/

ногун таълифкардаи адиби арманро дар бар мегирад. Қисса ва ҳикояҳои муаллиф дар солҳои гуногун навишта шуда, аз рӯзгори ҳамзамонон, қисмати талхи фарзандони арман, аз таҳаввулотҳои бузурги сиёсиву иҷтимоӣ дар шаҳру деҳоти Арманистон нақл мекунад.

Қиссаи «Ташнаам, об диҳед!» (257; 5-105) аз нақл ва тасвири пора-пора ва бахшҳои гуногуни рӯйдодҳо ба ҳам омадааст. Муаллиф дар ҳар бахш аз ҷузъиёти зиндагӣ ва хӯю хислатҳои ҳамзамонон нақлҳои ҷозибу ҷолиб мекунад. Оғози қисса аҷиб аст. Нақл ҳамеша аз номи шахси якум. Муаллиф гӯё канда-канда, пора ва ҷузъиётҳоро аз ёдҳо ва хотира ба ҳам оварда, тору пуди онҳоро ришта ба ришта дӯхта нақл мекунад. Ашё чун дар муҳити кӯҳистони тоҷик: кӯҳу дара, чашма (Чашмаи Кабк), обҳои мусаффо, падари хаткашон, хирманҷо... магар ки номҳо: Саҳроҳои Лоданзор, Шогер, Хачипап, муҳандис Грачи, духтарак Астғ ва ғ.

«Вай сумка дар пушташ ба чашма хам мешавад. Ӯ ташна аст. Мехоҳад об бинӯшад. Мо-ду нафар лаби худро ба косасанги пуроб мечаспонем. Падарам хам шуд, ман ҳам фукамро ба об ғутондам. Падарам андаке бозистод ва гуфт: «Об аз хурд». Ин ҳикмати шарқист, ки аз гузаштагон ба мерос мондааст.

Риштаи канда-кандаи пайроҳа аз даҳони дара баромада дар рӯи замини ташналаби саҳроҳои Лоданзор густурда мешавад. Тангнои сангӣ аз морҳои заҳрнок вижжос мезанад.

Падари хаткашонам роҳи дигаре надорад. Ба деҳоте, ки дар канори саҳроҳои Лоданзор қарор доранд, роҳи дигаре нест. Дар он ҷо бошад чашму дилҳои онҳоест, ки интизори хабаре аз дурафтодагонашонанд. Мо аз ин пайроҳа фарозро мебароем: падарам бо сумкаи калони хаткашонию ман бо сумкаи хурдакак.

Ин деҳот дурдаст буданд. То нахустин деҳа расидан ҷонамон аз ташнагӣ ба лаб меомад.

Бузурганд саҳроҳои Лоданзор – аз уфуқ то уфуқ. Роҳи мо тӯлонист, дар ин роҳ фақат Чашмаи Кабк, ки як мушт об дорад, мавҷуд аст. Дар ин ҷо ташнагиатро намешиканӣ,

https://bikhon.tj/

лабҳо мисли замини саҳроҳои Лоданзор торс-торс мекафад ва дар нисфи роҳ аз ҳол меравӣ...

Мо рӯ-рӯи сангҳои тасфон қадам мезанем. Дар гирду атроф на аз дарахт нишонае ҳасту на аз алафу гулҳо. Замини аз офтоб оташгирифта морхона шудааст. Шояд барои ҳамин ҳам ҳар говмеше, ки ба он даҳон занад, дар як он нақши замин шуда, ҷон медиҳад.

Ҳар лаҳза ба устухонҳои одаму асп... бармехӯрем. Ва ҳамаи онҳо таърихи садсола ва эҳтимол ҳазорсола доранд.

Падарам аз назди онҳо гузашта маъмулан лаб фурӯ мебасту маро ба даст мегирифт. Фақат дар лаби Чашмаи Кабк ба забон меомад.

Вай сумка дар пушташ ба рӯи чашма хам мешуд. Мо лаҳзае чанд лаби худро ба косасанг, ки обаки борике аз сахра ба даруни он мешорид, мечаспондем. Падарам мӯйлабашро дар об меғӯтонду ман фукамро. Аввал ман менӯшидам.

«Об аз хурд», – мегуфт падарам.

Ва ман менӯшидам. Оби косасанг тамом мешуд. Падарам то пур шудани он интизорӣ мекашид.

Вай менӯшиду менӯшид ва пайваста Хачипапро дуои хайр мекард. Ӯ ин дафъа ҳам бо устокории фавқулода даҳони мори дараро баст.

Сахтакак, сахтакак ҳамебандам,

Морро ҳам даҳону ҳам нофаш.

Падарам қатраҳои оби муйлабашро мелесид ва ба санги тари лаби чашма такя мезад. Ман бошам дар бораи Хачипап фикр мекардам. Хачипап ҳаматавон буд, ҳатто даҳони морро мебаст...

Ногаҳон дар лаби чашма бибии Шогер пайдо шуд. Ҳамроҳаш духтараки болобаланди лоғарандом Астғ. Бибии Шогер зани писари Хачипап, яъне зани Мамбреи бузбон, модари ёздаҳ фарзанд аст. Фарзанди аз ҳама хурдиаш Астғ аст, ки мисли васлаи пероҳани модар, ҳамеша ҳамроҳи ӯст. Дар китфи бибии Шогер сабад: маълум мешавад, ки барои чидани марминҷон ба ёнаҳои саҳроҳои Лоданзор рафтааст. Вай сабадро рӯи замин мегузорад, як каф об мегираду ба

https://bikhon.tj/

духтараш менӯшонад ва сонӣ, худаш чанд ҷуръа нӯшидаю аз падарам мепурсад:

– Додарам – пӯшида, дар дуньё чӣ гап?

– Ҳеч чиз, – дар ҷавоб оҳ мекашад падарам. – Боз хушксолӣ...

Бибии Шогер пероҳани пора-пораи Астғро мураттаб мекунад.

– Чаро ту ба дуньё омадӣ? Аз дасти ту оромӣ надорам, мисли девонаҳо либос мепушӣ. Ҳамаи либосҳоят ҷиғида-ҷиғида.

Бибии Шогер аз духтараш хиҷолат кашида суп-сурх мешавад. Падарам ҳам сурх мешавад. Шалвору пероҳани тани ӯ ҳам пур аз васла. Бибии Шогер ба ман як мушт марминҷон дароз мекунад ва мегӯяд:

– Калон шав. Вақте ки калон шудӣ, Астғро ба ту ба занӣ медиҳам. (257; 5-6).

Аз як силсила ҳикояҳое, ки дар маҷмуаи «Ташнаам, об диҳед!» фароҳам омадаанд, ҳикояи «Савсанҳои арғувонӣ» ба нақли фасеҳ, орому батаанӣ ва ҳифзи мухтасоти осори асл имтиёз дорад. Инак, оғози ҳикоя:

«Ману амакам дар нишебии дара, дар сояи буттаи настаран, ки ғарқи гулҳои арғувонист, нишастаем. Дар поин водии танг доман густурдааст ва андаруни он шаҳрак паноҳ бурдааст. Дар лаби боми тунукаӣ нишастаю чӣ тавр кабутаронро ром додани писарбачае ба мо намоён аст. Дар ин ҷо кабӯтарон ба пораабрҳои кӯчаке шабоҳат доранд, онҳо ба ҳаво болу пар кушода, дар фарози боғҳои дар аъмоқи дара гумшуда давр задаю сонӣ баргашта, ба рӯи китфони ҷавонак менишинанд.

– Христ ҳам кабӯтаронро дӯст медошт, – мисли ин ки ба худаш мегуфта бошад, изҳор мекунад амакам.

– Кӣ? – мепурсам ман.

Амакам тамоку мепечонад. Панҷаҳояш дурушт шудаанд ва мисли ин замин, ки шарбати хешро ба настаран медиҳад, торс-торс кафидаанд. Вай сигорашро оташ мегиронад ва ба поин, ба шаҳрак чашм дӯхта, дунболи суханашро мегирад:

– Номи ӯ Христофор, Христофор Мкртчян буд, вале мо

https://bikhon.tj/

ӯро Христ гуфта ном мебурдем. Вақте ки ҳанӯз кӯдак буду аз паси кабутарон медавид, ҳамин тавр ном мебурдем ӯро. Ҳатто замоне ҳам ки номаш дар дараҳои мо ғулғула андохт, номаш Христ монд.

Амакам ба ҳикояташ шурӯъ мекунад ва чеҳраи абӯсаш равшан мешавад. (257; 176).

Дар муқоисаи тарҷумаи намунаҳои насри Серо Хонзодян тарҷумаи асари сегонаи Гурген Маарӣ «Ҷавонӣ», ки тарҷумааш аз ҷониби Фотеҳ Исҳоқӣ анҷом дода шудааст, дар як ҷилд бо тарҷумаи як ҳикояи «Рӯз дар мазори деҳ» (мутарҷим Садрӣ Умар) омадааст.

Ном ва осори Гурген Маарӣ ба хонандаи тоҷик ин қадар ошно нест. Ӯ ҳам мисли садҳо адибони арман сарнавишти печида дорад. Гурген Маарӣ дар шаҳри Вани Арманистони Ғарбӣ ба дунё омада, дар кӯдакӣ ҳам аз падар ва ҳам аз модар сағир мемонад. «Ҳанӯз хеле хурд будам, ки аз падару модар ятим мондам. Дар овони наврасӣ аз шаҳри Ван баромада, ҳамзамон аз модаркалонам ҳам якумрӣ ҷудо шудам. Шоҳиди куштори оммавии арманҳо аз ҷониби туркон – аввал ба Эчмиадзин омадем, сонӣ ба Дилиҷон, баъд ба Ереван...» (141; 48).

Тарҷумаи асари сегонаи шарҳиҳолии ӯ аз рӯзгори Гургени ҷавону ҳамзамононаш нақли пуршӯр мекунад. Асар бо забони софу сода ва ҳафзи мухтасоти маҳаллу миллӣ ва вақту фазои ибтидои асри XX тарҷума шудааст. Дар оғози асар ба ҷои муқаддима суханони худи нависанда оварда шудааст, ки ибратомӯз аст:

«Мегӯянд, ки мардум одатан ҳодисаҳои аз сар гузарондаву айёми бачагиашонро танҳо ҳангоми пирӣ ба хотир оварда, ба ҳаяҷон меоянд... Ба фикри ман, ин гап нодуруст аст.

Ёди айёми бачагиам маро ҳамеша ба ҳаяҷон меорад, ман муттасил дар ёди он рӯзҳои афсонавиам ва ҳоло, ки ҳанӯз пир нагаштаам, мехоҳам хотироти он рӯзҳои афсонавиро, – аз такрори ин суханҳо ҳаргиз монда намешавам, – ба қалам диҳам.

Солҳои даргузашт, албатта, бисьёр ҳодисаҳоро муғлақ ба ёд меоранд, басо чеҳраҳо суда шуданд, бисьёр симоҳои

https://bikhon.tj/

наҷиб аз хотир фаромӯш гаштанд. Ҳоло мехоҳам боқимондаҳои шикасту рехти заврақи тиллоии бачагиамро, ки дами ғарқ шудан аст, наҷот бидиҳам.

Хаёлан ман аз дари хонаамон берун меомадам ва ба ҳар тарафе, ки чашм афтод, қадам мезадам-ҷониби хонаи Аҷем-Хачо ва ё то дараи Саакбой мерафтам. Ман ҳар як хонаю ҳар як дарахти сари роҳи худ, ҳар як чорроҳа ва замини бепоёни атрофу акнофро равшану возеҳ тасаввур мекардам.

Ман ғори Зим-Зим ва сарбозхонан Амудоғоро чун рӯи кафи худ, чун ин рангдони рӯи мизи кориам равшан медидам; ҳоло бисьёр чизҳо аз хотирам фаромӯш шуда, бисьёр воқеаҳои рӯзгори гузашта аз ёд рафта-аст...

Мехоҳам боқимондаи хотиротамро, ки ҳанӯз ҳам ёд дорам, наҷот бидиҳам. Мехоҳам айёми гузаштаро ба хотир оварда, аз хусуси он сареҳу возеҳ бинависам, чунон бинависам, ки бо ҳаяҷон тапидани хуни раги чакаи сарамро худ эҳсос бикунам, буррою хоно ва софу ошкор бинависам, чунон бинависам, ки он чун осмони шаҳре, ки замоне он ҷо зиндагӣ ба сар мебурдам, софу беғубор, чун оби баҳраш шаффоф, чун боғоташ сарсабз ва ҳамрадифи шабҳои кабудчатоби маҳтобиаш бошад...» (141; 48).

Хотироти нависанда ба рӯзгори пурпечутоб, сахт ва аламовари даврони кӯдакӣ, наврасӣ ва ҷавониҳои адиб алоқа мегирад ва он аз тика-тика хотираҳои гоҳо рангину гоҳи дигар ғамзо ва обастани дардҳо ҳикоят мекунад. Дар вусъати хотироти муаллиф ҳама чиз ҳаст: ёд ва ҳасрат, олами зебои кӯдакӣ, тасвиру таассуроти шабҳои пурситораву пурасрор... – ҳама ҷолибанд ва Фотеҳ Исҳоқӣ тавонистааст асари муаллифро дар қайди меҳвари махсусияти миллӣ тарҷума намояд. Як порча:

«Чаро хоҳари ҳабдаҳсолаи ман Адрине девона шуд? Баъзеҳо мегуфтанд, ки ӯ аз тамоми тафсилоти марги фоҷиавии падарам огоҳ гаштаасту аз ин хусус ба касе даҳон кушода натавониста, девона шудааст, аз хусуси бемории ӯ духтурон як гап мегуфтанду фолбинон гапи дигар, қисса кӯтаҳ, хохари бечораи ман Адрине девона шуда буд.

https://bikhon.tj/

Аслан бошад, дардаш аз ғаму андӯҳ, аз зиндагӣ сар зад; ҳамин ки берун торик мешуд, ӯ ба рӯи боми ҳамвор мебаромаду соатҳои зиёд ба ситораҳо чашм медӯхт. Модарам оҳи бадард мекашиду хомӯш меистод: баъд хоҳарам бо мӯйҳои парешону чашмони ҳаросон поён мефаромад.

– Он ҷо чӣ мекардӣ, Адрине? – мепурсид модарам.

– Ибодат, – посух медод ӯ.

Ҳамин ҳолат ҳар рӯз такрор мегардид.

Ана баъд рӯзе пай бурдам, ки суханаш норавшантар шудааст забонаш мегирад, ин нуқсон рӯз аз рӯз аёнтар мегардид, рафта-рафта ӯ ба ҷои талаффузи калимаҳо канда-канда садо мебаровардагӣ шуд.

Вале ин ҳолати оромиву гунгӣ дер давом накард; девонагиаш авҷ гирифт, ӯ акнун ҳамаро мегазид, ҳар чизу чораеро, ки дучор меомад, мешикаст, хароб мекард, беист мегирист ва таом дархост мекард. Ӯ шабу рӯз хӯрок мехӯрд, бо ҳирси ҳайвонӣ кавша мекард ва агар касе ба ӯ халал расонданӣ шавад, мушти обдору гарони ӯ омодаи кор мегардид.

Баъд ӯ суруд мехонд, чистон мехонд. Он ба савти суруд ҳаргиз монандӣ надошт; ин садое буд ҳазину риққатовар, ки аз сурудхонӣ дида, бештар уллоскаширо ёдовар мешуд ва хусусан дар шабистон ба кас ваҳму даҳшат меафзуд.

Баъд ӯ муддати чанд рӯз ғайб мезад; ману додаронам ба ҷустуҷӯяш мебаромадем, вале дарьёфт карда наметавонистем ва танҳо пас аз ду-се соат ягон одами нек аз дасташ гирифта меовард. «Ӯро аз хона берун магузоред, – мегуфтанд мардум, – ӯ хок мехӯрад, бачаҳоро заданаш мумкин».

Хонаи мо ба ҳавлии даҳшатовари маҳаллаамон табдил ёфта буд; модари ман бо қатъият ва ба исрор таъкид мекард, ки касе моро дуои бад кардааст; вай ба ҳамсоязане мегуфт, ки ин ҳама мусибатҳои мо аз он рӯзе, ки амакбачаам Левон мори анборхонаи моро кушта буд, сар заданд; он мор бошад, хонаи моро аз чашми бад нигаҳбонӣ мекарду дар сар тоҷи тиллоӣ дошт.

Ман хоҳарамро бори охир дар роҳҳои фирор дида будам. Ман он дам сари роҳи калоне, ки ҷониби дара тӯл мекашад,

https://bikhon.tj/

дар табларза мехуфтам, аз роҳ мардуми бисьёре дар ғояти ваҳму даҳшат-фирор мекарданд...

Ногоҳ овози шиносе аз дур ба гӯшам расид, бо азият чашмони беҳаракати худро во кардам; дар баландӣ болои санге хоҳарам Адрине менишасту бо доду фиғон мушт ба зонуҳояш мезад; шуои офтоби заррин пеши чашмамро биг-рифту баъд ман аз ҳуш рафтам...

Пас аз ин ман дигар ӯро надидам.

Маро бубахш, Адринеи азиз. Боре ман худдорӣ карда на-тавониста, туро муште зада гурехта будам; ту гунг будӣ, аз хусуси ман шикояте карда наметавонистӣ.

Ту чашмони базебу сиёҳ доштӣ, барои зистан ва дӯст доштану дӯстдор будан таваллуд шуда будӣ, вале ҳаёти ту ҳанӯз дар айни шафақи субҳ ба шаби ҳавлнок табдил ёфт. Додари ту ҳанӯз зиндааст, Адринеи азиз, ӯ туро фаромӯш накардааст; афсӯс, бисьёр афсӯс, ки ту то ба ин рӯзҳои оф-тобии мо нарасидӣ.

Хоҳарам, Адрине!.. (141; 10-11).

Соли 1990 дар тарҷумаи нависанда ва тарҷумони соҳибистеъдод Салим Аюб асари нависандаи дигари арман Вардгес Петросян «Ангораҳои арман» чоп шуд (191; 288).

«Ангораҳои арман» қисса-эссе аст ва аз ду китоб фароҳам омадааст. Нависанда, қабл аз он ки ба китоб, ба нақл нуқта гузорад аз модар, модари аштаракӣ ёд мекунад, ки солҳои ҷанг дар ақибгоҳ, дар деҳаи дурдасти Аштарак истода ба ҷанговарони советӣ ҷӯроб дӯхта мефиристод... ва ҳамчунин аз заҳмати нависандагӣ, ки монанд аст ба худи зиндагӣ... Заҳмати нависандагӣ тайи масофа нест, он гар-дишро дар тӯли вақт фаро мегирад:

Нависанда бояд аз қабати асрҳо ва сарнавиштҳо гузарад, аз имрӯз ба дирӯз сафар кунад, шебу фарозро тай намояд, ба ғалат роҳ диҳад, бовар созад ва дар ин сафари гуворову пурмашаққат гоҳе шояд марвориди Ҳақиқат, Зебоӣ ва Не-киро ба даст орад. Ин гуна ҷаҳиш дар майдони иборат аз се милён километри мураббаъ низ мушкил асту дар се кило-метри мураббаъ низ.

Ин китоб аз кӯшишҳои чунин парвоз таркиб ёфт.

https://bikhon.tj/

Мулоҳизаҳои муаллиф аз тору пуди китоб ва оғозу анҷоми он қобили таваҷҷӯҳанд:

Ин китоб аз ишқ ва адоват зода шудааст. Саҳеҳаш – аз ишқ. Пеш аз ҳама – ишқ. Вале модари ман ҳар дафъа порчаҳое аз «Ангораҳо»-ро хонда, ин ё он ғалатро пайдо мекунад. Боз ғалатҳое ки «Ин воқеа фалон сол не, биҳмадон сол рӯй дода буд. Дар деҳаи мо касе ин хел ном надорад. Падари ту ин корро накарда буд». Модарам мепиндошт, ки ман рӯзҳои умри худро шаддавор ба риштаи нафисе кашидаам. Албатта, бе ин ҳам намешавад. Дар кандуи вуҷуди ман ёдбудҳои хуфтае бедор мешуданд ва занбӯрвор ғуввос зада, ба паҳнои зиндагӣ парвоз мекунанд. Магар ин ҷо қиссаҳои хеле андӯҳбори ёру дӯст ва ҳамовардони маро надидед?

Ин китоб аржангест, ки аз кӯшишҳои бозгашт ба солҳои зиста ва назиста, аз наздик омадану дур шудан, аз роҳи беохири пуршебу фароз тартиб ёфтааст. Занбӯрҳо аз гулистони даврони гузашта чӣ меоранд? Намедонам. Оё онҳо дарк мекунанд, ки асал маҳсули хаёл асту бас ва гулҳо ба ҷуз шира заҳр, талхӣ низ доранд? Охир танҳо қанду накҳатро аз талхию заҳр ҷудо мекунад (ба кадом минвол – касе намедонад). Бо гузашти айём олами ботин – кандуи нависанда низ аз донаҳои хашму хушунат пок мешавад (чӣ тавр – инро худи нависанда ҳам намедонад), зеро занбӯр бояд ба мардум асал диҳаду нависанда некӣ.

Вагарна беҳ будӣ, ки занбӯр дар кандуи худ ба ғанаб рафтӣ ва даричаи олами ботини нависанда баста шудӣ.

Оё месазад, ки дар поёни ин китоб нуқта гузорам?

Намедонам. (191; 284-286).

Мақсади нависанда ҳам, ки аз таълифу таҳияи китоби «Ангораҳои арман» ба риштаи хаёл кашидани ҷузъиёти фаровони зиндагист, ки онҳо дар қолаби ҳикоя, новелла, эссе ва ручӯъҳои публитсистӣ ба ҳам омадаанд. Мутарҷим Салим Аюб ҳамаи инро дар ниҳояти эҳсоси масъулият ва аз худ рафтан дар нақли ба нусхаи асл наздики асари тарҷума фаро гирифтааст. Маҳз Салим Аюб тавонист дар меҳвари андешаҳои адиби арман давр занад, маҳз Салим Аюб таво-

https://bikhon.tj/

нист ҷаҳони андешаҳои нависандаи арманро тоҷикӣ намояд. Оғози китоб:

Кишвари сангҳо гӯянд Арманистонро. Ва ҳар гоҳ ки инро шунавӣ, дар пиндорат ғалаёни қуллаҳои сарсафед, шаҳҳои нӯгтез ва тангноҳои жарф пайдо шаванд. Ҳар куҷо, гар дарахте руста бошад, реша ба харсанг танидааст. Ток бо сад печутоб дар замини сангвора ба худ рох кушодааст. Қабати тунуки хок фақат он маъниро дорад, ки шахпораҳои хаста лаҳзае ҳамлаи худро боздоштаанд ва хок аз ин истифода бурдааст.

Рангобарангии ҳазорон санги кӯчаку бузург. Баъзе сахраҳо гӯё аз мис рехта шудаанд. Ва гӯё панҷаҳои азиме дар миёни ин шаҳҳои суфта дараҳо кандаанд. Сангизур – (Зангезур–А.Д.) диёри афсонавии сахраҳои бузург, Арагатс – сангистони бекарона ва оғозгаҳи чашмаҳои бешумор, Сехкеванг – бинои дастисохти муназзам ва мутаносиби сангӣ, Арарат – ду мавҷи сангин дар уфуқи дашт.

Девори хонаи худро мо аз санг сохтаем.

Пулҳои рӯи рӯдҳоро низ.

Маъбадҳо ва дижҳо.

Қабристонҳо...

Барҳақ Айастони сангӣ

Оё сангӣ?

Беҳтар он аст, ки бигӯем: сангшуда. ба санг бадалгашта. Агар ман кӯдаки ба афсонаҳо хушбовар мебудам, метавонистам ба осонӣ тасаввур кунам, ки дар замонҳои қадим ҷодугари бадҳайбате ба кишвари мо қадам ниҳода, шукӯҳи боғу бӯстонҳоро дида, дар қайди ҳасад бияфтод. Лаҳзае чашмони ӯ монанди ду кирми гурусна ниҳолони сабзу гулҳои садгесро назора карданд. Ва баъд аз ин ӯ асои сеҳрноки худро баланд карду бонг зад:

– Санг шавед! Шах шавед!

Ва дашту ёлаҳои зумуррадгун ҷо ба ҷо шах шуданд. Барги милёнҳо гули саҳро чун сангпораҳои сиёҳи сахт ба замин рехт, дарахтони бешазор ба санг табдил ёфт. Замин сахт шуда, абрҳо, ки дар тоқи миноии кишвар ба ҳам омада буданд, низ вазнин шуданд. Борони сангине борид.

https://bikhon.tj/

Ҷодугари сияҳкор бо хушнудӣ қаҳқаҳа зад. Хандаи ӯ мисли сангпораҳо ба ҳар сӯ пош хурд. Асрҳо гузашт.

Халқи ман таваллуд шуд, то ин ҷо зиндагӣ кунад. Худованд ба ӯ асои сеҳрноке, ки тилисми ин ҷодуро шикаста тавонад, ҳадья накард. Аммо ба ҷои асои сеҳрнок дастҳои меҳнатӣ, зеҳни равшан ва шикебоии сангин ба ӯ бахшид. Ва халқи ман ваҷаб ба ваҷаб калобаи ҷодуро кушод, ба замин назокат, ба гулҳо ранг, ба чангалҳо садо боздод.

Харсанг аз замин решаков кард.

Ибодатхонаҳо сохт.

Манзилҳо ва пулҳо.

Ва чӣ чора, қабристон... (191; 4-5).

Китоби дуюми «Ангораҳои арман» низ давоми таърихномаи миллати арман аст, ки танҳо дар сангҳо китобат шудааст ва Арарат – ин рамзи шукӯҳу салобати таърихи арман аст.

«Ин равоқ гӯё ҳошияи сангии Арарат аст. Арарати хушобуранги расмҳо не, балки Арарати ҳақиқӣ. Ва ин равоқ дар ҷои худ хеле муносиб афтодааст. Ба зинаҳои рухомӣ оҳиста-оҳиста боло меравӣ. Қадамҳои худро мешумурӣ: як, ду, се, чор... зинаи охирин ва ногаҳон Араратро андаруни ҳошияи сангӣ мебинӣ. Агар ҳаво софу беғубор бошад, ин манзара ҳайратангез ҷилва мекунад.

«Ҳама ҷаҳонро саросар гардию наёбӣ қуллае сафедтар аз кулоҳи Арарат». Шоир ҳини навиштани ин мисраъ гӯё медонист, ки дертар онро дар ҳамин равоқи хоро ҳаккокӣ хоҳанд кард.

Ҳар кас аз ин ҷо ба ду кӯҳони Арарат чашм дӯзад, шояд пиндорад, ки ӯ низ метавонист чунин мисрае бигӯяд. Зеро он ба ҷуз аз нигориши лафзии як манзара чизе беш нест.

Дар фосилаи байни сутунҳои равоқ Арманистонро мебинӣ, ки гӯё рӯи лаълии сангӣ пешкашат шудааст. Пораҳои бунафштоби шудгорпая, боми рангоранги хонаҳо ва дар дуродур манори телевизиони Ереван. Худи шаҳр намудор нест, аммо тапиши дили ӯро эҳсос мекунӣ. Аз ин ҷо дайри серсутуни Гарнӣ намудор нест, вале медонӣ, ки он каме чаптар воқеъ гардидааст.

https://bikhon.tj/

Аз шоҳсутунҳои рухомии Гарнӣ то равоқи рухом – ин аст ҳама таърихи халқи мо. Дар рӯ ба рӯ бошад, шоҳиди ин таърих – Арарат хомӯшу бошукӯҳ қомат афрохтааст.

Шоҳиди таърихи печидаву боварнопазир...» (191).

Ҷойгоҳи адабӣ ва таърихии адибе чун Ованес Туманян дар халқаи пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман махсус аст. Як паҳлӯи масъалаи мазкур ҳамбастагии ҷаҳони андешаи Ованес Туманян аст, ки дар осори ӯ ҳикояву афсона, шеъру достон ва осори публитсистиаш инъикос ёфтаанд. Аз афсонаҳои Ованес Туманян ёд карда, ҳамназдикии пиндору орзу ва ормонҳои миллии Туманянро дар мизон ва меъёри шинохти арзишҳои маънавии шарқӣ, аз ҷумла тоҷику форс дида будем. Ин ҷо сухан аз тарҷумаи афсонаҳои Туманян аст, ки таҳлили онҳо дар фазои шабеҳият ва муқоисаи типилогӣ-аналогии афсона ва мазмунҳои тоҷикӣ сурат мегирад. Тарҷумаи як силсила афсона ва ҳикояҳои Ованес Туманян соли 1991 аз тариқи нашриёти «Адиб» (мутарҷим аз русӣ Ҳикмат Неъмат) ба табъ расид, ки он афсонаҳои «Рӯбоҳи бедум», «Нодон», «Назари ҷасур», «Соҳиб ва хидматгор», «Наврӯз», «Шаҳри заррин», «Ҳасани хушҳол ва Ҳорун-ар-Рашид», «Моҳии гӯё», «Чаҳ-чаҳ подшоҳ», «Кӯзаи зар», «Доно ва Коно», «Дурӯғгӯ», «Фаноси бебарор», «Урии танбал», «Табарҷон» ва «Сайёди дурӯғгӯ»-ро дар бар мегирад. Масалан, афсонаи «Рӯбоҳи бедум» ҳамон афсонаи халқии тоҷикиро ба ёд меорад, ки пиразане буд, ӯ бузашро ҷӯшида, хурмаи ширро ба замин монда, барои ҳезум меравад, то ки оташ гиронда ширро пазад... Ин дам аз куҷое рӯбоҳе пайдо шуда ширро мехӯрад ва пиразан аз ин амали рӯбоҳ огоҳ шуда, бо каланд чунон ба думи рӯбоҳ мезанад, ки думи рӯбоҳ канда мешавад... ва сарсониҳои рӯбоҳ барои дум оғоз мешавад... ҳамон афсонаи халқии тоҷикӣ аз нигоҳи Туманян ва диду хулосаҳои ӯ ранги афсонаи миллии арманиро мегирад (244; 3-7).

Ҳикояи «Модар» аз эҳсоси ягонагии табиат ва инсон, ҳиссиёти модарӣ ва сарнавишти фарзанд-фароштурук, ҷӯҷаи он ва гурба мушоҳидаи пурсӯзест.

https://bikhon.tj/

«Ин ҳодиса як шоми баҳор рух дода буд. Мо рӯи ҳавлӣ нишаста сӯҳбат мекардем. Аз он вақт инҷониб ман он шомро фаромӯш карда наметавонам.

Зери нигаси хонаи мо фароштуруке лона монда буд. Вай ҳар тирамоҳ парида мерафту баҳорон боз парида меомад. Лонааш то омаданаш мемонд.

Баҳор фаро расид, фароштурук ба лонааш баргашт. Субҳгоҳон шунидани суруди ӯ аҷаб дилангез буд. Вай чун солҳои аввал тухм монда ҷӯҷа бароварда. Вай рӯзи дароз парвозкунон аз паи хӯрок мешуд ва чун рӯзие пайдо мекард, онро ба даҳони ҷӯҷаҳояш мемонду чириққос мезад.

Як бегоҳӣ фароштурук ба минқораш кирм пеши ҷӯҷаҳояш баргашт. Ҷӯҷаҳо сарҳои зардашонро аз лона бароварда бо даҳони боз чӣ-чӣ мекарданд.

Банохост яке аз онҳо, шояд аз ҳама гурусна ё беэҳтиёт, саросема бар лаби девораи лона баромад ва нобаҳангом бар замин афтид.

Фароштурук ғучурос зада худро ба сари ҷӯҷааш афканд. Ҳамон дақиқа аз куҷое гурбаамон пайдо шуду ҷӯҷаро ба даҳон гирифт.

Киш! Киш! – фарёд кардем мо. Фароштурук садои ҷонкоҳ бароварда болои сари гурба парвоз мекард ва пайт ёфта ба ӯ минқор заданӣ мешуд. Вале бефоида! Гурба гурехта худро ба анборхона зад. Ин ҳодиса чунон ногаҳонӣ рух дод, ки фурсати ёрӣ додан наёфтем.

Фароштурук бадхашмона чириққос зада болои анборхона давр мезад, мо, кӯдакон бошем, ба дастонамон чӯб гирифта гурбаро меҷустем. Ниҳоят вай аз анборхона лабонашро лесида баромаду ҷониби хирмангоҳ давид.

Фароштурук чун дид, ки гурба бе ҷӯҷа баромад, фарёди ҷонхарош бароварда парпанакзанон ба дарахти рӯи ҳавлӣ нишаст. Он ҷо каме орамиду сипас, якбора тирвор худро ба зер афканд. Мо зуд ба сараш омадем – вай зери дарахт беҷон мехобид.

Аз он замон вақти бисёр гузашт, вале ман он шомро ҳеч гоҳ фаромӯш карда наметавонам. Ман бори аввал фаҳмидам, ки фароштурук – модар низ мисли модарони мо

https://bikhon.tj/

модар будааст, ӯ ҳам монанди мо, одамон, дили нозук дошт-ааст» (244; 78-80).

Дар эҷодиёти Туманян ҳикоя кам аст, вале ҳикояи «Гикор», ки аз сарнавишти талхи писарбачае ба номи Гикор ҳикоят мекунад, на танҳо дар адабиёти арман, балки дар адабиёти Иттиҳоди Шӯравӣ назир надорад. Нақли пурсӯз аз рӯзгори вазнини писарбачае, ки камбағалӣ ва нодорӣ оилаи онҳоро водор кардааст, Гикори дувоздаҳсола барои кор карда қути лоямут ёфтан ба Тифлис фиристанд ва ҳамин тавр Гикор ба Тифлис меравад ва худашу орзуҳояш қурбони зиндагии вазнини шаҳри калон мегарданд. Дар тарҷума оҳанги асосӣ-мақсади муаллиф аз чунин ҷаҳолат ва қурбонӣ ҳифз шуда ва худи ҳикоя пурсӯз аст:

Аз нависандагони дигари арман, ки намунаҳои эҷодиёташон ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст, Грант Матевосян аст. Грант Матевосян нависандаи сирф миллии Арманистон, ба мисли Акоп Мндзури, Аксел Бакунс ва Ованес Туманян мебошад. Онҳо дар эҷодиёташон арзишҳои миллӣ, махсусияти таърихӣ, саҷияи маҳз арманӣ буданро ба воситаи адабиёт ва дар низоми адабиёт инъикос кардаанд. Адабиёт пайваста аз арзишҳои миллӣ ҳифз мекунад, вале адабиёте, ки ба мисли адабиёти арман дардҳои таърихии миллиро инъикос намояд ва нависандае, ки ба мисли Грант Матевосян дарди халқ, ҷафоҳои таърихро барои арманҳои (ва на танҳо арманҳо) имрӯзу фардо бигӯяд, кам аст.

Грант Матевосян муаллифи беҳтарини ҳикоя, қисса ва романҳо аз ҳаёти деҳоти Арманистон аст. Хонанда дар ҷараёни мутолиаи осори ӯ ҳатман ба Смакут ном қишлоқе вомехӯрад. Ин деҳаи хаёлӣ ва ормониро ӯ на танҳо дар адабиёти арман, балки дар адабиёти Иттиҳоди Шӯравӣ машҳур намуд. Ин деҳаи ормонҳо ватани бачагӣ ва охирин умеди адиб аст ва худи нависанда то охирин нафасҳои худ ба ёди чунин ватан – Арманистон ва чунин халқ – арман зист ва дар осораш аз дардҳо ва фоҷиаҳои арман сутуд. Қисса ва ҳикояҳои ӯ «Мо ва кӯҳҳои мо», «Тошканд», «Ҷадди ту», «Хӯҷаин», «Сабӯҳӣ» ва даҳҳо қисса ва ҳикояву эссеҳои дигар дар хазинаи тиллоии адабиёти арман маҳфуз мондаанд.

https://bikhon.tj/

Соли 1982 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» тарҷумаи як ҳикояи ӯ «Говмеш» чоп шуд, ки ба қалами Саттор Турсун мансуб буд.

Ташаккули махсусиятҳои насри тоҷик дар солҳои 70-80, инкишофу имконоти тасвир дар қанрҳои алоҳида (масалан, ҳикояву қисса) ва савияи кунунии маърифати жанрӣ аз ҳар ҷиҳат ба ҷустуҷӯҳои эҷодии адибони тоҷик дар сатҳи адабиёти саросарӣ алоқаманд буд.

Чун маҳсули ҳамон ковишҳои бадеӣ шиддат гирифтани тасвири психологӣ ва муносибати ҷиддии дахолати адабиёт ба масъалаҳои хаёт буд, нависандагони тоҷик маҳз дар солҳои хусусан ҳафтод ҷиҳати маърифати тасвир ва умқи тадқиқро дар насри тоҷик ба дараҷае таъмин карданд. Аз ин ҷо рӯҳи навҷӯии насри муосири тоҷик аз падидаҳое, ки бар асари вусъати диди эстетикӣ ва ҷустуҷӯҳои ахлоқӣ дар адабиёт зоҳир шудааст, ба ҳам омадаанд. Ҳамин махсусиятҳои реализми тасвир ва вусъати нигоҳи адиб падидаҳои шаклӣ ва рангорангии «воситаҳои дарки бадеии воқеият»-ро академик Муҳаммадҷон Шукуров чун нишони амали мутақобили адабиёт дар ҷараёни инкишоф маънидод карда, навишта буд ки: «повест дар адабиёти халқҳои Осиёи Миёнаву Қазоқистон мисли роман ҳамеша сахт ба якдигар алоқамандона тараққӣ мекард. Барои инкишофи повести тоҷик дар солҳои шасту ҳафтод на фақат таҷрибаи нависандагони рус, балки муваффақиятҳои повестнависҳои ӯзбак, қирғиз, қазоқ, туркман ва дар айни замон инчунин ҷустуҷӯҳои нависандагони озарӣ (масалан, Анор), арманӣ (чунончи Г.Матевосян), гурҷӣ (мисли Тенгиз Чиладзе) ва дигарҳо низ аҳамияти калон дошт». (307; 113).

Мушкилоти амали мутақобила дар ҷараёни инкишофи адабиёт ба тарҷумаи бадей низ чун ба шакли махсуси таъсири адабӣ пайванд буда, таҳаввули эҷодии нависанда ва дарки махсусияти услуби ӯро муайян мекунад. Дар ҷараёни адабии муосир ин ҷиҳати хосияти амали мутақобилаи адабиёт аз аркони суннатҳои фарҳангӣ ба ҳисоб меравад.

Нависандаи тоҷик Саттор Турсун аз ҷумлаи он адибонест, ки кам, вале хуб тарҷума мекунанд. Ба кори тарҷумаи

https://bikhon.tj/

бадей рӯ овардани ин зумраи нависандагон ба ҳукми тасодуф ҳам нест, вале тарҷумаи як ҳикояи машҳури нависандаи арман Грант Матевосян «Говмеш», ки тавассути маҷаллаи «Садои Шарк» (1982,№ 3) ба табъ расида буд, дар эҷодиёти Саттор Турсун саҳифаи наве кушод.

«Говмеш» аз ҷиҳати банду баст, вусъати тасвир, дарбаргирии воқиа, ҳудуду ваҳдати ашьёву предмет ба талаботи жанри ҳикоя пурра ҷавоб медиҳад (бисьёр мунаққидон «Говмеш»-ро ба жанри қисса нисбат медиҳанд, вале худи Метевосян онро чӣ дар чопи арманӣ ва чӣ дар нашри русии асарҳояш ба қисмати ҳикояҳо дохил кардааст) ва ҳатто беҳтарин ҳикоя дар эҷодиёти Грант Матевосян эътироф шудааст. Пас сабаби таваҷҷӯҳи мутарҷим ба эҷодиёти ин адиби шинохта, ба хусус як ҳикояи ӯ чӣ бошад?

Саттор Турсун дар сарсухани тарҷума менависад: «Чанд сол аст, ки эҷодиёти нависандаи маъруфи арман Грант Матевосян дар нашрияҳои марказӣ... ва доираҳои адабии мамлакат боиси баҳсу мунозира мегардад. Грант Матевосян намояндаи миёнсоли адибони арман буда, аз ҳаёти деҳа менависад: хонанда дар асарҳои вай ҳатман ба Смакут ном деҳаи диёри кӯҳсор вомехӯрад» (145; 80).

Аз ин ҷост, ки «асарҳои ҷасурона иншо гардидаи Грант Матевосян саршори масъалаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоиву фалсафӣ» буда, повесту ҳикояҳои ӯ «Мо ва кӯҳҳои мо», «Модар писарро хонадор карданӣ меравад», силсилаи ҳикояҳои «Август» (аз ҳафт ҳикояи мустақил иборат), «Хирс», «Говмеш», «Ҷадди ту» ва охирин повесташ «Абрҳои боронрез» (дар тарҷумаи русӣ «Тошканд») аллакай ба чандин забонҳои хориҷӣ тарҷума ва нашр шудаанд.

«Ба душвортарин саволҳои аср ҷавоб ёфтан мумкин, Смакутро тарк накарда...» «Ҳар смакутӣ дар худ тамоми мушкилиҳои дунёро ҷой медиҳад»-, менависад Метавосян. Ё худ: «... вақте ки дар бораи Смакут ягон чиз навиштанӣ шавам, сужет худаш тайёр мешавад»-, мегӯяд нависанда.

«Одамон бо самолёт аз Москва то Ереван фазои Смакутро парвозкунон мегузаранд; ҳамагӣ 120-125 дақиқа, вале

https://bikhon.tj/

барои аз Смакут ба Ереван рафтан лозим меояд, ки тамоми рӯз ва тамоми шаб роҳ паймоӣ...

– Деҳаи мо, ҷӯра, дури дур...

– Ту тавре гап мезанӣ, ки гӯё дар Арманистон набошад...

– Дар Арманистон ҳам не, дар рӯи замин ҳам, – чунин сар мешавад қиссаи дигари ӯ «Модар писарро хонадор карданӣ меравад».

Ҳикояи дигари Матевосян «Дар стансия» (аз силсилаи ҳикояҳои «Август») чунин диалог дорад:

– «Ба куҷо рафтанӣ ин ҷавон?

– Ба Смакут. Деҳае дар Чехословакия», – ҷавоб додам ман.

Ҳамин тавр, дар насри Грант Матевосян Смакут ифодаи макону замон дар ҳудуди муайян набошад ҳам, рамзи эътиқод ба зодгоҳ, муҳаббат ба диёру (дуньёи нотакрори бачагӣ) мардуми он ба сангу кӯҳу ҳар тори алафу ҳар ваҷаб хоки он, самимият дар муносибат бо атрофиён гардидааст.

Яке аз сабабҳои ба тарҷумаи эҷодиёти адиби арман рӯ овардани Саттор Турсун ва дар ин роҳ комёб гардидани ӯ дар садоқат ҳаст. То ба тарҷумаи хикояи «Говмеш» даст задани нависандаи тоҷик (дурустараш, то шиносоӣ бо эҷодиёти Грант Матевосян) ё худ то тавлиди қиссаи «Зиндагӣ дар домани талҳои сурх» мо дар эҷодиёти адиби тоҷик фақат ба тасвири «деҳае дар як канори Тоҷикистон» (қиссаи «Пайванд» истисно) вомехӯрдем.

Тарҷумаи ҳикоя аз забони русӣ иттифоқ афтода, ашёи муқоисаи мо дар се забон сурат мегирад. Дар рафти тадқиқ натанҳо майда-чуйдаҳои алоҳида (амсоли ручӯъҳои қаҳрамони ҳикоя), балки манзараи яклухт ва муҳимтар аз ҳама рӯҳи ашьё дар умқияти психологии тасвир ба назар меояд. Аз ин нуқтаи назар ҷанбаи таҳлилии ҳикоя дар забони асл (арманӣ) имтиёз дошта, ба туфайли тарҷумаи аълои Анаҳит Баяндур (ягона тарҷумоне, ки Матевосянро ба хонанда дар заминаи миллиаш шиносонид) дар забони русӣ ҳам ин назокат нигоҳ дошта шудааст. Саттор Турсун ба тарҷумаи ҳикоя чун ба бозьёфти эҷодӣ муносибат кард. Мо

https://bikhon.tj/

намедонем, ӯ дар тарҷумаи як ҳикоя чӣ қадар вақт ва заҳмат ба харҷ дод, вале муҳим он, ки ӯ дар ин роҳи пурмашаққат «ҳамсафар»-и худашро маҳз баъди тарҷумаи ҳикояи мазкур ёфт. Агар дар санъати тарҷума муҳимтарин чиз барои мутарҷим ёфта тавонистани нависанда ва асари ҳамрӯҳи ӯ бошад, ин муваффаққият ба Саттор Турсун баъди тарҷумаи ҳикояи «Говмеш» даст дод. Дар мавриде, ки Матевосян «вақте Алхоро менавиштам (ҳикояи «Алхо» ва қаҳрамони он аспе бо номи Алхо – А.Д.) ман худам Алхо будам, Алхо барин эҳсос кардам. Ҳа, ҳозир ҳам баъзе вақт чунин менамояд, ки ман одам неву асп бошам», – мегӯяд ин худивазкуниву худдигаркунӣ дар саросари ҳикояи «Говмеш» ҳам дида мешавад.

Буньёди ҳикоя ба тасвиру таҳқиқи панҷ рӯзи умри Говмеши Сатик ва оворагиҳои вай дар ҷустуҷӯи ҷуфте асос ёфта, ҳамин хаёл ӯро аз Смакут, аз назди кампири Марво бурун оварда буд. Маҳз ҳамин «ҳасрати ширин»-и говмеш ба ӯ мадор, қудрат ва ҷасорат бахшида, ӯро ба ҷустуҷӯ раҳнамун месозад:

«Дар оббурда, ба димоғаш нафаси гарми наботот говмеш мечарид. Бодҳо ба ин ҷо раҳ наёфта буданд, аз он бӯеро ҳам нарабуда буданд, Пода метавонист фурсате нагузашта, ба оббурда сар халонад, онро таги по ва ифлос кунад, аз ин рӯ, говмеш ҳаворо шох зада ботаҳдид мечарид. Ногаҳон алаф дар даҳонаш бемаза шуд. Худи хас барин бемаза шуд. Рӯд наздик буд. Ба пушти говмеш сардӣ давид. Пас (маълум, ки) абр рӯи офтобро бастааст. Говмеш ларзид, хост, ки сояро аз пушташ дур андозад, вале пӯсташ тароша барин сахт мешуд, гуё ки аз они худаш набуд. Сарашро баланд бардошта, говмеш сабр кард-канӣ, чӣ мешавад, – хун дар рагҳояш сусту часпак гардид, баъд дармонд, тамоман дармонд ва дуньё низ тира шуд, вай дигар садоеро нашунид. Олам сукут карда, ба зулмот табдил ёфт. Ҳоло мебоист, ки абр таркад. Бодаки серун, жаврак, рӯдаки ваҳшӣ... дар куҷое пинҳон гардиданд ва ногаҳон рагҳои ҷонвар гармӣ ёфтанд, ба онҳо боз хун медавид, сабук ва гуворо ҷӯш мезад.

Говмеш аз оббурда баромад...» (145; 82).

https://bikhon.tj/

Грант Матевосян ҳам ба аввалин саволи мунаққиде дар мубоҳиса ба заминаҳои миллии эҷодиёташ ва омӯзиши беҳтарин анъанаҳои адабиёти арман, хусусан бя эҷодиёти Ованес Туманян ва психологизми амиқу драматизми пуршиддати эҷодиёти Аксел Бакунс ишора карда бошад, ки дар ин роҳ ӯ сеюмин нависанда (баъди Туманяну Бакунс) аст, пас, дар садоқат ба мавзӯъ (сарчашмаи муҳаббати адиб) Матевосян ягона пайрави нависандви истамбулӣ Акоп Мндзурӣ мебошад, ки ӯ зиёда аз 60-соли ҳаёташро ба тасвиру тадқиқи дурдасттарин деҳоти арманнишин дар водии Арарати доманфарох – Армтан бахшидааст. Ин «энсиклопедисти ҳаёти деҳот» дар кашфи водиҳои бачагӣ деҳаи ҳанӯз дастнорасеро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX меҷӯст, ки имрӯз мисли Смакуту Вандоб ормони нависандагони шаҳрнишину деҳнигор шудааст.

Як ҳикояи дигари ӯ «Водии сабз» дар тарҷумаи Абдуғаффори Абдуҷаббор ба табъ расид. Ҳикоя аввал дар рӯзномаи «Омӯзгор» (1991, 15 май) ва, сипас, дар ҳамин ном маҷмӯае соли 1995 ба табъ расида буд, дар қатори тарҷумаҳои дигари ӯ чоп шудааст. (42; 69-77).

Ҳикояи «Водии сабз» аз беҳтарин навиштаҳои адиб аст ва тарҷумааш ҳам бомуваффақият анҷом ёфтааст. Бунёди ҳикоя ба ашёи табиат ва манзараҳои водӣ ва мувофикати ҷузъиёти хотира ва бошандагони ин дунё – водие дар кӯҳистони Арманистон асос ёфтааст. Инак, як порча аз ҳикоя:

«Барқ бо ғурриши даҳшатбораш бо харсанг сар ба сар омад, зарба хӯрда, хати ҳаракаташ бишкаст ва ба каъри замин сарозер рафт. Пояи харсанг чуқур, биняш мустаҳкам буд, гумон намерафт, ки барқ умеди ду-се порае аз он кандан дошт. Замини зери харсанг сағонаи ҳама барқҳои ба водӣ афтанда буд, ҳама барқҳои айёми баҳорону тобистон якумрӣ таи ин харсанг фурӯ мерафтанд, аз булути сершоху барг мавриди ҳар таркиши барқ хаёлан бо забони булутонаи хеш ба харсанг арзи сипос мекард, ки вай аз даврaҳои қадим инҷониб тани худро рӯ ба барқҳо мегузорад, онҳоро сӯи водӣ ҳаво медиҳад ва булутро аз марги вокеӣ эмин медорад...» (42; 69).

https://bikhon.tj/

Ҳикояи «Бӯсаҳои шифоҳии ман...» аз охирин ва навтарин ҳикояҳои Грант Матевосян аст, ки тарҷумааш аз забони арманӣ ба тоҷикӣ ба қалами муаллифи ин сатрҳо таллуқ дорад ва он соли 2005 анҷом ёфта ва дар рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» ба табъ расидааст:

«Соли 1943 падарам аз ҷанг баргашт. Бозгашти ӯ аз ин набарди мудҳиш барои деҳаи хурдакаки мо як ҳодисаи калон буд. Дар як дам тамоми деҳа ба хонаи мо омад. Ва ҳама диданд, ки дастархони мо чӣ хел холӣ аст. Ин дам раиси колхоз ба муҳосиб ишораи сар карду вай аз хона баромад. Аз қафои ӯ мудири анбор ҳам баромаду баъди ним соат онҳо баргаштанд. Дар хонаи мо гӯё тӯй барпо шуд. Яке аз онҳо дар китфаш як гӯсфанд, дигаре бо бочкаи вино ба хона даромаданд; ним кило асал, як кило маска ва қадре нон ҳам дар бағалашон буд. Падарам, ки дар ин вақт дар бораи Маздак ким-чӣ ҳикоя мекард, якбора хомӯш монд, аз кисааш тамоку баровард, вале ҳамин хел... ҳамту, бо як савқи табиӣ, онро ба коғаз напечонид, натавонист аз афташ. Дар ҳамин вақт ба хонаамон шамол барин як писарбача зада даромад ва ҳарсосзанон, саросема дар як нафас гуфт, ки Даниэлян Мушеғ ҳам аз ҷанг баргаштааст... Ҳамаи хозирини хонаи мо дар як мижа задан ба ҳавлии Даниэлян Мушеғ рафтанд. Он ҷо низ ҳама аз нав гирди миз ҷой гирифтанд. Чун дастархони Даниэлян мисли дастархони хонаи мо холӣ буд, раис боз бо умед ва як нигоҳи пурсишомез ба мудири анбор нигоҳ кард. «Нест, ба худо, ки нест, бахудо, ба фарзандонам қасам, ки нест...» – Мудири анбор, бе он ки овоз баланд кунад, ҳамин хел нимғурма пичиррос зада салиб кашид. Ончунон оҳиставу нофаҳмо, вале гунаҳкорона ғурунгид, ки на Мушеғ, на падарам ягон чиз нафаҳмиданд, «Чӣ, магар ман намедонам, ки нест... дида истодай-ку аҳвол чӣ хел?...» оҳиста гуфт раис. Баъд падарам ба модарам чунон як ишора кард, ки ӯ рамузфаҳмона аз дар баромад ва баъди як чанд дақиқа дар рӯи дастархони Мушеғ ҳам ним кило асал, маска ва нон пайдо шуд. Дигар ягон кас ба дастархон нигоҳ накард. Ҳама бо даҳони воз нақли он ду аскари аз ҷанг баргаштаро дар бораи Маздак мешуниданд.

https://bikhon.tj/

Дар мактаб ба фарзандони ҷанговарон картошка, картошкаҳои калон-калони бомаззаи дар об пухтаро тақсим карда медоданд. Яке аз ҳамон картошкаҳо барои ман кифоя буд, ки тамоми рӯз бо шиками сер гардам, вале чанд вақт шуд, ки бароям картошка намедиҳанд, сабабаш маълум: барои он ки падарам аз ҷанг баргаштааст ва ӯ дигар ҷанговар буда наметавонад. Модарам бошад як зани бесавод. Вақте ки падарам ҳанӯз дар ҷанг буд, духтарчаи ҳамсоя барои ӯ аз номи модарам, – албатта, модарам мегуфту духтарчаи ҳамсоя менавишт-мактуб мекард. Модарам ҳар дафъа дар мактубҳояш гаштаву баргашта таъкид мекард, ки ӯ, яъне падарам худашро эҳтиёт намояд, ҳамчунон хабар медод, ки мо худамон сиҳату саломат, ба ту низ саломатӣ мехоҳем; обу ҳавои ин ҷо нағз, ягон навигарии дигаре нест, ҳа... тез-тез хат навиштаву аз худат дарак дода ист ва ғ... Модарам аз чунин гуна мазмунҳои якрангу обшуста, аз чӣ бошад, ки розӣ набуд. Вале як рӯз модарам сахт ба фикр фурӯ рафт, маълум шуд, ки ӯ ҳарфҳоро медонистааст. Баъди ин суханҳои маъмулӣ дар бораи обу ҳаво ва зикри нишонии рӯи лифофа, ки ҳамаашро духтарчаи ҳамсоя ба ҷо овард, модарам лифофаро аз мо рустӣ кушода чунин илова кард: «Азизам, азизам, азизам, бӯсаҳои шифоҳии маро қабул кун». «Бӯса-ку бӯса аст, – фикр мекардам ман, – аммо бӯсаи шифоҳиаш чӣ бошад?». Ин ҳамин хел чизе буд, ки дар ин дунё боз олами дигаре ҳам ҳаст, аз афташ, олами зебо ва бо сухан ифоданашаванда, олами эҳсосот, ифодагари дарду ниёзҳои дар дили модарам мағорбаста, агар ӯ инро худаш мефаҳмида бошад... Ин ҳамин хел чизе буд, ки – дарк мекунам ман дар дили кӯчаки худ-модарам падарамро ёд кардагист ва ин хумору ҳасрат шояд метавонад, ҳамту, дар суханҳои оддӣ ифода наёбад. Баробари аз ҷанг баргаштани падарам, табиист ки «бӯсаҳои шифоҳӣ» ҳам тамом шуданд. Баъди гузашти солҳо, вақте ки модарамро чун колхозчии пешқадам ба вазифаи баландтаре пешниҳод карданду маълум шуд, ки ӯ бесавод будааст, модарам хеле ҷиддӣ, вале бо табассуми шикастаи дардолуд ба падарам гуфт, ки «Барои чӣ аз ҷанг ин қадар барвақт баргаштӣ, ман то он

https://bikhon.tj/

вақт навиштанро ёд мегирифтам, савод мебаровардам, сонӣ... сонӣ ҳамин хел дур мебудӣ нағз буд...» Ва сар ҷунбондаву бо ҳасрати пайваста ба худ гуфт.. «... Эҳ, бӯсаҳои шифоҳии ман...».

Ҳамчунин чанд соли охир дар саҳифаҳои нашрияҳои Тоҷикистон тарҷумаи намунаҳои насри арман аз эҷодиёти Степан Зарян («Пропес»), Рачия Кочар («Ҳамшираи генерал»), Серо Хонзодян («Мутобиқи расми ниёгон») ба табъ расидаанд, ки тарҷумаашон ба қалами мутарҷими пуркору заҳматқарин Азимқул Насимов тааллуқ дорад.

в) Адабиёти муосири тоҷик дар Арманистон

Дар муҳити адабии Арманистони даврaи нав адабиёти муосири тоҷикро ба туфайли ном ва осори Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Сотим Улуғзода, Мӯъмин Қаноат, Фазлиддин Муҳаммадиев мешиносанд. Лекин худи мафҳуми адабиёти муосири тоҷик дар фазо ва муҳити адабии Арманистон интишор ва нуфузи густурда дорад ки он ҳамчунин дар доираҳои расмии ҳукумати даврони Шӯравии Арманистон ва Арманистон ба сифати Ҷумҳурии сеюм (213; 326) маънидод ва эътироф карда мешавад.

Фазои адабӣ ва муҳити таърихиву фарҳангии Қафқоз ва ҷумҳуриҳои соҳибихтиёри Арманистону Гурҷистону Озарбойҷон барои Тоҷикистони даврони нав ва фарзандони маърифатхоҳ ва хусусан маорифпарварон ва кӯҳнадардони Самарқанду Бухоро нисбат ва мавқеъ ва ҷойгоҳи таърихии ҷумҳуриҳо ва халқҳои дигари минтақаҳои мухталифи Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамеша фазои мусоид ва ибтикороти адабиву фарҳангиро фароҳам месохт.

Аз ин ҷумла адабиёти муосири тоҷик дар Арманистон ба сифати фазое баёнгари дардҳои муштарак ва назарҳое мувофиқ мавқеъ дорад. Ҳамназдикии фарҳангӣ ҳам дар гузаштаи дерин ва ҳам дар имрӯзу фардои умедбахш бо Тоҷикистону тоҷикистониён ва адабиёти муосири тоҷик назари ҳамкорӣ ва ҳамдастӣ ҳамеша ҳис карда мешавад.

https://bikhon.tj/

Тоҷикистон ва адабиёти гузаштаву муосири он барои Арманистон ва халқи бародари арман ҳамеша аз дӯстон ва хайрхоҳони дерин будааст. Интишори бемисли забони форсии тоҷикӣ дар қаламрави Арманистон ва таъсири файзбори адабиёти форсии тоҷикӣ ба муҳити адабӣ-фарҳангии Арманистон ҳамеша бо таваҷҷӯҳ ёд ва ном ва осори адибони муосири тоҷик дар муҳити адабии Арманистон бо эҳсоси таваҷҷӯҳ ба сарнавишти муштарак зикр мешавад.

Таърихи таваҷҷӯҳи муштарак дар даврони нав ҳам барои Арманистон ва ҳам барои Тоҷикистон аз давраи баъди Инқилоб, солҳои 20-30-и асри XX дар тавзеҳи адабиёти пролетарӣ, ҳаракатҳои муштараки адабӣ, гурӯҳҳо ва бригадаҳои адабӣ, хусусан дар ибтидои солҳои 30 ва нимаи авали он дар арафа ва рӯзхои Анҷумани якуми Нависандагони СССР оғоз гардида ва минбаъда шакл гирифт. Маҳз Еғише Чаренс – нависандаи пролетарии Арманистон дар рӯзҳои анҷуман аз адибон даъват ба амал оварда, то онҳо «барои муовизаи андӯхтаҳои адабӣ» ҳамеша дар иртибот бошанд. Масъалаи ташкили тарҷумаи тарафайн, муносибатҳои амалии эҷодӣ миёни адибон борҳо боиси гуфтугузор гардида, худи адибон аз ин амали хайр пуштибонӣ кардаанд. Дар қисмати интишор ва нуфузи афкори адабӣ ва бадеии халқи тоҷик дар муҳити адабии Арманистон ва хусусан эҷодиёти се тан аз саромадони адабиёти муосири тоҷик дар Арманистон ном ва осори Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ ва Мирзо Турсунзода зикр шуд, ки анъана ва суннатҳои дерини адабиёти форсии тоҷикӣ дар Арманистон ҳамеша дар шакл ва фазои дилхоҳ истиқбол мешавад. Ҳанӯз солҳои 1952, 1957 ва 1973 Мирзо Турсунзода дар сафарҳои худ ба Арманистон нахустин хиштҳои муҳаббат ва эҳтироми тарафайнро дар шинохти мерос ва арзишҳои маънавиву фарҳангӣ ниҳода, Абулқосим Лоҳутӣ солҳои 30 аз чунин рисолати таърихии адабиёт ва адибон пуштибонӣ карда буд. Халқи тоҷик, адабиёти тоҷик дар шинохти таърихии дӯст ва душман иштибоҳ накард. Худи анъана ва муносибатҳои таърихии халқҳо дар шуур ва зеҳни ҳамдигар ва дарки фоҷиаҳои бузурги таърихии пайомади

https://bikhon.tj/

турктозиҳо, таваҷҷӯҳ ва эҳсоси самимият ба ҳамдигарро парварид.

Шарқшиноси арман Вардгес Ернҷакян дар яке аз мақолаҳои худ «Садриддин Айнӣ ва «Ёддоштҳо»-и ӯ», ки ба сифати охирсухан ба тарҷумаи армании «Ёддоштҳо» соли 1957 навишта шудааст, менависад, ки асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ оинаи шиносоии халқи тоҷик барои муҳити берун аз Тоҷикистон аст ва тарҷумаи ин асари бузурги Айнӣ ба забони арманӣ тасаввуроти халқи арманро дар бораи тоҷикону Тоҷикистон ва гузаштаи пурифтихори онон тамоман дигар кард.

Шарқшиноси дигари арман Аветик Шаҳсуварян дар мақолаи худ, ки он ба ҳаёт ва эҷодиёти устод Айнӣ (291; 139-142) бахшида шудааст, аз таълифоти бадеии Садриддин Айнӣ ва се асари ӯ «Одина», «Дохунда» ва «Ғуломон» ёд меорад.

Ду мақолаи дигари ӯ, 26 ва 28 апрели соли 1953 дар рӯзномаи «Советакан Ҳайастан» (Арманистони советӣ) ва «Авангард» бахшида ба 75-солагии зодрӯзи устод Айнӣ ба табъ расидаанд. Вале, мутаассифона, дар ҳеҷ ягон мақолаи олимон, адабиётшиносони арман, ки ба тадқиқи таърихи адабиёти советии тоҷик бахшида шудаанд, дар бораи тарҷумаи осори онон ба забони арманӣ ишорае намеравад. Ин ҷиҳати масъала, дар муқоиса наомӯхтани мероси адибон дар адабиёти халқу сарзамини дигар на танҳо моҳияти аслии осори адибро намекушояд, балки дар рафти кор ба муҳаққиқ душворие дучанд меорад.

Дар шумораи 17 (соли 1953) рӯзномаи «Гракан терт» мақолаи муфассали нависандаи соҳибистеъдоди тоҷик Сотим Улуғзода «Садриддин Айнӣ» низ бахшида ба 75-солагии рӯзи таваллуди устод ба забони арманӣ ба табъ расидааст, ки он дар айни замон, роҳи ташаккули адабиёти советии тоҷикро барои хонандаи арман нишон медиҳад.

Шоир ва тарҷумони арман Аршалуйс Сароян таассуроташро дар барои адабиёти муосири тоҷик ва чеҳраҳои алоҳидаи он чунин баён карда буд:

«Бародарам, ки солҳои панҷоҳум донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Ереван буд, барои пурратар омӯхтани забон якчанд

https://bikhon.tj/

моҳ ба Душанбе рафт. Вақте ки баргашт, китобҳои бисёреро ба забони тоҷикӣ ва тарҷумаҳои онҳоро ба забони русӣ, аз ҷумла «Антологияи назми тоҷик»-ро ҳамроҳаш оварда.

Вай бо ҳаяҷон дар бораи назми қадима ва пурмазмуни тоҷик, дар бораи адабиёт ва халқи тоҷик гап мезад. Ман шеърҳои Рӯдакӣ, ашъори классикон ва адибони советии тоҷикро бо ифтихор ва шавқи калон хондам.

Назм дили халқ аст, ман ин дилро дӯст доштам, ба тарҷумаи баъзе шеърҳо сар кардам, ки онҳо на фақат чоп, балки ба воситаи радио ва телевизион шунавонида шуданд.

Ман шодам, ки хонандагони арманро бо шеърҳои сухансароёни маъруфи тоҷик Мирзо Турсунзода, Абулқосим Лоҳутӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Аминҷон Шукуҳӣ ва бо шеърҳои шоири ҷавон Саидалӣ Маъмур шиносо намудам.

Ман медонам, ки адабиёт халққоро ба ҳамдигар наздик мегардонад, вохӯриҳои адибон бошад, ёрӣ мерасонад, ки ҳамдигарро нағзтар, наздиктар донем ва рӯҳи маънавии худро бойтар гардонем.

Вохӯриҳои мо дар ҳафтаи адабиёти арман дар Тоҷикистон ҳисоботи эҷодӣ дар назди халқи тоҷик буд. Ман бовар дорам, ки вохӯриҳои мо адибонамонро на фақат бо ҳамдигар наздиктар месозанд, балки дӯстӣ ва бародарии халққои моро, ки хамроҳи дигар халққои Иттиҳоди Шӯравӣ ҷашни 50-солагии СССР-ро истиқбол мекунанд, мустаҳкамтар менамояд».

Бар иловаи он маводе, ки аз хусуси интишор ва нуфузи афкори адабӣ-бадеии тоҷикон дар Арманистон дар фаслу бахшҳои гузашта мавриди назар ва таҳлили мо буд, метавон аз чанд паҳлуи интишор ва вусъати адабиёти муосири тоҷик дар Арманистон сухан гуфт.

Як марҳалаи муҳим, ки ба тарҷумаи осори назмиву насрии адабиёти тоҷик ба забони арманӣ дар Арманистон ва нашрияҳои армании берун аз қаламрави Арманистон алоқа мегирад, дар фаслҳои оянда баррасӣ мешавад.

Марҳилаи дуюм, шинохти чеҳраҳои адабӣ ва арзишҳои фарҳангии тоҷикон аст, ки бо ҳиммат ва эҳтимоми барода-

https://bikhon.tj/

рони арман дар муҳити адабии Арманистон интишор мешавад. Дар ин маврид чопи мақолаву гузоришоту сӯҳбат ва маҷмӯаву китобҳои алоҳидаи адибони тоҷик аст, ки дар Арманистон анҷом дода шудааст. Маводҳое, ки аз саҳифаҳои нашрияҳои Арманистон ба даст омад, аз интишори адабиёти муосири тоҷик дар Арманистон шаҳодат медиҳад. Воқеан, ягон вақти дигар дар Арманистон аз боби интишори адабиёти тоҷик ва шинохти чеҳраҳои алоҳидаи он ин қадар гуфтугӯ ва баррасиҳои тахассусӣ ба амал наомадааст, ҳамчунон ки моҳи июни соли 1975 ҳангоми гузаронидани Ҳафтаи адабиёт ва санъати Тоҷикистон дар Арманистон. Шиносоии рӯ ба рӯ, сӯҳбатҳои ошкоро, маҳфилҳои адабии шоиру нависандагони тоҷику арман дар шаҳру деҳоту вилоятҳои Арманистон беҳтарин шароит ва муҳите буд аз оғози гуфтугӯи фарҳангии байни халқҳо.

Иштирокдорони Ҳафта Мирсаид Миршакар, Мӯъмин Қаноат, Ибод Файзулло, Гулрухсор, Озод Аминзода, Бозор Собир, Мавҷуда Ҳакимова, Салимшо Ҳалимшо, Ҷалол Икромӣ, Басир Расо, Фазлиддин Муҳаммадиев бо хонандагону дӯстони армании худ вохӯрда, маҳфилҳои адабӣ гузаронданд.

«Имрӯз дар Ереван Ҳафтаи адабиёти тоҷик кушода мешавад, – менависад рӯзномаи «Коммунист». Ин рӯйдоди бузург дар ҳаёти фарҳангии Арманистон ва Тоҷикистон ба ҳисоб меравад... Тоҷикистони Советӣ дар зарфи ним асри мавҷудияти худ аз як кишвари қафомондаи Россияи подшоҳӣ ба як мамлакати тараққикардаи сотсиалистӣ табдил ёфт. Адабиёти муосири тоҷик, ки муҳаббат ва эҳтироми умумро соҳиб шудааст, ба мо-арманҳо низ ба ҳайси ифодаи олии ҳаёти маънавии халқи бародари тоҷик азиз аст. Ин адабиёт адабиёти гуманистист ва он бо интишори муносибатҳои ҳамдигарӣ ба мардум имтиёз дорад.

Аз вусъати пайваста ва мунтазами пайвандҳои адабии Арманистону Тоҷикистон нашри китобҳои шоиру нависандагони тоҷик дар Арманистон ва ҳамчунин чопи назму насри арман дар Тоҷикистон шаҳодат медиҳад» (117).

Дар ҳамин шумораи рӯзнома мақолаҳои Геғам Сарян «На-

https://bikhon.tj/

здикии маънавӣ», Леонид Гурунс «Чинорҳои Душанбе», Силва Капутикян «Хонаи калони мо», Вардгес Петросян «Вассоф ва фарзанди Шарқ», Левон Мкртчян «Устод ва Варпет», Сурен Муродян «Суруди помирӣ» ва намунаҳои осори Мирсаид Миршакар, Гулчеҳра Сулаймонова, Мӯъмин Қаноат, Боқӣ Раҳимзода, ҳамчунин чанд намунаи латифаҳои халқии тоҷикӣ ба табъ расидаанд. Котиби якуми правленияи Иттифоқи нависандагони Арманистон Вардгес Петросян дар бораи шӯҳрати ҷаҳонгири ном ва осори раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода менависад ва мегӯяд, ки: «дӯстии бародарона ду ҷумҳурии бародар Арманистон ва Тоҷикистонро ба ҳам пайваст. Фарҳанги бой ва дерин, умумияти анъанаҳои адабӣ ва самимият ва принсипҳои реализми сотсиалистӣ имкониятҳои мислаш диданашударо барои халқҳои тоҷику арман кушод... Ҳар як давраи таърихӣ шоирон, олимон, нависандагон ва ходимони илму фарҳанги худро дорад. Горкий ва Маяковский, Садриддин Айнӣ ва Лоҳутӣ, Самад Вурғун ва Еғише Чаренс, Павло Тычина ва Янка Купала – инҳо адибони зодаи Инқилоби Кабир ҳастанд. Дар байни онҳо вассофи фарҳанги сотсиалистии даврони нав, Қаҳрамони меҳнати Сотсиалистӣ, академик Мирзо Турсунзода бузургтарин шоири Тоҷикистон аст, ки ному осори ӯро на танҳо дар мамлакати мо, балки берун аз ҳудуди он медонанд. Адибони Арманистон ӯро хуб мешиносанд. Фарзанди дуредгари қаратоғӣ, парвардаи водии Ҳисор Мирзо Турсунзода беҳтарин анъанаҳои адабиёти классикии тоҷику форсро... дар худ ва дар осори худ таҷассум кардааст. Шоири навовар ҳамеша хилофи маҳдудияти миллӣ буда, барои равнақи назми гражданӣ мубориза мебурд. Ӯ дар достони «Ҳасани аробакаш» таҳаввулоти бузурги иҷтимоиро дар маркази образ қарор додаст. Ӯ ҳамчунин муҳаббати худашро ба зиндагӣ, ба табиат ва замин ва лаҳзаҳои зебои рӯҳу ҷони одамӣ дар як шеъри дигараш ин тавр иброз доштааст:

Дар фазо парвоз кардам, гарчӣ аз рӯи замин,
Чашмро аммо намекандам ман аз сӯи замин.
Бо ситора ҳамнишин, бо моҳ гаштам ҳамнафас,
Лек будам сархушу сармаст аз бӯи замин... (117).

https://bikhon.tj/

Адабиётшиноси арман Левон Мкртчян дар мақолаи «Устод ва Варпет» аз дӯстӣ ва муносибатҳои эҷодии ду устоди бузурги назм сухан ба миён оварда мегӯяд, ки Лоҳутӣ Исаакянро эҳтиром мекард ва ба ӯ шеър бахшида буд. Шеъри бахшидаи Лоҳутӣ ба Исаакян ин аз як лаҳзаи дӯстӣ ва ибтикороти эҷодии шоирони арману тоҷик шаҳодат медиҳад. Адабиёти классикии форсу тоҷик бошад аз қадим барои халқи арман шинос буд. Дарвоқеъ, Исаакян барои таълифи беҳтарин новеллаҳои худ «Мунозираи Умари Хайём бо худо» ва «Охирин баҳори Саъдӣ»сужаҳоро аз рӯзгори шоирони форсӣ-тоҷикӣ гирифтааст» (117). Шоири дигари арман Леонид Гурунс дар мақола-хотираи «Чинорҳои Душанбе» аз дӯстон, шоирони тоҷикистонии худ ва осори онҳо ёд мекунад. Дар меҳвари хотираҳои ӯ ташаккули адабиёти нави тоҷик бо намояндагӣ аз зикри Садриддин Айнӣ, Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Мӯъмин Қаноат, достони ӯ «Сурӯши Сталинград», Ҷалол Икромиву «Духтари оташ»-и ӯ, Гулрухсор, Басир Расо, Фазлиддин Муҳаммадиеву Малика Собирова ва Музаффар Бурҳонов давр мезананд.

Геғам Сарян таассуроти худашро аз адабиёти оламгири форсӣ-тоҷикӣ баён карда, ҳамзамон бар он аст, ки шоирони муосири тоҷик аз анъанаҳои дерини адабии хеш бисёр меомӯзанд. Боиси ифтихори мо-арманҳост, ки достонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар Арманистон ва ба забони арманӣ борҳо дар шакли китоби алоҳида чоп шудааст. Рубоиёти Хайём дар Арманистон ҳашт маротиба* чоп шудааст... (117).

Шоираи ширинкаломи арман Силва Капутикян дар хотираҳои худаш аз рӯзҳои адабиёти арман дар Тоҷикистон ёд ва вохӯриҳои хотирмонро дар яке аз ноҳияҳои водии Вахш зикр карда, аз суханони мизбони тоҷик ҳамчунин бо муҳаббат ёд мекунад, ки дар матои хушрӯи сафед «Хонаи тоҷик-хонаи ту бародар-арман» навишта шуда буд.

---

* Тибқи маводи дастрас то имрӯз рубоиёти Хайём ба забони арманӣ 36 ва порчаҳо аз достонҳои «Шоҳнома»-ва худи «Шоҳнома» дар шакли пурааш 60 маротиба тарҷума ва чоп шудаанд. – А.Д.

https://bikhon.tj/

Ду шумораи рӯзномаи «Ерекоян Ереван» (Шоми Ереван) ба ҳафтаи адабиёти тоҷик дар Арманистон бахшида шудааст. Шумораи аввал (26-июн) бо суханони «Бари галуст, тоҷик барекамнер» «Хуш омадед, дӯстони тоҷик оғоз шуда, баъд аз чопи ахбори расмӣ дар саҳифаҳои дуюм ва сеюм аз Тоҷикистону адабиёт ва адибони тоҷик дар тарҷумаи арманӣ намунаи осор ва матни сӯҳбату гузориши адибон-иштирокчиёни ҳафтаро чоп кардааст.

Гуфтан мумкин, саҳифаи дуюми рӯзнома бо мақолаи донишманди арман, дӯсти адабиёти тоҷик, мутарҷим Сергей Умарян «Советакан тоҷикстани граканутюн» (Адабиёти советии Тоҷикистон) оғоз мешавад, ки ӯ дар мақолаи мазкур роҳи ташаккули адабиёти нави тоҷикро аз Айни то шоирони ҷавони солҳои ҳафтод Гулрухсор, Саидалӣ Маъмур ва Хабибулло Файзулло баррасӣ менамояд. Ҳамчунин дар шумораи мазкур намунаи тарҷумаи осори адибони тоҷик Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Ҳабиб Юсуфӣ, Гулчеҳра Сулаймонова, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар, Озод Аминзода, Саидалӣ Маъмур, Мӯъмин Қаноат, Гулрухсор Сафиева, Басир Расо дар тарҷумаи Сергей Умарян, Вардгес Бабаян, Мкртич Корюн, Ваҳагн Каренс, Аршалуйс Сароян, Метаксе ва дигарон ба табъ расидаанд (89).

Шумораи дигари рӯзнома (27-июн) бо сармақолаи «Иди дӯстӣ ва бародарӣ» оғоз шуда, дар мақолаи «Дар Арманистон Ҳафтаи адабиёти тоҷик анҷом ёфт» хулосаи ҳафта ва бардошти дӯстони тоҷику арман аз вохурӣ, мулоқот ва маҳфилҳои адабӣ зикр шудааст.

Рӯзномаи «Гракан терт» ба лафзи тоҷикӣ дар саҳифаи авали худ «Хуш омадед, дӯстони гиромӣ» навишта, аз оғози расмии Ҳафтаи адабиёти тоҷик дар Арманистон бо мақолаи «Адибони Тоҷикистони бародар дар Арманистон» хабар медиҳад. Шумораи мазкур пурра ба инъикоси Ҳафтаи адабиёти тоҷик бахшида шуда, дар он матни мақола, хотирот ва гузориш аз маҳфилҳои адабиву тарҷумаи намунаи шеърҳои шоирони тоҷик ва маълумотномаи мухталиф дар бораи муаллифон чоп шудааст. Намунаи ашъори Мирсаид Миршакар, Ҷалол Икромӣ, Боқӣ Раҳимзода, Мӯъмин

https://bikhon.tj/

Қаноат, Бозор Собир, Гулчеҳра Сулаймонова, Салимшо Ҳалимшо, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ибод Файзулло, Масъуд Муллоҷонов, Облоқул Ҳамроев (Сорбон), Басир Расо, Озод Аминзода, Фазлиддин Муҳаммадиев дар тарҷумаи Генрик Туманян, Армен Арутюнян, Мария Акопян, Размик Давоян, Карлен Акопян, Мкртич Корюн, Сурен Манукян ба табъ расидаанд. Мақолаи Сергей Умарян «Дӯстони дерин» ва Леонид Гурунс «Чароғҳои тоҷикӣ» аз решаҳои ба ҳам наздику қадими дӯстии халқҳои арману тоҷик нақл мекунад. Тарҷумаи ҳикояи Фазлиддин Муҳаммадиев «Суди рафиқона» ҳамчунин дар рӯзнома ҷой дода шудааст (50).

Рӯзномаи «Советакан Айастан» (26-июн) як мақолахроникаи Л.Шехоянро чоп кардааст, ки он назари тахассусии адабиётшиносро ба решаҳои таърихӣ, адабӣ ва фарҳангии халқҳои тоҷику арман ифода мекунад.

Ҳамчунин дар саҳифа намунаи тарҷумаи ашъори Мирзо Турсунзода, Мӯъмин Қаноат, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода дар тарҷумаи Аршалуйс Сароян, Карлен Акопян, Мкртич Корюн ҷой дода шудаанд. Мақолаи нависандаи арма,н Хонум Ағавнӣ «Хуш омадед, дӯстон!» ва «Гулҳои Душанбе» ном матни хотираҳои Ваҳагн Каренс, ки ҳанӯз соли 1972 дар Душанбе таълиф ёфта буд, чоп шудааст. Дар як гӯшаи саҳифаи рӯзнома ахбори ҷадид аз чопи тазкираи адабиёти тоҷик дар Арманистон «Тоҷикакан кнар» (Лирикаи тоҷик) чоп шудааст (228).

Дар саҳифаи авали рӯзномаи «Ерекоян Ереван» (28июн) таҳти рубрикаи «Дар меҳмонии мо иштирокдорони ҳафтаи адабиёти тоҷик» мақола-сӯҳбати Мӯъмин Қаноат, Ҷалол Икромӣ ва Ҳанифа Мавлонова, ҳамчунин маълумотномаи мухтасари «РСС Тоҷикистон» чоп шудааст. Воқеан, бештар аз дигар нашрияҳои арманӣ рӯзномаи «Ерекоян Ереван» дар тарғибу инъикоси рӯйдодҳои адабии Ҳафта саҳм гирифтааст. Мӯъмин Қаноат дар сӯҳбати худ мегӯяд, ки «Акнун ки дар Арманистон қарор дорем, мебинем ин халқ чӣ қадар меҳмоннавоз ва шоирдӯст аст. Адабиёти асрҳои миёнаи арман Григор Нарекатсӣ – ҳамсаф ва ҳамзамони Рӯдакӣ дорад. Фалсафаи Ибни Сино, «Гулистон»-и Саъдӣ ин қадар бо

https://bikhon.tj/

рӯҳи шумо омехтааст. Достони «Фирдавсӣ»-и Наири Зарян низ саршори муҳаббати шоири арман ба қисмати шоири тоҷик аст:... мо бо шумоем, дӯстони арман...» (90).

Ҷалол Икромӣ менависад, ки ман дар рӯзҳои таҷлили 100-солагии нависандаи бузурги арман Александр Шервонзода дар Арманистон будам. Инак, бори дуюм аст, ки ман дар Ереван, дар ватани дӯстонам Наири Зарян ва Гарегин Севунс... решаҳои дӯстӣ ва пайвандҳои адабии мо ба қаъри асрҳо мерасад. Нависандагони тоҷик ин таърих ва ин муҳаббатро пос медоранд (90).

Рӯзномаи «Ерекоян Ереван» ҳамчунин рубрикаи мазкурро давом дода, дар шумораи навбатӣ (30 июн) бо се нафар адиби тоҷик Мирсаид Миршакар, Бозор Собир ва Ибод Файзулло сӯҳбат меорояд. Мирсаид Миршакар бар ин аст, ки «дӯстӣ ва алоқаҳои мо сидқист ва инро ман дар рӯзҳои иштирок дар бузургдошти 100-солагии Ованес Туманян дар Ереван ҳис карда будам. Имрӯз ман бори дигар мебинам, ки ришташои дӯстии мо қавӣ ва эҳсоси мо сидқист» (92).

«Коммунист» дар саҳифаи аввал (1июл) аз анҷоми бомуваффақияти Ҳафтаи адабиёти тоҷик дар Арманистон хабар медиҳад. Аз ҷумла дар хабари расмӣ гуфта мешавад, ки иштирокдорони Ҳафтаи адабиёти тоҷик дар Арманистон меҳмони зодгоҳи шоири бузурги арман Ованес Туманян дар деҳаи Дсех буданд. Аз аҳамияти таърихии Ҳафтаи адабиёти тоҷик дар Арманистон сухан карда, котиби якуми правленияи Иттифоқи нависандагони Арманистон Вардгес Петросян ҳамчунон меафзояд, ки дӯстии халқҳои тоҷику арман дар партави сиёсати ленинии дӯстии халқҳо боз ҳам таҳким меёбад. Ин вохӯрӣ ва маҳфилҳои ҳамарӯзаи адабӣ аз нуфузу вусъати интишори адабиёти тоҷик дар муҳит ва фазои адабии Арманистон башорат медиҳад. (118)

Падидаи дигар ин чопи матни сӯҳбатҳои Гулрухсор, Салимшо Ҳалимшо, Перч Зайтунян, Карен Симонян, ҳикояи Ҷалол Икромӣ «Башир не, Банон», шеъри Гулрухсор «Хотира» мақолаи Масъуд Муллоҷонов дар бораи Боқӣ Раҳимзода ва ғ. дар рӯзнома аст.

https://bikhon.tj/

Нависандаи арман Перч Зайтунян навишта буд, ки: «Ҳафтаи вохӯриҳои гарму гуворо тез гузашт. Мо бори дигар «изҳори муҳаббат» кардем. Ман бисёр хурсанд, ки чанд рӯз бо нависандагони тоҷик як ҷо будем, дар сарзамини Арманистон. Нури даҳои Фирдавсӣ ва Хайём – ин аст роҳи адабиёти тоҷик ба дили халқҳои ҷаҳон. Насли ҳозираи нависандагони советии тоҷик давомдиҳандаи пуршарафи анъанаҳои қадими классикист. Ман бо дӯстӣ бо чунин шоиру нависандагони тоҷик Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар ва Ибод Файзулло ифтихор дорам» (118).

Нависанда Карен Симонян мулоҳиза ва таассуроташро аз имрӯзу фардои адабиёти тоҷик чунин ифода кардааст: «...Адабиёти тоҷик кайҳо боз дили ҳар сокини сайёраро тасхир кардааст. Номҳои ходимони барҷаста ва нависандагони машҳури тоҷик, рамзи мубориза ва мунодиёни сулҳи башар ва дӯстӣ гардидаанд.

Нависандагони тоҷик ва арман ба таҳкими дӯстӣ ва равнақи пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман аҳамияти бештар медиҳанд. Ин дӯстӣ вусъат меёбад, бехуда нест, ки то имрӯз дар Душанбе зиёда аз 17 номгӯй осори алоҳидаи шоиру нависандагони арман ба забони тоҷикӣ ба табъ расидааст» (118).

Бар иловаи маводе, ки ҳаст метавон аз китобу маҷмӯаву тазкира ва тарҷумаҳои алоҳидаи осори адибони тоҷик ҳарф зад, ки онҳо дар муҳити адабии Арманистон ҷойгоҳи воқеии худро ёфтаанд.

Ҳамин тавр, адабиёти нави тоҷик дар Арманистон бо намояндагӣ аз осори адибони алоҳида маҳбубияти тамом дорад ва рӯз аз рӯз таълифоти бадеии шоиру нависандагони тоҷик дар фазои адабӣ, илмӣ ва фарҳангии Арманистон вусъати тоза касб мекунад.

Аз тарҷума ва нашри осори манзум ба забони арманӣ ва дар Арманистон мулоҳиза ронда фаромӯш набояд кард, ки беҳтарин намунаҳои назму насри классикии тоҷикии форсӣ, шурӯъ аз «Шоҳнома»-и Фирдавсиву осори Хайём дар Арманистони Бузург ва муҳити фарҳангии арманӣ шӯҳрат

https://bikhon.tj/

доштанд. Дар мавриде ба гуфта омад, ба туфайли таъсир ва вусъати интишори забони форсӣ дар Арманистон «Шоҳнома»-ро ҳам ба забони форсӣ ва ҳам ба забони арманӣ мехонданд. Умуман дар асрҳои минбаъда ҳузури забони форсӣ дар муҳити Арманистони Бузург ҳодисаи муқаррарӣ буда, онро хусусан қишри босаводи халқ медонист. Аз ин рӯ, ҳарчанд мушаххасан гуфтан мушкил аст, ки нахустин намунаҳои тарҷумаи осори форсӣ ба забони арманӣ кай анҷом ёфтааст, ин падида дар даврони нав боиси такмилу таҳкими пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман гардидааст.

Агар маълӯма, китобҳо, тазкираҳо ва намунаҳои осори тарҷумаи тоҷикиро дар саҳифаҳои нашрияҳои арманӣ истисно намоем, ки онҳо ҳам баъди солҳои 40 – асри XIX анҷом ёфтаанд пас нахустин намунаи тарҷума ва нашри осори манзум ба забони арманӣ ин тарҷумаи қасидаи «Кремл»-и устод Лоҳутист, ки соли 1931 дар шакли китоби алоҳида (мутарҷим ва муаллифи сарсухан Г.Ғазарян) аз тариқи нашриёти давлатии Арманистон «Петҳрат» бо теъдоди 3000 нусха чоп шудааст (126; 16).

Тарҷума ва чопи осори Лоҳутӣ ба забони арманӣ ва хусусан қасидаи «Кремл»-и амри табиӣ буд. Лоҳутӣ дар муҳити Арманистон аз шоирони машҳури тоҷик ба ҳисоб мерафт. Халқи арман, умуман халқи Қафқоз кӣ будани Лоҳутиро ҳам барои таърих ва муборизаҳои озодихоҳӣ ва ҳам барои адабиёт медонистанд. Соли 1933 аҳли адабии Қафқоз, аз ҷумла Озарбойҷону Арманистон 30-солагии фаъолияти адабии ӯро ҷашн гирифтанд. Ба ин муносибат дар нашрияҳои Арманистон як силсила мақолаҳо чоп шуданд. Аз ҷумла метавон аз мақолаи М.Рафилӣ ёдовар шуд, ки (196; 13-14), ки он бахшида ба 30 солагии фаъолияти адабӣ-инқилобии Лоҳутӣ навишта шудааст. Дар мақола Рафилӣ роҳи тайкардаи ин адиби инқилобиро дар масири истиқлолият зикр карда, ҳамчунин аз хизмат ва заҳматҳои ӯ дар инкишофи адабиёти нави пролетарӣ ёд меорад. Лекин то ин дам, чун дар фавқ зикр ҳам шуд, қасидаи «Кремл» ба забони арманӣ тарҷума ва чоп шуда буд.

https://bikhon.tj/

Агар тамоми мулоҳизаҳои олимони адабиётшиносро дар бораи қасидаи «Кремл»-и Лоҳутӣ дар якҷоягӣ аз назар гузаронем, манзараи аҷибе пеши назар ҷилвагар мегардад. Пеш аз ҳама шаҳомати гуфтори шоир тасдиқ мегардад, ки ин ифодаи шакли адабӣ мебошад. Баъд ихтилофоти зиёде дар мавқеи назар ва мулоҳизаи муаллифоне, ки перомуни асар гуфта шудаанд. Аз он ҷумла зикри ду навъи баёни андешаро, ба хотири ислоҳи минбаъда, дар ин ҷо зарур медонем. Якум, масъалаи таъини арзиши ғоявии асар аст, ки барҳақ асолати онро аз ҳайси мазмун муайян мекунад. Ба андешаҳои роҷеъ ба ин масъала чанд мақолаи адабиётшинос Валӣ Самад ҷавоби муфассал медиҳад. Ӯ дар ин мақолаҳояш, ба эътибори ҷуғрофияи тадқиқ, ки ғолибан ба густариши қасидаи «Кремл» дар муҳити адабии Қафқоз тахсис шудаанд, ҳамаи он гуфтор ва андешаву баҳсҳоро дар мавриди арзиши иҷтимоӣ ва заминаи фалсафии қасидаи «Кремл» як навъ тамомӣ додааст. Муҳокима ва хулосаҳои муҳаққиқ дар бобати қисмати осори Лоҳутӣ дар мақолаҳои ӯ «Асрори ниҳон бархон», очерки илмӣ-адабии «Меҳрро дар зарраҳо пошидаанд», «Сарнавишту саргузашташ Инқилоб буд», «Қадри қасидаи «Кремл»-и устод Лоҳутӣ дар Озарбойҷон», «Сабт аст ба(дар) ҷаридаи олам...» (бо ҳамқаламии Х.Мирзозода) ифода ёфтаанд.

Ихтилофи дигар, фикрҳои мухталиф дар бораи махсусияти жанрии қасидаи «Кремл» мебошад, ки сазовори таҳқиқи махсус аст. Ниҳоят, масъалаи пурмубоҳисаи дигар андешаҳои мухолиф оид ба таърихи тарҷумаи осори Лоҳутӣ, хоса қасидаи «Кремл» аст. Дар арафа ва ҳам давраи таҷлили бузургдошти устод Лоҳутӣ (100-солагии шоир соли 1987) дар саҳифаҳои матбуоти тоҷик мақолаву бозёфтҳои аҳли таҳқиқ аз рӯзгору эҷодиёти Лоҳутӣ чоп шудан гирифтанд. Дар байни муаллифоне, ки аз хайси шеъри Лоҳутӣ андешаҳои наву тоза сухан гуфт, адабиётшинос Валӣ Самад ҳам буд. Аз мақолаҳое, ки ин муаллиф доир ба рӯзгору шахсияту қисмати эҷодиёти Лоҳутӣ таълиф кард, як ҷиҳати боз муҳимтари тадқиқоти ӯ – ҷасорат ва қатъияти муҳокиронӣ дар баробари муносибати самимона ва дилсӯзӣ ба

https://bikhon.tj/

ашёи тадқиқ ҳис карда мешуд. Валӣ Самад муҳаббати худашро тавассути тадқиқотҳояш оид ба эҷодиёт ва рӯзгори пурталотуми Лоҳутӣ пайваста изҳор медорад ва, ғолибан, бехтарин мақолаҳои ӯ дар ин мавзӯъ навишта шудаанд. Ва мо ҳам ба мутолиаи мақолаҳои пухтаи илмии ин олим, ки онҳо дар айни замон ифодагари рӯҳи тӯфонии муаллифаш аст, одат ҳам кардем. Вале дар нахустин мақолаи ӯ, ки ба пешвози ҷашни садсолагии Лоҳутӣ («Садои Шарқ», № 1, 1987) ба табъ расид, як санади нодуруст ҷой дошт. Он ҳуҷҷат ба таърихи тарҷумаи қасидаи «Кремль»-и Лоҳутӣ ба забони арманӣ таалуқ дорад, ки ин аст: «Аҳли илму адаби Озарбойҷон ва Арманистон ба омӯзиш, таҳқиқ ва тарғиби осори Лоҳутӣ, пеш аз ҳама «Кремл», пештар ва бештар камар бастанд. «Кремл» дар соли эҷод шуданаш, ки соли 1923 аст, ба озарӣ ва арманӣ (дар поварақ мехонем: «Ба арманӣ қисман тарҷума шуда буд») тарҷума ва интишор ёфт» (саҳ. 86). Ин таъкиди таърихи носаҳеҳро мо чун тарҳи вусъати самти ҷустуҷӯҳои муҳаққиқ пиндошта будем, вале дар саҳифаи 93-и мақолаи мазкур такрори фикр бо каме тағйирот, вале бедалел чоп шудааст: «...Вай (яъне М.Рафилӣ – А.Д.), ки аслан аз озариҳои Арманистон буда, забони арманиро ба таври аъло медонист ва табъи баланди шоирӣ дошт, «Кремл»-ро аз озарӣ ба арманӣ пурра тарҷума карда, дар бораи эҷодиёти Лоҳутӣ мақолаи махсусе навишта, онро дар Боку ба озарӣ ва русӣ ба табъ расонидааст. Ҳамин фикр ва таърихи нодурусти тарҷумаи қасидаи «Кремл» дар мақолаи дигари ӯ «Меҳрро дар зарраҳо пошидаанд» («Чанд бозёфт», «Садои Шарқ», 1987, № 8, саҳ. 126-134) низ ҷой дода шудааст. Фақат як ҷумла меорем, ки дар шарҳи фиқраи якуми мақола омадааст: «достони (?) «Кремл»-и Лоҳутӣ соли 1927 дар асл ва тарҷумаи комили арманию озарияш чоп шуда буду бас» (саҳ.126). Ин ҷо фарқ, аз ду фикри нодурусти мақолаи аввал дар он аст, ки калимаи «комил» (яъне тарҷумаи комил) илова гардидааст. Чӣ тавре ки мебинем, ин ҷо ҳам ягон факт аз ягон сарчашма нест, вале таъкиди вусъати ҷуғрофияи осори Лоҳутӣ мақсади асосӣ буда, аз оғози тадқиқоти минбаъда, ки бояд муносибати умуман адабиёти

https://bikhon.tj/

тоҷикро ба муҳити адабиву фарҳангии Қафқоз ифода намояд, дарак медиҳад.

Дар мақолаи дигари Валӣ Самад «Қадри «Кремл»-и устод Лоҳутӣ дар Озарбойҷон» ки дар шумораи апрел-июнии (№ 2, 1987, с. 20-27) маҷаллаи «Ахбороти Академияи Фанҳои РСС Тоҷикистон (серияи шарқшиносӣ, таърих, филология) ба табъ расидааст якчанд ҳуҷҷати нодурусти марбут ба тарҷумаи армании қасидаи «Кремл» ҷой дода шудааст:

1. «Асари мазкур (яъне «Кремл» – А.Д.) соли 1923 ба забони арманӣ (қисман) ва соли 1924 ба забони гурҷӣ (танҳо як пора) тарҷума ва интишор ёфт».

2. «Соли 1925 рӯзномаи КМ ПК Арманистон «Арманистони Советӣ» достонро (?) дар тарҷумаи пурраи Нерсесян манзури хонандагон гардонид. Ин факти нодуруст аз мақолаи В.И.Быкова, ки дар шумораҳои тоҷикӣ ва русии (№ 1, 1987, саҳ. 96-99), маҷаллаи ҳармоҳаи назариявӣ ва сиёсии КМ ПК Тоҷикистон «Коммунист Таджикистан» чоп шуда буд, гирифта шудааст.

3. «Соли 1928 «Кремл» пурра ба забони русӣ аз тарафи Р.Кандулаки тарҷума шуд ва марти (соли) 1929 дар Тифлис дар маҷаллаи «На рубеже Востока» аз чоп баромад. Худи ҳамин сол достони (?) «Кремл» ба забони русӣ (тарҷумаи Эрондӯст) ба забони форсӣ (дар Тошканд) ва форсию арманӣ дар як китоб (Ереван, 1931) ба сурати китобҳои алоҳида ба табъ расида, дархостҳои Лоҳутиро ба мағз андар мағзи хонандагони гуногунзабон расонид ва дар вуҷуди онҳо оташи меҳрро нисбат ба Лоҳутӣ барафрӯхт».

4. Фикри дигар ин такрори ҳамон далели муносибати Рафилӣ ба тарҷумаи «Кремл» будааст, ки дар фавқ ишора кардем. Бо ифодаи М. Қаноат, «шеъри Лоҳутӣ дар эҷодиёти шоирони халқҳои дигар низ бетаъсир набуд. Мубоҳисаҳои тезу тунде, ки дар атрофи қасидаи «Кремл» ва дигар шеъру достонҳои ӯ дар республикаҳои бародар воқеъ шуд..., далели ин даъвост» (Садои Шарқ, 1987, № I, саҳ. 85).

Таълифи силсилаи мақолаҳои адабиётшинос Валӣ Самад ҳам оид ба қисмати ашъори шоир мо гумон мекунем, бар

https://bikhon.tj/

исботи даъвои асолати шеъри шоир аст, ки ба эътибори вусъат ва тадқиқ ва ҷустуҷӯҳои муҳаққиқ, ҳамчунин таъкиди гаштаву баргаштаи чанд факти новарзида ва парешон ва баъзе ҷумла ва фикрҳои носаҳеҳ бояд... қобили қабул бошад. Ва ин чанд мулоҳизаи мо низ дар ҳукми ислоҳи як ғалат аст, ки дар чанд мақолаи ӯ ба такрор омадааст. Мо таърихи дуруст ва аниқи тарҷумаи армании қасидаи «Кремл»-ро дар яке аз мақолаҳои худ («Точикистони Советй», аз 18 марти соли 1986) таъкид карда будем. Агар муҳаққиқи мӯҳтарам дар мақолаҳои фавқуззикри худ ҷустуҷӯҳои илмии моро сарфи назар намекард, мо гумон мекунем, ки дар мавриди шинохти тарҷумаи қасидаи «Кремл» умуман дар муҳити адабии Қафқоз ба ин қадар саҳлангорӣ роҳ намедод.

Дар фаслу бобҳои гузашта ва ҳам дар баъзе мақола ва гузоришот аз тарҷумаи хусусан осори манзуми адабиёти классики форсу тоҷик ва намунаҳои назми муосири тоҷик ба забони арманӣ ишораҳо кардем. Такрор нахоҳад шуд, агар ақаллан аз номгӯи маҷмӯа ва китобҳои алоҳидаи шоирони классики адабиёти форсии тоҷикӣ ин ҷо ишора намоем, ки онҳо дар солҳои гуногун аз ҷониби шоирону мутарҷимони арман таҳия ва бо эҳтимоми онон чоп шудаанд. Соли 1957, расо ним аср қабл «Лирика»-и Ҳофиз ба забони арманӣ тарҷума ва чоп шуд. Дар маҷмӯа 59 рубоӣ, 54 ғазал ва 1 соқиномаи ӯ бо охирсухани муфассал перомуни эҷодиёти Ҳофиз фароҳам омадааст, ки дар ин бора, хусусан дар бораи ғазали машҳури Ҳофиз «Агар он турки шерозӣ...» дар рисола сухан рафтааст ва бояд афзуд, ки маҷмӯа бо эҳтимоми Сергей Умарян ба чоп омода шудаву мутарҷимони зерин дар амали тарҷумаи ашъори Ҳофиз ба забони арманӣ саҳм гирифтаанд: С.Таронси, А.Исаакян, М.Херанян, Р.Ованесян, С. Умарян, О. Гукасян, М. Арутюнян, М.Мақсудян, В.Норенс, Ҳ. Артемян, А.Мелик-Вартанян.

Соли 1958 маҷмӯаи дигар – маҷмӯаи ашъори Рӯдакӣ бо унвони «Рӯдакӣ» ба забони арманӣ ба табъ расид, ки дар ин бора дар бобҳои гузаштаи рисола муфассал сухан рафтааст. Шарқшиноси арман Арпик Минасян дар тадқиқоти худ,

https://bikhon.tj/

(155; 214) аз боби тарҷума ва сайру интишори осори Саъдӣ, хусусан «Гулистон»-и ӯ зикр карда, роҳҳои ба Арманистон ва муҳити илмӣ ва адабии он ворид шудани «Гулистон» ва тарҷумаҳои армании онро баррасӣ кардааст.

Минасян бар он аст, ки нахустин тарҷумаи осори Саъдӣ ва порчаҳо аз «Гулистон»-и ӯро мо дар фарҳанги форсӣ-армании Георг Дпир Тер-Ованесян Палатси дучор мешавем, ки ба соли 1826 иттифоқ меафтад.

Ин ҷо мехоҳем аз ду маҷмӯаи дигар ёдовар шавем, ки ба тарҷумаи назми классикӣ ва муосири тоҷик алоқа гирифтааст. Якум, «Лирикакан аревелк» («Шарқи лирикӣ») номгузорӣ шуда, он намунаи тарҷумаҳои порчаҳо аз «Авасто, готҳои онро, ашъори «Рӯдакӣ» (12 шеъру ғазал ва 24 рубоӣ), порчаҳо аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (оғози «Шоҳнома», «Шоҳнома»-и Дақиқӣ, сабаби назми он, «Шоҳнома»-и Абумансурӣ), намунаи дубайтиҳои Бобо Тоҳир (40 дубайтӣ), 120 рубоии Умари Хайём, ашъори Афзалиддин Хоқонӣ, ҳабсияҳо ва порча аз «Айвони Мадоин» ва намунаи тарҷумаи 74 рубоӣ, аз Муслиҳиддин Саъдӣ – порчаҳо аз «Гулистон» ва «Бӯстон» ва қитъаҳо, аз Ҷалолиддин Румӣ 3 ғазал ва порчае аз «Маснавии маънавӣ», аз Шамсиддин Ҳофизи Шерозӣ 9 ғазал, аз Абдураҳмони Ҷомӣ тарҷумаи 30 рубоиро дар бар мегирад. Китоб бо эҳтимоми донишманди тоҷикшинос Сергей Умарян тарҷума, таҳия ва тадвин шудааст (289; 154). Ҷиҳати хуб ва фазилати маҷмӯа дар он аст, ки дар бораи ҳар шоир маълумоти мухтасари ҳасбиҳолӣ оварда мешавад.

Китоби дигар, ки дар фавқ сухан рафт, «Таҷикакан кнар» («Лирикаи тоҷикӣ») номгузорӣ шуда, он низ ба саъй ва эҳтимоми Сергей Умарян ва Ӯктам Маҳмудов таҳия ва тадвин шудааст.Китоб соли 1973 ба табъ расидааст ва ба сарсухани мухтасари шоира Силва Капутикян «Геғетсик ҳандипум» («Вохӯриҳои зебо») оғоз мегардад. Назари иҷмолии шоира ба сайри сужаҳои эронӣ, таъсири фарҳанги эрони қадим ба муҳити адабӣ ва фарҳангии Арманистону Тоҷикистони даврони нав ва умуман таассуроти шоира аз адабиёти муосири тоҷик асоси сарсуханро ташкил мекунад. Тазкираи «Лирикаи тоҷикӣ» мухтасари тарҷумаи ҳол ва на-

https://bikhon.tj/

мунаи осори 40 шоири муосири тоҷикро дар мегирад. Инҳо С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ, М.Турсунзода, Пайрав, Ҳ. Юсуфӣ, М.Раҳимӣ, М. Шералӣ, Л.Шералӣ, М.Ҳакимова, Г.Сафиева, О.Аминзода, Ҳ. Қурбонова, Б.Расо, С.Ҳалимшо, Ҳ.Файзулло, Б. Фаррух, Б.Фирӯз, А.Сафар, А.Шарифӣ, Б.Ҳоҷӣ, Б. Собир, Ҳ.Ғоиб, С. Маъмур, А.Бобоҷон, Ғ. Сафарзода, Ҷ.Каримзода, Деҳотӣ, Аминзода, Б.Раҳимзода, М.Қаноат, А.Қаҳҳорӣ, Ғ.Мирзо, А. Шукӯҳӣ, Ф. Ансорӣ, Г.Сулаймонова, У.Раҷаб, Қ.Киром ва намунаи ашъори ин шоирон аз ҷониби мутарҷимон А.Сароян, С.Капутикян, Л.Дурян, В.Каренс, Ҳ.Гулназарян, Н. Микаэлян, К.Акопян, С.Умарян, Х. Рачян, Ҳ.Карзикян, М. Корюн, В. Овсепян, М.Мкртчян, Г.Оҳанян, С.Арутюнян, Метаксе, А. Саҳакян,Г.Бандурян, Ж. Аветисян, С.Харагян, Э. Авакян, С.Торусян, Г. Элиан, В.Бабаян ба забони арманӣ баргардон шудааст (234; 378).

Маҷаллаи «Советакан граканутюн» як шумораи худро ба адабиёти тоҷик бахшид ва намунаи тарҷумаҳои шеъри шоирони тоҷикро (229; 3-17) дар саҳифаҳои худ ҷой дод.

Насри бадеии тоҷик нисбат ба назми он ба забони арманӣ кам тарҷума шудааст. Халқи арман тоҷиконро ҳамеша ба сифати сокинони мамлакати назм, фиристодагони олами улвии шеър мешиносад. Аз намунаҳои наср метавон аз чанд тика тарҷумаҳои осори бадеӣ ёдовар шуд, ки ҳамаи онҳо дар давраи нави инкишофи адабиёти муосири арман тарҷума шуда ба табъ расидаанд.

Аввалин асари насрии тарҷумавӣ ба забони арманӣ аз адабиёти советии тоҷик қиссаи устод Айнӣ «Мактаби куҳна» буд, ки дар нашриёти адабиёти бачагонаи Арманистон соли 1937 дар шакли каитоб ба табъ расидааст, ки тарҷумонаш маълум нест.

Мутарҷими номаълум нахустин касе буд, ки ба сайри эҷодиёти устод Айнӣ дар Арманистон асос гузошт.

Тарҷумаи қиссаи «Мактаби кӯҳна» ягона воситае буд, ки хонандаи арман ба ҳаёт, тарзи зиндагии халқи тоҷик то рӯзҳои инқилоб аз наздик шинос гардад. Қабатҳои дунёи тира, нақши рӯзгори бемаҳсули халқи тоҷик дар мисоли ҳаёти Айнии ҷавон таъкиди ҳасратомези «вале ман дар ин

https://bikhon.tj/

мактаб ягон чиз наомӯхтам» алам ва нафрати хонандаи арманро ба ин тарзи зиндагӣ бедор мекунад, ки тарҷума ва тафсири ин «ҳаёт» низ дар 8 қисм (дар тарҷумаи русӣ 5 боб қисмат шудааст) бе тағйири мундариҷа худ як сабақи калоне буд. Табиист ки аввалин зинаҳои рӯзгори минбаъдаи намунаи ибрати устод Айнӣ ва ҳирси омӯзиши илм дар ниҳоди ӯ ба хонандагони арман бетаъсир намонданд.

Баъди тарҷумаи қиссаи «Мактаби кӯҳна» соли 1939 нахустин намунаи осори насрии лафзӣ, афсонаи тоҷикии «Гилеми кабуд» ба забони арманӣ баргардон шуд ва дар шакли китоби алоҳида ба табъ расид. Мутарҷим М.Дургарян нақлро аз забони Анна Голдберг шунидааст.

Расо баъди 20-соли тарҷумаи повести «Мактаби кӯҳна», соли 1957 (то ин дам метавон мақолаҳои С.Улуғзода ва Шаҳсуварянро доир ба ҳаёт ва фаъолияти Садриддин Айнӣ ном бурд, ки дар боло зикрашон рафт) ду қисми авали асари дигари устод Айнӣ «Бухоро» («Ёддоштҳо») дар нашриёти давлатии Арманистон аз чоп мебарояд. Ба тарҷумаи ин асар мутахассисони шарқшинос Эдуард Агаян ва В.Меликян саъй намуда, кӯшиши онҳо дар рафти тарҷумаи «Ёддоштҳо» бештар ба хусусиятҳои забонӣ, паҳлӯ ва маъниҳои қариб ҳар як калимаву ибора дар забони тоҷикӣ (қисмати «Эзоҳот» истисно нест) ва, ниҳоят, тарзи нақли муаллиф – қаҳрамони асар – равона карда шудааст.

Академик Эд. Ағаян донандаи таърих ва адабиёти Шарқ буда, барои донишҷӯён дастури таълимиеро низ бо унвони «Очеркҳои таърихи адабиёти Шарқ» (Ереван, 1971, 242 саҳ. ба забони арманӣ) навиштааст.

Интихоби «Ёддоштҳо» барои тарҷума тасодуфӣ набуд. Баръакс мутолиаи «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ, бо иқрори акад. Агаян барои мутарҷим ва умуман хонандагони сершумор оинаи шиносоӣ бо хаёти халқи тоҷик гардид. «Ҳаёти Айнӣ – ҳаёти Тоҷикистон» буд ва ин ифодаро ӯ чунин шарҳ медиҳад: «Тасвири ҳақиқати ҳаёт, ҳамаи он чиро, ки ӯ (устод Айнӣ – А.Д.) дар мисоли «Ёддоштҳо» манзури мо гардонид, ин маҳсули омӯзиши амиқ, диду нигоҳ ва ибрози фошофош ба он ҳаёте буд, ки худ паси сар кардааст».

https://bikhon.tj/

Ягон тақризе, ки дар он мебоист аз тарҷумаи армании «Ёддоштҳо» сухан равад, нест, вале ин ҷо зикри мақолаи муҳаққиқи дигари адабиёти тоҷику форс Вардгес Ернҷакян «Садриддин Айнӣ ва «Ёддоштҳо»-и ӯ», ки дар асар ба ҷои охирсухан омадааст, зарур аст.

Мақола характери тарҷумаҳолӣ дошта, қимати хуби илмиро дорост. Диққати муаллиф ба муҳимтарин лаҳзаҳои ҳаёти устод Айнӣ дӯхта шуда, аз аввалин саҳифаҳои умр аз лаҳзаҳои шиносоии ӯ бо назми оламгири Фирдавсиву Саъдӣ ва Ҳофизу Камол, Бедилу Соиб, ки ҳаёт ва офаридаҳои безаволи онон дертар мавриди тадқиқи устод қарор гирифт, то шиносоии шахсии ӯ, таълифи «Ёддоштҳо»-и нотамом ва ғ. батафсил маънидод карда мешавад. Таҳлили қисматҳои 1 ва 2 «Ёддоштҳо» муаллифи мақоларо водор мекунад, ки ба хулосаи зарин ояд:

«Қимати бузурги «Бухоро» (Ёддоштҳо) ин аст, ки дар он ҳаёти пеш – азинқилобии халқи тоҷик, халқе ки асрҳо боз зери фишори истеҳсолоти феодалӣ, дар торикӣ ва ҷаҳолат умр ба сар мебурд, ҳайратовар, боварбахш ва бо образҳои реалӣ тасвир карда шудааст».

Ба ин маънӣ, ба ифодаи В. Ернҷакян «Тарҷума ва чопи «Бухоро» ба забони арманӣ – ин рамз ва тантанаи дӯстӣ дар инкишофи равобити мустаҳками адабии ду халқи бародар (арманҳо ва тоҷикон) аст.

Тарҷумаи армании ду қисми авали «Ёддоштҳо», ҳарчанд дар ягон ҷо зикраш намеравад, (Ернҷакян фақат «тарҷума аз русӣ буданашро зикр мекунад) тахмин кардан мумкин аст, ки аз рӯи тарҷумаи русии Сергей Бородин (1949) ва чопҳои минбаъдаи он – солҳои 1951, 1952 – суръат гирифта бошад.

Шӯҳрат ва эътибори осори устод Айниро наметавон бо номгӯи ду асари ӯ дар Арманистон маҳдуд кард.

Баъди чопи «Ёддоштҳо» соли 1968 асари дигари ӯ «Марги судхӯр» дар тарҷумаи Сурен Багдасарян аз чоп мебарояд. Тарҷумаи армании повести «Марги судхӯр» дар асоси тарҷумаи русии соли 1965 анҷомдодаи О. Сухарева, бо сарсухани В.Панкина ба амал оварда шудааст.

https://bikhon.tj/

Чизи ҷолиби диққат он аст, ки хонанда бори дигар ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии асосгузори адабиёти советии тоҷик Садриддин Айнӣ муфассал шинос мешавад. Сарсухани В.Панкина дар забони арманӣ тасаввуроти хонандаро доир ба тарҷумаи ҳоли устод Айнӣ пурра мекунад. Дар пешсухан инчунин таҳлили повести «Марги судхӯр» бо ҷузъиёти зиндагии Қорӣ-Ишкамба ва тасвиру танқиди хислат, характер ва моҳияти рӯзгори ӯ чун манфуртарин типи ҷамъияти онрӯзаи Бухоро оварда шудааст. Дар ҳақиқат, барои шиносии хонандаи арман бо асаре чун «Марги судхӯр» овардани чунин пешгуфторе зарур буд.

Соли 1972 маҷмӯаи ҳикояҳои адибони тоҷик «Ҳандипум» («Вохӯрӣ») дар нашриёти «Ҳайастан»-и Ереван аз чоп баромад, ки он ба ҳикояи устод Айнӣ «Дар устохонаи рехтагарӣ» (саҳ. 3-23) оғоз меёбад. Муқоиса нишон дод, ки тарҷумон Э. Масумян аз ду ҳикояи устод (дурусттараш ду лаҳза аз китоби сеюми «Ёддоштҳо») як ҳикоя сохтааст, ки қисмати «Сӯхтор» ба ин тарҷума дохил мешавад. Аз тарафи дигар Э.Масумян аз ҳайси мундариҷа ба кори хайре роҳ додаст, вагарна аз ин қисмати ҳанӯз тарҷуманашудаи «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ хонандаи арман чизе фаҳмиданаш душвор буд.

Чӣ хеле ки маълум аст, «Сӯхтор» давоми бевоситаи нақли «Дар устохонаи рехтагарӣ...» буда, ба он қисса тамомӣ мебахшад ва метавон хардуро як ҳикоя ҳисоб кард. Масумян ҳамин тавр рафтор карда ҳикояро ба қисм ва сарлавҳаи алоҳида тақсим накарда, (дар тарҷумаи русӣ ҳамин тавр омадааст) бо маҳорат ба композитсия тавре даромехтааст, ки хонанда гумон мекунад, гӯё ин ҷо ягон сарҳаде набошад... ва ҳамин тавр ҳаст. Тасвири устохонаи заргарӣ ва шароити ниҳоят бади он муҳит чун тинати соҳибаш Шайх, тақдири бадфарҷоми Шарафҷони умеди модари зор, тазоди бузурге чун сандуқи пур аз тиллои Шайх ва мардуми гуруснаи Бухоро ва, оқибат забонаи сӯхтор дар он хонадон – ҳама тасвир, нақл паи ҳам омада, яке дигареро пурра мекунад ва кӯшиши Масумян, ба фикри мо, дар тарҷума ва, муҳимтар аз ҳама, дар нигоҳ дошта тавонистани

https://bikhon.tj/

(на танҳо нигоҳ доштан) рӯҳи аслии ин порча шоёни диққат аст. Э. Масумян дар интихоби порчаи тарҷумашаванда хеле бодиққат муносибат карда, лаҳзаеро интихоб намудааст, ки дар як хат бо хатти умумии «Ёддоштҳо» меафтад ва мақсади муаллиф низ тасвири беҳуқуқии халқи заҳматкаш, нафрати бемисоли ӯ ба ҳокимони доро ва шӯри дер боз пухта ва ба қиём расидаи халқ буд.

Ҳамин тариқа, тарҷумаи ин қисм дар айни ҳол охирин намуна аз асарҳои насрии устод Айнӣ бо забони арманӣ буда, баъди повести «Марги судхӯр», ки хонандаи арман аллакай дар симои Қорӣ-Ишкамба шахсияти пасти ӯро дидаву шинохта буд, образи Шайх ва айнан дар болои сандуқи пур аз тилло ҷон додани ӯву ба сӯхтор гирифтор шудани хонадони чунин типҳоро барҳақ нишони пӯсида истода аз ҳаёти гузашта медонад.

Аз нависандагони дигари тоҷик ҳамагӣ чанд ҳикояи Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев ва намунаҳои дигари осори лафзии тоҷикӣ дар саҳифаҳои нашрияҳои Арманистон ба табъ расидаанд.

https://bikhon.tj/

ХУЛОСА

Пайвандҳои адабӣ бо назардошти таҳқиқи мушаххасоти таьрихӣ дар низоми афкори адабӣ-бадеии халкҳо қодир аст арзишҳоеро баррасӣ намояд, ки мафкураи ҷомеаи инсониро фаро гирифта бошад. Тадқиқи мушаххасоти пайвандҳои адабӣ мувофиқи таҷрибаи назариётчиёни адабиётшиносии муқоисавӣ, метавонад дар ягон давраи муайян, дар такя ба асноди адабии муайян аз эҷодиёти адиби муайян сухан аз имтизоҷи адабӣ ба миён орад. Муҳаққиқи амали мутақобилаи адабиёт метавонад ҳама мушкилоти пайвандҳои адабиро дар мисоли таҳқиқи тамоюлҳо дар як адабиёти миллӣ ба сомон расонад. Падидаҳои адабие, ки дар таърихи пайвандҳои адабиву фарҳангии тоҷикону арманҳо ба мушоҳида расид, аз қабили таъсир ва эътибори адабӣ, назира ва пайравӣ, мактаби адабӣ ва муносибатҳои эҷодии шоирон – ҳама дар низоми афкори адабӣ-эстетикии ин ду халқ ҳусни тафоҳумро ба вуҷуд овардаанд.

Худи ҷараёни инкишофи равобити адабии халқҳои тоҷику арман дар тӯли садсолаҳо ба як тамоюли адабие, ки хосияташ танҳо равнақи адабиёт бошад, табдил ёфт ва новобаста ба даврaҳои адабӣ ва фуруду фарозҳои таърихӣ дар як сатҳ қарор гирифт. Дар адабиёти асрҳои миёнаи арманҳову тоҷикон даврaҳое ҳастанд ба мисли адабиёти аҳди Рӯдакӣ ва Нарекатси, ки беҳтарин суннатҳои як адабиётро адабиёти дигари собиқадор ба осонӣ пазируфт. Ҳамчунин назми аҳди Рӯдакӣ ва махсусияти он дар адабиёти асримиёнагии арман он таҳаввул ва тамоюлеро ба вуҷуд овард, ки минбаъда умумияти адабӣ ва фарҳангии ҳар ду халкро таъмин кард. Таҳқиқоти адабиётшиносии муқоисавӣ ва амали мутақобилаи адабиёт нишон доданд, ки таҳаввули адабӣ аз имтизоҷи суннатҳои меросӣ маншаъ мегирад ва яке барои таҳрики дигар сабаб мешавад.

Аз ҷиҳати дигар умумияти суннатҳои адабӣ чун мафҳуме, ки бори таҳқиқи типологиро мекашад, дар мисоли шаклҳо ва жанрҳои шеърии адабиёти асримиёнагии арман

https://bikhon.tj/

ва классикии форсу тоҷик ва муқоисаи шабеҳӣ дар имконоти тасвир ва ифода маънидод карда шуд. Худи як жанр, сайри таърихӣ, таҳаввули масалан айрен дар адабиёти асримиёнаи арман он қадар имкониятҳое дар тасвир ва ифодаи эҳсос ғунҷонд, ки дубайтӣ дар адабиёти классикии форсу тоҷик. Ҳамин умумияти типологӣ дар адабиёт як навъ қонунияти дохилии онро муайян кард: Табиати жанрӣ, умумияти мавзӯъ ва сабки эҷод дар як давраи муайян (масалан, асри XVI) рӯҳи муштараки адабиётро муайян кард, ки таҷрибаи эҷодии шоироне чун Мкртич Наққош ва Наапет Кучак инро собит намуд. Ҳамин таҷрибаи эҷодӣ метавонад варосати анъана ва суннатҳои адабиро дар адабиёти як давраи муайян ва дар мисоли эҷодиёти як адиб таъин намояд. Ин падида ғолибан дар фазое рух медиҳад, ки он муҳит ва доираи адабӣ ба ном ва фаъолияти адибе алоқаманд бошад. Он доира ва муҳити адабӣ дар адабиёти асри миёнаи арман, ба фикри инҷониб, ба ном ва эҷодиёти Сайёди Наво дар асри XVII алоқаманд аст. Яъне, як давраи томи таърихӣ ва муҳити созгори адабии аҳди Сайёди Наво имтизоҷи куллии адабиёт ва фарҳанги комилро ба вуҷуд овард ки натиҷа таъмини варосат дар адабиёт буд. Ҳамчунин, сабаби ин қадар пурзӯр гардидани таъсири адабӣ, қабули анъана ва эътибори адабӣ маҳсули ба ҳам овардани рӯҳи адабиёту фарҳанг ва тазвиҷи суннатҳои шеърӣ буд.

Пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман дар якчанд марҳала инкишоф ёфтаанд. Дар ин давра ва марҳалаҳо онҳо дар муҳити созанда ва фазои баҳамназдики фарҳангиву адабӣ зиста, ба офаридаҳои бадеии ҳамдигар танҳо аз рӯи ниёз ва ихлос муносибат кардаанд.

Дар зарфи ҳазорсолаҳо, ки халқи арман бо халқҳои эронӣ ва баъди Инқилоби Кабири Рус дар оилаи бародарона дар ҳамсоягиву дар як ҳудуди воҳиди давлати маъмурӣ – СССР зистанд, ҳамеша бо ҳамдигар дар партави муҳити созандагӣ иртибот доштанд.

Як санади таърихӣ: 7-декабри 1988 дар шаҳри Спитаки (Сафедак) Арманистон заминҷунбии мудҳиш ба амал омада, қариб 30 ҳазор арманро дар зарфи якчанд дақиқа ба ҳалокат

https://bikhon.tj/

расонд. Ба ин муносибат, аввалин шуда адибони тоҷик ба воситаи тартибу тадвини китобчае (80; 128)бо номи «Дасти дӯст» ба ёрии халқи арман шитофтанд. Дар китоби «Дасти дӯст» (мураттиб Мӯҳтарам Ҳотам) намунаи осори назмиву насрии шоиру нависандагони тоҷику арман Лоиқ, Гулрухсор, Геворг Эмин, Саидалӣ Маъмур, Ваҳагн Каренс, Алӣ Бобоҷон, Еғише Чаренс, Ашӯр Сафар, Наири Зарян, Муҳаммад Ғоиб, Ҳақназар Ғоиб, Мӯҳтарам Ҳотам, Паруйр Макаэлян, Саидҷон Ҳакимзода, Геғам Сарян, Амонбек Шоҳзода, Вардгес Бабаян, Садрӣ Умар, Аветик Исаакян, Олимхон Исматӣ, Ибод Файзулло, Вардгес Петросян, Грант Матевосян, Валӣ Самад мураттаб шудаву ба табъ расидааст, ки дастмузди ҳамаи намунаҳои осори назмиву насрӣ ба суратҳисоби ёрӣ ба зарардидагони заминҷунбӣ дар Спитак гузаронда шуда буд. Асосгузори адабиётшино-сии нави арман Манук Абегян, дар силсилаи тадқиқотҳои худ (6, 605;) ҳамеша аз ибтикороти фарҳангӣ ва пайвандҳои халқҳои тоҷику арман зикр кардааст. Як насли дигари адабиётшиносии арман Сергей Даронян, Эдуард Ҷрбашян, Вазген Мнатсаканян, Левон Мкртчян, Азат Егиазарян, Давид Гаспарян, Вардгес Ернҷакян, Аветик Шаҳсуварян, Бабкен Чукасзян, Сергей Умарян бештари фаъолияти илмии худро ба тадқиқи пайвандҳои адабии халқҳои арману тоҷик бахшидаанд.

Дар адабиётшиносии тоҷик ин амал, мутаассифона, андаке дер оғоз гардида, вале бо сарварии адабиётшиноси маъруф Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ ва пайравони ӯ Абдуқодир Маниёзов, Худоӣ Шарифов, Абдунабӣ Сатторзода, Ҳамроқул Шодиқулов, Валӣ Самад, Матлуба Хоҷаева, Абдусаттор Нуралиев, Носирҷон Салимов, Низомиддин Зоҳидов, Абдушукури Абдусаттор дар андаке муддат як силсила тадқиқот дар риштаи пайвандҳои адабии халқи тоҷик анҷом ёфт. Аз ин ҷумла дар шинохти арзишҳои ҳунарӣ ва фарҳангии халқҳои тоҷику арман, пайвандҳои адабӣ, таъсири мутақобилаи адабиёт ва масъалаҳои тарҷумаи бадеӣ низ як қатор тадқиқот ба сомон расид, ки онро метавон давоми дастовардҳои мактаби адабиётшиносии академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ маънидод кард.

https://bikhon.tj/

Замони нав ва шинохти арзишҳои адабӣ ва фарҳангии халққо меъёрҳои дигари ҳунариро пеш овард. Таҷдиди назар ва таҳаввули афкор дар тадқиқ ва омӯзиши масъалаҳои адабиётшиносии муқоисавӣ (ва ҳамаи соҳаҳои филология) дар даврони нав, замони истиқлолияти давлат ва халқи тоҷик ва ҳамчунин дар шинохти арзишҳои иҷтимоӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Сеюми Арманистон дар назди олимон ва аҳли зиёии ҳарду мамлакат вазифаҳои нав гузошт, вале оғози ҷангу муҳорибаҳои худӣ дар Тоҷикистон ва давоми муборизаҳои истиқлолҷӯй ва ватанхоҳӣ дар Арманистон сабаби амалӣ нагардидани ният ва шақшаҳои илмӣ гардиданд. Нагуфта намешавад, бар асари воқеаҳои феврали соли 1990 ба Арманистон хабари нодурусти таъқиби арманҳо аз ҷониби тоҷикон расид. Дар Арманистони бе ин ҳам дар миёни дуду оташи «қазияи Қарабоғи Кӯҳӣ» (Арсах) монда ва халқи соҳибтамаддуни он ба чунин «хайрхоҳӣ»-и навбатии «дӯстон»-и чапу росташ бовар накард. Дар ин бора дар якчанд мақолаҳои муаллифи сатрҳо, аз ҷумла «Дӯстони беғараз бекинаем...» («Тоҷикистони советӣ», 1990, 15 март) ва «Дар сари тӯрбати дӯст...» (Адабиёт ва санъат», 1990, июн) омада, ки мо – тоҷикону арманҳо соҳиби тамаддуни бузургем ва решаҳои дӯстиву пайвандҳои адабии халққоямон ба умқи асрҳо мерасад... То имрӯз халқи арман ва мамлакати Арманистон бо муҳаббат ва сӯзи дил ёд меоранд, ки маҳз халққои эронӣ ба онҳо чунин номи таърихӣ-арман ва Арманистонро додаанд.

Чеҳра, тарҳи рӯй ва саҷияву тинати тоҷикону арманҳо ба ҳам монанд, фарзандони як модар барин, таъриху адабиёту фарҳанг ва худи халқ дар ин дарозои таърих ҳамгуну ҳамқисмат будаанд. Нависандаи халқии Тоҷикистон Темур Пӯлодов навишта буд, ки «агар ба қаъри таърих назар андозем, мебинем, ки дар ду кишвар Тоҷикистону Арманистон мардуми хос зиндагӣ доранд, ки онҳо хеле зебоянд...» («Паёми Душанбе», 1997. 6-ноябр).

Ҳамон рӯзҳо, дар гармогармии овоза ва пиндорҳои мавҳум аз ҷониби як гурӯҳи калони зиёиёни арман дар

https://bikhon.tj/

рӯзномаи «Паёми Душанбе» (1990, 18-феврал) матни «Мактуби кушод» ба халқи тоҷик чоп шуд, мухтасараш ин буд:

«Ба воқеаҳои Душанбе, ба воқеаҳое бо дарду алам менигарем, ки ба шаъни таъриху маданияти гузаштаи халқи тоҷик, яке аз халқҳои қадимаи мамлакат, ки бо халқи мо анъанаҳои устувори муносибати нек дорад, намезебад. Мо мефаҳмем, ки Тоҷикистон мисли Арманистон, гирифтори аҳволи ногувори иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, тоҷикон чун арманҳо дар муҳити бедифоии иҷтимоию ҳуқуқи маҳдуд зиндагонӣ мекунанд. Вале бедодгарӣ, кушокушӣ ба шаъни халқҳое, ки таҳкурсии чандинасраи маданӣ, кӯшишу ғайрати хирадмандонаю нек доранд, намезебад. Дар байни тоҷикону арманҳо бо сабабҳои этникӣ ё худ динӣ ягон низо рӯй надодааст. Тасаввур кардан мушкил аст, ки авлоди бузургтарин мутафаккирони Шарқ, соҳибони ғояҳои иисонпарваронаи Фирдавсию Хайём, Саъдию Ҷомӣ, Донишу Айнӣ ба сари касе, ки бо вай дар муҳити ягонаи таърихӣ ва фарҳангӣ ба воя расидаанд, мушт мебардошта бошанд. Онҳо бо мутаассибони азхудрафта, ки ба гапи кадом як гумоштаҳо медароянд, чӣ алоқа доранд?

Ба халқҳои Осиёи Миёна ҳамеша меҳмоннавозӣ, ҳисси ҳамдардӣ ба хешу акрабо хос буд. Мо ба ҳаққонӣ ва самимӣ будани ин сифатҳо борҳо бовар ҳосил кардаем, дар рӯзҳои барои Арманистон фоҷиавии баъди зилзилаи харобиовар, дар рӯзҳои аз Боку ва Озарбойҷон бераҳмона гурезондани даҳҳо ҳазор арманҳо мо ба меҳрубонӣ ва азми халқҳои Осиёи Миёна барои дароз кардан дасти ёрӣ борҳо бовар ҳосил кардем.

Мо дилпурем, ки рӯзҳои наздик ин вазъияти ногувор бартараф карда мешавад.

Раиси Хазинаи маданияти Арманистои В.Петросян, ноиби президенти Академияи Улуми ҶШС Арманистон Г. Саркисян, раиси правленияи Иттифоқи нависаидагони Арманистон Р. Ованесян ва дигарон ба ходимони илму маданияти Тоҷикистон бо ҳамин гуна мактуби кушод рӯ овардаанд.

Чизи дигар мавқеи забони русӣ ба сифати пули маънавӣ ва фарҳангии байни халқҳо ва афзудани мавқеи он дар

https://bikhon.tj/

масъалаи пайвандҳои бавосита (транзитӣ) аст. Арзишҳои адабӣ ва фарҳангӣ ҳамеша, агар онҳо дар поя ва сатҳи маърифати халқе офарида шуда бошанд, майлҳои минбаъдаи ҳама гуна ва навъи пайвандҳои адабии халқҳо ва таъсири мутақобилаи адабиётҳоро муайян мекунанд. Адабиётшиноси маъруфи арман, Азат Егиазарян бо назардошти моҳияти падидаҳои адабиву фарҳангии замони нав, хусусан солҳои 90-и асри гузашта гуфта буд, ки «адабиёти нав дар инҳисори ҷараёнҳои бисёри иҷтимоӣ аз боби вазъияти маънавиву ахлоқии ҷамъият масъул будан намехоҳад. Шаҳомати адабиёт масалан аз он ки теъдоди осори Туманян имрӯзҳо аз 500 боло нест (ба ҷои 75000) ва онро ҳам хонанда намегирад, сахт коҳидааст. Адабиёт ба адабиёти беҳолу бемадор ва сахт мондашуда табдил ёфт, балки он адабиёти инсонҳои шалпар ва куфташуда гардид. Бо вуҷуди ин адабиёти асил ва пешрав офарида мешавад. Онро ҳамчунин фарзандони ҳамин сарзамину ҳамин адабиёт меофаранд. (85; 174-177). Азат Егиазарян дар радифи офарандагони адабиёти солҳои 90 ва минбаъд, баъди Геворг Эмин, Ованес Шероз, Аммо Сагиян, Грант Матевосян, Вардгес Петросян номҳо ва осори як зумра шоиру нависандагонро, ба мисли Гурген Хонҷян, Перч Зайтунян, Рубен Овсепян, Зорайр Халафян, Норайл Адалян, Ваҳагн Григорян, Аревшат Авагян, Артем Арутюнян, Размик Давоян, Давид Ованес, Генрик Эдоянро ном мебарад, ки онҳо давомдиҳандаи беҳтарин анъана ва суннатҳои адабии Арманистони даврони нав ҳастанд.

Воқеан, дар замони нав ва аҳди суръати кайҳонии алоқа ва пайвандҳои гуногуни таърихиву адабӣ адибони Тоҷикистону Арманистон аз арзишҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва адабиву фарҳангӣ ҳифз мекунанд.

Адабиётшиноси дигари арман Петрос Демирчян аз вазифа, пешомад ва дурнамои нақди адабӣ ва умуман ҷараёни адабии муосир мулоҳиза ронда, онро дар муҳит ва фазои гуфтугӯи тамаддунҳо ва ҷаҳоншинохтии даврони нав хусусан барои адабиётҳои миллӣ, аз ҷумла адабиёти арман, дар муқоисаи он ки мамлакати Арманистон дар зарфи

https://bikhon.tj/

мавҷудияти худ аз даҳ нӯҳ ҳиссаи замини таърихӣ ва аҷдодии худро бой дод, шоирону нависандагони замони нави арманро низ шахсиятҳои аз афкори бадеии халқҳо дур ва аз чунин фазои ҷараёни таърихӣ-адабӣ берунмонда маънидод мекунад (80; 181-183). Адабиёти нави арман, – менависад нависанда Норайр Адалян. – бигузор бо қадамҳои майда, вале бо дили пур аз дунболи муносибатҳои нав ва фаҳмиши (консепсияи) нави адабӣ меравад. Шаклҳои нави биниш, воситаҳои дигари ҷаҳонишавии адабиётҳои миллӣ зуҳур карда истодаанд (80; 183).

Пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман дар аҳди нав таърихи зиёда аз 150 солаи ташаккули адабиёту фарҳанги халқҳои тоҷику арманро дар бар мегирад, ки ҳамаи саҳифаҳои пуршарафи доду гирифт ва ибтикороти адабӣ аз он шаҳодат медиҳанд.

Дар ин зимн нуктаҳои хеле бисёри пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман на такрор, балки аз ҳисоби санадҳои нав, корнахӯрда ва диди дигари адабӣ таҷдиди назар шуданд.

https://bikhon.tj/

АДАБИЁТ

1. Абдуррауфи Фитрат. Мунозара / Ҳозиркунандаи нашр, таҳиягари луғату тавзеҳот ва муаллифи сарсухан Пайванди Гулмурод. – Душанбе, 1992. – 55 с.
2. Абдусатторов, А. Влияние арабской литературы на поэзии XI в (Период ранних Газневидов) : Автореф. дисс. д-ра филол. наук. – Душанбе, 2002. – 43 с.
3. Абдусатторов, А. Арабият ва адабиёти аҳди Ғазнавиён. – Душанбе, 2003. – 181 с.
4. Абдусатторов, А. Равобити адабии Арабу Аҷам дар асри XI. – Душанбе, 2004. – 70 с.
5. Абегян, М. Вазни «Шоҳнома» дар назми арман // Фирдавсӣ. – Ереван: Айпетрат, 1934. – С. 119-128. – Ба забони арманӣ.
6. Абегян, М. История древнеармянской литературы. – Ереван: Изд-во АН Арм. ССР, 1975. – 605 с.
7. Абрамян, Р. Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ. – Теҳрон, 1934. – Ҷ. I. – 157 с. – Ба забони арманӣ.
8. Айнӣ, С. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ». – Душанбе: Адиб, 1987. -335 с.
9. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. – Ереван: Айпетрат, 1957. – 207 с. – Ба забони арманӣ.
10. Айнӣ, С. Куллиёт / Иборат аз 15 ҷилд.– Сталинобод: Нашрдавточик, 1958. – Ҷ. 1. – 346 с.
11. Айнӣ, С. Куллиёт / Иборат аз 15 ҷилд.– Душанбе, 1969. – Ҷ. 9. – 415 с.
12. Айнӣ, С. Куллиёт / Ҷилди 14: Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро; Мурат. К. С.Айнӣ. – Душанбе, 2005. – 270 с.
13. Айнӣ, С. Мактаби кӯҳна. – Ереван: Айпетрат, 1934. – 48 с. – Ба забони арманӣ.
14. Айнӣ, С. Марги судхӯр. – Ереван, 1968. – 200 с. – Ба забони арманӣ.
15. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби Бухоро. – Душанбе: Адиб, 1987. – 239 с.
16. Ализода, М.М. Первая русская революция и персидская демократическая литература // Учёные записки Азербайджанского государственного университета. – 1955. – № 19. – С. 119-170.
17. Аминов, А. Жанр рубаи и советская лирико-философская поэзия. – Душанбе, 1988. – 135 с.
18. Амирқулов, С. Таҳаввули жанрҳои адабиёти тоҷик дар нимаи авали асри XIX. – Душанбе, 2005. – 127 с.

https://bikhon.tj/

19. Арешян, С.Б. Армянская печать и царская цензура. – Ереван, 1957. -514 с.
20. Армянская классическая лирика / Т. II: Средние века (XIII-XVIII). – Ереван: Советакан грох, 1977. – С. 148-149.
21. Армянская средневековая литература: Краткая история. – Ереван, 1986. – 135 с.
22. Армянские книги в Таджикистане // Дружба народов. – 1973. – № 2. – С. 285.
23. Армянские народные сказки. – Ереван, 1967. – 634 с.
24. Атобекян, М. Ованес Туманян – литературный критик. – Ереван, 1956. – 163 с.
25. Ахундов М. Ф. На смерть Пушкина: Восточная поэма / Предисл. и ред. Шайхали Курбанова. – Баку: Изд-во АН Азерб.ССР, 1962. – 195 с.
26. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. – 408 с.
27. Ашъори шуарои аҳди қадим ва асрҳои миёнаи арман. – Ереван, 1979. – С. 313-314. – Ба забони арманӣ.
28. Багдасарян, О. Имрӯз ва фардои маданияти халқи арман // Маориф ва маданият. – 1967. – 14 сентябр.
29. Базинян, А. Над архивом Лазаревых. – М., 1982. – 159 с.
30. Бахчинян, Г. Саят-Нова. Жизнь и творчество: Автореф. дисс. д-ра филол. наук. – Ереван, 1988. – 48 с.
31. Бертельс, Е.Э. Персидкая литература в Средней Азии // Советское востоковедение. – М. – Л.: Изд-во АН СССР 1948. – Т. IV (338). – С. 199-228.
32. Бертельс, Е.Э. История литературы и культуры Ирана // Бертельс, Е.Э. Избранные труды. – М.: Наука, 1988. – 558 с.
33. Бикмуҳаммедов, Р. Представления и реальности // Вопросы литературы. – 1989. – № 8. – С. 18-27.
34. Болдырев, А.Н. Зайниддин Васифӣ. – Душанбе: Адиб, 1989 – 464 с.
35. Брагинский, И.С. Проблемы востоковедения // Актуальные вопросы восточного литературоведения. – М.: Наука, 1974. – 493 с.
36. Брюсов, В. Об Армении и армянской культуре.– Ереван,1961.-295 с.
37. Бухоройӣ, М. Ш. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. – Душанбе, 2006. – 455 с.
38. Васлгари дилҳо: Маҷмӯаи мақолот ва хотирот дар бораи М. Турсунзода / Мурат. Х.Отахонова. – Душанбе, 1981. – 216 с.
39. Веселовский, Ю. А. Армянская поэзия XIX века и её происхождение // Русская мысль. – 1901. – № 12. – С. 97-123.

https://bikhon.tj/

40. Веселовский, Ю.А. Очерки армянской литературы: история и культура. – Ереван, 1972. – 501 с.
41. Вишнеградова, А. Революционное движение в Персидском Азербайджане // Новый Восток. – 1922. – Кн. 2. – С. 249-253.
42. Водии сабз: Ҳикояҳо аз эҷодиёти адибони ҷаҳон / Мутарҷим Абдуғаффори Абдуҷаббор. – Душанбе, 1995. – 77 с.
43. Волков, И. Литература и жизнь. – М.: Знание, 1972. – 22 с.
44. Вопросы востоковедения: Межвузовский сборник научных трудов. – Ереван, 1987. – Вып. 3-4. – 413 с. – Ба забонҳои арманӣ ва русӣ.
45. Восканян, Т., Органов, А. Армяне в Таджикистане // Минбари халқ. – 1997. – 31 октября.
46. Вурғун, С. Назми советӣ // Шарқи Сурх. – 1955. – № 2. – С. 95-130.
47. Гафуров, Б. Тоҷикон. Охирҳои асри миёна ва даврони нав / Аз русӣ тарҷ. А.Маниёзов, Н. Холмуҳаммадов. – Душанбе, 1985. – Кит. 2. – 412 с.
48. Гейзер, А. Джами в переводе Г.Ф. Дица // Памир. – 2006. – № 10-12. – С. 97-108.
49. Гилеми кабуд: Афсонаи халқии тоҷикӣ. – Ереван, 1939. – 13 с. – Ба забони арманӣ.
50. Гракан терт. – 1975. – 27 июн. – Ба забони арманӣ.
51. Григорян, К. Ованес Туманян (1869-1923). – Л.: Молодая гвардия, 1950. – 274 с.
52. Григорян, К. Аветик Исаакян: Очерк творчества. – М., 1954. – 91 с.
53. Григорян, К. Творческий путь Аветика Исаакяна. – Ереван, 1975. – 214 с.
54. Григорян, Р. Провозвестники свободы // Звезда. – 1972. – № 12. – С. 169-175.
55. Григорян, Р. Неизвестный документ о Лахути // Вестник архивов Армении. – 1970. – № 3. – С. 107-108.
56. Даврижеци, Аракел. Книга историй / Пер. с арм., предисл. и комм. Л.А. Ханларяна. – М., 1973. – 622 с.
57. Давронов, А. Фарҳоди кӯҳи истеъдод // Маданияти Тоҷикистон. – 1981. – 7 июл.
58. Давронов, А. «Гар сарӣ ёбад ба олам...» // Садои Шарқ. – 1984. – № 11. – С. 121-124.
59. Давронов, А. Лоҳутӣ ва Арманистон // Советакан граканутюн. – 1984. – № 12. – С. 118-121. – Ба забони арманӣ.
60. Давронов, А. Муждаи сеҳри сухан // Адабиёт ва санъат. – 1985. – 28 март.
61. Давронов, А. Литературное влияние в эпоху Рудаки // Мате-

https://bikhon.tj/

риалы международной конференции. – Душанбе, 1985. – С. 117-121.
62. Давронов, А. Равобити адабии арману тоҷик // Тоҷикистони советӣ. – 1986. – 18 март.
63. Давронов, А.Таъсири адабӣ дар аҳди Рӯдакӣ // Маҷмӯаи тесизҳои конференсияи ҷумҳуриявии ДДТ. – Душанбе, 1990. – С. 117-120.
64. Давронов, А. Пайвандҳои адабӣ ва рисолати таърихӣ // Садои Шарқ. – 1991. – №10. – С. 135 – 143.
65. Давронов, А. Пайванди замонҳо ва қисмати адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1994. – 80 с.
66. Давронов, А. Тарҷумаи бадеӣ ва маърифати фарҳангӣ // Садои Шарқ. – 1997. – № 7-12. – С. 128-137.
67. Давронов, А. Адабиёт ва замон. – Душанбе: Санадвора, 1997.– 56 с.
68. Давронов, А. Восточные мотивы в поэзии Бунина // Народная газета. – 2000. – 20 апреля.
69. Давронов, А. Горизонты литературных связей. – Душанбе: Матбуот, 2000. – 80 с.
70. Давронов, А. Тарҷумаи бадеӣ ва тафаккури миллӣ // Баррасиҳои фарҳангӣ. – Душанбе, 2000. – С. 144-166.
71. Давронов, А. Адабиёт ва воқеият. – Душанбе: Ҳумо, 2003. – 253 с.
72. Давронов, А. Равобити адабии тоҷику арман // Энсиклопедияи адабиёт ва санъат.– Душанбе, 2003. – Ҷ. 3. – С. 5-8.
73. Давронов, А. Тарҷумони нолаҳо // Садои Шарқ. – 2003. – № 7-9. – С. 112-121.
74. Давронов, А. История одной статьи // Бизнес и политика. – 2006. – 26 января.
75. Давтян, А. Армянская книга и художественная литература на новоармянском языке (ашхарабаре) в первой половине XIX века: Автореф. дисс. канд. филол. наук. – Ереван, 1970. – 24 с.
76. Давтян, А. Юрий Веселовский и армянская литература. – Ереван, 1970. – 296 с.
77. Дар паноҳи хотира // Ҷумҳурият. – 2004. – 6 май.
78. Даронян, С. Журнал «Современник» о Фирдоуси // Народы Азии и Африки. – 1965. – №4. – С. 174 – 176.
79. Даронян, С.М. Налбандян и русские революционные демократы.-М., 1979. – 316 с.
80. Дасти дӯст. – Душанбе: Адиб, 1989. – 128 с.
81. Джанполадян, М. «... Утверждать на земле живые письмена» // Литературная Армения. – 1989. – № 9. – С. 91-107.
82. Джрбашян, Э. Основные итоги и задачи изучения средневеко-

https://bikhon.tj/

вой армянской литературы / Русская и армянская средневековые литературы. – Л., 1982. – С. 9-17.
83. Дониш, А. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. – Душанбе: Сарват, 1992. – 98 с.
84. Дониш, А. Порчаҳо аз «Наводир-ул-вақоеъ» / Бо таҳрир, тавзеҳот ва сухани хотимавии Расул Ҳодизода. – Сталинобод: Нашрдавточик. 1957. – 245 с.
85. Егиазарян, А. Перепутье: Заметки о литературе 90-х // Дружба народов. – 2005. – № 2. – С. 174-178.
86. Ёдбуди Лоҳутӣ: Материалҳои маҷлиси тантанавӣ ва сессияи илмӣ бахшида ба ҷашни 80-солагии Лоҳутӣ. – Душанбе: Дониш, 1974. – 230 с.
87. Ёдбуди устод Лоҳутӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 272 с.
88. Ёдгорӣ, Ш. Сайёди Наво // Тоҷикистони советӣ. 1963. – 27 октябр.
89. Ерекоян Ереван. – 1975. – 26 июн. – Ба забони арманӣ
90. Ерекоян Ереван. – 1975. – 27 июн. – Ба забони арманӣ
91. Ерекоян Ереван. – 1975. – 28 июн. – Ба забони арманӣ
92. Ерекоян Ереван. – 1975. – 30 июн. – Ба забони арманӣ
93. Ернчакян, В. Ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Турсунзода: Матни диссертатсия. – Ереван, 1965. – 226 с. – Ба забони арманӣ.
94. Есенин, С. Гулафшон: Шеърҳо. Савтҳои форсӣ, Достонҳо. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 208 с.
95. Жирмунский, В. М. Теория литературы. Поэтика. Стилистика: Избранные труды. – Л., 1977. – 406 с.
96. Жирмунский В.М. Сравнительное литературоведение: Восток и Запад. – М.: Наука, 1979. – 493 с.
97. Зайниддинов, М. Таджикско-татарские литературные связи в конце XIX начало XX в. Автореф. дисс. канд. филол. наук. – Душанбе, 1990, 21 с.
98. Зикриёева, М. Садри Зиё – шореҳи авзои иҷтимоии Бухоро // Номаи донишгоҳи Хуҷанд: Илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2006. – № 2 – С. 11-16.
99. Имомов, М. Маънавият ва нақши зоҳир.-Душанбе: Адиб, 2000. – 186 с.
100. Имомов, М. Ҷаҳонбинӣ ва тафаккури бадеии Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2001. – 119 с.
101. Имомов, М. Садриддин Айнӣ ва ҷадидия // Номаи пажӯҳишгоҳ, Фаслномаи пажӯҳиши эроншиносӣ. – Душанбе: – Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ. – 2004. – №5. – С. 83-96.
102. Инджикян, А. Ованес Туманян: История жизни и творчества

https://bikhon.tj/

(1869-1899): Автореф. дисс. д-ра филол. наук. -Ереван, 1970. – 60 с.
103. Исаакян, А. Избранные сочинения / В двух томах. – М., 1950. – Т. 1. 345 с.
104. Исаакян, А. Избранные сочинения / В двух томах. – М., 1950. – Т. 2. – 215 с.
105. Исаакян, А. Сердце мое на вершинах гор. – М., 1975. – 159 с.
106. Исаакян, А. Асарҳо. – Ереван. 1959. – Ҷ. 3. – 346 с. – Ба забони арманӣ.
107. Исаакян, А. Дили ман дар фарози кӯҳсор аст. – Душанбе: Маориф, 1983. – 80 с.
108. Исаакян, А. Аветик Исаакян и Россия. – М.: Советский писатель, 1988. – 298 с.
109. Исаков, И. Шамшер ва қалам // Маориф ва маданият. – 1967. – 12 декабр.
110. Исрофилниё, Ш.Р. Валӣ Самад ва сайри таърихии як ғазали Ҳофиз // Зиндагӣ. – 2006. – 2 ноябр.
111. История армянского народа. – Ереван, 1951. – 290 с.
112. История армянской советской литературы. – М., 1966. – 614 с.
113. История Казанского Университета (1804-2004). – Казань: Изд-во Казанского университета, 2004. – 656 с.
114. Капутикян, С. Ду шеър // Шарқи Сурх. – 1952. – № 4. – С. 41-42.
115. Капутикян, С. Шӯълаи моҳтоб. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 67 с.
116. Коммунист. – 1969. – 25 сентября.
117. Коммунист. – 1975. – 28 июня.
118. Коммунист. – 1975. – 1 июля.
119. Конрад, Н.И. Запад и Восток. – М.: Наука, 1972. – 496 с.
120. Конрад, Н.И. Размышления об истории культурного и научного развития человечества // Звезда Востока. – 1991. – № 9. – С. 28-31.
121. Қосимов, Б. XX аср бошида жадид адабиёти ва таърихий ҳодисалар // Жадидчилик: ислоҳот, янгиланиш, мустақиллик ва тараққиёт учун кураш. – Тошканд: Университет, 1999. – С. 104-117. – Ба забони ӯзбекӣ.
122. Костанянс, К.Н. Роза и соловей: К положению армян в XVI в. // Древности восточные. – М., 1913. – Т. IV. – С. 113-116.
123. Крамаровский, М.Г. Гончар-армянин из Сарая ал-джедид // Труды государственного Эрмитажа. – М.: Аврора, 1978. Т. XIX (147). – С. 102-105.
124. Кучак, Наапет. Лирика (Айрен). – М., 1972. – 221 с.

https://bikhon.tj/

125. Кучак, Наапет. Сто и один айрен / Предисл. сост. и подстроч. переводы Левона Мкртчяна. – Ереван, 1976. – 268 с.
126. Лахути, А. Кремл: Поэма / Аз форсӣ тарҷ. Гарник Ғазарян. – Ереван: Петҳрат, 1931. – 16 с. – Ба забони арманӣ.
127. Литературные связи и литературный процесс: Из опыта славянских литератур. – М., 1986. – 250 с.
128. Лоҳутӣ, А. Асарҳои мунтахаб. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1944. – 287 с.
129. Лоҳутӣ, А. Куллиёт / Иборат аз 6 ҷилд. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик,1961. – Ҷ. 2. – 369 с.
130. Лоҳутӣ, А. Куллиёт / Иборат аз 6 ҷилд. – Сталинобод, Нашрдавтоҷик, 1963. – Ҷ. 4. – 348 с.
131. Лоҳутӣ, А. Куллиёт / Иборат аз 6 ҷилд. – Сталинобод, Нашрдавтоҷик, 1963. – Ҷ. 6. – 336 с.
132. Лоҳутӣ, А. Шӯъла ва шамшер. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 360 с.
133. Лоҳутӣ, А. Шеърҳо ва достонҳо / Иборат аз 2 кит. – Душанбе, 1987. – К. 1. – 400 с.
134. Лоҳутӣ, А. Шеърҳо ва достонҳо / Иборат аз 2 кит. – Душанбе, 1987. – К. 2. – 448 с.
135. Манандян, Я.А. Краткий обзор истории древней Армении. – М. – Л.: Изд-во АН СССР, 1943. – 55 с.
136. Маниёзов, А. Материалҳо доир ба фаъолияти публитсистии С. Айнӣ дар солҳои револютсия // Шарқи Сурх. – 1956. – № 7. – С. 96-114.
137. Маниёзов, А. Публитсистика ва назми Айнӣ. – Сталинобод, 1958. – 151 с.
138. Маҳмадаминов, А. Айнишиносӣ ва замони ҳозира. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 160 с.
139. Маориф ва маданият. – 1967. – 19 октябр.
140. Маориф ва маданият. – 1972. – 7 сентябр.
141. Маари, Гурген. Ҷавонӣ: Сегонаи шарҳиҳолӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 349 с.
142. Масъалаҳои таърих ва назарияи равобити адабии халқҳои Осиёи Марказӣ: Материалҳои конференсияи байналхалқии илмию назарӣ. 13-14 октябри соли 2000, ш. Душанбе. – Душанбе, 2000. – 63 с.
143. Масъалаҳои филология ва робитаҳои адабӣ: ҷашнномаи Айнӣ. – Самарқанд, 1978. – 145 с.
144. Масъалаҳои филологияи тоҷик / Бароришии III. – Душанбе: Ҳумо, 2003. – 138 с.
145. Матевосян, Г. Говмеш / Тарҷ. С. Турсун // Садои Шарқ. – 1982. – № 3. – С. 81-100.

https://bikhon.tj/

146. Маҳмудӣ, Б. Муаллим Абдуқодир Шакурӣ / Таҳия ва пешгуфтори С.Улуғзода // Садои Шарқ. – 1990. – № 8. – С. 3-41.
147. Маштакова, Е.И. Четыре «ремесленных» поэмы Белига // Советская тюркология. – 1982. – № 3. – С. 15-22.
148. Международная конференция по проблемам средневековой армянской литературы (Ереван, 1986, 15-19 сентября): Тезисы докладов. – Ереван: Изд-во АН Арм. ССР, 1986. – 242с.
149. Меликсет-Беков, Л.М. Архетип поэмы «Хусрав и Ширин» в армянской редакции VII века // Сообщения АН Грузинской ССР. – 1942. – Т. III. – № 10. – С. 1092-1098.
150. Меликян, В. Сайёди Наво // Маориф ва маданият. – 1963. – 26 октябр.
151. Меҳрномаи тоҷикии Гарник Асатуриён / Таҳияи Валӣ Самад, Виктория Аракелова; Зери назари Гурген Меликиён. – Ереван, 2003. – 126 с.
152. Мецопский, Фома. История Темур-Ланга и его преемников. – Баку, 1957. – 101 с.
153. Миллер-Будницкая, Р. Саят-Нова: Песни // Звезда. – 1940. – № 3-4. – С. 239-241.
154. Минасян, А. «Гулистон»-и Саъдӣ ва тарҷумаҳои армании он. – Ереван, 1972. – 214 с. – Ба забони арманӣ.
155. Минасян, А. Мутарҷимони армании Фирдавсӣ // Историко-филологический журнал (Ереван). – 1980. – № 4. – С. 74. – Ба забони арманӣ.
156. Мирахмедов, А. «Плачущий» смехач: Жизнь и творчество А.Собира. – М., 1989. – 317 с.
157. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик / Кит.2: Асрҳои XIII – XIV. – Душанбе, 1977. – 399 с.
158. Мирзозода, Х., Сайфуллоев, А., Абдуманнонов, А. Таърихи адабиёти советии тоҷик / Иборат аз шаш ҷилд; Ҷилди 1: Назму насри солҳои 30-м. – Душанбе: Дониш, 1984. – 353 с.
159. Миров, Т. Сайёди Наво – булбули арман // Тоҷикистони советӣ. – 1972. – Сентябр.
160. Мифологический словарь. – М.: Сов. энциклопедия, 1991. – 736 с.
161. Мкртчян, Л. Аветик Исаакян и русская литература. – Ереван, 1963. – 243 с.
162. Мкртчян, Л. Исаакян и Лахути // Комсомолец. – 1963. – 6 февраля.
163. Мкртчян, Л. Армянская поэзия и русские поэты XIX-XX вв. (Вопросы перевода и литературных связей). – Ереван, 1968. – 464 с.

https://bikhon.tj/

164. Мкртчян, Л. Глагол времени // Армянская классическая поэзия V-XVIII вв. – М., 1977. – 110 с.
165. Мкртчян, Л. Устод и Варпет // Коммунист. – 1975. – 26 июня.
166. Мкрян, М. Мовсес Хоренаци. – Ереван, 1969. – 180 с.
167. Мнацаканян, В. Поэт большой доброты. – Душанбе: Дониш, 1982. – 17 с.
168. Мухтор, Шокир. Адабиёти тоҷик дар Франсия: Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 157 с.
169. Мухтор, Шокир. Фирдоуси во Франции. – Душанбе, 1990. – 130 с.
170. Мхитарян, А. Армянская советская литература в Грузии: Автореф. дисс. д–ра. филол. наук. – Ереван, 1969. – 67 с.
171. Нависандаи бузурги Арманистон // Шарқи Сурх. – 1948. – № 10. – С. 40-42.
172. Назарян, С. Обозрение истории Гайканской письменности в новейшее время. – Казань, 1846. – 158 с.
173. Налбандян, В.С. Егище. – Ереван, 1972. – 245 с. – Ба забони арманӣ
174. Налбандян, М. Шеърҳо // Шарқи Сурх. – 1954. – № 11. – С. 102-104.
175. Нанумян, С. Степанос Назарян: Ҳаёт ва эҷодиёт. – Ереван, 1978. – 295 с. – Ба забони арманӣ.
176. Нарекаци, Г. Книга скорбных песнопений. – М.: Наука, 1988. – 408 с.
177. Нерсесян, Н. Рустам ва Дилоро (Тарҷумаи Ҷумъабой Азизқулов) – Душанбе: Маориф, 1984. – 288 с.
178. Носири Хусрав. Сафарнома / Ба чоп тайёркунандагон Камол Айнӣ, Салоҳат Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 116 с.
179. Нуралиев, А Таджикско-казахские культурно-литературные связи XIX и XX вв. – Душанбе, 2001. – 263 с.
180. Ованес, Туманян. Библиография русских переводов (1893-1969). – Ереван: Изд-во Ереванского Госуниверситета, 1969. – 158 с.
181. Ованес, Туманян. Материалы Всесоюзной межуниверситетской научной конференции. – Ереван: Изд-во Ереванского Госуниверситета, 1969. – 260 с.
182. Овнан, Гурген. Русско-армянские литературные связи в XIX – XX веков: Автореф. дисс. д-ра. филол. наук. – М., 1962. – 91 с.
183. Оганесян, Г. Творчество Аветика Исаакяна: Автореф. дисс. д-ра филол. наук. – Ереван, 1970. – 62 с.
184. Орбели. Шоҳнома // БАС. – 1934. – № 7. – С. 5-7.

https://bikhon.tj/

185. Ошёни меҳр: Маҷмӯа / Мурат. ва муал. пешгуфтор Ҳамроқул Шодиқулов. – Душанбе: Адиб, 2001. – 237 с.
186. Паёми бародарӣ: Маҷмӯаи мақолаҳо оид ба робитаҳои адабии халқи тоҷик / Мураттибон Валӣ Самад ва Ҳамроҳ Шодӣ. – Душанбе: Дониш, 1972. – 343 с.
187. Паёми дӯстон: Гулчини назми арман. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 160 с.
188. Паруйр Севак. Саят-Нова: Автореф. дисс. канд. филол. наук. – Ереван, 1967. – 46 с.
189. Пархоменко, М.Н. Многонациональное единство советской литературы. – М., 1989. – 286 с.
190. Песни А. Лаҳути в творчестве советских композиторов. – М. – Л.: Искусство, 1939. – 96 с.
191. Петросян, В. Ангораҳои арман / Тарҷ. Салим Аюб. – Душанбе: Адиб, 1990. – 288 с.
192. Петросян, Ю. Древний город на берегах Босфора: Исторические очерки / 2-ое изд., доп. – М., 1991. – 301 с.
193. Поспелов, Г.И. Общее литературоведение и историческая поэтика // Методологические проблемы филологических наук: Литературоведение и фольклористика. – М.: МГУ, 1987. – С. 18-42.
194. Потов, В. Геройская оборона крепости Шуши / Изд. 2-ое; Издал В. Березовский – комиссионер Военно-учебных заведений. – СПб., 1903. – 34 с.
195. Потов В. Первые добровольцы Карабаґа в эпоху водворения русского владычества. – Тифлис, 1902. – 77 с.
196. Рафилӣ, М. Лоҳутӣ // Хорҳурдайин арвест. – 1933. – № 7. – С. 13-14. – Ба забони арманӣ.
197. Раҷабӣ, М. Ислом: ҷадидия ва инқилоб: Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Дониш, 1997. – 242 с.
198. Рифтин, Б.Л. Типология взаимосвязи средневековых литератур // Типология и взаимосвязи средневековых литератур Востока и Запада. – М., 1974. – С. 9-116.
199. Садри Зиё. Наводири зиёия. – Душанбе, 1991. – 123 с.
200. Саидов, М. Азербайджано-армянские литературные связи (С древнейших времен до конца XVIII века): Автореф. дисс. д-ра. филол. наук. – Баку, 1969. – 63 с.
201. Сайёди Наво. Шеърҳо. – Ереван, 1963. – 229 с. – Ба забони арманӣ.
202. Сайфуллоев, А. Дӯстии халқҳо-дӯстии адабиётҳо. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 221 с.
203. Сайфуллоев, А. Фурӯғи маънавият. – Хуҷанд 2003. – 614 с.

https://bikhon.tj/

204. Сайфуллоев, А. Ҳалқаҳои пайванди адабӣ. – Хуҷанд, 2003. – 447 с.
205. Салимов, Н. Зарождения и становления прозаических жанров в персидско-таджикской литературе средних веков: Автореф. дисс. д-ра. филол.наук. – Душанбе. 2002. – 49 с.
206. Самад, Валӣ. Қадри як ғазал // Садои Шарқ. – 1971. – № 3. – С. 84-95.
207. Самадов, В. Основные вопросы таджикско-азербайджанских литературных связей в XIX в.: Автореф. дисс. канд. филол. наук.-Душанбе, 1975. – 71 с.
208. Самад, Валӣ. Пайвандҳои адабӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 23 с.
209. Самад, Валӣ. Мулло Насриддин ва худшиносии тоҷикон // Омӯзгор. – 1989. – 24 октябр.
210. Самад, Валӣ. Аз қаъри Хазар то авҷи Зуҳал. – Душанбе: Маориф, 1992. – 224 с.
211. Саҳми тоҷикон ва форсизабонон дар тамаддуни ҷаҳонӣ: дирӯз ва имрӯз (Мавод ва гузоришоти симпозиуми байналмилалӣ, 8 сентябри с. 2002, Душанбе). – Душанбе, 2002. – 403 с. – Ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.
212. Саринян, С. Армянский романтизм: Автореф. дисс. д–ра филол. наук. – Ереван, 1967. – 91 с.
213. Саркисян, Г., Худавердян, К., Юзбашян, К. Потомки Хайка: Очерк истории и культуры Армении с древнейших времен до становления Третьей республики. – Ереван: Главная редакция Армянской энциклопедии, 1998. – 326 с.
214. Саркисян, Е. За кулисами: Как рождался Московский договор 1921 // Литературная Армения. – 1991. – № 1. – С. 71-82.
215. Саркисян, Х. Тропами жизни и литературы. – Ереван: Советакан грох, 1974. – 266 с.
216. Сароян, А. Сухани халқи ба ҳам дӯст // Тоҷикистони советӣ. – 1972. – 7 сентябр.
217. Сарухан, А. Фирдавсӣ ва Мовсес Хоренатсӣ. – Вена, 1936. – 62 с. – Ба забони арманӣ.
218. Сарян, Ғеғам. Гулханда. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 69 с.
219. Сатторов, А. Нуқтаи пайванд: Баъзе масъалаҳои инкишофи шеър ва танқиди адабӣ. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 240 с.
220. Сатторов, А. Аристотель и таджикско-персидская литературная мысль X-XV вв.: Автореф. дисс. д-ра филол. наук. – Душанбе: Адиб, 1984. – 40 с.
221. Сатторзода, А. Таърихчаи назариёти адабии форсии-тоҷикӣ. – Душанбе: Адиб, 2001. – 144 с.
222. Сафразбекян, И. Ованес Туманян и мировая литература. –

https://bikhon.tj/

Ереван, 1976. – 265 с.
223. Саят-Нова. Стихотворения / Вступ. статья; Подгот. текста и примеч. Сурена Гайсаряна. – Л., 1961. – 291 с.
224. Себеос. Таърих. – Тифлис, 1916. – 359 с. – Ба забони арманӣ.
225. Сиддиқов, С. Тазкираи Садри Зиё // Шарқи Сурх. – 1964. – № 12. – С. 139-153.
226. Сиддиқов, С. Садри Зиё ва Россия // Комсомоли Тоҷикистон. – 1966. – 25 сентябр.
227. Синельников, М. Сердце брата // Памир. – 2006. – № 10. – С. 68-80.
228. Советакан Айастан. – 1975. – 26 июн. – Ба забони арманӣ.
229. Советакан граканутюн. – 1973. – № 10. – С. 317. – Ба забони арманӣ.
230. Сози Наирӣ. Намунаҳои ашъори шоирони арман. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 345 с.
231. Табаров, С. Мунзим. – Душанбе: Ирфон, 1991, 150 с.
232. Табаров, С. Мунзим – роҳбари ҷамъияти ҷавонон ва раиси фирқаи ҷавонбухориён. – Душанбе, 2004. – 167 с.
233. Табаров, С. Роҷеъ ба умумияти адабиётҳои миллӣ. – Душанбе, 2004. – 16 с.
234. Таҷикакан кнар. – Ереван, 1973. – 378 с. – Ба забони арманӣ.
235. Таронаҳои қарни пешин / Мурат. А. Ҳабибов. – Душанбе, 1978. – С. 71-85.
236. Тер-Авакимова, С. А. Армяно-русские отношения в период подготовки персидского похода. – Ереван, 1980. – 126 с.
237. Тер-Петросян, Л. Древнеармянская переводная литература. – Ереван, 1984. – 50 с.
238. Типология и взаимосвязи литератур древнего мира. – М.: Наука, 1971. – 311 с.
239. Тоҷикистони советӣ. – 1972. – 7 сентябр.
240. Туманян, О. Избранные произведения / В двух томах: Т. 1: Поэзия. – М., 1960. – 438 с.
241. Туманян, О. О России и русской культуре: Статьи и письма. – Ереван, 1969. – 125 с.
242. Туманян: 100. Юбилейная летопись. – Ереван, 1974. – 383 с.
243. Туманян, О. Стихи и легенды. – Ереван, 1981. – 96 с.
244. Туманян, О. Афсона ва ҳикояҳо. – Душанбе: Адиб, 1991. – 80 с.
245. Турсунзода, М. Оид ба вазъият ва вазифаҳои адабиёти советии тоҷик // Шарқи Сурх. – 1954. – № 9. – С. 3-39.
246. Турсунзода, М. Назм дар мубориза барои сулҳ // Гракан терт. – 1973. – 14 сентябр. – Ба забони арманӣ.
247. Турсунзода, М. Асри ман. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 352 с.

https://bikhon.tj/

248. Туршян, А. У истоков армяно-таджикских культурных связей // Литературная Армения. – 1974. – № 4. – С. 33-40.
249. Улуғзода, С. Аҳмади Дониш / Дар зери таҳрири Б. Ғафуров. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1949. – 87 с.
250. Усмон, Назир. Тоҷикон дар китоби Фома // Газетаи муаллимон. – 1986. – 29 март.
251. Устод Лоҳутӣ ва назми инқилобии Шарқ: Материалҳои конфронси илмӣ. – Душанбе: Дониш, 1987. – 79 с.
252. Фолклори тоҷик / Мурат. М. Турсунзода, А.Н. Болдырев. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1954. – 212 с.
253. Фрик. Девон. – Ню-Йорк, 1952. – 353 с. – Ба забони арманӣ.
254. Фузулӣ. Гулчине аз гулзори назми Фузулӣ / Тарт., муҳ. ва навис. пешгуфтор Раҳим Ҳошим. – Сталинобод, 1960. – 122 с.
255. Хоқонии Шарвонӣ. Рубоиёт / Мурат. ва муал. сарсухану эзоҳот А. Давронов, М.Солеҳов. – Душанбе, 1999. – 196 с.
256. Хонзодян, С. Вохӯриҳо бо устоди сухан // Маданияти Тоҷикистон. – 1981. – 3 апрел.
257. Хонзодян, С. Ташнаам, об диҳед! – Душанбе, 1985. – 188 с.
258. Хонзодян, С. Шодам, ки мо ҳамфикрем // Адабиёт ва санъат. – 1985. – 30 май.
259. Хоренаци, Мовсес. История Армении / В трех частях, рассказанная Мовсесом Хоренаци по просьбе Сахака Багратуни; Пер. с древнеарм. Г. Саркисова // Литературная Армения. – 1990. – № 6. – С. 85-108; № 7. – С. 90-112; № 8. – С. 80-98; № 9. – С. 68-105.
260. Художественный перевод // Взаимодействие и взаимообогащение литератур. – Ереван, 1973. – 532 с.
261. Худойдодов, А. Место газелей Хафиза Ширази в истории таджикско-узбекских литературных связей. Автореф. дисс. канд. филол. наук. – Душанбе, 1991, 22 с.
262. Худойдодов, А. Муҳаққиқ. – Душанбе: «Маориф», 1991, 64 с.
263. Худойдодов, Б. Шеърҳои ба адибони бузург бахшидаи Абулқосим Лоҳутӣ // Маориф ва маданият. – 1962. – 22 ноябр.
264. Ҳақиқати ҳаёт ва ҷустуҷӯҳои адабӣ / Китоби 1; Муҳаррир ва мураттиб Абдуҷаббор Раҳмонов. – Душанбе, 1994. – 105 с.
265. Ҳамроев, У. Бир шахсий кутубхона ва унинг каталоги ҳақида // Научные работы и сообщения АН Узб. ССР. – Ташкент: Изд-во АН Узб. ССР, 1963. – КН. VI. – С. 387 – 396. – Ба забони узбекӣ.
266. Ҳамрози халқ // Маориф ва маданият. – 1969. – 18 сентябр.

https://bikhon.tj/

267. Ҳандипум: Намунаҳои насри тоҷик. – Ереван, 1972. – 342 с. – Ба забони арманӣ.
268. Ҳофиз. Лирика. – Ереван, 1957. – 133 с. – Ба забони арманӣ.
269. Ҳодизода, Р., Каримов, У., Саъдиев, С. Адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX). – Душанбе: Маориф, 1988. – 416 с.
270. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт / Мурат. ва муал. сарсухан Ҷамшед Шанбезода. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 668 с.
271. Ҳоҷӣ Абдуррауфи Фитрати Бухороӣ. Мавлуди Шариф ё худ миръоти хайр-ул-башар / Бо саъю иҳтимом, сарсухан, таҳия, танзим, тавзеҳот, шарҳи луғат ва феҳрастҳои Абдулҳайи Сайидзодаи Муҳаммадамин. – Душанбе: Сино, 1997. – 98 с.
272. Ҳошим, Р. Сухан аз устодон ва дӯстон: Қайдҳо, ёддошт ва портретҳои адабӣ. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 223 с.
273. Ҳошим, Р. Солҳо дар саҳифаҳо. – Душанбе: Адиб, 1988. – 320 с.
274. Ҳусейнзода, Ш. Гуфтор аз ганҷи сухан. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 222 с.
275. Чалоян, В. К. Армянский Ренессанс. – М.: Изд-во АН СССР, 1963. – 173 с.
276. Чаренц, Егище. Стихи. – М., 1987. – 414с.
277. Чопанян, А. Шарқ ва афкори арман // Анаҳит. – 1902. – № 8. – С.170-174. – Ба забони арманӣ.
278. Чукасзян, Б. Армяно-иранские литературные связи в V-XVIII веках: Автореф. дисс. канд. филол. наук. – Ереван, 1955. – 21 с.
279. Чукасзян, Б. Фрик-тарҷумони рубоии форсӣ // Банбер Матенадаран. – 1958. – № 4-6. – С. 111-119. – Ба забони арманӣ.
280. Чукасзян, Б. К вопросу о влиянии персидской литературы на творчество Григориса Ахтамарци: Материалы Закавказской конференции по литературным связям и взаимодействиям // Известия АН Арм. ССР. – 1960. – № 5-6. – С. 191-204.
281. Чукасзян, Б. Дар бораи муаллифи рубоӣ аз «Девон»-и Фрик // Ахбори АИ Арманистон. – 1965. – № 20. – С. 79-86. – Ба забони арманӣ.
282. Ҷашнномаи Айнӣ / Ҷузъи III. – Душанбе: Дониш, 1965. – 175 с.
283. Ҷашнномаи Айнӣ / Ҷузъи IV. – Душанбе: Дониш, 1971. – 342 с.
284. Ҷрбашян, Э. Санъаткори бузурги арман // Шарқи Сурх. – 1958. – № 12. – С. 98-102.
285. Ҷрбашян, Э. Чорс гагат. – Ереван, 1982. – 468 с. – Ба забони арманӣ.

https://bikhon.tj/

286. Ҷустуҷӯҳои адабӣ / Китоби III; Мурат. М. Имомов, М. Зайниддинов. – Душанбе, 1999. – 169 с.
287. Шагинян, М. Стихи Аветика Исаакяна // Литературная газета. – 1946. – 15 ноября.
288. Шакурӣ, М. Хуросон аст ин ҷо: маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон / Чопи аввал. – Душанбе: Оли Сомон, 1997. – 292 с.
289. Шарқи лирикӣ. – Ереван, 1971. – 154 с. – Ба забони арманӣ.
290. Шарҳи девони Ҳофиз / Ҷилди аввал; Тарҷ. Исмати Сатторзода. – Теҳрон, 1341. – С. 24-32.
291. Шаҳсуварян, А.Садриддин Айнӣ ва эҷодиёти ӯ // Советакан граканутюн. – 1950. – № 9. – С. 139-142. – Ба забони арманӣ.
292. Шаҳсуварян, А. Абӯалӣ ибни Сино дар манбаъҳои арманӣ. – Ереван, 1955. – 126 с. – Ба забони арманӣ.
293. Шаҳсуварян, А. Рубоиёти Хайём ба забони арманӣ // Советакан граканутюн. – 1961. – № 12. – С. 152-156. – Ба забони арманӣ.
294. Шаҳсуварян, А. «Шоҳнома» ва манбаъҳои арманӣ. – Ереван, 1967. – 190 с. – Ба забони арманӣ.
295. Шарифов, Х. Таърихи адабиёт ва афкори ҷадид // Адабиёт ва санъат. – 1991. – 21 март.
296. Шарифов, Х. Каломи бадеъ. – Душанбе: Маориф, 1991....с.
297. Шарифов, Х. Назарияи наср дар адаби форсии асрҳои 4-9 ҳиҷрӣ. – Душанбе, 2004, 320 с.
298. Шодиқулов, Ҳ., Давронов, А. Пайвандҳои адабии халқи тоҷик. – Душанбе: Ҳумо, 2003, 126 с.
299. Шодикулов, Х., Давронов, А. «Издревле сладостный союз...». – Душанбе: Эҷод, 2006, 135 с.
300. Шопен,И. Новые заметки на древние истории Кавказа и его обитателей. СПБ, 1866.
301. Шошин, В.А. Проблемы взаимодействия советских национальных литератур. – Л., 1989. – 247 с.
302. Штакльберг, Р.Р. Об Иранском влиянии на религиозные верования древних армян // Древности восточные. – М., – 1901. – Т. II. – Ч. II.
303. Шукуров, М. Пайванди замонҳо ва халқҳо: Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 221 с.

https://bikhon.tj/

МУНДАРИҶА

Муқаддима 4

Боби I. Аз таърихи пайвандҳои адабӣ ва фарҳангии халқҳои тоҷику арман

1.1. Аз таърихи пайвандҳои адабӣ ва фарҳангии халқҳои тоҷику форс ва арман дар аҳди қадим ва асрҳои миёна 13

1.2. Ташаккули пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман дар давраи нав 73

Боби II. Ҷараёни бадеии замони нав дар партави пайвандҳои адабии Тоҷикистону Арманистон

2.1. Тоҷикону арманҳо дар ҳайати воҳиди давлатӣ ва шаклҳои нави пайвандҳои адабӣ 90

2.2. Истиқболи тарафайни шакл ва мазмун дар низоми пайвандҳои адабӣ ва фарҳангӣ 149

а) Абулқосим Лоҳутӣ ва Арманистон 162

б) Мирзо Турсунзода дар муҳит ва афкори адабии Арманистон 180

Боби III. Таъсири мутақобилаи афкори адабӣ ва тарҷумаи бадеӣ дар замони нав

3.1. Таъсири мутақобилаи афкори адабӣ 211

3.2. Тарҷумаи бадеӣ 236

а) назму насри арман дар тарҷумаи тоҷикӣ 236

б) тарҷумаи осори насрӣ 258

в) адабиёти муосири тоҷик дар Арманистон 283

Хулоса 305

Адабиёт 312

https://bikhon.tj/

Абдувалӣ Давронов

РАВОБИТИ АДАБИИ ХАЛҚҲОИ ТОҶИКУ АРМАН

Муҳаррири ороиш Р. Шералӣ
Муҳаррири саҳифабандӣ М. Саидова

Ба матбаа 23.09.2008 таҳвил гардид. Чопаш 26.09.2008 ба имзо расид. Андозаи 60х84 $^{1}/_{32}$. Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 20,5. Адади нашр 500 нусха. Супориши № 27

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018. ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17 «а».

Дар нашриёти «Аржанг» ба табъ расидааст.
734025, ш.Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода, 155

https://bikhon.tj/